ШАМСИ ҚАЙСИ РОЗӢ

# АЛ–МӮЪҶАМ

ШАМСИ
ҚАЙСИ
РОЗӢ

# АЛ-МӮЪҶАМ

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
1991

ББК 83.3 (0)9
Ш 24

Муаллифи сарсухану тавзеҳот
ва ҳозиркунандаи чоп *Урбатулло Тоиров*

Муҳаррир *Баҳринисо Мавлонова*

**Шамси Қайси Розӣ.**

Ш 24 Ал-мӯъҷам: Душанбе: Адиб, 1991, 464 саҳ.

ISBN 5—8362—0261—3

Асари Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» («Фарҳанги андозаҳои ашъори аҷам») аз шарҳи илмҳои арӯз, қофия ва нақди шеъри форсӣ-тоҷикӣ иборат мебошад.

**Шамс Кайс Рози.**

Толковый словарь размеров стихов аджама.

Ш $\frac{4702540101 - 108}{М\ 503(12)-91}$ 82—90 **ББК 83 3 (0) 9**

ISBN 5—8362—0261—3

© Нашриёти «Адиб», 1991

## ШАМСИ ҚАЙСИ РОЗӢ ВА «АЛ-МӮЪҶАМ ФӢ МАЪОЙИРИ АШЪОР-ИЛ-АҶАМ»-и Ӯ

Халқе, ки адабиёти бою ғанӣ дорад, афкори адабию эстетикии он низ хеле ривоҷу равнақ меёбад. Дар таърихи инкишофи зиёда аз ҳазорсолаи адабиётшиносии тоҷик чандин асарҳо таълиф шуданд, ки дар онҳо авзони шеъри тоҷикӣ, алалхусус, арӯз, қофия, санъатҳои шеърӣ ва ғайра мавриди баҳс қарор гирифтаанд.

Шоир ва донишмандони тоҷик Абулаълои Шуштарӣ, Абӯюсуф (асри 10), Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ (асри 11, муаллифи «Тарҷумон-ул-балоға»), Абулҳасан Алии Баҳромии Сарахсӣ (вафоташ 1106), Абӯабдуллоҳи Фӯшии Курашӣ (асри 11), Бузургмеҳри Қойинӣ (асри 11), Айнуззамон Имом Абӯалӣ Ҳасан Саъдулмулк Рашидуддин Муҳаммад Абдулҷалили Балхӣ машҳур ба «Рашиди Ватвот (1087—1178, муаллифи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр») ва дигарон роҷеъ ба арӯз, қофия ва саноеи бадеъӣ асарҳо таълиф намудаанд. Хушбахтона, дар асри 13 олим ва донишманде ба майдони илму адаб омад, ки дар натиҷаи мутолиаи муттасили асарҳои адабиётшиносони форс-тоҷик ва муҳимтарин китобҳои илми бадеъи мутафаккирони араб бо номи «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» («Фарҳанги андозаҳои ашъори аҷам») асаре иншо кард, ки он як навъ ҷамъбасти муваффақиятҳои пештараи илми бадеъи классикии тоҷик мебошад. Ин фарди хирадманд Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ буд.

Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ, ки бо номи Шамси Қайси Розӣ машҳур аст, назар ба гуфтаи худаш, дар шаҳри Рай (Эрон) ба дунъё омадааст. Соли таваллуди Шамси Қайси Розӣ маълум нест. Аввалин соле, ки ба ҳаёти ӯ тааллуқ дораду дар китобҳо сабт ёфтааст, ин соли 1205 мебошад. Дар ин сол, яъне 1205 вай ба Бухоро омада, чанд муддат дар он ҷо умр ба сар бурдааст. То соли 1205 барои такмили илму дониш чанд муддат дар шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳру Хуросон, аз он ҷумла дар Хоразм истиқомат карда будааст.

Аз рӯи ин далел тахмин меравад, ки синни вай дар ин вақт (1205) аз 20—30 гузашта будааст, пас ӯ шояд дар солҳои 80-уми асри 12 таваллуд ёфта бошад. Шамси Қайси Розӣ таълими ибтидоиро дар зодгоҳаш шаҳри Рай гирифта, дар муддати хеле

кӯтоҳ илмҳои маъмули замона, хусусан илмҳои накди шеър ва
арӯзро пурра аз худ кард. Ӯ барои такмили илму дониш соли
1205 ба шаҳри Бухоро меояд. Шаҳри Бухоро дар он давр аз мар-
казҳои хеле бонуфузи илму адаби тоҷик буд ва аксари дониш-
мандон дар доираҳои адабию илмии он ҷамъ омада буданд.

Чунин шароити нисбатан мусоид барои Шамсуддин барин ҷа-
вони илмдӯст хеле мувофиқ омад, аз ин рӯ, вай то соли 1207 дар
ин шаҳр пайваста дониши худро такмил медиҳад. Соли 1207, вақ-
те ки шоҳи Хоразм Муҳаммади Хоразмшоҳ ибни Такаш (вафо-
таш 1220) бо баҳонаи пахш кардани шӯриши Малик Санҷар шаҳ-
ри Бухороро ишғол кард, Шамси Қайсро ба дарбори худ даъват
намуд. Ҳаёт ва фаъолияти ӯ солҳои 1207—1219 асосан дар Хо-
разм гузаштааст. Соли 1219, баъди аз лашкари муғулҳо шикаст
хӯрдани давлати Хоразмшоҳиён, Муҳаммади Хоразмшоҳ роҳи гу-
резро ихтиёр кард. Шамси Қайси Розӣ дар қатори дигар шоирону
мулозимони рикоби Муҳаммади Хоразмшоҳ ноилоҷ ба мулки
Ироқ ҳиҷрат намуд. Солҳои 1219—1226 дар ҳаёти ӯ душвортарин
солҳо буданд. Дар тӯли 7—8 сол аз таъқиби лашкари муғулҳо
аз шаҳр ба шаҳр овора шуда, қатлу ғоратгариҳои бешумори му-
ғулҳоро бо чашмони худ дид. Дар ин муддат ду маротиба дар
шаҳри Рай асир афтода, азобу шиканҷаҳои зиёдеро аз сар гуза-
ронид. Соли 1226 Шамси Қайси Розӣ аз Ироқ ба Форс омад ва
ба хидмати Атобак Саъд ибни Зангӣ ибни Мавдуд, ки ҳокими ма-
малики Форс ва музофоти он буд, даромад. Азбаски вай марди
фозилу донишманд ва ҷаҳондида буд, дар муддати хеле кӯтоҳ
дар ин дарбор обрӯ ва эътибори зиёд пайдо кард ва аз надимони
хоси шоҳ гардид.

Соли 1231, баъди вафоти Атобак Саъд ибни Зангӣ ба дарбо-
ри писари ӯ Абӯбакр ибни Саъд ибни Зангӣ дохил шуд ва мар-
табаю мақоми Шамси Қайси Розӣ ҳамоно мисли аввала буд. Ҷа-
раёни зиндагии минбаъдаи Шамси Қайси Розӣ ба мо равшан
нест. Фақат дар як ҷои «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам»
дар хусуси аз тарафи Абӯбакр ибни Саъд ибни Зангӣ забт шу-
дани Баҳрайн, Уммон ва чанд ҷазираи халиҷи Форс сухан мера-
вад, ки ин воқеа ба солҳои 1238—1239 рост меояд. Аз мероси ил-
мию адабии Шамси Қайси Розӣ то замони мо фақат бузургтарин
асари ӯ «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» боқӣ мондааст.
Илова бар ин китоб, вай бо номи «Тибьён-ул-луғат-ат-туркӣ ало
лисон-ул-қанғалӣ» («Баёни муфассали забони туркӣ бар забони
қанғалӣ») луғати туркӣ таълиф карда будааст. «Ва куттоби (на-
височандагони) туркон дар мисли ин калимот ба ҷои «ҳо» «алиф»
нависанд, барои он ки «алиф» хафитар (пӯшидатар) аст... Чунон
ки дар таълифе, ки дар луғати туркӣ сохтаам, баён карда омада-
аст»,— мегӯяд дар ҳамин асараш. Китоби «Ал-уюб-фӣ муқаффӣ



ашъор-ул-араб» («Айбҳои қофияи араб») низ аз иншооти ӯст, ки
мутаассифона, ҳар ду китоб то замони мо нарасидаанд. Аз гуфтаи
худи муаллиф маълум мешавад, ки вай асаре бо унвони «Китоб-
ул-кофӣ фӣ-л-арӯзайн ва-л-қавофӣ» ҳам навишта будааст: «Ин их-
тилофи таркиб ба чи ваҷҳ раво доштааст (сухан дар хусуси шеъ-
ри Пиндори Розӣ меравад — Т. У.) ва онро чи ҳуҷҷат хаёл карда
ва ман чу дар ин фан шурӯъ кардам ва дар таълифи «Китоб-ул-
кофӣ фӣ-л-арӯзайн ва-л-қавофӣ» бад-ин фасл расидам». Ин китоб
низ то имрӯз дастрас нест. Баъзе адабиётшиносон китоби «Ҳадо-
иқ-ул-мӯъҷам» («Равзаҳои фарҳанг»)-ро ҳамчун китоби алоҳида
ба Шамси Қайси Розӣ нисбат медиҳанд, ки ғалат аст, зеро дар
асл он ҳамин китоби «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам»
аст, ки баъдҳо бо номи «Ҳадоиқ-ул-мӯъҷам» ихтисор шудааст.

Аз ибтидои таълифи асарҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба забони да-
рӣ-тоҷикӣ то имрӯз камтар асареро ёфтан мумкин аст, ки мисли
китоби «Ал-мӯъҷам-фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» дар илмҳои се-
гонаи адабӣ: арӯз, қофия ва накди шеър таълиф шуда бошад.

Дуруст аст, ки то иншои ин асар донишмандону фозилони
форс-тоҷик доир ба накди шеъру арӯзу қофия асарҳои зиёде на-
вишта будаанд, ки «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари
Родуёнӣ», «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашидуддин Абӯбакр Муҳаммад иб-
ни Муҳаммад ибни Абдулҷалили Умарии Балхӣ маъруф ба Раши-
ди Ватвот, «Ғоят-ул-арӯзайн», «Қанз-ул-қофия» ва «Ҳуҷҷистано-
ма»-и Абулҳасан Алӣ Бахромии Сарахсӣ ва ғайра аз ҷумлаи он-
ҳо мебошанд. Мутаассифона, аз асарҳои номбурдашуда то имрӯз
ба ҷуз китобҳои «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ ва «Ҳадоиқ-ус-
сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашиди Ватвот, ки дар ҳақиқат, ёд-
гори беназире аз илми накди шеъранд, асаре боқӣ намондааст.

Аз дебочаи асари «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам»
бармеояд, ки Шамси Қайси Розӣ соли 1218 дар шаҳри Марв бо
хоҳиши шоирону мӯътақидони адаби тоҷик ба таълифи он сар
карда будааст. Баъди як сол, яъне соли 1219, вақте ки шоҳи Хо-
разм Муҳаммади Хоразмшоҳ аз ҳуҷуми муғулҳо гурехта ба Ироқ
рӯй овард, Шамси Қайси Розӣ низ дар қатори дигар шоирону до-
нишмандон ба Ироқ рафт. Соли 1220 Муҳаммади Хоразмшоҳ дар
наздикии қалъаи Фарразин аз лашкари муғулҳо шикаст хӯрд.
Дар ин воқеа Шамси Қайси Розӣ низ дар қатори дигар мулозимо-
ни рикоби султон ҳозир буд, мусаввадаи китоби «Ал-мӯъҷам фӣ
маъойири ашъор-ил-аҷам» ва дигар китобҳои нодирро, ки ҳамро-
ҳи ӯ буданд, талаф дод.

Баъди вафоти султон Муҳаммади Хоразмшоҳ Шамси Қайси
Розӣ соли 1226 аз Ироқ ба Форс омада, аввал ба дарбори Саъд
ибни Зангӣ ибни Мавдуд, ки аз атобакони мамолики Форс буд ва
соли 1231 ба дарбори писари ӯ Абӯбакр ибни Саъд ибни Зангӣ

дохил шуд. Дар ин муддат, ки ҳаёти Шамси Қайси Розӣ нисбатан оромона мегузашт, донишмандони Форс аз таълифи «Ал-муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» ва қисмати он огоҳ шуда, як қисми мусаввадаи онро тавассути деҳқонони қалъаи Фарразин ёфта ба муаллиф доданд ва аз ӯ хоҳиш намуданд, ки таълифи онро ба поён расонад.

«Дебочаи таълифе дар илми арӯзу қавофию нақди ашъори тозию форсӣ оғоз ниҳодам ва нуқуши тақсиму табвиби (боб-боб кардани) онро найранг (тарҳ) задам ва дар чанд рӯзи маъдуд (кам) бештар фусулу (фаслҳою) абвоби (бобҳои) онро мураттаб гардонидам ва муъзами (аксари) саводи (сиёҳнависи) онро ба ҳадди баёз расонидам. Лекин қабл аз он ки арӯси он хидр (парда) бар минассаи (хонаи оростаи арӯс) ҷилва ояд ва гули он бӯстон ниқоби ғунчаи мусаввада бикшояд, роёти (фикри) аълосултон саъид Муҳаммад ибни Такаш аълаллоху дараҷотаҳумо (шӯҳраташонро) ва лақна (талқин кардан) явмулҳисоб (рӯзи қиёмат) ҳуҷҷатаҳумо (далел овардан ба онҳо) бар савби (ҷониби) Ироқ дар ҳаракат омад ва хотири хидмати рикобашро мустаҳкам гашт, чи аз касратиароҷифи (хабарҳои бофтаи) мухталиф, ки дар он таърих бар сабили (мисли) маҷмаҷа (баён кардани хабар) аз афвоҳ (даҳонҳо) шунавида меомад, дил бар иқомати Хуросон ва лосияммо (махсусан) дар ғайбати султон қарор намегирифт ва таҳаллуф (хилофи ваъда кардан) ба ҳеҷ ваҷҳ маслиҳат наменамуд. Ва аз ин ҷиҳат дар он матлуб дар садафи таълиқ (муаллақ) бимонд ва мурғи он орзу дар доми итмом наяфтод. Ва чун баъди тарохии (камии) муддатулғурба (тамоми ғарибӣ) ва тамодии (тӯлкашии) амадулғайба (ниҳояти муддате) ба Ироқ расидем ва бақоёи хешону дӯстонро боздид хуш омад. Силсилаи ҳуббулватан (меҳри ватан) дарҷунбонид ва доъияи (хоҳиши) Рай, ки масқати раъс (таваллудгоҳ) ва мақтаъи сурра (ҷои буридани ноф) дар ботин зоҳир гардонид, азимати иқоматро тасмим (қарор) додам ва дил бар хондани фарзандону нақли (кӯчонидани) хона аз Хоразму Хуросон биниҳодам. Ва дар ин миёна ба ҳар вақт интиҳози (ғанимати) фурсате мекардам ва таталлӯъи (воқиф гаштани) фироғи хотире менамудам, то бошад, ки аҷзои он мусаввада бар ҳамон тартиб ба охир расонам ва назми таълиф бар ҳамон насқ (тартиб) тамом кунам. Аз тародуфи (паи) шавоғили (корҳои) лотойил (бефоида) даст фароҳам намедод ва аз тавотури (пайдарҳамии) асфори (сафарҳои) беихтиёр муяссар намешуд».

Шамси Қайси Розӣ аз таклифи онҳо хушнуд гардид ва дар муддати хеле кӯтоҳ, соли 1233 асарро анҷом дод. Вале асли китоб ба забони арабӣ таълиф шуда, мавзӯи он фақат баёни арӯзу қофия буд. Дар мавриде ки сухан дар бораи шеъри арабӣ ме-



рафт, мисолҳои шеърӣ низ ба забони арабӣ ва ҷое, ки сухан дар хусуси шеъри форсӣ-тоҷикӣ мерафт, мисолҳои шеърӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ оварда мешуданд. Ҳаҷми китоб бошад, дар ин шакл хеле калон буд. Адибон ва донишмандони Форс ба Шамси Қайси Розӣ арз карданд, ки вазн (арӯз) ва қофияи шеъри ду забонро дар як асар ҷой додан ба мақсад он қадар мувофиқ нест, зеро онҳое, ки забони арабиро хуб намедонанд, аз мазмуни аслии китоб маҳрум монда, баръакс, мисолҳое, ки аз шеъри форсӣ-тоҷикӣ оварда мешаванд, барои арабизабонон бефоидаанд.

Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш намуданд, ки аз ин китоб ҳар чи ки ба забони форсӣ ва мутааллиқ ба ашъори дарист, интихоб намуда дар шакли китоби алоҳидае дароварад. Шамси Қайси Розӣ эътироз ва хоҳиши адибонро пазируфт ва китобро ду қисмат намуд. Он чи ки ба забон ва шеъри форсӣ-тоҷикӣ оид буд, ҷудо кард ва ба он илми нақди шеърро (санъатҳои бадеъиро) илова намуда, «Ал-муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» ном гузошт. Ва зоҳиран, он чи ки ба забони арабӣ ва ашъори тозӣ дахл дошт, дар китоби ҷудогонае ҷамъ намуда, «Ал-муъраб фӣ маъойири ашъор-ил-араб» («Фарҳанги андозаҳои ашъори араб») номид.

«Ал-муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» аз дебоча, ду қисм ва хотима иборат аст. Дебочаи асар тарҷумаиҳолӣ буда, Шамси Қайс дар ин ҷо оиди зодгоҳ, ҳаёти даврaи ҷавонӣ, сафару азиматҳои худ ба кишварҳои гуногун, ҳуҷуми муғулҳо ба Осиёи Миёна ва ваҳшонияту хунрезиҳои онҳо, гирифторӣ, оворагардӣ ва дар Рай ду маротиба асир афтодани худ, инчунин доир ба сабаби таълиф ва қисмати асараш сухан меронад.

Қисми аввали «Ал-муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» дар илми арӯз буда, ба чаҳор боб тақсим карда шудааст. Боби аввал «Дар маънии арӯз ва шарҳи аркону (рукнҳою) зикри асомию (номҳою) алқобе (лақабҳое), ки дар ин фанн мусталаҳи (истилоҳи) аҳли ин илм аст», боби дуюм «Дар зикри аҷзоъ (ҷузъҳо) ва авзоне, ки аз таркиби аркони арӯзӣ ҳосил мешаванд», боби сеюм «Дар зикри тағйироте, ки бад-он аҷзоъе лоҳиқ (ҳамроҳ) гардад бо фурӯъи афоъил, ки аз он муншаъиб (ҷудо) шавад», боби чаҳорум «Дар зикри буҳури (баҳрҳои) қадим ва ҳадис (нав) ва нақши давоиру тактеъи (ба ҳиҷоҳо ва рукнҳо ҷудо кардани) абьёт ва факки (ҷудо кардани) аҷзоъи (навъҳои) буҳур (баҳрҳо) аз якдигар» ном дорад.

Қисми дуюми асар дар илми қофия ва нақди шеър (санъатҳои бадеъӣ) буда, шомили шаш боб аст. Боби аввал «Дар зикри маънии шеъру қофия ва ҳадду ҳақиқати он», боби дуюм «Дар зикри ҳуруфи қофия ва алқобу (номҳою) ашқоки (пайдоиши) он», боби сеюм «Дар зикри ҳаракоти ҳуруфи қофия ва асо-

мии он», боби чаҳорум «Дар зикри ҳудуди қофия ва аснофи (навъҳои) он», боби панҷум «Дар зикри уюби қавофӣ (қофияҳо) ва аснофи нописандида, ки дар каломи манзум афтад», боби шашум «Дар зикри маҳосини (ҳуснҳои) шеър ва тарфе аз синооти мустаҳсан (писандида) дар назму насри калом бошад» номида шудааст.

Хотимаи асар басо ҷолиби диққат аст. Шамси Қайси Розӣ дар ин ҷо дар хусуси шеъру шоирӣ бо самимият ва дилсӯзӣ сухан меронад. Аз гуфтаҳои вай маълум мешавад, ки дар замонааш нисбат ба шеъру шоирӣ кам аҳамият медодаанд ва ҳар кас ки чанд калимаю ибораро якҷоя карда тавонаду як-ду навъи вазнро ёд гирифта бошаду маъниеро дар қолиби вазну қофияе ҷой дода тавонад, худро шоири муқтадир меномидааст. Муаллиф ин гурӯҳи шоиронро сарзаниш карда, ақида ва нуқтаи назари худро дар хусуси шеъру шоирӣ ва шартҳои он, муносибати мунаққиду шоир, шеъри матбӯъ ва ғайра баён мекунад: «Ва бибояд донист, ки шоир дар ҷавдати (бартарии) шеъри хеш ба бештари улум ва одоб мӯҳтоҷ бошад ва бад-ин ҷиҳат бояд ки мустатриф (аҷобатписанд) бувад.

Ва чизе нагӯяд, ки мардум истидлол (далел) кунанд бад-он, ки ӯ он маъни надонистааст».

«Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» яке аз қадимтарин ва комилтарин асарҳои адабиётшиносии форс-тоҷик буда, доир ба назарияи шеъру шоирӣ, муносибати мунаққиду шоир манбаъи бебаҳое ба шумор меравад. Илова бар ин, вай барои омӯхтани бисьёр воқеаҳои муҳими замони муаллиф, яъне охири асри 12 ва аввали асри 13 сарчашмаи мӯътамад мебошад, зеро Шамси Қайси Розӣ дар асар бештар воқеа ва ҳодисаҳоеро ҷой додааст, ки худ шоҳиди онҳо будааст. Дар хусуси ҳуҷуми Чингизиён ва оқибату таъсири бади онҳо бо изтироб сухан меронад: «...овозаи хуҷуми куффору нуҷуми (падид шудани бадмазҳабу хориҷии) татор, ки аз ду сол боз мунташир буд, муҳаққақ (аниқ) гашт ва хабари истилои эшон бар билоди Мовароуннаҳр ва истеъло (бартарӣ) бар асокир (аскарҳое), ки ба ҳифзи он навоҳӣ мансуб буданд, мутавотир шуд (пай ҳам радду бадал шуд). Ва ба хукми он ки сити (шӯҳрати) салтанату бастати (вусъати) мамлакату вусъати (қудрати) шукӯҳу шавкат ва касрати (зиёдии) лашкар ва уддати (тайёрии) он султони нофизфармон (фармонаш иҷрошаванда) ва қаҳру ғалабаи ӯ бар мулуки турку бақои Туркистон беш аз он буд, ки дар замири ҳеҷ кофир ёрои тааллуки баъзе аз атрофи мамолики ӯ сурат бастӣ ё дар димоғи хеч мутаҳаввир (нотарс) таманнои (орзуи) тамаллукдиҳӣ (зӯран ишғол кардани) аз навоҳии мамлакати ӯ дар хаёл омадӣ. Аз иқдоми бетаҳошии (беибои) он қавм бар қасди вилояти чун ӯ подшоҳе



қодиру қоҳир ва иқтиҳоми (кӯркӯрона ба кори пурмашаққат даст задани) бемуболоти (бепарвои) он ҷамоат дар ғимори (муздҳои) диёри ислом бо вуҷуди чунон лашкаре вофир (бисьёр), дилҳои хосу авоми ҳашам (хизматгорон) шикаста шуд ва рӯъбу (тарсу) хавф бар турку тозики (мардуми ғайри арабу турк) лашкар ва дуру наздики раъият муставлӣ (истилокунанда) гашт. То қариби панҷоҳ-шаст ҳазор савори шамшерзан бар кастувондор (либосест, ки рӯзи ҷанг пӯшанд ва бар асп низ пӯшонанд), ки ба зоҳири Балх дар хоқаи қавмааи (нигаҳбонони хос) мураттаб буданд ва бар миқдори панҷ фарсанг хайма дар хайма зада, таноб дар таноб кашида ва пеш аз он ҳар фавҷ (гурӯҳ) аз эшон ба тохтане мулке гирифта, ба ҳамлае лашкаре шикаста, ба муҷарради (воситаи) овозаи нузули (фуруд омадани) куффор бар шатти (соҳили) Ҷайҳун низоми чунон ҷамъияте аз ҳам фурӯ кушоданд ва калфироши (парвонаи чароғи) алмабсуси (парокандаи) муташаъисхотир (парешонхотир) ва муташаъиброй (гуногунмақсад) гашт ва бемуқотиҳа (бе дафъ кардан) ва муқобила аз маҳомоти сағри (сарҳади) исломи муҳофизати байзаи мулк тафодӣ (парҳез) намуданд ва маркази мақом холӣ гузошт. Ва тароиқи қидадан (мардуми мухталифақида) ва абодиди удадани (гурӯҳи мардуми мутафаррикшудаи) ҳар фирқати фурӯқа (баддил) ба гӯшае афтоданд ва ору шинори (нангу номуси) ҳазимати (шикаст хӯрдани) беҷангро ба ному нанги чандинсолаи хеш роҳ дод, то хасм аз танассуми (хабар расидани) он баддиле, ки то он ҳадд аз ҳеч лашкаре тасаввур накарда буданд, чунон далер шуд ва аз муқовамати (истодагарии) лашкари ислом, ки аз он ҳисобе тамом баргирифта буданд, чунон эмин гашт, ки ҳар қавм рӯ ба тарафе ниҳоданд ва ҳар ҷавқ (гурӯҳи мардум) қасди шаҳре карданд. Баъзе аз эшон ба як ракзат (ҷунбиш) аз канори Ҷайҳун то дари Исфаҳон, бал (балки) то ақосии (канорҳои) Абхозу Аррон битохтанд ва ҳама роҳ аз шахси (ҷасади) куштагон тилолу (тӯдаҳои хоку регу) ҳизоб (пуштаҳо) сохт ва тоифае аз ҷумлаи билоди Хоразму Хуросон ҷуз русуму (нишону) итлол (ҷои хароб) қоим (боқӣ) нагузоштаанд. Ва аз коффаи (тамоми) сокинони он ду вилояти биҳиштосо ҷуз муште атфолу (кӯдакону) аврот (занҳо) ва баъзе аз санноъу (косибону) мӯҳтарифа (ҳунармандон), ки дар рибқаи (ҳалқаи) асор (ресмон) бар якдигар зиндабахш карда буданд ва ба расми абид (ғуломон) таҳниятро ба маъоҳиди (зодгоҳи) хеш фиристода, зинда раҳо накарданд ва одияи (ситами) айсу (харобии) фасоди эшон ба соири дигар ақолими (ҷойҳои) олам адво (таҷовуз) кард ва аз савоиқи (барқҳои) раъду барқшони ақтору (ноҳияҳою) офоқи ҷаҳон дар ташвиш афтод ва алалҷумла (хулоса) он чи дар ин фитрат бар рӯи аҳли ислом омад ва бар сари уммат гузашт, дар ҳеҷ давлат бар

аҳли ҳеч миллат нишон надодаанд ва мисли ин воқеаи шаниғу (баду) боқеаи (сахтии) фазеъ (аз ҳад гузашта) дар ҳеҷ таърих наёварда. Ва агар чи дар санаи ишрин ва ситтамия (620 ҳ. /1223 м) ихтилофи эшон аз бештари мамолик мунқатеъ шуда буд ва ин сӯи об як-ду сол аз хавфи қатлу асари сабеъи (ҳайвонҳои ваҳшии даррандаи) зория (шикорӣ) эмин гашта ва мардумро ба воситаи ҷамъияти баъзе аз фарзандони султон умеди интиошӣ (накӯахволӣ)падид меомад ва роихаи (бӯи) иртиёшӣ (хушҳолӣ) ба машом мерасид. Маро боре аз касрати тақаллуби (дигаргун шудани) аҳволи Ироқу тағаллуби (пурра ғолиб омадани) хаёли мурочиати татор обе хуш ба гулӯ фурӯ намерафт ва нафасе осуда аз сина барнамеомад ва ба ҳеҷ ваҷҳ зилзилаи хавфу валвалаи рӯъби (тарси) он қатли бедареғу ғорате шаъво (зиёд), ки ҳизби қаҳри худой ба чанд навбат дар чанд шаҳр дида будам ва мушоҳида карда, аз замир гум намешуд. Хосса, ки як-ду карат дар дасти баъзе аз шаҳангони (қалъабонони) Рай афтода будам ва зилли (хории) истихдоми (хидмат хостани) гумоштагони эшон кашида ва аз ин ҷиҳат, дил аз ҷони ширин сер омада ва ҷон аз зиндагонии мусталазз (лаззатгиранда) мутабаррим (безор) шуда, чи ба ҳеч хол аз он шиддату меҳнат ваҷҳи халосию маносӣ (гурехтанӣ) намедидам ва аз он азияту балият (бадбахтӣ) мафарру (гурезгоҳу) маҳисе (паноҳгоҳе) намедонистам, то ногоҳ бахти хуфта бедор гашт ва тулӯъи кавкаби саъде аз уфуқи матолеам рӯй намуд, атроф фароҳам гирифтам ва оиқ (монеа) мунқатеъ (буридашуда) гардонид ва бо ғумузи (чуқурии замин) масолику ноэминии роҳҳо худро ба маъмуни Форс андохтам». Ғайр аз ин, дар «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» номи як зумра шоирони форс-тоҷики то истилои муғулхо ва намунаи ашъори онҳо, инчунин номи олимону донишмандон мисли Баҳромии Сарахсӣ, Амир Абӯмансур Қосим ибни Иброҳими Қойинӣ, Имом Ҳасани Қаттон ва таълифоти онҳо оварда шудааст, ки маҳз тавассути ҳамин асар намунаи ашъору номи таълифоти онҳо то замони мо омада расидааст. Бояд қайд кард, ки аввалин маротиба дар ҳамин асар илова ба 19 баҳри машҳури арабу аҷам (Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб, Тавил, Мадид, Басит, Вофир ва Қомил) боз 21 баҳри навэҷодкардаи арӯзиёни аҷамро (Сарим, Қабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асамм, Салим, Ҳамим, Маснӯъ, Мустаъмал, Аҳрас, Мубҳам, Маъкӯс, Мӯҳмал, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян, Боис) дар доираҳои Мунъакиса, Мунъалиқа, Мунғалата оварда, монандию тафовути онҳоро аз баҳрҳои дигар бо мисолҳои шеърӣ нишон додааст.

Маълум аст, ки шарҳ ва тафсири баъзе истилоҳоти илми ба-



деъ диққати адабиётшиносони гузаштаи моро хеле барвақт ҷалб карда буд. Шоир ва донишманди форс-тоҷик Рашиди Ватвот дар охири китоби хеле пурқимати худ «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» зери сарлавҳаи «Алфозе, ки дар забони аҳли ин синоат афтодааст ва аз мусталаҳоти (истилоҳоти) эшон шуда берун аз он чи ёд кардем» ба таври хеле мухтасар истилоҳоти «мадҳ», «мидҳат», «ташбиб», «насиб», «ғазал», «мусарраъ», «хасӣ», «тарҷеъ», «акс», «мукаррар», «мутанофир», «муталойим», «иртиҷол», «равият ва фикрат», «ҷазолат», «саҳли мумтанеъ» ва ғайраро маънидод кардааст. (Масалан истилоҳоти «мадҳ»-у «ҳаҷв»-ро ин тавр шарҳ додааст: «Мадҳу мадеҳу мидҳат мар офаринро хонанд, ҳаҷву ҳиҷо нафринро»). Шамси Қайси Розӣ низ дар охири боби шашуми «Ал-мӯъҷам» оиди ин масъала таваққуф карда чунин навиштааст: «Ва баъд аз он фасле дар зикри баъзе аз аҷноси шеъру анвоъи назм, ки дар музоволоти (таҷрибаи) ин фанн ва таотини ҷузъиёти ин шева ба маърифати он эҳтиёҷ афтад чун насибу ташбибу ғазалу рубоию муздаваҷу мисраъю мусанною маҳдуду маҷмӯъю байтулқасидаю луғзу муаммою мутакаллиф ва матбӯъ радифи ин боб созем». Шамси Қайси Розӣ бар хилофи дигар адабиётшиносон ҳар як истилоҳро хеле васеъ ва бо мисолҳои шеърӣ шарҳ додааст. Агар Рашиди Ватвот шарҳи 17—18 истилоҳро ҳамагӣ дар ду саҳифа ҷой дода бошад, Шамси Қайси Розӣ барои ҳар як истилоҳ («ирдоф», «табйину тафсир», «тақсим», «тавсим», «тасҳим», «иститрод», «тафреҳ», «эътироз», «илтифот», «тадорук», «таъкидлулмадҳ би мояшбаҳуззам», «тақобил», «эътинод», «тасмит», «тавшеҳ», «ҳусни матлаъ», «ҳусни мақтаъ», «ҳусни тахаллус», «адаби талаб», «насиб», «ташбиб», «байтулқасида», «тасҳиф») як-ду, баъзан се-чаҳор саҳифа ҷудо кардааст. Масалан, муаллифи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» Рашиди Ватвот истилоҳи «мусарраъ»-ро дар як ҷумла («Мусарраъ байтеро гӯянд, ки ҳар ду мисраъ қофия нигоҳ дошта ояд, чунон ки абьёти сарҳои қасоид бувад») шарҳ дода бошад, Шамси Қайси Розӣ дар хусуси ҳамин истилоҳ чунин навиштааст: «Мусарраъ байте бошад, ки арӯзу (рукни охири мисраъи аввал ) зарби (рукни охири мисраъи дуюм) он дар вазн ва ҳуруфи қофия муттафиқанд, чунон ки Булфараҷ [Абулфараҷи Рунӣ] гуфтааст:

Байт

Тартиби мулку қоидаи ҳилму расми дод,
Абдулҳамиди Аҳмади Абдуссамад ниҳод,

ки ҳуруфи қофияи ҳар ду мисраъ «алиф»-у (ҳарфи «о») «дол» (ҳарфи«д») аст ва вазни ҳар ду фоилон аст аз баҳри Музореъи

ахраб бар мафъӯлу /фоилоту/мафоилу/фоилон. Ва пеш аз ин гуфтаем, ки дар қасоиди порсӣ тасреъи матолеъ (матлаъҳо) лозим аст ва ҳар қасида, ки матлаъи он мусарраъ (ҳамқофия) набошад, агар чи дароз бувад, онро қитъа хонанд ва исми қасида бар он итлоқ (пайваст, ҳамроҳ) накунанд.

Ва ҳамчунин дар рубоиёт тасреъи байти аввал лозим доштаанд, то фарқ бошад миёни он ва муқаттаоти дигар. Ва дар маснавиёт, чунон ки гуфтаем, ба ҳукми он ки бинои он бар абъёти муфрада (танҳо) аст, дар ҷумлаи қисса тасреъ (қофия) лозим аст. Ва бошад, ки як қасидаро чанд матлаъ кунанд, чун аз сифате ба сифате дигар нақл кунанд. Ва аз ҷумлаи шуаро Хоқонӣ бад-ин шева мувалеътар (ҳаристар) будааст ва чанд қасидаи бисьёрматолеъ (бисьёрматлаъдор) гуфта.

Чунон ки гуфтааст:

Шеър

Чун оҳи ошиқ омад субҳоташин муамбар,
Симоби оташин зад дар бодбони аҳзар.

Ва ҳам дар ин қасида гуфтааст:

Байт

Дар обгун қафас бин товуси оташинбар,
Қ-аз пар кушодани ӯ офоқ гашт зевар.

Ва гуфтааст:

Байт

Саҳни Ирам надидӣ, дар боғи шоҳ бингар,
Ҳусни ҳарам надидӣ, бар қасри шоҳ бингар.

Ва гуфтааст:

Байт

Эй андалеби ҷонҳо, товуси бастазевар,
Бикшой ғунчаи лаб, бисрой ғуннаи тар.

Ва бошад, ки дар нақл аз насиб ба мадҳ матлаъи нав кунанд, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Маст шабона будам афтода беҳабар
Дӣ дар утоғи хеш, ки дилбар бикӯфт дар.



Ва баъд аз тахаллуси латиф гуфтааст:

Байт

Эй дар зимони адли ту маъмур баҳру бар
В-эй дар мусири килки ту асрор нафъу зар.

Ва бошад, ки ибтидои қасида ба мадҳ кунаду бар ғазал хатм кунад ва онро матлаъи тоза орад. Чунон ки Фалакии Шервонӣ гуфтааст:

Байт

Сипеҳри маҷду маонӣ, муҳити нуқтаи олам,
Ҷаҳони ҷуду маонӣ, чароғи дудаи Одам

Ва дар охири қасида гуфтааст:

Байт

Куҷо шуд он ки маро ҷон бад-ӯ шудӣ хушу хуррам,
Ки то шуд ӯ дилу чашмам, табоҳ шуд зи наму ғам?»

Муаллиф ба вазни шеър ҳамчун яке аз аркони асосии он диққати махсус медиҳад. Гаштаю баргашта таъкид менамояд, ки «ба ҳеч сабил ду баҳрро дар якдигар нашояд омехт ва бар ду вазни мухталиф шеър нашояд гуфт ва фимобаъд (баъд аз ин) фаҳлавиёти мухталифтаркиби мухталифаркон нагӯянд ва ин айби фазеъро (пастро) ба шеъри хеш роҳ надиҳанд».

Шамси Қайси Розӣ доир ба шеъри писандида ва шеъри ғайритабиӣ, яъне такаллуфӣ, шартҳои шеъру шоирӣ ва балоғати сухан фикрҳои басе муҳим гуфтааст, ки бешубҳа, имрӯз барои адибону шоирону дигар ҳавасмандони адабиёт аз аҳамият холӣ нест.

Вай шеъреро, ки дар он санъати зиёди лафзӣ истифода шудааст, яъне бо такаллуф гуфта шудааст, мутакаллиф (шеъри сохта ва ғайритабиӣ), аммо шеъреро, ки ба таври содда, мавзун ва бо калимаю ибораҳои маънус (маъмул) гуфта шуда бошад, матбӯъ, яъне писандида меномад.

«Оммаи мардум мепиндоранд, ки шеъри мутакаллиф мутлақо он аст, ки бар вазни мушкил ва азоҳифи (зиҳофҳои) гарон гуфта бошад ё калимоти он ба зӯр ба ҳам баста шудааст ва маъонии он ба душворӣ фароҳам мегардад. Ин гумон хатост, аз баҳри он ки ҷумла санъатҳои шеърӣ ва навовардаҳои назм, ки дар фаслҳои гузашта баршумурдем ва онро мустаҳсаноти (ҳусну зебоиҳои) санъат ҳисоб кардем, аз ҳамин қабил мутакаллифоти

ашъор аст, ки ҷуз ба амаони назар (диққати назар) ва идмони фикр (варзиши фикр) мисли он даст надиҳад ва монанди он муяссар нашавад. Аммо агар шоире илтизом кунад, ки чанд маънии гуногуниро дар шеъре андак биёрад ва ё чанд исми мутағоир (зидди ҳам)-ро шуморад ва ё хоҳад барои мулзам кардани ягон моддаи шеъри ғариб (нодир) ва назми мушкиле имтиҳони табъ намуда, дар зимни он ҳамчун санъати қалб ва тасҳифро истеъмол кунад, ҳуруфи атал (бе нуқта) ва ё манқут (нуқтадор)-ро лозим дорад, ин кор албатта аз навъи таассуф (такаллуф) холӣ набошад. Шоире гуфтааст:

З-ин ҷунбиши шоҳ чархи фарзинрафтор.
Дурам чу рух аз рух, зи рухи фаррухи ёр.
Дил з-аспи тараб пиёдаву пили ғамат
Шоҳ мот ба ҷон хоста бар натъи қимор.

Чун илтизом кардааст, ки ҷумла колои (донаи) шатранҷро дар ду байт биёрад, лоҷарам (ночор) чандин рух бари ҳам (паси ҳам) афтодааст».

Шамси Қайси Розӣ таъкид мекунад, ки шоир бояд аз истифодаи калима ва ибораҳои ғайри маъмули забони тоҷикию арабӣ худдорӣ кунад, зеро чунин муносибат ҳеҷ гоҳ боиси равнақи ашъори ӯ нахоҳад шуд:

«Ва аз мутакаллифоти ашъор он аст, ки калимоти тозӣ, ки дар муҳовароти порсигӯён аст ё калимоти фаҳлавӣ (шевагӣ), ки дар луғати дарӣ маҳҷурулистеъмол (дур аз истеъмол) мебошад, ба кор доранд, чунон ки Манучеҳрӣ гуфтааст:

Ғуробо, мазан бештар з-ин наиқо,
Ки маҳҷур кардӣ маро аз ашиқо.
Наиқи ту бисьёру моро ашиқӣ,
Набояд ба як дӯст чандин наиқо...
Аё расми атлоли маъшуқи вофӣ,
Шудӣ зери санги замона саҳиқо.»

Дар хусуси шеъри матбӯъ чунин менависад: «Филҷумла шеъри матбӯъ он аст, ки насри балиғ ва назми бадеъ дорад ва қофияҳояш дуруст ва маъонии латифу ибораташ азб (ширин) бошад, ҳуруф ва калимоти он бар ҳам афтода (ҷудо), ибора ва калимоти он машғул (муқаррар) набошад. Таҷнисот ва санъатҳои он такаллуфӣ набошад ва бино бар машҳурот ва луғати дарии саҳеҳ бошад. Аз ғароиби луғати фурс аз мусталаҳоти ҳар вилоят (калима ва ибораҳои шевагӣ) пок бошад. Калимоти арабӣ, ки дар муҳовароти порсигӯён наёянд, дар он мустаъмал набошад (истифода нашавад). Аз ҳуруфи завоид ва ҳашвҳои қабеҳ, ки ба



ҷиҳати анбориши (пур кардани) байт истеъмол мекунанд ва аз тағйироти алфоз, ки ба қадри зарурат дар ашъори худ ҷоиз доштаанд, холӣ бошад, то ба шунидан осон ва ба гуфтан душвор набувад.

Бояд бинои шеър бар вазни хушу лафзи ширин, ибороти матин, қофияҳои дуруст, таркиби саҳл, маонии латиф ниҳода шавад, чунон ки шеър ба фаҳмҳо наздик бошад, дар идрок истихроҷи (сарфаҳм рафтани) мазмуни он ба андешаи бисьёр ва амаони фикр (бо дурандешии фикр) эҳтиёҷ наяфтад. Аз истиороти дур, маҷозоти ғайри машҳур, ташбеҳоти дурӯғ, таҷнисоти муқаррар холӣ бошад, ҳар байт дар лутф ва маънӣ ба нафси худ қоим бошад (ҳар байт маънои мустақил дошта бошад). Ҷуз аз рӯи маънӣ ва тартиби калом ба дигаре мӯҳтоҷ ва мавқуф (алоқадор) набошад. Лафз ва калимаҳо ба ҷои худ афтад ва ҷумлаи шеър яктарзу якшева (якхела) бошад. Иборат гоҳ баланду гоҳ паст нашавад. Маънӣ гоҳ сусту гоҳ музтариб (беқарор) нагардад.

Ба таври сазовор паҳлуи ҳам омадани калима ва таркибҳо риоя шуда бошад, инчунин аз калимаҳои бегонаву дури ғайри луғати фурс дар он мустаъмал (истифода) нашавад, балки аз саҳеҳ ва машҳури луғати дарӣ ва он чи аз калимаҳои арабии мустаъмал, ки дар гуфтугӯ ва навиштаҷоти порсигӯёни фозил ҷорист, таркиб ёфта бошад».

Шамси Қайси Розӣ ба услуби навишт ва мавриди истифодаи калимаҳо бештар аҳамият медиҳад ва барои исботи фикри худ мисолҳо меорад. «Ва ҳамчунин калимаи «авлотар», ки ҷамоате пиндоранд, ки чун дар калимаи «авло» маънӣ тафсилу тарҷеҳ (равшан) аст, лафзи «тар» бо он замм кардан хато бошад ва на чунон аст, ки ғояти мо фӣ албоб он бошад, ки мубoлиғате бувад бар мубoлиғат ва чун дар порсӣ мегӯянд «беҳ» ва «беҳтар» ва калимаи «беҳ» худ мутазаммини маънии руҷҳону (бартарию) улувият (соҳибият) аст, чунон ки гӯянд: «Ин беҳ аз он аст ва беҳтар аз он аст». Ҷоро нашояд, ки гӯянд: «Чунон авлотар аст», илло (ғайри) ки насқи (тартиби) каломи тозӣ бошад. Чунон ки гӯянд: «Тариқи авло ин аст». Чи дар ин мавзеъ (маврид) нагӯянд, ки «тариқи авлотар ин аст». Ва чун калимаи «авло» ба охир афтад, ҳароина (албатта) онро робитае бояд, то сухан тамом шавад, чунон ки гӯянд: «Авло ин аст» ё «ин авло аст», ё «ин авло бошад» ва монанди он. Ва агар гӯянд: «Чунин авло» ва сухан қатъ кунанд, сухани порсӣ тамом набошад, чунон ки дар тозӣ гӯянд: «Фалону олим» ва «фалону ғанӣ». Агар дар порсӣ гӯянд: «Фалонӣ олим» ва «фалонӣ тавонгар», сухан тамом набошад, илло (ғайри) ки гӯянд: «Фалонӣ олим аст» ва «фалонӣ тавонгар аст». Ва чун дар порсӣ гӯянд: «Ин авлотар», ба кали-

маи робита эхтиёҷ набошад, ки лафзи «тар» дар ин мавзеъ (мавриди) муҷаввази (ҷоизи) сукути (афтодани) ҳарфи рабт аст. Агар касе дар назму наср гӯяд: «Чунон авлотар», хатои маҳз набошад».

Шамси Қайси Розӣ дар таҳлили шеъри шоирони гузашта ва муосири худаш заҳмати зиёде кашида, ашъори онҳоро ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати либоси шеърӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Барои ҳар як сухане, ки мегӯяд, аз ашъори шоирони машҳуру номашҳур шоҳид оварда, онҳоро нукта ба нукта барои хонанда таҳлил намудааст. Шамси Қайси Розӣ дар таҳлили шеър, пеш аз ҳама, ба мантиқи сухан, мавриди сухан ва тарзи ифодаи фикр аҳамият медиҳад. Ба ақидаи ӯ, шеър бояд аз таркиботи нохушу истиораҳои хунуку таъбироти нодилписанд ва маъонии суст холӣ бошад. Байти зеринро мисол оварда мегӯяд:

«Бисоз маҷлису пеши ман ор ҷоми набид,
Ҳоло ки дӯст ба ногоҳиён фароз расид.

Ва агар гуфтӣ «ҳоло чу дӯст», беҳтар будӣ аз он ки истеъмоли «коф»-и сила баъд аз «ҳало» ба «ҳалокати дӯст» монад. Ва дигаре гуфтааст:

Хирман зи мурғи гурусна холӣ куҷо бувад?
Мо мурғакони гурусназему ту хирманӣ.

Лафзи «ту хирманӣ» мамдӯҳро лафзан ӯ маънии истиорате ракик (заиф) аст ва таркибе зишт. Ва дигаре гуфтааст:

Ҳаво чу дарьё, моҳӣ чу мурғ, киштӣ пар,
Шиноваронаш сияҳзоғакони ғарқануфус.

Чун гуфт: «Ҳаво чу дарьё», боистӣ, ки гуфтӣ: «Мурғ чу моҳӣ», на «моҳӣ чу мурғ». Ва агар гӯем, ки ғалат аз нассох (нусхабардор) афтода бошад ва ӯ чунин гуфтааст, ки ҳаво чу дарьё, моҳияш мурғ, киштӣ — пар, дуруст бошад, аммо лафзу маънии «сияҳзоғакони ғарқануфус» жожест, ки ҳеҷ ҳар нахояд.

Ва Азрақӣ гуфтааст:

Оби Ҳаёт хӯрд синони адӯи ту,
Ҳар кас ки хӯрд зарбат, ӯ монд ҷовидон.

Яъне аҷзу (оҷизию) ҷубни (тарси) адӯ то ҳаддест, ки захми синони ӯ қотил нест ва бад-ин иборат мегӯяд, ки ҳар кас ки синони ӯ хӯрад, ҷовидон бимонад ва ин ба мадҳи адӯ лоиқтар аст, ки ба замм ва низ аз Оби Ҳаёт хӯрдани синон лозим наёяд,



ки ҳар кас ки он синон хӯрад, ҷовидон бимонад. Пас ҳам вуҷӯҳ, ҳам таркиби байт суст аст ва ҳам маънӣ нодуруст».

Шамси Қайси Розӣ баъзан калимаҳоро аз ҷиҳати этимология шарҳ медиҳад ва тарзи дурусти ифодаи онҳоро таъкид мекунад. Масалан, ин байти Хоқониро:

Ҳаст ба пироманаш тавфкунон осмон,
Оре, ба гирди кутб чарх занад осиёб,

оварда менависад: «Ва гуфтаанд «осиёб», аслаш «особ» будааст ё дарафзудаанд ва ба касрати (зиёдии) истеъмол ба «о» тарҳ карда ва «осиё» мегӯянд ва бар ин ваҷҳ «осиёи бод» ва «дастосиё» гуфтан хато бошад, аз баҳри он ки ҳамчунон бошад, ки гӯё «особи бод»-у «осдаст»-у «дастос», ҳамчунон ки мегӯянд «харос» ва нагӯянд «харосиё». Ва ҳамчунин «дарьё», асли он «дар об» будааст, яъне «даридаоб» ва ба касрати (зиёдии) истеъмол «дарьё» кардаанд. Пас мутақаддимон «дарёб» бар он ваҷҳ кардаанд».

Ба тозагии забони дарӣ, алалхусус барои истифодаи шакли дурусти калимаҳои дарии дар истеъмол буда кӯшида, аз шоирони пешин мисолҳо оварда таъкид мекунад, ки шоирони замони ӯ бояд аз паси онҳо наравaнд, яъне калимаҳоро дар шакли дуруст истифода баранд: «Ва аз ҷумлаи муғайирот (ивазшавиҳо) «ҳаниз» ба маънии «ҳанӯз» ва «ғанавидан» ба маънии «ғунудан» ва «шунавидан» ба маънии «шунидан» ва «хуфтидан»-у «хуспидан» ба маънии «хуфтан» ва «расонидан»-у «раҳондан» ба маънии «расонидан»-у «раҳонидан» ва «шистан» ба маънии «нишастан» ва амсоли ин бисьёр аст. Шоири даригӯй бояд ки дар ин абвоб тақлиди қудамо накунад ва дар он чи гӯяд, аз ҷодаи дарии машҳури мутадовил (ҷорӣ) удул (таҷовуз) ҷоиз нашмарад».

Вай ба маънии шеър, алалхусус калима, ибора ва таъбиру истилоҳотро ба маънии худи онҳо истифода бурданро таъкид мекунад. Аз шоирони гузашта чандин мисолҳо меорад, ки онҳо маънии калимаҳоро нафаҳмида бемаврид кор фармудаанд: «Рофеъӣ гӯяд:

Эй ахтари сахо, ки зи сайри наволи хеш
Ҳар рӯз дар сипеҳр тафохур кунӣ қирон.

Агар гуфтӣ (яъне агар мегуфт, ки) «бо нуҷум тафохур кунӣ қирон», рост будӣ, аз баҳри он ки қирони кавкаб бо кавкаб бошад ва бе тағйири лоуқорине (наздикшудае) нагӯянд, ки ситора дар фалак қирон кард».

Дар мавриди айтои ҷалӣ, дар хусуси қасида менависад: «Ва айтои ҷалӣ аз уюби фоҳиш аст дар шеър, илло ки қасида да-

роз бошад, чунон ки аз бисту сӣ байт, ки дар ашъори порсӣ ҳадди қасида аст ба қавли баъзе, даргузарад ё қасидаро ду матлаъ бошад, пас шояд, ки як-ду қофия дар матлаъи дуввум бозгардонад ва такрори қофияи арӯзро (рукни охири мисраъи аввали байт) аз матолеъ айто нашморанд». Вай дар ҳаққи онҳое, ки баъзан барои вазн ё қофия шуда калимаҳоро ба тарзи худ тағйир додаанд, баъзан суханони сахтро раво донистааст. Масалан, дар мавриди «алиф»-и зиёдатӣ чунин гуфтааст: «Ва дигаре гуфтааст дар устурлоб:

Забон надораду пайдо сухан нагӯяд хеҷ
Суханварони ҷаҳон пок пеши ӯ аблоҳ.

Ва дар «аблаҳ» аз аблаҳӣ «алиф»-е дарафзудааст» (яъне ба ҷои калимаи «аблаҳ» «аблоҳ» навиштааст — *У. Т.)*

Чӣ тавре ки мебинем, Шамси Қайси Розӣ оиди илми адаб ва шартҳои шеъру шоирӣ якчанд назариёти аҷиб баён намудааст. Қимати назариёти ӯ дар он аст, ки мувофиқати куллии шаклу мазмун ва бадеъиятро дар шеър талаб кардааст.

Таъкид мекунад, ки мазмуни шеър асос ва шакли он тобеъи мазмун мебошад: «Ҳар сухане, ки дар он маънии латиф набошад, табъи аҳли тамиз ба он майл намекунад. ҳамчунон бошад, ки зарфи холию дар он матоъ набувад». Бояд таъкид кард ки ин фикри муҳаққиқ на фақат дар замони ӯ, балки имрӯз ҳам аз аҳамият холӣ нест. Ба ақидаи вай, мунаққид «ҷӯяндаи беҳомад» аст, яъне беҳтарин чизе, ки дар шеър ҷой дорад, ба хонанда нишон диҳад. Ин мулоҳизаҳои Шамси Қайси Розӣ мунаққидони имрӯзаи моро водор месозад, ки камбудӣ ва муваффақиятҳои эҷодиёти адибони муосири моро нишон диҳанд.

Агар Шамси Қайси Розӣ дар таълифи «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» аз «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммади Родуёнӣ ва «Ҳадиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашиди Ватвот истифода бурда бошад, асари ӯ ҳамчун сарчашмаи илмӣ мавриди таҳқиқ ва истифодаи донишмандону адабиётшиносони асарҳои баъдина қарор гирифтааст. Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқ мулаққаб ба Шариф «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам»-ро мухтасар намуда, онро «Мизон-ул-авзон ва лисон-ул-қалам дар шарҳи алфози аҷам» номид. Азуддин Фазлуллоҳ, ибни Абдуллоҳи Қазвинӣ дар таълифи асари худ «Ал-мӯъҷам фӣ осори мулук-ул-мӯъҷам», Нуриддин ибни Аҳмад Абдулҷалили Зиёратгоҳӣ дар таълифи «Рисолаи қофия»-аш, адиби асри 14 Шамси Фахрии Исфаҳонӣ дар таълифи асараш «Меъёри Ҷамолӣ», донишманди асри 15 форс-тоҷик Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ дар таълифи асараш «Бадоеъ-ус-саноеъ», муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» Муҳаммад Ғиёсуддин ибни Ҷамолуддин дар таълифи «Меъроҷ-ул-арӯз», донишманди асри 17 Ҷамолуддин Ҳусайни Инҷу дар таълифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», Муҳаммад ибни Саъд дар таълифи «Табсират-уш-шуаро», Муҳаммад Наҷмалихон дар таълифи «Наҳҷ-ул-адаб», олими машҳури Эрон Нотил Парвизи Хонларӣ дар таълифи асари машҳури худ «Вазни шеъри форсӣ», шарқшиноси машҳури советӣ Е. Э. Бертельс дар таълифи «Грамматика персидского языка» (1925) ва арӯзидони машҳури тоҷик, доктори илми филология марҳум Баҳром Сирус дар навиштани асарҳои «Қофия дар назми тоҷик» ва «Арӯзи тоҷикӣ», донишманди шинохтаи тоҷик шодравон Т. Зеҳнӣ дар навиштани асари худ «Санъати сухан» (1969) аз китоби «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» истифода бурдаанд. Ин асар бори аввал бо эҳтимоми шарқшиноси маъруфи англис Э. Браун ва тасҳеҳи адабиётшиноси машҳури эронӣ Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ соли 1327 ҳиҷрӣ (1949) дар Бейрут ва боз ду бори дигар бо тасҳеҳи донишманди машҳури эронӣ Мударрис Ризавӣ соли 1338 ҳиҷрӣ (1960) ба табъ расид.



«Шунидан кай бувад монанди дидан»,— гуфтаанд. Мо китоби «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам»-ро, ки дар ҳақиқат, намунаи беҳтарин аз илми адабиётшиносии пешиниён аст, барои хонандагони шеърдӯст ва хушзавқи тоҷик пешкаш мекунем, то ки онҳо ба дурустии гуфтаҳои болой боварӣ ҳосил намоянд ва муддате чанд дили худро ба бузургвории бузургони илму адаби аҷдоди хеш шод гардонанд.

Ҳангоми таҳияи ин китоб кӯшидем, ки услуби таълифи муаллиф пурра нигоҳ дошта шавад. Қисме аз калима ва ибораҳои асар имрӯз дар истеъмол нестанд. Барои ҳамин, ба ҳукми анъана қарор додем, ки калима ва таъбирҳои душворро вобаста ба мазмуни ҷумла дар қавсайн шарҳ диҳем. Дар охири китоб тавзеҳоти муфассале илҳоқ шуд, ки хонанда мувофиқи тартиби алифбо шарҳи таъбирҳо, эзоҳи номи маҳал ва номи шоирон, адибон ва дигар шахсони таърихию асотирӣ, ки дар матни асар ишора шудааст, аз он меёбад. Дар қисмати мулҳақот ҳамон таъбиру гуфтаҳои муаллиф шарҳ дода шуд, ки барои хонанда номафҳум аст. Шарҳи калимаҳои душворфаҳми шеърҳоро дар қисми «Луғат» ҷой додем.

Дар хотима бояд гуфт, ки устоди мӯҳтарам, профессор Шарифҷон Ҳусейнзода, номзади илми филология М. Шарифов, донишманди номӣ, номзади илми филология, марҳум Ҳасан Наққош, муҳаррири калони илмии Энциклопедияи советии тоҷик С. Маҳмадуллоев ва дигар ҳамкорон дар тасҳеҳи ин китоб ёрии беғаразона расонидаанд, ки ба ҳамаи онҳо изҳори ташаккур менамоем.

## КИТОБИ «АЛ-МӮЪҶАМ ФӢ МАЪОЙИРИ АШЪОР-ИЛ-АҶАМ» ТАЪЛИФИ ФОЗИЛИ МӮҲТАРАМ, ИМОМИ ОЛАМ ШАМСУДДИН МУҲАММАД ИБНИ ҚАЙС

Сипосу сигоиш мар худойро ҷалла ҷалолаҳу ва амма наволаҳу, ки арвоҳи моро ба зинати таълиму тааллум (илмомӯзӣ) биёрост ва ашбоҳи (суробҳои) моро ба тинати аҳсани тақвим ба пиросги ақл роҳнамоиро қоиди (сипаҳсолори) хайру роиди (ҷӯяндаи) саодати мо гардонид ва нутқи дилкушойро тарҷумони хотир ва сафири замири мо сохт. Ва чандин ҳазор ҷавоҳири завоҳири (дурахшони) маънӣ дар дурҷи (сандукчаи) табъи мо дарҷ кард ва анвору азҳори (гулҳои) илму маърифат бар ниҳоли дили мо бишкуфонид ва дуруду салавоти бепоён ва таҳийёти зокиёти (покизагони) фаровон бар зоти мутаҳҳару равони муқаддаси хулосаи мавҷудоту баргузидаи мукавванот (ба вуҷуд овардаҳо), расули сақалайну (ҷину инс) хоҷаи кавнайн (ин дунъё ва охират), хотами (мӯҳри) анбиёи шафеъи (шифоаткунандаи) рӯзи ҷазо Муҳаммади Мустафо бод, ки мустаиддони (омодагони) қабули даъватро аз ғарқоби гумроҳӣ ва ғоят (мақсад) ба соҳили наҷоту ҳидоят оварда ва мустаидони ҳусули маърифатро аз тиҳи (биёбони беобу алафи) ҳайрат ва пайдои ҷаҳолат ба мартаъи (чарогоҳи) ирфону маъмуни (дар амон будаи) имони ӯ роҳ намуд. Ва баъд аз ӯ бар олу (авлоду) аҳли байти ӯ бод, ки нисори мансаби нубуввату (пайғамбарию) ҳаққалманшури вилояти рисолати ӯ ба насси (матни) Қуръони Маҷид (бузург) ҷуз ихлоси муҳаббату имҳози (холис кардани) мавaддати (дӯст доштани) эшон натавонад буд...



## ДЕБОЧАИ КИТОБ

Баъд чунин гӯяд муҳаррири ин таълифу муҳаббири
(хушнависи) ин тасниф бандаи давлатхоҳ Муҳаммад
ибни Қайс, ки дар шуҳури санаи арбаа ашрата ва сит-
тамия (614 ҳ./1218 м), ки ҳанӯз аҳволи мамолики Хо-
разму Хуросон дар силки иттирод (рост гардидан) мун-
тазам буд ва умури (амрҳои) ҷумҳури (тамоми халқи)
он ақолим (кишварҳо) бар вафқи (мувофиқи) муроди
мултаймми (пайвастагидиҳандаи) атрофу акнофи он
вилоят дар ғояти хисбу (фаровонию) ободонӣ ва сао-
дати амну истиқомати (осудагии) шомили аҳволи ақо-
сию (дуртаринҳою) адонӣ (наздиктаринҳо) рубоъи (са-
ройҳои) фазлу ҳунар ба фироғи хотири фузалои он ди-
ёру билоди маъҳулу (аҳлу) маъмур ва аъломи (машҳу-
рони) илму адаб ба яфоъи (баландии) қадри уламои
он диёр муртафеъ (баланд) ва маншур (интишорёфта),
дӯстӣ аз ҷумлаи ҳамлаи илм ва бародарӣ аз зумраи ар-
боби фазл, ки дар уюни (бузургони) улуму фунуни
одоб аз акфою (ҳамсафону) ақрон (ҳамсӯҳбатон) қаса-
буссабақ бурда (пешдастӣ карда) буд. Ва дар ҳалли
мушкилоти маорифи (илму дониши) нақлӣ ва кашфи
мӯъзилоти (масъалаҳои мушкили) матолиби ақлӣ бар
амсолу (монандҳою) азроби (монандҳои) мазият (бар-
тарӣ) тақаддум (бартарӣ) ёфта ва мехост, то бар маъ-
ойири (андозаҳои) ашъори арабу аҷам, ки бештар
аҳли тамиз (одамони оқил) аз ҳалияти маърифати он
отил (маҳрум) бошад, воқиф шавад ва бар нақди неку
бади каломи манзум, ки ағлаб арбоби фазл дар исоба-
ти (расидани) тамйизи (имтиёзи) он қосир (оҷиз) бо-
шанд, қодир гардад, аз ман дар шаҳри Марв ҷаддадал-
лоҳу умронаҳо (яъне худо ободонии Марвро барқарор
кард), ки маҷмаъи (ҷамъомади) асҳоби табъу марбаъи
(маҳфили) арбоби назму наср буд, дар ин фанн илти-
моси муомара (мушоварат) кард, то ғаври (диққати)
маърифати ман дар шарҳи ғавомизи (суханҳои печида

ва мушкили) он бишносад ва иқтироҳи (хоҳиши) таснифе намуд, то андозаи шаъви (пешӣ ҷустани) ман дар мизмори (майдони) тафассӣ (раҳой ёфтан) аз мазоиқи (ҳолатҳои танги) он бидонад. Ва ман чун аз фаҳвоч (мазмуни) каломи ӯ бӯи имтиҳоне шунидам ва аз мазоқи сухани ӯ таъми ихтиборӣ ёфтам, асъофи (ҳоҷати) мултамаси (хоҳиши) ӯро лозим шумурдам ва иҷобати (қабули) даъваташ фариза (лозим) донистам ва алалфавр (ба зудӣ) дебочаи таълифе дар илми арӯзу қавофию фанни нақди ашъори тозию форсӣ оғоз ниҳодам ва нуқуши (нақшҳои) тақсиму табвиби (боб-боб кардани) онро найранг (тарҳ) задам ва дар чанд рӯзи маъдуд (кам) бештари фусулу (фаслҳою) абвоби (боб-ҳои) онро мураттаб гардонидам ва мӯъзами (аксари саводи (сиёҳнависи) онро ба ҳадди баёз расонидам. Лекин қабл аз он ки арӯси он хидр (парда) бар минассаи (хонаи оростаи арӯс) ҷилва ояд ва гули он бӯстон ниқоби ғунчаи мусаввада бикшояд, роёти (фикри) аълосултон саъид Муҳаммад ибни Такаш аълаллоҳу дараҷотаҳумо (шӯҳраташонро) ва лақана (талқин кардан) явмулҳисоб (рӯзи қиёмат) ҳуҷҷатаҳумо (далел овардан ба онҳо) бар савби (ҷониби) Ироқ дар ҳаракат омад. Ва хотири хидмати рикобашро мустаҳкам гашт, чи аз касрати аროҷифи (хабарҳои бофтаи) мухталиф, ки дар он таърих бар сабили (мисли) маҷмаҷа (баён накардани хабар) аз афвоҳ (даҳонҳо) шунавида меомад, дил бар иқомати Хуросон ва лосияммо (махсусан) дар ғайбати султон қарор намегирифт ва тахаллуф (хилофи ваъда кардан) ба ҳеч ваҷҳ маслиҳат наменамуд. Ва ин ҷиҳат дар он матлуб дар садафи таълиқ (муаллақ) бимонд ва мурғи он орзу дар доми итмом наяфтод. Ва чун баъди тароҳии (камии) муддатулғурба (тамоми ғарибӣ) ва тамодии (тӯлкашии) амадулғайба (ниҳояти муддате) ба Ироқ расидем ва бақоёи хешону дӯстонро боздид хуш омад. Силсилаи ҳуббулватан (меҳри ватан) дарҷунбонид ва доъияи (хоҳиши) Рай, ки масқати раъс (таваллудгоҳ) ва мақтаъи сурра (ҷои буридани ноф) дар ботин зоҳир гардонид, азимати иқоматро тасмим (қарор) додам ва дил бар хондани фарзандону нақли (кӯчонидани) хона аз Хоразму Хуросон бинниҳодам. Ва дар ин миёна ба ҳар вақт интиҳози (ғанимати) фурсате мекардам ва таталлӯъи (воқиф гаштани) фироғи хотире менамудам, то бошад, ки аҷзои он мусаввада бар ҳамон тартиб ба



охир расонам ва назми таълиф бар ҳамон насқ (тартиб) тамом кунам. Аз тародуфи (паи) шавоғили (корҳои) лотойил (бефоида) даст фароҳам намедод ва аз тавотури (пайдарҳамии) асфори (сафарҳои) беихтиёр муяссар намешуд ва оқибатуламр овозаи ҳуҷуми куффору нуҷуми (падид шудани бадмазҳабу хориҷии) татор, ки аз ду сол боз мунташир буд, муҳаққақ (аниқ) гашт ва хабари истилои эшон бар билоди Мовароуннаҳр ва истеъло (бартарӣ) бар асокире (лашкаре), ки ба ҳифзи он навоҳӣ мансуб буданд, мутавотир шуд (паи ҳам радду бадал шуд). Ва ба ҳукми он ки сити (шӯҳрати) салтанату бастати (вусъати) мамлакату вусъати (қудрати) шукӯҳу шавкат ва касрати (зиёдии) лашкар ва уддати (тайёрии) он султони нофизфармон (фармонаш иҷрошаванда) ва қаҳру ғалабаи ӯ бар мулуки турку бақои Туркистон беш аз он буд, ки дар замири ҳеч кофир ёрои таъаллуқи баъзе аз атрофи мамолики ӯ сурат бастӣ ё дар димоғи ҳеч мутаҳаввир (нотарс) таманнои (орзуи) тамаллукдиҳӣ (зӯран тасарруф кардани) аз навоҳии мамлакати ӯ дар хаёл омадӣ. Аз иқдоми бетаҳошии (беибои) он қавм бар қасди вилояти чун ӯ подшоҳе қодиру қоҳир ва иқтиҳоми (кӯркӯрона ба кори пурмашаққат даромадани) бемуболоти (бепарвои) он ҷамоат дар ғимори (муздҳои) диёри ислом бо вуҷуди чунон лашкаре вофир (бисьёр), дилҳои хосу авоми ҳашам (хизматгорон) шикаста шуд ва рӯъбу (тарсу) хавф бар турку тозики (мардуми ғайри арабу турк) лашкар аз дуру наздики раъият муставлӣ (истилокунанда) гашт. То қариби панҷоҳ-шаст ҳазор савори шамшерзан бар кастувондор (либосест, ки рӯзи ҷанг пӯшанд ва бар асп низ пӯшонанд), ки ба зоҳири Балх дар ҳоқаи қавмааи (нигаҳбонони) хос мураттаб буданд ва бар миқдори панҷ фарсанг хайма зада, таноб дар таноб кашида ва пеш аз он ҳар фавҷ (гурӯҳ) аз эшон ба тохтане мулке гирифта, ба ҳамлае лашкаре шикаста, ба муҷарради (ба воситаи) овозаи нузули (фуруд омадани) куффор бар шатти (соҳили) Ҷайҳун низоми чунон ҷамъияте аз ҳам фурӯ кушоданд ва калфироши (парвонаи чароғи) алмабсуси (парокандаи) мутташаъис (парешонхотир) ва мутташаъиброй (гуногунмақсад) гашт ва бемунотиҳа (бе дафъ кардан) ва муқобила аз маҳомоти сағри (сарҳади) ислому муҳофизати байзаи мулк тафодӣ (парҳез) намуданд ва маркази мақом холӣ гузоштанд. Ва тароиқи кидадан (мардуми мухталифа-

қида) ва абодиди удадани (гурӯҳи мардуми мутафаррикшудаи) ҳар фиркати фурука (баддил) ба гӯшае афтоданд ва ору шинори (нангу номуси) ҳазимати (шикаст хӯрдани) беҷангро ба ному нанги чандинсолаи хеш роҳ дод, то хасм аз танассуми (хабар расидани) он баддиле, ки то он хадд аз ҳеҷ лашкаре тасаввур накарда буданд, чунон далер шуд ва аз муқовамати (истодагарии) лашкари ислом, ки аз он ҳисобе тамом баргирифта буданд, чунон эмин гашт, ки ҳар қавм рӯ ба тарафе ниҳоданд ва ҳар ҷавқ (гурӯҳи мардум) қасди шаҳре карданд. Баъзе аз эшон ба як ракзат (чунбиш) аз канори Ҷайҳун то дари Исфаҳон, бал (балки) то ақосии (канорҳои) Абхозу Аррон битохтанд ва ҳама роҳ аз шахси (ҷасади) куштагон тилолу (тӯдаҳои хоку регу) ҳизоб (пуштаҳо) сохт ва тоифае аз ҷумлаи билоди Хоразму Хуросон ҷуз русуму (нишону) итлол (ҷои хароб) қоим (боқӣ) нагузоштанд. Ва аз коффаи (тамоми) сокинони он ду вилояти биҳиштосо ҷуз мушти атфолу (кӯдакону) аврот (занҳо) ва баъзе аз санноъу (косибону) мӯҳтарифа (ҳунармандон), ки дар рибқаи (ҳалқаи) асор (ресмон) бар якдигар зиндабахш карда буданд ва ба расми абид (ғуломон) таҳниятро ба маъоҳиди (зодгоҳи) хеш фиристода, зинда раҳо накарданд ва одияи (ситами) айсу (харобию) фасоди эшон ба соири дигар ақолими (ҷойҳои) олам адво (таҷовуз) кард ва аз савоиқи (барқҳои) раъду барқшони ақтору (нохияҳою) офоқи ҷаҳон дар ташвиш афтод ва алалҷумла (хулоса) он чи дар ин фитрат бар рӯи аҳли ислом омад ва бар сари уммат гузашт, дар ҳеч давлат бар аҳли миллат нишон надодаанд ва мисли ин воқеаи шаниғу (баду) боқеаи (сахтии) вазеъ (аз ҳад гузашта) дар хеч таърих наёварда. Ва агар чи дар санаи ишрин ва ситтамия (620 ҳ./1223 м) ихтилофи эшон аз бештари мамолик мунқатеъ шуда буд ва ин сӯи об як-ду сол аз хавфи қатлу асари сабоъи (ҳайвонҳои ваҳшии даррандаи) зория (шикорӣ) эмин гашта ва мардумро ба воситаи ҷамъияти баъзе аз фарзандони султон умеди интиошӣ (некӯаҳволӣ) падид меомад ва роиҳаи (бӯи) иртиёшӣ (хушҳолӣ) ба машом мерасид. Маро боре аз касрати тақаллуби (дигаргун шудани) аҳволи Ироку тағаллуби (пурра ғолиб омадани) хаёли муроҷиати татор обе хуш ба гулӯ фурӯ намерафт ва нафасе осуда аз сина барнамеомад ва ба ҳеч ваҷҳ зилзилаи хавфу валвалаи рӯъби (тарси) он қатли бедареғу ғорати шаъ-



во (зиёд), ки ҳизби қаҳри худой ба чанд навбат ҷар чанд шаҳр дида будам ва мушоҳида карда, аз замир гум намешуд. Хосса, ки як-ду карат дар дасти баъзе аз шаҳангони (қалъабонони) Рай афтода будам ва зилли (хории) истихдоми (хидмат хостани) гумоштагони эшон кашида ва аз ин ҷиҳат, дил аз ҷони ширин сер омада ва ҷон аз зиндагонии мусталазз (лаззатгиранда) мутабаррим (безор) шуда, чи ба ҳеҷ сол аз он шиддату меҳнат ваҷҳи халосию маносӣ (гурехтанӣ) намедидам ва аз он азияту балият (бадбахтӣ) мафарру (гурезгоҳу) маҳисе (паноҳгоҳе) намедонистам, то ногоҳ бахти хуфта бедор гашт ва тулӯъи кавкаби саъде аз уфуқи матолеъам рӯй намуд, атроф фароҳам гирифтам ва оиқ (монеа) мунқатеъ (буридашуда) гардонид ва бо ғумузи (чуқурии замин) масолику ноэминии роҳҳо худро ба маъмуни Форс андохтам ва ба ҳусни хидмати худованди подшоҳи саъид Атобак Саъд ибни Зангӣ илтиҷо сохтам ва алҳақ, подшоҳе буд аз маҳзи лутфи худо офарида ва дари ҳуҷраи хоссаи раъфату (меҳрубонию) неъмати ӯ парварида, ҳама фазоили инсонӣ ӯро ҳосилу ҳама шамоили подшоҳӣ ӯро мавҷуд, сурате зебо ва ҳиммате воло, кароме комилу шафқате шомил, базле бедареғу атое бешумор, мардонагӣ касвате (либосе), ки бар ҳадди қадди ӯ дӯхта ва ғарибнавозӣ ояте, ки дар шаънӣ ӯ мунзал (нозил) шуда, мани баноро дар ҳарими ҳомияти хеш ҷой дод ва ба икрому эъзози махзуз фармуд ва бинвохт ва ташрифи гаронмояи махсус кард ва ба маҳалле мармук (намоён) ва маконе мағбут (ҷое, ки дигарон ҳасад мебаранд) бинишонд ва дар муддате наздик ба нуқсону ҳолату кусури маросими хидмат аз муқаррабони ҳазрати хеш гардонид ва ба мартабаи хоси ҳуҷҷоб (пардадорон) бирасонид. Шарафи маҳрамияти (наздикӣ) маҷолиси истинос (унсу улфат гирифтан) мабзул дошт (қаноатманд гардонид) ва ташрифи ҳарифии (ҳамкории) коса ва каъс (ҷоми шаробхӯрӣ) арзонӣ фармуд, то қариби панҷ сол дар зилли (сояи) ворифи (дарози) аворифу (некӯихоию) канафи (паноҳи) авотифи (илтифоти) ӯ фориғулболу (хотирҷамъу) рофиғулҳол (хушҳол) фӣ даъти (роҳату ором гирифтан) миналаши ва сиъати минал-мол умр гузаронидам ва рӯзгор ба сар бурдам. Эзиди субҳонаҳу ва таоло сад ҳазор қанодили (чароғҳои овезони) раҳмат ва ризвонумашили (ҷое, ки дар он оташ афрӯзанд) бушрӣ (башорат) ва ғуфрон (авфи ҷурм)

ба равони поки ӯ бирасонад ва амру мулку маъдалату (адолату) мамлакат халафи сидку валиахди ӯ худованди подшоҳи муаззам, хоқони аъзам, молики риқобул-умам (умматҳо), мавлои (соҳиби) мулуки Араб ва ал-аҷам Атобак Абӯбакр ибни Саъд ибни Зангӣ Носир амирулмӯъминин абадуддаҳр пойдор дорад... ки тахти салтанат ба зебу зинати ин подшоҳи парҳезкор ҷамол ёфтааст ва маснади подшоҳӣ ба нафози (таъсири) авомиру (амрҳою) навоҳии (манъҳои) ин шаҳриёри диндор ороиш гирифта, аҳли хайру саломат пой дар домани амну роҳат кашидаанд ва ҳизби шарру батолат (беҳуда) сар ба гиребони узлату утлат (бекорӣ) фурӯ бурда, абвоби ҷавру ҳайф ба мисмори (мехи) инсофу интисофи (адлу доди) ӯ баста шуда, асбоби рафоҳияти халқ дасти фароҳам дода, арҷоъу (навоҳии) анҳои (гӯшаву канори) мамлакат, ки ба хатавоти (қадамҳои) иқдоми (кӯшишҳои) ҷоира (ҷавркунанда) харобу боир гашта буд, ба юмни эътину ва истеъмори ӯ маъмуру маскун шуда ва масолики мамолик, ки аз тағаллуби (ғолибияти) дуздону тааддии қаттоъи тариқ (роҳзан) маҷҳуру мадрус монда буд, ба ҳусни ҳаросату сиёсати ӯ маслуку (маъмулу) маъмун (беҳавфу хатар) гашта, сокинони қуро (деҳаҳо) ва мазореъ (заминҳои корам), ки ба сабаби ғалоъи (қимат гардидани) сиър (нарх) ва тааззури (душворни) зироат ба ҷило мубтало шуда буданд, аз шумули (фарогирии) маъдалати (адолати) умуми марҳамати ӯ рӯй ба автони (ватанҳои) маълуф (одаткарда) бозниҳода, қаҳту тангии навоҳӣ аз юмни нақибати (хиради) ӯ бар хасу фароҳӣ мубаддал шуда, авотифи (меҳрубониҳои) лутфи ӯ соя бар сари мутазаллимон (зулмдидагон) афканда ва авосифи қаҳри ӯ дарахти зулму удвон аз бех барканда ва мизоҷи тоати ҳашму лашкар, ки аз қонуни сиҳати ихлос мунҳариф шуда буд, ба савоби тадбири ӯ аз эътилол (беморӣ) ба ҳоли эътидол (миёна) бозомада, аҳво (орзуҳо) ва ороъи (раъйҳои) уманою (вакилону) умаро (амирон), ки дар интиҳоҷи (пайдо ва равшан гардонидани роҳ) маноҳиҷи (роҳҳои рост) убудият (хидматгузорӣ) мутафаррику мухталиф гашта буд, ба лутфи истимолати (дилҷӯии) ӯ бар сулуки ҷодаи (роҳи рости) истиқомат мӯъталифу (дӯсти наздику) муттафиқ шуда, ҷамоати мутамарридон (саркашон), ки ба маъокили (паноҳгоҳҳо) шиоф (сари кӯҳ) ва мазоиқи (ҷойҳои танг) шиъоб (дараҳо) таҳассун (маҳкам) карда



буданд ва пой аз доираи фармонбардорӣ бозгирифта ба маёмини шаҳомати (бузургии) ӯ даҳо ва маҳосини ҳасофати (устувории) рои анвари (пурнури) худойгонӣ лутфан ва анфан (дуруштию дағалӣ) сар бар хатти инқиёд (итоат) ниҳода ва рибқаи (юғи) тоатро гардан дода ва дасти татовул (таҷовуз) дар остини хештандорӣ кашида ва рӯи дил ба ихлоси бандагии даргоҳи ҷаҳонпаноҳ оварда ва пушти фароғ ба девори амну амон боздода, кӯҳҳо аз мутағаллибон (ғолибон) холӣ шуда ва роҳҳо аз мутасаллитон (фармонравоён) эмин гашта, корвонҳо аз атрофу навоҳӣ бе заҳмат ва маунати (таъминоти) боҷу бадрақа (нигаҳбон) меоянду меравăнд ва барзгарон дар мавозеъи дурдасту маҳовии муҳиб (боҳайбат) фориғу озод тухм мекоранд ва медараванд. Чи боре азза шаънаҳу ва амма эҳсонаҳу зоти мутаҳҳари (поки) он подшоҳи динпарвари адлгустарро аз кароими шамоили (хислатҳои) писандида ва ҷалоили (бузургиҳои) фазоили (фазилатҳои) гузида офаридааст. Ва либоси ҳифзи исмати хеш аз замоими (зиштиҳои) афъолу разоили (бадиҳои) аъмол дар ӯ пӯшида ва ба рӯи хубу хулқи хуш ва сирати некӯю иффати (покии) нафс ва покии замиру улувви (баландии) ҳиммат ва дурустии ваъду (ваъдаю) вафои аҳд ва раҷоҳати (фарзонагии) ақлу самоҳати (сареҳии) табъ ва вақору (тамкину) анот (қаноат) ва ҳазму (ҳушёрӣ) сабот (пойдорӣ) ва сахою шуҷоат ва закою (фаросату) киёсат (зиракӣ) ва ҳилми босиёсат ва тавозӯъи бомуҳобот ва афви боқудрат... Алалҳақиқат (дар ҳақиқат), мафохиру маосири (корҳои писандидаи) он подшоҳи валисирати фариштасифат беш аз он аст, ки ушри ашири (садяки) он дар садри китобе ё дебоҷаи таълифе шарҳ тавон дод ва андаке аз бисьёри он дар қалам тавон овард, балки тӯлу арзи он манокиби (ситоишҳои) бекарон аст ва аснофи (навъҳои) алтофи (лутфҳои) борӣ ҷалла (бузургу) ва ало (олӣ) дар ҳаққи он зоти карим чун наъими аҳли биҳишт бепоён ва ҳар итноб (суханн зиёд), ки дар он боб равад, ҷуз ба аҷзу қусур накашад ва ҳар исҳоб (бисьёр гуфтан), ки дар тақризи он ҷаноб тақдим афтад, ҷуз ба тафриту (кӯтоҳӣ карданн) тақсир (нуқсон) нарасад ва лоиқи он ҳол абьёти Масъуди Саъди Салмон аст, ки соҳиби «Қалила» дар дебоҷаи китоби хеш эрод кардааст:

Шеър

Агар мамлакатро забон бошаде,
Саногӯи шоҳи ҷаҳон бошаде.
Раҳни ту гар сад даҳон дораде,
Ки дар ҳар даҳон сад забон бошаде.
Бад-он сад забон сад луғат гӯяде,
Ки дар ҳар луғат сад баён бошаде.
Банон гардаде мӯйҳо бар танаш,
Дусад килк дар ҳар банон бошаде
Пас он килкҳо в-он забонҳо ҳама,
Ба мидҳати равону давон бошаде.
Набишта чу бо гуфта ҷамъ омадӣ,
Ва гар чанд бас бегарон бошаде.
Зи сад достон, к-он санои турост,
Ҳамоно, ки як достон бошаде.

...Ва чун ба фарри давлати ин подшоҳи диндор вилоёт эмин аст ва аз сарҳадҳо фароғат ҳосил. Ва аз ин ҷиҳат дар бештари авқот дорулмулки (шаҳри марказии мамлакат) Шероз муаскари (лашкаргоҳи) маймун (муборак) шудааст ва маркази роёти мансур (ғолиб) гашта, маро дар ин муддат бо афозили Форс, ки фаворисча (саворони) майдони фазл ва амойили ҳунаранд, ҳар як дар тафаннуни улум баҳре зохиру (пуробу) дар табарруз (нишон додани) одоб шамсе толеъ, ихтилоте (омехтагие) иттифоқ меафтод ва дар хидматашон аз ҳар навъ баҳсе мерафт. Магар шунида буданд, ки пеш аз ин дар фанни илми шеъру маърифати маъойири он оғози таълифе кардаам ва буньёди муомарае (машваратe) ниҳода, аз ман истикшофи (пурсиши) он ҳол карданд ва мусаввадаи он ҳамехостанд. Ва ман ба ҳукми он ки дар таҳрири он таанnуқе (нафосате) накарда будам ва бештари он аз сари парокандагии хотир ва кӯфтагии табъ дар қалам оварда, ба он ки дар садамати (зарбаи) ҳуҷуми куффору ҳазимате (мағлубияте), ки ҳашами (давлатмандони) султону султонзодагонро дар ҷимодиулаввал санаи сабъа ашарат(а) (617 ҳ./1221 м. дар назар дошта шудааст) ба пои қалъаи Фаразин афтод, ҷумлаи он аҷзо бо соири (тамоми) кутуби нафис, ки пайваста мустаҳсиби (ҳамроҳи) он будаме, зоеъ шуда буд ва берун аз ҷузве чанд мубаттар (қатъ кардашуда), ки баъд аз муддате мадид бар дасти баъзе аз мазореъи (киштзорҳои) он кӯҳпойҳо ба ман бозрасида буд, надоштам. Онро аз бештари аҳли фазл пинҳон медоштам ва ба изҳори он бар ҳар касе далерӣ наменамуд(ам), то агар дар он ҷи аз муншаоти табъ аст, таҳрифу тағйире афтода бувад, пеши асҳоби синоат ба қиллати (камии) бизоат (қобилият) матъун (мавриди таъна ва маломат) нагардам ва ба наздики арбоби бароат (фазилат) ба забони шаноат (қабоҳат) малсун (забонкӯтоҳ) нашавам. Аммо аз касрати илҳоҳи он азизон бақияти он аҷзо дар миёни мусаввадоти дигар талаб кардам. Ва баъд аз тамҳиди (тайёр кардани) узру илтимос иғзоъ (чашмпӯшӣ) бад-эшон намуд(ам). Ва эшон чун бар тартибу таҳзиби (ислоҳ кардани) он воқиф гаштанд ва аз муқаддимаи он тарзи сухану тақрири (баёни) маъонӣ, ки муҳаррари (навишташудаи) хост шуд, тафаррус (чизеро аз рӯи фаросат бо аломат ва осораш дарёфтан) кард. Ҳама ба атрою (ситоишу) иртизои (хурсандии) он муттафиқулкалима (ҳамфикр) шуданд ва маро бар итмоми он таҳризе (таъкиде) тамом намуд(анд). Ва гуфтанд, агар то ин ғоят бардорише (фурсате) набудааст ва фароғи хотире даст надода, акнун боре ҳеч узр нест ва аз ҳеч ҷониб мушавваше не. Ҳароина (ҳатман) ин таълиф ба охир бояд расонид ва дар ҷамъи он ҷидде намуд, ки дар ин фанн ҷомеътар аз ин таснифе насохтаанд ва дар ин навъ муфидтар аз ин ҷамъе накарда. Пас ба истисвоби (савобдиди) он дӯстон алавди аҳмад бархондам ва рӯй ба итмоми он овардам, то дар муддати наздик ҳам бар наски (тартиби) аввал ба охир расонидам ва бар маҳакки табъу қодди (роҳбарии) эшон задам ва эшон аз он ҷо ки ғарибдӯсте аҳли ҳунару айбпӯше арбоби фазл аст, онро ба айнурризо (чашми ризо) малҳуз (эътибор) доштанд ва аз таҳсину офарини хеш маҳзуз (баҳраманд) гардонид(анд). Аммо ҷамъе дигар аз табақаи зурафою (донишмандону) ҳалқаи шуаро, ки дар эъҷози назми порсӣ дами исавӣ зананд ва дар ибрози (баёни) оёти маонии дарӣ яди мусавӣ намоянд, ба ҳукми он ки бинои он таълиф бар луғати тозӣ аст, бар он даққе (айбҷӯӣ) гирифтанд ва дар он қадҳе (таъна) карданд ва гуфтанд: «Ду тасниф дар як силк кашидану ду луғатро (забонро) ба як иборат шарҳ кардан, ки фоидаи он бар як қавм мақсур бошад ва ҳар якро аз аҳли он ду луғат истифои (ҳаққи) ҳаззи (ҳиссаи) хеш аз он мумкин нагардад, ваҷҳе надорад. Ва маъҳуди (одати) арбоби тасониф (таълифҳо) он аст, ки дар таълифоти

порсӣ ашъори тозӣ нависанд ва фусули (фаслҳои) арабӣ, ки бад-он эҳтиёҷ афтад, дарҷ кунанд, на он ки дар мусаннафоти (китобҳои) тозӣ ашъори порсӣ оранд ва шарҳу нақди луғати дарӣ кунанд. Ва хам аз ин ҷиҳат Хоҷа Эмом Рашиди Қотиб чун хост, то дақоиқи синоати ашъори тозию порсӣ баён кунад ва дар ҳақоиқи маснуъоти он таълифе созад, бинои китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» бар луғати порсӣ ниҳод ва дигар синоoти шеърию шарҳи бадоеъи каломе дар он ҷамъ ба луғати дарӣ овард, чи донист, ки фоидаи он амтар (оммавитар) бошад ва рағбати аксари мардум ба мутолиаи он бештар бувад, аз баҳри он ки ҳар мустаърибро (арабидонро) қуввати идроки луғати порсӣ бошад ва ҳар шоири порсигӯйро пояи маҳорат дар луғати араб набувад. Пас бино бар ин қазият (фармон) туро аз он мутаввал (дарозшуда) ҳар чи насибаи мост, интихоб бояд кард ва ба саёқати (равиши) порсӣ дар иборат овард, ки арӯзу қавофии порсӣ ҳам ба порсӣ беҳтару шарҳи ашъори дарӣ ҳам ба дарӣ хуштар, то мо низ аз фоидаи он моида (дастархон) маҳрум набошем ва баду неке, ки дар ин боб ба мо ҳавола кардай, неку бади он бидонем. Ва агар бар муқаддимае аз он суоле дарояд, ба тариқи истифодат бигӯем ва агар ту онро ҷавобе дилпазир гӯӣ, ба самъи қабул бишунавем». Чун ин матолибро тавҷеҳе (шарҳе) тамом буд ва ин шикастагӣ аз сар дурустӣ талабе менамуд, бар мӯҷиби (мувофиқи) дархости эшон рафтан лозим дидам. Ва итлоби (додану бахшидани чизи хостаршудаи) суолу асъофи (иҷро кардани ҳоҷати) масъули (хоҳиши) эшон воҷиб донистам. Ҳар чи дар он таълиф ба луғати порсӣ бозмегашт, дар ин мухтасар фароҳам овардам ва маҷмӯъи онро ду қисм кардам:

Қисми аввал дар фанни арӯз.

Қисми дуввум дар маърифати қавофӣ ва илми шеър. Ва номи китоб: «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» ниҳодам ва ба риштаи саррофони (нуктасанҷони) сухан ва нокидони (суханфаҳмони) ҳунар фиристод(ам). Умед чунон аст, ки ба айнурризо (чашми ризо) малҳуз (мулоҳиза) шавад ва маҳалли (мавриди) иртизои (писанди) афозил (донишмандон) гардад.

## ҚИСМИ АВВАЛ

## ДАР ФАННИ АРӮЗ

Ва ин қисм ҷаҳор боб аст:

Боби аввал, дар маънии арӯз ва шарҳи аркону (рукнҳою) зикри асомию (номҳою) алқобе (лақабҳое), ки дар ин фанн мусталаҳи (истилоҳи) аҳли илм аст.

Боби дуввум, дар зикри аҷзоъ (ҷузвҳо) ва авзоне, ки аз таркиби аркони арӯзӣ ҳосил шавад.

Боби саввум, дар зикри тағйироте, ки бад-он аҷзоъ лоҳақ (лоҳиқ) гардад ба фурӯъи афоъил, ки аз он муншаъиб (ҳосил) шавад.

Боби чаҳорум, дар зикри буҳури қадиму ҳадис (нав) ва нақши давоир ва тақтеъи абьёт ва факки (ҷудо кардани) аҷзоъи буҳур аз якдигар.

### БОБИ АВВАЛ

### ДАР МАЪНИИ АРӮЗ ВА ШАРҲИ АРКОНУ (РУКНҲОЮ) ЗИКРИ АСОМИЮ АЛҚОБЕ, КИ ДАР ИН ФАНН МУСТАЛАҲИ (ИСТИЛОҲИ) АҲЛИ ИН ИЛМ АСТ

Бидон, ки арӯз мизони каломи манзум аст, ҳамчунон ки наҳв мизони каломи мансур аст. Ва онро аз баҳри он арӯз хонанд, ки маърӯзи алайҳи шеър аст, яъне шеърро бар он арз кунанд, то мавзуни он аз номавзун падид ояд ва мустақим (саҳеҳ) аз номустақим (носаҳеҳ) мумтоз гардад. Ва он фаӯле аст ба маънии мафъӯл, чунон ки рукуб ба маънии маркуб ва ҳулуб ба маънии маҳлуб. Ва бинои авзони арӯз бар «фо» ва «айн»-у «лом» ниҳоданд, ҳамчунон ки бинои авзони луғати араб, то тасрифи авзони луғавӣ ва шеърӣ бар як насақ (тартиб) бошад ва чунон ки луғавиён гӯянд: зарб бар вазни фаъл аст ва зориб бар вазни фоил ва мазруб бар ваз-

ки мафъул. Арӯзиён гӯянд: «нигорино» бар вазни «мафойлун» аст ва «нозанино» бар вазни «фоилотун» ва «дилдори ман» бар вазни «мустафъилун». Ва «нун»-и танвин дар афоили арӯзӣ бинвисанд, то мактуб (навишт) ва малфузи (талаффузи) авзон дар ҳуруф яксон бошад ва дар факки (берун овардани) аҷзоъи буҳур аз якдигар иштибоҳ наяфтад. Ва ин фанн дар маърифати аҷнос ва авзони шеър илме мӯҳтоҷ илайҳи (ба вай эҳтиёҷ) аст ва дар шинохтани саҳеҳу муъталли (носаҳеҳи) ашъор меъёре дуруст. Ва он чи баъзе шоирони кӯтоҳназар гӯянд, ки мақсуд аз илми арӯз он аст, то мардум бар назми калом қодир гарданд ва чун росттабъ дар маърифати мавзун ва номавзуни сухан бад-он мӯҳтоҷ нест. Ва каҷтабъро, ки дар ҷибиллат (сиришт) истеъдоди вазну завқи маърифати он набошад, ба воситаи арӯз тахриҷе намеафтад, фанни арӯз илме беманфиат ва таҳсиле мустағнӣ анҳу (нодаркор) бошад, хатои маҳз асту ҷаҳли сирфу долл аст бар он ки фоили он на аз илми асрори шоирӣ баҳра дорад ва на аз маърифати манофеъи улум насибе. Ва муқаддимаю натиҷаи ин даъво ғалат аст, чи ҳар чанд мумкин аст, ки каҷтабъро ба муморасати (машқи) ашъор ва тӯли мудовамат (давом додан) бар тақтеъи абъёти мухталиф қариҳати истиқомат пазирад ва сикари (банди) табъ кушода шавад, то назми шеър даст диҳад ва мутакаллифи ашъори ӯ матбӯъ гардад. Аммо вазъи ин фанн худ на аз баҳри он аст, то касе шеър гӯяд ё бар назми сухан қодир шавад, балки мақсуди аслӣ аз ин илм маърифати аҷноси шеър ва шинохтани саҳеҳу мутакассири авзон аст. Барои он ки шеър гуфтан ба ҳеҷ сабил воҷиб нест, лекин маърифати ашъори манзум ва авзони мақбул барои шарафи нафсу донистани тафсири калом лозим аст. Ва агар дар тақйиди (ба қайду банд гирифтани) баъзе абъёт, ки дар ин абъёт мусташҳад биҳи тавонад буд, аҳмоле (гароние) рафта бошад ё дар китоби он ҳарфе ё калимае аз қалам афтода, адиби арӯзии бақувват маърифати авзон ва донистани усули аҷзои буҳур, ваҷҳи савоби он бозтавонад ёфт ва шоири моҳир ба муҷарради табъи рост бар муташобеҳоти он воқиф натавонад шуд. Ва бисьёр афтад, ки шоир дар қасидаи хеш аз вазне бар вазне равад ё зиёдат ва нуқсоне ба аҷзоъи шеъри хеш дарорад ва чун аз усули авзон бехабар бошад, бар он шуур наёбад, чунон ки бештар фаҳлавиёт, ки ағлаб арбоби табъ мисроъе аз он



бар мафойлун мафойлун фаӯлун, ки аз баҳри Ҳазаҷ аст, мегӯянд ва мисроъе бар фоилотун мафойлун фаӯлун аст, ки баҳри Мушокил аст аз буҳури мустаҳдас (нав), мегӯянд ва гоҳ-гоҳ фоилотунро ҳарфе дармеафзоянд, то фойлотун мешавад ва мафъӯлотун ба ҷои он мениҳанд ва бар мафъӯлотун мафойлун фаӯлун фаҳлавӣ мегӯянд ва онро бар мафойлун мафойлун фаӯлун меомезанд ва мустаҳсан (писандида) медоранд, аз баҳри он ки илм надоранд ва усули афоил намешиносанд. Ва бошад ки назме аз гуфтаҳои устодони мутақаддим бад-ӯ расад ё касе ӯро бар сабили имтиҳон аз вазну тақтеъи шеъре мушкил бипурсад. Чун табъи ӯ аз он бегона бошад, аз ӯҳдаи ҷавоби он тафассӣ (раҳоӣ ёфтан) натавонад кард, чунон ки Хуршедӣ гуфтааст:

Байт

**То кай гирьӣ зи ишқу то кай нолӣ,**
**Суде надорад гиристан, чӣ сиголӣ?**

Ва ағлаби шуаро, ки ба муҷарради табъи рост шеър гӯянд, ин байтро мункасир (шикасташаванда) шиносанд ва дар мисроъи охирини он халале пиндоранд. Ва алалҳақиқат (дар ҳақиқат) мухолифати асл дар мисроъи нахустини ин байт беш аз он аст, ки дар мисроъи дуввум ва эшон чун азоҳифи (зиҳофҳои) баҳри Мунсареҳ нек надонанд, мисроъи нахустинро ба сабаби он ки бар вазни дубайтӣ афтодааст, росттар пиндоранд, зеро ки вазни рубоиёт маълуфи тибоъ (одатшуда) аст ва мутадовили хосу ом.

Ва чун бад-ин муқаддима эҳтиёҷи арбоби фазл ба илми арӯз муайян шуд, бидон, ки ақалли (камтарини) шеър миқдоре бошад аз каломи манзум, ки чун шоир аз назми он фориғ шуд ва бар охири он вақф (тавақкуф) кард, аз сар гирад ва дигаре мисли он оғоз кунад ва ҳарфи охири ҳар якро ба ҷинси хеш дар ҳар байт мукаррар гардонад, яъне ҳар якро бар ҳамон ҳарф хатм кунад, ки дигареро. Ва ин миқдорро байт хонанд ва байт дар луғати араб хона бошад. Ва иштиқоқи он аз байтутат аст, яъне шаб гузоштан. Ва хонаро аз баҳри он байт хондаанд, ки ҷои шаб гузоштан аст. Чи мардум ғолибан ба шаб мулозимати хона беш аз он намоянд, ки мулозимати ҷои дигар, ки на хона бошад. Ва ҳамчунин байти шеър биное аст аз калом, ки мулозимати он ба забту андеша, алалхусус, дар шаб, ки авони

(вақти) хилват ва вақти фароғ аст, беш аз он бошад, ки мулозимати ҳамон миқдор аз каломи мансур. Ва ҳар байтро ду нима бошад, ки дар мутаҳаррикот ва савокин (сокинҳо) ба ҳам наздик бошанд ва ҳар нимаро мисроъе хонанд ва дар луғати арабӣ аҳади мисроъе албоби (дари) якпора бошад аз даре дулахтӣ, яъне ҳамчунон ки аз даре дупора ҳар кадом, ки хоҳанд фарозу (пӯшидану) боз тавон кард ба дигаре. Ва чун ҳар ду ба ҳам фароз кунанд (яъне пӯшанд), як дар бошад. Аз байти шеър ҳар кадом мисраъ, ки хоҳанд иншо ва иншод тавон кард ба дигаре ва чун ҳар ду ба ҳам пайвандад, як байт бошад. Ва ба ҳукми он ки бинои каломи мансур бар идроҷу (дарҷ кардану) иттисол (пайвастагӣ) бувад, бинои каломи манзум бар маҷодири мунфасил (ҷудошуда) мутакаррири (такроршаванда) мусаҷҷаъ (қофиянок)-ул-авохир ниҳоданд ва ҳар миқдорро байте хонданд ва саҷъи охири онро қофия ном карданд. Ва сукуни ҳарфи охири он лозим дошт ва бар он вақф кард (яъне истод), то вуҷӯҳи (бартарии) каломи манзум аз мансур мумтоз бошад.

Ва аз ғояти ҳирсе, ки бар он имтиёз доштанд, байтро ду нима карданд, то пеш аз он ки байт тамом шавад, ба воситаи вақфе, ки бар охири мисроъи аввал афтад, ин имтиёз ҳосил ояд ва мустамеъро (шунавандаро) ҳар чи зудтар назми он муҳаққақ гардад. Ва низ тавонад бувад, ки як нафас ба иншоди (сурудани) байте тамом вафо накунад ва пеш аз итмоми он ба таҷдиди нафас эҳтиёҷ афтад ва бад-он сабаб силки назм мунқатеъ гардад ва мустамеъро шеър мухтал (халалдоршуда) шавад. Пас нимаи байтро маҳалли (мавқеъи) вақф гардониданд, то ҳам дар иншод (сурудан) саҳл ояд ва ҳам назми он шунавандаро ба зудӣ равшан шавад. Ва бибояд донист, ки арӯзиён ҷузви аввалро аз мисроъи аввал *садр* хонанд ва ҷузви охирини онро *арӯз* гӯянд ва ҷузви аввали мисроъи дуввумро *ибтидо* хонанду ҷузви охири онро *зарб* гӯянд ва аҷзои миёни садру арӯз ва ибтидою зарбро *ҳашв* хонанд, яъне огини (моломоли) миёни аввалу охири масореъ (мисраъҳо). Ва мурод аз лафзи садру ибтидо аввали мисроъ аст ва ихтилофи асомӣ барои суҳулати (осонии) тамйиз (тафовут). Ва мешояд ки ҳар ду оғозро садр гӯянд ё ибтидо ва аммо ҷузъи охирини мисроъи аввалро аз баҳри он арӯз хонданд, ки гӯё қивоми (асоси) байт бад-ӯст. Ва *арз* хаймачӯбе бошад, ки хайма



бад-он қоим (устувор) монад ва чун мисроъи аввал бад-ин ҷузъ тамом шуд, маълум шавад, ки ин байт бар кадом вазн хоҳад омад ва аз кадом баҳр мунбаис (фиристода) хоҳад шуд, он ки мисроъи дуввумро бар он минвол назм диҳанд, то шеър гардад. Ва ҷузъи охирини байтро аз баҳри он зарб хонданд, ки зарб ва зариб дар каломи араб навъу масал бошад ва авохири абьёт дар баъзе сифот амсоли якдигар бошанд ва низ алалаксар ин ҷузви қофия бошад. Ва қавофӣ бар анвоъ аст, чунон ки дар қисми қавофӣ шарҳ дода ояд. Пас ҷузъи охирини байт зарбе аст аз зуруби авохири ашъор, яъне навъест аз анвоъи қавофӣ. Ва яке аз арӯзиёни аҷам гуфтааст, ки ҷузви охирини байтро аз баҳри он зарб хондаанд, ки қиёми (мавҷудияти) байт бад-ӯст. Яъне чун одат чунон аст, ки гӯянд: зараба ал-хаймата ва зараба ал-хибоъ ва дар порсӣ гӯянд: хайма бизад ва хиргоҳ бизад ва ҷузъ ба зарб зи хаймаю (хибо) хиргоҳ ва монанди он манфиати сукуне ва байтутат ҳосил намешавад. Ва ҳамчунин бе ҷузви охирин каломи манзумро шеър намехонанд. Пас онро зарби байт хонданд ва ин маънӣ ҳам бад нест. Ва чун гуфтем, байти шеърро ба хона ташбеҳ кардаанд ва хонаи араб ғолибан хайма ва хибо (хиргоҳ) ва монанди он будааст, ки аз пашму мӯй созанд ё аз шохи дарахт бардоранд ва бештар онро баъд аз сутуне, ки бад-он қиём ёбад, аз танобе, ки бад-он кашида шавад ва мехе, ки бад-он устувор монад ва шараҷе (банди хайма), ки фосила миёни доманҳо бошад, чора набувад. Пас мадори авзони арӯз бар ин се рукн ниҳоданд: *сабабу ватаду фосила*. Сабаб таноб бошад, ватад мехи чӯбин ва фосила ҷудоии миёни ду доман. Ва сабабро ду навъ ниҳодаанд — *хафиф* ва *сақил*. Сабаби хафиф як мутаҳаррик ва як сокин аст, чунон ки «нам» ва «дам» ва онро аз баҳри он хафиф хонданд, ки сабук дар лафз ояд ва олати нутқ аз талаффузи он зуд фориғ шавад. Ва ваҷҳи ташбеҳи ин рукн бар «син» он аст, ки ҳамчунон ки танови хайма гоҳе тамом бикашанд ва гоҳе кӯтоҳтар кунанд. Ин рукнро низ дар баъзе афоили арӯзӣ гоҳ тамом ва дуруст биёранд ва дар баъзе ба *хабну қаср* кӯтоҳ кунанд ва сокини онро биандозанд, чунон ки ба ҷои хеш гуфта шавад. Ва ин рукнро дар усули авзони арӯз нӯҳ мисол аст: «фо» ва «лун» аз фоилун ва фоилотун, «мус» ва «таф» аз мустафъилун, «ӣ» ва «лун» аз мафоилун, «маф» ва «ӯ» аз мафъӯ-

лоту, «ло» аз фоилотун ва сурати хатти он дар истилоҳи арӯзиён «ҳо»-ест якчашма монанди он ки дар арқоми (маъхази) ҳинд онро сифр хонанд. Ва «алиф»-е монанди он ки дар ҳисоби ҷумал онро яке ниҳанд. Бар ин мисол 10-ҳо аломати мутаҳаррик ва «алиф» аломати сокин. Ва аз баҳри он «ҳо»-ро аломати мутаҳаррик ниҳоданд, ки дар авохири баъзе калимоти тозӣ ва порсӣ ҳарфи «ҳо» аломати ҳаракати моқабл аст. Аммо дар тозӣ, чунон ки дар Қуръони Маҷид аст, моағно аннӣ молия ҳалака аннӣ султония, ки чун дар вақф хоҳанд, ки «ё»-и мутакаллимро (гӯянда) чун молия ва султония мутаҳаррик гардонанд, «ҳо»-е бад-он илҳоқ (пайваст) кунанд, то далели фатҳаи моқабли хеш бошад ва маҳалли (ҷои) вақфи (таваққуфи) мутакаллим гардад. Аммо дар форсӣ чунон ки «ханда», «гирья» ва «ҷома», «нома», ки ҳарфҳо дар мисли ин калимот малфуз набошад ва ҷуз барои далолати ҳаракати моқабли хеш дар қалам наояд ва ҷуз зарурати қофиятро ба ҳарфе махсуб нагардад, чунон ки дар қисми қавофӣ баён кунем. Ва аз баҳри он «алиф»-ро далели сукун гардониданд, ки «алиф» абадан сокин бошад ва чун мутаҳаррик шавад, онро ҳамза хонанд. Ва сабаби сақил ду мутаҳаррики мутаволӣ (пай дар пай) аст, ки бо он ҳеч сокин малфуз нагардад, чунон ки «ҳама» ва «рама», ки ҳарфи «ҳо» дар ин калимот малфуз нест. Ва онро аз баҳри он сақил хонанд, ки ду мутаҳаррики мутаволӣ дар лафз гаронтар аз як мутаҳаррик ва сокине ояд ва дар усули афоили арӯзи тозӣ онро ду мисол аст: «ила» аз мафоилатун, «мута» аз мутафоилун ва сурати хатти он дар арӯз ду сифр аст бар ин мисол оо[1]. Ва ватад низ ду навъ аст: мақрун ва мафруқ. Ватади мақрун ду мутаҳаррику сокинест, чунон ки «агар» ва «магар» ва ба ҳукми он ки ҳар ду мутаҳаррики ин рукн муқорини (наздики) якдигаранд, онро мақрун (наздикшуда) хонданд ва маҷмӯъ низ гӯянд. Ва ваҷҳи ташбеҳи ин рукн ба ватад он аст, ки мех ҳар куҷо фурӯ кӯбанд, собит ва устувор монад ва ҷуз ба қатъи чизе аз сару буни он кам натвон кард ва ин рукн дар бештари афоили арӯзӣ собит ва тамом бошад ва тағйироте, ки асбоб (сабабҳо) лоҳиқ гардад, бад-он роҳ наёбад, магар ки дар аввали байт ҳарфе аз аввали он қатъ кунанд ё дар охири байт ҳарфе ва ҳаракате аз охири он кам кунанд ва онро дар усули афоили арӯзӣ чаҳор мисол аст: «фаӯ» аз фаӯлун; «мафо» аз мафойлун ва



мафоилатун; «илун» аз фоилун ва мустафъилун ва мутафоилун, «ило» аз фоилотун. Ва сурати хатти он дар арӯз ду сифр аст ва ҳатте бар ин мисол: 100

Ва ватади мафруқ ду мутаҳаррик аст бар ду тарафи сокине, чунон ки «нола» ва «мола», ҳарфи «ҳо» дар ин калимот низ малфуз нест ва онро дар усули афоили арӯз се мисол аст: «лоту» аз мафъӯлоту, «фои» аз фоилотун, «тафъи» аз мус-тафъи-лун ва сурати хатти он ду сифр аст бар ду тарафи хатте бар ин мисол: %. Ва ба ҳукми он ки мутаҳаррикони ин рукн аз якдигар ҷудо афтодаанд, онро ватади мафруқ хондаанд. Ва фосила низ ду навъ аст: суғро ва кубро. Фосилаи суғро се мутаҳаррику сокине аст, чунон ки «чӣ кунам», «бидиҳам» ва онро дар усули афоили арӯзи тозӣ ду мисол аст: «илатун» аз мафоилатун; «мутафо» аз мутафоилун ва сурати хатти он се сифр аст ва хатте бар ин мисол 1000. Ва фосилаи кубро чаҳор мутаҳаррик аст ва сокине, чунон ки «бидиҳамаш», «бибарамаш». Ва онро дар усули арӯзӣ мисоле нест ва дар фурӯъ ва муншаъиботи афоил ҷуз аз мустафъилун нахезад ба зиҳофе, ки онро хабал (фасод ва табоҳии узв) хонанд, чунон ки аз мустафъилун «син» (с) ва «фо» (ф) биандозанд, мутаилун бимонад, фаилатун ба ҷои он биниҳанд, то тартиби «фо» ва «айн»-у «ло», ки бинои зарби авзон бар он аст, дар он маръӣ (намоён) бошад. Ва онро фосилаи кубро аз баҳри он хонданд, ки ғояти мутаҳаррикот мутаволӣ (пай дар пай) аст, ки дар каломи манзум тавонад буд ва истеъмоли он дар ашъор аз нақле холӣ нест. Ва чун чаҳор мутаҳаррику сокине фосилаи кубро бошад, се мутаҳаррику сокине суғро бувад ва ваҷҳи ташбеҳи ин рукн ба фавосили хайём (хаймадӯз) он аст, ки шарҳи хайма муаққади (гиреҳ) ду таноби асл ва маҷмӯи ду домани хайма аст ва ин рукн низ дар арӯз ё муаққади ду сабаби хафифу сақил аст ё маҷмӯаи сабаби сақил ва ватаде маҷмӯъ. Ва Абулҳасани Ахфаш, ки яке аз кибори аиммаи (бузургони) наҳву луғат будааст, фосилаҳоро аз аркон намениҳад ва мегӯяд: «Аркони арӯз беш аз сабабу ватад нест ва фосила ҷузвест аз аҷзои афоили арӯзӣ, яке мураккаб аз ду сабаб ва яке мураккаб аз сабабею ватаде». Ва тақрири ин қавл он аст, ки чун ба иттифоқи арӯзиён сабаб мунқасим (тақсимшуда) аст бар хафифу сақил. Ва сабаби сақилро ҷуз дар фосилаҳо вуҷуд нест. Лозим ояд, ки фосилаҳо аз аркон набошад ва илло дар тақсими сабаб

бар хафиф ва сақил ҳеч фоида набувад. Ва аз ин тақсим тадохули (даромадани) аркон лозим ояд. Ва аммо тақрири (тасдиқ кардани) қавли ҷумҳур (умум), ки фавосилро аз аркон мениҳанд (яъне медонанд), он аст, ки арӯзиён мадори авзони ашъори азб (форам) дар ҷамъи луғот бар мутаҳаррикею сокине ва ду мутаҳаррику сокине ва се мутаҳаррику сокине ёфтанд. Як мутаҳаррику сокинеро сабаб ном карданд ва ду мутаҳаррику сокинеро ватад ва се мутаҳаррику сокинеро фосила. Баъд аз он чун диданд, ки дар баъзе ашъори араб чаҳор мутаҳаррику сокине иттифоқ меафтод, ба ҳукми он ки дар адади мутаҳаррикот бар насқи (низоми) фосилаи аслӣ буд, онро ҳам фосила хонданд ва ба сабаби дурии он дар табъу хуруҷи он дар касрат мутаҳаррикоти мутародиф аз эътидол онро кубро ном ниҳоданд ва фосилаи аслиро суғро. Пас чун фосила ду қисм шуд ва ватад худ ҳам ба табъу ҳам дар истеъмол ду навъ бувад, яке мақрун ва яке мафруқ. Хостанд, ки сабабро низ ду қисм ниҳанд, то ҳар се рукн дар тақсим мушорик (ба ҳам шарикшаванда) бошанд ва дар он мутасовӣ. Ва чун бинои сабаб бар мутаҳаррике ва сокине бувад, дар он низ ду қисм беш мумкин набвад, яке он ки ҳарфи нахустин мутаҳаррик бошад ва дуввумин сокин. Ва яке он ки ҳар ду мутаҳаррик бошанд ва ба сабаби он ки маҷмӯъи ин ҳар ду қисм дар фосила ёфта мешуд ва аз фосилаҳо яке дар бештари тибоъ хафиф ва матбӯъ бувад, яке сақил ва мутакаллиф. Ин қисмро аз ин сабаб сақил хонданд ва сабаби аслиро хафиф ном карданд, то абнияи (бинои) арӯзӣ бар ду сабаб ва ду ватад ва ду фосила тамҳид ёфт (омода гардид) ва мусовот дар тақсиму танаввӯъ (гуногунӣ) падид омад ва ҳар чи мадори чизе бар он бошад, шояд ки онро рукни он чиз хонанд, агар чи дар баъзе аз он навъ таркибе тасаввур тавон кард.

## ФАСЛ

Ва аммо иллати он ки дар аркони арӯзӣ ибтидо ба сабаби хафиф карданд, он аст ки ақалли ҳуруфе, ки мардум бад-он нотиқ тавон шуд, ду ҳарф аст: нахустини он *мутаҳаррик*, то бад-он ибтидои калом кунад ва дуввумин *сокин*, то бар он вақф (ист ва таваққуф) кунад ва хомӯш гардад, чи ибтидои калом



ҷуз ба ҳарфе мутаҳаррик натавон кард ва вақф ҷуз бар ҳарфе сокин мумкин нагардад, аз баҳри он ки вақф хомӯш шудан аст ва хомӯшӣ фанои савту сукуни олати нутқ аст ва ба ҳеч ваҷҳ фанои савту сукуни олати нутқ ҳаракат набувад. Ва ҷумҳури аиммаи наҳв ва луғат ва кофаи (ҳамаи) асҳоби арӯз муттафиқанд бар он ки ибтидо ба ҳарфи сокин ва вақф бар ҳарфи мутаҳаррик мақдури (имкони) башар нест ва Ибни Дарствейҳи Фасоӣ аз вилояти Форс дар ин боб хилофи мумкинон кардааст ва рисолате дар имкони ин ду мустаҳил (номумкин) навишта ва онро ба суханони беҳосил ва даовии (даъвоҳои) бетоил мутаввал (дароз) гардонида ва дар ҷавози ибтидо ба сокин ба калимоте, ки баъзе аҷам онро рабуда дар лафз оранд ва ҳаракати ҳарфи нахустини онро миёни фатҳаю касра гӯянд, чунон ки на фатҳа равшан бошад ва на касра муайян. Чун «фо»-и фиғон ва «дол»-и дираму «син»-и сарой ва «шин»-и шумор истидлол (ҳуҷҷат) карда ва дар имкони вақф бар мутаҳаррик ба калимоте, ки аҷам дар китобатҳои зоида ба охири он илҳоқ кунанд, чунон ки «ханда» ва «гирья» ва «ҷома» ва «нома» тамассук (часпонида) намуда ва пиндоштааст, ки чун ин «ҳо»-от дар лафз зоҳир намегардад, вақфи мутакаллим бар ҳаракати моқабли он бошад ва ҳам бад-ин хаёл гуфтааст, ки мо ба забони пасой сирро сар хонем ва «со» сокин аст ва бад-он ибтидо мекунем ва «ро» мутаҳаррик аст ва бад-он хомӯш мешавем ва бад-ин тақрир бушҳо кардааст ва бар соири мутааххирону мутақаддимони нуҳот (забоншиносон) ва аҳли арӯз ба закои (фаросати) табъ ва қуввати фитнат (тезфаҳмӣ) тафаввук (бартарӣ) намуда ва дар аснои калимоте, ки дар тамшияти (ҷорӣ кардани) даовии хеш рондааст, оварда, ки ҳуруфро ба ҳаракат ва сукун васф кардан бар сабили маҷоз ва тариқи истиора тавонад буд, на аз роҳи ҳақиқат ва рӯи вуқӯъ. Ва ин сухане рост аст, аз баҳри он ки ҳақиқати ҳуруф малфуз ва масмӯъи асвоте (савтҳое) аст муқаттаъ бар ҳайъати (шакли) махсус аз махориҷи муайян ва савти арз ва аърозро (арзҳоро) ҳақиқат ба ҳаракат ва сукун васф натвон кард, чи ҳаракат ва сукун ба иттифоқи мутакаллимон ва ҳукамо аз хосу аҷсом аст ва мо чун ҳаракату сукуни маҷозии ҳуруфро талхис кунем, бутлони (нодурустии) қавли Ибни Дарствейҳ равшан шавад ва сиҳати мо заҳаба илайҳи алҷумҳур (бар вай халқ равад) муҳаққақ гардад. Бидон, ки малфузи ху-

руфро дар талаффуз се ҳайъати хос аст, ки онро ҳаракати ҳуруф хонанд, чунон ки агар дар гуфтани ҳарф даҳон бигшоянд, онро ҳаракати фатҳа хонанд ва ҳарфро мафтуҳ гӯянд ва агар дар гуфтани он лабу даҳонро ба пеш берун оранд, онро ҳаракати замма хонанд ва ҳарфро мазмум гӯянд ва агар дар гуфтани он мили даҳон ба сӯи зер диҳанд, онро ҳаракати касра хонанд ва ҳарфро максур гӯянд ва ин се ҳайъат (шакл) усули ҳаракоти ҳуруф аст ва соири анвоъи ҳаракот, ки дар оммаи луғот чун юнонию арабию румию туркию форсӣ ва ғайри он ёфта шавад, ҳам бар ин се усул мутафарреъ (мутааллиқ, дахлдор) аст ва ба навъе аз таҳриф ва имолат (табдили ҳарфе ба ҳарфи дигар) аз он муншаъиб (ҷудошуда). Ва дар таърифи ба ҳар кадом наздиктари мулҳақ (пайвастшуда) ва ҳеч ҳарф, ало сабил (роҳ)-ил-инфирод (ягонагии) равшан дар лафз натавон овард, илло (ба ҷуз) бар ҳайъате аз ин ҳайъоти сегона ё бар яке аз мутафарреъоти ин се ҳайъат. Ва далел бар сиҳҳати ин даъво он аст, ки агар касе масалан, дандонҳо бар миёни лаб ниҳад, ки махраҷи «фо»-ст ё сари забон дар паси саноё ниҳад, ки махраҷи «син» аст ва нафас фурӯ гузорад, агар чи аз он овози «фо» ва «син» фаҳм тавон кард, ӯро ба «син»-у «фо» мутакаллим нахонанд, илло, ки овоз аз махраҷ даргузоранд, то яке аз ин ҳайъоти сегона дар талаффузи он зоҳир шавад, чунон ки гӯяд: «фа» ё «фу», ё «фи», он ки гӯяд ҳарфе гуфт. Ва ҳамчунин агар аз махраҷи баъзе аз ҳуруфи маҷҳура (ошкор) чун «то» ва «айн» ва «қоф» овозе рабуда бознамояд, нагӯянд, ки «то» гуфту ё «айн» гуфт, ё «қоф» гуфт, магар ки яке аз ҳайъот дар он падидояд ва ҳар ҳарф, ки дар талаффузи он яке аз ин ҳаракот равшан нагардад, агар масбуқ бошад ба ҳарфе мутаҳаррик онро сокин хонанд, чунон ки «нун»-и ман ва «мим»-и нам, аз баҳри он ки мунтаҳои (поёни) савт ҳаракате собиқ аст ва мунтаҳои савт ҳароина (албатта) сукун бошад ва далел бар он ки ҳарфи сокин ҷуз ба қуввати ҳаракате собиқ дар талаффуз наёяд, он аст, ки агар касе гӯяд «таф» ё «бас», ё «каш» ӯро ҳароина (албатта) мутакаллим хонанд ба ду ҳарф— яке мутаҳаррик ва яке сокин. Ва агар бе мутаҳаррики собиқ аз махраҷи «фо» ё аз махраҷи «син», ё аз махраҷи «шин» ба ирсоли нафс савте бинмояд, чунон ки гуфтем, ӯро мутакаллим нахонанд ва нагӯянд, ки ҳарф гуфт. Ва ба ҳаракати собиқ ду ҳарф аз ҳуруфи саҳҳоҳ



беш дар лафз натавон овард, чунон ки «нақш» ва «нафх» ва «табъ» ва агар хоҳанд, ки се сокин дар лафз оранд, ҳароина аввалини он яке аз ҳуруфи мадд ва лайн (нармӣ) тавонад буд, чунон ки «корд»-у «орд» ва «пӯст»-у «дӯст» ва «кист»-у «бист», то ҳаракати собиқ ба қуввати мадде, ки дар ҳуруфи лайн аст, мазҳари (маҳалли) ду сокини дигар тавонад шуд ва агар на ҳаракати собиқ будӣ, ҳеч як аз ин савокин дар лафз наомадӣ, аммо агар он ҳарф, ки яке аз ҳаракоти сегона аъно (яъне) фатҳа ё замма, ё касра дар талаффузи он зоҳир нагардад, ба аввали калима афтад чун ибтидои ҳаракати нутқе ба дӯст ва савте, ки аз он иборат мекунад, аз он даргузашт ва ба ҳарфе дигар пайваст, ҳароина онро мутаҳаррик бояд донист, аз баҳри он ки баъд аз он ду сокин дар лафз метавон оварл, чунон ки дар навоҳеи Арман қасабае ҳаст, ки онро Хуртбурт хонанд ва баъзе мардум «хо» ва «бо» аз ҳар ду калима маҷҳулатулҳараката (ҳаракати номаълум) дар лафз оранд, ҳамчунон ки «дол»-и дирам ва «син»-и сарой. Ва агар Ибни Дарствейҳ «хо» ва «бо» дар ҳар ду калима сокин шуморад, лозим ояд, ки шаш сокини мутаволӣ (пай дар пай) бе ҳаракати собиқ дар лафз ҷоиз дорад. Ва мо баён кардем, ки ҳарфи сокин ҷуз ба қуввати мутаҳаррике собиқ дар лафз наояд ва ба ҳаракате собиқ беш аз ду сокин аз ҳуруфи саҳҳоҳ дар лафз мумкин набошад, пас маълум шуд, ки «хо» ва «бо» дар «хурт» ва «бурт» мутаҳарриканд, лекин ба сабаби он ки ҳаракати он равон ва рабуда дар лафз меоранд, мустамеъро (шунавандаро) он равшан намешавад ва ҳеч шак нест, ки он ҳаракатест миёни фатҳаю касра ва шояд ки онро ҳаракати байн-байн хонанд, ҳамчунон ки имом Абӯамр ибни Ал-Ало Раҳматуллоҳ дар қироати ҳар калима, ки бар вазни фаъл бошад, ҳамчунон ки Яхшо ва Ясъо ё бар вазни фаъло ояд, чунон ки кубро ва бушро. Фатҳаи онро миёни имолат ва тафхим (калон) дар лафз орад, чунон ки на фатҳаи мушаббаъ (пурра) бошад ва на имолати равшан ва онро имолати байн-байн хонанд. Ва бар ин тақрир, агар касе эътироз кунад ва гӯяд чун мусаллам доштӣ (яъне боварӣ доштӣ), ки аз «син»-и сарой ва «шин»-и шумор ва «дол»-и дирам ҳамон қадар дар лафз меояд, ки аз «син»-и басу «шин»-и каш ва «дол»-и қанд. Ва ин сокин аст, лозим ояд, ки он низ сокин бошад, аз баҳри он ки малфуз ва масмӯъ (шунидашуда) дар ҳар сурат

яксон аст. Ва муҳол бувад, ки мутаҳаррик ва сокини ҳуруф дар лафз ва самъ (гӯш) яксон бошад, ҷавоб гӯем, ки лонуссалим (солим намешуморем), яъне ки малфуз ва масмӯъ дар ҳар ду сурат яксон аст, балки савти «шин»-и шумор ва «син»-и сарой ва «дол»-и дирам мавсул (васл) аст ва савти «шин»-и каш ва «син»-и бас ва «дол»-и қанд мақтӯъ (қатъ кардашуда) аст. Ва ҳарфи мақтӯъ мунтаҳои (охири) савт бошад ва мунтаҳои савт ҳароина сукун бувад ва ҳарфи мавсул чун мубтадо бошад, ҳароина мутаҳаррик бошад, аз баҳри он ки баъд аз он ду сокин дар лафз метавон овард, чунон ки гуфтем. Аммо он чи дар ҷавози (иҷозати) вақф бар ҳарфи мутаҳаррик гуфтаast, худ мукобараи (кибру ғурури) сирф аст ё ҷаҳли маҳз, аз баҳри он ки бар ҳеҷ оқил, ки аз маърифати махориҷ (талаффуз) ва мақотеъи (ҷои қатъи овози) ҳуруф баҳрае дорад ва аз кайфияти зуҳури он дар лафз ғофил набошад, пӯшида намонад, ки ҳеҷ мутаҳаррик дар лафз наояд, илло ки савт аз махраҷи он калла (кам) ам (ё) қаср даргузарад ва агар савт бар ғайри махраҷи ин мунқатеъ шавад ва аз он дарнагузарад, албатта он ҳарф сокин бошад, чунон ки пеш аз ин баён кардем. Ва чун савт аз махраҷи ҳарф даргузашт, он ки мунқатеъ (ҷудо) шуд, вақфи мутакаллим бар мунтаҳои савт бошад, на бар айни (асли) ҳарф ва мунтаҳои савт ҳароина сукун бошад. Пас дуруст шуд, ки вақф бар ҳарфи мутаҳаррик муҳол бувад ва ваҷҳе дигар бар сиҳати ин қазият (ҳукм) он аст, ки гӯем: марди мутакаллим чун хоҳад, ки баъд аз ҳарфи мутаҳаррик хомӯш шавад ва сухан қатъ кунад, ба ду тариқ тавонад кард ё ба ҳабси нафас, ё ба ирсоли (фиристодани) нафас. Пас агар ҳабси нафас кунад, бағтатан (ногоҳ) то савти ӯ мунқатеъ шавад ва албатта қатъи он бар махраҷи «алиф» афтад. Ва агар нафас фурӯ гузорад, то овоз мунқазӣ (тамом) шавад, ҳароина қатъи он бар махраҷи «ҳо» афтад ва айнан макони вақфи ӯ бар ҳарфи мутаҳаррик набошад ва аз ин ҷиҳат, наҳвиён (забондонон) ва арӯзиён гуфтаанд: ақалли ҳуруфе, ки мардум бад-он нотиқ тавонад шуд, ду ҳарф аст, яке мутаҳаррик, то бад-он ибтидои калом кунад ва яке сокин, то бад-он хомӯш шавад, чи эшон дар «қоф» ва «шин» ва «фоъ» агар чи малфуз дар мисли ин калимот як ҳарфи мутаҳаррик беш нест, яке аз он ду ҳарфи хафӣ, ки овози мутакаллим дар қатъи махраҷи он мерасад, тасаввур кардаанд ва доништа, ки



вақфи мутакаллим дар «қоф» ва «шин» ва «фоъ» бар сокине муқаддар аст, на бар «айн» ва «қоф» ва «шин» ва ҳам бад-ин сабаб аст, ки араб дар баъзе калимоти мутаҳаррикулохир, ки ҳаракати он ҳаракати бино бошад, дар вақфҳое бад-он илҳоқ кунанд, чунон ки «афсаҳ» ва «армаҳ» ва «анаҳ» ва «ба̀маҳ». Ва дар китобати порсӣ «ҳо»-и баёни ҳаракат дар ҷумлаи калимоти мафтӯҳулохир лозим аст, чунон ки «ханда»-ю «гирья»-ю «ҷома»-ю «нома»-ю «баста»-ю «андеша» ва амсоли он, агар чи дар лафз наояд, вақфи мутакаллим бар сокине муқаддар бошад. Ва куттоби (нависандагони) туркон дар мисли ин калимот ба ҷои «ҳо» алиф нависанд, барои он ки алиф хафитар (пӯшидатар) аст аз «ҳо». Пас «эй аё» ва «алтун ано» ва «кулҳо» ва «юъҷо» ва амсоли он ба алиф нависанд, чунон ки дар таълифе, ки дар луғати туркӣ сохтаем, баён карда омадааст.

## ФАСЛ

Ва аммо иллати он ки дар аркони арӯзӣ аз фосила нагузаштанд ва бар он наяфзуданд, он аст, ки вазн аз лавозими каломи манзум аст ва эътидоли миёни мутаҳаррикот ва савокини (сокинҳои) каломи манзум аз муқтазиёти (талаботи) вазн аст. Ва чун бинои калом бар идроҷ (дарҷ) ва иттисол (пайвастагӣ) ниҳодаанд, зеро ки мақсуд аз сухан тафҳими маъонии мухталиф ва такрири (сухан гуфтани) ҳолоти мутафовит бувад ва ин маънӣ ба васли ҳуруф ва иттисоли калимот беҳтар даст медод. Ва ҳаракат аз умуроти васл аст ва сукун аз аломоти вақф, аз ин ҷиҳат лозим омадааст, ки мутаҳаррикоти калом беш аз савокин бошад. Пас дар саноати шеър риояти эътидол дар ин зиёдатӣ низ лозим тавонад буд ва чун шоир дар назм сухан аз сабаби хафиф, ки мутаҳаррике ва сокине аст, даргузашт ва ватад, ки ду мутаҳаррик ва сокине аст, пайваст ва аз он низ тадарруҷ кард ва ба фосила, ки се мутаҳаррик ва сокине аст, расид, дар зиёдатии мутаҳаррикоти шеърӣ бар савокини он ба ҳадди эътидоли тамом расида бошад. Ва ҳар чи бар он зиёдат кунад, таҷовуз бувад аз эътидол, барои он ки ҳадди эътидол дар афзунии чизе бар чизе беш аз он натавонад буд, ки сечандон шавад. Ва чун фосилаи кубро ва суғро ба як ҳарф беш зиёдат набувад ва дар таҷовуз ба ҳадди ифрот нарасида бу-

вад, табъи шуарои араб аз қабули он нафрати куллӣ нанмуда ва онро дар баъзе ашъор мустаъмал доштанд ва арӯзиён ба зарурати истеъмоли араб онро дар аркони арӯз шумурдаанд, чунон ки пеш аз ин баён кардем. Аммо чун мутаҳаррикоти мутаволӣ (пай дар пай) панҷ шуд ва таҷовузи он аз ҳадди эътидол даргузашт, завқи шеърӣ дар он мухтал (халалдоршуда) гашт, лоҷарам (бино бар ин) табъи салим аз қабули он нубуввате тамом намуд ва дар ҳеҷ шеър мутадовил нашуд. Ва он чи мутакаллифе хотир ранҷонидааст ва қариҳат (истеъдод) харошида ва бар панҷ мутаҳаррики мутаволӣ гуфта:

Байт

Шакарак аз он ду лабаки ту
Бичинам, агар ту яла кунӣ,

аз тахатруфоти (ҳарзагӯии) шеър аст, онро эътиборе набошад ва эҳтиҷозро (далеловариро) нашояд, ин аст иллати он ки аркони арӯз мунҳасир аст дар ду сабаб ва ду ватад ва ду фосила ва ҷумлаи он дар ин калимот ҷамъ аст:

Гар дили маро хаста накунӣ, бинаравам.

(сабаби хафиф), (сабаби сақил), (ватади мақрун), (ватади мафрук), (фосилаи суғро), (фосилаи кубро)[2].

Ва яке аз нуқалои арӯзиёни аҷам гуфтааст, ки асбоб сеанд: хафифу сақилу мутавассит ва автод сеанд: мақрýну мафруқу муҷтамеъ ва фавосил сеанд: суғрою куброю узмо (бузургтар). Ва мисоли мутавассит як мутаҳаррик ва ду сокин, чунон ки «нигор» ва «баҳор». Ва мисоли фосилаи узмо панҷ мутаҳаррик ва сокине, чунон ки «шакараки мо», «писараки мо». Ва ин шахс на бар кайфияти таркиби афоили арӯзӣ воқиф будааст, на аз дақоиқи илми тақтеъ хабар дошта. Ва ман дар шарҳи тақтеъи шеър аз боби чаҳоруми ин қисм баён кунам, ки аз илтиқои (рӯ ба рӯ омадани) сокинайн ва сулси савокин, ки дар ашъори аҷам афтад, чи гуна тафассӣ (чудо) кунанд ва аз он ҷо маълум шавад, ки ба такаллуфи таъдиди мутаҳаррике ва ду сокин ва ду мутаҳаррику ду сокин дар ҷумлаи аркони арӯзӣ ҳоҷат нест. Ва дар он бар ду сабаб ва ду ватад ва ду фосила мазиде (зиёд) не. Ва он



чи дар фосилаи узмо гуфтааст, худ ҷаҳли маҳз ва мукобараи сареҳ (мағрурӣ) аст. Ва беш аз ин иллати он ки дар аркони арӯзӣ аз фосилаи кубро нагузаштанд ва бар он наяфзуданд, шарҳ додаем, ба иодат ҳоҷат нест.

## БОБИ ДУВВУМ,

### ДАР ЗИКРИ АҶЗО ВА АВЗОНЕ, КИ АЗ ТАРКИБИ АРКОНИ АРӮЗӢ ҲОСИЛ ШАВАД

Ва ба ҳукми он ки каломи манзум бар ҳеҷ як аз ин аркони сегона ало сабили (бо роҳи) инфирод (танҳоӣ) хушоянда набуда ва мақбули тибоъ намеояд, на бар асбоби муфрад, чунон ки гуфтаанд:

Байт

То кай моро дар ғам дорӣ,
То кай бар мо орӣ хорӣ?

Ва на бар автоди муфрада, чунон ки гуфтаанд:

Байт

Чаро аҷаб надорам аз нигори ман,
Ки бегунаҳ бурун шуд аз канори ман.

Ва на бар фавосили муфрада, чунон ки гуфтааст:

Байт

Чи кунам, санамо, чу дилам ситезӣ,
Бикашам зи ту ҳар чӣ кунӣ зи бадӣ[3].

Онро бо якдигар таркиб карданд, то аз он таркиб авзоне ҳосил шуд, ки каломи манзум бад-он авзон мақбули тибоъ ва мустаъзиби (писанди) нуфус омад ва ақсоми ақлӣ дар ин таркиб беш аз се набувад: таркиби сабабу ватад ва таркиби ватаду фосила ва таркиби сабабу фосила. Ва чун фосила бар вазни ду сабаб аст: яке сақил ва яке хафиф, таркиби сабаб ва фосила мустаҳсан надоштанд, аз баҳри он ки аз ин таркиб ҷузве ҳосил мешуд мураккаб аз асбоби муфрада ва қоидаи рукне бо рукне мухтал (омехта) мешуд. Пас ба ҷои он ду сабаб ва ватаде таркиб карданд, то ҳамон се таркиб ҳосил омад. Ва афоили арӯзӣ се навъ шуд: сабабею

ватаде ва ду сабабу ватаде ва ватадею фосилае ва аз тақдиму таъхири аркон дар таркиби даҳ ҷузв бар ҳашт вазн берун омад, ки бинои ҷумлаи ашъори арабу аҷам бар он аст. Ва арӯзиён он аҷзоро афоили арӯз хонанд ва Халил, ки возеъи (асосгузори) ин фанн ва мустахриҷи ин мизон аст, онро фавосили солима хондааст, яъне аҷзои солим аз тағйироте, ки дар авзони арӯз афтад, чунон ки баъд аз ин баён кунем.

Ва аз ин афоил ду ҷузв аз таркиби сабабе ва ватаде хезад. Агар ватадро бар сабаб муқаддам дорӣ, фаӯлун ояд бар вазни «махӯр ғам». Ва агар сабабро бар ватад тақдим кунӣ, фоилун ояд бар вазни «ғам махӯр». Ва ҳар як аз ин ду вазн мураккаб аст аз панҷ ҳарф — се мутаҳаррик ва ду сокин. Ва дар усули афоили арӯз ҳеҷ ҷузв камтар аз хумосӣ (панҷтоӣ) нест.

Ва аз таркиби ду сабабу ватаде шаш ҷузв ҳосил ояд: се аз таркиби ду сабаб ва ватаде мақрун ва се аз таркиби ду сабабу ватаде мафруқ.

Аммо се аввалин, агар ватади мақрунро бар ҳар ду сабаб тақдим кунӣ, мафоӣлун ояд бар вазни «махӯр ғам, рав». Ва агар ҳар ду сабабро бар ватади мақрун тақдим кунӣ, мустафъилун ояд бар вазни «рав, ғам махӯр». Ва агар як сабаб бар ватади мақрун муқаддам дорӣ ва яке муаххар, фоилотун ояд бар вазни «ғам махӯр, рав».

Ва аммо он се ҷузви охирин, агар ҳар ду сабабро бар ватади мафруқ тақдим кунӣ, мафъӯлоту ояд бар вазни «дил шуд тоза», ки «ҳо» дар ин калима малфуз нест. Ва агар ватади мафруқро бар ҳар ду сабаб тақдим кунӣ, фоилотун ояд бар вазни «тоза шуд дил». Ва агар як сабабро бар ватади мафруқ муқаддам дорӣ ва якеро муаххар, мустафъилун ояд бар вазни «дил тоза шуд» ва ин ду ҷузв агар чи дар вазну лафз мувофиқ ва мумосили (монанди) он ду ҷузв меоянд, ки аз таркиби ду сабабу ватаде маҷмӯъ хезад, дар таркиб мухолифи он аст [4]. Ва аз мухолифати таркиб мухолифати аҷзоe, ки аз он мутафарреъ (ҷудо) шавад, лозим ояд, чунон ки баъд аз ин баён кунем. Ва Халил ба ҳукми он ки дар таъдиди фавосили солима авзон кардааст, афоилро ҳашт овардааст, аз баҳри он ки лафзи фои-ло-тун (— V — —) ва мус-тафъи-лун дар авзон мухталиф нашавад. Ва ман чун афоил таркибе бармешуморам, фавосили солимаро даҳ меорам, аз баҳри он ки агар чи авзон ҳашт аст, афоили мухталифтаркиб даҳ аст. Ва



ҳам аз ин ҷиҳат, амсилаи асбоби хафифа, ки Халил ҳашт овардааст, ман нӯҳ овардаам, аз баҳри он ки «ло» дар ин фои-ло-тун (— V — —) сабабе дигар аст ва ин шаш феъл ки баршумурдам, ҳар як мураккаб аст аз ҳафт ҳарф — чаҳор мутаҳаррик ва се сокин ва аз таркиби ватаде ва фосилае ду ҷузв ҳосил ояд. Агар ватадро бар фосила тақдим кунӣ, мафоилатун (V — V V —) ояд бар вазни «буто, чӣ кунам». Ва агар фосиларо бар ватад муқаддам дорӣ, мутафоилун (V V — V —) ояд бар вазни «чӣ кунам, буто». Ва ҳар як аз ин ду ҷузв мураккаб аст аз ҳафт ҳарф — панҷ мутаҳаррик ва ду сокин. Ва дар усули авзони арӯз ҳеҷ ҷузв зиёдат аз субоъӣ нест ва тартиби афоили даҳгона, ки дар ашъори араб бошад, ин аст: фаӯлун, фоилун, мафоӣлун, мустафъилун, фоилотун, мафоилатун, мутафоилун, мафъӯлоту, фои-ло-тун (— V — —), мус-тафъи-лун (— — V —) ва қоида чунон аст, ки аркони ду ҷузвро, ки мураккаб аст аз ду сабаб ва ватаде мафруқ гусаста (ҷудо) нависанд, то бад-он ду ҷузв, ки мураккаб аст аз ду сабаб ва ватаде маҷмӯъ, муштабеҳ нашавад. Ва аз ин даҳ феъл он чи дар усули арӯзи форсӣ маъдуд аст, ҳафт беш нест бар ин тартиб: мафоӣлун, фоилотун, мустафъилун, мафъӯлоту, фои-ло-тун (—V— —), мус-тафъи-лун (— — V —), фаӯлун. Ва аз ин усул бисту шаш ҷузви дигар мутафарреъ (ҷудо) шавад. Ба тағйироте, ки бад-он лоҳиқ (пайваст) гардад, чунон ки баъд аз ин баён кунем ва тафсили фурӯъ ин аст: мафоӣлу (V— —V), мафоӣл (V— ~), фаӯлун, фоилун, мафъӯлун, мафъӯлу, мафъӯл, мафоилун, фоъ, фаъ, фоилоту, фаилотун, фаилоту, фаилун, фаълун, фоилон, фаилон, муфтаилун, фаӯлон, мафъӯлон, фаӯлу, фаӯл, фаал, фаълон, мафоӣлон, фоилийён. Ва фаӯлун [5] аз ин ҷумла ҳам дар усул маъдуд аст ва ҳам дар фурӯъ, аз баҳри он ки ин ҷузв дар Мутақориб асл аст ва дар буҳури дигар фаръ ва ҷумлаи афоили арӯзӣ, ки бинои ашъори арабу порсӣ бар он аст, сиву се беш нест, ҳафт усул ва бисту шаш фурӯъ. Ва он чи шуарои мутақаддим дар ашъори мустасқили хеш овардаанд, чун фаилатун ва мафоилу ва мустафъилу ва мустафъилотун ва мутафоилун ва монанди он, дар он боб тақлиди шуарои араб кардаанд ва барои изҳори маҳорати хеш дар илми арӯз он азоҳифи гарон ба ашъори хеш даровардa, онро аз ҷумлаи азоҳифи ашъори порсӣ набояд шумурд.

## БОБИ САВВУМ,

### ДАР ЗИКРИ ТАҒЙИРОТЕ, КИ БА УСУЛИ АФОИЛИ АРӮЗ ДАРОЯД, ТО ФУРӮЪИ МАЗКУР АЗ ОН МУНШАЪИБ (ҶУДО) ШАВАД

Бидон, ки ҳар тағйире, ки ба усули афоили арӯзӣ дарояд, онро з и ҳ о ф хонанд. Ва маънии захф дурист аз асл ва таъхир аз мақсад ва мақсуд. Ва аз ин ҷиҳат, саҳми зоҳиф тиреро гӯянд, ки аз нишона ба як сӯ афтад ва ба ҳукми он ки оммаи шуаро ҳар тағйире, ки дар нафси (асли) каломи манзум афтад, аз нуқсони ҳарфе мӯҳтоҷ илайҳи (мӯҳтоҷ ба он) ё зиёдат ҳаракате, ё мустағнӣ анҳу (бениёз аз он), ки шеър бад-он мункасир гардад ва вазн мухтал шавад, онро захф мехонанд. Ва чун касе гӯяд ин байт захфе дорад ё маҳфуз аст, ҳамгинон пиндоранд, ки номавзун аст ва дар назми он халале ҳаст. Арӯзиён истилоҳ кардаанд, ки тағйироти ҷоизро, ки дар усули буҳур аз лавозими танаввӯъи ашъор аст ва ағлаби он дар шеър ҳеҷ гаронӣ падид наёрад, балки шеърро дар баъзе буҳур мустақилуласл мақбул ва мустаъзиб гардонад, зиҳоф хонанд, ба сиғаи ҷамъ. Ва лафзи захф ба сиғаи воҳид бар он итлоқ накунанд (наноманд) ва ҷамъи зиҳоф азоҳиф оранд, то ҳам дар ин тасмият маънии дурӣ аз асл ҳосил бошад ва ҳам лафзан миёни тағйироти ҷоиз ва ноҷоиз, ки дар ашъор афтад, фарқ зоҳир бувад ва гӯянд: «байти мазоҳиф» дуруст аст ва «байти мунзаҳаф» мункасир.

Ва чун ин муқаддима маълум шуд, ҳақиқати зиҳоф аскони мутаҳаррикест ё нуқсони ҳарфе, ё ду, ё се. Ва дар азоҳифи ашъори аҷам то панҷ ҳарф мумкин аст, ки ҷузве соқит шавад. Ва бошад, ки ҳарфе ё ду ҳарф ба охири феъле дарафзоянд ва дар ашъори азби порсӣ беш аз як ҳарфи зоид дар охири зуруб мустаъмал нест, илло он ки баъзе арӯзиёни мутакаллиф дар баҳре мусаммануламҷзо, ки ҷузви зарби он ба ду ҳарф бозомада бошад чун «фаъ» ё ба се ҳарф бозомада бошад, чун «фоъ». Ин «фаъ» ва «фоъ»-ро бар ҷузве, ки беш аз он аст, меафзоянд ва байти мусамманро мусаддас мегардонанд, чунон ки ба мавзеи (мавриди) хеш баён кунем. Ва ин азоҳиф, ки баён кардем, се навъ аст. Навъе он ки дар шеър ҳеҷ гаронӣ падид наорад ва байти мазоҳифи он бо байти солим дар узубат (форамӣ) ва қабули табъ баробар бошад. Чунон ки дар баҳри Рамал, ки байти солими он ин аст:

**Байт**

Боз дарпӯшид гетӣ тозаву рангин қабое,<br>
Оламеро кард мушкин бӯи зулфи ошное.

Ва байти мазоҳифи он ин аст:

**Байт**

Ҷирми хуршед, чу Ҳут дарояд ба Ҳамал,<br>
Ашҳаби рӯз кунад адҳами шабро арҷал.

Ва ҳар ду дар узубат баробаранд.

Навъи дуввум зиҳофе бошад, ки аз солим хуштар ва ба табъ наздиктар бувад, балки байти солим ба нисбат бо мазоҳиф гарону номатбӯъ ояд, чунон ки баҳри Музореъ, ки байти солими он ин аст:

**Байт**

Нигорино, кори моро<br>
Чаро некӯ менасозӣ?

бар вазни мафоӣлун фоилотун мафоӣлун фоилотун, ки асли афоили баҳри Музореъ дар шеъри порсӣ ин аст ва ин мисроъ бо саломати аҷзои сақилу номатбӯъ меояд ва чун ба зиҳофе, ки онро харб хонанд, «мим» ва «нун» аз мафоӣлун биандозӣ, то «фоӣлу» бимонад, «мафъӯлу» ба ҷои он бинихӣ, вазне мақбулу шеъре матбӯъ шавад, чунон ки

**Мисраъ**

Дилдор кори моро некӯ ҳаменасозад,

бар вазни мафъӯлу /фоилотун /мафъӯлу /фоилотун.

Навъи саввум зиҳофе бошад, ки шеър бад-он гарон шавад, пас агар чи ҷоиз бошад, тарки истеъмоли он авло бувад, чунон ки дар баҳри Мутақориб, ки байти солими он ин аст:

**Мисраъ**

Нигоро, ба ишва диламро рабудӣ.



4—3826 

бар вазни фаӯлун /фаӯлун /фаӯлун/ фаӯлун, ки асли афоили ин баҳр аст ва агар ба зиҳофе, ки онро салм хонанд, ҳарфе аз аввали он биандозӣ, то фаӯлун «ӯлун» шавад, «фаълун» ба ҷои он бинихӣ ва гӯӣ:

Мисраъ

Ёро, ба ишва диламро рабудӣ,

бар вазни фаълун фаӯлун фаӯлун фаӯлун гарон ва номатбӯъ шавад. Ва филҷумла (хулласи калом), ҳар ки аз истеъмоли он панҷ ҳарфи мутаҳаррик ҷамъ ояд, ба ҳама вуҷӯҳ ботил бошад ва истеъмоли он дар ҳеҷ шеър ҷоиз набошад, чунон ки мустафъилун фоилотун аз баҳри Муҷтасс, ки чун аз мустафъилун «нун» биандозӣ, аз фоилотун, ки баъд аз он аст, «алиф» натавон андохт, аз баҳри он ки агар ҳар ду биандозӣ, панҷ мутаҳаррики мутаволӣ (пай дар пай) ба ҳам ояд ва он мустафъилу фоило бошад ва истеъмоли панҷ мутаҳаррики мутаволӣ дар ҳеҷ шеър ҷоиз набошад, чунон ки пеш аз ин гуфтаем. Ва ҳар зиҳоф, ки аз он чаҳор мутаҳаррики мутаволӣ ҳосил ояд, агар чи дар ашъори араб ҷоиз аст, дар ашъори порсӣ наёяд. Ва агар биёранд, қубҳи он дар ашъори аҷам беш аз он бошад, ки дар ашъори араб.

ФАСЛ

Бидон, ки ҷумлаи азоҳифи ашъори аҷам сию панҷ аст. Бисту ду аз азоҳифи ашъори араб ва сездаҳ аз мавзӯъоти арӯзиёни аҷам. Ва чунон ки Халил ҳар якеро аз азоҳифи ашъори араб лақабе аз асмои (исмҳои) масодир ва нууте (сифатҳое), ки аз он муштақ (ҳосилшуда) бошад, муносиби тасарруфи он дар афоил ниҳодааст, аҷам низ азоҳифи хешро асомие ниҳодаанд. Ва зиҳофи бистудугонаи ашъори араб, ки дар ашъори аҷам мустаъмал аст, ин аст: қабзу қасру ҳазфу хабну каффу шаклу харму харбу шатару қатъу ташъису тайю вақфу кашфу салму муоқибату садру аҷзу турфону муроқабату исбоғу анола. Ва азоҳифи сездаҳгона, ки аз мавзӯъоти арӯзиёни аҷам аст, ин аст: ҷадъу ҳатму ҷаҳфу тахниқу салху тамсу ҷаббу залалу наҳру рафъу рабъу батру ҳазаз. Ва баъзе мутакаллифон се зиҳофи дигар дарафзудаанд, чунон ки



ваҷҳи фасоди он ба ҷои хеш гуфта шавад ва он ин аст: тавсеъу тазфиту татвил. Ва чун тафсили азоҳиф бар сабили иҷмол маълум шуд, акнун зиҳофи ҳар як аз усули ҳафтгона, ки мадори ашъори аҷам бар он аст, шарҳ диҳем ва маънои иштиқоқи (баромади) ҳар як баён кунем.

Азоҳифи мафоӣлун чаҳордаҳ аст: қабзу каффу харму харбу тахниқу шатару ҳазфу қасру ҳатму ҷаббу залалу батру муоқабату муроқабат.

**Қабз** исқоти ҳарфи панҷуми ҷузв аст чун сокин бошад ва он дар мафоӣлун «ё» ( ی ) бувад ва чун «ё» аз мафоӣлун биандозӣ, мафоилун бимонад ва мафоилун чун аз мафоӣлун муншаиб (ҷудо) бошад, онро мақбуз хонанд, аз баҳри он ки ҳарфе аз он бозгирифтаанд.

**Кафф** андохтани ҳарфи ҳафтум бошад аз ҷузве, ки рукни охирини он сабабе хафиф бошад ва чун аз мафоӣлун «нун» ( ن ) биандозӣ мафоӣлу бимонад ба замми лом ва мафоӣлу чун аз мафоӣлун муншаиб бошад, онро макфуф хонанд, яъне ҳарфе аз он кам кардаанд ва куффаттулқамис навради домани ҷома бошад, ки дардӯзанд.

**Харм** андохтани «мим»-и ( م ) мафоӣлун бошад, фоӣлун бимонад, мафъӯлун ба ҷои он биниҳанд ва мафъӯлун чун аз мафоӣлун хезад, онро ахрам хонанд, яъне буридабинӣ Ва харм порае аз девораки бинӣ буридан бошад ва сабаби он ки бад-ин тасарруф рукни ватад ноқис мешавад, онро ба буридани баъзе аз бинӣ ташбеҳ кардаанд.

**Тахниқ** ҳам харм аст, илло он ки дар ашъори араб ин зиҳоф ҷуз дар аввали байт ҷоиз намедоранд ва чун аҷам дар соири аҷзои байт низ раво медоранд, онро дар ғайри судур (аввал) номе дигар ниҳодаанд. Ва ба гулӯ бозгирифтан ташбеҳ карда ва мафъӯлун чун дар ҳашви байт афтад ва аз мафоӣлун муншаиб бошад, онро муханнақ хонанд.

**Харб** андохтани «мим» ( م ) ва «нун»-и ( ن ) мафоӣлун аст, фоӣлун бимонад, мафъӯлу ба замми «лом» ( ل ) ба ҷои он биниҳанд ва мафъӯлу чун аз мафоӣлун муншаиб бошад, онро ахраб хонанд ва харбат сӯрохи паҳн бошад, ҳамчунон ки дар гӯши ҳиндувон мӯътод (одат) аст ва ду ҳарф аз ду тарафи мафоӣлун андохтанро бад-он ташбеҳ кардаанд ва шояд бувад, ки «алиф»-и ( ا ) ахраб муболиға ва тафзил бошад, яъне аз ҳар ду тарафи ҷузв харобӣ бад-он роҳ ёфтааст.

**Шатар** ҷамъ аст миёни қабз ва харм ва чун аз мафоилун «мим» ( م ) ва «ё» ( ی ) биандозӣ, фоилун бимонад ва фоилун чун аз мафоилун муншаиб бошад, онро аштар хонанд ва шатар айбу нуқсон бошад ва аштар пилки чашм «нури дида» бувад ва ба ҳукми он ки ватад ва сабаби ин ҷузв бад-ин зиҳоф ноқис шуд, онро аштар хондаанд.

**Ҳазф** андохтани сабабе бошад аз охири ҷузв ва чун аз мафоилун «лун» биандозӣ, мафоъӣ бимонад, фаӯлун ба ҷои он биниҳанд ва фаӯлун чун аз мафоилун муншаиб бошад, онро маҳзуф хонанд, яъне дунболбурида.

**Қаср** он аст, ки сокини сабабе, ки дар охири ҷузв бошад, биандозӣ ва мутаҳаррики онро сокин гардонӣ, то ҷузв кӯтоҳ шавад ва мафоилун ба қаср мафоил шавад, ба сукуни «лом» ( ل ) ва онро мақсур хонанд, яъне кӯтоҳкарда.

**Ҳатм** иҷтимоъи ҳазф ва қаср аст дар мафоилун, яъне як сабаби онро биандозанд ва дигар сабабро қаср кунанд, «мафоъ» бимонад ба сукуни «айн» ( ع )фаӯл ба ҷои он биниҳанд ба сукуни «лом» ( ل ) ва фаӯл чун аз мафоилун муншаиб бошад, онро аҳтам хонанд, яъне дандони пешин шикаста ва чун бад-ин зиҳоф ҳар ду сабаби ин ҷузв бахалал шуд, онро ба дандони пешин шикастан ташбеҳ карданд.

**Ҷабб** андохтани ҳар ду сабаби мафоилун аст, мафо бимонад, фаал ба сукуни «лом» ( ل ) ба ҷои он биниҳанд. Ва фаал чун аз мафоилун муншаиб бошад, онро маҷбуб хонанд, яъне хафӣ карда, ба сабаби он ки ҳар ду сабаб аз охири он андохтаанд.

Залал иҷтимоъи ҳатм ва харм аст дар мафоилун, фоъ бимонад ба сукуни «айн» ( ع ) ва фоъ чун аз мафоилун хезад, онро азалл хонанд ва дар луғати араб имраату залло занеро гӯянд, ки бар ронҳо ва нимаи зерин гӯшт надорад.

**Батар** дар зиҳофи аҷам иҷтимоъи ҷабб ва харм аст дар мафоилун, фо бимонад, фаъ ба ҷои он биниҳанд ва фаъ чун аз мафоилун хезад, онро абтар хонанд, яъне дунболбурида.

**Муоқабат** ва **муроқабат** дар фасли дигар бигӯем.

Азоҳифи фоилотун, ки мураккаб бошад аз ду сабаб ва ватаде мақрун, чаҳордаҳ аст: хабну каффу шаклу қасру ҳазфу салму ташъису рабъу ҷаҳфу асбоғу муоқабату садру аҷзу турфон.

**Хабн** исқоти сокини сабабе аст, ки дар аввали ҷузв



бошад ва чун аз фо дар фоилотун «алиф» ( ا ) биандозанд, фаилотун шавад ва фаилотун чун аз фоилотун муншаиб бошад, онро махбун хонанд ва хабн даршикастани канори ҷома бошад, то кӯтоҳ шавад.

**Кафф** дар фоилотун фоилоту бошад ва фоилоту чун аз фоилотун хезад, онро макфуф хонанд.

**Шакл** иҷтимоъи хабну кафф аст дар фоилотун, то фаилоту шавад ба замми «то» ва фоилоту чун аз фоилотун хезад, онро машкул хонанд, яъне шикол (ишкел) барниҳода. Ва чун аз ду тарафи ҷузв ду сокин соқит шуд, онро ба шикол кардани чаҳорпой ташбеҳ карданд.

**Қаср** дар фоилотун фоилот бошад ба сукуни «то», фоилон ба ҷои он биниҳанд ва фоилон чун аз фоилотун хезад, онро мақсур хонанд.

**Ҳазф** дар фоилотун фоило бошад, фоилун бимонад ва фоилун чун аз фоилотун хезад, онро маҳзуф гӯянд.

**Салм** дар фоилотун он аст, ки сабаби ӯ биандозӣ ва ватадро қатъ кунӣ ва қатъ дар автод (ватадҳо) ҳамчунон аст, ки қаср дар асбоб (сабабҳо), яъне сокини онро биандозанд ва моқабли сокинро сокин гардонанд ва бад-он зиҳоф аз фоилотун фоил монад ба сукуни «лом» фаълун ба ҷои он биниҳанд ва фаълун чун аз фоилотун хезад, онро аслам хонанд, яъне гӯш аз бун бурида. Ва бад-ин зиҳоф сабабе аз буни ҷузв кам шудааст ва ватад ноқис гашта, онро ба гӯши аз бун бурида ташбеҳ карданд.

**Ташъис** он аст, ки фоилотунро мафъӯлун кунанд ва дар ин тағйир арӯзиёнро ихтилоф аст. Баъзе гуфтаанд, ки «айн» ( ع ) андохтаанд (партофтаанд), фолотун мондааст, мафъӯлун ба ҷои он ниҳодаанд. Ва Зуҷҷоҷ, ки яке аз аимаи наҳв ва луғат будааст, мегӯяд: «Он чӣ пеши ман ба савоб наздиктар аст, он аст, ки гӯем фоилотунро хабн кардаанд, фаилотун бимондааст, он гаҳ «айн»-ро ( ع ) сокин гардонидаанд, фаълотун шудааст, мафъӯлун ба ҷои он ниҳодаанд. Аз баҳри он ки моро дар баҳри Комил таскини мутаҳаррики дуввумин аз фосила маъҳуд (маъмул) аст ва ҳеҷ гоҳ ҷойгаҳ харми ватад дар миёни ҷузве надорем ва мафъӯлун чун аз фоилотун хезад, онро мушаасс хонанд, яъне жӯлида ва ошуфта гардонида».

**Ҷаҳф** он аст, ки фоилотунро хабн кунанд, то фаилотун бимонад. Он гаҳ фосила аз он биандозанд, тан бимонад, фаъ ба ҷои он биниҳанд ва фаъ чун аз фоилотун хезад, онро маҷҳуф хонанд. Ва ҷаҳф пок бибурдан ва

фаро рӯфтани чизе бошад аз рӯи замин. Ва сели ҷуҳоф селе бошад, ки ба ҳар чи расад, бибарад ва чун бад-ин зиҳоф бештар ҳуруфи ин ҷузв соқит мешавад, онро ҷаҳф хондаанд. Ва баъзе арӯзиёни мутакаллиф ба ҷои фаъ сабабе бар фоилотун афзоянд ва онро тавсеъ хонанд. Чунон ки фоилотун фаъро фоилийётун кунанд ва онро мувассаъ (васеъкардашуда) хонанд ва алҳақ ин тасарруфи фосид ва устодии ҷоҳилона аст, аз баҳри он ки баҳри Рамал дар асли доира мусамманулаҷз аст ва фаъ дар бештари буҳур мустаъмал аст. Чи ҳоҷат бувад, ки ду ҳарфу се ҳарфи зоид бар сабаби охири ҷузв афзоянд ва байти мусамманро мусаддас гардонданд.

**Исбоғ** зиёдат кардани ҳарфе сокин аст бар сабабе, ки ба охири ҷузв ва он дар фоилотун фоилотон бошад, фоилийён ба ҷои он биниҳанд ва онро мусаббағ гӯянд, яъне тамомкарда. Чи фоилотун худ тамом бувад, чун бар он ҳарфе сокин зиёдат карданд, онро тамомкарда гуфтанд. Ва баъзе онро мусаббағ хонанд аз тасбеғ, то муболиға бештар бошад дар тамом кардан ва баъзе онро мушбаъ хонанд аз ишбоъ ба «шин»-и ( ش ) мӯъҷама ва «айн»-и ( ع ) мӯҳмала ба маънии сер кардан ва чун ҷузви маҷҳуфро исбоғ кунанд, фоъ гардад ва фоъ чун аз фоилотун хезад, онро маҷҳуфи мусаббағ хонанд.

Ва ҳамон арӯзии мутакаллиф ба ҷои фоъ мутаҳаррика ва ду сокин бар фоилотун афзудааст ва онро фоилийётон карда ва ин тағйирро тазфит ном ниҳода ва асли он зуфуст ба «зод»-и мӯъҷама ва гӯянд «диръуи зафин», яъне зирҳе тамом. Ва ин мутакаллиф аз ин феъл бинои тафъиле кардааст ва фоилийётонро зарби музаффо хонда, яъне тамомкарда. Ва ин ҳам тасарруфе номаълум аст, чунон ки гуфтем, ки чун фоъ ва фаъ ба нафси хеш мустаъмал аст, ба такаллуф истеъмоли се ҳарфи зоид, ки феълро аз насқи тафъил берун мебарад, чи ҳоҷат.

**Рабъ** он аст, ки фоилотунро салм кунанд, то фоил бимонад, он гоҳ махбун гардонанд, фаал бимонад ва фаал чун аз фоилотун хезад, онро марбӯъ хонанд ва рабъ — чаҳоряки мол ситудан бошад, чунон ки гӯянд: «Рабаъту алқавма», яъне чаҳоряки моли эшон бистудам. Ва чун фоил чаҳор ҳарф беш нест ва як ҳарф аз вай ба хабн кам мекунанд, онро ба чаҳоряки мол ситудан ташбеҳ карданд. Ва ин ҳам аз азоҳифи сарди арӯзиёни аҷам аст.



**Муоқабат, садру аҷзу турфон** дар фасле дигар бигӯем.

**Азоҳифи фои-ло-тун,** ки мураккаб аст аз ду сабабу ватаде мафрук, панҷ аст: каффу қасру ҳазфу салху тамс, аммо каффу қасру ҳафз дар ин фои-ло-тун ҳамон аст, ки дар он фоилотун гуфтем.

**Салх** он аст, ки ҳар ду сабаби охири ин фои-ло-тун биандозӣ ва «айн»-и ( ع ) ватади мафрукро сокин гардонӣ, фоъ бимонад ва сукуни «айн» ва фоъро аз ин фои-ло-тун маслух хонанд, яъне пӯст берун кашида. Ва баъзе арӯзиён ин зиҳофро масх хондаанд ва ҷузвро мамсӯх гуфта ва ин исм бад-ин зиҳоф лоиқтар аст.

**Тамус** он аст, ки аз ин фои-ло-тун баъд аз исқоти ҳар ду сабаб «айн» ( ع ) низ соқит гардонӣ, фо бимонад, фаъ ба ҷои он биниҳӣ ва фаъ чун аз ин фои-ло-тун хезад, онро матмус хонанд, яъне нопадид карда, аз баҳри он ки бад-ин зиҳоф аз ин ҷузв беш аз асаре намемонад.

**Азоҳифи мустафъилун,** ки мураккаб бошад, аз ду сабаб ва ватаде мақрун, нӯҳ аст: хабну тайю қатъу тахлеъу хаблу ҳазазу рафъу изолату тарфил.

**Хабн** дар мустафъилун исқоти «с» бошад, мутафъилун бимонад, мафоилун ба ҷои он биниҳанд ва мафоилун чун аз ин мустафъилун хезад, онро махбун хонанд.

**Қатъ** дар мустафъилун он аст, ки «нун» ( ن ) биандозӣ ва «лом»-ро ( ل ) сокин гардонӣ, мустафъил бимонад ба сукуни лом, мафъӯлун ба ҷои он биниҳӣ ва мафъӯлун чун аз ин мустафъилун хезад, онро мақтӯъ хонанд барои он ки ҳар чи аз ватад кам кунанд, ба қатъ тавон кард ва чун хабну қатъ дар мустафъилун ҷамъ шавад, мутафъил бимонад, фаӯлун ба ҷои он биниҳанд ва ин зиҳофро тахлеъ хонанд ва фаӯлун чун аз мустафъилун хезад, онро мухаллаъ хонанд, яъне дастбурида ва ин аз азоҳифи ашъори араб аст, дар шеъри порсӣ наояд.

**Тай** исқоти ҳарфи чаҳоруми ҷузв аст, чун сокин бошад. Ва чун аз мустафъилун фо биандозӣ, мустаилун бимонад, муфтаилун ба ҷои он биниҳанд ва муфтаилун чун аз мустафъилун хезад, онро матвӣ хонанд, яъне дарнавардида (печонида), барои он ки ҳарфе аз миёни он кам кардаанд, чунон ки аз миёни ҷома порае дарнаварданд (печонанд).

**Хабл** иҷтимоъи хабну тай аст дар мустафъилун, мутаилун бимонад, фаилатун ба ҷои он биниҳанд ва ин фосилаи кубро чунон ки дар фасли аркони арӯз гуфта-

ем. Ва хабл фасоди ақл ва табоҳии узв бошад ва чун ҳар ду сабаби ин ҷузв (яъне мустафъилун) бад-ин зиҳоф ноқис мешавад ва он ки ба нафси хеш мустақил меояд, онро махбул хонанд.

**Ҳазаз** дар ашъори аҷам ҳазфи ватади мустафъилун аст, мустаф бимонад, фаълун ба ҷои он биниҳанд ва фаълун чун аз мустафъилун хезад, онро аҳазз хонанд, яъне дунболбурида.

**Рафъ** исқоти сабаби аввал аз ҷузве, ки дар аввали он ду сабаби хафиф бошад ва чун аз мустафъилун сабаби аввал биандозӣ, тафъилун бимонад, фоилун ба ҷои он биниҳанд ва фоилун чун аз мустафъилун хезад, онро марфӯъ хонанд, аз баҳри он ки сабабе аз аввали он бардоштаанд.

**Изолат** зиёдат кардани сокинест бар ватади охири ҷузв ва он дар мустафъилун мустафъилон бошад ва онро музол хонанд, яъне доман фурӯ ҳишта **ва чун махбун**ро изолат кунанд, мафоилон ояд ва онро махбуни музол хонанд ва бо тай ва изолат муфтаилон бошад ва онро матвии музол хонанд ва бо хаблу изолат фаилатон ояд ва онро махбули музол хонанд.

**Тарфил** зиёдат кардани сабабест бар ватади мустафъилун, то мустафъилотун шавад ва онро мураффал хонанд, яъне доман дароз карда ва бо хабн мафоилотун шавад ва бо тай муфтаилотун шавад ва тарфил дар ашъори араб хушояндатар бувад, агарчи баъзе арӯзиёни Аҷам бар тарфил ҳарфе зиёдат кардаанд дар шеъри порсӣ ва онро татвил ном ниҳода ва мустафъилотунро мустафъилотон карда ва онро зарби мутаввал хонда, чунон ки ба ҷои хеш гуфта шавад.

**Азоҳифи мус-тафъи-лун,** ки мураккаб бошад аз ватаде мафруқ ва ду сабаб, чаҳор аст: хабну каффу қасру шакл. Хабн дар ин мус-тафъи-лун ҳамон аст, ки дар он мустафъилун гуфтем. Ва қасру каффу шакл ҷуз дар ин мус-тафъи-лун натавонад буд, аз баҳри он ки ҷузви охирини ин мус-тафъи-лун сабаб аст ва қасру каффу шакл аз азоҳифи асбоб аст. Ва аз ин мус-тафъилун баъд аз қаср мустафъил бимонад ба сукуни «лом» ( ل ), мафъӯлун ба ҷои он биниҳанд ва онро мақсур хонанд. Ва баъд аз кафф мустафъилу бимонад ба заммӣ «лом» ва онро макфуф гӯянд. Ва баъд аз шакл мутафъилу бимонад ба заммӣ «лом», мафоилу ба ҷои он биниҳанд ва онро машкул хонанд. Ва шаклу кафф дар



мус-тафъи-лун аз азоҳифи ашъори араб аст, дар шеъри порсӣ наояд.

**Азоҳифи мафъӯлоту** ҳашт аст: ҳабну тайю вақфу кашфу салам, ҷадъу наҳру рафъ.

**Хабн** дар мафъӯлоту мафъӯлоту бошад, мафоилу ба заммӣ «лом» ( ل ) ба ҷои он биниҳанд ва мафоилу чун аз мафъӯлоту хезад, онро махбун хонанд.

**Тай** дар мафъӯлоту мафъулоту бошад, фоилоту ба ҷои он биниҳанд ва фоилоту чун аз мафъӯлоту хезад, онро матвӣ хонанд.

**Вақф** асконии «то»-и ( ت ) мафъӯлоту бошад, мафъӯлун ба ҷои он биниҳанд ва онро мавқуф хонанд.

**Кашф** исқоти «то»-и ( ت ) мафъӯлоту бошад, мафъӯлун ба ҷои он биниҳанд ва мафъӯлун чун аз мафъӯлоту муншаиб бошад, онро макшуф хонанд. Ва баъзе арӯзиён ин зиҳофро касф гӯянд ба «син»-и мӯҳмала ва кашф ба «шин»-и мӯъҷама бараҳна кардани андом бошад ва ба «син»-и мӯҳмала паи пошна буридан бувад. Ва ҳарфе аз охири мафъӯлоту афканданро ба яке аз ин ду исм таъриф кардаанд. Ва чун хабну кашф ба ҳам ҷамъ шавад, мауло бимонад, фаӯлун ба ҷои он биниҳанд ва фаӯлун чун аз мафъӯлоту хезад, онро махбуни макшуф хонанд. Ва бо хабну тайю кашф мауло бимонад, фаилун ба ҷои он биниҳанд ва фаилун чун аз мафъӯлоту хезад, онро махбуни матвии макшуф хонанд. Ва бо тайю кашф мафъуло бошад, фоилун ба ҷои он биниҳанд ва фоилун чун аз мафъӯлоту хезад, онро матвии макшуф хонанд. Ва бо хабну вақф маӯлон бошад, фаӯлон ба ҷои он биниҳанд. Ва фаӯлон чун аз мафъӯлоту хезад, онро махбуни мавқуф хонанд. Ва бо тайю вақф мафъулон бошад, фоилон ба ҷои он биниҳанд ва фоилон чун аз мафъӯлоту хезад, онро матвии мавқуф хонанд.

**Салам** исқоти ватади мафъӯлоту аст, мафъӯ бимонад, фаълун ба ҷои он биниҳанд ва фаълун чун аз мафъӯлоту хезад, онро аслам хонанд. Ва баъзе арӯзиён ин зиҳофро ҳазаз хонанд, аз баҳри он ки сукути ватад аст аз охири ҷузв ва ҳамчунон ки дар арӯзи тозӣ сукути ватади мутафоилунро ҳазаз хонанд ва дар арӯзи порсӣ сукути ватади мустафъилунро ҳазаз хонанд ва ин исм бад-ин зиҳоф лоиқтар аст ва салам ба қатъи ватади фоилотун лоиқтар, чунон ки он ҷо баён кардем.

**Ҷадъ** исқоти ҳар ду сабаби мафъӯлоту аст ва сокин гардонидани «то» ( ت ), лот бимонад, пас фоъ ба суку-

ни «айн» ( ع ) ба ҷои он биниҳанд ва фоъ чун аз мафъӯлоту хезад, онро маҷдӯъ хонанд, яъне бинибурида ва ин исм ин зиҳофро лоиқ наяфтодааст.

**Наҳр** иҷтимоъи ҷадъ ва кашф аст дар мафъӯлоту, ло бимонад, фаъ ба ҷои он биниҳанд. Ва фаъ чун аз мафъӯлоту хезад, онро манҳур хонанд, яъне гулӯбурида ва аз баҳри он ки бад-ин зиҳоф аз ин ҷузв гӯё рамақе беш намемонад, онро наҳр хонанд.

**Рафъ** искоти сабаби аввал аст аз ҷузве, ки дар аввали он ду сабаби хафиф бошад. Ва чун аз мафъӯлоту сабаби аввал биандозӣ, ӯлоту бимонад, мафъӯлу ба заммы «лом» ( ل ) ба ҷои он биниҳанд.

**Азоҳифи фаӯлун** шаш аст: қабзу қасру ҳазфу саламу сараму батар.

**Қабз** дар фаӯлун сукути «нун» ( ن ) аст, фаӯлу бимонад ба заммы «лом» ва онро мақбуз хонанд.

**Қаср** дар фаӯлун искоти «нун» ва таскини «лом» аст, фаӯл бимонад. Ва фаӯл ба сукуни лом чун аз фаӯлун хезад, онро мақсур хонанд.

**Ҳазф** дар фаӯлун фаӯ бошад, фаал ба ҷои ӯ биниҳанд. Ва фаал чун аз фаӯлун хезад, онро маҳзуф хонанд.

**Салам** искоти «фо»-и ( ف ) фаӯлун аст, ӯлун бимонад, фаълун ба ҷои он биниҳанд ва фаълун чун аз фаӯлун хезад, онро аслам хонанд, яъне рахнашуда.

**Сарам** иҷтимоъи қабзу салам аст дар фаӯлун, ӯлу бимонад, фаълу ба сукуни «айн» ( ع ) ва заммы «лом» ( ل ) ба ҷои он биниҳанд ва онро асрам хонанд, яъне дандони пешин шикаста ва ба ҳукми он ки ин ҷузв мураккаб аст ва ватадеро сабабе ва ҳар ду мухтал (халалдор) шуд, онро ба сарам ташбеҳ карданд.

**Батар** дар азоҳифи араб искоти ватади фаӯлун аст, лун бимонад, фаъ ба ҷои он биниҳанд ва онро абтар хонанд. Ва баъзе гуфтаанд, ки батар дар фаӯлун иҷтимоъи ҳазфу қатъ аст ва ҳар ду якест. Ва саламу сараму батар дар ашъори аҷам наёяд. Ва аз ин азоҳиф қасру ҳазфу хатму ҷаббу залалу батару ҷадъу наҳру салху тамсу ҷаҳфу ҳазазу исбоғу изолату тарфил, махсусан ба аъоризу (арӯзҳо) зуруб (зарбҳо) ва боқии азоҳиф дар соири аҷзоъи байт ҷоиз аст. Ва бидон, ки агар чи ҷумлаи тағйироти арӯзиро аз рӯи он ки дурӣ аст аз асл, шояд ки зиҳоф хонанд, аммо арӯзиён тағйироте, ки ба асбоб мулҳақ (пайваста) шавад, онро зиҳоф хонанд ва он чи ба автод тааллуқ дорад ё ба зуруб ва



аъориз махсус бошад, онро зиҳоф нахонанд, балки илал ало-з-зиҳоф гӯянд. Ва он чи гуфтаанд «аз зиҳофулло-яд улу-ило ало-л-асбоб», мурод асбоби ҳашви байт аст.

Ва чун аз тафсили азоҳиф ва шарҳи тасарруфоти ҳар як фориғ шудем, савоб он аст, ки зикри муншаъиботи (қисмҳои) ҳар як муқаррар гардонем ва ба сабили тафсир ҳар якеро лақабе, ки аз он зиҳоф ёфтааст, дар зери он бинависем, то агар мубтадӣ (навомӯз) талаби ҷузве аз муфтариоти аслӣ кунад, зуд ба сари он расад.

Зикри муншаъиботи мафоӣлун ва он сездаҳ аст:[6] мафоилун (мақбуз), мафоӣлу (макфуф), мафоӣл (мақсур), мафъӯлун (ахрам), мафъӯлу (ахраб), фаӯлун (маҳзуф), фаӯл (аҳтам), фаал (маҷбуб), фоилун (аштар), фоъ (азалл), фаъ (абтар), мафоӣлон (мусаббағ).

Зикри муншаиботи фоилотун, ки мураккаб бошад аз ду сабаб ва ватаде мақрун ва он понздаҳ аст: фаилотун (махбун), фоилоту (макфуф), фаилоту (машкул), фоилон (мақсур), фаилон (махбуни мақсур), фоилун (маҳзуф), фаилун (махбуни маҳзуф), фаълун (аслам), мафъӯлун (мушаасс), фаълон (аслами мусаббағ), фоилийён (мусаббағ), фаилийён (махбуни мусаббағ), фаал (марбӯъ), фоъ (маҷҳуфи мусаббағ), фаъ (маҷҳуф).

Зикри муншаиботи фои-ло-тун, ки мураккаб бошад аз ватаде мафруқ ва ду сабаб ва он панҷ аст: фоилоту (макфуф), фоилон (мақсур), фоилун (маҳзуф), фоъ (маслух), фаъ (матмус).

Зикри муншаиботи мустафъилун, ки мураккаб бошад аз ду сабаб ва ватаде мақрун ва он чаҳордаҳ аст: муфтаилун (матвӣ), мафоилун (махбун), мафъӯлун (мақтӯъ), фаӯлун (мухаллаъ), фоилун (марфӯъ), фаълун (аҳазз), фаилатун (махбул), мустафъилон (музол), мафоилон (махбуни музол), муфтаилон (матвии музол), фаилатон (махбули музол), мустафъилотун (мураффал), муфтаилотун (матвии мураффал), мафоилотун (махбуни мураффал).

Зикри муншаиботи мус-тафъи-лун, ки мураккаб бошад аз ду сабаб ва ватаде мафруқ ва он панҷ аст: мафоилун (махбун), мафоилу (машкул), мустафилу (макфуф), мафъӯлун (мақсур), фаӯлун (махбуни мақсур).

Зикри муншаиботи мафъӯлоту ва он чаҳордаҳ аст: мафоӣлу (махбун), фоилоту (матвӣ), фаилоту (махбу-

ни матвӣ), мафъӯлон (мавқуф), мафъӯлун (макшуф), фаӯлун (махбуни макшуф), фаӯлон (махбуни мавқуф), фаълун (аҳазз), фоилун (матвии макшуф), фоилон (матвии мавқуф), фаилун (маҳбуни матвия макшуф), мафъӯлу (марфӯъ), фоъ (маҷдӯъ), фаъ (манҳур).

Зикри муншаиботи фаӯлун ва он шаш аст: фаӯлу (мақбуз), фаӯл (мақсур), фаълун (аслам), фаӯлу (асрам), фаал (маҳзуф), фаъ (абтар).

## ФАСЛ

Ва чанд лақаби дигар ҳаст, ки дар фусули мутақаддим (гузашта) зикр ва шарҳи он нарафтааст, дар ин мавзеъ баён кунем ва он шонздаҳ аст: х а з м у м у о қ а б а т у с а д р у а ҷ з у т у р ф о н у б а р и ю м у р о қ а б а т у с о л и м у с а ҳ е ҳ у т о м у м а в ф у р у в о ф и ю м ӯ ъ т а д и л у м у а р р о ю м а ҷ з ӯ ъ у м а ш т у р у м а н ҳ у к.

**Хазм** зиёдати ҳарфест ё ду, ки дар аввали мисроъ мутақаддимону шуарои араб истеъмол кардаанд тамоми маъниро ва аз вазну тақтеъ соқит дошта ва бештари он ҳуруфи атф будааст: чун «ҳал»-у «бал»-у «сумм»-у «вов»-у «фо» Ва баъзе аз шуарои аҷам дар ин боб тақайюл бад-эшон кардаанд ва дар як-ду байт хазм оварда, чунон ки шоир гуфтааст:

### Байт

Ҳар кӣ бо марди маст ҷанг кунад,  
Маломат онро расад, ки ҳушёр аст.

Ва «мим»-и маломат хазм аст ва вазну тақтеъи ин мисраъ чунон бошад ки «ломат онро расад, ки ҳушёр аст» ва ин зишт хазмест. Чи дар шеъри араб ағлаб хузум (хазмҳои) ҳуруфи завоид бошад, чунон ки гуфтем. Ва ин шахс «мим»-и маломатро, ки асли калима аст, хазм сохтааст ва ба ҳеҷ ҳол муҳаддисони (қиссагӯёни) шуарои арабу аҷамро нашояд, ки хазм ба кор доранд, аз баҳри он ки завқи шеър халал мекунад ва табъ аз он нафрат мегирад. Ва ин исм аз хизомаи шутур гирифтаанд ва он зиёдати ҳалқае бошад ба шамин, ки дар бинии шутур кунанд, то миҳор (чӯбе, ки аз бинии



шутур гузаронида ба он ресмон банданд) дар вай банданд.

**Муоқабат** он аст, ки сукути ду ҳарф аз вазне бар сабили муновабат (навбат ба навбат) бошад. Агар яке бияфтад, албатта дигаре барқарор бошад ва шояд, ки ҳеҷ ду соқит нашаванд, аммо нашояд, ки ҳар ду бо ҳам бияфтанд ва ин исм аз муновабати ду шарик гирифтаанд, ки дар сафаре як маркаб доранд ва ба навбат барнишинанд ва онро дар арабият муоқабат хонанд ва ҳар чӣ аз паси чизе дарояд, онро муоқабат хонанд. Ва чун ҳақиқати муоқабат маълум шуд, бидон, ки муоқабат аст миёни «ё» ва «нун»-и мафоийлун дар баҳри Ҳазаҷ то агар «ё» бияфтад, нашояд, ки «нун» бияфтад. Ва агар «нун» бияфтад, нашояд, ки «ё» бияфтад ва ҳамчунин муоқабат аст миёни «нун»-и фоилотун ва «алиф»-и фоилун ва фоилотуни дигар, ки аз паси он ояд ва чун ҳарфе бияфтад, ба муоқабати ҳарфе, ки баъд аз он бошад, онро **садр** хонанд. Ва чун ҳарфе бияфтад, ба муоқабати ҳарфе, ки пеш аз он бошад, онро **аҷуз** хонанд ва агар аз ду тарафи фоилотун «алиф»-у «нун» бияфтад ба муоқабати моқабл ва мобаъд онро **турфон** хонанд ва ин тасарруфот ҷуз ба мисоле равшан нашавад. Пас гӯем, фоилоту фоилотун садр аст, аз баҳри он ки аз фоилотуни аввал «нун» афтодааст ба муоқабати «алиф»-и фоилотуни охир. Ва фоилотун фаилотун аҷуз аст, аз баҳри он ки аз фоилотуни охир «алиф» андохтаанд ба муоқабати «нун»-и фоилотуни аввал. Ва фоилотун фаилоту фоилотун турфон аст, аз баҳри он ки аз фоилотуни авсат (байн) «алиф»-у «нун» андохтаанд ба муоқабати «нун»-и фоилотуни аввал ва «алиф»-и фоилотуни саввум. Ва баъзе арӯзиён дар боби садр ва аҷуз ҳарфи собитро эътибор кунанд, на ҳарфи соқитро ва муоқабати мобаъдро садр хонанд ва муоқабати моқаблро аҷуз гӯянд ва ин ба савоб наздиктар аст, аз баҳри он ки муоқабат роҳила, ки ин исм аз он гирифтаанд. Муоқиба он кас бошад, ки барнишинад, на он кас, ки фурӯ ояд. Ва ҳар ҷузв, ки дар он муоқабат қоим бошад ва ҳеҷ ҳарф соқит нагардонанд ва аз мурқабат солим доранд, **барӣ** хонанд, яъне босаломат аз муоқабат.

**Муроқабат** он аст, ки сукути яке аз ду ҳарф бо субути дигаре муталозимон бошанд, яъне ду ҳарф бо ҳам соқит шаванд ва на бо ҳам собит бошанд. Ва ин исм аз муроқабати кавокиби уфуқӣ гирифтаанд, ки чун дар Мағриб ситорае фурӯ шуд, рақиби ӯ ҳароина аз Маш-

рик толеъ (тулӯъкунанда) бошад. Ва чун ин толеъ шуд, рақиби ӯ ҳароина ғориб (фурӯраванда) бошад. Ва чунон ки ҳар ду ба ҳам дар баробари якдигар пайдо намонанд, ҳар ду ба ҳам низ нопадид нашаванд. Ва чун ҳақиқати муроқабат маълум шуд, бидон, ки муроқабат қоим аст миёни «ё»-и мафоийлун ва «нун»-и он дар навъи мусаддас аз баҳри Ҳазаҷи ахраб ва хос дар ин навъ бояд аз мафъӯлу ё мафоийлу ояд ба сукути «нун» ё мафоийлун ояд ба сукути «ё» ва дар мусаддас ин навъ ба ҳеҷ ваҷҳ баъд аз мафъӯлу мафоийлуни солим наояд, чунон ки ба ҷои хеш баён кунем.

**Солим** ҷузве бошад, ки босаломат бувад аз азоҳиф, ки ба ҳашв тааллуқ дорад, чун хабну каффу тайю шакл.

**Саҳеҳ** зарбе бошад, ки босаломат бувад аз азоҳифе, ки тааллуқ ба зуруб дорад, чун қасру ҳазазу ҷаббу залалу монанди он.

**Том(м)** байте бошад, ки аҷзои садри он бар асли доира бошад, агар чи баъзе азоҳиф, ки ба ҳашв тааллуқ дорад, ба арӯзи он роҳ ёфта бошад.

**Мӯътадил** байте бошад, ки арӯз ва зарби он дар вазн яксон бошанд, яъне агар арӯз мустафъилун бошад, зарб ҳам мустафъилун бошад ва агар мафъӯлун бошад, зарб низ мафъӯлун бувад.

**Мавфур** ҷузве бошад, ки дар он харм ҷоиз бошад ва онро харм накунанд ва ахрам зидди мавфур бошад.

**Вофӣ** байте бошад, ки таҷзият бад-он роҳ наёфта бошад, яъне ҳеҷ аз он чи дар асли доира бошад, кам накарда бошанд.

**Муарро** зарбе бошад, ки ҳеҷ бар асли он зиёдат накарда бошанд, чунон ки ба исбоғу изолату тарфил кунанд.

**Маҷзӯъ** байте бошад, ки аз асли доираи он ҷузве аз арӯз ва ҷузве аз зарб кам карда бошанд.

**Маштур** байте бошад, ки як нима аз аҷзои аслии он кам карда бошанд, чунон ки мураббаъи Ҳазаҷ, ки дар асли доираи аҷам мусамман аст. Ва дар ашъори араб раво бошад, ки чаҳор донак аз аҷзои баҳре кам кунанд, чунон ки аз Раҷаз ва Мунсареҳ, ки дар асли доираи араб мусаддасанд. Ва бошад, ки бар ду ҷузв аз ҳар як шеър гӯянд ва онро **манҳук** хонанд, ба сабаби қиллати (камии) аҷзо ва заъфи он. Ва дар луғати араб гӯянд **«наҳикатҳу ҳумма»**, яъне таб ӯро заъиф ва низор кард.



## БОБИ ЧАҲОРУМ,

## ДАР ЗИКРИ БУҲУРИ ҚАДИМ, ВА ҲАДИСУ (НАВУ) НАҚШИ ДАВОИРУ ТАҚТЕЪИ АБЬЕТИ СОЛИМ ВА МАЗОҲИФИ ОН

Ва ба ҳукми он ки синоати шеър дар бадви (ибтидои) амр мухтараъи (ихтироъшудаи) табъи араб ва мубтадаъи (эҷодшудаи) хотири эшон будааст ва аҷам дар кулли абвоби (хусуси) он тобеъанд, на возеҳ ва дар тасмияи аҷзою аркон ва тақдири (ибтидои) буҳуру авзон ва тақрири (муқаррар кардани) яҷузу лояҷузи он ноқиланд, на мустақил. Лозим омад, ки дар ин таълиф чунон ки дар ибтидо ба шарҳи авзоъ ва истилоҳоти эшон кардем, дар тақрири буҳур ва сабти давоир зикри аҷноси шеър ва таъдиди авзони эшон муқаддам дорем, то он чи аҷам дар ашъори хеш бар он зиёдат ва аз он кам кардаанд, хато ва савоби он маълум гардад ва баду неки он равшан шавад. Бидон, ки ҷумлаи ашъори араб он чи дар давоини эшон ёфта шудааст ва ровиёни эшон ривоят карданд, понздаҳ ҷинс аст, ки арӯзиён ҳар ҷинсро аз он баҳре хонанд ва ҳар баҳрро лоиқи аҷзо ва аркон ё мувофиқи аҳволи араб дар иншою иншоди (сурудани) он дар ғиною (нағмаю) ҳидоъ ва мадҳу ҳиҷо ва аснофи (хелҳои) музокироту мафохирот номе ниҳодаанд ва ҷумлаи онро панҷ қисми мухталиф карда ва ҳар қисм дар доирае мураттаб гардонида ва тартиби буҳур ин аст: Тавилу Мадиду Басит; Вофиру Комил; Ҳазаҷу Раҷазу Рамал; Сареъу Мунсареҳу Хафифу Музореъю Муқтазабу Муҷтасс; Мутақориб. Биноп Тавилу Мадиду Басит бар ҷузве хумосӣ (панҷгона) ва ҷузве субоъӣ (ҳафтгона) аст. Аҷзои Тавил чаҳор бор фаъӯлун мафоийлун; аҷзои Мадид чаҳор бор фоилотун фоилун; аҷзои Басит чаҳор бор мустафъилун фоилун. Ва чун ин се баҳр дар адади мутаҳаррикоту савокин ва таркиби автоду асбоб (ватадҳо ва сабабҳо) мувофиқу муттафиқ буданд, онро дар як доира ниҳоданд. Ва ба ҳукми он ки аҷзои он мухталифанд — баъзе хумосию баъзе субоъӣ, номи доираи он доираи Мухталифа карданд ва аз баҳри он ки буҳури ин доира дарозтарин буҳури шеър бувад, онро бар ҷумлаи давоир муқаддам доштанд. Барои он ки тӯли абьёт ва касрати аҷзои он ба наздики араб писандидатар аст, чи маонии мухталиф ба касрати аҷзоъ муставфитар (басандатар) даст диҳад

ва бад-ин сабаб номи ин буҳур Тавилу Мадиду Басит ниҳоданд. Ҳама номҳои дар касрати аҷзоъ ва тӯли шеър мутақорибулмаъниӣ, то аз якдигар мумтоз бошанд. Ва аз баҳри он Тавилро дар доираи хеш бар он ду баҳри дигар тақдим карданд, ки автоди баҳри Тавил муқаддам (пеш) бувад бар асбоб. Ва Мадиду Баситро асбоб муқаддам аст ба автод. Ва ибтидои калом ба автод қавитар ояд, ки ба асбоб, чунон ки пеш аз ин гуфтаем, ки бинои калом бар идроҷ (дарҷ) ва иттисол (пайвастагӣ) аст ва аз ин ҷиҳат мебояд, ки мутаҳаррикоти каломӣ беш аз савокини он бошад. Ва ватад ду мутаҳаррик ва сокине аст ва сабаб як мутаҳаррик ва сокине. Пас васлу идроҷ дар автод беш аз он бошад, ки дар асбоб. Ва ҳамчунин Мадидро бар Басит аз он тақдим карданд (яъне пеш гузоштанд), ки ватади он ба садр наздиктар аз ватади Басит аст. Ва бинои Вофиру Комил бар субоъиёт аст, мураккаб аз панҷ мутаҳаррик ва ду сокин. Аҷзои Вофир шаш бор муфоалатун[7] ва аҷзои Комил шаш бор мутафоилун ва чун афоили ин ду баҳр дар адади мутаҳаррикот ва савокин ва таркиби аркон муттафиқ (якшуда) ва мӯъталиф (наздикшуда) буданд, онро дар як доира ниҳоданд ва номи он доира Мӯъталифа (унсгирифта) карданд. Ва чун ин ду баҳр дар касрати мутаҳаррикот ва таваффури (бисьёрии) абьёти муносиби буҳури доираи Мухталифа буданд, онро радифи доираи Тавил карданд ва ҳам аз ин ҷиҳат, номи ин ду баҳр Вофир ва Комил ниҳоданд, чи ҳамчунон ки буҳури доираи Мухталифаро аҷзо бештар аз дигар буҳур аст. Ин ду баҳрро абьёт бештар аз дигар буҳур аст ва Вофирро бар Комил аз он тақдим карданд (пеш гузоштанд), ки ватади он бар фосила муқаддам бувад ва ватад дар касрати мутаҳаррикоти шеърӣ мӯътадилтар аз фосила аст, аз баҳри он ки мутаҳаррики ватад заъфи мутаҳаррики сабаб аст ва нисбати заъф мӯътадилтарин нисбатҳост. Ва бинои Ҳазаҷу Раҷазу Рамал бар субоъиёти Тавилу Мадиду Басит аст. Аҷзои Ҳазаҷ шаш бор мафойлун ва аҷзои Раҷаз шаш бор мустафъилун ва аҷзои Рамал шаш бор фоилотун. Ва чун афоили ин буҳур дар таркиби аркон муттафиқ (мувофиқ) буданд, онро дар як доира ниҳоданд ва ба сабаби он ки афоили ин буҳур гӯё мустахраҷ (хориҷ кардашуда) ва муҷталаб (ҷалб кардашуда) аст аз аҷзои буҳури доираи Мухталифа мафойлун аз Тавил ва мустафъилун аз Басит ва фоилотун аз Мадид, номи он доира Муҷталаба



карданд ва иҷтилоб чизе аз ҷое ба ҷое бурдан аст. Ва сабаби тақдими Ҳазаҷ бар Раҷаз тақдими автоди ӯст, чунон ки гуфтем. Ва сабаби тақдими Раҷаз бар Рамал он аст, ки Раҷаз дар тародуфи асбоби афоил мувофиқи Ҳазаҷ аст ва бад-ин сабаб аҷзои Раҷаз аз ҷузви дуввуми Ҳазаҷ мунфакк (ҷудо) мешавад ва аҷзои Рамал аз ҷузви саввуми он. Пас Рамалро ба дараҷаи саввум бурданд ва Раҷазро дар дараҷаи дуввум биниҳоданд то нисбати факки (ҷудоии) аҷзо маръӣ бошад (риоят шавад), чунон ки ба ҷои хеш баён кунем. Ва сабаби тақдими доираи Ҳазаҷ бар доираи Сареъ он аст, ки автоди Ҳазаҷ ва ахавоти он мақруна аст ва автоди буҳури доираи Сареъ баъзе мақруна аст ва баъзе мафруқа. Ва автоди маҷмӯа аз баҳри тародуфи мутаҳаррикоти он қавитар аст аз автоди мафруқа, ки мутаҳаррикоти он аз ҳам ҷудо аст. Ва баҳри Ҳазаҷро аз баҳри он Ҳазаҷ ном кардаанд, ки ағлаби нашидот (сурудҳо) ва ағонии (нағмаҳои) араб бар ин баҳр аст ва дар ғиною (нағма) худо (суруд). Ва Раҷазро аз баҳри он Раҷаз хонданд, ки араб ғолибан ин баҳр дар ҳолати ҳафизати (ғазаби) ҳуруб (ҷангҳо) ва шарҳи мафохири аслоф (гузаштагон) ва сифати руҷулияти (мардонагии) хеш ва қавми хеш гӯянд. Ва дар ин авқот (вақтҳо) овоз музтарибу ҳаракот сареъ (тезу тунд) тавонад буд. Ва раҷаз дар асли луғат изтироб ва суръат аст. Ва Рамалро аз баҳри он Рамал хонанд, ки гӯё аркони он дар ҳам бофта аст — ватаде дар миёни ду сабаб ва ду сабаб дар миёни ду ватад. Ва рамал ҳасир (бӯрьё) бофтан аст. Гӯянд: «Рамала-р-раммолу байтан», яъне марди ҳасирӣ (бӯрьёбоф) як хонаи ҳасир бофт. Ва бинои буҳури доираи Сареъ бар субоъиётест мухталифтаркиб. Дар ҳар баҳри аз он буҳур чаҳор ватади мақрун ва ду ватади мафруқ аст. Ва чун ҳама дар ин таркиб муттафиқ ва мувофиқанд, ҳамаро дар як доира ниҳоданд ва ба сабаби он ки баъзе аз афоили ин буҳур мушобеҳи баъзе аст дар вазн ва мухолиф дар таркиб, номи доираи он доираи Муштабиҳа (шабоҳатдор) карданд. Аҷзоъи Сареъ ду бор мустафъилун мустафъилун мафъӯлоту ва аҷзоъи Мунсареҳ ду бор мустафъилун мафъӯлоту мустафъилун ва аҷзои Хафиф ду бор фоилотун мус-тафъ-илун фоилотун ва аҷзои Музореъ ду бор мафойлун фои-ло-тун мафойлун ва аҷзои Муқтазаб ду бор мафъӯлоту мустафъилун мустафъилун ва аҷзои Муҷтасс ду бор мус-тафъи-лун фоилотун

фоилотун. Ва сабаби тақдими Сареъ бар ахавоти он дар доира он аст, ки ватади мафруқи ӯ аз садр дуртар аст ва автоди мафруқа чунон ки гуфтаем, заъифтар аз автоди мақруна аст, ба сабаби тавотури (пайдарҳамии) мутаҳаррикоти он ва тародуфи мутаҳаррикоти ин. Ва авоили абьёт бояд, ки бақувваттар бошад, аз баҳри он ки ибтидои калом аст ва авохири абьёт агар суст бошад, раво бувад, аз баҳри он ки маҳалли вақф (ист) ва мавзеъи инқизоъи (охири) савт аст. Ва Сареъро аз баҳри он Сареъ хонанд, ки бинои он ба ду сабабу ватаде ва иншоди асбоби муфрада алалхусусе, ки бо автоди мафруқа бошад, иқтизоъи (талаби) суръат кунад ва сабук дар лафз ояд. Ва чун Мунсареҳ дар таркиб ва тартиби аркон бо Сареъ мувофиқ бувад, онро низ дар доира радифи ӯ гардониданд ва бар Хафифу Музореъ муқаддам доштанд ва ҳам бад-ин сабаб онро Мунсареҳ хонанд, ки аз роҳи тақаддуми асбоб сабук ва осон дар лафз ояд. Ва сурох дар луғати араб осон ва равонӣ бошад ва гӯянд: «Фаалту ҳаза фӣ сурохин ва равохин» (ин кор бикардам ба суҳулату осонӣ). Ва баъзе гуфтаанд ин баҳрро аз баҳри он Мунсареҳ хонанд, ки дар нуқсони аҷзо ба ҳадде мерасад, ки гӯё аз сурати шеърӣ берун меравад, барои он ки дар таҷзият ба ду калима бозмеояд, ки амсоли он дар муҳовароти (гуфтугӯйҳои) авом бисьёр афтад ва кас онро шеър нашумурад. Чунон ки «ман яштари-л-бозанҷон?» бар вазни мустафъилун мафъӯлон ва дар порсӣ: «кӣ мехӯрад бо занҷон?» бар вазни мафоилун мафъӯлон ва ин қадар аз ин бахр дар ашъори араб байте дуруст аст. Ва мунсареҳ касеро гӯянд, ки аз либоси хеш берун ояд. Ва Хафифро аз баҳри он Хафиф хонанд, ки ҳаракоти автоди мафруқаи он муттасил аст ба ҳаракоти асбоби хафифа аз тарафайн, яъне аз ҳар ду ҷониб «тафъи» ду сабаби хафиф аст, мутаволӣ (пай дар пай) аз аввали «тафъи» ҳамвазни сабаби хафиф аст, пас гӯё иҷтимоъи асбоби муфрада аст. Ва он иқтизоъи (талаби) суръат ва хиффат (сабукӣ) кунад дар лафз. Ва баъзе гуфтаанд, ки ин бахр сабуктарин буҳури шеър аст, барои он ки бештар асомии мутаввал (дароз), ки интизоми он дар дигар буҳур душвор бошад. Чун Ибни Абдурраҳмон ва Ибни Абдулҳамид ва монанди он дар ин бахр ба осонӣ назм тавон кард, чунон ки:

Шеър

Ибну Абдураҳмони оша ҷамилан,
Ва-бну Абдилҳамиди сора набилан.



Ва дар порсӣ, чунон ки:

Шеър

Хоҷа Абдурраҳмони мо дар китобат
Ҳамчу Абдулҳамиду Ибнуламид аст.

Ва чун эроди чизе дар баҳре осон бошад ва дар дигаре душвор, дур набошад, агар онро Хафиф хонанд. Ва сабаби тақдими (аввал будани) Хафиф бар Музореъ он аст, ки ватади мафруқи Хафиф аз садр дуртар аст, чунон ки гуфтем. Ва Музореъро аз баҳри он Музореъ хонанд, ки дар тарбеъ (чор баробар зиёд кардан) ва тақдими автод ба Ҳазаҷ монанд аст ва музораат мушобаҳат ва муқобалат аст. Ва Ҳазаҷу Музореъ, агар чи дар доира мусаддас меоянд, дар истеъмол мураббаъанд. Ва Муқтазабро аз баҳри он Муқтазаб хонанд, ки аз ҷузви саввуми Сареъ мафкук аст. Ва ҳеҷ баҳр аз ҷузви саввуми дигаре мафкук нест илло Муқтазаб. Ва иқтизоб бозбуридани чизе аз чизест ва чӯби тозиёнаро аз баҳри он қазиб хонанд, ки шохест аз асле бозбурида. Ва Муҷтассро аз баҳри он Муҷтасс хонанд, ки аз ҷузви дуввуми Хафиф мафкук аст ва иҷтисоб аз бех баркандан аст. Ва ниҳоли хурморо, ки аз ҷое бароранд ва ба ҷои дигар бинишонанд, ҷасис хонанд. Ва исми Муқтазабу Муҷтасс дар маънӣ ба ҳам наздиканд ва ихтилофи лафз барои тамиз (фарқ) аст. Ва Музореъу Муқтазабро аз баҳри он қарини якдигар сохтаанд, ки арабро дар ин ду баҳр шеъри сахт андак аст. Ва Зуҷҷоҷ мегӯяд: «Намешиносам касро аз асҳоби луғат ва арбоби ривоят, ки дар ин ду баҳр як қасидаи арабӣ ривоят кунад». Ва Муҷтассро аз баҳри он боз ба ҷумлаи буҳур доштанд, ки ватади мафруқи он ба садр наздиктар аз ҷумлаи буҳур аст ва доираи Сареъро аз баҳри он бар доираи Мутақориб тақдим карданд, ки дар ин доира шаш баҳри субоъиюлаҷзо аст. Ва дар доираи Мутақориб як баҳри хумосиюлаҷзо беш нест, кароҳият доштанд, ки як баҳри хумосиро бар шаш баҳри субоъӣ тақдим кунанд. Ва бинои баҳри Мутақориб бар се мутаҳаррику ду сокин аст ва аҷзоъи он ҳашт бор фаӯлун аст. Ва Халил аз ин ҷузв ҳеҷ баҳри дигар тахриҷ накардааст. Ва аз вай пурсиданд, ки чаро сабаби фаӯлун бар ватад тақдим накарданд ва баҳре бар вазни фоилун берун наовардаанд? Ҷавоб дод, ки аз баҳри он ки ибтидо бояд ки қавитар аз интиҳо бошад. Ва чун

аркони ин баҳр ватаде ва сабабе беш нест, кароҳият доштанд, ки ибтидоро заъиф гардонанд ва баҳре баръакси таркиби Мутақориб тахриҷ кунанд, ки он гаҳ сабаби муфрадро бар ватади муфрад тақдим карда бошанд. Валекин баъзе мутааххирон ин тасарруф карданд ва баръакси бинои Мутақориб баҳре берун оварданд, аҷзои он ҳашт бор фоилун ва номи он баҳри Мутадорик ниҳода. Ва доираи Мутақорибро доираи Муттафиқа хонанд, аз баҳри он ки аҷзои он дар таркиб ва тартиб муттафиқанд. Ва Мутақорибро аз баҳри он Мутақориб хонанд, ки автод ва асбоби он ба ҳам наздиканд. Ҳар ватаде бар ақиби сабабе ва ҳар сабабе бар ақиби ватаде ва ҳам аз ин маънӣ он баҳри Мустаҳдасро (навбуньёдро) Мутадорик ном карданд, ки асбоби он автоди онро дарёфтааст ва баъзе онро баҳри Муттасиқ (тартибёфта) хонанд ва баъзе баҳри Мутадонӣ (наздикшаванда) ва ин ҳама номҳост мутақорибмаънӣ.

### ФАСЛ

Ва аммо сабаби он ки ҳар ҷинсро аз аҷноси шеър баҳре хонанд, он аст, ки ҳар як дар иштимол (дар бар гирифта) бар авзони мухталиф ва анвоъи мутафовут сиате ва касрате дорад, чи таҳти ҳар як ба воситаи азоҳифе, ки ба аҷзоъи он лоҳиқ (пайваст) мегардад, анвоъи шеър аст. Ва асли баҳр дар луғати араб шикофтан аст ва дарьёро аз он ҷиҳат баҳр хонанд, ки шикофе аст фарох дар замин, муштамил бар оби бисьёр ва анвоъи мукавваноти (мавҷудоти) обӣ. Ва гӯянд фалон кас баҳрест дар илм ва баҳрест дар караму мурувват, яъне тавассуъе дорад дар фунуни улум ва махсусест ба анвоъи макорими одат, пас ҳар ҷинс аз анҷоми шеър тарфест (гӯшаест) аз каломи манзум муштамил бар анвоъи авзон. Ва аммо иллати он ки ҷумлаи буҳурро бар панҷ доираи мухталиф ниҳоданд, он аст, ки ин буҳур баъзе буд, ки аҷзои он ба тақдим ва таъхири аркон аз чанд баҳри дигар берун меомад ва баъзе буд, ки аҷзоъи он аз як баҳр беш берун намеомад ва баъзе буд, ки таркиби аҷзоъи он бо таркиби аҷзоъи дигар буҳур муносибате надошт ва аз ин ҷиҳат, аҷзоъи он аз ҳеҷ баҳри дигар мухарраҷ (хориҷ) намешуд. Пас Тавилу Мадиду Баситро, ки дар ихтилофи аҷзо ва таркиби аркон муттафиқ ва мувофиқ буданд ва бад-ин сабаб аҷзоъи ҳар як аз дигаре берун меомад, дар доирае



ниҳоданд. Ва Вофиру Комилро, ки таркиби ҳар ду аз ватаде ва фосилае буд, қисме дигар сохтанд ва дар доирае дигар ниҳоданд. Ва Ҳазаҷу Раҷазу Рамалро, ки таркиби ҳар се аз ду сабаб ва ватаде мақрун буд, қисме дигар сохтанд ва дар доирае ниҳоданд. Ва Сареъю ахавоташ (навъҳояш)-ро, ки таркиби ҳар як дувоздаҳ сабаби хафиф ва чаҳор ватади мақрун ва ду ватади мафруқ буд, дар доираи дигар ниҳоданд. Ва Мутақорибро чу аҷзоъи он мувофиқи аҷзоъи ҳеҷ аз буҳур муқаддам набуд, қисми хос гардониданд ва дар доирае алоҳида ниҳоданд. Ва аммо фоидаи он ки доираро аз миёни дигар ашколи ҳандасӣ баргузиданд ва мавзеъи буҳур гардониданд, он аст, ки факки (ҷудо кардани) аҷзоъи буҳур аз якдигар дар доира осонтар аз он даст диҳад, ки дар дигар ашкол ва факк он аст, ки аҷзоъи баҳри Тавилро, масалан, аз вазни баҳри Мадид берун орӣ ва аҷзои Мадидро аз вазни баҳри Тавил ва ин маънӣ сурат набандад, илло ба нақли ҷузве ё рукне аз аввали як вазн ба охири он ё радди чизе аз охир ба аввали он. Ва шакли доира хаттест муташобеҳулаҷзо. Ҳар нуқта, ки аз он фарз кунӣ, онро ҳам сари доира тавон гуфт ва ҳам дар поёни доира шояд донист. Ва аз ин ҷиҳат, чун байте бар муҳити (атрофи) он нависӣ, дар хондани он аз ҳар ҳарф, ки оғоз кунӣ, ба давр ба ҳамон ҳарф бозтавон расид бе нақли чизе аз аввали он ба охир ё радди чизе аз охир ба аввал. Ва фоидаи факки буҳур аз якдигар он аст, ки мубтадиро (навомӯзро) маълум гардад, ки ин баҳр аз ҳамон аркони мураккаб аст, ки ухти (ҷузви) ӯ. Ва агар соиле (саволкунандае) гӯяд, чун мақсуд аз вазъи буҳур дар давоир он аст, ки аҷзои баҳре аз баҳре, ки ухти ӯ бошад, мафкук (ҷудо) шавад ва Мутақорибро дар доира ҳеҷ ухт нест, ки аз он мафкук тавонад шуд, пас чаро ӯро дар доирае алоҳида ниҳоданд? Гӯем: «Агарчи баҳри Мутақориб дар асли ашъори араб ухте (ҷузве) надорад, лекин аз таркиби ватаде ва сабабе ба табъи ҷинсе дигар баръакси ин тартиб мумкин аст. Пас онро дар доираи ҷудогона ниҳоданд, то мубтадиро (навомӯзро) муҳаққақ (аниқ) шавад, ки аз ин таркиб ҷинсе дигар тахриҷ метавон кард, агар чи арабро бар он вазн шеъре наёфтаанд (Баҳри Мутадорик дар назар дошта шудааст).

Ва чун ин муқаддимот маълум шуд, бидон, ки аҷамро бар панҷ баҳр аз ин буҳури понздаҳгона шеъри азб

(гуворо) нест ва он Тавил асту Мадиду Баситу Вофиру Қомил. Ва мо байте чанд аз ашъори кудамо, ки дар назми он тақлид ба шуарои араб кардаанд ва барои изҳори маҳорати хеш дар илми арӯз гуфта, биёрем, то сиқли (қимати) он маълум гардад ва дурии он аз табъи салим равшан шавад.

### Абьёти Тавил

Байти мақбуз-арӯз, солим-зарб, ки дар ин баҳр тамомтарин ашъори араб аст:

Ба коре чаро кӯшӣ, к-аз он кор мар туро
*фаӯлун /мафоӣлун/фаӯлун мафоӣлун*
Ҳаме оқибат хоҳад расидан пушаймонӣ?
*фаӯлун /мафоӣлун/фаӯлун/мафоӣлун*

Байти мақбуз-зарб ва арӯз:

Бад-ин ошиқӣ ҳар к-ӯ диҳад панд мар маро,
*фаӯлун /мафоӣлун /фаӯлун /мафоилун*
Ҳаме кӯз бар гунбад фишонад ба аблаҳӣ.
*фаӯлун /мафоӣлун /фаӯлун /мафоилун*

Байти мақбуз-арӯз, маҳзуф-зарб:

Нигоре куҷо ҳамто ба хубӣ надонамаш,
*фаӯлун /мафоӣлун /фаӯлун /мафоилун*
Чи гӯӣ, киро бошад ба ишқаш сабурӣ.
*фаӯлун /мафоӣлун /фаӯлун /фаӯлун*

### Абьёти Мадид

Байти мусаддаси солим, ки атамми (пурратари) ашъори араб аст дар ин баҳр:

Ғолиязулфе, суманоразине
*фоилотун /фоилун /фоилотун*
Сарвболоеою занҷирмӯе.
*фоилотун /фоилун /фоилотун*

Зиндагонӣ талх кардӣ маро,
*фоилотун /фоилун /фоилун*
Зиндагонӣ бе ту н-ояд ба кор.
*фоилотун /фоилун /фоилун*

Байти солим-садру ибтидо, махбун-арӯзу зарбу ҳашвайн:

Чун зи ман сер шудӣ, чӣ кунам ман?
*фоилотун /фаилун/ фаилотун*



Посухам чун накунӣ, бизанам тан.
*фоилотун /фаилун/ фаилотун*

Байти машкул-садр, макфуф-ибтидо, солим-ҳашвайн, махбуни мақсур-арӯзу зарб:

Тамаъ аз вафои ӯ набарем,
*фаилоту/ фоилун/фаилон*
То ғами ҷафои ӯ нахурем.
*фоилоту /фоилун /фаилон*

### Абьёти Басит

Байти махбун ва ин атамми (пурратари) ашъори араб аст дар ин баҳр:

Рӯзам сиёҳ чаро, гар ту сиёҳхатӣ?
*мустафъилун /фаилун /мустафъилун /фаилун*
Ашкам ақиқ чаро, гар ту ақиқлабӣ?
*мустафъилун /фаилун /мустафъилун /фаилун*

Байти маҷзӯъ:

Аз мардумон дил маход, эй саътарӣ,
*мустафъилун /фоилун/мустафъилун*
Чун дил бибурдӣ, макун ин доварӣ.
*мустафъилун /фоилун/мустафъилун*

Байти махбули махбун:

Чӣ ба вафо писарӣ, чӣ ба сазо санамӣ,
*фаилатун/фаилун /фаилатун/фаилун*
Ки ба забон н-оварӣ, ки ту чаро ба ғамӣ?
*фаилатун/фаилун /фаилатун/фаилун*

### Абьёти Вофир

Байти мақтуф ва ин атамми (пурратари) ашъори араб аст дар ин баҳр:

Чу баргузарӣ, ҳаменигарӣ ба рӯям,
*мафоилатун /мафоилатун /фаӯлун*
Чаро накунӣ яке нигариш ба корам
*мафоилатун /мафоилатун /фаӯлун*

Ва қатф он аст, ки «лом»-и ( ل ) мафоилатунро сокин гардонанд ва мафойлун ба ҷои он ниҳанд, он гоҳ «лом»-у ( ل ) «нун» ( ن ) аз ин мафойлун ҳазф кунанд, мафоӣ бимонад, фаӯлун ба ҷои он биниҳанд ва фаӯлун чун аз мафоилатун муншаиб бошад, онро мақтуф хонанд ва қатф мева чидан аст. Ва ба сабаби он ки бад-ин зиҳоф аз ин ҷузв ду ҳарфу ду ҳаракат афтодааст, онро ба қатфи симор (мева чидан) ташбеҳ кардаанд.

**Байти маъсуби мақтуф:**

Нигорино, ба саҳро шав, ки олам,
*мафойлун /мафойлун /фаӯлун*
Чу рӯи хуби ту гаштаст хуррам.
*мафойлун /мафойлун /фаӯлун*

Ва асб он аст, ки «лом»-и мафоилатунро сокин гардонанд ва мафойлун ба ҷои он биниҳанд ва мафойлун чун аз мафоилатун муншаъиб бошад, онро маъсуб хонанд. Ва асб бастан бошад ва исоба сарбанд ва рагбанд бувад. Ва ба сабаби он ки «лом»-и мафоилатунро бад-ин зиҳоф аз ҳаракат боздоштаанд, онро ба асб ташбеҳ кардаанд. Ва ин вазн монанди Ҳазаҷи маҳзуф аст ва «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷаӣ ва «Вис ва Ромин»-и Фахрии Гургонӣ бар ин вазн аст. Ва ҷамоате онро аз ин баҳр пиндоранд ва чун ҳеҷ ҷузв аз ин вазн мафоилатун натавонад буд ва агар биёранд, мустасқал ва аз табъ дур бошад, чунон ки гуфтаанд:

Байт

Нигорино, бикун нигариш ба корам,
*мафойлун /мафоилатун /фаӯлун*
Чу медонӣ, ки ман зи ғамат фигорам.
*мафойлун /мафоилатун /фаӯлун*

Пас он вазнро аз мусаддаси Ҳазаҷ маҳзуф ниҳодан авлотар аз он ки аз Вофир музоҳаф.

Байти манқус:

Агар ёр маро боз навозад,
*мафойлун/ мафойлу /фаӯлун*
Дилам бо ғами савдош бисозад.
*мафойлун/ мафойлу /фаӯлун*



Ва нақс он аст, ки аз мафойлун маъсуб «нун»( ن ) бияндозӣ, мафойлу бимонад ба заммӣ «лом» ва мафойлу чун аз мафоилатун муншаъиб бошад, онро манқус хонанд.

**Абьёти Комил. Байти солими он:**

Чи кунад шаман чу чудо шавад шаман аз санам,
*мутафоилун /мутафоилун /мутафоилун*
Ба ҷуз он ки рӯзу шабон нишаста бувад ба ғам.
*мутафоилун /мутафоилун /мутафоилун*

Байти мақтӯъ:

Санаме, ки фурқати ӯ ҳамебикашад маро,
*мутафоилун /мутафоилун /мутафоилун*
Ҳамасола ман зи фироқи ӯ ба фиғонам.
*мутафоилун /мутафоилун  фаилотун*

Қатъ дар мутафоилун мутафоил бошад ба сукуни «лом», фаилотун ба ҷои он ниҳанд ва фаилотун чун аз мутафоилун муншаъиб бошад, онро мақтӯъ хонанд.

Байти мавқус:

Аз он ду чашмакони пурфиреби ӯ,
*мафоилун /мафоилун /мафоилун*
Аҷаб набошад, ки барад шикеби ӯ
*мафоилун /муфтаилун /мафоилун*

Ва вақс он аст, ки ҳиҷои дуввуми фосиларо бияфканад, мафоилун монад ва мафоилун чун аз мутафоилун муншаъиб бошад, онро мавқус хонанд, яъне гарданкӯтоҳ. Ва чун аз се мутаҳаррики фосила бад-ин зиҳоф яке соқит мешавад, онро ба кӯтоҳии гардан ташбеҳ карданд.

Байти музмар:

Эй меҳтаре, к-аз меҳтарони худ беҳтарӣ
*мустафъилун /мустафъилун /мустафъилун*
В-аз беҳтарӣ ҳама кас биёбад меҳтарӣ.
*мустафъилун /мутафоилун /мустафъилун*

Ва измор он аст, ки [ҳарфи] дуввуми фосиларо сокин гардонанд, мутофоилун шавад ба сукуни «то» ( ت ), мустафъилун ба ҷои он биниҳанд.

Байти маҷзӯъи мураффал:

Самарӣ шудам ба ҷаҳон дар
*мутафоилун /фаилотун*
Зи фироки он сафаринигорам.
*мутафоилун /мутафоилотун*

Ва он байт, ки бар панҷ мутаҳаррик ва сокине гуфтаанд ва пиндорам, Унсурӣ гуфтааст, аз ин баҳр аст ва қоили (гӯяндаи) он сокини фосиларо ҳазф кардааст, яъне исқоти ҳарфи чаҳорумро дар мутафоилун тай хонда ва хато кардааст, аз баҳри он ки тай аз зиҳофи асбоб аст, на аз зиҳофи фавосил ва байт ин аст:

Шакарак аз он ду лабаки ту бичинам, агар ту ялла кунӣ
*мутафаилун /мутафаилун /мутафаилун /мутафоилун*
Ба сараки ту, ки бизанамат ба бадар, агар ту гила кунӣ.
*мутафаилун /мутафаилун /мутафаилун /мутафаилун*

Ва аммо сабаби сиқли (гаронии) Тавилу Мадиду Басит дар ашъори аҷам он аст, ки аҷзои он мухталиф аст ва назми асбоби он мутаносиб, барои он ки бинои ҳар як аз ин буҳур бар ҷузве хумосӣ ва ҷузве субоъӣ аст.

Назми Тавил бар ватадею сабабе ва ватадею ду сабаб. Ва назми Мадид бар сабабею ватаде ва ду сабабу ватаде. Ва назми Басит бар ду сабабу ватаде ва сабабею ватаде. Ва ададу тартиби асбоби ҳеҷ як мутаносиб нест ва дар ашъори порсӣ таносуби аҷзо ва аркон аз лавозимоти узубати (форамии) ашъор аст, то агар масалан шоире дар баҳри Ҳазаҷ гӯяд:

Нигори ман, агар бо ман бисозидӣ, накӯ будӣ.

Бар вазни мафоилун мафоӣлун мафоилун мафоӣлун ҷузве судосӣ (шаштоӣ) ва ҷузве субоъӣ (ҳафтоӣ) ё дар баҳри Раҷаз гӯяд:

Дилдори ман, агар маро дар ҳаҷри худ раҳо кунад.

Бар вазни мустафъилун мафоилун мустафъилун мафоилун ҷузве солими субоъӣ ва ҷузве махбуни судосӣ (шаштоӣ). Чун аҷзои он мухталиф аст, албатта завқи шеър надиҳад ва табъ қабул накунад. Ва агар дар Ҳазаҷ гӯяд:

Маро ғами ту, эй дӯст, зи хонумон баровард.



Бар вазни мафоилун мафоӣлу мафоилун мафоӣл ҳар ду ҷузв судосӣ, яке мақбузу яке макфуф ё мақсур. Ва дар баҳри Раҷаз гӯяд:

Ба мани хаста, эй санам,
Чанд кунӣ чунин ситам?

Бар вазни муфтаилун мафоилун муфтаилун мафоилун Ҷузве матвӣ ва ҷузве махбун. Чун аҷзоъи он мувофиқи якдигаранд, мақбули тибоъ ояд. Ва ҳам аз ин ҷиҳат аст, ки бар саволими ҳеҷ як буҳури доираи Муштабиҳа шеъри порсӣ, албатта хуш наёяд, чи ҳам дар таркиби аҷзоъ мухталифанд ва ҳам дар назми аркон номутаносиб. Пас агар соиле (саволдиҳанда) гӯяд: Чӣ гӯӣ дар Ҳазаҷи ахраб, чунон ки:

Гар ёри нигоринам дар ман нигарон астӣ

Бар вазни мафъӯлу мафоӣлун мафъӯлу мафоӣлун ва дар Музореъи ахраб, чунон ки:

Дӣ гуфт дилбари ман, к-аз доми ман биҷастӣ.

Бар вазни мафъӯлу фоилотун мафъӯлу фоилотун, ки ҳар як бо ихтилофи аҷзоъи хумосию субоъӣ вазне мақбулу шеъре матбӯъ аст? Ҷавоб гӯем, ки агар чи ҳар як аз ин ду вазн дар таҷзият мухталиф аст, лекин дар назми аркон мутаносиб аст, барои он ки назми Ҳазаҷ бар ду сабаби фосилаеву ду сабаб аст ва назми Музореъ бар ду сабабу ду ватад ва сабабе аст Ва таносуби назм бар ҳама авзон мӯҷиби узубат ва иллати (сабаби) қабули табъ аст. Ва тафовути назм бо адами (набудани) таносуби аҷзо, сабаби гаронии шеъру мӯҷиби навбати завқ аст, то агар дар ин ду вазн, ки гуфтем, агар ба ҷои харб харм истеъмол кунанд ва дар Ҳазаҷ гӯянд:

Гар рӯзе нигоринам дар ҳолам нигаҳ кардӣ

Бар вазни мафъӯлун мафоӣлун мафъӯлун мафоӣлун. Ва дар Музореъ гӯянд:

Гар гӯяд дилбари ман, к-аз домам чун биҷастӣ?

Бар вазни мафъӯлун фои-ло-тун мафъӯлун фои-ло-тун. Бо он ки судосӣ ба субоъӣ наздиктар аз хумосӣ аст, чун назми аркони он номутаносиб мешавад, нохушу са-

қил меояд. Чи назми Ҳазаҷи ахрам бар се сабабу ватаде ва ду сабаб мешавад ва назми Музореъ бар чаҳор сабабу ватадеву сабабе меояд ва тафовути назми аркону randomly тародуфи асбоб мӯҷиби ихтилофи шеър бошад. Ва аммо сиқли Вофиру Комил аз он ҷиҳат аст, ки таркиби он бар ватаде ва фосилаест ва мутаҳаррикоти ин таркиб бар савокини он зоид аст. Зиёдатии хориҷ аз эътидол, барои он ки бинои он бар панҷ мутаҳаррик аст ва ду сокин. Ва миёни панҷу ду нисбати заъф аст. Ва зиёдати нисфӣ, яъне панҷ ду бор ва ними чанди ду аст ва ғояти он чи ашъори порсӣ аз зиёдатии мутаҳаррикот бар савокин эҳтимол кунанд, нисбати заъф аст, ки саҳеҳтарин насаб аст ва онро дар илми мусиқӣ аллзӣ билкулл хонанд ва музоафи санавӣ низ гӯянд ва нисбати панҷу ду, ки нисбати заъфу зиёдати нисфе аст, онро алмузоафуссанавӣ в-аз-зоид-ҷузъ хонанд ва он дур аст аз таълифи аъдод дар мусиқӣ, чунон ки дар баҳри Рамал гӯянд:

Мисроъ

На ту гуфтӣ, ар бигуфтӣ, ман аз ин хабар надорам.

Бар вазни фаилоту фаилотун фаилоту фаилотун.
Ва дар баҳри Муҷтасс гӯянд:

Агар маро ғами ишқат ба коми дил бирасонад.

Бар вазни мафоилун фаилотун муфоилун фаилотун, ки ҳар ду вазн мураккаб аст аз ҳашт мутаҳаррик ва чаҳор сокин ва нисбати ҳашту чаҳор нисбати заъф аст, лоҷарам, авзон матбӯъ ва ашъор мустаъзаб (форам) аст. Пас ба сабру (санҷидану) имтиҳон маълум шавад, ки ихтилофи аҷзоъ ва адами таносуби назми аркон ва афзунии мутаҳаррикоти авзон бар савокини он зиёдатии хориҷ аз эътидол мӯҷиби гаронии ашъор аст ва сабаби набвати табъ аз он ва дур аз он ки мӯҷиби ғалабаи занн аст, гувоҳӣ медиҳад. Ва дар ҷамеъи сувари (суратҳои) авзон иттифоқи аҷзоъ ва таносуби назми аркон ва таъодули (баробарии) мутаҳаррикот ва савокини он иллати узубати шеър аст. Аммо иллати он ки ин ихтилофот дар ашъори тозӣ мутаҳаммил (бардоштнок) аст ва мӯҷиби гаронии шеър намешавад. Ва дар ашъори порсӣ мутаҳаммил нест ва сабаби гаронии шеър мегардад. Олимуссир ва алхафиёт донад ва ҳамоно ҳеҷ офаридаро бар сирри он вуқуф натавонад буд.





Ва чун ин қавоид маълум шуд, бидон, ки дар он даҳ баҳр, ки мадори ашъори аҷам бар он аст, муддаъиёни илми арӯз аз ҷинси тасмиёт (номҳои) борид ва тақсимоти ботил ва истихроҷи буҳури мустабди (нави) мустасқал ва авзони мустақбаҳи мустаҳҷани (номақбули) нахбандон хилту хабт (зиён) кардаанд, ки шарҳ тавон дод ва ман дар ин таълиф аз ҳар як тарафе бигӯям ва он чи савоб аст дар тақрири буҳур ва сабти давоир баён кунам.

Аввал он ки Ҳазаҷро се баҳр ниҳодаанд: баҳри солиму баҳри макфуфу баҳри ахраб. Ва Раҷазро ду баҳр ниҳодаанд: баҳри солиму баҳри матвӣ. Ва Рамалро ду баҳр кардаанд: солиму махбун. Ва саволими ҳар се баҳрро дар доирае ниҳодаанд ва номи он доираи Мӯъталифа карда ва музоҳафоти онро дар доираи дигар ниҳода ва номи он доира Муҷталаба карда. Ва алҳақ, ин устодӣ сахт ҷоҳилона аст ва тасарруфе нек фосидона, барои он ки баҳр исми ҷинсе аст аз каломи манзум, ки таҳти он анвоъи авзон аст ва ҳар навъро ба сифате муарраф (шинос) гардонидаанд, то бад-он васф аз якдигар мумтоз бошанд, чун Ҳазаҷи макфуфу Ҳазаҷи ахрабу Раҷази матвӣ ва Рамали махбуну Музореъи ахраб ва Муҷтасси махбуну монанди он. Пас ҳар навъро, ки аз ҷинс мунбаъис (баромада) ва бар он мутафарреъ бошад, исми ҷинс ниҳодан ва дар доираи алоҳида овардан ваҷҳе надорад. Ва он ҷамоат чун диданд, ки музоҳафоти буҳур аз саволим мафкук (ҷудо) намешавад, пиндоштанд, ки ҳамчунон ки саволими буҳурро давоир лозим аст, музоҳафотро низ давоир бояд. Ва дар ин ҳам ғалат кардаанд, аз баҳри он ки Ҳазаҷи макфуф ва Ҳазаҷи ахрабро дар як доира ҷамъ кардаанд ва ҳамоно надонистанд, ки ҳамчунон ки саволим аз музоҳафот берун наёяд, музоҳафот низ чун дар тазҳиф ба якдигар нисбат надоранд, аз якдигар мафкук (ҷудо) нашаванд. Пас Ҳазаҷи макфуф, ки аҷзои он мафойлу мафойлун бошад, аз Ҳазаҷи ахраб, ки аҷзои он мафъӯлу мафойлун бошад, чи гуна берун ояд. Бале, агар мутахаррикеро сокин гардонӣ ва сокинеро ҳаракат диҳӣ ва ҳарфе аз ҷузве ба дигар нақл кунӣ, факк мумкин бошад, чунон ки дар факки ахраб аз макфуф гӯӣ, фойлу мафойлун, то мафъӯлу ба ҷои он биниҳӣ. Ва дар факки макфуф аз ахраб гӯӣ мyфойлу на мафъӯл, то мафойлу мафойл ба ҷои он би-

ниҳӣ ва он гаҳ на тахриҷи ҷузве аз ҷузве бошад, балки тағйири аркони арӯз бувад. Ва факк дар арӯз он аст, ки аҷзои баҳре аз аҷзои баҳре берун орӣ, чунон ки ҳеҷ тағйир ба асбобу автод ва фавосили ҳеҷ яке роҳ наёбад, яъне мутаҳаррикот ва савокини он аз асли хеш мутаҳаввил (табдилшаванда) ва мутабаддил (бадалшуда) нашавад, чунон ки дар фасли факк баён карда ояд ва ин кас магар факки баҳре аз баҳре ҳам надонистааст. Дигар он ки чун аз буҳури доираи Муштабиҳа дар ашъори аҷам баъзе мусаммануламҷзо меоянд ва баъзе мусаддасуламҷзо. Ва аз ин ҷиҳат, онро ду доира лозим бувад. Эшон дар ин низ мабoлиғе (кам) хабт кардаанд. Аввал он ки Мунсареҳро ду баҳр ниҳодаанд, мусаммани онро Мунсареҳи кабир хондаанд ва мусаддаси онро Мунсареҳи сағир ва Хафифро ду баҳр ниҳодаанд, мусаммани онро Хафифи сағир хондаанд ва мусаддасро Хафифи кабир баръакси тасмияти Мунсареҳ. Ва узр хоста, ки Хафиф дар доираи мусамман мурабба меояд ва дар доираи мусаддас тамом мустаъмал аст ва мурабба ба нисбат ба мусаддас сағир бошад. Ва надонистаанд, ки чун баҳре дар асли доира мусаммануламҷзо бошад, мусаддаси онро маҷзӯъ хонанд ва мураббаъи онро маштур (нимашуда). Ва чун аз баҳри Хафиф алаҳолоти куллуҳо (дар ҳамаи ҳолатҳо) байти мусамман хушоянда ва мустаъмал нест, онро худ дар доираи мусаддас бояд ниҳод ва мураббаъи онро маҷзӯъи он шумурд. Ва ҳар баҳре, ки мусаммани он хушоянда ва мустаъмал аст, дар доираи мусамманот бояд овард ва мусаддаси онро маҷзӯъи он донист, то бад-ин татвилоти хунук ва такаллуфоти нохуш эҳтиёҷ наяфтад. Ва аммо он чи Муқтазабро дар доираи мусамманот овардаанд ва аз он ҷуз мураббаъ мустаъмал нест, онро ваҷҳе метавон ниҳод, барои он ки Муқтазаб аз ҷузви дуввуми Мунсареҳ муфкук аст ва агар дар тасмини он саҷъ нигоҳ доранд, аз рӯи мушобаҳат ба тарбеъ чандон мустақил наёяд. Ва низ чун бад-ин баҳр ҳам дар тозӣ ва ҳам дар порсӣ шеър бисьёр нест ва он чи нақл кардаанд, нек нодиру андак аст, бад-он илтифоте накардаанд ва онро ба мавзеъи факки хеш мулҳақ гардонида. Ва дигар он ки баҳри Музореъро дар тасмин ва тасдис ду баҳр сохтаанд ва мусаммани ахрабу макфуф дар як доира ниҳода ва мусаддаси ахрабу макфуф дар дигаре. Ва мо гуфтем, ки ахрабу макфуф аз якдигар мафкук (ҷудо) нагарданд, бе он ки тағйире ба мутаҳаррикоту



савокини аркони ҳар як роҳ ёбад ва агар шонстӣ, ки ду навъи шеърро дар доирае ниҳанд, ки ҳеҷ як аз қарини хеш мафкук (ҷудо) нагардад, пас дар вуҷуди доира ҳеҷ фоида набудӣ.

## ФАСЛ

Ва ба ҳукми он ки буҳури доираи Муштабиҳа мухталифатулафоил аст ва дар ҳар баҳр чаҳор ватади маҷмӯъ ва ду ватади мафруқ аст, аз тасриф (тағйири) аркони он аҷноси бисьёр тахриҷ метавон кард ва агар чи Халил ағлаби он баршумурдааст ва ба ҳар як ишорат карда ва ба иллате возеҳ ваҷҳи эҳмоли (сустии) он бознамуда, ҷамоате мутааххирон ба хаёле маҳорате, ки худро дар илми арӯз тасаввур кардаанд, дар он сайъҳои ботил намудаанд ва баҳрҳое тахриҷ карда, ки то ин ғоят ҳеҷ соҳибтабъ бар он авзон шеър нагуфтааст ва баъд аз ин низ нахоҳад гуфт. Ва бештари он аз буҳури қадим берун метавон овард, лекин ба сабаби касрати азоҳиф ва дурии он аз табъ муҳмал мондааст. Ва он ҷамоат дар тақтеъи он ғалат кардаанд ва онро баҳре мустабдеъ (нав) пиндошта. Ва мутақаддимони шуарои аҷам дар ин боб муболиға зиёдат намудаанд ва истихроҷи буҳури сақил бештар карда, лоҷарам, сию анд (чанд) баҳр аз ин доира берун овардаанд ва ҳар якро бар сабили амёи ӯ кахобитин хабта ашвоӣ[8] ном ниҳода. Чун баҳри Асамму баҳри Ахрасу баҳри Абкаму баҳри Сариму баҳри Салим ва онро дар чаҳор доира оварда, номи яке Мунғалата ва яке Мунқалиба ва яке Мунъакиса ва яке Мунъалиқа. Ва ба ҳақиқат камоли ҷаҳли эшон беш аз он ки ашъори нохуши ин буҳур шунаванд, аз тасмиёти буҳури давоир тафаррус (фаҳмидан) метавон кард. Ва ҳамоно пиндоштанд, ки ҳар таркибе, ки аз афоили арӯзӣ мумкин гардад, шеър бошад ё чунон донистаанд, ки Халилро дар тасмияти Тавилу Мадиду Раҷазу Рамалу Мунсареҳу Хафиф ва дар талқиби (ном гузоштани) давоир чун Мухталифаю Мӯъталифаю Муштабиҳа ҷуз таърифи муҷаррад (холӣ) ҳеҷ мақсуд набудааст ва ҳеҷ маънии муносиб дар ин тасмиёт тасаввур накарда, вагарна ҳеҷ оқил вазни шеърро Абкаму Ахрас ном наниҳад ва давоири онро Мунғалитаю Мунъалиқа нахонад. Ва ман чун аз усули давоир ва буҳури қадим фориғ шавам, аҷноси як доира аз ин давоир шарҳ диҳам, то аҳли хибрат (дониш) аз саховати (сабукии) ақ-

лу ракокати (пастии) табъи эшон ибрат гиранд ва аз чаҳли мураккабу пиндори дониш ба худ паноҳанд.

Ва он чи ҳоло дар ин мавзеъ (ҷо) баён хоҳем кард, се баҳр аст, ки онро аз ҷумлаи буҳури доираи Сареъ мениҳанд. Яке мустахриҷ (ҳосилшуда) аз сабаби дуввуми он бар тафъилун мус-тафъи-лун мафъӯлоту мус, то фоилотун фоилотун мус-тафъи-лун берун омад ва онро баҳри Ғарибу Ҷадид ном карданд ва дигар аз ватади ҳамин ҷузв бар илун мустафъилун мафъӯлоту мустаф тахриҷ карданд, то мафойлун мафойлун фои-ло-тун берун омад ва онро баҳри Қариб хонданд. Ва дигаре аз ватади мафруқи мафъӯлоту таҳриҷ карданд бар лоту мустафъилун мустафъилун мафъӯ, то фои-ло-тун мафойлун мафойлун берун омад ва онро баҳри Ахир ва баҳри Мушокил ном ниҳоданд. Ва баҳри Қариб аз ҷузви саввуми баҳри Музореъ мафкук мешавад ва баҳри Мушокил аз ҷузви дуввуми он.

## ФАСЛ

Ва чун бад-ин муқаддимот бар баъзе аз тасарруфоти фосиди ин ҷамоат дар тақрири (баёни) буҳур ва сабти давоир вуқуф афтод ва тафсили хабту (кӯркӯрона) ғалати эшон дар ин фанн маълум шуд, савоб он аст, ки дар ин абвоб ба тақсимоти ботилу татвилоти (дурударози) беҳосили эшон илтифот нанамоем ва ҷумла буҳури ашъори аҷамро дар чаҳор доира ниҳем. Ҳазаҷу Раҷазу Рамал дар як доира ва ҷумлагӣ муфтареоту муншаъиботи ҳар як ба усули он мулҳақ гардонем. Ва чун ба иллати (сабаби) беинтизомии аркони буҳури доираи Муштабиҳа, чунон ки пеш аз ин тақрир рафтааст, дар ҳеҷ як аз он буҳур бар аҷзоъи солима шеъри мустаъзиб (форам) нест, аз ҳар як вазне хуш, ки авзони дигар буҳур бе ихтилоли аркон аз он мафкук (ҷудо) шавад, асли доира созем. Ва Мунсареҳи матвию Музореъи макфуфу Муқтазаби матвию Муҷтасси махбунро ба сабаби тасмини (хаштгонагии) аҷзо дар доирае ниҳем ва мусаддасоту музоҳафоти ҳар як ба усули он мулҳақ (илова) дорем. Ва Сареъи матвию Ғариби махбуну Қариби макфуфу Хафифи махбуну Мушокили макфуфро ба иллати тасдиси (шашгонагии) аҷзо дар доираи дигар орем. Ва Мутақорибу Мутадорикро дар доираи дигар ва асомии давоир ҳамчунон ки баъзе мутақаддимон ниҳода-



анд, доираи Ҳазаҷро ба сабаби эътилофи (мувофиқати) аҷзо дар тартибу таркиб доираи Мӯъталифа номем ва доираи Мунсареҳро ба ҷиҳати ихтилофи аркон доираи Мухталифа ва доираи Сареъро ба ҳукми он ки буҳури он аз доираи Мунсареҳ интизоъ (кашида гирифтаанд) кардаанд, доираи Мунтазиа ва доираи Мутақорибро бар қарори давоири араб доираи Муттафиқа ва тартиби буҳур бар ин насқ (тартиб) аст:

Ҳазаҷу Раҷазу Рамал.
Мунсареҳу Музореъю Муқтазабу Муҷтасс.
Сареъю Ғарибу Қарибу Хафифу Мушокил.
Мутақорибу Мутадорик.

Ва сурати давоир бар ин мисол аст:






Чун аз таъдиди буҳур ва нақши давоир бар наҳҷи (роҳи) савобу тариқи мустақим (рост) фориғ шудем, фасле дар зикри тақтеъи шеър ва дақоиқе, ки дар ин боб риоят бояд кард, бинависем.

Бидон, ки тақтеъи шеър он аст, ки байтро аз ҳам фурӯ кушоянд ва бар асбобу автоду фавосил қисмат кунанд, то ҳар ҷузве дар вазн баробари ҷузве шавад аз афоили баҳре, ки ин байт аз он мунбаис (ҷудошуда) бошад, чунон ки асбоби (сабабҳои) ин дар муқобили асбоби он афтад ва автод (ватадҳо) дар муқобили автод ва фавосил (фосилаҳо) дар муқобили фавосил. Ва дар ин боб эътибори малфуз шеърро бошад, на мактуби онро, яъне ҳар ҳарф, ки дар лафз наёяд, агар чи дар китобат бошад, дар тақтеъ онро эътиборе наниҳанд ва ҳар чи дар лафз ояд, агар чи дар китобат набошад, дар тақтеъ ба ҳарфе маҳсуб бувад, чун «алиф»-и ( ا )






«оҳан» ва «оҳу» ва «оташ» ва «осмон» ва монанди он ки дар ин калимот агар чи як «алиф» беш нанависанд. Чун ба ҳукми ишбоъ (пурра талаффуз кардани садонокҳои кӯтоҳ) ҳамзаи «алиф»-е дар лафз зоҳир мешавад, онро ба ҳарфе сокин маҳсуб доранд ва ҳамчунин ташдид ба ҳарфе маҳсуб бошад, чунон ки:

Эй ба ҳиммат баршуда то осмони ҳафтумин.

Ва аммо он чи дар китобат бошад ва дар лафз наёяд, ҳафт ҳарф аст: «вов» ( و ) ва «ҳо» ( ه ) ва «ё» ( ی ) ва «нун» ( ن ) ва «то» ( ت ) ва «бо» ( ب ) ва «дол» ( د ). Аммо «вов»-и ғайри малфуз се навъ аст: «вов»-и атфу «вов»-и баёни заммаю «вов»-и ишмоми замма. Аммо «вов»-и атф, чунон ки «дилдору дил» ва




«неку бад» ва «душману дӯст», ки ин «вов»-от дар лафз наёранд ва фатҳаи онро ба замма бадал кунанд ва ба моқабли он диҳанд, магар ҷое, ки ба таҳқиқи он эҳтиёҷ афтад.

Чунон ки:

Рафтиву агар бознаёй, чӣ кунам?

Ва чунон ки Рӯдакӣ гуфтааст:

Сапедбарф баромад ба кӯҳсори сиёҳ
Ва чун дар ӯ нашуд он сарви бӯстонорой.
Ва он кучо бигворид, ногувор шудаст.
Ва он кучо нагзоист, гашт зуд казой.

Ва тасреҳи (равшан ифода кардани) он бар ин ваҷҳ маҳҷурулистеъмол (камистеъмол) аст наздики мутааххирони шуаро. Ва аммо «вов»-и баёни замма чун «вов»-и «ту» ва «ду», ки дар саҳеҳи луғати дарӣ малфуз нест, чунон ки «маро ту марди ду шаҳрӣ» бар вазни мафоилун фаилотун, магар ки зарурати вақфро дар охири шеър ба ҳарфе сокин маҳсуб доранд, чунон ки:

Ҳама сарҳо бар остонаи ту

бар вазни фаилотун мафоилун фаилун, ки «вов»-и «ту» дар ин шеър ба ҷои «нун»-и фаилун бошад ва ҳамчунин «вов»-и «чӯ» ва «ҳамчу», агар чи дар китобат бошад, чун аз лафз соқит бувад, дар тақтеъ наёяд, чунон ки:

Эй қадди ту ҳамчу тиру қадам чу камон.

Ва аммо «вов»-и ишмоми замма чун «вов»-и Х (в) оразм ва х(в)оста ва х(в)об ва х(в)оҷа ва монанди он ки гӯё ҳаракати моқабли ин «вов»-от («вов»-ҳо) фатҳа будааст ва ба сабаби «вов» онро бӯе аз замма додаанд. Ва ба сабаби он ки малфуз нест, аз тақтеъ соқит доранд. Ва аммо «ҳо»-и ғайри малфуз, чун «ханда» ва «гирья» ва «оҳиста» ва «пайваста» ва «нома» ва «ҷома» ва монанди он, ҳукми он ҳамон аст, ки дар «вов»-от гуфтем. Ва ҳамчунин «ё»-оти ғайри малфуз чун «не» ва «кӣ» ва «чӣ» агар ба «ё» нависанд, ҳукми он ҳамон аст, ки дар «ҳо»-от гуфтем. Ва аммо «нун»-и ғайри малфуз, ҳар «нун», ки моқабли он сокин бошад ва дар шеър ба таҳқиқи он эҳтиёҷ набувад, дар тақтеъ соқитояд, чунон ки:

Чун нигорин рӯи ӯ дар шаҳр нест.

ки «нун»-и «чун» ва «нигорин» аз тақтеъ соқитанд. Ва аммо «то», ҳар «то», ки моқабли он сокин бошад, чун «маст» ва «даст» ва «бохт» ва «тохт», агар дар миёни шеър афтад, ҳароина ба ҳарфи муштарак маҳсуб бошад, чунон ки:

Ман ба меҳрат даст бурдам.

Бар вазни фоилотун /фоилотун, ки «то»-и даст дар ин вазн ба ҷои «айн»-и ( ع ) «ило» меафтад ва он мутаҳаррик аст. Ва агар дар охири байт афтад, бар вазни фаал зоид набошад, ҳароина ба ҳарфе сокин маҳсуб бошад, чунон ки:

Эй наргиси пурхумори ту маст.

бар вазни мафъӯлу /мафоилун/мафойл. Ва агар бар вазни афоили аслӣ зоид бошад, лекин ба **исбоғ** ё ба **изолат,** онро бар вазн зиёд тавон кард, ҳам соқит нашавад, чунон ки:

Ӯ ба чашми амир сахт азиз аст,

бар вазни фоилотун /мафоилун /фаилийён, ки агар чи ҳарфе «то» дар ин шеър бар асли фоилотун зиёд нест, аммо чун ба исбоғ сокине бар ин рукн зиёдат метавон кард, аз тақтеъ соқит нест. Ва агар бар вазни фаал чизе зиёдат натавон кард, албатта дар тақтеъ соқит бошад, чунон ки:

Аз сари меҳри ту дилам бархост,

бар вазни фоилотун /мафоилун /фаълон, ки ҳарфи «то» дар ин шеър бар вазни фаълон зиёдат аст ва фаълон худ **мусаббағ.** Ва бар исбоғ чизе зиёдат натавон кард, лоҷарам, бар ҳама ҳол аз тақтеъ соқит аст. Ва «то»-и сокин, ки пеш аз он ду сокини дигар бошад, агар дар миёни байт афтад ва дар лафз тавон овард, албатта бо моқабли хеш дар тақдири ҳаракат бошад ва ба ду ҳарфи мутаҳаррик маҳсуб, чунон ки:

Бохт дил бо ту меҳр,

бар вазни муфтаилун /фоилон, ки «хо» ва «то» дар ин шеър ба ҷои «то» ва «айн»-и муфтаилун аст ва бад-ин сабаб онро ҳаракате мухталис диҳанд ва агар дар лафз натавон овард, чунон ки:

## Байт

Некӯст рухат, ҷафо на некӯст, макун
В-он лоиқи душман аст, бо дӯст макун.

Чун «то»-и «некӯст» ва «дӯст» дар ин шеър аз лафз соқитанд, дар тақтеъ наёяд ва агар ба охири байт афтад ва бар вазни фаал зиёдат набошад, чунон ки:

Моро то ғами ишқи дилбар ба ҷост

бар вазни фаӯлун /фаӯлун /фаӯлун /фаӯл, албатта моқабли «то»-ро ҳаракат бояд дод, ки «син» дар ин шеър



ба ҷои «лом»-и фаӯл аст ва агар бар вазни афоъил зиёдат бошад, ҳароина соқит тавон буд, чунон ки гуфтем, аз баҳри он илтиқои сокинайн дар ашъор мумкин аст ва илтиқои салиси (сегона) савокин муҳол. Ва аммо «бо» ва «дол»-и ғайри малфуз, ҳукми он ҳамон аст, ки дар «то»-и «бохт» ва «сохт» гуфтем, чунон ки:

Қорд бардошт, кори ӯ бигузор (ид),

ва чунон ки:

Чу Гуштосбро дод Луҳросп тахт,

ки «дол»-у «бо» аз «корд» ва «гузорид» ва «Гуштосп»-у «Луҳросп» дар ин ашъор аз тақтеъ соқитанд ва дар лафз низ мухталис мебояд овард, то вазн дуруст ояд ва ҳамчунин берун аз ин ҳуруф, ки баршумурдем. Ҳар ҳарф, ки дар ҳилоли (байни) шеър ё дар охири он дар лафз натавон овард, аз тақтеъ соқит бошад, чунон ки гуфтаанд:

Маштоб чандин, эй паризод,
Бар куштани ошиқ ба бедод,

бар вазни мустафъилун мустафъилотун, ки ҳарфи «дол» дар ин шеър бар мустафъилун зиёдат аст. Ва яке аз мутакаллифон бар тарфил сокине зиёдат кардааст ва онро татвил ном ниҳода ва тақтеъи ин байт бар мустафъилун /мустафъилотун овардааст ва ин такаллуфи борид (хунук) аст. Ва барои тасҳеҳи шеъре нодуруст ва назме безавқ, ки мутаанните (айбҷӯе) гуфта бошад, қавоиди арӯз барандохтанду аз муқойисаи мутаррадии он удул (аз ҳад гузаштан) кардан ваҷҳе надорад ва ғараз аз ин итноб (дароз кардани сухан) он бувад, то маълум гардад, ки дар усули аркони арӯзӣ ба сабаби мутавассит ва ватади муҷтамеъ ҳоҷат нест ва он чи он арӯзии нодон гуфтааст, асбоб се аст ва автод се ва фавосил се бутлони (ботилии) он муҳаққақ шавад. Ва чун шарҳи тақтеъ карда шуд ва мубтадиро (навомӯзро) бар қавонини он вуқуф дода омад, дар тақрири буҳур ва эроди абьёти солиму музоҳаф ва сақилу қадим ва ҳадиси он хавз (мулоҳиза) кунем...

Доираи аввал, ки онро доираи Мӯъталифа хонанд, буҳури он се аст: Ҳазаҷу Раҷазу Рамал.

Аҷзои он чаҳор бор мафоилун мафоилун аст ва азоҳифе, ки дар ин баҳр афтад, понздаҳ аст: қ а б з у к а ф ф у х а р м у т а х н и қ у х а р б у ҳ а з ф у қ а с р у ш а т р у ҳ а т м у ҷ а б б у з а л а л у б а т а р у и с б о ғ у м у о қ и б а т у м у р о қ и б а т. Ва аҷзоъе, ки бад-ин азоҳиф аз афоили он муншаиб шавад, дувоздаҳ аст: мафоилун-мақбуз, мафойлу-макфуф, мафойл-мақсур, фоилун-аштар, мафъӯлун-ахрам ва муханнақ, мафойлон-мусаббағ, фаӯлун-маҳзуф, фаӯл-аҳтам, мафъӯлу-ахраб, фаал-маҷбуб, фоъ-азалл, фаъ-абтар.

Абьёти саволими он. Байти мусаммани солим:

Нигорино, ба саҳро шав, ки бӯстон ҳулла мепӯшад,
Ба шодӣ арғувон бо гул шароби васл менӯшад.

Тақтеаш:

Нигорино — *мафойлун*/ ба саҳро шав — *мафойлун*
ки бӯстон ҳул — *мафойлун*/ ла мепӯшад — *мафойлун*
Ба шодӣ ар — мафойлун/ ғуво бо гул — мафойлун/
Шароби вас — *мафойлун*/л менӯшад — *мафойлун*

Байти мусаддаси солим:

Нигорино, чаро бо ман намесозӣ,
*мафойлун /мафойлун /мафойлун*
Ба ҳусни худ чаро чандин ҳаменозӣ?
*мафойлун /мафойлун /мафойлун*

Байти мураббаъи солим:

Дигар кардӣ, раво бошад.
*мафойлун /мафойлун*
Дилам ғамгин чаро бошад?
*мафойлун /мафойлун*

Мусаммани мақсур:

Нигорино, агар бо ман надорӣ дар дил озор,
*мафойлун /мафойлун /мафойлун /мафойл*
Ба қавли душманон аз ман чӣ кардӣ хайра безор.
*мафойлун /мафойлун /мафойлун /мафойл*

Мусаддаси мақсур:



Агар дар ҳайизи гетӣ камол аст,
*мафойлун /мафойлун /мафойл*
Зи осори Камолуддини хол аст.
*мафойлун /мафойлун /мафойл.*

Мусаддаси маҳзуф:

Сабову абри марворидгустар
*мафойлун /мафойлун /фаӯлун*
Ту пиндорӣ, ки наққошанду заргар.
*мафойлун /мафойлун /фаӯлун*

Ва ин вазни «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ ва «Вис-ва Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ аст, чунон ки пеш аз ин дар баҳри Вофир гуфтаем ва хуштарин авзони фаҳлавиётест, ки малҳунот онро авроманон хонанд, чунон ки:

Чаман чашме кунӣ ховуш ба гетӣ,
*мафойлун /мафойлун /фаӯлун*
Чаман дил кад, барӣ ловуш ба гетӣ.
*мафойлун /мафойлун /фаӯлун*
Чу пиндорӣ, ҳар он меҳре кашон гашт,
*мафойлун /мафойлун /мафойл*
Ба ман ворнҷаҳат овуш ба гетӣ.
*мафойлун /мафойлун /фаӯлун*

Ва баҳре дигар мустаҳдас (навбуньёд) аст бар фоило-тун мафойлун мафойлун, ки онро баҳри Мушокил хонанд, чунон ки ба мавзеъи (ҷои) хеш оварда шавад ва бар навъи маҳзуфи ин баҳр низ фаҳлавиёт гуфтаанд, чунон ки:

Ар гарӣ мун ҳавори уч, ки тарсӣ,
*фои-ло-тун /мафойлун /фаӯлун*
В-ар кашӣ мун, самори уч, ки тарсӣ.
*фои-ло-тун /мафойлун /фаӯлун*
Эй ба ниммадилӣ натарсам уч кех,
*фои-ло-тун /мафойлун /фаӯлун*
Эй каҳон, дил та дорӣ, уч, ки тарсӣ.
*фои-ло-тун /мафойлун /фаӯлун*

Ва аҳли Ҳамадон ва Зингонро дар назми ин навъ аз шеър ду ғалат сареҳ афтодааст. Яке он ки ҳар ду баҳр-ро дар ҳам меомезанд ва дар фаҳлавиёт мисроъе бар

мафоӣлун /мафоӣлун /фаӯлун, ки маҳзуфи баҳри Ҳазаҷ аст ва мисроъе бар фои-ло-тун /мафоӣлун /фаӯлун, ки маҳзуфи баҳри Мушокил аст, ба ҳам мегӯянд, чунон ки дар баҳри Мушокил баён кунем. Ва ба сабаби он ки ҳар ду баҳр дар ду ҷузви охир мувофиқу муттафиқанд ва ихтилофи сокину мутаҳаррики он дар оғози ҷузв афтодааст, бар ихтилофи аҷзои он шуур намеёбанд ва дигар он ки чун ин ғалат дар хотири эшон мутамаккин (ҷойгир) шуд ва табъи эшон ба табдили ватади маҷмӯъи мафоӣлун ба ватади мафруқи фои-ло-тун унс гирифт, сокине бар ватади мафруқ бияфзуданд ва фои-ло-тунро фоӣлотун карданд ё мафоӣлунро мофоӣлун карданд ва мафъӯлотун ба ҷои он биниҳоданд ва мисроъе аз ин навъ бар мафоӣлун /мафоӣлун /фаӯлун мегӯянд ва мисраъе бар мафъӯлотун /мафоӣлун /фаӯлун, чунон ки гуфтаанд:

Дили дардинам, эй шӯшо, авогар,
*мафоӣлун /мафоӣлун /фаӯлун*
Эй рӯҳам даст гиру бо авогар.
*мафъӯлотун /мафоӣлун /фаӯлун*
Роҳе гум бад бута кӯҳин Авирон,
*мафъӯлотун /мафоӣлун /фаӯлун*
Анодуме магар ово авогар.
*мафоӣлун /мафоӣлун /фаӯлун*
Бахтам боҳида, тонам дур аҷунӣ,
*мафъӯлотун /мафоӣлун /фаӯлун*
Магар мекарда бахтамро авогар.
*мафоӣлун /мафоӣлун /фаӯлун*
Аз ин кин бахти кӯре вайнаше деҳ
*мафоӣлун /мафоӣлун /фаӯлун*
В-аз ин кай хуттаю риӣё авогар.
*мафоӣлун /мафоӣлун /фаӯлун*
Шару дурии ту ибрат бикардем,
*мафоӣлун /мафоӣлун /мафоӣл*
Бивинаштӣ у ман вузно авогар.
*мафоӣлун /мафоӣлун /фаӯлун*

Ва бошад, ки мафоӣлун ва фои-ло-тун ва мафъӯлотун ба ҳам ҷамъ кунанд, чунон ки:

Дил ба киён кунад не ҳар шудактӣ,
*фои-ло-тун /мафоӣлун /фаӯлун*
Тумеи ӯ кананда ши бад рудактӣ.
*фои-ло-тун /мафоӣлун /фаӯлун.*



Давои дарди аҳруво саре шуд,
*мафоӣлун /мафоӣлун /фаӯлун*
Қ-он кас ту бастҳа набудактӣ.
*мафъӯлотун /мафоӣлун /фаӯлун.*

Ва ин хато фоҳиштар аз он аввалин аст, аз баҳри он ки ҳарчанд фои-ло-тун ба ҷои мафоӣлун ниҳодан ваҷҳе надорад, аммо охири фои-ло-тун ба нафси хеш дар афоили арӯзи аслӣ аст алоҳида. Ва мафъӯлотун дар ҳеҷ арӯз — на дар усули афоил ва на дар фурӯъи он ба аввали ҳеҷ вазне мустаъмал нест ва агар касе хоҳад, ки ба ҷаҳду такаллуф ин вазнро тасҳеҳ кунад, беш аз он мумкин нест, ки онро бар мафъӯлун /фоилотун /фоило-тун тақтеъ кунад ва он ки мусаддаси Рамали мушаасс бошад. Ва ташъис он аст, ки аз ватади фоилотун мутаҳаррике кам кунанд ва мафъӯлун ба ҷои он биниҳанд ва ин вазн ба ҳазор фарсанг аз мафоӣлун мафоӣлун фаӯлун дур аст валаъҷаб, ки баъзе аз арбоби ҳунар ва асҳоби табъ, ки қасоиди ғарро ва рубоиёти латиф мегӯянд ва дар ашъори хеш зиҳофе, ки ҷумла мутақаддимон ва мутааххирон ҷоиз шумурдаанд, раво намедоранд, то ҳадде ки яке аз шуарои Ироқ бар сабили (роҳи) даққ (таъна) бар Анварӣ мегуфт, ки ӯ гуфтааст:

Ту он каримӣ, к-афроти истиноъ гуфт:
«Бад-он кашид, ки кон ҳамчу баҳр нола кунад»,

бар мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаилун ва дар мисраъи аввал мафъӯлун ба ҷои фаилотун овардааст. Ва ҳамчунин дар қасидаи дигар, ки бинои он бар мафъӯлу /фои-ло-тун /мафъӯлу /фои-ло-тун ниҳодааст, чунон ки:

Эй ханҷари музаффари ту пушти мулки олам
В-эй гавҳари мутаҳҳари ту рӯи насли Одам,

байте бар мафъӯлу /фоилоту /мафоӣлу /фоилотун овардааст, чунон ки мегӯяд:

Дар аз даҳони рояти ту боз ҳамлаи ту,
Руҳуллаҳ аст, гӯӣ дар остини Марьям.

Ва гуфт: «Ман боре ин наёрам кард ва ҳаргиз ин заъф ба шеъри хеш набандам ва дар фаҳлавиёт заҳфе бад-он нохушию тасарруфе бад-он дурӣ меписанданд.»

Абьёти музоҳаф. Мусаммани макфуфи мақсур:

Зиҳӣ ҳусну зиҳӣ рӯй, зиҳӣ нуру зиҳӣ нор
*мафоӣлу /мафоӣл /мафоӣлу /мафоӣл*
Зиҳӣ хатту зиҳӣ зулф, зиҳӣ мӯру зиҳӣ мор.
*мафоӣлу /мафоӣл /мафоӣлу /мафоӣл*

Мусаммани макфуфи маҳзуф:

Маро ишқ дуто кард ба ҳангоми ҷавонӣ,
*мафоӣлу /мафоӣлу /мафоӣлу /фаӯлун*
Чаро бознапурсӣ ту зи ҳолам, чу надонӣ.
*мафоӣлу /мафоӣлу /мафоӣлу /фаӯлун*

Мусаммани мақбузи макфуфи мақсур:

Маро ғами ту, эй дӯст, зи ҷону мон баровард,
*мафоилун /мафоӣлу /мафоилун /мафоӣл*
Маро фироқат, эй моҳ, зи молу ҷон баровард.
*мафоилун /мафоӣлу /мафоилун /мафоӣл*

Мусаддаси макфуфи мақсур:

Буто, хезу биёр он майи хушбӯй,
*мафоӣлу /мафоӣлу /мафоӣл*
Ки ҳамранг бувад бо гули худрӯй.
*мафоӣлу /мафоӣлу /мафоӣл*

Мусаддаси макфуфи маҳзуф:

Сияҳчашму сияҳзулф ғуломе,
*мафоӣлу /мафоӣлу /фаӯлун*
Табаҳ кард диламро ба саломе.
*мафоӣлу /мафоӣлу /фаӯлун*

Мурабба̀ъи маҳзуфи макфуф:[9]

Чаро бознаёӣ?
*мафоӣлу /фаӯлун*
Азобам чӣ намоӣ?
*мафоӣлу /фаӯлун*

Мусаммани ахраб:

Гар ёри нигоринам дар ман нигарон астӣ,
*мафъӯлу /мафоӣлун /мафъӯлу /мафоӣлун*
Бори ғами ишқи ӯ бар ман на гарон астӣ.
*мафъӯлу /мафоӣлун /мафъӯлу /мафоӣлун*



Мусаммани ахраби макфуфи солим-арӯз ва зарб:

Гӯё ки чунон кӯдаки ман кас ба ҷаҳон бинад,
*мафъӯлу /мафоӣлу /мафоӣлу /мафоӣлун*
Ҳам ҷобуку ҳам зираку ҳам некӯву ҳам бихрад.
*мафъӯлу /мафоӣлу /мафоӣлу /мафоӣлун*

Мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

Эй мулки меҳин, рукни туро килки вазир аст,
*мафъӯлу /мафоӣлу /мафоӣлу /мафоӣл*
Килке, ки фалакқудрату айёммасир аст.
*мафъӯлу /мафоӣлу /мафоӣлу /мафоӣл*

Мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Эй мулки туро арсаи олам сари кӯе
*мафъӯлу /мафоӣлу /мафоӣлу /фаӯлун*
В-аз мулки ту то мулки Сулаймон сари мӯе.
*мафъӯлу /мафоӣлу /мафоӣлу /фаӯлун*

Мусаддаси ахраби мақбузи саҳеҳ-арӯз ва зарб:

Дилдор зи ҳоли ман намепурсад,
*мафъӯлу /мафоилун /мафоӣлун*
Аз оҳи саҳар магар наметарсад
*мафъӯлу /мафоилун /мафоӣлун*

Мусаддаси ахрами аштари саҳеҳ-зарбу арӯз:[10]

Дилдорам ҳоли ман намедонад
*мафъӯлун /фоилун /мафоӣлун*
В-аз рӯям қисса барнамехонад.
*мафъӯлун /фоилун /мафоӣлун*

Мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф:

Эй ҷону ҷаҳони ман, куҷоӣ?
*мафъӯлу /мафоилун /фаӯлун*
В-эй роҳати ҷони ман, куҷоӣ?
*мафъӯлу /мафоилун /фаӯлун*

Мусаддаси ахраби макфуфи маҳзуф:

Сарв аст ба рӯ моҳи мунаққаш,
*мафъӯлу /мафоӣлу /фаӯлун*

Моҳ аст ба рӯ мушки мусаққад.
*мафъӯлу /мафоӣлу /фаӯлун*

Мусаддаси ахраби мақбузи мусаббағ:

Наргис зи нишоти моҳи фарвардин
*мафъӯлу /мафоилун /мафоилон*

Бар дастниҳод соғари заррин.
*мафъӯлу /мафоӣлун /мафоилон*

Мураббаъи ахраб:

Эй шамъи ҳама лашкар,
*мафъӯлу /мафоӣлун*
Шод аст ба ту чокар.
*мафъӯлу /мафоӣлун*

Мураббаъи мақсур:

Ман бе ту чунин зор,
*мафъӯлу /мафоӣл*
Ту аз дур ҳамеханд.
*мафъӯлу /мафоӣл*

Мураббаъи маҳзуф:

Биё, ҷоно, куҷоӣ?
*мафоӣлун /фаӯлун*
Чаро зи мо наёӣ?
*мафоӣлун /фаӯлун*

Ва дар баҳри Ҳазаҷ муоқибат аст миёни «ё» ва «нун»-и мафоӣлун ва албатта нашояд, ки «ё» ва «нун» ҳар ду биёфтананд, аз баҳри он ки мафоилу бимонад ба замми лом» ва баъд аз ӯ мафо меояд, чаҳор мутаҳаррики мутаволӣ (пай дар пай) падид ояд. Ва пеш аз ин гуфтаем, ки фосилаи кубро ҷуз аз мустафъилун нахезад. Ва ҳамчунин муоқибат аст миёни «нун»-и мафоӣлун ва «мим»-и мафоӣлун, ки аз паси он ояд, аз баҳри он ки агар аз мафоӣлуни аввал «нун» биёфтад ва аз мафоӣлуни дуввум «мим» биёфтад, мафоӣлу /фоилун бимонад ва он баҳри Тавил бошад бар вазни фаӯлун /мафоӣлун. Ва пеш аз ин гуфтаем, дар баҳри Тавил шеъри порсӣ хуш наёяд ва дар мусаддаси ахраби ин баҳр муроқабат аст миёни «ё» ва «нун»-и мафоӣлун ва баъд аз мафъӯлу мафоилун ояд. Ба суку-



ти (афтодани) «ё» ва ё мафоӣлу ба сукути «нун» ва мафоӣлуни саҳеҳ баъд аз мафъӯлу наёяд, илло, ки баъд аз ҷузви саҳеҳ ахрабе дигар ояд, чунон ки: мафъӯлу мафоӣлун мафъӯлу мафоӣлун ва ин натавонад буд, илло мусамман ё мураббаъ. Ва ҳамчунин муроқабат миёни «нун»-и мафоӣлуни аввал ва «мим»-и мафоӣлун, ки аз паси он ояд. Дар Ҳазаҷ ахрам ва ба ҳеҷ ҳол баъд аз мафъӯлун бо саботи (устувории) «нун»-и мафоӣлун наёяд. Бо саботи «мим» ва баъд аз ҷузви ахрам ё ҷузве ахраб, ё ҷузве аштар ва зуруби (зарбҳои) Ҳазаҷ мутабаддил нашавад, магар фаӯлун, ки ба ҷои мафъӯлун шояд, ки ҳар ду аз қавофӣ мутавотиранд (паи ҳам меоянд) ва дар вазни дубайтӣ фаӯл ба ҷои фоъ шояд, ки ҳар ду аз қавофӣ мутарофифанд.

## ФАСЛ

Ва яке аз мутақаддимони шуарои аҷам ва пиндорам Рӯдакӣ аз навъи ахраму ахраби баҳр (яъне баҳри Ҳазаҷ) вазне тахриҷ кардааст, ки онро вазни рубоӣ хонанд. Алҳақ, вазне мақбул ва шеъре мустализзу (ширину) матбӯъст ва аз ин ҷиҳат, ағлаби нуфуси нафисро бад-он рағбат аст ва бештари тибоъи салимро бад-он майл. Ва гӯянд сабаби ихтироҷи ин вазн он будааст, ки рӯзе аз айёми аъёд (идҳо) бар сабили тамошо дар баъзе (яке) аз мутаназзиҳоти (ҷойҳои сайру тамошои) Ғазнин бармегашт ва ба ҳар навъ аз аҷноси мардум бармегузашт ва тоифае аҳли табъро дид гирди муалъабае ҷамъе кӯдакон истода ва дида ба наззораи кӯзбозии кӯдаке ниҳода аз он ҷо, ки шаторати (шӯхию бебокии) ҷавонон шоир ва батолати шоирон шотир бошад, қадам дарниҳод ва сар ба миёни эшон баровард, кӯдаке дид даҳпонздаҳсола ба зулфу оразе чун сунбул пироманлола.

Ба қадд чу сарв баланду ба рух чу бадр мунир,
Ба халқ рӯҳи муҷассам, ба хулқ мушку абир.

Манзарае дилкушое ва махбаре ҷонфизое, гуфторе малеҳу забоне фасеҳ, табъи мавзуну ҳаракоте матбӯъ. Мардум дар ҷамолу камолаш ҳайрон монда ва ӯ ба лутфи табъ он нақш бозхонда, ба ҳар карашма сад дил мехаст ва ба ҳар нукта даҳ базла дарменишонд. Ба

шевагарии ҷон шукре мекард ва дар кӯзбозӣ исҷоъи
мутавозин мегуфт, дар омаду шуд тамоиле мекард ва
дар гуфту шунуд шамоиле менамуд. Гирдаконе чанд аз
каф ба кӯй меандохт ва дар хафзу рафъ (пастию ба-
ландӣ) худро аз ишорати мардум ғофил месохт. Шоир
дар он лабоқати (маҳорати) хулқу залокати (фасоҳа-
ти) нутқ ҳайрон монда ва ангушти тааҷҷуб дар дан-
дон гирифта бар он таносуби аъзо офарину таҳсин ме-
кард ва бар он сурати зебо Маъузатайну Ёсин (ду су-
раи Қуръон) мехонд, то як боре дар андохтани гирда-
коне аз кӯз берун афтод ва ба қаҳқаре (навъе аз боз-
гаштан аст) ҳам ба ҷойгаҳ бозғалтид. Кӯдак аз сари
закои табъ ва сафои қариҳат (истеъдод) гуфт:

Ғалтон-ғалтон ҳамеравад то буни кӯ

Шоирро ин калимот вазне мақбулу назме матбӯъ
омад. Ба қавонини арӯз муроҷиат кард ва онро аз муф-
тареоти баҳри Ҳазаҷ берун овард ва ба воситаи он кӯ-
дак бар ин шеър шуур ёфт (огоҳ шуд) ва аз азми ма-
ҳаллу лутфу мавқеи он ба наздики ӯ дар назм ҳар
қитъа бар ду байт иқтисор кард, байте мусарраъ ва бай-
те муқаффӣ ва ба ҳукми он ки муншиду муншӣ ва бодию
бонии он вазн кӯдаке буд нек мавзуну дилбар ва ҷаво-
не сахт тозаю тар, онро тарона ном ниҳоду мояи фитнаи
бузургро сар ба ҷаҳон дардод ва ҳамоно толеъи ибдоъи
(эҷоди) ин вазн бурҷи мизон будааст: Моҳу Зӯҳраю Ута-
рид дар васатулсамо, Офтобу Муштарӣ аз таслиси но-
зир, Зуҳалу Миррих аз тасдиси муттасил, ки хосу ом
мафтуни ин навъ шудаанд, олиму омӣ маъуфи (шефтаю
мафтун) ин шеър гашта, зоҳиду фосиқро дар он насиб,
солеҳу толеҳро (бадкирдор) бад-он рағбат. Қаҷтабъоне,
ки назм аз наср нашносанд ва аз вазну зарб хабар надо-
ранд, ба баҳонаи таронае дар рақс оянд, мурдадилоне,
ки миёни лаҳни мусиқор ва наҳиқи (ҳангоси) ҳимор
(хар) фарқ накунанд ва аз лаззати бонги чанг ба ҳазор
фарсанг дур бошанд, бар дубайтӣ ҷон бидиҳанд. Басо
духтари хона, ки бар ҳаваси тарона дару девори исмати
худ дарҳам шикаст, басо сатӣ (зане, ки аз рӯи одати
ҳиндӣ худро ҳамроҳи ҷасади шавҳараш дар оташ месӯ-
зонад), ки бар ишқи дубайтӣ тору пуди пироҳани иффа-
ти (покдомании) хеш барҳам гусаст. Ва ба ҳақиқат,
ҳеҷ вазн аз авзони мубтадеъ (навэҷодшуда) ва ашъори
мухтареъ (ихтироъшуда), ки баъди Халил эҳдос (эҷод)



кардаанд, ба дил наздиктару дар табъ овезандатар аз ин нест. Ва ба ҳукми он ки арбоби синоати мусиқӣ бар ин вазн алҳони шариф сохтаанд ва тариқи латиф таълиф карда. Ва одат чун рафтааст, ки ҳар чи аз ҷинс бар абьёти тозӣ созанд, онро қавл (навъе аз суруд) хонанд ва ҳар чи бар муқаттаоти порсӣ бошад, онро ғазал хонанд. Аҳли дониш малҳуноти (лаҳнҳои) ин вазнро тарона ном карданд ва шеъри муҷарради онро дубайтӣ хонданд, барои он ки бинои он бар ду байт беш нест ва мустаъраба онро рубоӣ хонданд, аз баҳри он ки баҳри Ҳазаҷ дар ашъори араб мураббаъулаҷзо омадааст. Пас ҳар байт аз ин вазн ду байти арабӣ бошад, лекин дар ҳукми он ки зиҳофе, ки дар ин вазн мустаъмал аст, дар ашъори араб набудааст. Дар қадим бар ин вазн шеъри тозӣ нагуфтаанд ва акнун муҳаддисони арбоби табъ бар он иқболе тамом кардаанд ва рубоиёти тозӣ дар ҳама билоди араб шоеъю (паҳну) мутадовил гаштааст.

Ва чун ин муқаддимот маълум шуд, бидон, ки ибтидои масореъи (мисраҳои) дубайтӣ ё мафъӯлу бошад, ки онро ахраб хонанд ё мафъӯлун бошад, ки онро ахрам гӯянд ва чун ҷузви садр мафӯлу бувад, ҷузви дуввум мафоӣлуни солим оянд ё мафоӣлуни мақбуз, ё мафоӣлуи макфуф ва чун ҷузви садр мафъӯлун бошад, ҷузви дуввум мафъӯлун оянд ё мафъӯлу, ё фоилун, ки онро аштар хонанд ва чун ҷузви дуввум мафоӣлун оянд ё мафъӯлу бошад, ҷузви саввум мафъӯлун оянд ё мафъӯлу ва чун ҷузви дуввум мафоилун ё фоилун, ё мафъӯлун оянд, ё мафъӯлу ва чун ҷузви дуввум мафоилун ё мафъӯлу оянд, ҷузви саввум мафоӣлун оянд ё мафоӣлу ва қофияи мафоӣлун ва мафӯлун фаъ оянд, ки онро абтар хонанд ё фоъ оянд, ки онро азалл гӯянд ва қофияи мафоӣлу ва мафъӯлу фаӯл оянд, ки онро ахтам хонанд ё фаал, ки онро маҷбуб гӯянд. Пас азоҳифе, ки хос бад-ин вазн тааллуқ дорад, чаҳор аст: ҳатму залалу ҷаббу батар ва бар ин ду садру чаҳор қофия авзони дубайтӣ 24 навъ шавад — дувоздаҳ бар садр-ахраб ва дувоздаҳ бар садр-ахрам. Ва Хоҷа Имом Ҳасани Қаттон, ки яке аз аиммои Хуросон будааст, мухтасаре дар илми арӯз сохтааст ва авзони дубайтиро бар ду шаҷара ниҳода. Ман дар ин таълиф ҳамон сурат нақш кардам ва ба ҳар навъ мисраъе шеър навиштам ва азоҳифи ҳар як бознамудам, то ба фаҳм наздиктар бошад ва мубтадӣ бар кайфияти иншиоби ин зудтар воқиф ша·

вад. Ва сурати он ду шаҷара ин аст, ки бар ин ду саҳфа аст:









1. Ахрами аштари азалл:

Гуфтам, ки туро шавам, нигорино, зуд.
*мафъӯлу |мафоилун |мафъӯлун |фоъ*

2. Ахраби мақбузи абтар:

Гуфтам, ки туро шавам, нигорино, кай?
*мафъӯлу |мафоилун |мафъӯлун |фаъ*

3. Ахраби мақбузи макфуфи аҳтам:

Гуфтам, ки туро шавам, чудой, ту маранч,
*мафъӯлу |мафоилун |мафойлу |фаӯл*

4. Ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб:

Гуфтам, ки туро шавам, ҷудой, ту ба ғам
*мафъӯлу /мафоилун /мафойлу /фаал*

5. Ахраби аҳтам:

Гуфтам, ки саранҷомат маълум нашуд.
*мафъӯлу /мафойлу /мафойлу /фаӯл*

6. Ахраби ахрами азалл:

Гуфтам, ки саранҷомат маълумам гашт
*мафъӯлу /мафойлун /мафойлун /фоъ*

7. Ахраби ахрами абтар:

Гуфтам, ки саранҷомат маълумам шуд.
*мафъӯлу /мафойлун /мафъӯлун /фаъ*

8. Ахраби маҷбуб:

Гуфтам, ки саранҷомат маълум нагашт.
*мафъӯлу /мафойлун /мафъӯлу /фаал*

9. Ахраби макфуфи азалл:

Гуфтам, ки зи ишқи ту хиҷил гаштам дӯш.
*мафъӯлу /мафойлу /мафойлун /фоъ*

10. Ахраби макфуфи абтар:

Гуфтам, ки зи ишқи ту хиҷил гаштам дй.
*мафъӯлу /мафойлу /мафойлун /фаъ*

11. Ахраби макфуфи аҳтам:

Гуфтам, ки зи ишқи ту дилам гашт малӯл.
*мафъӯлу /мафойлу /мафойлу /фаӯл*

12. Ахраби макфуфи маҷбуб:

Гуфтам, ки зи ишқи ту дилам гашт хиҷил.
*мафъӯлу /мафойлу /мафойлу /фаал.*



**Шаҷараи ахрам**

1. Ахрами аштари азалл:

Бо ёрам дарди дил ҳамегуфтам дӯш.
*мафъӯлун /фоилун /мафойлун /фоъ*

2. Ахрами аштари абтар:

Бо ёрам дарди дил ҳамекард дй.
*мафъӯлун /фоилун /мафойлун /фаъ*

3. Ахрами аштари макфуфи маҷбуб:

Бо ёрам дарди дил ҳамегуфт дилам.
*мафъӯлун /фоилун /мафойлу /фаал*

4. Ахрами аштари макфуфи аҳтам:

Бо ёрам дарди дил ҳамегуфт фалон.
*мафъӯлун /фоилун /мафойлу /фаӯл*

5. Ахрами муханнақи ахраби маҷбуб:

Бо ёрам мегуфтам дар хасм машав.
*мафъӯлун /мафъӯлун /мафъӯлу /фаал*

6. Ахрами муханнақи азалл:

Бо ёрам мегуфтам ин чаврат чанд?
*мафъӯлун /мафъӯлун /мафъӯлун /фоъ*

7. Ахрами муханнақи абтар:

Бо ёрам мегуфтам ин чаврат бас.
*мафъӯлун /мафъӯлун /мафъӯлун /фаъ*

8. Ахрами муханнақи ахраби аҳтам:

Бо ёрам мегуфтам дар хаҷр макӯш!
*мафъӯлун /мафъӯлун /мафъӯлу /фаӯл*

9. Ахрами ахраби абтар:

Бо ёрам дирӯз ҳамегуфтам сир.
*мафъӯлун /мафъӯлу/мафъӯлун /фаъ*

10. Ахрами ахраби азалл:

Бо ёрам дирӯз ҳамегуфтам роз.
*мафъӯлун /мафъӯлун /мафоӣлуи /фоъ*

11. Ахрами ахраби макфуфи аҳтам:

Бо ёрам дирӯз ҳамегуфт фалон:
*мафъӯлун /мафъӯлу /мафоӣлу /фаӯл*

12. Ахрами ахраби макфуфи маҷбуб:

Бо ёрам дирӯз ҳамегуфт дилам:
*мафъӯлун /мафъӯлу /мафоӣлу /фаал*

**Шаҷараи ахраб**

1. Ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб:

Гуфтам, ки туро шавам, чароӣ ту ба ғам?
*мафъӯлу /мафоилун /мафоӣлу /фаал*

2. Ахраби мақбузи азалл:

Гуфтам, ки туро шавам, нигорино, зуд
*мафъӯлу /мафоилун /мафоӣлун /фоъ*

3. Ахраби мақбузи абтар:

Гуфтам, ки туро шавам, нигорино, кай?
*мафъӯлу /мафоилун /мафоӣлун /фаъ*

4. Ахраби мақбузи макфуфи аҳтам:

Гуфтам, ки туро шавам, чароӣ ту ба ранҷ?
*мафъӯлу /мафоӣлун /мафоӣлу /фаӯл*



5. Ахраби маҷбуб:

Гуфтам, ки саранҷомат маълум нашуд.
*мафъӯлу /мафоилун /мафоӣлу /фаӯл*

6. Ахраби муханнақи азалл:

Гуфтам, ки саранҷомат маълумам гашт.
*мафъӯлу /мафоӣлун /мафъӯлун /фоъ*

7. Ахраби муханнақи абтар:

Гуфтам, ки саранҷомат маълумам шуд
*мафъӯлу /мафоӣлун /мафъӯлун /фаъ*

8. Ахраби аҳтам:

Гуфтам, ки саранҷомат маълум нагашт.
*мафъӯлу /мафоӣлун /мафъӯлу /фаӯл*

9. Ахраби макфуфи маҷбуб:

Гуфтам, ки зи ишқи ту дилам гашт хиҷил
*мафъӯлу /мафоӣлу /мафоӣлу /фаал*

10. Ахраби макфуфи азалл:

Гуфтам, ки зи ишқи ту хиҷил гаштам дӯш.
*мафъӯлу /мафоӣлу /мафоӣлун /фоъ*

11. Ахраби макфуфи абтар:

Гуфтам, ки зи ишқи ту хиҷил гаштам дӣ.
*мафъӯлу /мафоӣлу /мафоӣлун /фаъ*

12. Ахраби макфуфи аҳтам:

Гуфтам, ки зи ишқи ту дилам гашт малӯл
*мафъӯлу /мафоӣлу /мафоӣлу /фаӯл*

Ва аз ин авзон ҳар чи мутаносибтар ва асбобу автоди он мутаодилтари хушояндатар ва ҳар чи асбоби он бештар сақилтар ва филҷумла авзони шаҷараи ахраб матбӯътар аз авзони шаҷараи ахрам аст, барои он ки дар шаҷараи ахраб автод мутаодилтар аст ва сақилтарин авзони шаҷараи ахраб мафъӯлу /мафоӣлун /мафъӯлун /фаъ аст аз баҳри он ки дар ин вазн шаш сабаб (муаллиф сабаби хафифро дар назар дорад — У. Т.) мутаволӣ (пай дар пай) аст. Ва сақилтарин авзони шаҷараи ахрам мафъӯлун /мафъӯлун/ мафъӯлун /фаъ аст, аз баҳри он ки ҷумла асбоб аст (ин ҷо ҳам муаллиф сабабҳои хафифро дар назар дорад). Ва ҳароина дар хилти (омезиши) ин аҷзо аз дақиқаи таносуби аркон ғофил набояд буд ва вазне хафифро бо вазне сақил набояд омехт, то нохушоянда набувад, чунон ки гуфтаанд:

Гуфтам, ки даҳон надорӣ, эй мискинак!
Гуфто: «Дорам». Гуфтам: «Ку?» Гуфт: «Инак».
*мафъӯлу /мафоӣлун /мафоӣлун /фаъ*
*мафъӯлун /мафъӯлун /мафъӯлун /фаъ*

Ва хафифтарин авзони шаҷараи ахрабро сақилтарин авзони шаҷараи ахрам ҷамъ карда. Ва чун лозим аст, ки байти нахустини ин вазн мусарраъ бошад, нашояд, ки се қофияи он мутағайир шавад, яъне фаал ба ҷои фаӯл нашояд ва фоъ ба ҷои фаъ нашояд, валекин фоъ ба ҷои фаӯл шояд, аз баҳри он ки ҳар ду аз қавофии муталодиф аст ва фаъ ва фаал, агар чи яке мутавотиру дигаре мутадорик аст, ба ҳам шояд ва дар мисроъи саввум, ки онро хасӣ мехонанд, агар тасреъ нигоҳ надоранд, фоъ ба ҷои фаъ ва фаал ба ҷои фаӯл шояд. Ва баъзе шуаро бар ин вазн муқаттаот гуфтаанд, чунон ки Абӯтоҳири Хотунӣ гуфтааст.

Устод, мабар гумон, ки дилреш наям
В-аз феъли туву аз ту бадандеш наям.
Дар кеши ту оини некӯкорӣ нест,
Эзид донад, ки ман бар он кеш наям.
Бо ҳамчу худӣ бувад маро хешию бас,
Бегонаи сабъхешро хеш наям.
Дар некию дар бадӣ наям ҳамсари ту,
Бе хор наям валек бо неш наям.



Гуфтӣ, ки чаро давонию бозпасӣ,
З-он бозпасам, ки чун ту дар пеш наям.

Ва Фаррухӣ қасидае гуфтааст бар вазни дубайти ва чанд ҷойгоҳ тасреъ нигоҳ дошта, чунон ки чанд рубой аз он барметавон дошт ва аввали он ин аст:

Сарвӣ, гар сарв моҳ дорад бар сар,
Моҳӣ, гар моҳ мушк дораду анбар.
Моҳат бо мушк сим дорад ҳам бар,
Сарват маҳро зи лола дорад зевар.

Шаккар дорӣ, чунон ки дорӣ лӯълӯъ,
Рӯзе бар ман ба бӯса борӣ шаккар.
Якчанд зи доғи ишқ зорӣ дидам,
Зорӣ дидам, чунон ки хоре бебар.

Ва аммо абьёти сақил, ки дар ин баҳр қудамо гуфтаанд.

Мусаммани аштари мақбуз:

Чаро ҳаме нигоринам ҳамеша назди ман н-ояд,
*мафоӣлун /мафоӣлун /мафоӣлун /мафоӣлун*
То маро набояд зор нолидан ба дарди дил.
*фоилун /мафоӣлун /мафоӣлун /мафоӣлун*

Мусаммани ахрам:

Мар моро, нигоро, дод хоҳӣ дарду беморӣ,
*мафъӯлун /мафоӣлун /мафоӣлун /мафоӣлун*
Ҳам акнун кардамон бояд зи кори ишқ безорӣ.
*мафоӣлун /мафоӣлун /мафоӣлун /мафоӣлун.*

Мусаммани мақбузи маҳзуф (ҳашв ва арӯзу зарб):

Фурӯғи ҷоми бода ба дилат нур дода,
*мафоилун /фаӯлун /мафоилун /фаӯлун*
Ялон шоҳзода туро чу бардa доро.
*мафоилун /фаӯлун /мафоилун /фаӯлун*

Мусаммани ахраби аштари маҳзуф:

Эй он ки бад-ӯ ораз чун моҳи самой,
*мафъӯлу /мафоӣлун /мафъӯлу /фаӯлун*
Бандаро навозиш кун, гар бори худой.
*фоилун /мафоӣлун /мафъӯлу фаӯлун*

Мусаммани мақбузи макфуфи мақсур-арӯз, маҳзуф-зарб:

Ҳамеша шодмон бошу ба коми дӯстон бош,
*мафоилун /мафоӣлу /мафоилун /мафоӣл*
Ту ҷовидон ҷавон бош, адӯт хоксоро.
*мафоилун /мафоӣлу /мафоилун /фаӯлун*

Мусаммани ахрами ассадрайн (дурусташ садру ибтидо):

Бар фирдавси Ризвон гар на рухсорат далел астӣ,
*мафъӯлун /мафоӣлун /мафоӣлун /мафоӣлун*
Мардумро сӯи нодида дидан кай сабил астӣ.
*мафъӯлун /мафоӣлун /мафоӣлун /мафоӣлун*

Мусаммани ахраби мақбузи макфуфи солим-арӯз ва зарб:

Он сарви сиҳӣ, ки бори хуршеди равон дорад,
*мафъӯлу /мафоилун /мафоӣлу /мафоӣлун*
Ҳамвора ситора аз ду чашми ман равон дорад.
*мафъӯлу /мафоилун /мафоӣлу /мафоӣлун*

Мусаммани ахраби мусаббағ:

Эй ман рахи он дидор, к-аз хасрати ӯ ҳамвор,
*мафъӯлу /мафоӣлон /мафъӯлу /мафоӣлон*
Қабки дарӣ аз кӯҳсор зи Бохтар овардост
*мафъӯлу /мафоӣлон /мафъӯлу /мафоӣлон*

Мусаммани ахрами ахраби аштар (арӯз ва зарб-солим):

Гар донӣ, ки ман бе ту то чанд бало дидам,
*мафъӯлун /мафоӣлун /мафъӯлу /мафоӣлун*
Сӯи ман гароидӣ, чун ба ту гароядам.
*фоилун /мафоӣлун /фоилун /мафоӣлун*

Мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҳзуф:

Ғаммоз ба мутбиқ беҳу бадхоҳ ба дӯзах,
*мафъӯлу /мафоӣлу /мафоӣлу /фаӯлун*
Ман бо ту нишаста, рӯй ба рӯй ниҳода.
*мафъӯлу /мафоилун /мафоӣлу /фаӯлун*



Мусаддаси мақбузи мусаббағ:

Эй номаи Офтоб зи Қайвон
*мафъӯлу /мафоилун /мафоӣлон*
Баҳромсаҳову муштариунвон.
*мафъӯлу /мафоилун /мафоӣлун*

Мусаддаси ахраби мақбузи ахрами аҳтам:

Ҷон аз тарабу дил аз нишот,
*мафъӯлу /мафоилун /фаӯл*
То битвонӣ, бозмадор.
*мафъӯлун /мафъӯлу /фаӯл*

Мусаддаси маҷбуб:[11]

Аз одамиёни ҳамчун парӣ,
*мафъӯлу /мафоӣлун /фаал*
Чун баргузарӣ, дил мебарӣ.
*мафъӯлу /мафоӣлун /фаал*

Мураббаъи аштари мақбуз-арӯз, абтар-зарб:[12]

Гар бихоҳаде, биё,
*фоилун /мафоилун*
Яде пешаш хур.
*мафоӣлун /фаъ*

Ва мӯҷиби нохушии ин авзон ихтилофи назми аҷзост, адами (набудани) таносуби аркон. Ва Пиндори Розиро ин ихтилоф бисьёр афтодааст, лоҷарам, алфози азб (форам) ва маъонии латифи хешро ба авзони мустаҳҷин ва азоҳифи мухталиф номатбӯъ гардондааст, чунон ки гуфтааст:

Шеър

Мушкинкилке, сарвинболое,
*мафъӯлу /мафоӣлун /мафъӯлун*
Во ду чашми шаҳлову чи шаҳлое.
*фоилун /мафоӣлу /мафоӣлун*

Ва дар ин шеър ҳарбу шатр ба ҳам ҷамъ кардааст Ва чунон ки гуфтааст:

### Шеър

Дайми ману дайми дӯст, он ашоих, ин аз дард,
*мафъӯлу |мафоилун |мафоилун |мафоӣлон*
Чунон гули дудайма — ниме сурху ниме зард.
*мафъӯлу |мафоӣлун |мафъӯлун |мафоӣлон*

Ва дар ин шеър харбу қабзу тахнику исбоғ ҷамъ кардааст. Ва чунон ки гуфтааст:

### Шеър

Ноёху накӯӣ, ки манеро,
*мафъӯлу |мафоӣлу |фаъӯлун*
Бӯлам воту давво авох ё се.
*мафъӯлун |мафоӣлун |фаъӯлун*

Ва дар ин байт каффу харму харбу ҳазф овардааст.

Пеш аз ин гуфтаем, ки дар ин баҳр муроқибат аст миёни «нун»-и ҷузви ахрам ва «мим»-и мафоӣлун, ки аз паси он ояд ва нашояд, ки пас аз мафъӯлун мафоӣлун ояд ва дар ин шеър муроқибат ба ҷой наёвардааст. Ҷузви ахрамро бо ҷузви солим ба ҳам овардааст, лоҷарам, нохуш ва безавқ омадааст.

#### БАҲРИ РАҶАЗ

Аҷзои он чаҳор бор мустафъилун мустафъилун аст ва азоҳифе, ки дар ин баҳр афтад, панҷ аст: хабну тайю қатъу изолату тарфил. Ва аҷзое, ки аз ин азоҳиф хезад, ҳафт аст: мафоилун-махбун, муфтаилун-матвӣ, мафъӯлун-мақтӯъ, мустафъилон-музол, муфтаилон-матвии музол, мафоилон-махбуни музол, мустафъилотун-мураффал.

Абъёти солими он. Байти мусамман:

Эй сорбон, манзил макун ҷуз бар диёри ёри ман,
*мустафъилун |мустафъилун |мустафъилун |мустафъилун*
То як замон зорӣ кунам бар рабъу итлолу даман.
*мустафъилун |мустафъилун |мустафъилун |мустафъилун*

Байти мусаддас, ки онро маҷзув хонанд:

Дил баргирифт аз ман бутам якборагӣ,
*мустафъилун |мустафъилун |мустафъилун*
Ҷовид мондам ман дар ин бечорагӣ.
*мустафъилун |мустафъилун |мустафъилун*



Байти мураббаъ, ки онро маштур хонанд.

Эй беҳтар аз ҳар доваре,
*мустафъилун |мустафъилун*
Бикшой корамро даре.
*мустафъилун |мустафъилун*

Мусаддаси мақтӯъ:

Ошиқ шудам бар дилбаре айёре,
*мустафъилун |мустафъилун |мафъӯлун*
Шаккарлабе, симинбаре, хунхоре.
*мустафъилун |мустафъилун |мафъӯлун*

Музоҳафоти он. Байти мусаммани матвӣ: [14]

Дасти касе барнарасад ба шохи ҳавийяти ту,
*муфтаилун |муфтаилун |мафоилун |муфтаилун*

Тораки аннийяти ӯ зи беҳу бун барнаканӣ.
*муфтаилун |муфтаилун |мафоилун |муфтаилун*

Байти мусаммани махбун (махбуни матвист):[15]

Пайём кардааст ба ман булҳавасе тантанане,
*мафоилун |муфтаилун |муфтаилун |муфтаилун*
Ки ту ба мадҳи маликон на аз қиёси чу манӣ
*мафоилун |муфтаилун |мафоилун |муфтаилун*

Мусаммани матвии махбун:

Баршавам аз нишоти дил вақти саҳар ба манзара,
*муфтаилун |мафоилун |муфтаилун |мафоилун*
Пушт ба сӯи дар кунам, рӯй ба сӯи панҷара.
*муфтаилун |мафоилун |муфтаилун |мафоилун*

Ва бояд ки дар хабну тай таносуби аҷзо риоят кунанд, то масореъ мухталиф наёяд ва завқи шеър мухтал нагардад, чунон ки гуфтаанд:

Пас чу ту найи ман ва зи ду ҷаҳон безорам [16],
*муфтаилун |мафоилун |муфтаилун |мафъӯлун*
Ба кори ман кун назаре ва гар на дил бардорам.
*мафоилун |муфтаилун |мафоилун |мафъӯлун*

Мусаддаси матвии мақтӯъ:

Ин дили ман хаст ба дард арзонӣ
*муфтаилун /муфтаилун /мафъӯлун*
То накунад бори дигар нодонӣ.
*муфтаилун /муфтаилун /мафъӯлун*

Мусаддаси махбун:

Қунун ки гардад аз баҳор хуш ҳаво,
*мафоилун /мафоилун /мафоилун*
Фузун шавад ба ҳар дил андарун ҳаво.
*мафоилун /мафоилун /мафоилун* [17]

Матвии махбун (мусаддас илова бояд кард):

Бар мани хастаҷон макун чунин ситам,
*муфтаилун /мафоилун /мафоилун*
К-ин дилам аз паи ту шуд чунин бағам
*муфтаилун /мафоилун /мафоилун*

Мураббаъи матвӣ (зарб-мақтӯъ):[18]

Ғолиязулфею ба рух
*муфтаилун /муфтаилун*
Сурхтар аз гулноре.
*муфтаилун /мафъӯлун.*

Ва заруби Раҷаз агар мустафъилун бошад, бо мафъӯлун мутабаддил нашавад, аммо мафоилун ба ҷои муфтаилун шояд ва ҳамчунин дар аъориз (арӯзҳо) мустафъилун мутабаддил нашавад. Ва аз ин абьёти қудамо, мусаддаси мақтӯъ-зарб:

Дилбар буте, шаккарлабе, симинбаре,
*мустафъилун /мустафъилун /мустафъилун*
Амдан ҳамехоҳад дилам бирбудан.
*мустафъилун /мустафъилун /мафъӯлун*

Мусаддаси музол:

Ҳиҷрони ӯ ҷонам ба тири ғам бихаст,
*мустафъилун /мустафъилун /мустафъилон*
Бар ман дари оромишу шодӣ бибаст.
*мустафъилун /мустафъилун /мустафъилон*



Мусаддаси матвии музол:[19]

То ғамат андар дили ман гашт падид,
*муфтаилун /муфтаилун /муфтаилон*
Қасе маро бо лаби пурханда надид.
*мафоилун /муфтаилун /муфтаилон*

Махбуни музол:

Харчанд бар ман зи ғамат қиёмат аст,
*мустафъилун /муфтаилун /мафоилон*
Ошиқ шудан чуз ба ту бар ғоромат аст.
*мустафъилун /муфтаилун /мафоилон*

Махбуни музол-арӯз:[20]

Замин мубаъаид набуд аз осмон,
*мафоилун /муфтаилун /мафоилон*
Чунон ки бухли ту зи ту мубаъадо.
*мафоилун /муфтаилун /мафоилон*

Ва шояд, ки «нун»-ро аз лафз соқит гардонанд ва арӯзро махбуни ғайри музол донанд.
Мусаддаси мураффал:[21]

Эй лӯъбате, к-аз лӯъбатон мухтор гаштӣ,
*мустафъилун /мустафъилун /мустафъилотун*
Боз зи хубӣ фитнаи бозор гаштӣ.
*муфтаилун /мустафъилун /мустафъилотун*

Мураббаи мураффал:

Бе ту маро зинда набинанд,
*мустафъилун /мустафъилотун*
Ман зарраам, ту офтобӣ.
*мустафъилун /мустафъилотун*

Ва пеш аз ин гуфтаем, ки баъзе арӯзиёни гаронҷон бар тарфил сокине зиёдат кардаанд ва онро татвил ном ниҳода ва он зарбро мутаввал хонанд, чунон ки гуфтаанд:

Маштоб чандин, эй паризод,
*мустафъилун /мустафъилотон*
Бар куштани ошиқ ба бедод.
*мустафъилун /мустафъилстон*

Ва ин байти мусаддас аст ва зарбу арӯзаш аҳаззи мақсур аст, яъне ватади мустафъилун андохтаанд, он гоҳ сабабро қаср карда, муст бимонда, фоъ ба ҷои он биниҳодаанд ва тақтеъи ин байт чунин аст:

*мустафъилун /мустафъилун /фоъ*
*мустафъилун /мустафъилун /фоъ*

БАҲРИ РАМАЛ

Аҷзои он чаҳор бор фоилотун фоилотун аст ва зиҳофе, ки дар ин баҳр афтад, чаҳордаҳ аст: каффу хабну шаклу қасру ҳафзу салму ташъису ҷаҳафу исбоғу рабъу муоқибату садру аҷзу тарафон. Ва аҷзои муншаъибаи он сездаҳ аст: фоилоту-макфуф, фаилотун-махбун, фаилоту-машкул, фоилон-мақсур, фоилун-маҳзуф, фаилунмахбуни маҳзуф, фаълун-аслам, фаълон-аслами мусаббағ, фаилон-махбуни мақсур, фаал-марбӯъ, фаъ-маҷҳуф, фоъ-маҷҳуфи мусаббағ, мафъӯлу-мушаасс.
Абьёти солими он.
Байти мусаммани саҳеҳ-зарбу арӯз:

Боз дарпӯшид гетӣ тозаю рангин қабое,
*фоилотун /фоилотун /фоилотун /фоилотун*
Оламеро карда мушкин бӯи зулфи ошное.
*фоилотун /фоилотун /фоилотун /фоилотун*

Байти мусаддас:

Эй нигоринрӯй дилбар, з-они мой,
*фоилотун /фоилотун /фоилотун*
Рух макун пинҳон, чу андар ҷони мой
*фоилотун /фоилотун /фоилотун*

Байти мураббаъ:

Ман ҳамеша мустамандам
*фоилотун /фоилотун*
В-аз ғами ишқат нажандам.
*фоилотун /фоилотун*

Байти мусаммани мақсур:

Эй ба истеҳқоқ шоҳи шаръро қоиммақом
*фоилотун /фоилотун /фоилотун /фоилон*



В-аз қадимуддаҳри дуньё пешвои хосу ом.
*фоилотун /фоилотун /фоилотун /фоилон*

Байти мусаммани маҳзуф:

Ҳаббазо, базме, к-аз ӯ ҳар дам дигаргун зеваре,
*фоилотун /фоилотун /фоилотун /фоилун*
Осмон бар оламе бандад, замин бар кишваре.
*фоилотун /фоилотун /фоилотун /фоилун*

Мусаддаси мақсур:

Эй ба гавҳар то ба Одам подшоҳ,
*фоилотун /фоилотун /фоилон*
Дар паноҳи эътиқодат мулки шоҳ.
*фоилотун /фоилотун /фоилон*

Музоҳафоти он. Мусаммани махбуни маҳзуф, аслам-зарб:

Ҷирми хуршед, чу Ҳут дароянд ба Ҳамал,
*фоилотун /фоилотун /фоилотун /фоилун*
Ашҳаби рӯз кунад адҳами шабро арҷал.
*фоилотун /фоилотун /фоилотун /фаълун*

Ва қавофии Рамал он чи фоилотун ва фоилун бошад, мутабаддил нашавад ва фаилуну фаълун ба ҳам шояд ва дар аъориз (арӯзҳо) фоилун ва фоилон ба ҳам шояд. Ва муоқибат аст дар ин баҳр миёни «нун»-и фоилотун ва «алиф»-и фоилотун, ки пеш аз ӯ бошад.
Байти машкул:[13]

Дили ман бибурд турке, ки диле чу санг дорад,
*фаилоту /фоилотун /фаилоту /фоилотун*
Зи ғамаш чу ной нолам, чу ба чанг чанг дорад.
*фаилоту /фоилотун /фаилоту /фоилотун*

Дар ин байт садр асту тарафон, аз баҳри он ки аз фоилотуни аввал «нун» андохтааст ба муоқибати «нун»-и моқабл ва «алиф»-и мобаъди он.
Байти мусаддаси махбуни аслам:

Дилам, эй дӯст, ту дорӣ, донӣ,
*фоилотун /фоилотун /фаълун*
Ҷон бибар низ, наменатвонӣ.
*фоилотун /фоилотун /фаълун*

Ва дар ин байт аҷз аст, аз баҳри он ки аз фоилотуни дуввум ва панҷум «алиф» андохтааст. Ба муоқибати «нун»-и фоилотуни аввал ва чаҳорум ва хазфи «алиф»-и фоилотуни аввал бе муоқибат аст, барои он ки аз пеш ҳеҷ нест, ки муоқибати он бошад.

Байти мусаддаси махбуни мақсур:

Эй писар, дил бинеҳу бӯса биёр,
*фоилотун /фаилотун /фаилон*
Ин ҳама ҷангу дуруштӣ ба чӣ кор?
*фоилотун /фаилотун /фаилон*

Мусаддаси махбуни асламы мусаббағ-арӯз, мақсур-зарб:

Эй ба шоҳӣ зи ҳама шоҳон фард,
*фоилотун /фаилотун /фаълон*
Муштариталъату миррихнабард.
*фоилотун /фаилотун /фаилон*

Байти мурабаъи махбун:

Дилам овора ту кардӣ,
*фаилотун /фаилотун*
Хирадам пок ту кардӣ,
*фаилотун /фаилотун*

Абьёти қадими сақил. Байти мусаммани мушаасси маҷҳуф. Масъуди Саъдрост:

Рост кун тораму ороста кун гулшан,
*фоилотун /фаилотун /фаилотун /фаъ*
Тоза кун ҷонҳо, ҷоно, ба майи равшан.
*фоилотун /мафъӯлун /фаилотун /фаъ*

Ва пеш аз ин гуфтаем, ҳамчунон ки дар ашъори араб сабабе хафиф бар ватад афзоянд ва онро тарфил хонанд, баъзе арӯзиёни аҷам сабабе бар сабаби охири ҷузв афзудаанд ва онро тавсеъ ном ниҳода ва бад-ин сабаб ин байтро, ки мусамман овардаам, эшон мусаддас донанд ва тақтеъи он бар ин ваҷҳ кунанд:

Рост кун тораму ороста кун гулшан,
*фоилотун /фаилотун /фаилийётун*
Тоза кун ҷонҳо, ҷоно, ба майи равшан.
*фоилотун /мафъӯлун /фаилийётун*



Ва ин зарбро мувассаъ хонанд.

Байти мусаммани маҷҳуфи мусаббағ:

Зинҳор, эй дил, бармадеҳ туркаки ман зуд,
*фоилотун /фоилотун /фоилотун /фоъ*
Бода пеш овар, ки ғамро бода донам суд.
*фоилотун /фоилотун /фоилотун /фоъ*

Ва ҳамчунин, мутаҳаррике ва ду сокин бар сабаби фоилотун афзудаанд ва онро тазфият ном ниҳода. Ва ин байтро мусаддас ниҳанд ва тақтеъи он чунин кунанд:

Зинҳор, эй дил, бармадеҳ туркаки ман зуд,
*фоилотун /фоилотун /фоилийётон*
Бода пеш овар, ки ғамро бода донам суд.
*фоилотун /фоилотун /фоилийётон*

Ва ин зарбро музаффо хонанд ва асли он зафв аст ба маънии тамом шудан ва даръи зоф зиреҳи тамоми доман бошад ва эшон аз ин асл тафъиле берун овардаанд ва бар ин зиҳофи нохуш ниҳода.

Мусаддаси маҷҳуф:

Ман туро, эй бут, харидорам,
*фоилотун /фоилотун /фаъ*
Гар ту моро нохаридорӣ
*фоилотун /фоилотун /фаъ*

Ва ин байтро мурабаъ ниҳанд бар фоилийётун ва онро зарби мувассаъ гӯянд, чунон ки гуфтем.

Байти мусаммани мушаасси асламы мусаббағ:

Сарв аст он ё боло? Моҳ аст он ё рӯй?
*мафъӯлун /мафъӯлун /мафъӯлун /фаълон*
Зулф аст он ё чавгон? Хол аст он ё гӯй?
*мафъӯлун /мафъӯлун /мафъӯлун /фаълон*

Мусаммани махбуни марбӯъ:

Бути ман гар ба сазо ҳурмати ман донаде,
*фоилотун /фаилотун /фаилотун /фаал*
На маро гаҳ кунаде хору гаҳе ронаде.
*фоилотун /фаилотун /фаилотун /фаал*

Ва масала мақсур ал-арӯз:

*Хирадаш бояд аз ин беш, ки бас бехирад аст,*
*фаилотун /фаилотун/ /фаилотун /фаилон*
*Накушад ошиқ, агар ҳеч хирад дораде.*
*фаилотун /фаилотун /фаилотун /фаал*

Мусаддаси макфуфи мушаасс:

*Табаре чӯбину мехи оҳанин,*
*фаилотун /фоилоту /фоилон*
*Ошиқи мискин чун бишканад ин?*
*фоилотун /мафъӯлун /фаилон*

Мусаддаси машкули мусаббағ:

*Эй санам, низ замонаке вафо дор,*
*фоилотун /фаилоту /фоилийён*
*Магузар тез чунин бар аспи раҳвор.*
*фаилотун /фаилоту /фоилийён.*

Мусаддаси махбуни маҳзуф-арӯз:

*Писаро, гар ту бихоҳӣ шуғли мо,*
*фаилотун /фаилотун /фаилун*
*Мебасозиш ҳамедун ба замоне.*
*фоилотун /фаилотун /фаилотун*

Ва ба сабаби ихтилофи аҷзо аз абьёти мутақаддим сақилтар аст ва агар гуфтӣ: «шуғли моро», бар вазни фоилотун омадӣ ва ҳам нохуш будӣ, ба сабаби адами (набудани) интизоми аркон.

### ДОИРАИ ДУВВУМ. МУХТАЛИФА

Ва буҳури он чаҳор аст: Мунсареҳу Музореъю Муқтазабу Муҷтасс.

### БАҲРИ МУНСАРЕҲ

Аҷзои он аз асли мустафъилун (мафъӯлоту) чаҳор бор муфтаилун фоилоту ояд ва азоҳифе, ки дар ин баҳр афтад, ёздаҳ аст: т а й ю х а б н у к а ф ф у в а қ ф у қ а т ъ у к а ш ф у ҳ а з а з у р а ф ъ у ҷ а д ъ у н а ҳ р у и с б о ғ ва аҷзои муншаъибаи он аз асли мустафъилун ҳафт аст: муфтаилун-матвӣ, мафоилун-махбун, мафъӯлун-мақтӯъ, фаълун-аҳазз, фаълон-аҳаззи мусаббағ, фоилун-марфӯъ, мафъӯлон-мақтӯъи мусаббағ. Ва аз асли мафъӯлоту нӯҳ аст: мафойлу-махбун, фаӯлон-махбуни мавқуф, фаӯлун-махбуни макшуф, фоилоту-матвӣ, фоилун-матвии макшуф, фоилон-матвии мавқуф, мафъӯлу-марфӯъ, фоъ-маҷдӯъ, фаъ-манҳур.

Абьёти он. Мусаммани матвии мавқуф:

*Ҳайдари шаръу карам бозую эҳсони туст,*
*муфтаилун /фоилун /муфтаилун /фоилон*
*Қ-ин дари рӯзӣ кушод в-он дари Хайбар шикаст.*
*муфтаилун /фоилон /муфтаилун /фоилон*

Мусаммани матвии махбуни мавқуф:

*Бишнаву некӯ шунав нағмати хуньёгарон,*
*муфтаилун /фоилун /муфтаилун /фоилон*
*Ба паҳлавонӣ — симоъ, ба хусравонӣ — тариқ.*
*мафоилун /фоилон /мафоилун /фоилон*

Мусаммани матвии макшуф:

*Эй писар, охир бисоз чораю дармони ман,*
*муфтаилун/ фоилун /мафоилун /фоилун*
*Як сухан аз ман бад-он марди сухандон барад.*
*муфтаилун /фоилун /муфтаилун /фоилун*

Ва баъзе шоирон ин шеърро матвии Басит пиндоранд ва на чунон аст, аз баҳри он ки фоилон дар Басит набошад.

Байти матвии мавқуф-арӯз, макшуф-зарб:

*Эй санами хубрӯй, собирӣ аз ман маҷӯй,*
*муфтаилун /фоилон /муфтаилун /фоилон*
*Бо ғами хиҷрони ёр кас накунад собирӣ.*
*муфтаилун /фоилон /муфтаилун /фоилун*

Мусаммани маҷдӯъ:

*Мулк ҳасун асту ҳусни мулк ҳасин аст,*
*муфтаилун /фоилоту /муфтаилун /фоъ*
*Миннати вофир худойро, ки чунин аст.*
*муфтаилун /фоилотун /муфтаилун /фоъ*

Ва пеш аз ин гуфтаем, ки баъзе арӯзиён ҷузви маҷдӯъро бар ватади моқабл афзудаанд ва онро татвил ном

карда. Ва аз ин ҷиҳат, ин шеърро мусаддас ниҳанд ва тақтеъи он бар муфтаилун /фоилоту /муфтаилотон кунанд.

Мусаммани манҳур. Маъруфӣ гуфтааст:

Ин дили мискини ман асири ҳаво шуд,
Пеши ҳазорон ҳазор гуна бало шуд.
Ҷоду, ки банд карду иллат бар мо,
Бандаш бар мо бирафту ҳила раво шуд.
Ҳукми қазо буд в-ин қазо ба дилам бар
Маҳкам аз он шуд, ки ёр ёри қазо шуд.
Ҳар чи бигӯям, зи ман нигар, ки нагирӣ,
Ақл ҷудо шуд зи ман, ки ёр ҷудо шуд.
*муфтаилун /фоилоту /муфтаилун /фаъ*
*муфтаилун /фоилоту /муфтаилун /фаъ*

Ва масала маъ алқатъ:

Ҷавзоро гар бикан ба бонги муғаннӣ,
*мафъӯлун /фоилоту /муфтаилун /фаъ*
Парвинро ранг деҳ ба бодаи равшан.
*мафъӯлун /фоилоту /муфтаилун /фаъ*

Ва шояд, ки ҷузви манҳурро бар ватади моқабл афзоянд, то мураффал шавад ва байтро мусаддас ниҳанд ва тақтеъаш бар мафъӯлун /фоилоту /муфтаилотун кунанд

Мусаммани манҳури маҷдӯъ:

Хубтар аз рӯи ту гумон набарад халқ,
*муфтаилун /фоилоту /муфтаилун /фоъ*
Зортар аз ман касе набурд гумоне.
*муфтаилун /фоилоту /муфтаилун /фаъ*

Мусаммани мақтӯъ-аҷзо, мавқуф-арӯз, макшуф-зарб:

Ӯро аз некӯӣ Қорун кардаст боз,
*мафъӯлун /фоилун /мафъӯлун /фоилон*
Моро хоҳад ҳаме аз ғам Қорун кунад.
*мафъулун /фоилун /мафъӯлун /фоилун*

Мусаддаси матвӣ:

Ишқ ба меҳнат сабур дид маро,
*муфтаилун /фоилоту /муфтаилун*



Рафту бар оташ бихобонид маро.
*муфтаилун /фоилоту /муфтаилун*

Мусаддаси мақтӯъ:

Тозатар аз тозабарг насрине,
*муфтаилун /фоилоту /мафъӯлун*
Дӯсттар аз дидаю дилу дине.
*муфтаилун /фоилоту /мафъӯлун*

Мусаддаси матвии мақтӯъ:

Дил бирабудӣ зи ман, кунун чӣ кунам?
*муфтаилун /фоилоту /муфтаилун*
Суд надорад маро пушаймонӣ.
*муфтаилун /фоилоту /мафъӯлун*

Мураббаъи матвии мавқуф:

Хезу биёр, эй нигор,
*муфтаилун /фоилон*
Бодаи андӯхгусор.
*муфтаилун /фоилон*

Мураббаъи матвии макшуфи мақтӯъ. Абулҳасани Урмуздӣ гӯяд:

Гуфтам тобам-т низ ҳаргиз пиромано,
*мафъӯлун /фоилон /мафъӯлун /фоилон*
Беҳуда гуфтам ман ин беҳудагӯе мано.
*муфтаилун /фоилон /муфтаилун /фоилун*
Моро гуфтӣ маёй пеш бад-ин маъдано,
*мафъӯлун /фоилон /муфтаилун /фоилун*
Моро дил сӯхтааст ишқу туро домано
*мафъӯлун /фоилон /муфтаилун /фоилун*

Абъёти қадими сақил. Байти мусаммани мухталиф--аҷзо:

Он равшаной, ки буд, гашта ниҳон дар замин,
*мустафъилун /фоилон /муфтаилун /фоилон*
Он ки ба Машриқ расид в-аз тарфи ӯ бардамид.
*мустафъилун /фоилун /муфтаилун /фоилон*

Мусаддаси мухталифаҷзо:

Эй дилбари чон, фазой, тундӣ макун,
*мустафъилун /фоилон /мустафъилун*
Бо ошиқони хеш сарой, тундӣ макун.
*мустафъилун /фоилон /мустафъилун*

Мурраббаъи мухталифаҷзо:

Он рӯи он турк бин,
*мустафъилун /фоилон*
Гӯё ки моҳи самост.
*мустафъилун /фоилон*

Мусаддаси аҳаззи мусаббағ:

Берун шуд аз эхтироқ Баҳром
*мустафъилун /фоилоту /фаълон*
В-овард зи шоҳ моҳ пайғом.
*мустафъилун /фоилоту /фаълон*

Мусаддаси марфӯъ:

Ранчи бемарҳаме барад дили ман,
*фоилун /фоилоту /муфтаилун*
Нест чуз ғам зи ёр ҳосили ман
*фоилун /фоилоту /муфтаилун*

Ва ин байт аз Хафифи махбун берун ояд бар фоилотун /мафоилун /фаилун.
Мусаддаси мақтӯъ:

Аз дил бо ман намонд чуз расме
*мафъӯлун /фоилоту /мафъӯлун*
В-аз чон бо ман намонд чуз бӯе.
*мафъӯлун /фоилоту /мафъӯлун*

Мақтӯъи мусаббағ:[22]

Набинӣ аз ман раҳе ба чуз хидмат,
*мафоилун /фоилоту /мафъӯлун*
Надорам аз ту тамаъ ба чуз дидор.
*мафоилун /фоилоту /мафъӯлон*

Матвии махбуни аҳазз:

Рӯй магардон зи ман, ҳабибӣ,
*муфтаилун /фоилоту /фаълун*



Ки дарди чони маро табибӣ.
*мафоилун /фоилоту /фаълун*

Мусаддаси мақтӯъи аҳаззи мусаббағ:[23]

Дур шуд аз ман қарору оромам,
*муфтаилун /фоилоту /мафъӯлун*
То шудам аз пеши он санам дур.
*муфтаилун /фоилоту /фаълон*

Мусаддаси марфӯъ-ҳашв:

Дорад қадам монанди торе қасаб,
*мустафъилун /мафъӯлу /мустафъилун*
Аз фурқати он турки дебосалаб.
*мустафъилун /мафъӯлу /мустафъилун*

Ва ин байт аз Сареъи матвии макшуф аст бар мустафъилун мустафъилун фоилун.
Байти махбунаҷзо:

Чаро ҳаме, нигоро, ту чафо кунӣ?
*мафоилун /мафойлу /мафоилун*
Вафо кун, ар на ёрӣ ту, чафо макун.
*мафоилун /мафойлу /мафоилун*

Мурраббаъи махбуни макшуф. Ва ин вазн аз Ҳазаҷи мусаддаси мақбузи макфуф аст.[24]
Мурраббаъи махбуни макшуф:

Ҳалқа шудаст пуштам
*мустафъилун /фаўлун*
Ҳамчун ду зулфаконат
*мустафъилун /фаўлун*

Ва қавофии Мунсареҳ мутабаддил нашавад ва аъоризи (арӯзҳои) он фоилун ва фоилон ба ҳам шояд ва фаўлуну фаъӯлон ба ҳам ояд ва фаъю фоъ ба ҳам шояд. Ва пеш аз ин гуфтаем, ки Хуршедӣ байте гуфтааст ва қатъу тай дар мисраъи аввал ба кор доштааст ва тай танҳо дар мисраъи дуввум ва зарбу арӯзро манҳур гардонида, то мисроъи аввалини он бар вазни дубайтӣ омадааст, чунон ки:

То кай гирьӣ зи ишқу то кай нолӣ?
*муфтаилун /фоилоту/мафъӯлун/фаъ*

Суд надорад гиристан, чӣ сиголӣ?
*муфтаилун/фоилоту/муфтаилун фаъ*

Ва чун «то»-и фоилоту бо мафъӯлун пайвандӣ ва гӯӣ: мафъӯлун /фоилоту /мафъӯлун /фаъ бар вазни мафъӯлун /фоилон /мафоӣлун /фаъ—вазни дубайтӣ бошад. Ва дигаре як байт гуфтааст, ки ба ҳар ду баҳр тақтеъ метавон кард:

Дилбар акнун итоб дорад ба ман,
*мафъӯлун /фоилоту /мафъӯлун /фаъ*
Анбар борад зи зулф хирман-хирман.
*мафъӯлун /фоилоту /мафъӯлун /фаъ*

Ва агар бар мафъӯлун /фоилун /мафоӣлун/фаъ тақтеъ кунӣ, вазни дубайтӣ бошад. Ва Масъуди Саъд се байт гуфтааст, ки ду байт аз он бар ҳар ду баҳр тақтеъ метавон кард, чунон ки:

Аҳде кардам, ки то бари ту н-оям,
*мафъӯлун /фоилоту /мафъӯлун /фаъ*
Бӯса надҳам бар он ақиқин шаккар.
*мафъӯлун /фоилоту /мафъӯлун /фаъ*
На бинюшам зи рӯди созон нағмат,
*мафъӯлун /фоилоту /мафъӯлун /фаъ*
Наястонам зи майгусорон соғар.
*мафъӯлун /фоилоту /мафъӯлун /фаъ*
Ҳурмати рӯйи туро набинам лола
*муфтаилун /фоилоту /мафъӯлун /фаъ*
Ҳашмати бӯйи туро набинам анбар.
*муфтаилун /фоилоту /мафъӯлун /фаъ*

Ду байти нахустинро агар мафъӯлун /фоилун/ мафоӣлун/ фаъ тақтеъ кунӣ, аз баҳри Ҳазаҷ бошад [25]. Ва байти саввум ҷуз бар Мунсареҳ тақтеъ натавон кард, лоҷарам, муғаллатаест, ки мардумро бад-он имтиҳон кунанд ва касе, ки дар арӯз моҳир набошад, пиндорад, ки ин байт на аз он баҳр аст ва фаъ дар Мунсареҳ манҳур бошад ва дар Ҳазаҷ абтар.

### БАҲРИ МУЗОРЕЪ

Аҷзои он аз асли мафоӣлун/ фои-ло-тун чаҳор бор мафоӣлу/ фоилоту ояд ва зиҳофи ин баҳр ёздаҳ аст: каффу харму харбу қасру ҳазфу салху



тамассу, қабзу батру исбоғу муроқибат
Ва аҷзои муншаъибаи он аз асли мафоӣлун ҳафт аст: мафоӣлу-макфуф, мафъӯлун-ахрам, мафъӯлу-ахраб, фаӯлун-маҳзуф, мафоилун-мақбуз, фаъ-абтар.

Ва аз асли фои-ло-тун шаш аст: фоилоту-макфуф, фоилон-мақсур, фоилун-маҳзуф, фоилийён-мусаббағ, фоъ-маслух, фаъ-матмус.

Ва абъёти макфуфи он.

Байти мусаммани мақсур: [26]

Сабо дӯш оварид ба ман бӯи зулфи ёр,
*мафоӣлу /фоилоту /мафоӣлу /фоилон*
Ҷаҳон гашт мушкбӯй зи зулфайни он нигор.
*мафоӣлу /фоилоту /мафоӣлу /фоилон*

Мусаммани макфуфи мақсури маҳзуф: [27]

Биёмад ба ҳуҷра маст нигорину дар бизад,
*мафоӣлу /фоилоту /мафоӣлу /фоилун*
Латофат намуд дӯш суманбар бурун зи ҳадд.
*мафоӣлу /фоилоту /мафоӣлу /фоилун*

Мусаддаси макфуфи мақсур:

Биномезад, эй нигори парирӯй,
*мафоӣлу /фоилоту /мафоӣл*
Шакарлафз, лолачеҳр, суманбӯй.
*мафоӣлу /фоилоту /мафоӣл*

Мусаддаси маҳзуф: [26]

Хиромидани ту бод хуҷаста,
*мафоӣлу /фоилоту /фаӯлун*
Дили душманони ҷоҳи ту хаста.
*мафоӣлу /фоилоту /фаӯлун*

Абьёти ахраб. Мусаммани ахраб:

Эй рояти рафеат буньёди назми олам
*мафъӯлу /фои-ло-тун /мафъӯлу /фои-ло-тун*
В-эй гавҳари шарифат мақсуди насли Одам.
*мафъӯлу /фои-ло-тун /мафъӯлу /фои-ло-тун*

Мусаммани макфуфи ахраб:

Эй ханҷари музаффари ту пушти мулки олам
*мафъӯлу /фоилоту /мафоӣлу /фои-ло-тун*

В-эй гавҳари мутаҳҳари ту рӯи насли Одам
*мафъӯлу |фоилоту |мафоилу |фои-ло-тун*

Мусаммани ахраби мақсур:

Эй иди дину давлат, идат хуҷаста бод,
*мафъӯлу |фои-ло-тун |мафъӯлу |фоилон*
Айёмат аз ҳаводиси айём раста бод.
*мафъӯлу |фоилоту |мафоилу |фоилон*

Мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Эй боргоҳи соҳиби одил, худ ин манам,
*мафъӯлу |фоилоту |мафоилу |фоилун*
Қ-аз қурбати ту лофи заминбӯс мезанам.
*мафъӯлу |фоилоту |мафоилу |фоилун*

Мусаммани ахраби маҳзуф:

Маст шабона будам афтода бехабар,
*мафъӯлу |фои-ло-тун |мафъӯлу |фоилун*
Дӣ дар утоғи хеш, ки дилбар бикӯфт дар.
*мафъӯлу |фоилоту |мафоилу |фоилун* [29]

Ахраби макфуфи мақсур. Заҳир гӯяд:

Гетӣ, ки аввалаш адаму охираш фаност,
*мафъӯлу |фоилоту |мафоилу |фоилон*
Дар ҳаққи вай гумон суботу бақо хатост.
*мафъӯлу |фоилоту |мафоилу |фоилон*

Мусаммани ахраби мусаббағ:

Оройиши маҳи дай сармою барфу борон,
*мафъӯлу |фои-ло-тун |мафъӯлу |фоилийён*
Хосса ба шаҳри Ғазнин в-атрофи Қобулистон.
*мафъӯлу |фоилийён |мафъӯлу |фоилийён*

Ахраби мусаббағ-ҳашв:[30]

Эй моҳи ханди хандон, эй сарви нози нозон,
*мафъӯлу |фоилийён |мафъӯлу |фоилийён*
Бо рӯи тандурустон, бо чашми дардмандон.
*мафъӯлу |фоилийён |мафъӯлу |фоилийён*



Мусаддаси ахраби макфуф:

Эй карда гирди моҳ зи шаб хирман,
*мафъӯлу |фоилоту |мафоилун*
Гирьён зи ҳасрати чу борон ман.
*мафъӯлу |фоилоту |мафоилун*

Ахраби макфуфи маҳзуф:

То чанд аз ин муҷодала кардан,
*мафъӯлу |фоилоту |фаӯлун*
Эй хуни ман гирифта ба гардан?
*мафъӯлу |фоилоту |фаӯлун*

Абьёти қадими сақил. Мусаммани ахраби макфуфи маслух:

Ошиқ шудам бар он бути носозгор,
*мафъӯлу |фоилоту |мафоилу |фоъ*
Сабрам диҳад дар ғами ӯ кирдугор.
*мафъӯлу |фоилоту |мафоилу |фоъ*

Мусаммани матмус:[31]

Он хубрӯйи дилбари бедодгар,
*мафъӯлу |фоилоту |мафоилу |фаъ*
Қ-андар ғамонаш сӯхта гаштам ҷигар.
*мафъӯлу |фоилоту |мафоилу |фаъ*

Ва дар ин вазн, агар ба ҷои харб харм истеъмол кунӣ, бар вазни дубайтӣ бошад, чунон ки:[32]

Он дилбар аз бало намепарҳезад,
*мафъӯлун |фоилоту |мафъӯлун |фаъ*
Ҳар рӯзам фитнае ҳамеангезад.
*мафъӯлун |фоилоту |мафъӯлун |фаъ*

Агар ин вазнро бар мафъӯлун/ фоилун/ мафоилун/ фаъ тақтеъ кунӣ, аз баҳри Ҳазаҷ [33] бошад ва фаъ дар ин баҳр матмус аз фои-ло-тун ва дар Ҳазаҷ абтар аст аз мафоилун.

Мусаддаси муханнақ [34]. Духтари Қаъб гуфтааст:

Турк аз дарам даромад хандонак,
*мафъӯлу |фои-ло-тун |мафъӯлун*
Он хубрӯи чобук меҳмонак.
*мафъӯлу |фои-ло-тун |мафъӯлун*

Ва Рӯдакӣ гуфтааст мусаддаси мусаббағ:[35]

Бал нох(в)арем бода, ки мастонем
*мафъӯлу /фои-ло-тун /мафъӯлон*
В-аз дасти некувон май бистонем.
*мафъӯлу /фои-ло-тун /мафъӯлон*
Девонагони бехушмон хонанд,
*мафъӯлу /фои-ло-тун /мафъӯлон*
Девонагон наем, ки мастонем.
*мафъӯлу /фоилоту /мафоӣлон*

Ва дар ин баҳр мурокибат аст миёни «нун»-и фоилотун ва «мим»-и мафоӣлун, ки баъд аз он ояд ва ба ҳама ҳол яке аз ин ҳар ду соқит бояд кард ва яке собит дошт ва нашояд, ки ҳар ду ба ҳам ҷамъ шаванд ё ҳар ду бияфтанд.

Байти мусаддаси макфуфи матмус:

Дил аз ёри бевафо бикаш,
*мафоӣлу /фоилоту /фаъ*
Бувад ёри бевафо нах(в)аш
*мафоӣлу /фоилоту /фаъ*

Мусаддаси муханнаки мақсур:[36]

Туркони нағзи некӯдидор,
*мафъӯлу /фои-ло-тун /мафъӯл*
Чобуксавори ширинрафтор.
*мафъӯлу /фои-ло-тун /мафъӯл*

Мураббаъи макфуфи мақсур:

Маро кушт беҳадид,
*мафоӣлу/фоилон*
Сияҳчашм Бӯсаид.
*мафоӣлу /фоилон*

Мусаддаси мақбуз:

Ҳамекунам меҳрубонӣ ба ҷони ту,
*мафоилун /фои-ло-тун /мафоилун*
Ҷафо макун, гар тавонӣ ба ҷони ман.
*мафоилун /фои-ло-тун /мафоилун*



Ва ин вазнро агар мусамман гӯянд, мутаносибтар ояд, чунон ки Шарафуддини Шуфурвеҳи Исфаҳонӣ гуфтааст:

Ба чашмат, эй рӯшноӣ, ки бе ту бас беқарорам,
*мафоилун /фои-ло-тун /мафоилун /фои-ло-тун*
Ба ҷонат, эй зиндагонӣ, ки бе ту ҷон месупорам.
*мафоилун /фои-ло-тун /мафоилун /фои-ло-тун*

Ва баъзе аз мутақаддимон бар аҷзои аслии ин баҳр абьёт гуфтаанд ва ба сабаби адами (набудани) таносуби аркон безавқ аст.

Байти мусаммани солим:

Ба сунбул чун мар суманро бипӯшонидӣ, накӯӣ,
*мафоӣлун /фои-ло-тун /мафоӣлун /фои-ло-тун*
Бияфзудӣ, эй мушаъваз, зи кӣ омӯхтӣ накӯӣ?
*мафоӣлун /фои-ло-тун /мафоӣлун /фои-ло-тун*

Байти мусаддаси солим:

Ба гетӣ дар аз мусулмону аз кофар.
*мафоӣлун /фои-ло-тун/ мафоӣлун*
Набинад кас чун Сулаймони бин Носир.
*мафоӣлун /фои-ло-тун/ мафоӣлун*

Мураббаъи солим:

Дилам бурд он гулситонаш,
*мафоӣлун /фои-ло-тун*
Зи зулфайни дилситонаш.
*мафоӣлун /фои-ло-тун*

### БАҲРИ МУҚТАЗАБ

Аҷзои он аз асли мафъӯлоту /мустафъилун, ду бор фоилоту/ муфтаилун ояд. Ва азоҳифе, ки дар ин баҳр афтад, чаҳор аст: т а й ю  х а б н у  қ а т ъ у  р а ф ъ. Ва аҷзои муншаъибаи (ҷудошудаи) он аз асли мафъӯлоту се аст: фоилоту-матвӣ, мафоӣлу-махбун, мафъӯлу-марфӯъ. Ва аз асли мустафъилун ду аст: муфтаилун-матвӣ, мафъӯлун-мақтӯъ. Байти мустаъмал дар ин баҳр мураббаъ аст:

Турки хубрӯӣ маро[37]
*фоилоту /муфтаилун*

*Гӯ, чаро нохушманишӣ?*
*фоилоту /муфтаилун*

Мураббаъи матвии мақтӯъ:

Аз вафо чӣ баргардӣ,
*фоилоту /мафъӯлун*
Чун маро самар кардӣ?
*фоилоту /мафъӯлун*

Мураббаъи махбун:[38]

Ҳаме дил зи ман бибарад,
*мафоӣлу /муфтаилун*
Яке кӯдаки сафарӣ.
*мафоӣлу /муфтаилун*

Мураббаъи матвии солим-зарб ва арӯз:

Даст боздор аз дилам
*фоилоту /мустафъилун*
В-ар на ҷон зи тан бугсилам.
*фоилоту /мустафъилун*

Байти мусаммани матвӣ:

Эй нишаста ғофилу бар каф ниҳода ратли зарӣ,
*фоилоту /муфтаилун /фоилоту /муфтаилун*
Ҳеҷ андӯху ғами он рӯз боз пас нах(в)арӣ,
*фоилоту /муфтаилун /фоилоту /муфтаилун*

Мусаддаси матвӣ: [39]

Он бузургвор малик фазл кард,
*фоилоту /муфтаилун /фоилон*
Даргузашт он чӣ зи ман дида буд.
*фоилоту /муфтаилун /фоилон*

Мусаддаси марфӯъ бар тартиби доираи араб:[40]

Эй саътарӣ, беҳуда то кай маро
*мафъӯлу /мустафъилун /мустафъилун*
Дорӣ ҳаме аз ҷафо андар ино.
*мафъӯлу /мустафъилун /мустафъилун*





Аҷзои он аз асли мус-тафъи-лун /фоилотун чаҳор бор мафоилун/ фаилотун ояд. Ва зиҳофи ин баҳр нӯҳ аст: хабну шаклу қасру ҳазфу рафъу ҷаҳфу исбоғу ташъису салм. Ва аҷзои муншаибаи он аз асли мус-тафъи-лун се аст: мафоилун-махбун, фоилун-марфӯъ, мафоилу-машкул. Ва асли фоилотун нӯҳ аст: фаилотун-махбун, фаилоту-машкул, фаилон-махбуни мақсур, фаилун-маҳзуфи махбун, фаълун-аслам, фаълон-аслами мусаббағ, мафъӯлун-мушаасс, фаъ-маҷҳуф, фоъ-маҷҳуфи мусаббағ[41].

Абьёти азби (дилкаши) он, байти мусаммани мақсур:

Агар муҳаввали ҳоли ҷаҳониён на қазост.
*мафоилун/фаилотун/мафоилун/фаилон*
Чаро маҷории аҳвол бар хилофи ҳавост?
*мафоилун/фаилотун/мафоилун/фаилон.*

Байти тамоми он:[42]

Савори ман ба сафар шуд, нигори ман ба сафар шуд,
Дилам, ки фитнаи ӯ буд, боз зеру забар шуд.

Мусаммани маҳзуф:[43]

Сипеҳри рафъату кӯҳу қору абри саxо,
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаилун*
Алоуддин, ки сипеҳрест аз алою сано.
*мафоилун /фоилотун /мафоилун /фаилун*

Мусаммани аслам-арӯз, маҳзуф-зарб:[44]

Шабе гузаштаам дӯш дар ғами дилбар,
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаилун*
Бар он сифат, ки на субҳаш падид буд, на саҳар.
*мафоилун /фаилун /мафоилун /фаилун*

Мусаммани мушаасси маҳзуф:[45]

Ту он каримӣ, к-афроти истиноъ гуфт:
*мафоилун /мафъӯлун /мафоилун /фаилун*
Бад-он кашид, ки кон ҳамчу баҳр нола кунад.
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаилун*

Ва махбуни аслам-зарбу арӯз:

Зиҳӣ, зи адли ту халқи худой осуда,
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаълун*
Зи хусравон чу туй дар замона нобуда
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаълун*

Мусаммани мушааси аслами мусаббағ-арӯз, мақсур-зарб:[46]

Бари ман омад хуршеди некӯвони шабгир,
*мафоилун /мафъӯлун /мафоилун /фаълон*
Ба қад чу сарв баланду ба рух чу бадр мунир.
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаилон*

Мурабдаъи махбун:

Ҷафо макун, ки набояд,
*мафоилун /фаилотун*
Раҳе макаш, ки нашояд.
*мафоилун /фаилотун*

Мураббаъи мақсур:[47]

Дилам ба ту ҳаст шод,
*мафоилун /фоилон*
Туро зи ман нест ёд.
*мафоилун /фоилон*

Абьёти қадими сақил. Байти мусаддаси махбун:

Баҳор буд ба чашмам хазону дай,
*мафоилун /фаилотун /мафоилун*
Ки шод буд ба рӯям нигори ман.
*мафоилун /фаилотун /мафоилун*

Ва сабаби сақили мусаддас дар ин баҳр он аст, ки аркони он дар мусамман мунтазам бувад бар ду ватаду фосилаею сабабе ва ду ватаду фосилаею сабабе ва дар мусаддас фосила ва сабаб аз он соқит шуду назми он бар ду ватаду фосилаею сабабе ва ду ватад қарор гирифт ва таносуб аз он зоил гашт. Ва агар сабабе бар он афзоянд ё ватаде мафруқ мавқуф сабуктар намояд (аз баҳри таносуби асбоб), чунон ки дар ин байти маҷҳуф аст: [48]



Асири меҳнати он рӯи чун нигорам,
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаъ*
Бикард фурқати ӯ талх рӯзгорам.
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаъ*

Ва чунон ки дар ин байти мусаббағ аст:[49]

Бикост собирию оби дида бифзуд,
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фоъ*
Дил аз нишот тиҳӣ гашту тан бифарсуд.
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фоъ*

Ва пеш аз ин гуфтаем, ки баъзе арӯзиён «фаъ»-ро бар моқабли он меафзоянд ва онро тавсеъ мехонанд. Ва тақтеъи байти аввал бар мафоилун/ фоилотун/ мафоилотун мекунанд ва онро зарби мувассаъ мехонанд. Ва ҳамчунин «фоъ»-ро бар моқабл меафзоянд ва онро тазфият мехонанд. Ва тақтеъи байти мусаббағ бар мафоилун/ фаилотун/ мафоилотон мекунанд ва онро зарби музаффо мехонанд.

Байти мушаасси маҷҳуф: [50]

Сипоҳи чашмо, ин дил чӣ гуна бурдӣ?
*мафоилун /мафъӯлун /мафоилун /фаъ*
Кунун ки бурдӣ, боре бад-ӯ чӣ кардӣ?
*мафоилун /мафъӯлун /мафоилун /фаъ*

Байти машкул:

Туро дили ман, нигоро, ба ҳеч намегирояд,
*мафоилу /фоилотун /мафоилу /фоилотун*
Аз он ҷиҳат аст, нигоро, ки дарди дилам физояд.
*мафоилу /фоилотун /мафоилу /фоилотун*

Ва ин байт бо он ки шакл дар мус-тафъи-лун аз азоҳифи сақили ашъори араб аст, ба сабаби интизоми он бар ватаде ва фосилае ва ватадею сабабе сабуктар аз абьёти мутақаддим аст. Ва ин таркиби вазни Вофири мураббаъи мақтуф аст бар мафоилатун /фаӯлун /мафоилатун/ фаӯлун. Ва Дақиқӣ ғазале машкул гуфтааст ва ба иллати беинтизомии аркон ва ихтилофи аҷзо дар қабули табъ бад-ин байт нисбате надорад. Ва ғазал ин аст:

Шаби сиёҳ бад-он зулфакони ту монад,
*мафоилун /фаилотун /мафоилу /фаълун*

Сапеди рӯз ба покии рухони ту монад.
*мафоилун /фаилотун /мафоилу /фаълун*
Ақиқро чу бисоянд нек судагарон,
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаилон*
Ки обдор бувад, бо лабони ту монад.
*мафоилун /фаилотун /мафоилу /фаълун*
Ба бӯстони мулукон ҳазор гаштам беш,
*мафоилун /фаилотун /мафоилу /фаълун*
Гули шукуфта бар рухсоракони ту монад.
*мафоилун /фаилотун /мафоилу /фаълун*
Ду чашми оҳую ду наргиси шукуфта ба бор
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаилон*
Дурусту рост бад-он чашмакони ту монад.
*мафоилун /фаилотун /мафоилу /фаълун*
Қамони Бобулиён дидаму Тарози Тир,
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаълон*
Ки баркашида шавад, ба абрувони ту монад.
*мафоилун /фаилотун /мафоилу/ фаълун*
Туро ба сарвини боло қиёс натвон кард,
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаълон*
Ки сарвро қаду боло бад-они ту монад.
*мафоилун /фаилотун /мафоилу /фаълун*

Ва агар «мим» монад, мушаддад дар лафз оранд, ҷузви машкули махбун бошад, чунон ки:

Шаби сиёҳ бад-он зулфакони ту монад,
*мафоилун/фаилотун/мафоилун/фаълун*
Сапеди рӯз ба покии рухони ту монад.
*мафоилун/фаилотун/мафоилу/фаълун*

Ва ҳамоно ӯ чунин гуфта бошад, агар чи ҳар ду нохуш аст, бо нохушии вазн бештар қавофии он шойгон аст. Ва чун соҳибтабъе хостааст, ки бар ин шеър роҳе созад, ин зиҳоф аз он берун бурдааст, то бар ин насқ (тартиб) мехонанд:

Шаби сиёҳи кӯи ту ба зулфакони ту монад,
Сапеди рӯз ба покӣ бад-он рухони ту монад.
Ақиқро чу бисоянд нек судагарон,
Чу нек суда шавад, ҳам бад-он лабони ту монад.
Қамони Бобулиён дидаму Тарози Тир,
Ки баркашида шавад ҳам ба абрувони ту монад,

бар вазни мафоилун /фаилотун/ мафоилун/ фаилотун



Байти марфӯъ бар тартиби ашъори араб:[51]

Эй писар, май биёру боз барбат,
*фоилун /фоилотун /фоилотун*
Мурғи мусамман биёру боз бар бат.
*муфтаилун /фоилотун /фоилотун*

Ва байте бар асли доираи арабӣ гуфтаанд:

Эй лӯъбате сарвқадди симсоид,
*мус-тафъи-лун /фоилотун /фоилотун*
Шояд, агар бо раҳе бошӣ мусоид.
*мус-тафъи-лун /фоилотун /фоилотун*

ДОИРАИ САВВУМ. МУНТАЗИА

Ва баъзе онро Муҷталиба хонанд ва ҳар ду дар маънӣ ба ҳам наздик аст. Ва буҳури ин доира панҷ аст: Сареъю Ғарибу Қарибу Хафифу Мушокил.

БАҲРИ САРЕЪ

Аҷзои он аз асли мустафъилун /мустафъилун/ мафъӯлоту ду бор муфтаилун /муфтаилун/ фоилоту ояд ва зиҳофи ин баҳр ҳафт аст: хабну тайю қатъу хаблу вақфу ҳазаз ва аҷзои муншаъибаи (ҷудошудаи) аз он асли мустафъилун чаҳор аст: муфтаилун-матвӣ, мафоилун-махбун, мафъӯлун-мақтӯъ, фаилотун-махбул.

Ва аз асли мафъӯлоту чаҳор аст: фоилун-матвии макшуф, фоилон-матвии мавқуф, фаилон-махбуни матвии макшуф, фаълун-аҳазз.

Ва абёти азби (гуворои) он байти матвии мавқуф:

Нақши табиӣ сутурад рӯзгор,
*муфтаилун /муфтаилун /фоилон*
Нақши илоҳӣ натавонад сутурд.
*муфтаилун /муфтаилун /фоилон*

Байти матвии мақтӯъи макшуф-арӯз, мавқуф-зарб:[52]

Ҳар кӣ тавонад, ки фаришта шавад,
*муфтаилун /муфтаилун /фоилун*
Хайра чаро бошад деву сутур?
*муфтаилун /мафъӯлун /фоилон*

Байти мақтӯъ-ҳашв:[53]

Сим ба санг андар пинҳон бувад,
*муфтаилун /мафъӯлун /фоилун*
Ёри маро санг ба сим андар аст.
*муфтаилун /муфтаилун /фоилун*

Абьёти сақил. Байти махбуни макшуф:

Ду ғамза чун ду ноҷули лашкаре,
*мафоилун /мафоилун /фоилун*
Ҳамекунӣ ба ҳар давон дилбарӣ.
*мафоилун /мафоилун /фоилун*

Байти аҳазз:[54]

Чанд хӯрам аз ту, бутo, зарбат?
*муфтаилун /муфтаилун /фаълун*
Чанд занӣ бар дили ман ҳарбат?
*муфтаилун /муфтаилун /фаълун*

Байти махбули матвии макшуф:

Бизанамат, бибарамат, ҷони ман,
*фаилатун /фаилатун /фоилун*
Бигазамат, бимазамат ҳар ду лаб.
*фаилатун /фаилатун /фоилун*

Байти махбуни матвии макшуф:

Аз ишқи ӯ ман дар ҷаҳон самарам,
*мустафъилун /мустафъилун /фаилун*
Месӯзад аз ҳиҷрони ӯ ҷигарам.
*мустафъилун /мустафъилун /фаилун*

### БАҲРИ ҒАРИБ

Аз ҷумлаи буҳури мустаҳдас /нав пайдошуда/ аст ва онро баҳри Ҷадид низ хонанд ва аҷзои он баръакси аҷзои Муҷтасс аст ва дар ин доира аз асли фоилотун/ фоилотун /мус-тафъи-лун ду бор фаилотун/ фаилотун/ мафоилун ояд ва байти доираи он мусаддаси махбун:

Малико, теғи ту мар буд сиголро,
*фаилотун /фаилотун /мафоилун*
Бихӯрад ҳамчу ғазанфар шиколро.
*фаилотун /фаилотун /мафоилун*



Ва мураббаъи он мураббаъи хафиф бошад, бар ин мисол:

Рӯй дорӣ, эй саътарӣ,
*фоилотун /мус-тафъи-лун*
Ҳаст гӯё чун Муштарӣ.
*фоилотун /мус-тафъи-лун*

Ва махбуни мураббаъ ҳамчунин:

Дили моро чаро барӣ?
*фаилотун /мафоилун*
Чу ғами мо намехӯрӣ?
*фаилотун /мафоилун*

Ва байте бар аҷзои аслии он гуфтаанд:

Эй нигоринрӯй дилбар, кам кун ситам,
*фоилотун /фоилотун /мус-тафъи-лун*
Қ-ин дили ман бе рухи ту пур шуд ба ғам.
*фоилотун /фоилотун /мус-тафъи-лун*

Ва ин баҳр яке аз мутакаллифони мустаъриба аҳдос (эҷод) кардааст ва бар он чанд байти арабӣ гуфта. Шуарои аҷам дар ин боб тақайил бад-ӯ кардаанд ва дар давоири хеш оварда.

### БАҲРИ ҚАРИБ

Ҳам аз буҳури мустаҳдас аст ва аҷзои он аз асли мафойлун /мафойлун/ фои-ло-тун ду бор мафойлу /мафойлу/ фои-ло-тун ояд ва зиҳофи ин баҳр ҳафт аст: қабзу каффу ҳазфу харму харбу салх. Ва аҷзои муншаибаи он аз асли мафойлун чаҳор аст: мафойлу-макфуф, мафъӯлу-ахраб, мафоилун-мақбуз, мафъӯлун-ахрам.

Ва аз асли фои-ло-тун се аст: фоилон-мақсур, фоилун-маҳзуф, фаъ-маслух.

Абьёти мустаъмали он. Байти макфуфи мақсур:

Фиғон з-он сари зулфайни тобдор,
*мафойлу /мафойлу /фоилон*
Фурӯ ҳишта зи ёқути обдор.
*мафойлу /мафойлу /фоилон*

Макфуфи мақсури маҳзуф:[55]

Ғарибе ба бало мубтало шудаст,
*мафойлу /мафойлу /фоилон*
Чи бошад, ки мар ӯро раҳо кунӣ.
*мафойлу /мафойлу /фоилон*

Байти ахраби макфуфи саҳеҳ-зарб ва арӯз. Анварӣ гуфтааст:

То мулки ҷаҳонро мадор бошад,
*мафъӯлу /мафойлу /фои-ло-тун*
Фармондеҳи ӯ шаҳриёр бошад.
*мафъӯлу /мафойлу /фои-ло-тун*

Ва Рӯдакӣ гуфтааст:

Май орад шарафи мардумӣ падид,
*мафойлу /мафойлу /фои-ло-тун*[56]
Озоданажод аз дирамхарид.
*мафъӯлу /мафойлу /фоилон*
Май озода падид орад аз бадасл.
*мафойлу /мафойлу/фоилон*
Фаровон ҳунар аст андар ин набид.
*мафойлу /мафойлу/фоилун*
Ҳар он гаҳ, ки хӯрӣ май, хуш он гаҳ аст,
*мафойлу /мафойлу /фоилон*
Хоса, чу гулу ёсуман дамид.
*мафъӯлу/мафойлу/фоилон*
Басо ҳусни баландо, ки май кушод,
*мафойлу /мафойлу /фоилон*
Басо курраи навзин, ки бишканид.
*мафойлу /мафойлу /фоилон*
Басо дуни бахило, ки май бихӯрд,
*мафойлу /мафойлу /фоилон*
Кариме ба ҷаҳон дар бароканид.
*мафойлу /мафойлу /фоилон*

Ва Хусравӣ гуфтааст ва саҳеҳу ахраб дар ҳам омехта:

Чунон донӣ, кам хостор нест,
*мафойлун /мафъӯлу/фоилон*
Ё шаҳри маро чуз ту ёр нест.
*мафъӯлу /мафойлу/фоилон*



Чунон донӣ, эй маҳрӯи дӯст,
*мафойлун/мафъӯлу/фоилон*
Нигорин, ки ҷуз аз ту нигор нест.
*мафойлу /мафойлу /фоилон*
Маро чун ту ҳазорон ҳазор ҳаст,
*мафойлу /мафойлу /фоилон*
Валекин ба ту бар ихтиёр нест.
*мафойлу /мафойлу /фоилон*
Диле додам, бинмудамат саҳеҳ
*мафойлун/мафъӯлу/фоилон*
Ва гуфтам, ки мар инро ивор нест.
*мафойлу /мафойлу /фоилон*
Ба ман бозаш додӣ чунон халак,
*мафойлу/мафъӯлу/фоилун*
Мусалсал, ки бар ӯ пуду тор нест.
*мафойлу /мафойлу /фоилон*
Ҳамегӯям бартар шав аз дилам
*мафойлун /мафъӯлун /фоилун*
Туро ба дили ман ҳеч кор нест.
*мафойлу/мафойлу/фоилон*

Ахраби макфуфи мақсур. Анварӣ гуфтааст:

Ку Осафи Ҷам, ку, биё, бубин.
*мафъӯлу /мафойлу /фоилон*
Бар тахти Сулаймони ростин.
*мафъӯлу /мафойлу /фоилон*

Ва аз абьёти сақилтарини он ахраби макфуфи маҳзуф аст:

Бо банда, бута, хира бад шудӣ,
*мафъӯлу/мафойлу/фоилун*
Қас раҳ нанамудат, ки худ шудӣ.
*мафъӯлу/мафоӯлу/фоилун*

Ва Булҳасани Урмуздӣ гуфтааст:

Эй бод, зи баҳри ғарибро
*мафъӯлу /мафойлу /фоилун*
Дуруде бибар аз ман ҳабибро.
*мафойлу/мафойлу/фоилун*
Саропои бутамро ба бӯса гир,
*мафойлу /мафойлу /фоилон*
Ҳамебӯс чу тарсо салибро.
*мафойлу/мафойлу/фоилун*

Байти мақбуз:[57]

Ман аз фироқи он санам ба фиғонам,
*мафоилун /мафоилун /фаилотун*
Ҳамеша бо диле ҳазинам зи ғам.
*мафоилун /мафоилун /фоилун*

Ва фои-ло-тун дар ин баҳр мураккаб аст аз ватаде мафруқ ва ду сабаб (сабаби хафиф) ва дар ватаде мачмӯъ фарқ надонистааст ва «алиф»-и ин фои-ло-тун-ро хабн карда ва ин байти махбуни баҳри Муҷтасс аст бар тариқи давоири ашъори араб.

Байти ахрами ахраб: [58]

Бозомад ёрам ба шодкомӣ,
*мафъӯлун /мафъӯлун /фои-ло-тун*
Қай бошам шод, ар кунун набошам?
*мафъӯлун /мафъӯлу /фои-ло-тун*

Байти маслух:[59]

Дорандаи мо худояст,
*мафъӯлу /мафоилун /фоъ*
Рӯзидеҳи мо ба ҷояст.
*мафъӯлу /мафоилун /фоъ*

БАҲРИ ХАФИФ

Аз буҳури қадим аст ва аҷзои он аз асли фоилотун/ мус-тафъи-лун/ фоилотун ду бор фаилотун /мафоилун/ фаилотун ояд ва зиҳофи ин баҳр ҳафт аст: хабну қасру салму ҳазфу ташъису ҷахфу (ҷаҳафу) исбоғ. Ва аҷзои муншаъибаи он аз асли фоилотун ҳашт аст: фаилотун-махбун, фаилун-махбуни маҳзуф, фаълун-аслам, фаилон-махбуни мақсур, фаъ-лон-асламн мусаббағ, мафъӯлун-мушаасс, фаъ-маҷҳуф, фоъ-маҷҳуфи мусаббағ, аз асли мус-тафъи-лун: мафои-лун-махбун лоғайр.

Ва абьёти азби он, байти махбун:

Санамо, тоқати фироқ надорам,
*фаилотун /мафоилун /фаилотун*
Ҷуз ба васли ту иттифоқ надорам.
*фоилотун /мафоилун /фоилотун*



Байти аслам:

Боғ сармояи дигар дорад,
*фоилотун /мафоилун /фаълун*
Қон шуд, азбаски симу зар дорад.
*фоилотун /мафоилун /фаълун*

Байти аслами мусаббағ:

Эй зи рои ту мулку дин маъмур,
*фоилотун /мафоилун /фаълун*
Шаби ин рӯзу мотами оҷ сур.
*фоилотун/мафоилун/фаълон*

Махбуни мақсур:

Дӯш султони чархи оинафом,
*фоилотун /мафоилун /фаилон*
Он ки дастури шоҳрост ғулом.
*фоилотун /мафоилун /фаилон*

Байти махбуни маҳзуф:

Рӯй аз ошиқон ниҳон чӣ кунӣ?
*фоилотун /мафоилун /фаилун*
Қасди озори бедилон чӣ кунӣ?
*фоилотун /мафоилун /фаилун*

Абьёти қадими сақил, байти мушаасс: [60]

Ман ба чашми амир сахт азизам,
*фоилотун /мафоилун /фаилотун*
Чӣ шавад, гар ба чашми душман хорам?
*фоилотун /мафоилун /мафъӯлун*

Байти маҷҳуфи мусаббағ:[61]

Ғамза чун тир, зулф чун қир,
*фоилотун /мафоилун /фоъ*
Чашм пурхоб, зулф пуртоб.
*фоилотун /мафоилун /фоъ*

Мусаббағ-арӯз, маҷҳуф-зарб:[62]

Рӯй чун оина зи хуршед,
*фоилотун /мафоилун /фоъ*

Дошта пеши нақши Озар.
*фоилотун /мафоилун /фаъ*

Ва Рӯдакӣ қитъае мусамман[63] гуфтааст, ҳеч завқ надорад:

Гар кунад ёрии маро ба ғами ишқи он санам,
*фоилотун /мафоилун /фаилотун /мафоилун*
Битавонад зудуд з-ин дили ғамхора занги ғам.
*фоилотун /мафоилун /фаилотун /мафоилун*

БАҲРИ МУШОКИЛ

Аз буҳури мустаҳдас аст ва онро баҳри Ахир низ гӯянд ва баъзе мутакаллифон бар ин вазн байте чанд тозӣ гуфтаанд ва ашъори фаҳлавӣ дар ин баҳр беш аз ашъори порсӣ аст. Ва аҷзои он аз асли **фои-ло-тун/** мафойлун/ мафойлун ду бор фоилоту /мафойлу/ мафойлу ояд.

Байти макфуфи мақсур:

Эй нигори сияҳчашми сияҳмӯй,
*фоилоту /мафойлу /мафойл*
Сарвқадди накӯрӯи накӯгӯй.
*фоилоту /мафойлу /мафойл*

Мураббаъи мақсур:

Рӯзгор хазон аст,
*фоилоту /мафойл*
Боди сард вазон аст.
*фоилоту /мафойл*

Ва байте мусамман[64] гуфтаанд ва сақилтар омадааст:

Кори ҷон зи ғами ишқат, эй нигор, ба сомон
*фоилоту /мафойлу /фоилоту /мафойл*
Ҳаст чун сари зулфайни дилработ парешон
*фоилоту /мафойлу /фоилоту /мафойл*

Байти мусаддаси маҳзуф:

Эй писар, май биёру боз барбат,
*фои-ло-тун /мафойлун /фаўлун*
Мурғи фарбеҳ биёру боз бар бат.
*фои-ло-тун /мафойлун /фаўлун*



Ва баъзе фаҳлавиёти саҳеҳ бар ин вазн аст, чунон ки гуфтаанд:

Аҷ та вад кардану в-ад бурдан аҷ ман,
*фои-ло-тун /мафойлун /фаўлун*
В-аҷ та хунова додан, хӯрдан аҷ ман.
*фои-ло-тун /мафойлун /фаўлун*
В-ар бинолам, тавонолам магар кӯш,
фои-ло-тун /мафойлун /мафойл
Қ-аҷ та шамшер, хуш бикардан аҷ ман.
фои-ло-тун /мафойлун /мафойл

Ва бояси куллию доъняи аслӣ бар назми ин вазни сақил ва баҳри мустаҳдас дар силки авзони қадим ва буҳури машҳури он буд, ки коффаи (ҳамаи) аҳли Ирокро аз олиму омӣ ва шарифу вазеъ (хосу ом) ба иншо ва иншоди (сурудани) абьёти фаҳлавӣ машъуф (шефта) ёфтам ва ба изғою (шунидану) истимоъи (гӯш кардани) малҳуноти (оҳангҳои) он мӯлу дидам, балки ҳеч лаҳни латифу таълифи шариф аз тарафи ақволи арабию ағзоли (ғазалҳои) дарӣ ва таронаҳои мӯъҷазу дастонҳои (достонҳои) муҳайиҷи (ҳаяҷоновари) яътофи (ҳамдардиҳои) эшонро чунон дарнамеҷунбид ва дилу табъи эшонро чунон дар эҳтироз (канорагирӣ) намеовард, ки:

Лаҳни Авроману[65] байти паҳлавӣ,
Захмаи рӯду симоъи Хусравӣ.

Ва агар чи бештари фаҳлавиёт ба маъонии ғариб ороста аст ва ба нағамоти мураққи (муассири) мутриб пироста, ба воситаи ин баҳр, ки дар миёни халқ шӯҳрате надорад ва ду ҷузви он ба баҳри Ҳазаҷ мемонад, ағлаби муқаттаоти он мухталифуттаркиби мухталалаҷзо (ҷузвҳои вайроншуда) меафтад ва бад-ин сабаб, аз манҳаҷи (роҳи) савоб ва ҷодаи мустақим (роҳи дуруст) мунҳариф (бероҳа) мешавад. Чи бештар шуаро баҳри Ҳазаҷ ва баҳри Мушокилро дар ҳам меомезанд ва мисраъе аз ин ва мисраъе аз он бар ҳам мебананд, чунон ки гуфтаанд:

Хуре камзухра не, к-аз со бибӯсам,
*мафойлун /мафойлун /фаўлун*
Ниман он дастрас, к-аш по бибӯсам.
*фои-ло-тун /мафойлун /фаўлун*

Ба вожи кав кавомаш хонаҳо по
*мафоӣлун /мафоӣлун /фаӯлун*
В-аш ҳаводо башам он хо бибӯсам.
*фои-ло-тун /мафоӣлун /фаӯлун*

Ва мисроъи арӯз аз ҳар ду байт бар вазни Ҳазаҷи
махзуф аст ва мисроъи зарб бар вазни Мушокили мах-
зуф. Хостам, то ҷамоати фузало ва тоифаи шуаро, ки
то ин ғоят аз роҳи ғафлат ё аз сари фароғат бар ихти-
лофи таркиби гуфтаҳои хеш вукуф наёфтаанд ва бад-
он сабаб, ки ғалати он дар аввали ҷузви садре меаф-
тад ва чи ихтилофи он маълум накарда, ҳамчунон ки
медонанд, ки вазни мафоӣлун /мафоӣлун/ фаӯлун Ҳа-
заҷи мусаддаси маҳзуф аст, бидонанд, ки вазни фои-
ло-тун /мафоӣлун/ фаӯлун вазни Мушокили маҳзуф
аст. Ва ба ҳеч сабил ду баҳрро дар якдигар нашояд
омехт ва бар ду вазни мухталиф шеър нашояд гуфт ва
фимобаъд (баъд аз ин) фаҳлавиёти мухталифтаркиби
мухталифаркон нагӯянд ва ин айби фазеъро (пастро)
ба шеъри хеш роҳ надиҳанд. Ва Пиндори Розиро дар
баъзе қасоид ва муқаттаот ҳамин ихтилоф афтодааст,
чунон ки мегӯяд:

Эй ҳама фарру тайиди замона,
*фои-ло-тун /мафоӣлун /фаӯлун*
Вилоят Буттавоч ҳавзай мусаффо.
*мафоӣлун /мафоӣлун /фаӯлун*

Ва мегӯяд:

Синонаш дар дили душман нишина.
*мафоӣлун /мафоӣлун /фаӯлун*
Дӣ дилу Қайёнро дар таннахи мо
*фои-ло-тун /мафоӣлун /фаӯлун*

Ва алаҷаб, ки дар ашъори порсӣ ҳеч касро наяфто-
дааст ва Низомию Фахрӣ, ки «Хусрав ва Ширин» ва
«Вис ва Ромин» бар ин вазн ба назм овардаанд (ҳеч
ҷойгох фои-ло-тун ба ҷои мафоӣлун) наёвардаанд ва
агар касе гӯяд:

Худовандо, дари тавфиқ бикшой,
Бандагонро раҳи таҳқиқ бинмой,

ҳар кас ки адно (камтар) табъе дорад, бидонад,
ки мисроъи дуввуми ин шеър бар вазни мисроъи аввал



нест. Ва ҳамоно Пиндор дар ин боб муқаллид буда-
аст, на мустабиду (мустақилу) мутқайил будааст, на
мустақил. Ва кайфи (чигунагии) мо, к-он чун дар хато
ва ғалати ин хилт (таркиб) ҳеч шакку шубҳа нест ва
таҷвизу (озмоишу) тасҳеҳи ин ихтилофи таркибро ҳеч
ваҷҳ ва мӯҳмал не, балки ботили таоитро нашояд ва ба
мубтали (ботили) иқтидо (пайравӣ) дуруст наояд ва
аҳли Ҳамадону Занкон чун бар ин ҳар ду баҳр фаҳла-
виёти фаровон гуфтанд, агар бар сабили саҳв дар баъ-
зе аз он хилте (омезише) кунанд, ба сабаби мушобаҳати
бештари аҷзои он ба якдигар, агар дар аввали мисроъ
ватаде маҷмӯъ ба ватаде мафруқ бадал кунанд ё со-
кине бар ватади мафруқи фои-ло-тун зиёдат кунанд ва
мафъӯлотун ба ҷои он биниҳанд, бо фазоати ин хато
ва шаноати (қабоҳати) ғалат маъзуртар аз Пиндор бо-
шанд, ки забони ӯ ба луғати дарӣ наздиктар аз фаҳлавӣ
аст. Ва ӯ чандин қитъа ва қасида бар мафоӣлун /ма-
фоӣлун/ фаӯлун гуфтааст ва ҳаргиз бар фои-ло-тун/
мафоӣлун/ фаӯлун панҷ байти мутавалӣ (пай дар
пай) нагуфта, надонам, ӯро ин саҳв аз куҷо афтодааст.
Ва чун аз истеъмоли азоҳифи сақил дар ашъори ӯ та-
фаррус (дарёфтан) метавон кард, ки тарфе (қисмате)
аз арӯз донистааст. Ин ихтилофи таркиб ба чи ваҷҳ
раво доштааст ва онро чи ҳуҷҷат хаёл карда ва ман
чун дар ин фанн шурӯъ кардам ва дар таълифи «Ки-
тоб-алкофӣ фи-л-арӯзайн ва-л-қавофӣ» бад-ин фасл ра-
сидам, коффаи (ҳамаи) фузало ва оммаи шуарои Фор-
су Ироқ ба иттифоқ дар ин боб маро хилоф карданд ва
бар тасвиби (тасдиқи) эшон ва тахтияи (хато кардани)
ман асрор намуд ва ба ҳеч ҳуҷҷати шеърӣ ва иллати
арӯзӣ ваҷҳи халали ин вазн дар табъи эшон намени-
шаст ва захфи он пеши хотири эшон равшан намешуд,
то рӯзе, ки ҷамъе аз аъзоёни (бузургони) қавм ва ву-
ҷӯҳи (саркардагони) он гурӯҳ таҷашшум (машаққат)
намуда буданд ва ба расми пурсиш ҷамол дода ва соа-
те аз ҳар навъ баҳсе мекардем ва замоне ба симоъч
сӯфиёна тааллу (баҳонаҷӯӣ) менамудем. Дӯсте аз аҳли
табъ, ки дар назму наср дасте дошт ва аз аттияти (бах-
шиши) Язиду фӣ-л-халқи мояшо (зиёда мекунад дар
офариниш чизе хоҳад), ки дар баъзе тафосир (тафсир-
ҳо) онро овози хуш таъвил (маънидод) кардаанд, на-
сибе тамом дошт. Чун маҷлис аз ағьёр (бегона) холӣ
дид ва маҷолисро ба зевари иттиҳоди (ягонагӣ) ҳолӣ
ёфт, байте чанд аз «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ ба

лаҳне хуш ва овозе дилкаш бармехонд ва бо чанд зариф онро зарбе хафиф мезад. Ман гуфтам ҳамоно аз фаҳлавиёт ҳар чӣ бар ин вазн аст, ба нисбати ҳамин лаҳн бартавон гуфт ва дар қисмати ҳамин зарб тавон овард. Ҳама ба иттифоқ гуфтанд: «Ҷумла фаҳлавиёт бар ин вазн аст ва ҳама Авроманон бад-ин аст». Пас ман байте чанд паҳлавӣ бар мафоӣлун //мафоӣлун/ фаӯлун аз эшон бозхостам ва бо эшон бар ҳамон сабил (равиш) гоҳ пешрав (раҳнамо) шудам ва гоҳ расил (гала), то табъи эшон бар он лаҳн қарор гирифт ва дасти эшон бар он зарб равон шуд, ногоҳ байте дигар мухталифтаркиб илқо кардам (яъне гуфтам) ва худро аз ихтилофи таркиби он ғофил сохт(ам). Эшон чун се мисраъ бар зарб ва савти маълуф (одаткарда) баргуфтанд ва дар аввали мисроъи чаҳорум ба фоилотун расиданд, дастҳояшон аз зарб фурӯ монд ва асвот (савтҳо) аз лаҳн биистод ва аз ихтилофи лаҳни зарб ба ихтилофи баҳру вазн истидлол (далел) карданд ва ба халали баъзе авзони фаҳлавиёт эътироф оварданд.

### ДОИРАИ ЧАҲОРУМ. МУТТАФИҚА

Ва пеш аз ин гуфтаем, ки дар ин доира аз буҳури қадим ҷуз баҳри Мутақориб нест, лекин баъзе арӯзиён баръакси бинои Мутақориб баҳре бар фоилун /фоилун/ тахриҷ (хориҷ) кардаанд ва онро баҳри Мутадорик ном ниҳода ва агар чи бар он баҳр шуарои мутақаддим ва мутааххир ҳам дар тозӣ ва ҳам дар порсӣ ҷуз байте чанд маъдуд (миқдори каме) нагуфтаанд, аммо барои тамоми доира эрод (зикр) мекунанд.

### БАҲРИ МУТАҚОРИБ

Бинои он бар хумосӣ муҷаррад аст ва аҷзои он чаҳор бор фаӯлун/ фаӯлун. Ва азоҳифи он шаш аст: қабзу қасру салму сарму ҳазфу батар ва аҷзои муншаъибаи он шаш аст: фаӯлу-мақбуз, фаӯл-мақсур, фаълун-аслам, фаълу-асрам, фаул-маҳзуф, фаъ-абтар.

Абьёти солими азб (гуворо), байти мусаммани сахеҳ-зарбу арӯз [66].

Анварӣ гӯяд:

Ду ид аст моро зи рӯи ду маънӣ,
*фаӯлун /фаӯлун /фаӯлун /фаӯлун*



Ҳам аз рӯи дину ҳам аз рӯи дуньё.
*фаӯлун /фаӯлун /фаӯлун /фаӯлун*

Байти мусаммани маҳзуф, аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ:

Ба номи худованди ҷону хирад,
*фаӯлун /фаӯлун /фаӯлун /фаӯл*
Қ-аз ин бартар андеша барнагзарад
*фаӯлун /фаӯлун /фаӯлун /фаӯл*

Байти мусаммани мақсур ҳам аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ:

Фаридуни фаррух фаришта набуд,
*фаӯлун /фаӯлун /фаӯлун /фаӯл*
Зи мушку зи анбар сиришта набуд.
*фаӯлун /фаӯлун /фаӯлун /фаӯл*

Абьёти қадими сақил, байти мусаддаси солим:

Ба бӯса, нигоро, чу нӯшӣ,
*фаӯлун /фаӯлун /фаӯлун*
Ба посух чу ханзал чароӣ?
*фаӯлун /фаӯлун /фаӯлун*

Мусаддаси маҳзуф:

Туро гӯям, эй мушксар,
*фаӯлун /фаӯлун /фаул*
Ба хубӣ шудастӣ самар.
*фаӯлун /фаӯлун /фаул*

Мусаммани аслам:[67]

Ёри суманбар диламро бибурд,
*фаълун /фаӯлун /фаӯлун /фаӯл*
Пас дар иною надомат супурд.
*фаълун /фаӯлун /фаӯлун /фаӯл*

Мусаммани асрам:[68]

Баҳри ту, эй моҳи некӯсипар,
*фаълу /фаӯлун /фаӯлун /фаул*
Кард маро аз ҷаҳон бехабар.
*фаълу /фаӯлун /фаӯлун /фаул*

Мусаммани абтар:

Маро бо нигорам сухан бошад,
*фаълун |фаълун |фаълун |фаъ*
Ниҳонӣ суханҳои чун шакар.
*фаълун |фаълун |фаълун |фаъ*

Ва Рӯдакӣ ду байти мақбузи аслам гуфтааст ва сачъ дар он нигоҳ дошта ва аз он ҷиҳат, ҷандон сақил наёмадааст:

Гули баҳорӣ, бути таторӣ,
*фаълу|фаълун|фаълу|фаълун*
Набид дорӣ, чаро наёрӣ?
*фаълу|фаълун|фаълу|фаълун*
Набиди равшан, чу абри баҳман
*фаълу |фаълун|фаълу фаълун*
Ба назди гулшан чаро наёрӣ?
*фаълу |фаълун|фаълу фаълун*

Ва Ҳамиди Қозарунӣ муламмаъе аслам гуфтааст:

Дарди ҷудой гаштаст моро,
*фаълун |фаълун |фаълун |фаълун*
Қасро мабодо дарди ҷудой.
*фаълун |фаълун |фаълун |фаълун*
Эй роҳати ҷон, бе банда чунӣ?
*фаълун |фаълун |фаълун |фаълун*
В-эй нури дида, охир куҷоӣ?
*фаълун |фаълун |фаълун |фаълун*

### БАҲРИ МУТАДОРИК

Аҷзои он чаҳор бор фоилун/ фоилун ояд ва байти доираи он:

Хезу ин дафтарат назди сарҳанг бар,
*фоилун |фоилун |фоилун |фоилун*
То хурӣ аз ҳунарҳоту фарҳанг бар.
*фоилун |фоилун |фоилун |фоилун*

Байти мусаммани махбун, ки онро р а к з у л х а й л хонанд:

Чӣ гуле, санаме, ки дилам бибарад
*фаилун |фаилун |фаилун |фаилун*



Пас аз он ба инову бало супурад.
*фаилун |фаилун |фаилун |фаилун*

Мусаммани мақтӯъ:

То кай моро дар ғам дорӣ?
*фаълун |фаълун |фаълун |фаълун*
То кай бар мо орӣ хорӣ?
*фаълун |фаълун |фаълун |фаълун*

Мусаддаси махбун:

Дили ман ба дағо бибарӣ,
*фаълун|фаилун|фаилун*
Чӣ дағою дағал писарӣ?
*фаълун|фаилун|фаилун*

Мусаддаси мақтӯъ:

Ҷоно, дар дил кардам,
*фаълун |фаълун |фаълун*
Қ-аз меҳрат баргардам.
*фаълун |фаълун |фаълун*

### ФАСЛ

Ва чун пеш аз ин ваъда рафтааст, ки баъд аз таъдиди буҳур (баҳрҳо) ва давоири (доираҳои) машҳур ва тақтеъи абъёти солим ва музоҳаф, шарҳи буҳури як доира аз давоири маҷҳул (номаълум) ва буҳури мустаҳдас (навбуньёд), ки арӯзиёни аҷам чун Баҳромии Сарахсӣ ва Бузургмеҳри Қасимӣ ва амсоли эшон аҳдос (эҷод) кардаанд, биёрем, савоб он аст, ки дар ин мавзеъ (ҷой) тамомати буҳури бистуякгонаи мустаҳдас (навбуньёд) дар се доираи он бознамоем, он гоҳ аз абьёти буҳури як доира, он чи хафифтар аст, бинависем, то бокии абъёти буҳур бар он киёс карда ояд ва фасоди (вайронии) таҳриҷу бутлони (нодурустии) саъи он ҷамоат аҳли табъро равшан гардад.

Асомии буҳури мустаҳдаси сақил: Сарим, Қабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асамм, Салим, Ҳамим, Маснӯъ, Мустаъмал, Аҳрас, Мубҳам, Маъкӯс, Мӯҳмал, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян, Боис ва тақсими он дар давоир ва афоили он бар ин мисол:




1. Сарим:

Зи ман ёрам дур шуд, бесабрам як раҳ.
V———/—V——/—V——

2. Кабир:

Ёрам дур шуд, бесабрам як раҳ зи ман.
———V/———V/——V—

3. Бадил:

Рам дур шуд, бесабрам як раҳ зи ман ё.
——V—/——V—/——V——

4. Қалиб:

Дур шуд, бесабрам як раҳ зи ман ёрам.
—V——/—V——/V———

5. Ҳамид:



Шуд, бесабрам як раҳ зи ман ёрам дур
— — —V/— —V—/— — —V

6. Сағир:

Бесабрам як раҳ зи ман ёрам дур шуд.
——V—/—V——/——V—

7. Асамм:

Сабрам як раҳ зи ман, ёрам дур шуд бе.
—V——/V———/—V——

8. Салим:

Як раҳ зи ман ёрам дур шуд, бесабрам
——V—/———V/———V

9. Ҳамим:

Раҳ зи ман, ёрам дур шуд, бесабрам як
—V— —/— —V—/— —V—



1. Қотеъ:
Ку ёри мо як раҳ кори мо бисозад?
——V—/———V/—V——

2. Муштарак:
Ёри мо як раҳ кори мо бисозад, ку?
—V——/——V—/V———

3. Муаммам:
Як раҳ кори мо бисозад, ку ёри мо?
———V/—V——/——V—

4. Мусаттар:
Раҳ кори мо бисозад, кӯ ёри мо як?
——V—/V———/—V——

5. Муайян:
Мо бисозад, ку ёри мо як раҳ кори?
—V——/——V—/———V

6. Боис:
Бисозад, ку ёри мо як раҳ кори мо?
V———/—V——/——V—






1. Маснӯъ:
Бинам як раҳ бесабрам аз ман чудо шуд.
V———/——V—/—V——

2. Мустаъмал:
Раҳ бесабрам аз ман чудо шуд, бинам як.
———V/——V—/—V——

3. Ахрас:
Бесабрам аз ман чудо шуд, бинам як раҳ.
——V—/—V——/V———

4. Мубҳам:
Аз ман чудо шуд, бинам як раҳ, бесабрам.
— —V—/—V— —/— — —V

5. Мӯҳмал:
Ман чудо шуд, бинам як раҳ бесабрам аз.
—V——/V———/——V—

6. Маъкӯс:
Шуд бинам як раҳ бесабрам аз ман чудо.
—V——/———V/——V—

Аммо шарҳу тақтеъи баъзе аз абьёти буҳури доираи Мунъакиса, ки андаке ба шеър мемонад.

### Баҳри аввал, баҳри Сарим

Ачзои он ду бор мафоӣлун /фои-ло-тун/ фои-ло-тун. Ва хафифтарин абьёти он макфуф аст: [69]

Маҳӯр хеч дарди ёри нобакор,
*мафоӣлу/фоилоту/фоилон*
Кунад ёри нобакор дил фигор.
*мафоӣлу/фоилоту/фоилон*

Ва ин байт аз Ҳазачи макфуфи мақбузи аштари мусаббағ берун ояд бар мафоӣлу/ фоилун /мафоилон/ ва ба сабаби ихтилофи ачзо ва адами (набуданч) таносуби назми аркон маҳчур (дур) аст.

Байти ахраб: -

Имрӯз кард ёрам қасди лашкар,
*мафъӯлу /фои-ло-тун /фои-ло-тун*
То гашт ҷонам аз дардаш бар Озар.
*мафъӯлу /фои-ло-тун /фои-ло-тун*

Ва ин байт аз Музореъи ахраби аштари маҷҳуф берун ояд бар мафъӯлу/ фоилотун/ фоилун/ фаъ.

**Баҳри дуввум, баҳри Кабир.**

Аҷзои он ду бор мафъӯлоту /мафъӯлоту/ мустафъилун ва сабуктарин абьёти он матвӣ аст:

Он нигори хубчеҳри симзақан,
*фоилоту/фоилоту/муфтаилун*
Рӯи хеш дар ниҳон намуд ба ман
*фоилоту/фоилоту/муфтаилун*

Ва ин байт аз Вофири аҷамми маъқул берун ояд бар фоилун /мафоилун/ мафоилатун ва ҷамм дар Вофир сукути «мим» ва «то»-и мафоилатун бошад, фоилун бимонад ва онро аҷамм хонанд ва шота ҷаммоъи гӯсфанде бувад, ки ҳар ду гӯш бо ҳар ду саруни (шохи) ӯ бурида бошанд ва чун бад-ин зиҳоф аз ватад ва фосилаи ин феъл ду ҳарфи он буриданд, онро аҷамм хонанд ва ақл дар Вофир сукути «лом»-и мафоилатун бошад, мафоитун бимонад, мафоилун ба ҷои он биниҳанд ва онро маъқул хонанд, яъне шикол (ишкел) барниҳода ва чун бад-ин зиҳоф як ҳарф аз фосила кам карданд, ҳамчунон аст, ки чаҳорпойро як пой шикол кунанд.
Байти макфуфи махбуни музол:

Дилам бурд яке турк ба абрувон,
*мафоӣлу/мафоӣлу/мафоилон*
Рухам кард зи темор чу заъфарон.
*мафоӣлу/мафоӣлу/мафоилон*

Ва ин байт биайниҳ (айнан) вазни Ҳазаҷи макфуфи мақбузи мусаббағ аст.

**Баҳри саввум, баҳри Бадил**

Аҷзои он ду бор мус-тафъи-лун /мус-тафъи-лун/ фоилотун ва хафифтарин абьёти он байти махбун аст:



Нигори ман, савори ман ба сафар шуд,
*мафоилун /мафоилун /фоилотун*
Ҳамеравад чу саркашон ба ҷаҳон дар.
*мафоилун /мафоилун /фоилотун*

Ва ин байт аз Комили мавқуси мақтӯъ берун ояд бе тағйир ва вақс дар Комил он аст, ки «то»-и мутафоилун биандозанд, мафоилун бимонад, онро мавқус хонанд, яъне гарданкӯтоҳ ва чун бад-ин зиҳоф мутаҳаррик аз фосила кам шудааст, онро ба кӯтоҳӣ кардан ташбеҳ карданд.

**Баҳри чаҳорум, баҳри Қалиб**

Аҷзои он ду бор фои-ло-тун /фои-ло-тун/ мафоӣлун ва хафифтарин абьёти он макфуфи мақсур аст:

Эй санам, раҳе макаш, ки сазо нест,
*фои-ло-тун /фоилоту/мафоӣл.*
Ин ҷафо макун, буто, ки раво нест
*фоилоту /фоилоту /мафоӣл*

Ва ин байт аз Мадиди махбуни макфуфи мусаббағ берун ояд бар фоилоту /фоилун/ фаилийён.
Байти маҳзуф:[70]

Мустамандам, зорворам, нигоро,
*фои-ло-тун /фои-ло-тун/фаӣлун*
Хаста дорӣ ҷони маро ба ҳиҷрон
*фои-ло-тун/фои-ло-тун/мафоӣл*

Ва ин байт биайниҳ (айнан) баҳри Мадиди солим аст бар фоилотун /фоилун/ фоилотун.
Байти мақсур:

Мебисӯзам дар фироқат ҳаме зор,
*фои-ло-тун/фои-ло-тун/мафоӣл.*
Эй санам, то кай раво дорӣ озор?
*фои-ло-тун/фои-ло-тун/мафоӣл.*

Ва ин байт аз Мадиди мусаббағ берун ояд бар фоилотун /фоилун/ фоилийён.

### Баҳри панҷум, баҳри Ҳамид

Аҷзои он ду бор мафъӯлоту /мустафъилун/ мафъӯлоту ва сабуктарин абьёти он матвии мавқуф аст:

Дӯш ёр гашт маро хостор,
*фоилоту /муфтаилун /фоилон*
То ба васли ҷон маро шод кард.
*фоилоту /муфтаилун /фоилон*

Ва ин вазни мусаддаси Муқтазаб аст бе тағйир.
Ва байти махбуни макшуф:

Ҳаме дил барад он нигори дилбар,
*мафоӣлу /мафоилун /фаӯлун*
Ки то доғ ниҳад ба ҷону дил бар
*мафоӣлу /мафоилун /фаӯлун*

Ва ин байт аз Ҳазаҷи макфуфи мақбузи маҳзуф аст бе тағйир.

### Баҳри шашум, баҳри Сағир

Аҷзои он ду бор мус-тафъи-лун /фоилотун/ мус-тафъи-лун ва хафифтарин абьёти он махбун аст:

Баҳор буд ба чашмам хазону дай,
*мафоилун /фаилотун /мафоилун*
Ки шод буд ба рӯям нигори ман.
*мафоилун /фаилотун /мафоилун*

Ва ин байти мусаддаси Муҷтасс аст биайниҳ (айнан). Байти солим:

Бархез, ҷоно, ба ман деҳ он ҷоми май,
*мус-тафъи-лун /фоилотун /мус-тафъи-лун*
Қ-аз нури ӯ моҳро бошад равшанӣ.
*мус-тафъи-лун /фоилотун /мус-тафъи-лун*

Ва ин низ мусаддаси Муҷтасс аст бар асли доираи аҷам [71].

### Баҳри ҳафтум, баҳри Асамм

Аҷзои он ду бор фои-ло-тун /мафоӣлун/ фои-ло-тун ва ахаффи (сабуктарини) абьёти он байти махбун аст:



Аҷамӣ турки ман бирафт ба ғариб,
*фаилотун /мафоилун /фаилотун*
Зи ғами ишқи ӯ чу зеру зарирам.
*фаилотун /мафоилун /фаилотун*

Ва ин мусаддаси Хафиф аст бе тағйир. Ва чун возеъи (асосгузори) ин буҳур биноя фои-ло-тун дар ин баҳр бар ватади мафруқ ва ду сабаб [72] ниҳодааст, бояистӣ, ки «алиф»-и фои-ло-тунро хабн накардӣ, ки хабн аз азоҳифи асбоб (сабабҳо) аст дар ҳама ашъор. Ва байти муханнақ [73]:

Табаре чӯбин, мехе оҳанин,
*фаилотун /мафъӯлун /фоилон*
Ошиқи мискин чун бишканад ин?
*фоилотун /мафъӯлун /фаилон*

Ва ин байти мусаддаси Рамали мушаасси мақсур аст.

### Баҳри ҳаштум, баҳри Салим

Аҷзои он ду бор мустафъилун / мафъӯлоту/ мафъӯлоту ва ахаффи (сабуктарин) абьёти он байти матвӣ аст:

Эй бутаки маҳрӯи хурзод,
*муфтаилун /фоилоту /фоилон*
Бода ба ман деҳ ба ранги бомдод
*муфтаилун /фоилоту /фоилон*

Ва ин байт аз Мунсареҳи матвии махбун аст. Чун ҷузви авсатро (байнро) кашф кунанду ҷузви охирро изолат бар муфтаилун /фоилун/ мафоилон.
Ва байти матвии макшуф:

Эй санами хурзоди некӯрӯ,
*муфтаилун /фоилоту /мафъӯлун*
Чанг маҷӯ, бо раъят камтар гӯ.
*муфтаилун /фоилоту /мафъӯлун*

Ва ин вазни Мунсареҳи матвии мақтӯъ аст бе тағйир.
Байти махбуни мавқуф:

Макун, бута, ба ман беҳуда озор,
*мафоилун /мафоӣлу /мафоӣл*

Ки мардеам камозору дилозор.
*мафоилун /мафоӣлу /мафоӣл*

Ва ин байт аз Ҳазаҷи мақбузи макфуфи мақсур аст бе тағйир.

**Баҳри нӯҳум, баҳри Ҳамим**

Аҷзои он ду бор фоилотун /мус-тафъи-лун/ мус-тафъи-лун ва ахаффи (сабуктарин) абьёти он махбун аст:

Ба чӣ монад рухони он нигори ман,
*фаилотун /мафоилун /мафоилун*
Ки ҳаметобад он рухаш чун Муштарӣ
*фаилотун /мафоилун/ мустафъилун*

Ва ин байти махбуни мақбузи баҳри Мушокил аст, ки пеш аз ин омадааст.
Байти мураббаъ:

Гар бигардад ёр зи ман,
*фоилотун /муфтаилун*
Тира гардад бар ман зи ман
*фоилотун /мустафъилун*

Ва ин байти маҷзуви Хафиф аст бе тағйир. Ин аст тамоми нӯҳ баҳр, ки дар доираи Мунъакиса овардаанд. Ва ин доираро Мунъакиса аз баҳри он хонанд, ки баръакси таркиби доираи Муштабеҳа аст, ки дар ҳар як бухури доираи Муштабеҳа ду ватади мафруқ ва чаҳор ватади маҷмӯъ аст. Ва дар ҳар як аз бухури ин доира ду ватади маҷмӯъ ва чаҳор ватади мафруқ аст. Ва Баҳромии Сарахсӣ дар китоби «Ғоят-ул-арӯзайн» овардааст, ки ин доира Абӯабдуллоҳи Қурашӣ ниҳодааст.
Ва аммо бухури он ду доираи дигар, ки бар аҷзои мухталиф таркиб ниҳодааст, ҳамчунин ҳар байт, ки андаке завқи назм дорад, аз абьёти бухури машҳур мухарраҷ (хориҷ) мешавад ва боқӣ насри бемаза аст. Аз ин ҷинс бар-ин қадар ихтисор кунем, ки дар зикри он фоида нест ва мақсуд аз эроди ин миқдор низ он бувад, то муханнақ гардад, ки дар ин фанн бар он чи машҳуру мутадовил аст. Ва аҳли табъ ва шуарои муфлиқ (навовар) бар он ашъори азб (форам) гуфтаанд, мазиде нест. Ва низ агар мутаанните (айбҷӯе) бар сабили маъоёт ва тариқи имтиҳон байте аз ин авзон мустаҳҷон бархонад ва хоҳад, ки аҳли донишеро бад-он бозмонад, шунаванда чун бар ин тақрирот воқиф шуда бошад, аз ҷавоби ӯ дарнамонад ва тафассӣ (роҳ ёфтан) аз он бар ӯй осон бошад.

ФАСЛ

Ва чун аз таъдиди (ададҳои) бухури (баҳрҳои) қадиму ҳадис (нав) ва тақтеъи абьёти азб (гуворо) ва сақили (вазнини) он кардан фориғ шудем, арӯзро бар шарҳи факки (ҷудо) аҷзои бухур аз якдигар хатм кунем. Бидон, ки факк дар асли луғат кушодан ва ҷудо кардан аст ва дар истилоҳи арӯзиён он аст, ки аҷзои баҳре аз баҳре берун оранд ва ҷудо кунанд, яъне байти Ҳазаҷро масалан аз вазни баҳри Раҷаз бархонанд ва байти Раҷазро аз вазни баҳри Ҳазаҷ бархонанд. Ва тариқи факк он аст, ки ба аввали афоили баҳре назар кунанд ва се рукни мутаволиро (пай дар пайро) аз он баҳр бигиранд, пас бинганд, то ҳамон се рукн бар он насқ (тартиб) дар аввали афоили ин баҳр аз куҷо ёбанд, факки аҷзои ин баҳр аз он бошад. Мисоли он хостем, то аҷзои баҳри Раҷаз, ки мустафъилун/ мустафъилун аст, аз аҷзои баҳри Ҳазаҷ, ки мафоӣлун/ мафоӣлун аст, факк кунем. Ба аввали Раҷаз назар кардем, се рукни аввалини он мустафъилун буд, ки ду сабаби хафиф ва ватаде мафруқ буд. Ба аввали баҳри Ҳазаҷ бозомадем ва ҳамин се рукнро талаб кардем. Аввал «ӣлун» ёфтем, ки ду сабаби хафиф буд, баъд аз он «мафо» буд, ки ватаде маҷмӯъ аст. Бидонистем, ки аҷзои Раҷаз аз «айн»-и «ӣлун» мунфакк (ҷудо) тавонад шуд, пас «мафо»-ро аз аввали мафоӣлуни аввал ба охири аҷзо бурдем ва гуфтем «ӣлунмафо», «ӣлунмафо», то вазни мустафъилун/ мустафъилуни саҳеҳ берун омад. Мисоли дигар хостем, то аҷзои баҳри Муҷтасс, ки мафоилун/фаилотун аст, аз аҷзои баҳри Музореъ, ки мафоӣлу/фоилоту аст, факк кунем. Ба аввали баҳри Муҷтасс назар кардем, мафоилун/ фаило ёфтем, ки се рукн бувад — ду ватади маҷмӯъ ва фосилае (фосилаи суғро). Ҳамин се рукнро дар аввали Музореъ талаб кардем. Аз «лом»-и мафоӣлу ёфтем, ки «лафоилотумафо» ду ватад (ватади маҷмӯъ) ва фосилае (фосилаи суғро) буд, пас «мафоӣ»-ро аз аввали «мафоӣлу» ба

охири аҷзо бурдем ва гуфтем «лафоилоту мафой», то вазни мафоилун/ фаилотун берун омад. Ва баръакс, хостем, то баҳри Музореъро аз баҳри Муҷтасс берун орем. Ба аввали баҳри Музореъ назар кардем, се рукни мутаволӣ (пай дар пай). Дар аввали он «мафойлу фо» ёфтем, ки ватаде мақруну ватаде мафруқ ва сабабе хафиф буд. Вазни ҳамин се рукнро дар аввали аҷзои Муҷтасс талаб кардем, аз «айн»-и фаилотун ёфтем, ки чун гуфтем: «илотунмафо» — ватаде маҷмӯъ ва ватаде мафруқу сабаби хафиф буд, пас «мафоилун фа» ва аз аввали аҷзои Муҷтасс ба охир бурдем ва гуфтем: «илотун ма фоилун фа», то вазни мафойлу фоилоту берун омад. Ин аст ҳақиқати факки аҷзои буҳур аз якдигар. Ва чун амсилаи (мисолҳои) факк ва тариқи таҳриҷи (хориҷи) он маълум шуд, аз ҳар доира байте биёрем, то факки ин абъёти буҳур низ аз якдигар муҳаққақ (аниқ) шаваду иштибоҳ намонад.

#### ДОИРАИ МУЪТАЛИФА

Байти Ҳазаҷ:

Макун з-ин пас, нигорино, ба ман бар ин ҷафокорӣ,
*мафойлун /мафойлун /мафойлун /мафойлун*
Макун з-ин беш нодонӣ, макун, к-аз ман биёзорӣ.
*мафойлун /мафойлун /мафойлун /мафойлун*

Вазни Раҷаз:

З-ин пас, нигорино, ба ман бар ин ҷафокорӣ макун,
*мустафъилун /мустафъилун /мустафъилун /мустафъилун*
З-ин беш нодонӣ макун, к-аз ман биёзорӣ, макун.
*мустафъилун /мустафъилун /мустафъилун /мустафъилун*

Вазни Рамал:

Пас, нигорино, ба ман бар ин ҷафокорӣ макун, з-ин
*фоилотун /фоилотун /фоилотун /фоилотун*
Беш нодонӣ макун, к-аз ман биёзорӣ, макун з-ин
*фоилотун /фоилотун /фоилотун /фоилотун*

#### ДОИРАИ МУХТАЛИФА

Байти Мунсареҳ:

Ёр зи ман дил рабуд, ёр зи ман рух нуҳуфт,
*муфтаилун /фоилоту /муфтаилун /фоилоту*



Ёр зи ман ҷон бихост, боз дил аз ман бируфт,
*муфтаилун /фоилоту /муфтаилун /фоилоту*

Вазни Музореъ:

Зи ман дил рабуд ёр, зи ман рух нуҳуфт ёр,
*мафойлу /фоилоту /мафойлу /фоилоту*
Зи ман ҷон бихост, боз дил аз ман бирафт, ёр.
*мафойлу /фоилоту /мафойлу /фоилоту*

Вазни Муқтазаб:

Дил рабуд ёр зи ман, рух нуҳуфт ёр зи ман,
*фоилоту /муфтаилун /фоилоту /муфтаилун*
Ҷон бихост, боз дил аз ман, бирафт ёр зи ман.
*фоилоту /муфтаилун /фоилоту /муфтаилун*

Вазни Муҷтасс:

Рабуд ёр зи ман рух, нуҳуфт ёр зи ман дил,
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаилотун*
Бихост боз дил аз ман, бирафт ёр, зи ман ҷон.
*мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаилотун*

#### ДОИРАИ МУНТАЗИА

Байти Сареъ:

Сабр рабояд зи дилам ишқи ёр,
*муфтаилун /муфтаилун /фоилоту*
Ишқ рабояд зи дили ман қарор.
*муфтаилун /муфтаилун /фоилоту*

Вазни баҳри Ғариб:

Ра рабояд зи дилам ишқи ёр иш
*фаилотун /фаилотун /мафоилун*
Қа рабояд зи дили ман қарор саб.
*фаилотун /фаилотун /мафоилун*

Вазни баҳри Қариб:

Рабояд зи дилам ишқи ёр сабр,
*мафойлу /мафойлу /фоилоту*
Рабояд зи дили ман қарор ишқ.
*мафойлу /мафойлу /фоилоту*

Вазни Хафиф:

Зи дилам ишқи ёр сабр рабояд,
*фаилотун |мафоилун |фаилотун*
Зи дили ман қарор ишқ рабояд.
*фаилотун |мафоилун |фаилотун*

Вазни баҳри Мушокил:

Ёр сабр рабояд зи дилам ишқ,
*фоилоту |мафоӣлу |мафоӣлу*
Қарор ишқ рабояд зи дили ман.
*фоилоту |мафоӣлу |мафоӣлу*

#### ДОИРАИ МУТТАФИҚА

Байти баҳри Мутақориб:

Макун бевафоӣ, макун дилрабоӣ.
*фаӯлун |фаӯлун |фаӯлун |фаӯлун*
Макун, то кай охир азобам намоӣ?
*фаӯлун |фаӯлун |фаӯлун |фаӯлун*

Вазни баҳри Мутадорик:

Бевафоӣ макун, дилрабоӣ макун,
*фоилун |фоилун |фоилун |фоилун*
То кай охир азоб намоӣ, макун.
*фоилун |фоилун |фоилун |фоилун*

## ҚИСМИ ДУВВУМ

## ДАР ИЛМИ ҚОФИЯ ВА НАҚДИ ШЕЪР

Ва он шаш бошад:

Боби аввал, дар зикри маънии шеъру қофия ва ҳадду ҳақиқати он.

Боби дуввум, дар зикри ҳуруфи қофия ва алқобу ашқоқи он.

Боби саввум, дар зикри ҳаракати ҳуруфи қофия ва асомии он.

Боби чаҳорум, дар зикри ҳудуди қофия ва аснофи он.

Боби панҷум, дар зикри уюби қавофӣ ва аснофи нописандида, ки дар каломи манзум афтад.

Боби шашум, дар зикри маҳосини шеър ва тарфе аз синоати мустаҳсан, ки дар назму насри калом бошад.

### БОБИ АВВАЛ,

### ДАР ЗИКРИ МАЪНИИ ШЕЪРУ ҚОФИЯ ВА ҲАДДУ ҲАҚИҚАТИ ОН

Бидон, ки шеър дар асли луғат дониш аст ва идроки маонӣ ба ҳадаси соиб ва андешаю истидлолрост (бурҳонрост) ва аз рӯи истилоҳ суханест андешида, мураттиби маънавии мавзун, мутакаррири (такрорёбандаи) мутасовӣ (ба ҳам баробар), ҳуруфи охирини он ба якдигар монанда. Ва дар ин ҳадд гуфтаанд сухани мураттаби маънавӣ, то фарқ бошад миёни шеър ва ҳазаёну (сухани бемазаю) каломи номураттаби бемаънӣ. Ва гуфтаанд мавзун, то фарқ бошад миёни назму насри мураттаби маънавӣ. Ва гуфтаанд мутакаррир (такрорёбанда), то фарқ бошад миёни байте зумисроайн (думисроа) ва миёни ним байт, ки ақалли (воҳиди) шеър байти тамом бошад, чунон ки пеш аз ин гуфтаем.

Ва гуфтаанд мутасовӣ, то фарқ бошад миёни байте тамом ва миёни масореъи (мисраъҳои) мухталифи ҳар як бар вазни дигар. Ва гуфтаанд ҳуруфи охирини он ба якдигар монанда, то фарқ бувад миёни муқаффию (қофиядору) ғайри муқаффӣ, ки сухани беқофияро шеър нашморанд, агар чи мавзун афтад.

Ва аммо сабаби он ки каломи мавзунро шеър хонанд, Абӯабдуллоҳ Қосим ибни Саломи Бағдодӣ, ки яке аз аиммаи (пешвоёни) наҳву луғат ва таърих будааст, мегӯяд: Яъруб ибни Қаҳтон ибни Обир ибни Шолих ибни Арфаршад ибни Сом ибни Нӯҳ, ки чаҳорсад сол умр ёфта будааст ва ӯро Яъруб аз ин ҷиҳат хондаанд, ки арабӣ гуфтааст ва баъд аз тӯфон луғати арабӣ аз вай мунташир шуд, ба асҷоъю (саҷъҳою) қароин (далелҳо) маъшуф (мафтун) будааст ва дар аснои асҷеъи (саҷъҳои) араб мисрооти мавзун меафтод. Яъруб ба қуввати фитнат (доноӣ) ва закои қареҳот (истеъдод) онро дарёфт ва миёни мавзун ва номавзуни калом фарқ кард ва иртиҷолан (бадеҳатан) ду байт бигуфт. Ва дар маҳфиле хос, ки акобир, ақорибу (хешовандон) аъён (бузургон), хешони ӯ ҳозир буданд, иншод (шеърхонӣ) кард. Эшон чун ҳаргиз сухани мавзун нашунида буданд, гуфтанд: «Ин чӣ насқи (муназзам кардани) сухан ва тартиби калом аст, ки аз ту мисли ин гуфтор надонистаем?»

Ӯ гуфт: «Ман низ то ин ғоят ин сухан аз худ наёфтаам».

Пас ба сабаби он ки ӯро бе воситаи таълиму тааллум (таҳсили илм) ба каломи мавзун шуур афтод, шеър хонданд ва қоили (гӯяндаи) онро шоир ном ниҳоданд. Ва баъзе мегӯянд шеър аввал Ҷурҳам ибни Қаҳтон гуфтааст. Ва баъзе аз асҳоби таворих аввалияти шеърро ба Одам салавотуллаҳ алайҳа ҳавола кардаанд. Ва ба иттифоқи аҳли илми луғат Одам сурионӣ будааст. Агар ин ривоят дуруст аст, магар ӯ чизе аз ин ҷинс ба луғати (забони) сурионӣ гуфта бошад ва баъд аз ӯ онро ба тозӣ тарҷума карда бошанд. Ва ҳамчунин ибтидои шеъри порсӣ ба Баҳроми Гӯр нисбат мекунанд ва дар қисаси (қиссаҳои) мулуки Аҷам овардаанд, ки Яздигурд Шопурро, ки падари Баҳром буд, ҳар фарзанд, ки меомад (таваллуд меёфт), ҳам дар мабодии (аввали) тифиллият дармегузашт. Чун Баҳром чаҳорсола шуд ва умеди бақои ӯ падид омад, мунаҷҷимон зоиҷаи (ҷадвали нуҷум) толеъи ӯ биниҳоданд ва дар



мавозеъи кавокиб ва вуҷӯҳи (сабабҳои) далоили он назар карданд, иқтизои (хоҳиши) адвори фалакӣ дар он милод (вақт) чунон ёфтанд, ки нашъу намои ӯ дар ғурбат бошад ва муваддабу мардона хезад, ворисн мулк шавад ва сабаби бақои хонадон гардад. Пас Яздигурд Манзар ибни Умар ибни Адии Лухмиро, ки аз дасти ӯ бар Ҳира подшоҳ буд, бихонд ва Баҳромро бад-ӯ супурд ва чанд бузургро аз аркони давлат бо вай ба Ҳира фиристод, то дар миёни араб парвариш ёфт ва фасеҳу (хушкалому) шоиру мубориӡу мардона хост. Ва баъзе мегӯянд, малики Ҳира дар он вақт Нӯъмон ибни Манзар ибни Умар ва ибни Адӣ буд. Ва чун Яздигурд Баҳромро ба Ҳира фиристод, бифармуд, то дар баъзе аз мутаназзаҳоти (ҷойҳои дилкушои) Ҳира аз баҳри вай ва асҳоби вай маскане ҷудогона созанд. Пас меъморон Хурнақ ва Садир бино карданд. Ва Ибни Қутайба гӯяд: «Хурнақро дар Аҷам Хурнигоҳ ном ниҳода буданд, яъне ҷои хӯрдану ошомидану нишастани подшоҳзода ва араб онро Хурнақ карданд ба таъриб (ба забони арабӣ мувофиқ кардан). Ва Садир се гунбаз буд мутадохили якдигар ва онро се дайр хонандӣ, араб онро Садир карданд. Ва чунин гӯянд, ки он се гунбаз маъбади (ибодатгоҳи) эшон будааст. Ва ҳамоно дар қадим гунбазро ба забони паҳлавӣ дайр мехондаанд, аз баҳри он ки дар баъзе кутубу (китобҳо) масолик (роҳҳо) дидаам, ки манзиле, ки аз тарафи Исфаҳон ба савби (сӯи) Рай ҳаст ва онро дайри гаҷин мехонанд — гунбазе муҷассас (ба гаҷ андова кардашуда) будааст. Ва Ҳаммод ибни Абе Лайлӣ, ки мадори (асоси) ривояти бештари ашъори араб бар ӯст, чанд қитъаи тозӣ аз ашъори Баҳром муштамил бар тафохиру (фахру) такосир (бештар) аз аҳли Ҳира ривоят мекунад ва он чи аҷам онро аввали ашъори порсӣ ниҳодаанд ва ба вай нисбат карда, ин аст:

Манам он пили дамону манам он шери яла,
Номи ман Баҳроми Гӯр, кунниятам Бӯҷабала.

Ва дар баъзе кутуби фурс дидаам, ки уламои асри Баҳром ҳеҷ чиз аз ахлоқ ва аҳволи ӯ мустаҳҷан надидаанд, илло қавли шеър. Пас чун навбати подшоҳӣ бад-ӯ расид ва мулк бар вай қарор гирифт, Озарбодини Зародистони Ҳаким пеши вай омад ва дар маъразн (ба тариқи) насиҳат гуфт: «Эй подшоҳ, бидон, ки иншои

шеър аз кибори (бузургони) маъоиби мулук ва динии одоти подшоҳон аст, аз баҳри он ки асоси он бар каздбу (дурӯғу) зӯр аст ва буньёди он бар муболиғати фоҳиш (зишт) ва ғулуви муфрат (муболиғаи аз ҳад зиёд) ва аз ин ҷиҳат, узмон (бузургони) фалосафаи адьён (динҳо) аз он мӯъриз (рӯ гардонда) будаанд ва онро мазмум (мазамматшуда) дошта ва муҳоҷоти (якдигарро ҳаҷв кардан ва зишт гуфтани) шуароро аз асбоби (сабабҳои) маҳолики (ҳалокатҳои) мамолики собиқа (пешгузашта) ва амами (ҳамаи) мозия (гузаштагон) шумурдаанд ва аз муқаддамот (пешгузаштагон) талафи (нобудшавии) амвол (молҳо) ва хароби диёр ниҳода, оммаи занодиқе (бехудоён) ва мункирони (инкоркунандагони) нубувватро (пайғамбариро) хаёли мақоли таън дар китобҳои мунзал (нозилшуда, фиристодашуда) ва анбиёи (пайғамбарони) мурсал (расул) ҷуз ба воситаи назм сухан наяфтодааст ва андешаи муоразаи (мубоҳисаи) эшон ҷуз ба сабаби эътиёди (оддӣ будани) асҷоъ (саҷъҳо) ва қавофӣ рӯй нанамуда. Ва агар чи тоифае (гурӯҳе) аз дӯстдорони улум он чи аз он ҷумла бар манҳаҷи (роҳи рост) сидқ ва савоб афтад ва бар насоеҳи (насиҳатҳои) муршид (пир, шайх) ва ҳикаму (донишҳою) амсоли (масалҳои) нофеъ (судманд) муштамил (иборат) бошад, онро ояте (далеле) аз оёти (далелҳои) дониш ниҳодаанд ва мӯъҷизе (кори ҳайратоваре) аз мӯъҷизоти (мӯъҷизаҳои) ҳикмат шумурда. Ва овардаанд, ки аввал офаридае, ки дар зӯҳд (парҳезгорӣ) ва мавъизат (насиҳат, панд), нафс ва тасбеҳу (зикри худо) тақдиси (муқаддас шумурдани) ҳақ (худо) шеър гуфт, малаке (махлуқи мавҳуми осмонӣ, ки гӯё аз рӯҳ офарида шуда, ҷисми хориҷӣ надорад, фаришта) аз малоикаи муқарраб (наздикшуда) будааст. Боре иттифоқ аст, ки нахуст офаридае, ки дар шеър хештанро бисутуда ва дар он бар дигаре муфохарат (фахр) кард, Иблис буд, алайҳиллаъна (лаънат кардашуда)». Баҳроми Гӯр аз он бозгашт ва баъд аз он шеър нагуфт ва нашунавид ва фарзандону ақориби (хешу табори) хешро аз он манъ кард. Ва ҳамоно аз ин афтодае аст, ки Борбади Ҷаҳрмӣ, ки устоди барбатӣ буд, бинои лаҳун (лаҳнҳо, оҳангҳо) ва ағонии (нағмаҳои) хеш дар маҷлиси Хусрави Парвиз, ки онро «Хусравонӣ» хонанд, бо он ки сар ба сар мадҳу офарини Хусрав аст, бар наср ниҳодааст ва ҳеч аз каломи манзум дар он ба кор надошта. Ва баъзе ме-



гӯянд, ки аввали шеъри порсӣ Абӯҳафси Ҳаким ибни Аҳваси Суғдӣ гуфтааст ва аз Суғди Самарқанд ва ӯ дар синоати мусиқӣ дасте тамом доштааст. Абӯнасри Форобӣ дар китоби хеш зикри ӯ овардааст ва сурати олате мусиқоре номи он шаҳруд, ки баъд аз Абӯҳафс ҳеч кас онро дар амал натавонист овард, баркашида ва мегӯяд, ӯ дар санаи салсамонияи (сесади) ҳиҷоӣ будааст ва шеъре, ки ба вай нисбат мекунанд, ин аст:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,
Ёр надорад, бе ёр чӣ гуна бувадо?

Ва чун ин муқаддимот маълум шуд, бидон, ки чун абьёт мутакаррир (такрорёбанда) шуд ва аз понздаҳ даргузашт, онро қасида хонанд ва ҳар чи аз он камтар бувад, онро қитъа гӯянд. Ва дар қасоиди порсӣ лозим аст, ки байти матлаъ мусарраъ (ҳамқофия) бошад, яъне қофияи ҳар ду мисраъ дар ҳуруф ва ҳаракот яке бошанд ва илло онро қитъа хонанд, ҳарчанд аз бист байт даргузарад. Ва ҳар шеър, ки мақсур (вобаста) бошад бар фунуни ишқиёт аз васфи зулфу холу ҳикояти васлу ҳаҷр ва ташаввуқ (иштиёқ) ба зикри раёҳину азҳор (гулҳо) ва риёҳу (абру) амтор (борон) ва васфи даману атлол (хароба) онро ғазал хонанд. Ва ғазал дар асли луғот самари (афсонаи) духтарон ва ҳадиси (ривояти) эшон аст. Ва муғозалат ишқбозӣ бо занон аст ва гӯянд: «Раҷлу ғазалу», яъне марде ишқбоз ва симоъидӯст. Ва аз ин ҷиҳат, шарҳи аҳволи ошиқу сифати ҷамоли маъшуқро ғазал хонданд. Ва иштиқоқи (баромади) қасида аз қасд аст ва он таваҷҷӯҳ ва рӯй ниҳодан аст ба чизе ва ҷое. Ва мақсуд маҳалли қасди мардум аст ба талабу таҳсилу гуфтану кардани он. Пас қасида фаъиле аст ба маънии мафъул, яъне мақсуди шоир аст ба эроди маъонии мухталифу авсофи мутафарриқ аз мадҳу ҳиҷою шукру шикоят ва ғайри он ва «ҳо»-и дар охири қасида аз барои он аст, то далолат кунад бар ваҳдати он, чунон ки шаъиру (ҷав) шаъира ва забеҳу (гулӯбурида) забеҳа.

Ва аммо қофия, бидон, ки баъзе аз калимаҳои охирини байт бошад, ба шарти он ки он калима ба айнҳо (назарҳо) ва маънҳо дар охири абьёти дигар мутакаррар (такрор) нашавад. Пас агар мутакаррар шавад, онро радиф хонанд ва қофия дар моқабли он бошад, чунон ки:

Шеър

Рухи ту равнаки қамар дорад,
Лаби ту лаззати шакар дорад.

Чун калимаи «дорад» дар ин шеър мутакаррар (такрор) омад, онро радиф хонанд ва қофия дар калимаи «қамар» ва «шакар» аст. Ва чун моқабли «ро»-и «қамар»-у, «шакар» мутаҳаррик аст, қофияи ин шеър ҳарфею ҳаракате беш набошад, яъне ҳарфи «ро» ва ҳаракати моқабли он. Ва агар моқабли ҳарфи охирин аз калимаи қофия сокин бошад, чунон ки:

Шеър

Эй наргиси пурхумори ту маст,
Дилҳо зи ғами ту рафт аз даст,

қофияи он аз охири калима бошад, то ба нахустин ҳаракате, ки беш аз савокини (сокинҳои) он бувад. Пас қофияи ин шеър ду ҳарфу ҳаракате беш набошад ва он «син»-у «то» аст ва ҳаракати моқабли он. Аммо агар ҳарфи охирин аз калимаи қофия на аз нисфи калимаи қофия бувад, балки ба иллате бад-он мулҳақ шуда бошад, чунон ки:

Шеър

Бархе чашми масташон,
В-он зулфи ҳамчун шасташон.

ки калимаи аслӣ дар охири ин шеър «маст» ва «шаст» аст ва «шон» аз баҳри изофати ҷамъат (ҷамъ) бад-он мулҳақ шудааст. Қофияи он аз охири калима бошад, то ба нахустин ҳаракате, ки пеш аз савокини ҳуруфи нисфи калима бошад, пас қофияи ин шеър панҷ ҳарф ва ҳаракате бошад, яъне аз «нун» то ба ҳаракати моқабли «син»-и «маст»-у «шаст». Ва ин ҷумларо қофия хонанд. Ва ҳар кадом аз ҳуруфи ҳаракоти қофияро номе аст, ки баъд аз ин намуда шавад. Ва ҳеч як ҳуруф ва ҳаракати қофия дар кулли қасида нашояд, ки мутағайир (тағйирёбанда) ва мутабаддил (ивазшуда) шавад, илло ҳарфи дахил, чунон ки баъд аз ин бигӯем. Ва қофияро аз баҳри он қофия хонданд, ки аз паси аҷзои шеър дармеояд ва байт бад-ӯ тамом мешавад. Ва асли он аз қафвату фалонан аст, яъне аз паси фалонӣ



фаро рафтам. Ва қаффият фулонан, яъне касеро аз паси фалонӣ равон кардам. Пас ин калимаро, ки бинои байт бар он аст ва дар кулли қасида риояти он лозим, қофия мехонанд, яъне пасрави аҷзои байт аст ва байтро муқаффӣ хонанд, яъне онро қофия падид карда.

## БОБИ ДУВВУМ,

## ДАР ЗИКРИ ҲУРУФИ ҚОФИЯ ВА АСОМИИ ОН

Ва он нӯҳ аст: р а в и ю  р и д ф у  қ а й д у  т а ъ с и с у  д а х и л у  в а с л у  х у р ӯ ҷ у  м а з и д у  н о и р.

### Ҳарфи равӣ

Бидон, ки ҳарфи охирини калимаи қофия чун аз нисфи калима бошад, онро равӣ хонанд, чунон ки:

Шеър

**Зиҳӣ, бақои ту даврони чархро муфаххар.**

Чун ҳарфи «ро» дар калимаи «муфаххар» аслӣ аст, равии ин шеър «ро» аст ва чунон ки:

Эй наргиси пурхумори ту маст.

Чун «то» аз асли калимаи «маст» аст, равии ин шеър «то» аст ва ин лафз аз риво гирифтаанд ва риво расане бошад, ки бад-он бор бар шутур банданд, пас чун бинои ҷумлаи абьёти ашъор бар ин ҳарф аст, ҳамчунон аст, ки гӯё ҷумлаи абьёт бар ин ҳарф баста мешавад, онро ба ривои шутур монанд карданд ва номе муштак (гирифташуда) аз он ниҳод. Ва чун ҳақиқати равӣ маълум шуд ва дониста омад, ки ҳар ҳарф, ки дар охири калимаи қофия аз нисфи калима бошад, шояд, ки онро равии байт созанд. Бад-он ки ҳар ҳарф, ки дар охири калимаи қофия на асли калима бошад ва баъд бад-он мулҳақ (пайваст) гардонида бошанд, агар дар саҳеҳи луғати дарӣ малфуз (талаффузшаванда) набошад, чун «ҳо»-и «ханда» ва «гирья» ва «нома»-ю «ҷома» ва «ё»-и «кӣ» ва «чӣ» ва «вов»-и «ду»-ю «ту» нашояд, ки онро равӣ созанд. Ва агар ҳамчун ҳуруфи аслӣ дар лафз ояд ва машҳуруттаркиб набошад ва ба

касрати истеъмол аз нисфи калима намояд, чун «ро»-и «ранҷур»-у «муздур» ва «дол»-и «донишманд»-у «худованд» ва «алиф»-и «доно» ва «бино» шояд, ки ин навъро равӣ созанд. Ва агар машҳуруттаркиб бошад, чун «алиф»-и «шоҳо» ва «худовандо» ва «мим»-и «омадам»-у «рафтам» ва «дол»-и «меояд»-у «меравад» ва «нун»-и «гулистон»-у «найистон». Дар ин навъ тафсиле ҳаст, ки баъд аз ин ба шарҳ баён кунем. Ва ба ҳукми он ки қавонини луғати дариро миқьёсе (андозае) дуруст нест, ки маърифати саҳеҳ ва фосиди он аз ӯ талабанд ва дар шарҳи хато ва савоби каломи порсӣ асле мӯътамад алайҳи не, ки ба вақти ҳоҷат бад-он муроҷиат кунанд ва камсармоягони ин рӯзгор дар боби нақди шеър ва яҷузу лояҷузи қавофӣ хабти (зиёни) бисьёр кардаанд ва хилти таркиб (омезиш) фаровон раво дошта ва якборагӣ илми шеърро бас пушт андохтаанд ва рӯй ба назми алфози номуҳаззаб (тарбиянодида) оварда, аз фанни шоирӣ ба ҷараён дар ҳазаён (гапҳои беҳуда) қаноат карда ва аз шеваи суханварӣ ба манҳулгарӣ (дурӯғгӯӣ) хурсанд шуда ва аз мунатаммиёни мутақаддимон) эшон кас ҳаст, ки аз қофия ҷуз ҳарфи равӣ нашиносад ва бар он низ миёни ҳарфи зоид ва аслӣ фарқ накунад, аз илми арӯз ҷуз мафойлу/фоилоту фаҳм нокарда ва аз буҳури шеър ҷуз асомии (номҳои) бемаънӣ нодониста, чунон муқаллиди (мафтуни) табъи хеш ва мӯътақиди (эътиқодманди) фазли хеш аст, ки Анвариро ба чокарӣ написандад ва Хоқониро ба дарбонӣ қабул накунад. Пас савоб он аст, ки дар ин фасл аз ҳуруфи таҳаҷҷӣ (ҳарфҳои алифбо) бар тартиби «алиф», «бо», «то», «пе», ҳар он чи дар луғати дарӣ мустаъмал аст, баршуморанд ва завоиди (бартарии) муфраду (танҳо) мураккаби онро, ки ба авохири (охирҳои) калимот лоҳиқ (пайваст) гардад ва дар ин луғат ба манзилати (мақом ва дараҷаи) ҳуруфи (ҳарфҳои) тасриф ва калимоти адавот (восита) бошад, баён кунем ва маънию иллати илҳоқи (ҳамроҳ кардани) ҳар як ба мавзеъи (ҷои) хеш шарҳ диҳем, то аҳли табъро он чи аз он ҳуруфи равиро шояд, маълум гардад ва иштибоҳ намонад.

### Ҳарфи «алиф»

Бидон, ки аз ҷинси «алиф» дар авохири калимот ҳашт ҳарф зоид афтад.



### Ҳарфи фоил ва сифат

Ва он «алиф»-е аст, ки дар авохири усули авомир (амрҳо) маънии фоилийят (иҷрокунандагони корро) диҳад, чунон ки «доно»-ю «бино»-ю «шунаво» ва «гӯё» ва дар охири наъват маънии иттисоф (сифат) диҳад бад-он сифат, чунон ки «зебо» ва «шикебо» (босабр).

### Ҳарфи нидо ва дуъо

Ва он «алиф»-е аст, ки дар охири асомӣ (номҳо) маънии нидо диҳад, чунон ки «худовандо» ва «шоҳо» ва «ҷоно» ва дар авохири афъол (феълҳо) маънии дуъо диҳад, чунон ки «бимонадо», «биравадо» ва чунон ки шоир гӯяд:

> Манишинадо аз некувон ҷуз ту касе бар ҷои ту,
> Кам бинадо ҷуз ман касе он рӯи шаҳророи ту.

### Ҳарфи таъзим ва тааҷҷуб

Ва он «алиф»-е аст, ки дар охири баъзе наъват фоидаи (маънии) таъзим ва тааҷҷуб диҳад, чунон ки «поко, офаридгоро, басо мол, ки фалон дорад, ва чунон ки шоир гӯяд:

> Агар шоҳ ғозӣ накардӣ ҳунар
> В-ар язид мар ӯро надодӣ зафар.
> Табоҳо, ки дини Муҳаммад шудӣ,
> Сиёҳо, ки меҳробу минбар шудӣ.

### Ҳарфи нисбат

Ва он «алиф»-е аст, ки дар авохири баъзе наъват фоидаи (маънии) нисбат диҳад, чунон ки «фарохо» ва «дарозо» ва «паҳно» ва «борико» бошад, ки «нун»-е дарафзоянд ва гӯянд: «фарохно», «дарозно» ва маънии он фарохию дарозӣ аст, ки илло он ки ин алфоз омтар аст ва он хостар.

### Ҳарфи тахсис (махсус гардонидан)

Ва он «ро» ва «алиф»-е аст, ки дар авохири (охирҳои) асомӣ (номҳо) маънии тахсис диҳад, чунон ки «ӯро» ва «шуморо» ва «аспро» ва «ҷомаро»

### Ҳарфи шакл ва ҳайат (намуд)

Ва он калимаи «осо» аст, ки дар авохири (охирҳои) асомӣ маънии шакл ва шубҳа диҳад, чунон ки «мардумосо» ва «подшоҳосо». Ва хуросониён гӯянд: фалон марде баосост, яъне бовиқору равост.

### Ҳарфи ҷамъ

Ва он «ҳо» ва «алиф»-ест, ки дар авохири баъзе асомӣ ҷамъро бошад, чунон ки «зарҳо» ва «гавҳарҳо».

### Ҳарфи ишбоъ

Ва он «алиф»-е аст, ки шуарои мутақаддим аз «алиф»-и итлоқи (озоди) ашъори араб гирифтаанд, ки араб дар қофияи «ҷамол» ва «камол», масалан, чун вазн иқтизои (талаби) ҳарфе дигар кунад, агар «лом» дар маҳалли (мавриди) насб бошад, «алиф»-е бад-он илҳоқ (пайваст) кунанд, гӯянд: «ҷамоло», «камоло» ва агар дар маҳалли (мавриди) рафъ (бартараф кардан) бошад, гӯянд: «ҷамолу» ва «камолу» ва агар дар маҳалли (мавриди) ҷарр (кашиш) бошад, гӯянд: «ҷамолӣ» ва «камолӣ» ва ин «алиф» ва «вов»-у «ё»-ро ҳуруфи итлоқ хонанд, яъне ҳарфи равиро ба ҳаракат мутлақ мегардонанд ва қайди сукун аз вай бармедорад ва ба ҳукми он ки дар порсӣ бештари калимот масканатулавохир аст, чун вазн иқтизои (талаби) равӣ кардӣ, «алиф»-е бад -он илҳоқ (илова) кардандӣ, чунон ки:

Шеър

Дӯш шабе буд хубу рахшоно,
Парвин пайдоюю моҳ тобоно.

Ва онро «алиф»-и ишбоъ хондандӣ, аз баҳри он ки таваллуди «алиф» ҷуз аз ишбоъ фатҳаи моқабл нахезад ва мутааххирони шуаро истеъмоли ин «алиф»-ро айбе фоҳиш (қабеҳ, зишт) шуморанд ва албатта ҷоиз (раво) надоранд. Ва чун ин мукаддимот маълум шуд, бидон, ки ҳар чи аз ин ҷумла ҳуруфи муфрада ва зоҳираттаркиб аст, чун «алиф»-и дуъо ва нидо ва «алиф»-и таъзиму тааҷҷуб ва «алиф»-и нисбат нашояд, ки равӣ созанд ва бинои шеър бар он ниҳанд, чунон ки Булфараҷ дар қофияе «алиф»-е гуфтааст:



Шеър

Боғҳо роғ кунад ранҷи қудуми маликон,
Роғҳо боғ кунад ямни қудумат, малико.

Ва аммо «алиф»-и фоил, чун «доно» ва «бино», бештари мутааххирон ин «алиф»-отро аз нисфи калима мениҳанд, аз баҳри он ки таркиби он бо калимоте томалмаънӣ наяфтодааст чи дар саҳеҳи луғати дарӣ «бин»-у «дон» ва «шунав»-у «гӯй» авомири (амрҳои) саҳеҳа нест, илло ки чизе дигар ба аввали он дароранд, чунон ки: «бубин»-у «бидон» ва «бишнав»-у «бигӯй» ё гӯянд: «мебин»-у «медон»-у «мешунав». Ва чун тамоми маънии ин калимот дар ин сурат ба «алиф» ҳосил мешавад, онро аз нисфи ин калимот ниҳоданд ва ҷоиз (раво) доштанд, ки онро равӣ созанд, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Қасе чӣ донад, к-ин кӯзпушти миноранг
Чӣ гуна мавлаъи озори мардуми доност,
На хеҷ ақл бар ашколи даври ӯ воқиф,
На хеҷ дида ба асрори ҳукми ӯ биност.

Ва «алиф»»-и «шайдо» ва «пайдо» ва «ҳувайдо» ва «ошкоро» ва «пешво» ва «андарво» ва «ноибо» қавлан ба аҳадан раво бошад, ки равӣ созанд ва «алиф»-и «зебо» ва «шикебо»-ро ба «алиф»-и «шайдо» ва «пайдо» мулҳақ (ҳамроҳшуда) надоранд дар ҷавоз (иҷозат), аз баҳри он ки ҳар ду сиғи (тарзи) наъватанд, ҳамчу «шайдо» ва «пайдо» ва агар чи «зебо» ва «шикебо» зоҳираттаркибанд, бо сабаби он ки аз ин навъ беш аз ин ду калима нест, дар он муҳосилат (саҳлгирӣ) кардаанд. Ва аммо «алиф»-и «асо» ва «маро» ва «туро» ва «шӯрбо» дар ҳар касида яке ҷоиз аст ва агар мукаррар (такрор) шавад дар абьёти дигар, онро айто хонанд ва он аз уюби қофия аст, чунон ки ба ҷои хеш баён кунем. Ва баъзе шуаро «маро» ва «туро» ва «киро» ва «чаро» ба ҳам ҷоиз доранд, ба хилофи «моро» ва «шумо»-ро, аз баҳри он ки «мо» ва «шумо» калимоти тамом аст ва «ма» калимате тамом нест, балки асли он «ман» аст, «нун» андохтаанд ва «ро» бад-он пайваста, пас гӯё «ро» дар ин калима ба ҷои ҳарфи аслӣ аст, ба хилофи «моро» ва «шуморо». Ва чун «туро» ва «киро» ва «чаро» мавсул (якҷоя, ҳамроҳ) менависанд ва «вов»-у «ҳо» аз китобати он андохтаанд ва «ро» бад-он илҳоқ (пайваст) карда, онро низ ҳамчун «маро» шумурдаанд, чунон ки Қоинии Варроқ гуфтааст:

## Шеър

Ҳама малоҳату оҳистагию шарм турост,
Ҳама маломату дилхастагию ишқ марост.
Дили ману дили ту чун ду ёр сохтаанд,
Марост они ту в-они ман, эй нигор, турост.
Маро нишот қарин аст, то ту ёри манӣ,
Дило, ба ноз қаринӣ, беҳ аз нишот кирост!

Ва қиёси он аст, ки агар чунин бар дунболи якдигар надоранд ва дар аснои қасида пароканда оранд, раво бошад. Ва аммо **ҳарфи ҷамъ,** чунон ки «зарҳо» ва «гавҳарҳо» бештари шуаро раво надоранд, ки онро ҳарфи равӣ созанд, ҳамчунон ки «нун»-и «мардон»-у «занон» ва аммо асомии (номҳои) «ё»-и чун «пой» ва «ҷой» ва афъоли (феълҳои) амрӣ чун «дарой»-ю «бикшой» раво бошад, ки барои тавсеъи маҷоми (имконияти) қофия «ё» аз ин калимот биандозанд ва дар қавофӣ «алиф»-е биёранд, чунон ки гуфтаанд:

## Байт

Бо дил гуфтам, ки дар бало афтодӣ,
Ҷам хӯр ғами ишқаш, ки зи по афтодӣ.

Ва «алиф»-оти мамдуда (дорои аломати мадд), ки дар муҳовароти (гуфтугӯи) порсӣ онро мақсура (кӯтоҳ кардашуда) дар лафз оранд, чун «зиё» ва «баҳо» ва «дуъо» ва «риё». Ва «алиф»-оти ҷамъи таксир (шикаста), чун «аъдо» ва «аъзо» ва «ишҳо» (рӯдаҳо) шояд, ки дар қавофӣ «алиф»-е ба кор доранд, валекин бояд, ки аз машҳурот, ки дар гуфту шуниди аҷам мустаъмал бошад, дарнагузаранд ва «алиф»-оти танвин, чунон ки «рояту лаҷулан» ва «аштарайту ҷамалан» нашояд, ки **равӣ** созанд, чи дар ашъори араб ҳам ҷоиз нест, ки бинои қофия бар ин ниҳанд ва агар зарурат афтад, ҳамчун «алиф»-оти ҷамъ бояд, ки аз машҳуроте, ки мутадовили порсигӯён аст, удул (аз ҳадди муайян нагузаранд) накунанд, чунон ки «ҳаққан»-у «умдан»-у «марҳабан»-у «қатъан» ва он чи Хоқонӣ гуфтааст:

Хоқони аъзам, к-аз шараф омад салотинро канаф,
Борони ҷуд аз абри каффи Шарқою Ғарбо рехта.

Аз мустаъмалот нест, аммо ӯро аз ин ҷинси тавиот бисьёр бошад ва ба наздики оммаи шуаро ҳеҷ калимаи



амр ва наҳӣ (манъ) дар қофия ба ҳам ҷамъ нашояд кард, чунон ки «биёй» ва «маёй», «макун»-у «бикун». Ва агар касе раво дорад, онро ваҷҳе (сабабе) метавон ниҳод ба хилофи сифати нафӣ (инкор) ва исбот, чунон ки «рафт»-у «нарафт», ки қатъан бояд, ки раво набошад, чи таркиб дар он зоҳир аст, аз баҳри он ки лафзи «на» калимоте мустақил аст ва дар ифодоти маънӣ ба таркибе мӯҳтоҷ нест ва «ма» дар «макун»-у «магӯй» бе таркиб ҳеҷ маънӣ намедиҳад. Пас «бикун»-у «макун» дар порсӣ ҳамчунон аст, ки дар тозӣ «афъал»-у «лотафъал», ки лафзану маънан мутағайиранд ва «рафт»-у «нарафт» ҳамчунон аст, ки «заҳаб»-у «музаҳаб», ки ҳар ду дар лафз муттафиқанд ва бад-ин эътибор Анварӣ гуфтааст:

Куҷо бимонад, ки иқболи ту ба дасти қабул
Тароифи сухани ман ҳаменагардонад.
Чу пои ман бувад андар рикоби хидмати ту,
Инони муддати ман чарх барнагардонад.
Маро агар ҳунаре ҳаст, ин ду хосат аст,
Ки ҳар киро бувад, аз мардумонаш гардонад.

«Тақдир гардонад»-и аввалин чунон аст, ки намегардонад ба турфа гирди мардумон ва дуввум «инони ман даҳр намепечонад». Ва «гардонад»-и саввум аз зарурату асорат аст.

Ва ҳаму [Анварӣ] гӯяд:

Худои ҷаллу ҷалола зи ман чунин донад,
Ки ҳар кӣ номи худованд бар забон ронад.

Ва Анварӣ гӯяд:

Магар ҳавои ту асли ҳаёт шуд, ки қазо
Бароти умр ба тавқеъи умр ҳамеронад.

Ва [Анварӣ] гӯяд:

Инон ба аблақи айём деҳ, ки роизи ӯ
Саодатест, ки дар маркаби ту меронад.

Ва [Анварӣ] гӯяд:

Ту то мудаббири мулкӣ, шиква тадбират
Зи боми гетӣ тақдири бад ҳамеронад.

Ва ҳаму [Анварӣ] гӯяд:

Хасоисе, ки хавои туросг дар икбол,
Хирад дар он ба таҳайюр ҳаме фурӯ монад.

Ва [Анварӣ] мегӯяд:

Чу номи давлат инфоалкифот бурдам, гуфт:
Ба кори давлат икфоалкифот мемонад.

Ва [Анварӣ] мегӯяд:

Замона мӯҳраи ташвиш бозчид, чу дид,
Ки фитна бо ту ҳамебозаду ҳамемонад.

Ва дар қавофӣ «алиф»и «куҷо» ва «он ҷо» бо ҳам шояд, аз баҳри он ки яке истифҳом (пурсиш) аст ва дигаре ишорат. Ва «он ҷо» ва «ин ҷо» ба ҳам нашояд. Ва «пой» ва «чаҳорпой» ба ҳам шояд. Ва чун қасида мураддаф бошад ва «алиф»-оти зоидаро изофат кунад, чунон ки «донои ӯ», «паҳнои ӯ», «ҷонои ӯ», «зебои ӯ», ҷамъ миёни ин «алиф»-от раво бошад, аз баҳри он ки «алиф» дар ин қавофӣ ҳуруфи ридф аст, чунон ки баъд аз ин баён кунем. Ва ҳарфи равӣ дар ин қавофӣ ҳамзаи мулайянаи изофат аст.

## Ҳарфи «бе»

Ва аз ҷинси «бе» ҳеч ҳарфи зоид, ки ба авохири калимот дарояд, нест, илло калимаи «об», ки дар бисьёр мавозеъ (ҷойҳо) мутакаррир (такрор) мешавад, чунон ки «гулоб»-у «дӯлоб»-у «кӯдоб»-у «селоб»-у «ғарқоб»-у «гирдоб»-у «заҳоб»-у «сароб»-у «буноб»-у «шӯроб»-у «поёб»-у «тезоб»-у «кӯроб»-у «зардоб»-у «хуноб»-у «симоб»-у «сапедоб»-у «хушоб»-у «дӯшоб»-у «қитъаоб»-у «кӯзоб»-у «дӯлоб»-у «симоб»-у «кӯроб»-у «сапедоб»-у «дӯшоб» ба ҳам шояд ва «об»-у «шӯроб»-у «тезоб»-у «паниробь»-у «сароб»-у «буноб»-у «заҳоб»-у «селоб»-у «хуноб»-у «зардоб» ба ҳам нашояд. Ва «об»-у «ҷулоб» ба ҳам шояд ва дар «гулоб» хилофе ҳаст ва бештари мутааххирон раво медоранд «об»-у «гулоб» ба ҳам, яъне «гулоб» моеъе аст ғайри об, маъхуд (маъмул) ҳамчун «дӯшоб» ва аз ин ҷиҳат, Анварӣ мегӯяд:

Шеър

Дил зи бими он ки боде сард бар вай бигзарад,
Рӯзу шаб чунон ки моҳиро биандозӣ зи об.
Чу ду дастат ҳар ду ҳамзоданд ҳамчун рангу гул,
Қай тавон кардан ҷудо ранг аз гулу бӯй аз гулоб.



Ва «тоб»-у «пуртоб» ба ҳам шояд ва «офтоб»-у «моҳтоб» ба ҳам шояд, барои он ки «офтоб» мураккаб нест, аз «оф»-у «тоб», чунон ки «моҳтоб», ки маънии он тоби моҳ аст.

## Ҳарфи «те»

Ва зоиди ин ҷинс ду ҳарф аст.

## Ҳарфи изофат ва замир

Ва он «то»-е аст, ки дар авоҳири асмоъ (номҳо) маънии изофат ба ҳозир диҳад, чунон ки «аспат»-у «ғуломат». Ва дар авохири афъол (феълҳо) маънии замири ҳозир диҳад, чунон ки «медиҳадат» ва «мегӯядат».

## Ҳарфи робита ва исбот

Ва он калимаи «аст» бошад, ки дар авохири калимот фоида (маънии) исботи сифат кунад дар мавсуф (васф кардашуда) ва рабти сифот кунад ба мавсуф, чунон ки «фалон кас омадааст ва нишастааст». Ва ин аз ихтисосоти луғати порсӣ аст ва сухан дар аксар мавозеъ (мавридҳо) бе он тамом набошад ва раво бошад, ки дар васли ҳамзаи он ҳазф кунанд (партоянд) ва гӯянд «фалон кас олим аст ва фалон кас тавонгар аст». Ва «то»-и замиру изофат нашояд, ки равӣ созанд, аммо «то»-и робита ба ҳукми он ки баъзе калимоте муфрад аст, ҷоиз доштаанд, ки дар қасида яке биёяд, чунон ки гуфтаанд:

Шеър

Гуфтанд, ки ёр рухат барбаст,
Пас, вой дилам, агар чунин аст.

Ва чунон ки Саноӣ гуфтааст:

Шеър

Захми тири бало сипаршикан аст,
Ҳеч кас худ зи захми ӯ набираст.

Ва аммо «то»-и таъинияти арабӣ, ки дар вақф (ист ва таваққуф) «ҳо» гардад, чун «ҳурмат»-у «давлат»-у

«неъмат» ва амсоли он, бештари шуарои муфлиқ (нуктасанҷ, нававар) моқабли онро илтизом кардаанд, чунон ки:

Шеър

Худои иззу ҷал чун зи банда тоат хост,
Бикард аввал арзоқи бандагон қисмат.
Расул уммати худро чу суннате фармуд,
Ҳам аз нахуст замон шуд шафоати уммат.

Ва илтизоми моқабл «то»-и қофия кардааст ва чунон ки Саййд Ҳасани Ғазнавӣ гуфтааст:

Шеър

Чу давлат рафт бар тахти иморат,
Маҳи тоҷаш ба зерафт истидорат.
Вазирӣ чист, ҷасту роду муқбил,
Ки бошад дар ҳама кораш маҳорат.

Ва ҳарфи дахилро ба ҷинси хеш нигоҳ дошта ва ин илтизом ба наздики бештари шуаро на аз санъати аънот аст, ки онро лузуми молоялзам хонанд, балки нигоҳ доштани моқабли «то»-и таъинният, албатта воҷиб доранд, агар чи он ҳарф адоди ҳуруфи қофия набошад ва дар он мадхале (дахле) надорад. Ва ин лузум аз он ҷо гирифтаанд, ки дар қавофии аҷам моқабли ҷумла «то»-оти аслӣ сокин аст, чунон ки «маст»-у «даст»-у «рост»-у «хост»-у «бахт»-у «рахт»-у «рафт»-у «гуфт». Ва ҳар ҳарфи сокин, ки моқабли равӣ афтод, дар шеъри форсӣ илтизоми он воҷиб аст, чунон ки дар фасли ридф баён кунем. Пас чун маълуф (одат) ашъори аҷам он бувад, ки моқабли «то»-отро риоят кунанд. Дар алфози арабӣ низ бар он рафтанд ва моқабли «то»-оти арабиро илтизом карданд. Факайф (пас чӣ гуна), ки бештар шуарои араб низ моқабли ҳуруфи замирро дар қавофӣ маръӣ (дар назар) доштаанд, чунон ки «самте» ва «уммате» ва «соате» ва «қомате» ва «савобак»-у «китобак»-у «зилко» ва «минолко», ки дар ин ҳама моқабли ҳарфи замирро илтизом кардаанд. Ва сабабу иллати он дар китоби «Ал-уюб фӣ муқаффӣ ашъор-ул-араб» баён кардаам. Ва баъзе мутааххирон бар асли ҷавоз (изн, иҷозат) рафтаанд ва дар ин «то»-от бар



ҳарфи равӣ иқтисор (қаноат) карда ва бештарини он дар қавофӣ мавсула (восилшуда) бошад, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Эй ҷаҳонро аз эминӣ аз неъмати Туғралтегин,
Ҷовидон мансур бодо рояти Туғралтегин.
Нури зулмат аз ҳузури ғайбати хуршед дон,
Амну ташвиш аз ҳузуру ғайбати Туғралтегин.

Ва Разии Нишопурӣ гуфтааст:

Шеър

Он ки з-ӯ ҳар гардане дар зери бори миннат аст,
Сарвари гетӣ Муҷруддин Носири миллат аст.
Ҳосили даври ҷаҳон Наср Муҳаммад, к-аз кафаш
Мар умеди мунҳазимро ҳар даме сад нусрат аст.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Дуньё сарои офату ҷон махофат аст.
Оромгоҳи накиту маъвои меҳнат аст.
Ганҷи мурод аз он сӯи олам талаб, ҷаро,
Зеро-к з-ин сӯяш ҳама ранҷу мушаққат аст.

**Ҳарфи «се»**

Дар порсии дарӣ нест.

**Ҳарфи «ҷим»**

Аз «ҷим»-и аслӣ ҳеч ҳарф зоид нест ва «ҷим»-и аҷамӣ чун «ҷим»-и «чароғ»-у «чокар».

**Ҳарфи тасғир**

аст ва он «ҷим»-е аст мавсул (васлшуда) ба «ҳо»-и баёни ҳаракат, чунон ки «ғуломча» ва «бодомча» ва «боғча» ва «сароча». Ва дар қофия миёни «ҷим»-и аслӣ ва «ҷим»-и аҷамӣ ҷамъ нашояд кард, чунон ки «панҷ» ва «пахч» ва «хоҷа» ва «сароча», ки равӣ мух-

талиф гардад. Ва «калича» ва «дарича» ва «бозича» ба ҳам шояд ва «кофча» ва «сафча» ва «чумча» ба ҳам шояд. Ва «либоча» ва «сарча» ба ҳам шояд. Ва «олуча» ва «сабуча» ба ҳам шояд ва «ғуломча» ва «бодомча» ба ҳам шояд ва «боғча» ва «токча» ба ҳам нашояд, аз баҳри он ки дар ҳар ду тасғиррост.

### Ҳарфи «ҳе»

Дар порсӣ нест.

### Ҳарфи «хе»

Аз ин ҳарф илло ҳарфи мавзеъ (ҷой) наёфтам, чунон ки «санглох» ба маънии сангистон ва «девлох», яъне ҷои девон ва он хонаҳои харобу ҷойҳои назеҳи (тозаю босафои) бисьёробу гиёҳро гӯянд, ки дар шаоби (дараҳою тангноҳои) кӯҳҳо ва мавозеъи (ҷойҳои) ғайри моҳул бошад.

### Ҳарфи «дол»

Ва он «мим»-у «нун»-у «дол»-е аст, ки дар охири сифот (сифатҳо) ба маънии наът бошад, чунон ки «донишманд»-у «ҳоҷатманд»-у «ҳунарманд»-у «дардманд» ва наздик бад-ин маънӣ «худованд»-у «хешованд»-у «бованд», яъне банд, ки бар пой ниҳанд ва «ованд» хунурот (зарфҳо)-ро гӯянд ва ҳамоно дар асл «обванд» будааст ва

### Ҳарфи робита ва ҷамъ

Ва он «нун»-у «дол»-е аст, ки дар охири сифот фоидаи (маънии) рабти (алоқаи) сифат ба ҷамоат диҳад, чунон ки «олиманд»-у «тавонгаранд» ва дар ҷамъ гӯянд: «меоянд»-у «мераванд» ва «рафтанд»-у «омаданд». Ва дар қавофӣ «дол»-е «худованд»-у «хешованд» ба ҳам шояд, аз баҳри он ки машҳуруттаркиб нест ва ба касрати истеъмолу қиллати (камии) амсолу (монандиҳо) ахавот (ҳамҷинсҳо) аз калимоти муфрада менамояд ва «хирадманд»-у «ҳунарманд» ба ҳам нашояд ва «мустаманд»-у «дардманд» ба ҳам нашояд, аз баҳри зуҳури таркиб. Ва «донишманд»-у «ҳоҷатманд» ба ҳам шояд, агар чи ваҷҳи (сурати) таркиб дар «ҳоҷатманд» зоҳиртар аст, аммо чун «донишманд» исми омгашта



аст, олимонро ба исме муфрад монанд шудааст. Ва аз ин ҷиҳат, ҳар ду бо ҳам қофия месозанд, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Одамизода бегунох набувад,
З-он ба кифори туст ҳоҷатманд.
Шахсу динату диати эзид,
Бениёз аз табибу донишманд.

### Ҳарфи «зол»

Завоиди (миқдори) он се аст.

### Ҳарфи музореъ (монанд)

Ва он «зол»-е муфрад аст, ки дар авохири калимот феълро сиғати (шакли) музореъ (монанд) гардонад, чунон ки «ояд»-у «равад» ва «мегӯяд»-у «мешунавад».

### Ҳарфи замир

Ва он «ё» ва «дол»-е аст, ки дар охири калима фоидаи (маънии) замири ҷамоати ҳозирон диҳад, чунон ки «меоед»-у «меравед» ва рабтро (алоқаро) низ бошад, чунон ки «олимед»-у «тавонгаред».

### Ҳарфи дуъо

Ва он «алиф»-ею «дол»-е аст, ки дар авохири афъол (феълҳо) маънии дуъо диҳад, чунон ки «бирасод»-у «бидиҳод» ва сиғати хоссаи дуъо «бод»-у «мабод» аст ва дар асл «бувод»-у «мабвод» будааст ва «у»-и тахфифро ҳазф кардаанд (партофтаанд). Ва дар қавофӣ «дол»-е «ҳафтод»-у «ҳаштод» ба ҳам шояд. «Афтод»-у «бадафтод» ба ҳам нашояд ва «кушод»-у «накшод» ба ҳам нашояд, аммо «дод»-у «бедод» ба ҳам шояд, аз баҳри он ки лафзи «бедод» исми олам аст зулмро, на чунон ки лафзи «беасп»-у «бемол» ва монанди он ки таркиби ин калимот машҳуру маълум аст. Ва «суд»-у «номақсуд» ба ҳам шояд ва «падид»-у «нопадид» ба ҳам шояд ва ҷумла алфози мозӣ (замони гузашта), чун «рафт»-у «гуфт»-у «омад»-у «шуд»-у «дид»-у «шунид»-у «кард»-у «озард» ва ғайри он шояд, ки қофия

созанд ба хилофи алфози музореъ (монанд), ки сиғи мозии (сиғаи замони гузаштаи) калимоти муфрадаанду сиғи (сиғаи) мустақили мураккабанд.

Ва бидон, ки дар сахеҳи луғати дарӣ моқаблч «дол»-и мӯҳмала, илло «ро»-и сокин, чунон ки «дард»-у «мард» ё «зо»-и сокин, чунон ки «дузд»-у «музд» ё «нун»-и сокин, чунон ки «каманд»-у «газанд» набошад. Ва ҳар «дол», ки моқабли он яке аз ҳуруфи мадду (дарозию) лин (нармию мулоимӣ) аст, чунон ки «бод»-у «шод»-у «суд»-у «шунуд»-у «дид»-у «калид» ё яке аз ҳуруфи саҳеҳи мутаҳаррик аст, чунон ки «намад»-у «сабад»-у «дод»-у «омад», ҳама «дол»-и мӯъҷамаанд. Ва дар забони аҳли Ғазнину Балху Мовароуннаҳр «дол»-и мӯъҷама нест ва ҷумла «дол»-оти мӯҳмала дар лафз оранд, чунон ки гуфтаанд:

Аз дур чу бинӣ маро, бидорӣ,
Пеши рухи рахшанда даст амдо.
Чун ранги шароб аз пиёла гардад,
Ранги рухат аз пушти даст пайдо.

Ва «дол»-у «зол» ба ҳам қофия карда, аз баҳри он ки эшон ҳама «дол»-оти мӯҳмала дар лафз оранд.

### Ҳарфи «ре»

Ва завоиди (микдори) он даҳ аст.

### Ҳарфи фоил

Ва он «коф»-у «алиф»-у «ро» аст, ки дар авохири афъол (феълҳо) маънии фоилият диҳанд, чунон ки «кирдгор»-у «офаридгор»-у «омӯзгор» ва дар авохири асмою (исмҳою) сифот (сифатҳо) маънии наът (ситоиш) диҳад, чунон ки «созгор»-у «комгор»-у «омӯзгор» ва наздик бад-ин маънӣ «ёдгор»-у «рӯзгор».

### Ҳарфи ҳирфот (касб, ҳунар) ва синоат

Он «коф»-у «ро» аст, ки дар авохири асомӣ (исмҳо) маънии ҳирфат (касбу ҳунар) диҳад, чунон ки «заргар»-у «косагар»-у «тиргар».

### Ҳарфи масдар

Ва он «коф»-у «ро» аст, ки дар авохири баъзе афъол (феълҳо) маънии масдарӣ диҳад, чунон ки «рафтор»-у



«гуфтор»-у «кирдор» ва дар баъзе калимот маънии сифат диҳад, чунон ки «куштор»-у «мурдор»-у «харидор»-у «гирифтор»-у «хостор»-у «фурӯшор».

### Ҳарфи шакл ва шабеҳ

Ва он «син»-у «алиф»-у «ро» аст, ки дар авохири асмоъ (исмҳо) маънии ташаккулу ташбеҳ диҳад ба чизе, чунон ки «шармсор»-у «нагунсор»-у «гурзи говсор» ва ба маънии мавзеъ низ бошад, чунон ки «кӯҳсор»-у «рухсор»-у «шохсор».

### Ҳарфи тафзил (афзалият)

Ва он «то»-ю «ро» аст, ки дар авохири баъзе асомӣ (номҳо) маънии лаёқату шоистагии чизе диҳад, чунон ки «гӯшвор»-у «шоҳвор»ва наздик ба ҳамин маънӣ «ҷомавор»-у «номавор»-у «хонавор», яъне ба андозаи ҷомаю хонаю лоиқи нома. Ва баъзе мушобаҳат (ба ҳам монандӣ) ҳам бошад, чунон ки «мардвор»-у «туркивор», яъне монанди мардону туркон.

### Ҳарфи саҳобат

Ва он «вов»-у «ро» аст, ки дар авохири баъзе асомӣ (номҳо) маънии худованди чизе диҳад, чунон ки «пешавар»-у «ҳунарвар»-у «тоҷвар» ва ба ҳамин маънӣ «ранҷур»-у «муздур»-у «дастур», яъне худованди ранҷу мустаҳаққи (мӯҳтоҷи) музду худованди дасту мансаб ва он чи ичозатро дастуре хонанд, аз ин аст, яъне ӯро соҳиби як (даст) гардонидааст бар он кор.

### Ҳарфи майлу шаҳват

Ва он «бо» ва «алиф»-у «ро» аст мавсул (васлшуда) ба «ҳо»-и баёни ҳаракат, ки дар авохири асомӣ (номҳо) маънии майлу шааф (шефтагӣ) диҳад ба чизе, чунон ки «ғуломпора» ва «руспипора» ва «суханпора» ва «ҷомапора», яъне «писардӯст»-у «руспидӯст» ва «сухандӯст»-у «ҷомадӯст».

### Ҳарфи мағрас ва мабнат

Ва он «зо» ва «алиф»-у «ро» аст, ки дар авохири наботҳо (растаниҳо) маънии ихтисоси мавзеъ диҳад

бад-он, чунон ки «киштзор»-у «лолазор»-у «гулзор» ва ба ҳамин маънӣ «ҳиндбор»-у «дарьёбор».

### Ҳарфи сифат

Ва он «дол»-у «алиф»-у «ро» аст, ки дар авохири баъзе асомӣ (номҳо) маънии сифат диҳад, чунон ки «обдор»-у «тобдор»-у «поядор» ва ҳамчунин «ҷондор»-у «пардадор»-у «роҳдор».

Ва дар қавофӣ «ро»-и «кирдгор»-у «омӯзгор» ба ҳам нашояд ва «ситамгор»-у «зиёнгор» нашояд ва «мардвор»-у «далервор» нашояд ва «ҷомавор»-у «номавор» нашояд ва «рафтор»-у «гуфтор»-у «кирдор» ба ҳам нашояд ва баъзе «гуфтор»-у «кирдор» ба ҳам раво доштаанд, аз баҳри он ки аз ин ҷинси масдар беш аз ин нест ва иттироде (пай дар пай шудани коре) надорад дар соири (боқимондаи) калимот, пас гӯй: ду-се калимаи муфрад аст бар як вазн ва «роҳвор»-у «шоҳвор» ба ҳам шояд ва «дидор»-у «харидор» ба ҳам шояд ва «кӯҳсор»-у «рухсор» шояд ва «киштзор»-у «корзор» ба ҳам шояд ва «уступор»-у «гӯшвор» шояд ва «анбарбор»-у «гавҳарбор» ба ҳам нашояд ва «лолазор»-у «пунбазор» нашояд ва «гушёр»-у «ҳушёр» ба ҳам шояд ва «мундор»-у «киштор» ба ҳам шояд ва баъзе «ҳамдбор»-у «рангбор» ба ҳам раво доштаанд, яъне ҳар як исм вилояте аст ва қиёс он аст, ки раво набошад, ҳамчунон ки «лолазор»-у «киштзор» ва «ҳазор»-у «даҳҳазор» ба ҳам нашояд ва «обдор»-у «пойдор» ба ҳам шояд, чун маънӣ мухталиф бошад, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Чун силки маъонӣ низом додам,
З-он то суханам обдор бошад.
Хуршед кусуфи фано набинад,
То қасри туро пардадор бошад.
Мулке чу ҷаҳон пойдор ёбӣ,
Худ мулк чунин пойдор бошад,

ки «обдор» ба маънии таровату равнақ аст ва «пойдор» ба маънии собиту доим. Ва «беҳтар»-у «бадтар» ба ҳам нашояд ва «роҳбар»-у «пайғамбар» ба ҳам шояд ва «пор»-у «перор» ба ҳам шояд ва «парер»-у «паспарер» нашояд ва «бегир»-у «кафгир»-у «шабгир» ба



ҳам шояд ва «анҷир»-у «беданҷир» шояд ва «заргар»-у «хуньёгар» ба ҳам шояд ва «ҳунарвар»-у «суханвар» нашояд ва «гузар»-у «ногузар» ба ҳам нашояд ва «ранҷур»-у «муздур» ба ҳам шояд, аз баҳри он ки машҳуруттаркиб нест. Ва «беназир»-у «дилназир» ба ҳам шояд ва «роҳдор»-у «ҷондор» ба ҳам шояд ва «рикобдор»-у «силоҳдор» ба ҳам нашояд ва «бегустар»-у «додгустар» ба ҳам шояд ва «дилбар»-у «роҳбар» ба ҳам шояд ва «кеҳтар»-у «меҳтар» ба ҳам нашояд, илло ки яке исм бошад.

### Ҳарфи «зо» (ز)

Ва аз ин ҷинс ҳеҷ зоид нест, илло

### Ҳарфи лаъб

Чунон ки «ҳуққабоз»-у «амудбоз» ва «зангбоз»-у «ҷомабоз» ва дар қавофӣ «зо»-и «соз»-у «нособ» ба ҳам шояд ва «корсоз»-у «бисоз» шояд ва «бисоз»-у «дер боз» ва «боз»-у «ҳуққабоз» ба ҳам шояд ва «ҳар рӯз»-у «имрӯз» ба ҳам шояд. Ва баъзе шуаро «рӯз»-у «наврӯз» ба ҳам ҷоиз доштаанд, яъне «наврӯз» номи рӯзе муайян аст ва на ба маънии рӯзи нав аст. Ва «ҳунарварз»-у «кишоварз» ба ҳам шояд ва «суханварз»-у «кишоварз» ба ҳам шояд ва «суханварз»-у «ҳунарварз» нашояд ва «омад боз»-у «аз дӣ боз» ба ҳам шояд.

### Ҳарфи «син» (س)

Ва аз ин ҷинс ҳеҷ зоид нест, илло

### Ҳарфи шаклу ҳайат

Ва он «дол»-у «ё»-ю «син» аст, ки дар авохири баъзе асомӣ (номҳо) маънии шаклу шабеҳ диҳад, чунон ки «мардумдес»-у «хонадес»-у «турунҷдес». Ва Фаррухӣ гуфтааст:

Яке хона кардаст фархордес,
Ки бифрӯзад аз дидани ӯ равон.

Ва Фархор бутхона бошад ва тандес (назир) тимсол бошад. Ва дар қавофӣ «син»-и «ос»-у «дастос»-у «харос» ба ҳам нашояд, магар маънии мухталиф бошад, чунон ки Сайид Ҳасан гуфтааст:

Шеър

Бихоҳ ҷом, ки сар ҷарб кард хасм туро,
Ба шишаи тиҳӣ ин обгинаранг харос.
Мувафиқонро бонст намоладу чи аҷаб,
Дар осиёи фалак сунбула нагардад ос.

Яъне орд нагардад ва лафзи «ос» ҳам бар осиё итлоқ (адо) кунанд ва ҳам бар он чи осиё хард (гил, лой) кунад. Ва «дастрас»-у «фарьёдрас» ба ҳам шояд ва «ҳар кас»-у «нокас» ба ҳам шояд.

### Ҳарфи «шин» ( ش )

Ва завоиди он ду аст.

### Ҳарфи мушобаҳат

Ва он «вов»-у «шин»-е аст, ки дар авохири асомӣ (номҳо) фоидаи (маънии) мушобаҳат (монандӣ) диҳад, чунон ки «лоҳват»-у «ҳурват»-у «подшоҳваш».

### Ҳарфи масдар ва замир

Ва он «шин»-е муфрад аст, ки дар авохири (охирҳои) авомир (амрҳо) маънии масдар диҳад, чунон ки «равиш»-у «диҳиш»-у «парвариш» ва дар авохири афъол (феълҳо) замири ғоиб бошад, чунон ки «додаш»-у «гуфташ» ва «мебарадаш»-у «медиҳадаш» ва дар авохири асмоъ (исмҳо) маънии изофат ба ғоиб диҳад, чунон ки «аспаш»-у «молаш»-у «ғуломаш». Ва дар қавофӣ «шин»-и «моҳваш»-у «ҳурваш» ба ҳам нашояд ва «хуш»-у «нохуш» ва «ҳуш»-у «беҳуш» шояд, агар яке ба маънии ақл бошаду яке ба маънии муғмии алайҳи хеш ва аз они хеш ба ҳам шояд. Агар яке ба маънии хешованд бошаду яке ба маънии худ ва «каш»-у «кашокаш» ба ҳам шояд ва «беш»-у «камбеш» нашояд ва «кеш»-у «бадкеш» нашояд, илло ки маънӣ мухталиф бошад. Ва «ҷӯш»-у «сарҷӯш» ба ҳам шояд ва «дарпӯш»-у «сарпӯш»-у «шапӯш» ба ҳам шояд ва «битарош»-у «қаламтарош» ба ҳам шояд ва «парвариш»-у «диҳиш» ба ҳам нашояд, чунон ки Қамоли Исфаҳонӣ гуфтааст:

Шеър

Эй зи роят мулку дин дар нозишу дар парвариш,
Эй шаҳаншоҳи фаридунфарри искандарманиш,



Теғи ҳукмат офтоби гармрӯро пай кунад
Тоби азмат оварад хоки заминро дар равиш.
Муқтабас аз шӯълаи роят шуои офтоб,
Мустаор аз нафҳаи хулқат насими хушдамиш.
Ба сар омад гавҳари теғи ту дар рӯзи набард,
Ба сар ояд ҳар киро з-он даст бошад парвариш.

Ва дар бештари абьёти ин шеър «шин»-и масдарро р а в ӣ сохтаанд. Ва агар ин ҷоиз доранд, пас «нун»-и масдар низ ҷоиз бояд дошт, чунон ки «кардан»-у «гуфтан»-у «намудан»-у «овардан» ва монанди он ва иттифоқ аст, ки ин «нун»-отро равӣ нашояд сохт ва агар зарурат афтад, дар ҳар як қасида яке беш нашояд, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Эй ниҳон гашта дар бузургии хеш
В-аз бузургӣ з-осмон дар пеш.
Офтоб инчунин буд, ки туй,
Ошкору ниҳон зи тобиши хеш.
Эй тавонгар, зи ту басит замин
В-аз назири ту осмон дарвеш.
Шод бош, эй ба мӯъҷизоти карам
Марьяме аз ҳазор Исо беш.
То нагӯй, ки шеър мухтасар аст,
Мухтасар нест, то туй маънеш.

Ва чун дар шеър ба истеъмоли ҳарфе аз ҳуруфи завоид эҳтиёҷ афтад, ҳароина (албатта) моқабли онро равӣ бояд сохт ва онро в а с л шумурд, чунон ки гуфтаанд:

Шеър

Эй дил, нашудӣ душмани савдош ҳанӯз
Ҳам мебахарӣ ишваи фардош ҳанӯз.
Ҳам сер ноёмадӣ зи ғамҳош ҳанӯз,
То аз ту ба ман чиҳо расад, бош ҳанӯз,

ки дар ин шеър чун хост, ки «шин»-и изофат биёрад, моқабли онро равӣ сохт ва «шин»-и «бош»-ро басо он ки аслӣ аст, ҳамчун «шин»-ҳои зоид васл гардонид ва шоир чун ҳарфе аслӣ бо зоид истеъмол кунад, ҳарфи аслиро ҳукми ҳарфи зоид кунанд, чунон ки бознамуда оянд.

[Ҳарфҳои] **«сод»-у «зол»-у «той»-у «зо»-у «айн»-у «қоф»**

дар форсӣ нест ва аз ҷинси (ҳарфҳои) «ғайн»-у «фо» ҳеҷ харфи зоид нест, ки ба авохири калимот мулҳақ бошад.

### Ҳарфи «коф» (ک)

Ва завоиди он се аст.

### Ҳарфи тасғир

чунон ки «мардак»-у «писарак».

### Ҳарфи бадал

Ва он «коф»-е аст аъҷамӣ (камистеъмол), ки дар васл бадали ҳамзаи мулайяна дар лафз оранд, чунон ки «бандакак»-у «бандагӣ»-ю «бандагон»-у «доякак»-у «доягӣ»-ю «доякон».

### Ҳарфи сифат

Ва он «нун»-у «алиф»-у «коф»-е аст, ки дар авохири асмо (исмҳо) маънии наът диҳад, чунон ки «ғамнок»-у «саҳмнок» ва гӯянд: «ин ҷомае бурзнок аст» ва «хоке регнок аст». Ва дар қавофӣ «коф»-е миёни «коф»-и аслӣ ва «коф»-и аъҷамӣ (камистеъмол) ҷамъ нашояд кард, чунон ки гӯянд: «фалак»-у «самак» ва он гоҳ гӯянд: «раг»-у «таг» ва «обнок»-у «хокнок» ба ҳам нашояд. Ва «бурзнок» бо «мушкнок» ба маънии мушки дағал шояд, чунон ки Муҷир гуфтааст:

Мисраъ

Ба шоми нокдеҳу офтоби рохнишин.

### Ҳарфи «лом» (ل)

Ва дар қавофӣ «лом»-и «сол»-у «амсол» ба ҳам шояд ва «сол»-у «ҳар сол» нашояд ва «бимол»-у «гӯшмол» шояд ва «кӯпол»-у «полопол» шояд ва «дол»-у «зол» ба ҳам шояд ва «бемӯл»-у «муломӯл» шояд ва «мол»-у «бемол» нашояд ва «мол»-у «амвол» ва «ҳол»-у «аҳвол» ба ҳам нашояд ва «дил»-у «буздил» ба ҳам шояд ва «пул»-у «сари пул» ба ҳам шояд, ки Сари Пул



шаҳраке ҳаст наздики Самарқанд, бар канори об, чунон ки «пул» бо «Вайкул», ки аз вилояти Гулшон аст. Ва «чол»-у «аспи чол» ба ҳам шояд.

### Ҳарфи «мим» (م)

Ва завоиди он се аст.

### Ҳарфи изофат ва замир

Ва он «мим»-е муфрад аст, ки дар авохири асмо (исмҳо) фоидаи (натиҷаи) изофат диҳад ба нафси хеш, чунон ки «ғуломам»-у «аспам»-у «бародарам» ва дар авохири афъол (феълҳо) фоидаи (натиҷаи) нафс диҳад, чунон ки «омадам»-у «рафтам»-у «меоям»-у «меравам» ва дар авохири сифот (сифатҳо) фоидаи (маънии) рабти (алоқаи) сифат диҳад ба нафс, чунон ки «олимам»-у «тавонгарам» ва дар ҷамъ гӯянд: «олимем»-у «тавонгарем».

### Ҳарфи адад

Ва он «мим»-е муфрад аст, ки дар авохири аъдод (ададҳо) толимими (ба охир расидани) адади мутақаддим (пешина) фоида (натиҷа) диҳад, чунон ки «дуввум»-у «саввум»-у «чаҳорум».

Ва дар луғати араб сиғати «солис»-у (саввуму) «робеъ»-у (чаҳоруму) «хомис»-ро (панҷумро) мутаммим (тамомкунандаи) моилия (майлкунанда) мин (аз) аладод хонанд, яъне чун гуфтӣ дуввум, яке, ки мутақаддим аст, бад-ин адад ду шуд ва чун гуфтӣ саввум, ду адад, ки пеш аз ин аст, бад-ин се шуд. Ва бар ин қазият (ҳукм) бонстӣ, ки якум нагуфтандӣ, аз баҳри он ки пеш аз яке ҳеҷ нест, ки яке мутаммими (тамомкунандаи) он шавад, илло он ки чун мухассаси (хоси) мутлақи адад аст, ин итлоқ (озодӣ) бар вай раво доштаанд.

### Ҳарфи талаввун

Ва он «бо»-ю «алиф»-у «мим»-е аст, ки дар авохири алвон (рангҳо) маънии талаввуни (тағйир ёфтани) фоида (натиҷа) диҳад, чунон ки «сурхбом»-у «сиёҳбом». Баъзе «фо»-и аъҷамӣ (камистеъмол) дар лафз оранд, гӯянд: «сурхфом»-у «сиёҳфом». Ва дар қавофӣ «мим»-и

«ном»-у «дашном» ба ҳам шояд ва «ном»-у «некном» ба ҳам нашояд. Ва «дам»-у «дамодам» ба ҳам шояд ва «ком»-у «ноком» ба ҳам шояд, агар маънии мухталиф бошад. Ва «бо ҳам»-у «марҳам» ба ҳам шояд.

Ва аз ҷинси «мим»-оти зоида дар қавофӣ «мим»-е яке беш нашояд, ки дар қасидае биёранд, ҳамчунон ки соири ҳуруфи завоид, чунон ки Рӯдакӣ гуфтааст:

Шеър

Воҷиб набвад ба кас бар афзолу карам,
Воҷиб бошад ҳароина шакар ноам.
Тақсир накард хоҷа дар навоҷиб,
Ман дар воҷиб чӣ гуна тақсир кунам?

**Ҳарфи «нун» (ن)**

Ва завоиди он ҳашт аст.

**Ҳарфи сифату ҷамъу тааддияту изофату тақвият**

Ва он «алиф»-у «нун»-е аст, ки дар авохири афъол (феълҳо) маънии иттисоф (сифати касе) диҳад ба сифоте монандаи афъол, чунон ки «хандон»-у «гирьён» ва «афтон»-у «хезон» ва дар авохири асмоъ (номҳо) фоидаи (натиҷаи) ҷамъ диҳад, чунон ки «мардон»-у «занон» ва «аспон»-у «дарахтон» ва дар авохири авомири (амрҳои) саҳеҳа фоидаи (натиҷаи) тааддият диҳад, чунон ки «бихандон»-у «бигирьён» ва «бархезон»-у «бирасон» ва дар сиғаи изофат фоидаи (натиҷаи) ҷамъ диҳад, чунон ки «аспам»-у «аспамон» ва «аспат»-у «аспатон» ва «аспаш»-у «аспашон». Ва дар авохири (охирҳои) авқот (вақтҳо) ва азмина (замонҳо) маънии тақвият диҳад, чунон ки «саҳаргоҳон»-у «бомдодон» ва «ногаҳон»-у «бегоҳон». Ва ҳарфи ҷамъ чун мавсул (васлшуда, пайваста) бувад ва «ҳо»-и баёни ҳаракот, маънии лаёқату мушобаҳат (монандӣ) диҳад, чунон ки «мардона» ва боз «шоҳона» ва «бузургона».

**Ҳарфи зарф**

Ва он «дол»-у «алиф»-у «нун»-е аст, ки дар авохири асмоъ (номҳо) фоидаи (натиҷаи) зарфият диҳад, чунон ки «қаламдон»-у «намакдон»-у «обдон».



**Ҳарфи нисбату такрири аъдод**

Ва он «коф»-у «алиф»-у «нун»-е аст, ки дар авохири баъзе асмоъ (номҳо) маънии нисбат диҳад, чунон ки «дар макон»-у «гаравгон», яъне он чи мол шуморанд ва он чи гаравро шояд. Ва, чунон ки «модаргон»-у «падаргон», яъне он чи ба фарзанд расида бошад аз модар ва падар ва «худойгон», яъне гумоштаи худо бар халқ. Ва «ройгон» дар асл «роҳгон» будааст, ҳарфи «ҳо» ба ҳамзаи мулайяна бадал карданд ва ба сурати «ё» менависанд, яъне он чи дар роҳ ёбанд бе бадали ивазе ва таҳаммули машаққати касбе ва саъйе. Ва «шойгон» ҳамчунин дар асл «шоҳгон» будааст, яъне коре, ки ба ҳукми подшоҳ кунанд бе музду миннат, чунон ки Шаҳиди шоир гуфтааст:

Мисраъ

Мафармой дарвешро шойгон.

Ва гӯянд «бекор»-у «шокор», яъне кори ба ҳукму зӯру бе музд. Ва «ганҷи шойгон», яъне ганҷе, ки шоҳон ниҳода бошанд ё ганҷе, ки лоиқи шоҳон тавонад буд ва он чи Рашид гуфтааст:

Шеър

Ашъор бар бадоеъ дӯшизаи ман аст,
Бе шойгону лек беҳ аз ганҷи шойгон.

Яъне бе қавофӣ нодир аст, ки ҳарфи р а в и и он а с л ӣ набошад ва ба ҳукми он ки шоир дар истеъмоли ҳуруфи ҷамъ, чун «мардон»-у «занон» ва соири (боқимондаи) ҳуруфи завоид ба ҷои ҳарфи р а в ӣ, чун «алиф»-и «малако» ва «шарақо» ва «ро»-и «рафтор»-у «гуфтор» ва «нун»-и «омадан»-у «рафтан» ва амсоли он саъйи андеша ва равияте набурдааст ва ба эроди он дар ҷумлаи қавофоти саҳеҳ, ки ҳарфи равии он аз асли калима бошад, мутаҳаккам (ҳукмкунанда) аст, он қавофиро ш о й г о н хонданд, чунон ки Азрақӣ гуфтааст:

Шеър

Он ҳумоми давлати олӣ, ҷамоли дини ҳақ,
Он фахори ҷамъи шоҳон, мафхари Салҷуқиён.

Мисраъ

Роғҳо боғ кунад ямни қудумат, малико.

Ва чунон ки Қамол Исмоил гуфтааст:

Мисраъ

Эй зи роят мулку дин дар нозишу дар парвариш.

Ва чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Байт

То нагӯй, шеър мухтасар аст,
Мухтасар нест, чун туй маънияш.

Ва «коф»-у «алиф»-у «нун» чун ба авохири аъдод дарояд, такрири (такрори) адад фоида (натиҷа) диҳад, чунон ки «дугон»-у «сегон»-у «чаҳоргон» ба маънии ду-ду ва се-се ва чаҳор-чаҳор.

**Ҳарфи ҳифзу ҳаросат**

Ва он «бо»-ю «алиф»-у «нун»-е аст, ки дар авохири асмоъ (номҳо) маънии нигоҳ доштани он чиз диҳад, чунон ки «галабон»-у «боғбон»-у «дарбон».

**Ҳарфи масдар**

Ва он «нун»-е аст муфрад, ки дар авохири афъоли (феълҳои) мозӣ (замони гузашта) маънии масдар орад, чунон ки «омадан»-у «рафтан».

**Ҳарфи мавзеъ**

Ва он «син»-у «то» ва «алиф»-у «нун» аст, ки дар авохири асмоъ (номҳо) маънии тахсиси (махсуси) мавзеъ диҳад бад-он чиз, чунон ки «Туркистон»-у «кӯҳистон»-у «бемористон».

**Ҳарфи мушобаҳат**

Ва он «син»-у «алиф»-у «нун» аст, ки дар авохири асмоъ (номҳо) фоидаи (натиҷаи) мушобаҳат (монандӣ) диҳад, чунон ки «мардумсон»-у «дигарсон» ва ҳам бад-ин маънӣ: «дигаргун»-у «гандумгун».



**Ҳарфи тахсис**

Ва он «ё» ва «нун» аст, ки дар авохири асмоъ (номҳо) маънии тахсиси (махсуси) моҳияти чизе диҳад ба баъзе аз сифот, чунон ки «заррин»-у «симин»-у «амсолин»-у «борин»-у «панҷумин»-у «ҳафтумин» ва дар баъзе сифат «коф»-е дарафзоянд, чунон ки «ғамгин»-у «соҳигин»-у «каргин»-у «шӯхгин».

Ва дар қавофӣ «нун»-е «соябон»-у «посбон»-у «меҳрубон» ба ҳам шояд ва «боғбон»-у «даштбон» ба ҳам нашояд ва «обдон»-у «новадон»-у «занахдон» ба ҳам шояд ва «хандон»-у «гирьён» ба ҳам шояд ва он чи Абулаббоси Имомӣ гуфтааст:

Шеър

Ду чашмаки бурзбаледи чашмбандон,
Ду ёқутаки ҳамеша ханд-хандон.
Яке мар тан дарситонро ғаму дард,
Якеро ба сӯи дарди дардмандон.

Ҳарфи равӣ «дол» аст ва «алиф»-у «нун» васл ва агар қофият «нун» карда будӣ, шойгон будӣ. Ва «бихандон»-у «бигирьён» ба ҳам нашояд, аз баҳри он ки ҳарфи таъдият ба калимоте томалмаънӣ мулҳақ (пайваста) шудааст, яъне нахуст феъле лозим бибояд, то чун «алиф»-у «нун» бад-он пайвандад, феъле мутааддӣ шавад, чунон ки «биханд»-у «бихандон» ва «бирас»-у «бирасон» ва «бархез»-у «бархезон» ба хилофи «хандон»-у «гирьён», ки «алиф»-у «нун» дар он ҷо ба калимоте томалмаънӣ мулҳақ нест. Ва чанд калима аз мутааддиёти афъол ҳаст, ки «алиф»-у «нун» дар он сиғ (шакл) аз нисфи калима аст, чунон ки «бӯстон»-у «бар он» ва «биншон»-у «бихон», барои он ки ҳарфи таъдия дар ин калимот ба феъле лозим дарнаёмадааст, пас киёс он аст, ки ин «нун»-ҳо шояд, ки равӣ созанд, ҳамчунон ки «хандон»-у «гирьён» ва дар қавофӣ мавсул (васлшуда) раво доштаанд, ки ҳарфи таъкидро равӣ созанд, чунон ки:

Шеър

Ман хок чунон бозам, ки зулфи ту ҷунбонад.

Ва чунон ки Анварӣ гуфтааст:

На дар висоли ту бахтам ба коми дил бирасонад.
На дар фироқи ту умрам зи хештан бираҳонад.

Ва гуфтааст:

Шеър

Ҳамеша, то ки зи таъсири чарху гирьяи абр,
Даҳони ғунчаи гулро сабо бихандонад.
Лаби муроди ту аз ханда ҳеҷ баста мабод,
Ки хасмро ба сазо хандаи ту гирьёнад,

Ва аз баҳри он дар қавофӣ муқайядро (ба қайд афтода) раво надоштанд, ки ҳарфи сокин заъиф бошад ва чун ҳарфи равӣ мустанади (асоси) байт аст ва бинои шеър ба равӣ аст, нахостанд, ки дар вай ду заъф бошад, яке сукун ва адами (набудани) ҳаракат ва яке он ки аз калимаи қофия аҷнабӣ (бегона) бувад. Аммо чун равӣ мутаҳаррик бошад ва баъд аз ӯ сокине бувад, ки маҳалли (мавриди) вақф (ист ва таваққуф) гардад ва ӯ бад-он сабаб ба миёни қофия наздиктар афтад, шояд, ки ӯро қоиммақоми (ҷонишини) ҳарфе аслӣ донанд ва дар қавофӣ ба қуввати васл ҷанд чиз мутаҳаммил (борбардор) аст, ки бевасл набошад.

Яке истеъмоли ҳуруфи завоид дар мавозеъи ҳуруфи аслӣ, чунон ки мисоли он дар ҳарфи таъдис бознамудам ва мисоли дигар зиёдати баёнро истеъмол. Ҳуруфи ҷамъ, чун «мардон»-у «занон», ки дар қавофӣ муқайяди онро айб шуморанд ва он қофияро шойгон хонанд ва чун «нун»-и ҷамъ ба «ҳо»-и баён ширкати мавсул шуд, раво бошад, ки онро равӣ созанд, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Аё пой аз он хитта бартар кашида,
Ки бошад зери дасти эшон замона.

Қитъа

Ки то рӯзи равшан ниюшию нӯшӣ,
Самоъи муғаннӣ, шароби муғона.
Чу андар утоғ омадӣ, нонишаста,
Фурӯ рехтӣ хӯрдан сӯфиёна.



Ки аҳволи олам навое надорад,
Дило, чанд ин ҳолат аблаҳона.

Ва дигар ихтилофи ҳаракати тавҷеҳ, ки дар қавофӣ муқайяд раво надоранд, чунон ки «ҷокар»-у «камтар»-у «носар» ва дар қавофии мутлақ шояд.

Чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Эй мусулмонон, фиғон аз даври чархи чанбарӣ
В-аз нифоқи Тиру қасди Моҳу сабри Муштарӣ.

Ва дар ин қасида гуфтааст:

Шеър

Ман намедонам, ки ин навъ аз суханро ном чист,
Не нубувват метавонам гуфтанаш, не соҳирӣ.

Ва гуфтааст:

Шеър

Аз ҳасад чун мумтадӣ шуд мард, рӯй ораш ба қазф,
Меъдаҳои бадмизоҷонро қай афтад аз пурӣ.

Ва ҷамъ кардааст миёни фатҳа ва заммаю касра дар ҳаракати моқабли равии мутаҳаррик ва агар равӣ сокин будӣ, маъюб (айбнок) доштандӣ. Ва дигар ихтилофи ҳазв, чунон ки Дақиқӣ гуфтааст:

Шеър

Барафканд, эй санам, абри бихиштӣ,
Заминро хилъати урдибиҳиштӣ.
Замин бар сони хунолуд дебо,
Ҳаво бар сони ниландуд муште.
Ба таъми нӯш гашта чашмаи об,
Ба ранги дидаи оҳуи даштӣ

Ва агар на ҳарфи васл бувад, ихтилофи ҳаракатч моқабли «шин» ҷоиз набудӣ. Ва «гулистон»-у «найистон» ба ҳам нашояд ва «гулистон»-у «бӯстон» ба ҳам шояд, чи ҳарчанд асли он «бӯистон» будааст. Чун аз он ҳазфе кардаанд ва онро исми (номи) илми машоҷир (дарахтҳо) ва мағориси (ҷойҳои дарахтшинонӣ, чакалакҳо) раёҳин (гиёҳҳои хушбӯй) гардонида, гӯё

калимаи муфрад аст. Ва баъзе «Туркистон»-у «Ҳиндустон» ба ҳам ҷоиз доштаанд, ҳамчунон ки дар «ҳиндбор»-у «рангбор» гуфтем.

Ва «чун»-у «бечун» ба ҳам нашояд, илло ки маънӣ мухталиф бошад ва «дӯкон»-у «се кон» ба ҳам нашояд ва «ғамгин»-у «андӯҳгин» ба ҳам нашояд ва «ройгон»-у «шойгон»-у «худойгон» ба ҳам шояд ва «масодаркон»-у «бозаргон» ба ҳам нашояд ва «гаравгон»-у «дар макон» ба ҳам шояд, аз баҳри он ки «гаравгон» ба касрати истеъмол исми марҳун (ба гарав додашуда) гаштааст ва сифати нисбат аз вай афтода ва «марзбон»-у «мизбон»-у «забон» ба ҳам шояд ва «меҳрубон-у «посбон» ба ҳам шояд, «хун»-у «табархун» ба ҳам шояд, «ишон»-у «фидошон» ба ҳам шояд, «ногаҳон»-у «бегоҳон» ба ҳам нашояд, «ин»-у «чунин» ба ҳам шояд, «остин»-у «ростин»-у «хӯстин» ба ҳам шояд, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Ку Осафи Ҷам, ку, биё, бубин
Бар тахт Сулаймони ростин.

Ва гуфтааст:

Бо кӯшиши ӯ шери осмон
Шерест музаввар зи пӯстин.

Ва гуфтааст:

Пои малахе беш не ба қадр,
Бо ҳиммати ӯ мулки ону ин.
Дар мулки заминаш зи мулк ор,
Боре чу молик бошӣ инчунин.

Ва «заррин»-у «борин» ба ҳам нашояд, илло ки қофия мавсул бошад, чунон ки гуфтаанд:

Гарчи кунун бо зарву зарринай,
Рав, ки ҳамон Аҳмади поринай.

Ва бояд, ки мисли ин қавофӣ, ки чу аз истеъмоли он ба кувват ҳарфи васл тавонад буд, дар қасидае якду беш наяфтад, то шеър безавқ нашавад.

Ва аммо «нун»-оти масдар бад-он ки дар алфози



масдар се сиға ҳаст, ки дар он «нун»-и масдар бияфтад, яке сиғаи қасд, чунон ки «хоҳад омадан» ва яке сиғаи лузум, чунон ки «мебояд омадан», яке сиғаи ҷавоз (иҷозат) ва имкон, чунон ки «мешояд омадан» ва «метавонад омадан» ва наздик ба ҳамин маънӣ «медонад омадан». Ва афсаҳу (фасеҳтару) аблағ (балеғтару беҳтар) назману (дар назму) насран (дар наср) дар ин се мавзеъ (ҷой) он аст, ки «нун» ҳазф (партоянд) кунанд ва гӯянд: «хоҳад омад» ва «мебояд омад» ва «метавон шуд» ва «медонад омад», чунон ки шоир гуфтааст:

Байт

То зани набарӣ, к-аз ту ҷудо хоҳам шуд
В-аз банди балои ту раҳо хоҳам шуд.

Ва гуфтааст:

Байт

Афсӯс, ки дил назди ту мебояд монд
В-аз пеши ту бемурод мебояд рафт.

Ва гуфтааст:

Дил зи дасти ғамат ба ҷон омад,
Бо ғамат барнаметавон омад.

Пас, агар шоир дар қасидаи хеш ба истеъмоли ҳарфи масдар мӯҳтоҷ шавад, бояд ки аз ин сиғ (сиғаҳо) эҳтироз кунад ва «нун»-е орад, ки албатта дар тамоми маънӣ бад-он ҳоҷат бошад.

### Ҳарфи «вов»

Ва завоиди он ду аст.

### Ҳарфи тасғир

Ва он «вов»-е аст, ки ба ҷои «коф»-и тасғир истеъмол кунанд, чунон ки шоир гуфтааст:

Байт

Чашми хуши ту, ки офарин бод бар ӯ,
Бар мо назаре намекунад, эй писару.

**«Вов-и баёни замма**

Ва он «вов»-и «ду» ва «ту» аст, ки дар саҳеҳи луғати дарӣ малфуз нагардад ва дар китобат барои далолати заммаи моқабли он нависанд ва нашояд онро равӣ созанд, магар ки қофия мавсул бошад, чунон ки шоир гуфтааст:

Шеър

Бирав ҳушу дил ,агар биравӣ,
Ҳушу дили рафта гир, агар ту туӣ.
Бо ту илло ба дӯстӣ наравам,
Бо ман илло ба душманӣ наравӣ.
Ба дилу ҷону дида мекӯшам,
То ки бархезад аз миёна дуӣ.

Шеър

Сияҳ чашми маъшуқу он абрувон,
Бибурданд ҷону дилам ҳардувон.

Ва Оғочии шоир гуфтааст:

Агар шаб аз дари шодисту бода хусравиё,
Маро нишот заъиф асту дарди дил қавиё.
Шабо, падид наёяд ҳаме каронаи ту,
Бародари ғаму темори ман магар туиё?

Ва мегӯяд:

Санои ҳуррони некӯ ба сар тавонам бурд,
Ҳар он гаҳе, ки ту ташбиби шеъри ман бувиё.

Ва дар қавофӣ «вов»-е чун «ҷоду» ва «бозу» шояд, ки «шав»-у «рав»-у «шав» биёваранд ва ҳарфи «ё» аз ин калимот барои тавсеъи маҷоли (мавриди) қавофӣ биёндозанд.

**Ҳарфи «ҳо» (ه)**

Шахсе аз ҷумлаи устодони шуарои аҷам дар тақсими «ҳо»-оти аслӣ ва васлӣ гуфтааст, ки «ҳо»-и аслӣ он аст, ки калима бе он маънии хеш надиҳад ва васлӣ он аст, ки калимаро дар асли маънӣ бад-он эҳтиёҷ набошад. Ва ин тақсими ростмонанд аст, аммо дар таф-



сири он назаре ҳаст, зеро ки гуфтааст: «ҳо»-и «шона» ва «баҳона» аслӣ аст, ки агар «ҳо» соқит гардонанд, «шон» ва «баҳон» монад ва ҳеҷ маънӣ надиҳад ва ҳамчунон «ҳо»-и «ҷома» ва «нома» аслӣ аст, ки агар «ҳо» биёндозанд, «ҷом»-у «ном» монад ва он маънӣ, ки аз «ҷома» ва «нома» матлуб аст, надиҳад ва «ҳо»-и «карона» ва «миёна» ва «нишона» аслӣ нест, аз баҳри он ки агар «ҳо» биёндозанд, «карон»-у «миён»-у «нишон» монад ва ҳамон маънии аввал бидиҳад. Ва ин ғалат аст, аз баҳри он ки биноИ ин калимот бар фатҳа аст ва ин «ҳо»-от дар кулли аҳвол аз лафз соқитанд ва ҷуз далолати ҳаракати моқабл дар маънии калима ҳеҷ мадхал надоранд, пас ихтилоли (вайронии) маъонии ин калимот аз таскини (сокин кардани) ҳарфи мутаҳаррик мехезад, на аз исқоти (партофтани) «ҳо»-и ғайри малфуз аз китобат, ба далели он ки, агар мубтадие (навомӯзе), ки бар дақоиқи илми хат вуқуф (хабар) надорад ва надониста бошад, ки дар хатти форсӣ ҳар куҷо калимае мафтӯҳалохир афтад, «ҳо»-е бад-он илҳоқ (ҳамроҳ) бояд кард. Чун мисли ин калимот дар қалам хоҳад овард, албатта бе «ҳо» нависад ва дуруст хонад, зеро ки субҳона ва анан ва конан дар Қуръон дида бошад ва хонда ва дар он ҳеҷ ҳарфи зоид надида. Ва он чи гуфтааст, ки «карон»-у «нишон» ҳамон маънӣ медиҳад, ки «карона» ва «миёна» ва «нишона» ғалат аст, аз баҳри он ки «нишона» дигар асту «нишон» дигар, ҳамчунон ки «дандона» дигар асту «дандон» дигар ва «забона» дигар асту «забон» дигар. Пас гӯем, «ҳо»-и аслӣ он аст, ки дар кулли аҳвол малфуз (талаффузшаванда) бошад, алалхусус дар изофату ҷамъу тасғиру нисбат, чунон ки «зиреҳи ман»-у «зиреҳак»-у «зиреҳӣ». Ва «ҳо»-и аслӣ он аст, ки ҷуз зарурати қофияро дар лафз наёяд ва дар т а қ т е ъ ба ҳарфе маҳсуб набошад ва дар изофат ба ҳамзаи мулайяна (нарм гардонидашуда) бадал шавад ва дар ҷамъ аз китобат низ соқит шавад ва дар тасғиру нисбат ба «коф»-е аҷамӣ (яъне «гоф») бадал шавад, аммо дар шеъру тақтеъ, чунон ки:

Мисраъ

Хаста дорам дида дар ҳаҷрат ҳамеша,

ки «ҳо»-и «хаста» ва «дида» аз тақтеъ соқитанд ва «ҳо»-и «ҳамеша» барои зарурати вақф малфуз аст ва

ба ҳарфе маҳсуб. Ва аммо дар изофат, чунон ки «дояи ман» ва «бандаи ту» ва дар ҷамъ, чунон ки «шонаҳо»-ю «баҳонаҳо» ва дар тасғир, чунон ки «бандакак»-у «доякак» ва дар нисбат, чунон ки «бандагӣ» ва «доягӣ». Ва чун шарҳи «ҳо»-оти аслӣ ва васлӣ дар наҳҷи (тарики) савоб (ростӣ) маълум шуд, бидон, ки «ҳо»-оти васлӣ ду навъ аст.

Навъи аввал он аст, ки дар авохири калимот ҷуз далолати ҳаракати моқабл ҳеҷ фоида надиҳад ва онро «ҳо»-и сакт (хомӯш шудан) хонанд, яъне «ҳо»-е аст, ки мутакаллим (гӯянда) дар вақф бар он хомӯш шавад ва ин «ҳо» дар луғати араб равшан дар лафз ояд, чунон ки «мо ағнӣ молиҳ ҳалока аннӣ султониҳ» ва дар порсӣ «ҳо»-оти зоида ба ҳеҷ ваҷҳ дар лафз наёранд, магар ки қофия бошад ва ба зарурати шеър онро ба харфе сокин шуморанд ва пӯшида дар лафз оранд.

### Шеър

Эй шамъи рухатро дили ман парвона
В-аз ишқи туам ба хештан парвона.

Ва мисоли «ҳо»-оти «шона» ва «баҳона» ва «ҷома» ва «хона» ва «сирка» ва «сина» ва «суфра» ва «ханда» ва «гирья» ва амсоли он аст ва агар чи бар ин тафсир ҷумла «ҳо»-оти васлӣ «ҳо»-и сахт бошад. Аммо чун дар ин калимот ҷуз далолати ҳаракати моқабл ҳеҷ фоидаи дигарро мутазаммин (дарбаргиранда) нест, онро бад-ин ном хондем, то мувофиқи луғати тозӣ бошад.

Навъи дуввум он аст, ки ҷуз ҳаракати моқабл маънии хосро мусталзим (сабабгор) бошад, зоид бар асли он калима ва он чаҳор гуна аст.

### «Ҳо»-и тахсис (махсус гардонидан)

Ва он «ҳо»-е аст, ки дар авохири баъзе асмоъ (номҳо) навъеро аз ҷинсе мумтоз (ҷудо) гардонад ва онро тахсисуннавъ минал ҷинс хонанд, чунон ки «дандона» аз «дандон» ва «чашма» аз «чашм» ва «забона» аз «забон» ва «поя» аз «пой» ва «гӯша» аз «гӯш» ва «даста» аз «даст» ва «нохуна» аз «нохун» ва «тана» аз «тан» ва «пушта» аз «пушт» ва илла хаза (инчунин) «заррина» ва «симина» ва «чӯбина» ва «овоза» ва «ҷаҳла» ва «даҳа» ва «ҳафта» ва «тарша» ва «талха» ва «бунафша» ва «сабза» ва «сиёҳа» ва «сапеда» ва «нишона» ва «миёна» ва «осмона», ки ин ҳама «ҳо»-от ба воситаи ҳаракати моқабли хеш ҳар навъро аз ҷинси хеш фасл (ҷудо) мекунад.



Ва

### «Ҳо»-и сифат

Ва он «ҳо»-е аст, ки дар авохири сиғи мозӣ (сиғаи замони гузашта) фоидаи (маънии) иттисоф (сифат) диҳад бад-он феъл, чунон ки «омада» ва «рафта» ва «нишаста» ва «хуфта» ва «карда» ва «гуфта» ва наздик ба ҳамин маънӣ «якрӯза» ва «яксола» ва «зинда» ва «мурда» ва «кушта» ва «афтода».

Ва

### «Ҳо»-и фоил

Ва он «ҳо»-е аст, ки дар авохири ҷамӯъи (тамоми) феълӣ маънии фоилият диҳад, чунон ки «донанда» ва «гӯянда» ва «кунанда».

Ва

### «Ҳо»-и лаёқату нисбат

Ва он «ҳо»-е аст, ки дар авохири ҷамӯъи (тамоми) исмӣ маънии лаёқату нисбат диҳад, чунон ки «шоҳона» ва «зиракона» ва «мардона» ва «занона» ва ҳеҷ яке аз ин «ҳо»-от нашояд, ки равӣ созанд ва Саноӣ «ҳо»-оти зоидаро равӣ сохтааст, чунон ки мегӯяд:

### Шеър

Неки нодон дар асли некӯ неҳ,
Бади доно зи неки нодон беҳ.

«Ҳо»-и «беҳ» аслӣ аст ва «ҳо»-и «неҳ» зоид ва ҳаму (Саноӣ) гуфтааст:

### Шеър

Ҳар кӣ бишнид бахбахи ӯро беҳ
В-он ки нашнид хира, моро чӣ?

Ва ҳаму (Саноӣ) гуфтааст ва ҳар ду қофия «ҳо»-и зоид карда:

Шеъp

Бар забон савту ҳарфу завке на,
Ғофил аз маънаш кӣ аз бӣ чӣ?

Ва ҳаму [Саноӣ] гуфтааст:

Ҳар куҷо зикри ӯ бувад, ту ки эй,
Ҷумла таслим кун бад-ӯ ту чӣ эй.

Ва дар ин байт худ он чи малфуз аст, аз қофияи «коф»-у «ҷим» аст ва лафзи «эй» худ радиф аст. Ва ба тақлиди ӯ Меҳситии дабир гуфтааст:

Бо рӯи чу навбаҳору бо хӯи дайӣ,
Бо мо чу хумору бо дигар кас чу майӣ..
Бахти бади мо ҳамекунад сустпайӣ
В-ар на ту чунин сахтгумон низ найӣ.

Қофия «ӣ» аст ва равӣ дар «дай» ва «май» ва «пай» дуруст аст, аммо қофияи «найӣ» дуруст нест. Ва дар қавофӣ «ҳо»-и «гоҳ»-у «он гоҳ»-у **«хиргоҳ»-у «даргоҳ»** ба ҳам шояд ва «огоҳ»-у «ногоҳ» ба ҳам шояд ва «ёздаҳ»-у «дувоздаҳ»-у «даҳ» ба ҳам шояд. Ва «саҳаргоҳ»-у «шабонгоҳ» ба ҳам нашояд ва «хирмангоҳ»-у «манзилгоҳ» ба ҳам нашояд ва «шоҳ»-у «шоҳаншоҳ» ба ҳам нашояд, илло ки яке исм бошад. Ва ҷумҳури (тамоми) шуаро «пагоҳ»-у «бегоҳ» ба ҳам ҷоиз надоранд ва агар касе раво дорад, чу аз онро ваҷҳе (тарзе) тавон ниҳад, чи «бегоҳ»-у «пагоҳ» ба маънии «дер»-у «зуд» мустаъмал (ба кор бурдашуда) аст, ба маънии «вақт»-у «новақт» ба далели он ки, агар касе ҳоҷате ба бузурге рафъ (изҳор) кунад ва дар маҳалли (ҳангоми) иҷозат (ҷавоб додан) афтад, ӯро нагӯянд, ки ин сухан «пагоҳ» гуфтӣ, балки гӯянд: «Бавақт гуфтӣ» ё «баҳангом (маврид) гуфтӣ». Ва агар гӯянд: «Пагоҳ гуфтӣ», чунон фаҳм кунанд (фаҳманд), ки зуд гуфтӣ ва дертар аз ин мебоист гуфт. Ва агар дар он таъвике (таъхире) афканад ва ба саъоф макрун (наздик) надорад, нагӯянд, ки ин сухан «бегоҳ» гуфтӣ, балки гӯянд: «Бевақт гуфтӣ» ё «беҳангом гуфтӣ». Ва агар гӯянд: «Бегоҳ гуфтӣ», чунон фаҳм кунад (фаҳмад), ки дер гуфтӣ ва зудтар аз ин мебоист гуфт. Пас маълум шуд, ки «пагоҳ»-у «бегоҳ» ба маънии «зуд»-у «дер» аст, на ба маънии «бовақт»-у «бевақт».



Ва чун ихтилофи маънӣ омад, бояд ки агар касе ҳар ду ба ҳам қофият созад, хато набошад. Ва баъзе шуаро дар охири «барно» ва «якто» ва «дебо» ва «қабо» ҳарфи «ҳо» дармеоранд ва дар қавофӣ «ҳо»-е истеъмол мекунанд, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеъp

Шӯълаи субҳ аз офтоби дуранг
Дарзад оташ ба осмон дутоҳ.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеъp

Моҳ ҳаст бутам, агар ниҳад моҳ кулоҳ,
Сарв аст, агар зебад бар сарв қабоҳ.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеъp

Пешам омад пагоҳ дар роҳе,
Нағз марде, шигарф барноҳе.

### Ҳарфи «ё» (ی)

Ва завоиди он панҷ аст.

### Ҳарфи замир ва робита

Ва он «ё»-е аст, ки дар авохири афъол (феълҳо) замири мухотаб бошад, чунон ки «рафтӣ»-ю «меравӣ». Ва дар авохири сифот ҳарфи робита бошад, чунон ки «ту олимӣ», «ту тавонгарӣ»

### Ҳарфи накра (танҳо)

Ва он «ё»-е мулайяна (нарм гардонидашуда), ки дар авохири асмоъ (номҳо) аломати накра (яктоӣ) бошад, чунон ки «аспе харидам» ва «ғуломе фурӯхтам».

### Ҳарфи шарт ва ҷазо

Ва он «ё»-е аст мулайяна (нарм гардонидашуда), ки дар авохири афъол маънии шарту ҷазо диҳад, чунон ки «кош биёмадӣ», «кошки чунин будӣ».

### Ҳарфи нисбат

Ва он «ё»-е аст, ки дар авохири асмоъ фоидаи (натиҷаи) нисбат диҳад, чунон ки «ироқӣ» ва «хуросонӣ» ва «обӣ» ва «оташӣ» ва ҳамчунин «рӯшноӣ» ва «мардумӣ» ва «оҳистагӣ» ва «ҳамроҳӣ» ва «ҳамшаҳрӣ»

### Ҳарфи лаёқат ва лузум

Ва он «ё»-е аст, ки дар авохири масодир (масдарҳо) маънии лаёқат ва лузум диҳад, чунон ки «ӯ дӯст доштанӣ аст» ва «ин кори карданӣ аст», яъне ӯ лоиқи он аст, ки дӯст доранд ва ин кор лозим аст кардан. Ва «хӯрданӣ»-ро аз баҳри он хӯрданӣ гӯянд, ки лоиқи хӯрдан бошад. Ва «буданӣ» чизеро гӯянд, ки будани он лозим бошад.

Ва дар қавофӣ «ё»-е чун «май» ва «дай» ва «ҳай» ва «пай» ва «паёпай» шояд ва «дарьёе» ва «ҷое» ва «дое» ва «рое» шояд. Ва аз калимоти амрӣ, чун «мекушой» ва «бинмой» шояд ва «не» ва «чӣ» ва «кӣ», чунон ки агар ба «ҳо» нависанд, нашояд, ки дар қавофӣ «ҳо»-е ба кор доранд. Агар ба «ё» нависанд ҳам, нашояд, ки дар қавофӣ «ё»-е истеъмол кунанд, чи ҳарфи «ҳо» дар «се» ва «не» ва «кӣ» ва «чӣ». Ва ҳарфи «ё» дар «не» ва «кӣ» ва «чӣ» барои далолати касраи моқабли он нависанд ва «кӣ» чун ба маънии мардум бошад, ба «ҳо» нависанд, чунон ки «кӣ мегӯянд?» ва «ҳар кӣ меояд», «ку, биё», илло ки истифҳоми (ҷонишини саволии) муҷаррад (танҳо) бошад, чунон ки «ӯ кист?», ки дар ин мавзеъ (маврид) ба «ё» бинависанд ва ё дар лафз зоҳир гардонанд. Ва чун ба маънии тафсир ва таҳқиқ бошад, ба «ё» нависанд, чунон ки «гуфтам, ки бирав» ва «ту, ки фалонӣ». Ва ҳамчунин «чи» чун истифҳоми (ҷонишини саволӣ)-ро бошад, ба «ҳо» нависанд, чунон ки «чӣ мегӯӣ?» Ва агар таълилро (сабабро) ё мусовотро (баробарро) бошад, ба «ё» бинависанд, чунон ки «гӯӣ, худой яке аст, чӣ агар ду будӣ, фасоди олам лозим омадӣ», яъне аз баҳри он ки, агар ду будӣ, фасод лозим омадӣ). Ва чунон ки гӯӣ: «маро чӣ ину чӣ он», яъне наздики ман ҳар ду мутасовӣ аст.

Ва чун ишорат кунанд, «кӣ» ва «чӣ» муттасилу (пайваст, якҷоя) муфрад нависанд ба тарҳи «ҳо» ва «ё», чунон ки «он ки (آنکه) мегуфтӣ, омад» ва «он чи (آنچه) овардӣ, дидам». Ва дар истифҳом (ҷонишини саволии)



муҷарради (танҳои) мавсул (пайваст) «чӣ» (چی) ба «ё» нависанд ва «ё» дар лафз оранд, чунон ки «он чист?» ва ҳамчунин «на» дар истифҳом ба «ҳо» нависанд, чунон ки:

Шеър

Нагуфтӣ, к-аз ин пас кунам дӯстдорӣ,
Ба н-омезад, алҳақ накӯ қавли ёрӣ.

Ва дар нафйи мутлақ, агар ба аввали калима афтад, «нун»-и муфрад пайваста нависанд, чунон ки «ман нагуфтам» (نگفتم) ва агар ба охир афтад, ба «ё» нависанд, чунон ки «маро аз ин хабар нест» (نیست) ва баъзе ҳарфи рабт ҳазф кунанд (яъне партоянд) ва гӯянд: «маро хабаре не» (نی), чунон ки Шокири Бухорӣ гуфтааст:

Шеър

Сард аст рӯзгору дил аз меҳр сард не,
Майи солхӯрда мо салх(в)орад не.
Аз сад ҳазор дӯст яке дӯст не
В-аз сад ҳазор мард яке мард не.

Ва баъзе шуаро онро дар қавофии мумола (майл додашуда), чун «туӣ» ва «даъвӣ» ва «маънӣ» истеъмол кардаанд, чунон ки Муиззӣ гуфтааст:

Ҳумои килки ту мурғест лоғар,
Ки аз минқори ӯ шуд мулк фарбӣ.
Ҳар он кас ки туро бинад, бипурсад
Ки ин хуршеди тобандаст ё не?

Ва Адиб Собир гуфтааст:

Зи рои равшани ӯ монда ахтарон хира,
Зи килки лоғари ӯ кушта кисҳо фарбӣ.
Рафеъи рои ту бар ман тағйире дорад,
Ба тӯҳмате, ки маро андар он ҷиноят не.

Ва баъзе мутақаддимон дар қавофии марфӯъ (калимае, ки дар забони арабӣ охираш танвини замма дорад ва ба сифати мубтадо ё фоил меояд), чун «хӯӣ» ва «бӯӣ» дар лафзи «ӯ» «ё»-е афзудаанд ва онро р а в ӣ сохтаанд, чунон ки гуфтаанд:

Шеър

Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй,
Май бирезад, нарезад аз май бӯй.
Шоират ку, кунун ки шоир рафт.
Набвад низ ҷовидона чун ӯй.
Гашт хун оби чашм аз ғами вай,
З-андӯҳаш мум гашт охану рӯй.
Нолан ман нигар, шигифт мадор,
Шав бишав зор-зор нол бар ӯй!
Чанд ҷӯӣ чун ӯ, наёбӣ боз,
Аз чун ӯ дар замона даст бишӯй.

Ва бо нохушии шеър а й т о низ кардааст ва гуфта: «чун ӯй» ва «бар ӯй». Ва баъзе шуаро дар қабо «ё»-е дарафзудаанд ва дар қавофӣ «ё»-е истеъмол карда, чунон ки Дайламӣ гуфтааст:

Шеър

Ҳамранги май лабонаш, ҳамранги гул қабой,
Бар даст май ниҳодаю бар гул ниҳода пой.
Бӯи баҳор ёфта аз дасти ӯ набид,
Бӯи биҳишт ёфта аз нури ӯ сарой.
Омад ба сони Моҳу май овард чун Суҳайл,
Дидӣ Суҳайл дар қадаҳу Моҳ дар қабой?
Эй чун хирад бадеъ, валекин хирадситон,
Эй чун равон латиф, валекин равонрабой.

Ва гуфтааст:

Кабки ҳарирсинаю гӯри сумансарир,
Сарви шаробхораю моҳи ғазалсарой.
Ҷузвею кулле аз ду бурун нест, ҳар чи ҳаст,
Ҷузве ҳама ту бахшию кулле ҳама худой.

Ва аммо

Ҳарфи радиф

Бидон, ки ҳар ҳарфи «алиф»-у «вов»-у «ё», ки моқабли р а в ӣ бошад, онро р а д и ф хонанд ва он қофияро мурдаф хонанд ба сукуни «ро», ба шарти он ки моқабли «вов» мазмум (заммадор) бошад ва моқабл «ё»-и максур (касрадор), ҳамчунон ки моқабли «алиф»-и



ибдо (аввал) мафтӯҳ (фатҳадор) бошад. Ва заммаи моқабли «вов» дар луғати порсӣ ду гуна бувад: мушаббаъа (сер кардашуда) ва мулайяна (нарм кардашуда). Мушаббаъ, чунон ки заммаи «ҳур»-у «сур» ва мулайяна, чунон ки заммаи «рӯз»-у «юз». Ва ҳамчунин касраи моқабли «ё» ду гуна бошад, мушаббаъ ва мулайяна. Мушаббаъ, чунон ки касраи «нил»-у «занҷабил» ва мулайяна, чунон ки касраи «дер»-у «парер». Ва мутақаддимони шуаро мутаҳаррик ба заммаи мушаббаъаро «марфӯи маъруф» хондаанд ва мутаҳаррик ба заммаи мулайянаро «марфӯъи маҷҳул». Ва ҳамчунин мутаҳаррик ба касраи мушаббаъаро «максури маъруф» ва ба касраи мулайянаро «максури маҷҳул». Ва ҳар ҳарфи сокини ғайри ҳуруфи мадд (кашиш) ва лайин (мулоим), ки моқабли равӣ афтад, онро ҳарфи қ а й д хонанд ва чун моқабли ҳарфи қайд яке аз ҳуруфи мадд ва лайин афтад, ҳарфи қайдро дар он мавзеъ (маврид) р и д ф и з о и д хонанд ва моқабли онро р и д ф и а с л ӣ. Ва чун ин муқаддимот маълум шуд, мурдаф ду қисм аст: мурдафи баҳри ридф ва мурдаф ба калимаи радиф.

## Қисми аввал

ду навъ аст: м у р д а ф б а р и д ф и м у ф р а д ва м у р д а ф б а р и д ф и м у р а к к а б. Аммо мурдаф ба ридфи муфрад он аст, ки моқабли он яке аз ҳуруфи мадд ва лайин бошад. Ва мурдаф ба ридфи мураккаб он аст, ки ҳам ридфи аслӣ дорад ва ҳам ридфи зоид, чи ирдофи (ридфҳои) аслӣ ҷуз «алиф»-у «вов»-у «ё» нест.

Ва ирдофи зоид шашанд: «хо», «ро», «син», «шин», «фо», «нун» ва аз ин шаш ҳарф понздаҳ қофия бархезад. Аввал аз мурдаф ба «хо». Се навъ, яъне мафтӯҳи (фатҳадори) моқабл, чунон ки «бохт»-у «тохт». Ва яке марфӯъи моқабл, чунон ки «сӯхт»-ӯ «дӯхт» ва яке максури (касрадори) моқабл, чунон ки «бехт»-у «рехт». Дуввум аз мурдаф ба «ро». Ду навъ бувад, яке мафтӯҳи моқабл, чунон ки «корд»-у «орд» ва мазмуми моқабл, чунон ки «мӯрд» ва онро қаринае дигар намедонам дар луғати дарӣ, илло он ки шаҳри Қозаруни кӯҳнаро дар қадим шаҳри Нӯрд хондаанд ва максури моқабл, чунон ки «лирд» (як навъи силоҳи ҷангӣ), ки дар баъзе луғоти порсӣ ғарорaро (пироҳане, ки дар зери

зирех пӯшанд, як навъи силоҳи ҷангӣ) бад-ин ном хонанд.

Ва саввум аз мурдаф ба «син». Чаҳор навъ бархезад, яке мафтӯҳи моқабл, чунон ки «мост»-у «рост» ва яке марфӯъи моқабл, чунон ки «пӯст»-у «дӯст» ва яке максури моқабл ба касраи мушаббаъа, чунон ки «бист»-у «гирист» ва яке максури моқабл ба касраи мулайяна, чунон ки «дувист»-у «боист». Ва чаҳорум аз мурдаф ба «шин». Ду навъ аст, яке мафтӯҳи моқабл, чунон ки «дошт»-у «пиндошт» ва яке мазмуми моқабл, чунон ки «кӯшт» ва онро назире нест.

Ва панҷум аз мурдаф ба «фо». Се навъ аст, яке мафтӯҳи моқабл, чунон ки «ёфт»-у «бофт» ва яке мазмуми моқабл, чунон ки «кӯфт»-у «рӯфт» ва яке максури моқабл, чунон ки «фирефт»-у «шифт». Ва шашум мурдаф ба «нун». Ва он илло мафтӯҳи моқабл натвонад буд, чунон ки «монд»-у «ронд». Ва дар ашъори мурдафа илтизоми ирдофи зоид ва ирдофи аслӣ воҷиб бошад ва ба ҳеҷ ваҷҳ ҳеҷ тағйир аз он ҷоиз набошад. Ва ридф дар асли луғат он аст, ки аз паси чизе дарояд, пас агар соиле (саволкунандае) гӯяд: «Чун ридф ҳар чизе он аст, ки аз паси он дарояд ва ҳарфи ридф лафзану китобан пеш аз ҳарфи равӣ аст, чаро онро ридф хонанд?» Ҷавоб гӯям, ки ридфи шеър, агар чи дар хат ва лафз пеш аз равӣ аст, аз рӯи ҳисоб ва роҳи назар ба аҳволи қофия пас аз равӣ аст, барои он ки асли ҳуруфи қофия ҳарфи равӣ аст, ки биноu шеър бар он аст ва раво бошад, ки шеър, аз ҷумла, ҳуруфи қавофӣ холӣ бошад, илло (ба ғайр аз) ҳарфи равӣ, ки шеъри беравӣ шеър набошад. Пас бад-ин сабаб, назари мардум дар умури қофия нахуст бар ҳарфи равӣ бошад, то дуруст ҳаст ё не, баъд аз он бар ҳуруфи дигар. Ва чун назар дар ҳоли ридф баъд аз фароғат аст аз ҳоли равӣ, онро ридф хонанд. Ва аммо амсилаи (мисолҳои) ирдофи аслӣ, мисоли мурдаф ба «алиф»:

Эй чу дарьё сахӣ, чу шер шуҷоъ.

Ва мисоли мурдаф ба «вов»:

Қирост заҳра, ки бо ин дил зи сабри нуфур

Ва мисоли мурдаф ба «ё»:

Эй ба рӯи ту чашми мулк қарир.



Ва аммо марфӯъи маҷҳул, чунон ки:

Эй амри ту чира чу шабу рӯз.

Ва максури маҷҳул, чунон ки:

Дил нагардад зи васли ҷонон сер.

Ва ба ҳеҷ ҳол миёни максури маъруф ва максури маҷҳул дар қавофӣ ҷамъ нашояд кард, аз баҳри он ки «ё» дар максури маъруф аслӣ аст ва дар максури маҷҳул гӯё мунқалиб (баръакс, чаппа) аст аз «алиф» ва аз ин ҷиҳат, онро бо калимоти мумолаи (майл додашудаи) арабӣ эрод тавон кард, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Бад-ин дурӯза таваққуф, ки пуки худ набуд,
Дар ин мақом фусусу дар ин сарой фиреб.
Чаро қабул кунам аз кас он чи оқибаташ,
Зи халқ сарзанишам бошад, аз худой итоб.

Валекин дар ин ҷинс бояд, ки аз истеъмоли калимоте, ки муҳовароти (гуфтугӯйҳои) порсигӯён мутадовил набошад, эҳтироз (парҳез, худдорӣ) кунанд, то муайяд, чунон ки Рӯдакӣ гуфтааст:

Шеър

Гули садбаргу мушку анбару себ,
Ёсамани сапеду мӯрди базеб.
Ин ҳама яксара тамом шудаст,
Назди ту, эй бути мулкфиреб.

Он гаҳ гуфтааст:

Шеър

Шаби ошиқат Лайлатулқадр аст,
Чун ту берун кунӣ рух аз ҷилбоб.

Ва имолаи (табдили ҳарф) ҷилоб (парда) дар муҳовароти дарӣ наёяд. Ва аммо ҷамъ миёни марфӯъи маъруф ва марфӯъи маҷҳул бештари шуаро раво доштаанд, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Ҳар кӣ тавонад, ки фаришта шавад,
Хира чаро бошад деву сутур?

Ва дар ин китъа мегӯяд:

Шеър

Чист ҷаҳон? қаъри танӯри асир,
Худ чӣ тафарруҷ бувад андар танӯр?

Ва ҳаму (яъне Анварӣ) гуфтааст:

Мӯягар гашта Зӯҳраи мутриб
Бар ҷаҳону ҷаҳониён муён.
Рӯзам аз дуди оташи тақдир
Тира чун турраи сияҳмӯён.

Ва дар ин қитъа мегӯяд:

Шеър

Туву суккони сидра рутбат,
Ҳама ҳамшаҳриёну ҳамгӯён.
Арш рӯ дар хаёлат оварда,
Қуддусуллоҳ навҳагӯён.

Ва Саноӣ гуфтааст:

Дода килкаш чунон-к шоху арӯс
Аз ниқоби танг хирадро бӯс.

Ва аз ин ҷинс эхтироз (худдорӣ) авлотар, то шеър матбӯътар ояд.

Ва аммо

**Ҳуруфи қайд**

Пеш аз ин гуфтаем, ки ҳар ҳарфи сокин, ғайри ҳуруфи мадду лайин, ки моқабли равӣ бошад, онро ҳарфи қайд хонанд. Ва ҳуруфи қайд даҳ аст: «б», чунон ки «абр»-у «габр», «х», чунон ки «бахт»-у «рахт», «р», чунон ки «сард»-у «зард», «з», чунон ки «дузд»-у «музд», «с» («син»), чунон ки «маст»-у «даст», «ш» («шин»), чунон ки «дашт»-у «ташт», «ғ», чунон ки «нағз»-у «мағз», «ф», чунон ки «руфт»-у «гуфт», «н», чунон ки «банд»-у «каманд», «ҳ» («ҳо»-и ҳавваз), чунон ки «меҳр»-у «чеҳр». Ва агар биноӣ қофия бар калимоти арабӣ ниҳанд ва пеш аз равӣ «вов»-е мафтӯҳи моқабл ё «ё»-е мафтӯҳи моқабл афтад, чунон ки



«авс»-у «қавс»-у «фирдавс» ва чунон ки «Қайс»-у «Қайс»-у «Увайс», он «вов»-у «ё» ҳам ҳарфи қайд бошад. Ва «вов»-и мафтӯҳи моқабл дар порсӣ ҷуз «нӯг» наёфтам, ки он тезии сари синон ва сари қалам бошад. Ва «ё»-и мафтӯҳи моқабл ҷуз «пайк» надидам. Ва ба ҳеҷ ҳол ҳарфи ридфро бо ҳарфи қайд нашояд омехт, чунон ки шоир гуфтааст:

Шеър

Ҳар вазиру муфтию шоир, ки ӯ тӯсӣ бувад,
Чун Низомулмулку Ғаззолию Фирдавсӣ бувад.

Ва илтизоми ҳуруфи қайд ба ҷинси хеш дар кулли қасида ҳамчун илтизоми ҳуруфи ридф воҷиб бошад ва ҳам бад-ин сабаб, онро ҳарфи қайд хондаанд, ки аз мавзеъи хеш нақл накунад ва ба ҳарфе дигар мутабаддил нашавад, илло баъд аз тангии қавофӣ, чунон ки Манучеҳрӣ гуфтааст:

Шеър

Наврӯз даромад, эй Манучеҳрӣ,
Бо лолаи сурху бо гули хумрӣ.
Мурғони забонгирифтаро яксар
Бикшод забони сурию ибрӣ.

Ва миёни «ҳо»-у «мим»-у «бо» дар қайд ҷамъ кардааст заруратро. Ва чун шоир ба табдили ҳарфи қайд мӯҳтоҷ шавад, бояд, ки қурби (наздикии) махориҷи (талаффузҳои) ҳуруф риоят кунад, то қубҳи он камтар намояд, чунон ки Фирдавсӣ гуфтааст:

Шеър

Чӣ гуфт он худованди танзилу ваҳӣ,
Худованди амру худованди наҳй,

ки қурби махраҷи «ҳо» ( ح ) ва «ҳо» (ه ) нигоҳ доштa, то айби табдили ҳарфи қайдро пӯшида гардонидааст. Ва шояд бувад, ки ин ҳарфро қайд аз баҳри он хонанд, ки сукуни он лозим аст, ҳамчунин ҳуруфи ридф.

мураддаф ба радиф аст ва онро мураддаф ба ташдиди «дол» гӯянд. Ва радифи қофия калимае бошад мустақили мунфасил аз қофия, ки баъд аз иштоми он дар лафз ояд, бар ваҷҳе, ки шеърро дар вазну маънӣ бад-он ҳоҷат бошад ва ба ҳамон маънӣ дар охири ҷумлаи абьёт мутакаррар (такрор) шавад, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Эй зи яздон то абад мулки Сулаймон ёфта,
Ҳар чӣ ҷуста, ҷуз назир аз фазли яздон ёфта.

Калимаи «ёфта» радифи ин шеър аст, ки дар кулли абьёт мутакаррар аст ва шеър дар вазну маънӣ бад-он муҳтоҷ бошад ва бошад, ки радиф аз он ду калима ва се калима зиёдат афтад, чунон ки гуфтаанд:

Шеър

Эй дӯст, ки дил зи банда бардоштай,
Некӯст, ки дил зи банда бардоштай.

Ва баъзе мутақаддимон калимаи радифро ҳоҷиб хондаанд ва бар Ғазвонии Лукарӣ дакқ (айб) гирифтаанд, ки ӯ гуфтааст:

Шеър

Соқӣ, бидеҳ он гулгун қарқафро,
Ноёфта аз оташи газ тафро.
Наздики амир Аҳмади Мансур
Бар кӯшк бар ин шеъри мураддафро.

Ва гуфтаанд, ин шеър маҳҷуб (пӯшида) аст, на мураддаф (радифдор) ва ҳуҷҷат оварда, ки чун ҳарфи радифро аз рӯи ҳисоб ва роҳи назар дар аҳволи қавофӣ пас аз ҳарфи равӣ мениҳанд, чунон ки пеш аз ин гуфтаем, пас калимаи радиф пеш аз равӣ бошад ва ҳар чи пеш аз чизе бошад, ба исми ҳоҷибе (пардадоре) лоиқтар аз он бувад, ки ба исми радиф. Ва ҷавоб он аст, ки бинои шеър бар дурустии қофия аст, пас нахуст назари мардум дар аҳволи шеър бар умури қофия аф-



тад ва калимаи радиф баъд аз тамоми қофия аст, пас ба исми радифе авло бошад. Ва аммо ҳоҷиб ба наздики фуҳули (саромадони) шуаро калимае бошад, ки пеш аз қофия мутакаррир (такрор) шавад, чунон ки Масъуди Саъд дар ҳаққи султон Малик — фарзанди султон Масъуд гуфтааст:

Султон Малик аст дар дили султон нур,
Ҳар рӯз ба рӯи ӯ кунад султон сур.
Ҳаргиз наравад бар ӯву бар султон зӯр,
Чашми бади халқ аз ӯ ва аз султон дур.

Калимаи «султон», ки пеш аз қофия дар ҳар байт мукаррар (такрор) мешавад, онро ҳоҷиб хонанд. Ва ҳамчунин Амир Муиззӣ дар рубоие зуқофиятайн ин амал кардааст ва алҳақ, дар санъати тақобил (рӯ ба рӯ шудан) беҳтар аз ин нагуфтаанд:

Шеър

Эй шоҳи замин, бар осмон дорӣ тахт,
Суст аст адӯ, ту гумон дорӣ сахт.
Ҳамла сабук орию гарон дорӣ рахт,
Пирӣ ту ба тадбиру ҷавон дорӣ бахт.

Калимаи «дорӣ», ки миёни ду қофия дар ҳар чаҳор мисраъ мутакаррар аст, чун пеш аз қофияи аслист, онро ҳоҷиб хонанд. Ва чун калимаи радиф дар мавзеъи хеш мутамаккин (ҷойгир) наафтад, яъне аз рӯи маънӣ бад-он эҳтиёҷ набувад, маъйиб (айб) бошад, чунон ки Ғазвонӣ гуфтааст:

Шеър

Соқӣ, бидеҳ он гулгун қарқафро,
Ноёфта аз оташи газ тафро.

Ва чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Ҳар он мисол, ки тавқеъи ту бар ӯ набвад,
Замона тай накунад ҷуз барои ҳунноро,

ки калимаи «ро» дар ин шеър мутамаккин наёфтааст, барои он ки шеър дар маънӣ бад-он муҳтоҷ нест ва ҳамчунин интизоҷи (наздикии) радиф ва қофия мустаҳсан (писандида) надоштаанд, чунон ки Муиззӣ гуфтааст:

Шеър

Баҳоре, к-аз ду рухсораш ҳаме шамсу қамар хезад,
Нигоре, к-аз ду ёқуташ ҳаме шаҳду шакар хезад.
Хурӯш аз шаҳр биншонад, ҳар он гоҳе ки биншонад,
Ҳазор оташ барангезад, ҳар он гоҳе ки бархезад.

Ва «шакар»-у «қамар» дар байти аввал қофия карда ва «хезад» радиф сохта ва дар байти дуввум «бархезад» ҳам қофия аст ва ҳам радиф, илло он ки Муиззӣ аз он ҷумла аст, ки дар ин қадр (андоза) бад-он иқтидо (пайравӣ), тавон кард, лоҷарам, бештар мутааххирон ин амалро санъате мешуморанд ва латифае (зарофате) мениҳанд, чунон ки Имодӣ гуфтааст:

Шеър

Гар сабо бо зулфи ту сар доштӣ,
Обаш андар санги анбар доштӣ.

Ва ҳаму гуфтааст:

Гар ситези ман набудӣ лаъли ту,
Аз ҷаҳон ойини ғам бардоштӣ.

Ва чуноне ки яке аз исфаҳониён гуфтааст:

Шеър

Гар акси рӯи хуби ту афтад бар оина,
Гардад зи файзи нури ту курси х(в)ар оина.

Ва ҳаму гуфтааст:

Аз лафзи фаҳлу маънии бикрам ҳаст,
Қ-охир натиҷае бадарояд ҳароина.

Ва «ҳароина» (албатта) ҳам қофия аст ва ҳам радиф ва ҳаму гуфтааст:

Дилбарам бебаҳо намепурсад
Ва ҳазорам баҳона мепурсад.

Ва мисоли ин қавофиро (қофияҳоро) маъмул хонданд.



Ва аммо

## Ҳарфи таъсис

«алиф»-е аст ба ҳарфи мутаҳаррик, пеш аз равӣ бошад, чунон ки «алиф»-и «оҳан» ва «лодан» ва ин «алиф»-ро аз баҳри он таъсис хонданд, ки дар тансиқи (ба тартиб даровардани) шеър оғозу асоси қофия аз ин ҳарф аст. Ва ҳар ҳарф, ки пеш аз ин бошад, дар аъдоди (шумори) қофия наёяд ва ба қофия тааллуқ надорад ва бештар шуарои аҷам таъсисро эътибор намениҳанд ва онро лозим намедоранд, чунон ки Булфараҷи Рунӣ гуфтааст:

Шеър

Фалак дар сояи парри ҳавосил,
Заминро бар тӯтӣ кард ҳосил.

Пас гуфтааст:

Қиро донӣ, ту, андар кулли олам,
Чун ӯ фарзонае мақбули муқбил?

Ва Хоқонӣ гуфтааст:

Шеър

Нашояд бурдани андӯҳ ҷуз ба андӯҳ,
Нашояд кӯфтани оҳан ҷуз ба оҳан.

Пас гуфтааст:

Дилам обистани хурсандӣ омад,
Агар шуд модари рӯзӣ сутурван.

Ва Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Ба килкаш дар муруvватро хазоин,
Ба табъаш дар киёсатро захоир.
Бувад дар пеши ҳилмаш хок оҷил,
Бувад дар ҷанби хукмаш бод ҳосир.

Пас гуфтааст:

Умури шаръро адлаш мураббӣ,
Рамузи ғайбро илмаш муфассир.

Ва агар шоире «алиф»-и таъсисро риоят кунад, онро лузуми молоялзум хонанд, чунон ки Мулкободӣ гуфтааст:

Шеър

Тобанда ду моҳ аз ду баногӯши ту ҳамвор,
В-аз ду рухи рахшанда харидору тарозу.
Бо рону сурин сози ҳаюнонею гӯрон,
Бо чашми гавазнонею бо гардани оҳу.

Ва чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Гарчи дарбастам дари мадҳу ғазал якборагӣ,
Зани мабар, к-аз назми алфозу маъонӣ қосирам.
Балки дар ҳар навъ, к-аз ақрони ман донад касе,
Ҳоҳ ҷузве гир онро, хоҳ кулле, моҳирам.
Мантиқу мусиқию ҳайат бидонам андаке,
Рост бояд бигӯям, бо насибе вофирам.

Ва ҳар ҳарфи мутаҳаррик, ки миёни таъсису равӣ афтад, онро

**Дахил**

хонанд, аз баҳри он ки ба миёни ду ҳарфи лозим даромадааст ва ӯ ба ҷинси хеш лозим нест ва раво бошад, ки ба ҳарфе дигар мутабаддил (иваз) шавад ва аз шуарои аҷам ҳар кас ки «алиф»-и таъсисро лозим дорад, онро ҳарфи ҳоил хонанд, аз баҳри он ки миёни ду ҳарфи лозим ҳоил (боздоранда) аст.

Ва аммо

**Ҳарфи васл**

он аст, ки равӣ ба вай пайвандад ва он дар шеъри порсӣ «алиф» асту «дол»-у «гоф»-у «ҳо»-у «ё» ва ҳуруфи изофату ҳуруфи ҷамъу ҳуруфи масдару ҳуруфи тасғиру ҳуруфи робита ва шарҳи ҳама дар фасли равӣ гуфта омадааст, аммо дар ин мавзеъ (ҷой) аз ҳар як мисоле биёрам, то маърифати (фаҳмидани) он бар мубтадӣ (навомӯз, шогирд) осон бошад. «Алиф»-и васл, чунон ки:



З-он пеш, ки аз ҷаври ту, дилбандо,
Гӯям ба саҳар зори худовандо.

Ва «дол»-и васл, чунон ки:

Ман хоки чунон бодам, к-ӯ зулфи ту ҷунбонад,
Дар оташам аз обе, к-андоми туро монад.

Ва «гоф»-и васл, чунон ки:

Дил ба ғам таслим кардам, ман шудам назорагӣ,
То зи ғам сер ояд ӯ ё хун шавад якборагӣ.

Ва «ҳо»-и васл, чунон ки:

Эй бо ғами ишқи ту дилам пайваста,
Ҳаргиз бошад дилам зи ишқат раста?

Ва «ё»-и васл, чунон ки:

Ҷоно, чӣ будӣ, ар зи ту коре баромадӣ
Ё дар миёна васлу каноре баромадӣ?

Ва аз ҳуруфи изофат «то»-и ҳозир, чунон ки:

Эй равшании рӯз зи тоби рӯят,
Торикии шаб аз шикани гесӯят.

Ва «шин»-и ғоиб, чунон ки:

Чу ба ханда бозёбӣ асари даҳони тангаш,
Садафи гуҳар наояд ду лаби ақиқрангаш.

Ва «мим»-и нафас, чунон ки:

Эй баста ба ишқи ту забонам,
Дар орзуят бисӯхт ҷонам.

Ва аз ҳуруфи ҷамъ «ҳо», чунон ки:

Эй аз бунафша сохта бар гул мисолҳо,
Бар офтоб карда зи анбар ҳилолҳо.

Ва «алиф», чунон ки:

Эй гурӯснаи васли ту сарони ҷаҳон,
Буздил шуда дар ғамат далерони ҷаҳон.

Ва аз хуруфи масдар «нун», чунон ки:

То кай дили хастаро ба ғам фарсудан,
То чанд ба рӯзи меҳнат будан?

Ва «шин», чунон ки:

Чун нест маро зи васли ӯ осоиш,
То мечикунам ба тӯҳматаш олоиш.

Ва аз хуруфи тасғир «коф», чунон ки:

Себи занахдонакию симиндандонак,
Себ газӣ, шарм н-оядат зи занахдонак.

Ва «ча», чунон ки:

Дӣ дарфиканда будам ширин писарчае,
Ногоҳ пешам ба зудгарчае.

Ва аз хуруфи робита «ё»-и ҳозир, чунон ки:

Дӯсто, гар дӯстӣ, гар душманӣ,
Ҷони ширину ҷаҳони равшанӣ.

Ва «син»-и ғоиб, чунон ки:

Сапедадам, ки вақти тор бо маст,
Набинад ровақӣ расми киро маст.

Ва «нун»-и ҷамъ, чунон ки:

Туркони Қито ба ҳусн ғарканд ҳама,
Пӯшидақабо, бараҳнафарқанд ҳама.

Ва «мим»-и нафас, чунон ки:

Гар чи акнун бар ҷамолат ошиқам,
Зуд сер оям, зи ҷаврат восиқам.

Ва «ё»-и ҷамоат, чунон ки:

Санамо, то ба кафи ишваи ишқи ту дарем,
Аз баду неки ҷаҳон ҳамчу ҷаҳон бехабарем.

Ва чун хуруфи робита ва равӣ мунфасил (ҷудо) бошад ва ба тахаллали (халали) «алиф» қатъи калимаи муфрад шавад, радиф гардад, чунон ки:



То мурғи ишқро дили ман ошьёна аст,
Дил дар бе самоъю шароби муғона аст.

«Нун» равӣ асту «ҳо» васлу «аст» — радиф ва ҳамчунин:

То бо ғами ишқат ошноем,
Аз роҳати ҷону дил ҷудоем.

«Алиф» равӣ асту «ем» — радиф.

Ва аммо

### Ҳарфи хурӯҷ

он аст, ки ҳарфи васл бад-ӯ пайвандад ва онро аз баҳри он хурӯҷ хонданд, ки шоир аз ҳарфи васл ба воситаи он таҷовуз тавонад кард ва берун тавонад гузашт ва чун хуруфи васл маълум аст, хурӯҷро ба амсала (мисолҳо) ҳоҷат набошад.

Ва

### Ҳарфи мазид

он аст, ки ҳарфи хурӯҷ бад-он пайвандад ва онро аз баҳри он мазид (афзоиш, иловашуда) хонанд, ки ақсои (дуртар, дуртарин) ғояти (ниҳояти, охири) қофия дар ашъори тозӣ ҳарфи хурӯҷ аст ва чун дар қавофии аҷам ҳарфе бар-он зиёдат шавад, онро мазид хонанд.

### Ҳарфи ноир

он аст, ки ҳарфи мазид бад-он пайвандад ва асли н навор аст ба маънии рамидан ва оташро ба ҳамин маънӣ нор хонданд, ки дар илтиҳоб (афрӯхта шудан ва забона задани оташ) музтариб (беқарор) ва раманда бошад ва гӯянд «амраату навору» — зане порсо ва рамандае аз фавоҳиш. Ва чун ин ҳарф аз хурӯҷ, ки ақсои (дуртарини) ғояти (охири) қофия аст, ба ду мартаба дуртар меафтад, онро ноир (раманда) хонданд ва ин маънӣ Абӯмуслими Башшорӣ, ки яке аз фуҳули (саромадони) шуарои аҷам будааст, ривоят мекунад ва бошад, ки ҳарфи ноир мутакаррар (такрор) гардад ва ду ва се ноир бошад, чунон ки дар аснофи (навъҳои) қавофӣ баён кунем.

## БОБИ САВВУМ,

## ДАР ЗИКРИ ҲАРАКОТИ ҲУРУФИ ҚОФИЯ ВА АСОМИЮ ИШТИҚОҚИ ҲАР ЯК

Ва адади он шаш аст: рассу ишбоъ, ҳазву тавҷеҳу маҷрою нафоз.

### Расс

Ҳаракати моқабли «алиф»-и таъсис аст ва он илло фатҳа натавонад буд, чи «алиф» ҷуз аз ишбоъи фатҳа нахезад. Ва расс дар асли луғат ибтидо кардани чизе бошад бар сабили пӯшидагӣ ва оҳистагӣ ва аз ин ҷиҳат, оғози табу ишқро, ки дар тану дили мардум падид ояд, рассалҳуммо (аввали ишқу таб, ки дар дилу тани мардум пайдо шавад) ва рассалҳавӣ (оғози ишқу дӯстӣ) гӯянд ва ҳамчунин чоҳи хароби қадимро, ки пӯшидатарин осоре бошад аз иморат, расс хонанд.

Қолааллоҳу таъоло ва асҳобу арраси. Абӯубайда мегӯяд, яъне асҳоби чоҳи қадим. Пас чун ин ҳаракат ба табъияти «алиф» дар аъдод (тамоми) ҳаракати қофия меояд, гӯё чунон аст, ки бар пӯшидагӣ худро бар қофия мебандад ва оғози қофия мешавад, онро расс хонанд.

### Ишбоъ

Ҳаракати дахил аст ва ба ҳукми он ки аз ҷумлаи ҳуруфи қофия он чи пеши ҳарфи равӣ меафтад, ҷуз таъсису дахилу ридф нест. Ва таъсису ридф ҳар ду сокинанду лозим ва дахил мутахаррик асту мутабаддил (бадалшуда, ивазшуда), пас чун мухолифи савоҳиби (ҳамсӯхбатони) хеш омадааст, ҳаракати онро ишбоъ хонданд, яъне бар ҳуруфи сокин мазияте (афзалияте) дорад ва ҳаракати дахилро дар қавофӣ мавсули (восилшудаи) ишбоъ хонанд ва дар қавофӣ муқайяди (гирифтори) тавҷеҳ гӯянд, чунон ки баъд аз ин бигӯем.

### Ҳазв

Ҳаракати моқабли ридф аст ва ҳамчунон ки ҳеч аз ҳуруфи ридф нашояд, ки мутабаддил (иваз) шавад, ҳаракоти моқабли он низ нашояд, ки мутабаддил шавад ва ҳаракати моқабли қайд ҳам ҳазв бошад ва ҳаракати моқабли ридф ба ҷинси хеш нигоҳ бояд дошт, чунон ки Анварӣ гуфтааст:



### Шеър

Эй ба ҳиммат бар осмонат даст,
Осмон бо улувви қадри ту паст.
Беҳтар аз гавҳари ту дасти қазо,
Ҳеч пироя бар замона набаст.
Ҳеҷ дил бо ту бад нашуд, ки фалак
Орзуҳош дар ҷигар нашикаст.
Боз дар тоати ту кабкнавоз,
Дев дар давлати ту харзпараст,

Ва то охири қитъа[74] фатҳаи моқабли «син» лозим доштааст. Ва пеш аз ин гуфтаем, ки дар қавофии мутлақ ихтилофи ҳаракати моқабли қайд мутаҳаммил (бардоштнок) аст ба наздики бештари шуаро, чунон ки Хусравӣ гуфтааст:

### Шеър

Барафканд, эй санам, абри биҳиштӣ,
Заминро хилъати урдибиҳиштӣ.
Замин бар сони хунолуд дебо,
Ҳаво бар сони нилолуд муште.
Ба таъм нӯш гашта чашмаи об,
Ба ранги дидаи оҳуи даштӣ.

Ва ҳазв дар асли луғат баробар кардан аст. Гӯянд: «Ҳазв аннаала бинnаъли ҳазван», яъне наълайнро андозае гирифт рост.

Ва чун ҳаракати моқабли ридф баробар ва муқобили ҳаракати моқабли таъсис аст дар саботу (устуворию пойдорӣ) лузум, яъне чунон ки «алиф»-и таъсис ҷуз аз ишбоъи фатҳаи моқабл намехезад, ҳуруфи ридф ҷуз аз фатҳаю заммаю касраи моқабл намехезад, «алиф» аз ишбоъи фатҳа ва «ё» аз ишбоъи касра, пас аз ин ҷиҳат, ҳаракати моқабли ардофро (ридфҳоро) ҳазв хонанд.

### Тавҷеҳ

Ҳаракати моқабли равии сокин аст. Ва равии сокинро муқайяд хонанд, яъне аз ҳаракат боздошта, чунон ки:

Шеър

Зиҳӣ, бақои ту даврони чархро муфаххар.

«Ро» равӣ аст ва ҳаракати «ҳо» тавҷеҳ ва ин ҳаракатро аз баҳри он тавҷеҳ хонанд, ки ҳарфи равиро дар ду ҳолати мухталиф ду равӣ аст, агар муқайяд аст, рӯи ӯ сӯи моқабли хеш аст ва агар мутлақ аст, рӯи ӯ сӯи мобаъди хеш аст. Пас ҳаракати моқабли равӣ муқайяди тавҷеҳи ӯст сӯи моқабл. Ва тавҷеҳ рӯй гардонидани касе бувад ба сӯи чизе. Ва ихтилофи тавҷеҳ ба ҳеҷ ҳол набошад. Ва пеш аз ин гуфтаем, ки чун равӣ мавсул бошад, ҳаракати моқабли онро тавҷеҳ нахонанд, пас ихтилофи он раво доштаанд, чунон ки «чокарӣ» ва «носирӣ» ва «муштарӣ» ва «соҳирӣ».

**Маҷро**

Ҳаракати равӣ аст. Ва ин ҳаракатро аз баҳри он маҷро хондаанд, ки ибтидои ҷараёни савт дар ҳарфи васл аз ҳаракати равӣ аст, чунон ки:

Шеър

Дӯсто, гар дӯстӣ, гар душманӣ,

ки савти «ё» (яъне «ӣ») дар ин шеър, илло ба ҳаракати «нун», ки равӣ аст, зоҳир натавонад шуд.

**Нафоз**

Ҳаракати васл аст, чун ба хурӯҷ пайвандад. Ва чунон ки ҳаракати равиро маҷро хонанд, аз баҳри он ки ҷараёни савт дар ҳарфи васл аз ӯст, ҳамчунин ҳаракати васлро нафоз хонанд, аз баҳри он ки нуфузи савт дар ҳарфи хурӯҷ аз ӯст ва бад-ин эътибор ҳаракати хурӯҷ ва мазид (низ) ҳам нафоз бошад. Ва дар шеъри порсӣ лозим нест, ки ҳарфи васл мутаҳаррик бошад, то ба хурӯҷ тавонад пайваст. Ва шояд, ки ду сокину се сокин ба охири қофия афтанд ва яке равӣ бошад, яке васл, яке хурӯҷ. Ва агар ноир мутаҳаррик шавад, ҳаракати онро ҳам нафоз хонанд. Ва нафозу нуфуз берун гузаштани тир аз нишона ва равон шудани кору фармон бошад.



**БОБИ ЧАҲОРУМ,**

**ДАР ҲУДУДИ ҚАВОФӢ ВА АСНОФИ ОН ВА ЗИКРИ ҲУРУФУ ҲАРАҚОТЕ, КИ ЛОБУДИ (НОГУЗИРИ) ҲАР ҚОФИЯ БОШАД**

Бидон, ки адади қавофӣ дар ашъори араб сиву панҷ аст, чунон ки дар китоби «Мӯъраб»[75] шарҳ дода омадааст ва ҳама панҷ аст, ки онро ҳудуди қавофӣ хонанд.

**Мутаковис**

Ва он чаҳор мутаҳаррику сокине аст, чунон ки фаилатун, ки аз мустафъилун хезад ва ин фосилаи кубро аст ва шарҳи он дар қисми арӯз дода омадааст ва гуфта шуда, ки ин қофия дар шеъри порсӣ хушоянда набошад, чунон ки мутакаллифе гуфтааст:

Шеър

Гар ёри ман ғами дилам бихураде,
З-ин беҳтарак ба ҳоли ман нигараде.

Ва иштиқоқи (бароmadи) ин лафз аз таковус аст ба маънии анбӯҳию музоҳамат (заҳматрасонӣ, нороҳат кардан) ва гӯянд «набту мутаковису», яъне гиёҳе дарҳамруста ва берун шуда. Ва ба сабаби касрати (зиёдии) мутаҳаррикоти ин қофия ва дурии он аз эътидол (мувозинат) онро ба тазоҳуми (анбуҳи) гиёҳ ва дарҳамрустагии он ташбеҳ карданд.

**Мутарокиб**

Ва он се мутаҳаррику сокине аст, чунон ки:

Аз ишқи ту ман дар ҷаҳон самарам.

Ва ин фосилаи суғро аст ва дар ашъори аҷам дар чаҳор афоил беш наяфтад: фаилуну муфтаилун ва мафӯлу фаал ва мафоилу фаал. Ва тарокиб бари ҳам нишастан бошад ва ба ҳукми он ки се мутаҳаррики мутаволӣ (пай дар пай) дар шеър сабуктар аз чаҳор мутаҳаррики мутаволӣ аст, онро мутарокиб хонанд, чи тарокиб (омехтагиҳо) дар тазоҳум (анбӯҳ) камтар аст аз таковус.

### Мутадорик

Ва он ду мутаҳаррику сокине аст, чунон ки:

Мисраъ

Ба номи худованди ҷону хирад.

Ва ин ватади мақрун аст ва дар ашъори аҷам дар панҷ феъл беш наяфтад: фоилун ва мустафъилуну мафоилун ва фаӯлуну фаал ва мафоилу фаъ. Ва онро аз баҳри он мутадорик хонанд, ки ду мутаҳаррики он якдигарро дарёфтаанд ва ба ҳам пайваста.

### Мутавотир

Ва он мутаҳаррику сокине аст, чунон ки:

Биронӣ, ки ғам зи дили ман гуморӣ.

Ва ин сабаби хафиф аст ва ашъори аҷам дар ёздаҳ феъл беш наяфтад: мафоӣлун ва фаилотун ва фаилотун ва фаӯлун ва мафъӯлун ва фаълун ва фоилотун фаъ ва фаилотун фаъ ва мафоӣлун фаъ ва муфтаилун фаъ ва мафъӯлун фаъ. Ва ин қофияро аз баҳри он мутавотир хонанд, ки мутаҳаррики онро сокин бар пай аст ва дар ин қофия татобеъю таволии (пай дар пай) ҳаракот нест, чунон ки дар қавофии мутақаддим (пешгузашта) аз мутадорику мутарокибу мутаковис. Ва «ноқатун мавотаратун» шутуре бошад, як зону бар замин занад ва замоне бинистад, он гаҳ дигар зону бар замин орад. Ва тавотир дар ҳар чиз иқтизои (дархости, талаби) он кунад, ки миёни ҳар ду ҳол фитрате (фосилае) бошад ва агар он фитрат набошад, мутатобеъ (тобеъшуда) ва мутадорик (ба ҳам пайваста) гӯянд ва он чи оммаи мутарассилон (нависандагон) гӯянду нависанд: «бар тавотир» (пайдарҳамии) хабари фалон ё номҳои фалон мерасад ва мурод он бувад, ки паёпай мерасад, бе инқитоъ (буридашавӣ, кандашавӣ) хато аст ва савоб он аст, ки гӯянд: «бар татобеъ» ё «бар таволӣ».

### Мутародиф

Ва он қофияе аст, ки дар охири он ду сокин бошад, чунон ки:



Мисраъ

Дӣ бомдоди ид, ки бар садри рӯзгор.

Ва дар ашъори аҷам ин қофия дар ёздаҳ феъл афтад: мафъӯлон ва фоилон ва фаилон ва фаълон ва фаъӯлон ва мафоӣл ва фаӯл ва фоъ ва мафоӣлон ва фоилийён ва фаилийён. Ва ин қофияро аз баҳри он мутародиф хонанд, ки савокини (сокинҳои) он бар пайи якдигаранд, яке ридфи дигаре. Ва ададе қавофии ашъори аҷам сию як аст.

## ФАСЛ

## ДАР АСНОФИ ҚАВОФӢ

Бидон, ки ҳарфи равӣ ду навъ аст: муқайяд ва мутлақ. Муқайяд он аст, ки сокин бошад ва ба ҳарфи васл напайвандад. Ва мутлақ он аст, ки ба ҳарфи васл пайвандад.

### Равии муқайяд

се навъ аст: муқайяди муҷаррад, муқайяди ба ридф ва муқайяди ба ҳарфи қайд. Муқайяди муҷаррад, чунон ки:

Зиҳӣ, бақои ту даврони чархро муфаххар

«Ро» равӣ аст ва ҳаракати моқабли он — тавҷеҳ ва дар ин қофия як ҳарфу як ҳаракат беш нест.

Муқайяди ба ридф ду навъ аст. Муқайяди ба ридфи аслӣ, чунон ки

Эй ба хастӣ дода гетиро камол

«Лом» равӣ аст ва «алиф» — ридфи аслӣ ва ҳаракати моқабли «алиф» ҳазв. Ва дар ин қофия ду ҳарфу як ҳаракат лозим аст. Муқайяди ба ридфи зоид, чунон ки:

Аз сари меҳри ту дилам бархост.

«То» равӣ аст, «син» — ридфи зоид ва «алиф» — ридфи аслӣ ва ҳаракати моқабли «алиф» — ҳазв.

Ва дар ин қофия се ҳарфу ҳаракате лозим аст. Муқайяди ба ҳарфи қайд, чунон ки:

Ҳастам ба ҷамолат орзуманд

«Дол» равӣ аст ва «нун» — қ а й д ва ҳаракати «мим» — ҳ а з в. Ва дар ин қофия ду ҳарфу ҳаракате лозим аст.

Ва

**Равии мутлақ**

дувоздаҳ навъ аст: мутлақи муҷарраду мутлақи ба қайду мутлақи ба ридфу мутлақи ба хурӯҷу мутлақи ба хурӯҷу мазиду мутлақи ба хурӯҷу мазиду ноиру мутлақи ба қайду хурӯҷу мазиду мутлақи ба қайду хурӯҷу ноиру мутлақи ба ридфу хурӯҷу мутлақи ба ридфу хурӯҷу мазид ва мутлақи ба ридфу хурӯҷу мазиду ноир.

**Мутлақи муҷаррад**

ва он ду навъ аст: мутлақи ба ҳарфи и т л о қ (озодӣ, раҳоӣ) ва мутлақи ба ҳарфи в а с л.

Мутлақи ба ҳарфи итлоқ, чунон ки қудамо гуфтаанд:

Шеър

Эй шаб, чунин дароз набудию сармадо,
Аз ту падид нест на шеъре, на фарқадо.

Чи ин «алиф» дар қофия ҷуз итлоқи равӣ ҳеҷ фоида надиҳад ва ин ҷинс қофия мутааххирон раво надоранд ва истеъмоли ҳарфи итлоқ (озодӣ) дар шеъри порсӣ айб шуморанд.

Ва мутлақи ба ҳарфи в а с л, чунон ки:

Дӯсто, гар дӯстӣ, гар душманӣ.

«Нун» равӣ аст ва «ё» — васл ва ҳаракати моқабли «нун» — ҳазв ва ҳаракати «нун» — маҷро. Ва дар ин қофия ду ҳарфу ду ҳаракат лозим аст. Ва мутлақи ба қ а й д, чунон ки:

Охир дар зӯҳду тавба дарбастам
В-аз банди қабули ину он растам.



«То» равӣ асту «мим» — васлу «син» — ҳарфи қайд ва ҳаракати моқабли «син» — ҳазв ва ҳаракати «то» — маҷро. Ва дар ин қофия се ҳарфу ду ҳаракат лозим аст. Ва мутлақи ба ридф ду навъ аст: мутлақи ба р и д ф и а с л ӣ, чунон ки:

Нагуфтӣ, к-аз ин бас кунам дӯстдорӣ.

«Ро» равӣ асту «ё» — васлу «алиф» — ридфи аслию ҳаракати моқабли «алиф» — ҳазв ва ҳаракати «ро» — маҷро. Ва дар ин қофия се ҳарфу ду ҳаракат лозим аст. Ва мутлақи ба ридфи зоид, чунон ки:

Эй ҳумои ҳимматат сар бар фалак афрохта.

«То» равӣ аст ва «ҳо» — васлу «хо» — ридфи зоиду «алиф» — ридфи аслию ҳаракати моқабли «алиф» — ҳазв ва ҳаракати «то» — маҷро. Ва «хо» агар чи дар тақтеъ маҳсуб аст ба ҳарфе мутаҳаррик ҳаракати онро эътиборе нест ва исме надорад. Ва дар ин қофия чаҳор ҳарфу ду ҳаракат лозим аст.

Ва мутлақи ба х у р ӯ ҷ у м а з и д, чунон ки:

Санамо, то ба кафи ишваи ишқи ту дорем.

«Ро» равӣ аст ва «ё» — васлу «мим» — хурӯҷу ҳаракати «ро» — маҷро ва дар ин қофия се ҳарфу як ҳаракат лозим аст.

Ва мутлақи ба х у р ӯ ҷ у м а з и д, чунон ки:

З-он чи аз ҳақ диласташ,
Ҳар чи хоҳад, ҳосиласташ.

«Лом» равӣ аст ва «син» — васлу «то» — хурӯҷ ва «шин» — мазид ва ҳаракати «то» — нафоз. Ва дар ин қофия чаҳор ҳарфу ду ҳаракат лозим аст. Ва мутлақи ба х у р ӯ ҷ у м а з и д у н о и р, чунон ки:

То кай ба хуни дидаю дил парваремашон,
То кай зи раҳ раванду ба роҳ оваремашон?

«Ро» равӣ аст, «ё» — васлу «мим» — хурӯҷу «шин» — мазид ва «алиф»-у «нун» — ноир ва ҳаракати равӣ — маҷро ва ҳаракати «мим»-у «шин» — нафоз. Ва дар ин қофия шаш ҳарфу ду ҳаракат лозим аст.

Ва мутлақи ба қ а й д у х у р ӯ ҷ, чунон ки:

То занн набарӣ, ки зи меҳрат растаст,
Ё аз талаби ту фориғу оҳастаст.

«То»-и нахустин равӣ аст ва «син»-и нахустин — қайду «син»-и дуввум васлу «то»-и дуввум — хурӯҷ ва ҳаракати моқабли қайд — ҳазв ва ҳаракати равӣ — маҷро ва дар ин қофия чаҳор ҳарфу як ҳаракат беш лозим нест.

Ва мутлақи ба қайду хурӯҷу мазид, чунон ки:

Чеҳра дилбанди лоларангасташ,
Ғамза дилдӯзи чун хадангасташ.

«Гоф» равӣ аст ва «нун» — қайду «син» — васлу «то» — хурӯҷу «шин» — мазид ва ҳаракати моқабли «нун» — ҳазв ва ҳаракати «гоф» — маҷро ва ҳаракати хурӯҷ — нафоз. Ва дар ин қофия панҷ ҳарфу се ҳаракат лозим аст.

Ва мутлақи ба қайду хурӯҷу мазиду ноир, чунон ки:

Савдои ту аз сина фурӯ рафтанист
В-он гаҳ сухани ту низ ногуфтанист.

«То»-и нахустин равӣ аст ва «фо» қайд асту «нун» — васлу «ё» — хурӯҷу «син» — мазид ва «то»-и охирин — ноиру ҳаракати моқабли «фо» ҳазв аст ва ҳаракати «то» — маҷрою ҳаракати «нун»-у «ё» — нафоз. Ва дар ин қофия шаш ҳарфу чаҳор ҳаракат лозим аст.

Ва мутлақи ба ридфу хурӯҷ ду навъ аст.

Мутлақи ба ридфи аслӣ, чунон ки:

Дар ҷаҳон гар ҳеҷ ёре дораме.

«Ро» равӣ аст ва «алиф» — ридфи аслию «мим» — васлу «ё» — хурӯҷу ҳаракати моқабли «алиф» — ҳазву ҳаракати «ро» — маҷро ва ҳаракати «мим» — нафоз.

Ва дар ин қофия чаҳор ҳарфу се ҳаракат лозим.

Ва мутлақи ба ридфи зоид, чунон ки:

Дил доғи ту дорад, ар на бифрӯхтаме,
Дар дида туй ва гар на бардӯхтаме.

«То» равӣ аст ва «ҳо» — ридфи зоиду «вов» — ридфи аслӣ ва «мим» — васлу «ё» — хурӯҷу ҳаракати моқабли «вов» ҳазв аст ва ҳаракати равӣ — маҷро ва ҳаракати «мим» — нафоз. Ва дар ин қофия панҷ ҳарфу ҳаракат лозим аст.



Ва мутлақи ба ридфу хурӯҷу мазид ду навъ аст.

Мутлақи ба ридфи аслӣ, чунон ки:

Чун сурхгул шукуфта рухонасташ,
Бар сурхгул зи мушк нишонасташ.

«Нун» равӣ аст ва «алиф» — ридфи аслӣ ва «син» — васлу «то» — хурӯҷу «шин» — мазиду ҳаракати моқабли «алиф» — ҳазв ва ҳаракати «нун» — маҷро ва ҳаракати «то» — нафоз. Ва дар ин қофия панҷ ҳарфу се ҳаракат лозим аст.

Ва мутлақи ба ридфи зоид, чунон ки:

Рух чун моҳ оростанаш,
Қиса з-он бархостанаш.

«То»-и нахустин равӣ аст ва «син»-и нахустин — ридфи зоиду «алиф» — ридфи аслӣ ва «син»-и дуввум — васлу «то»-и дуввум — хурӯҷу «шин» — мазиду ҳаракати моқабли «алиф» ҳазв аст ва ҳаракати равӣ — маҷрою ҳаракати хурӯҷ — нафоз. Ва дар ин қофия шаш ҳарфу се ҳаракат лозим аст.

Ва мутлақи ба ридфу хурӯҷу мазиду ноир ду навъ аст.

Мутлақи ба ридфи аслӣ:

Гар лутфи ҳақ ёр астаме,
Ҷуз ишқи ӯ кор астаме.

«Ро» равӣ аст ва «алиф» — ридфи аслӣ ва «син» — васлу «то» — хурӯҷу «мим» — мазид ва «ё» — ноиру ҳаракати моқабли «алиф» ҳазв аст ва ҳаракати «ро» — маҷро ва ҳаракати «то» ва «мим» — нафоз. Ва дар ин қофия шаш ҳарфу чаҳор ҳаракат лозим аст.

Ва мутлақи ба ридфи зоид:

Гар дил зи ғами ёр набардохтанистеш,
Бо ӯ ба ҳама вуҷӯх дарсохтанистеш.

«То»-и нахустин равӣ аст ва «ҳо» — ридфи зоиду «алиф» — ридфи аслӣ ва «нун» — васлу «ё»-и нахустин хурӯҷу «син» — мазид ва «о»-и дуввуму «ё» ва «шин» —

се ноир ва ҳаракати равӣ — маҷро ва ҳаракати моқабли ридф — ҳазв ва ҳаракати «нун»-у «то»-и дуввум — нафоз. Ва дар ин қофия нӯҳ ҳарфу се ҳаракат лозим аст. Ва ғояти он чи ҷамъ тавонад шуд дар қофияе аз ҳуруфи ҳаракат ин аст.

## БОБИ ПАНҶУМ,

## ДАР УЮБИ ҚАВОФӢ ВА АВСОФИ НОПИСАНДИДАЕ, КИ ДАР КАЛОМИ МАНЗУМ АФТАД

Ва агар чи мутақаддимони шуаро дар ин боб тадқиқот карданд ва ҳар андакмоя (миқдори кам) тағйирро, ки дар таркиби алфозу тамассуки (интизом ва тартиб додани) маъонӣ афтад, айбе шумурда ва номе ниҳода. Мо дар ин таълиф бар он чи устодони санъат гуфтаанд, иктисор (қаноат) кунем. Ва он икво сту икфою синоду айтою муноқазаю тазмину тахлеъю удул (аз ҳадди муайян гузаштан, таҷовуз) аз ҷодаи мустаким (дуруст, саҳеҳ) дар шеър, **икво** ихтилофи ҳазву тавҷеҳ, аст, аммо ихтилофи ҳазв, чунон ки гуфтаанд:

Шеър

Ҳар вазиру муфтию шоир, ки ӯ тӯсӣ бувад,
Чун Низомулмулку Ғаззолию Фирдавсӣ бувад

Ва аммо ихтилофи тавҷеҳ, чунон ки:

Шеър

Аз ғуссаи ҳиҷрони ту дил пур дорам,
Пайваста аз он дида ба хун тар дорам.

Ва дар ашъори араб ихтилофи маҷроро икво хонанд ва дар шеъри порсӣ ихтилофи маҷроро аз он фоҳиштар мешуморанд, ки онро уюби қавофӣ лақаб ниҳанд. Икво дар асли луғат боз [тоб] додани ресмон аст ва «ҳаблу мақво» расане бошад, ки тоби ӯ суст шуда бошад ва чун ҳаракати ҳазв ё тавҷеҳ дар қофияе мухолифи дигар қавофӣ афтад, онро икво хонанд.

**Икфо** ихтилофи ҳарфи равӣ аст ва табдили он ба ҳарфе, ки дар махраҷ (талаффуз) бад-он наздик бошад, чунон ки гуфтаанд:



Шеър

Раво ба ҷой ор андар ин кор эҳтиёт,
З-он ки ҷуз бар ту надорам эҳтимол.

Ва ҷамъ карда миёни «то» ва «дол», ки дар забони бештари авом ба ҳам наздиканд ва дигар гуфтааст:

Шеър

Гуфтӣ, ки бо мухолифи ту з-ин сипас маро
Набвад ба ҳеҷ ҳоле бе ту ҳадит.
Рафтию роз гуфтӣ бо душманони ман
В-он кас, ки хушдори ту бувад, он ҳама шунид.

Ва ҷамъ карда миёни «то» ва «дол», ки дар махраҷ (талаффуз) ба ҳам наздиканд ва аммо агар ин ихтилоф миёни ду ҳарфи мутабоидулмахраҷ афтад, чунон ки миёни «нун»-у «ҷим» ё миёни «бо» ва «дол» ва монанди онро дар уюб нашуморанд ва назмро шеър нагӯянд. Ва маънии икфо рӯй аз мақсад ва мақсуд гардонидан аст ва гӯянд: «икфотулқавм ан ва ҷаҳтиҳим», яъне он қавмро аз он ҷо, ки рӯй бад-он оварда буданд, баргардонидем.

Ва чун binoи шеър бар ҳарфе ниҳад, табдили онро икфо хонанд.

**Синод** дар шеъри араб ихтилофи ҳазв асту ихтилофи таъсис. Ва дар шеъри порсӣ ихтилофи ридф аст, чунон ки:

Шеър

Қунӣ нохуш ба мо зиндагонӣ,
Агар аз мо даме дурӣ гузинӣ.

Ридфи қофияи аввал «алиф» аст ва ридфи қофияи дуввум «ё». Ва чун ихтилофи маҷроро чунон фоҳиш мениҳанд, ки онро дар уюб мустаҳаққи (лоиқи) лақабе намешуморанд, чунон ки пеш аз ин ҳикоят кардем. Ба ҳама ҳол, ихтилофи ридф аз он қабеҳтар аст, аз он ки дар он ихтилофи ҳаракате беш нест ва дар ин ҳам ихтилофи ҳарф аст ва ҳам ихтилофи ҳаракати моқабли он. Пас боистӣ, ки агар онро аз ихтилофи маҷро зиёдат наниҳоданд, боре бо он баробар доштанде. Ва ман чун дар кутуби мутақаддимон чунин ёфтам, ҳамчунон ҳи-

коят кардам. Ва маънии синод ихтилоф аст ва гӯянд: «харача алқавму мутасонидина», яъне он гурӯҳ берун рафтанд бар ройҳои мухталиф ва андешаҳои пароканда.

**Айто** бозгардонидани қофияе аст ду бор. Ва он ду навъ аст: ҷалӣ ва хафӣ. Айтои ҷалӣ (возеҳ, равшан), чунон ки Бӯсалик гуфтааст:

Шеър

Дар ин замона буте нест аз ту неку**тар**
На бар ту бар шаманӣ аз раҳит мушфиқ**тар**

Ва Дақиқӣ гуфтааст:

Шеър

Чӣ гуна балой, ки пайванди ту
Наҷӯӣ ба дасту биҷӯӣ ба **тар.**
Шабе беш кардам, чӣ гуна шабе,
Ҳаме аз шаби доҷ торик**тар.**
Даранге, ки гуфтам кай парвин ҳаме,
Нахоҳад шуд аз торикам рост**тар.**

Ва ҳаму гуфтааст [яъне Дақиқӣ]:

Шеър

Ба гетӣ зи обу оташ тезтар нест,
Ду ҷонанду ду султони ситам**гар.**
Туро Симурғу тир, к-аз бибояд,
На Рахши ҷодую золи фусун**гар.**

Ва ҳаму [яъне Дақиқӣ] гуфтааст:

Шеър

Ту он шабранги тозиро ба майдон чун барангезӣ,
Адӯро зуд бинварӣ бад-он теғи болгу**стар.**
Ба андак рӯзгор, эй шаҳ, ду чизам дод бахти ту,
Яке лафзи хирадрудбат, дуввум табъи сухангу**стар.**

Ва Бӯтоҳири Хотунӣ гуфтааст:



Шеър

Зи ҳаҷви рӯза ҳама доштему душвор аст,
Ба кӯҳ кардани ифтор рӯзадоронро.
Чу тоҷ гардад ҳар мадҳате, ки ман гӯям,
Ба тоҷ барнигоранд тоҷдоронро.
Аё зи душмании дӯстону кинаварӣ,
Ба кину душманӣ оварда дӯстдоронро.
Қасидаест бино карда бар қасидаи ту,
Ки гуфта будӣ ғазал аст кордоронро.

Ва дигаре гуфтааст [аз қудамо]:

Шеър

Ҳар кӣ маро бинад, гӯяд нажанд
Чанд нишинӣ ту чунин мустаманд?
Чун ки наёмезӣ бо мардумон
Чун накшоӣ ту забонро зи банд?
Зеро наомезам бо мардумон,
Қ-ин ки ҳамебинам, на мардуманд.
Қадри хирад шуд зи дили мардумон,
Сӯи хирад халқ ҳаменангаранд.
То ки дигаргуна шудааст ин ҷаҳон,
Ҷаҳл дуруст асту хирад дардманд.
Ҳар кӣ дирам дорад, қавлаш равост,
Гарчи хате гӯяд, з-ӯ бишнаванд.
В-он ки надорад чиз, аз қавли вай
Ҳикмати Луқмон ба миёнҷӣ ниҳанд.

Дар чаҳор қофияи ин шеър «нун»-у «дол» ҷамъ кардааст ва савоб он аст, ки дигаре бад-ин қофия гуфтааст нек ва як бор калимаи «манд» беш истеъмол накарда:

Шеър

Дер зиёд он бузургворӣ, худованд,
Ҷони азизон ба ҷон-ш андар пайванд.
Доим бар ҷони ӯ биларзам, зеро
Модари озодгон орад фарзанд.
Дар маликон кас надид ҷуз ту ҷавоне
Роду сухандону шермарду хирадманд.
Кас нашиносад ҳаме, ки кӯшиши ту чун
Халқ надонад ҳаме, ки бахшиши ту чанд.

Ва айтои ҷалӣ аз уюби фоҳиш аст дар шеър, илло ки қасида дароз бошад, чунон ки аз бисту сӣ байт, ки дар ашъори порсӣ ҳадди қасида аст ба қавли баъзе, даргузарад ё қасидаро ду мутлақ бошад, пас шояд, ки як-ду қофия дар матлаъи дуввум бозгардонад ва такрори қофияи арӯзро аз матолеъ айто нашуморанд. Ва аммо айтои хафӣ он аст, ки баъзе аз ҳуруфи завоид, ки дар фасли равӣ баршумурда омадааст, дар қасидае мукаррар бар ваҷҳе, ки миёни ҳар ду фарке тавон ниҳод, чунон ки «об»-у «гулоб» ва «созгор»-у «комгор»-у «шохсор»-у «кӯҳсор» ва «обдор»-у «пойдор». Ва аз он хафитар (пӯшидатар), чунон ки «ранҷур»-у «муздур» ва «доно»-ю «гӯё» ва «марзбон»-у «посбон». Ва бештар шуаро дар айтооти хафӣ мусомаҳат (чашмпӯшӣ) кардаанд. Чун дар қитъае ду ё се оранд ва бар сабили нудрат (тасодуф) афтад. Ва он чи устод Рашидуддини Ватвот гуфтааст:

Шеър

Миннат худойро, ки ба таъиди осмон
Омад ба мустақирри ҷамолат худойгон.
Шохе, ки ҳодисоти замона ба хуфти хуш
То дар замона ҳашмати ӯ гашт посбон.
Ҷосуси ахтарон шуду нозири фалак,
Бар сатҳи ӯ ба муддати наздик дидабон.
Шуд бо танам ба хидмати ӯ фахр ошно,
Шуд бо дилам ба ҳашмати ӯ чарх меҳрубон,
Ашъори пурбадоеъ дӯшизаи ман аст,
Бешойгону лек беҳ аз ганҷи шойгон.
Дар шеъри ман наёбӣ масруку мунтаҳил,
Дар назми ман набинӣ айтою шойгон.
Гар оқиле ба ҷон бихарад мадҳати маро,
Арзон бувад ҳанӯз, чи арзон, ки ройгон.
Бар даргаҳи ту бад набувад мадеҳе чу ман,
Дар вақти навбаҳору ба ҳангоми Меҳргон.

Бештари он айтои хафӣ асту шойгон аст. Ва ӯ аз ҷиҳати он ки шуаро дар он мусомаҳат (чашмпӯшӣ, беэътиборӣ) кардаанд, аз шеъри хеш нафйи (инкорӣ) айто кардааст мутлақе ва чун бештари ҳуруф, ки равӣ сохтааст, аз завоиду мулҳақот аст, ҳароина (албатта) шойгон бошад, хусусан ки мукаррар (такрор) мешавад, чунон ки «посбон»-у «дидабон»-у «меҳрубон»-у «Меҳргон»-у «худойгон»-у «шойгон», илло он ки ӯ ин сухан бар мазоқи оммаи шуаро гуфтааст, ки бештари эшон қофияи шойгон онро гӯянд, ки «алиф»-у «нун» ҷамъ дар он мустаъмал бошад, чунон ки Азрақӣ гуфтааст:

Байт

Он ҳумоми давлати олӣ, ҷамоли дини ҳақ,
Он фахори ҷамъи шоҳон, мафхари Салҷуқиён.

Ва шарҳи шойгон пеш аз ин гуфтаем, бо одат ҳоҷат нест.

Ва айто қадам бар ҷои қадаме дигар ниҳодан аст дар роҳ ва мавототӣ мувофиқат аст дар корею сухане. Пас чун қофияи мутақаддимро (аввалро) бар ҷои қофияи дигар биниҳанд ва як қофияро мувофиқи қофияе дигар оранд дар лафзу маънӣ, онро айто хонанд.

**Мунoқаза** (сухан бар хилофи якдигар гуфтан) ва танoқуз (мухолифат) дар шеъру соири калом он аст, ки маънии дуввум мунoқазу (мухолифу) мунофии (зидди) маънии аввал бошад, чунон ки шоир гуфтааст:

Шеър

Дирамаш бахшаму бӯсам надиҳад, ҷавр кунад,
Бидарам ҷома, ки бӯса нафурӯшад ба дирам.

Ваҷҳи танoқузе (мухолифате), ки дар ин шеър менамояд, он аст, ки дар аввал зикри бахшиши дирам кардааст ва дар охири сухан байъу широ (хариду фурӯш) гуфта ва агар чи ноқидони аҷам ин байт ба истишҳоди (далели) танoқуз (мухолифат) овардаанд, онро тасҳеҳ (дуруст) метавон кард, яъне ки агар дирам бахшам, бӯса надиҳад ва агар хоҳам, ки бихарам ба дирам, нафурӯшад. Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Ҳиҷрони ту бо марг баробар кунам, эро-к,
Аз марг батар бошад ҳиҷрони ту, донӣ.

Яъне дар мисроъи аввал ҳиҷрони ӯро бо марг баробар кардааст ва дар дуввум аз он батар ниҳода.

Ва он чи Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Эй мулки туро арсаи олам сари кӯе
В-аз мулки ту то мулки Сулаймон сари мӯе.

Баъзе аз роҳи он ки дар аввали байт мулки ӯро беш аз арсаи олам ниҳодааст ва дар охир кам аз мулки Сулаймон ниҳода, онро мутаноқиз (мухолифатшуда) пиндоранд ва баъзе онро аннузул (паст шудан) фӣлмадҳ (дар мадҳ) хонанд, яъне дар охири байт аз мартабаи мадҳ порае кам кардааст ва ҳеч дур нест, балки муроди Анварӣ он будааст, ки аз мулки ӯ то мулки Сулаймон андаке аст. Яъне забони мурғон донистан ва мусаххар (тобеъ) будани деву парӣ ва инро нисбат бо мулки ӯ андаке ниҳодааст ва ин аз иғроқу муболиғаи шоирон аст.

**Тазмин** ду навъ аст: навъи аввал он аст, ки тамоми маънии байти дуввум мутааллиқ бошад ва бар он мавқуф (вобасташуда). Ва он байтро музамман (андаруншуда) хонанд. Ва зимони мол дар шариат он аст, ки касе зиммати (вазифаи) хешро дар таоллуқи дин бо зиммати мадьюн (қарздор) пайвандад ва гӯяд: «Дар зимони худо бош!» Яъне ба ҳифзу килоти худо пайваста бош. Ва ба ҳукми он ки устодони санъат гуфтаанд, ки шеър чунон мебояд, ки ҳар байт ба нафси хеш мустақил бошад ва ҷуз дар тартиби маъонӣ ва танқиқи (тартибдиҳии) сухан ба якдигар мӯҳтоҷ набошад, бадин ҷиҳат тазминро айб шумурданд. Пас ҳарчанд ин эҳтиёҷу таоллуқ бештар бувад, байт муайибтар бошад ва филҷумла (хулласи калом), ин маънӣ дар ашъори араб бештар тавонад буд, барои он ки дар шеъри тозӣ меафтад, ки аз калима баъзе қофияи мисроъи аввал мешавад ва баъзе аввали мисроъи дуввум, чунон ки гуфтаанд:

Шеър

لم ابك نلاطمان و لت ام لرس        م مقفر او حش منهم و درس

Қалимаи «лирасми» (لرسم )-ро ду нима кардааст ва «рас»-ро қофияи «дарас» сохта ва «мим»-ро аз охири «лирасми» ба аввали мисроъи дуввум бурда ва шакк нест, ки ин ҷинс музамман қабеҳ бошад. Аммо чун дар ашъори порсӣ ин ҷинси тафриқот илло (ғайри) назме, ки бар сабили ҳазл ва зарофат гӯянд, наяфтад, чунон ки Сӯзанӣ гуфтааст:



Шеър

Шодмон бод маҷлиси мустав —
Фӣ мушаввиқи Ҳамиддин алҷав —
**Ҳарии** он садр, к-аз ҷавоҳири **ал —**
**Фози** ӯ аҳли дину донишу **дав —**
**Лат тафохур кунанду ҷои тафо —**
**Хур** бувад, з-он ки аз он ҷавоҳир **тав —**
**Қи** мурассаъ шавад ба гардани **об —**
**Нои** арбоби фарру зинату **рав —**
**Нақи он тавқ ҳар кӣ ёфт бар ас —**
**Ҳоби** девону дин бувад **мустав —**
**Лӣ** ба иқболу ҷоҳу маҷлис **май —**
**Муни** ӯ з-он ки килки ӯст, **санав —**
**Бари** бӯстони назму насру **муо —**
**Милати** мулки дин в-аз ҳар **нав —**
**Ъе, ки ҷӯй,** дар ӯст ҷумла ва **бо —**
**З** ба он аст мисли ӯ **мустав —**
**Фӣ** зиҳӣ, хатту хомаи ту **мусал —**
**Салу** мушкин чу зулфи лӯъбати **нав —**
**Шоду** навшод шуд ба хатти ту **де —**
**Вони шоҳи нав инат шодии нав.**

Ҳаму гӯяд (яъне Сӯзанӣ):

Саъди дин мадҳи хоҷаи **мустав —**
**Фӣ** шунидию дар дил омад **сав —**
**Дои** он навтариқу кардӣ **таҳ —**
**Син** бар он вазни шеъру қофия **мав —**
**Қуф,** то кард баҳри зикри ту **хо —**
**Тири** ман з-он насақ мадеҳи ту **мав —**
**Зун** зиҳӣ, меҳтари саҳии **сухан —**
**Дон,** ки н-овард сири ахтару **дав —**
**Лати** мардию мардумӣ зи **ако —**
**Бири** Ахсекат, он ки маншою **мав —**
**Лиди аслофу** асли гавҳари **по —**
**Қи** ту аз хиттаи ваясту зи **ав —**
**Лоди** деҳқони роғжод, ки **фар —**
**Ғониён** чокаранду бандаю **мав —**
**Лои** он гавҳари шарифу ту **о —**
**Зодаро** бандагӣ кунанд ба **тав —**
**Ъу** ба рағбат, чу тарбият зи ту **ё —**
**Банд** эшону мо в-аз ҳар **тав —**
**Фиқи** эҳсону мукримат чи ба **дас —**
**Ти** ҷаводе ато деҳ, ваҷҳ ба **тав —**

Қеъи килкат, ки мушкро бар ко —
Фур нақш афканад, чу бар рухи ҳав —
Ро сари зулфи ҳалқа-ҳалқаи мар —
Ғулу з-он беш шоирона тав —
Ҷеҳи зар асту симу атласу ик —
Сину димиётию аттобию тав —
Зию каттону дақу фаршу аво —
Нию дарьёй, айшу умр ба рав —
Нақу тартибу дар мадеҳи ту фик —
Рати яке карда бо арӯзӣ зав —
Қе, ки то офарину мадҳи ту гӯ —
Янд аз навъ ё ба дигар нав —
Ъе, ки донанду ман бар ин сари маз —
Раам насркору назмдарав.

Тамматулқасида (хотимаи қасида).

Тавфиқи маъонии абьёт бар якдигар чандон қабеҳ набошад, ки онро дар маъойиби (айбҳои) шеър бояд овард, балки аз ин ҷинс афтад, ки сахт бадеъ ва нодир бошад, чунон ки Масъуди Саъд гуфтааст:

Шеър

Ҷаводкаффе, одилдиле, ки дар қисмат
Зи зулму бухл наёмад насиби ӯ, илло
Ки ҷоми бода ба соқӣ диҳад зи дасти тиҳӣ
Ба теғ сар бизанад килкро накарда хато.

Ва Маъруфӣ гуфтааст:

Шеър

Овози ту хуштар ба ҳама рӯи
Наздики ман, эй лӯъбати фархор
Зи овози намози бомдодин
Дар гӯши ғамини марди бемор.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Рост гӯй, ки дар дили шуаро
Рост гӯй, ки дар дари чашм башар
Аз паи мадҳати ту раст забон
В-аз дидани ту хост ба сар.



Ва аз ҷинси музамманот он чи мутакаллифони шуарои мутақаддим фароҳам ниҳодаанд ва он истидрок ном карда, сахт қабеҳ аст ҳам аз рӯи тазмину ҳам аз ваҷҳи истидрок, чунон ки мутакаллифе гуфтааст:

Шеър

Нахоҳам, ки бошад туро хонумон,
На низат, ки бошад деҳу дудмон
Ҷуз оганда аз неъмату симу зар,
Ҷуз ороста аз кеҳону меҳон.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Асари хоҷа нахоҳам, ки бимонад ба ҷаҳон,
Хоҷа хоҳам, ки бимонад ба ҷаҳон дар асар.

Ва навъи дуввум аз тазмин он аст, ки байте ё мисроъе аз шеъри дигарон дар шеъри хеш дарҷ кунад. Ва ин навъ агар дар мавзеъи хеш мутамаккин (ҷойгир) бошад ва дар узубату (форамию) равнақи моқабл биафзояд, онро писандида доранд, чунон ки Рашид гуфтааст ва мисроъи Унсуриро тазмин карда:

Шеър

Намуд теғи ту осори фатҳу гуфт фалак:
«Чунин намояд шамшери хусравони осор».

Ва бошад, ки шоир танбеҳ кунад дар байти хеш, ки дар ин шеър чизе аз гуфтаи дигарон тазмин мекунам, чунон ки Азрақӣ гуфтааст:

Шеър

Дар ин муқобила як байти Азрақӣ бишнав,
На аз тариқи танаҳҳал, ба ваҷҳи истидлол.
«Зумурраду гияҳи сабз ҳар ду ҳамранганд,
Валек з-ин ба нигиндон кашанду з-он ба ҷувол

Ва ҳаму [Азрақӣ] гуфтааст ва ҳам шеъри хеш тазмин карда:

### Шеъp

Аз гуфтаҳои хеш се байт қасидае,
Қ-он ҷо мўътабар бувад, ин ҷо на мустаор.
Овардаам ба сурати тазмин дар ин мадеҳ,
Н-аз баҳри он ки бар суханам нест иқтидор.
Лекин чу суннатест қадимӣ, раво бувад,
Эҳьёи суннати шуарои бузургвор.
«Эй фикрати ту мушкил имрўз дида дӣ
В-эй ҳиммати ту ҳосили имсол дода пор.
Қодир ба ҳукм бар ҳама кас осмонсифат,
Қоиз ба ҷуд бар ҳама кас офтобвор.
Дар абр агар зи дасти ту як хосият ниҳанд,
Даст тиҳӣ бурун надамад ҳаргиз аз чинор».

Ва агар масали соир (дигар) дар шеъри хеш тазмин кунад, онро ирсолу масал хонанд, чунон ки Булмаъолии Розӣ гуфтааст:

### Шеъp

Нодидарўзгорам аз он расм дониям,
Оре, ба рўзгор шавад мард расмдон.

Ва чунон ки Унсурӣ гуфтааст:

Чунин намояд шамшери хусравони осор,
Чунин кунанд бузургон чу кард бояд кор.

Ва ҳаму (Унсурӣ) гуфтааст ва бештари масореъ (мисраъҳо) амсол аст:

### Шеъp

Феъли олуда гавҳар олояд,
Аз ҳами сирка сирка полояд.
Ҳар куҷо гавҳаре ба дасти бадест,
Бадгавҳари нек чун тавонад зист.
Бад зи бадгавҳарон падид ояд,
Ҳар касе он кунад, ки к-аз ў зояд.

**Тахлеъ** он аст, ки бар буҳури мустақилу авзони нохуш шеър гўянд ва ихтилофи аҷзою тафовути назми аркон эҳтироз (парҳез, худдорӣ) накунанд, чунон ки яке аз қудамо гуфтааст:



### Шеъp

Эй бути ман, чаро ҳамесўзӣ маро,
Пас ҳар даме мезаниям бегунаҳ.

Ва маънии тахлеъ дар шарҳи азоҳиф гуфта омадааст.

**Удул** (аз ҳадди муайян гузаштан) аз ҷодаи савоб дар шеър чанд навъ аст.

### Навъи аввал

он аст, ки шоир барои сиҳати вазн ё дурустии қофия лаҳне ба шеъри хеш дарорад ва хатои лафзӣ ё маънавӣ ҷоиз дорад ва агар чи шуаро дар ин боб рухсати яҷузушшоир мо лояҷузулғайра мутамассике (истинодкунандае) қавӣ аст ва баҳонаи заруратн шеъри мустанаде (асосноке) тилакан муаззами он ба ашъори араб махсус тавонад буд, ки каломи манзумро возеъи асланд ва тариқи шеърро солики аввал ва муқоиси (андозаҳои) луғати эшонро фурўъ бисьёр аст ва тасарруфоти наҳву сарфи онро шаъб (анбўҳи мардум) фаровон ва аз ин ҷиҳат, агар баъзе аз ҷуфоти (ҷафокунандаҳои) араб дар интиҳоҷи ин тариқати (роҳи) номаслук (номаълум) ба тарафе мунҳариф (аз роҳи рост бaромада) аз ҷодаи савоб афтода бошанд ва дар ибтидои ин тартиби ғариб пой аз манҳаҷи (роҳи рост) қавим (дуруст) як сў ниҳода, онро бар эшон нагиранд ва аз эшон ба айб нашмуранд ва бо он ки Сибавайҳ раҳматуллаҳ мегўяд: ҳар чӣ шуарои араб дар мавозеъи (мавридҳои) зарурат ва мавоқеи (вақтҳои) изтирор (ноилоҷӣ) аз ҷинси ҳузуфу (партофтани ҳарфею) зиёдоту табдили ҳуруф ва тағйири ҳаракат ба ашъори хеш даровардaнд ва истеъмоли он ҷоиз шумурда, ҳар якро ваҷҳе дуруст донистаанд ва дар вуҷўҳи (хусуси) тасарифи (тағйири) луғат онро маҳмиле рост тасаввур карда ба иҷмоъи (гирд овардани) иммаи ин илм аҳдаси (чизҳои нав пайдошудаи) мустаъриба (арабишуда) ва мутааххирон шуароро ҷуз дар он чи саҳеҳуллафзи зоҳирулҷавоз (муайян) бошад, тақайюли (иқтидо кардани) эшон нашояд кард ва ба вуҷуҳи (сабабҳои) банди (дурии) эшон тамассук (часпидан) набояд намуд. Факайфи (бо далели қавитари) луғати дарӣ, ки мўъҷизе (аҷибу ғарибе) аст аз луғати порсӣ ва мунтахабе аз ратоноти (сухане, ки маънии он равшан набошад) аҷам

ва гар на ба арсагии майдони балоғат ва тангии маҷоли фасоҳати ин луғат буди̇. Мутамайизони (донишмандони) аҷам дар сарди сухан даст дар домани арабият наза-данде ва оройиши назму насри хеш аз алфози този̇ на-сохтанде. Пас шоири муфлику (нуктасанҷу) соҳибсу-хани ҳозиқ (комил) он аст, ки дар назми хеш аз шеваи насри балеғ удул (таҷовуз) нанамояд ва аз калимоти тозию порси̇ ҷуз он чи дар хутбу (ваъзу) расоили ғар-ро (барҷаста) ва фусулу ҳикоёти салис, ки мустаъмалу мутадовили аҳли фазлу арбоби табъ аст, дар шеъри хеш ба кор набарад ва чунон созад, ки агар назми ӯро аз ҳам фурӯ кушоянд, насри маснӯъ бошад ва агар нас-ри ӯро назм кунанд, шеъре матбӯъ гардад ва ба ҳеҷ ваҷҳ дар тағйири ҳуруфу таҳрифи калимоту таъсиси шеър бар авзони сақил ва азоҳифи (зиҳофҳои) гарон тақлиди қудамо накунад, ки бештарини он наздики арбоби бароат аз маъойиби (айбҳои) шеър аст ва пеши асҳоби балоғат аз мардудоти (рондашудагони) калом. Ва ман дар ин фасл тарафе аз тахтурфоти (шитобкори-ҳои) борид (хунук) ва тасарруфоти фосиди эшон аз ҷинси зиёдоту ҳузуфу тағйири калимоту ҳуруфу сарфи маъони̇ аз ваҷҳи савоб ва истеъмоли алфози номухаз-заб (нофорам) дар ҳар боб баён кунам ва яҷузу лоя-ҷузи онро равшан гардонам.

Аммо зиёдот, чунон ки Баҳроми̇ гуфтааст:

Шеър

Чи̇ гӯи̇, гар ҳама ҳуррон чун ӯ будаст кас низо,
На ҳаст акнуну на набошаду на будаст ҳаргизо.
Ба гоҳи хашми ӯ гавҳар шавад ҳамранг шавнизо,
Чун ӯ хушнуд бошад, ман кунам зи анқос қирмизо.

Дар ин шеър берун аз ташбеҳи борид (хунук) ва истиорати ракику (зишт) таркиби номуҳаззаб (нофо-рам) ду айб аст, яке зиёдати «ё»-и «ҳаргиз»-у «қирмиз» ва дуввум зиёдати «алиф»-и ишбоъа. Ва маънии байт он аст, ки чун мамдӯҳ дар хашм бошад, гавҳари шаф-фоф аз ҳайбат чун шавниз (кунҷид) сиёҳ ва берун ша-вад ва чун хушнуд бошад, ман аз шоди̇ рӯи торики хеш барафрӯзам ва сурх гардонам. Ва қирмиз ранге сурх аст, ки абрешим бад-он ранг кунанд ва мегӯянд, ас-ли он кирме аст, ки дар навоҳии Аррон (номи вилояте аст паҳновар, он тарафи рӯди Арас) ё Озарбойҷон ме-бошад. Ва Фирӯзи Машриқи̇ гуфтааст:



Шеър

Навҳагар карда забони чанг ҳазин аз ғами гул,
Мӯй бикшодаю бар рӯй занон нохуно,
Ки қанина ба суҷуди ӯ фитад аз баҳри дуъо,
Ки зи ғам барфиканад як даҳан аз дил хуно.

Ва дар «нохун» «вов»-е зиёдат карда аз баҳри қо-фия ва Рӯдаки̇ гуфтааст:

Шеър

Будани̇ буд, май биёр акнун,
Ратл баркан, магӯй беш сухун.

Ва дар «сухан» «вов»-е афзудааст. Ва дигаре гуф-тааст дар устурлоб:

Шеър

Забон надораду пайдо сухан нагӯяд ҳеҷ
Суханварони ҷаҳон пок пеши ӯ аблоҳ.

Ва дар «аблаҳ» аз аблаҳи̇ «алиф»-е дарафзудааст. Ва Саной гуфтааст:

Шеър

Хос дар банди лаззату шаҳвот,
Ом дар банди ҳазлу тарроҳот.

Ва асл «тарраҳат» аст бе «алиф».
Ва Азраки̇ гуфтааст:

Шеър

Дар мадҳи нокасон накунам кӯҳна тан баниз
З-он бок н-оядам, ки бувад кӯҳна пираҳан.

Қалимаи «баниз» ба маънии ҳаргиз истеъмол карда-аст ва қудамо ин калимаро ҳам ба маънии низ ва ҳам ба маънии ҳаргиз истеъмол кардаанд, чунон ки Бӯша-кури Балхи̇ гуфтааст:

Шеър

На он з-ин биёзурд рӯзе баниз,
На инро аз он андӯҳе буд баниз.

Ва қофияи аввал ба маънии ҳаргиз аст ва дуввум ба маънии низ. Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Ба саҳаргоҳон ногоҳ ба ман боди насим
Бӯи дилдори ман овард ҳам аз сӯи шимол.

«Бо»-и «ба саҳаргоҳон» зиёдат аст, аз баҳри он ки «алиф»-у «нун» дар охир авқот ва аз минҳи ҳарфи тахсис (махсус) аст ва гӯянд «саҳаргоҳон»-у «бомдодон», яъне «ба саҳаргоҳ»-у «ба шабонгоҳ»-у «ба бомдод». Ва чун «алиф»-у «нун» бошад, ба ҳарфи «бо» эҳтиёҷ набошад ва ҳамчунин «алиф»-и «абар»-у ( ابر ) «або» (ابا) ва «гӯиё» (گوییا) ва «бинадо» (بنادا) ва «риё» (ریا) ва «гуфто» (گفتا) ҳама зиёдоти бемаънӣ аст. Шуарои покизасухан бояд, ки аз истеъмоли он эҳтироз (парҳез) кунанд ва чунон ки Рӯдакӣ гуфтааст:

Шеър

Або барқу бо ҷустани соиқа
Або ғулғули раъд дар кӯҳсор.

Ва Унсурӣ гуфтааст:

Шеър

Абар зеру бами шеъри Аъшо Қайс [76]
Ҳамезад зананда ба иттобхо.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Рашҳи шабнам баргиё пиндориё,
Қ-аз танам бе ҷон намегардад ҷудо.

Ва дигаре гуфтааст:

Мисраъ

Гуфто: Агарам намерасад, то накунам.

Ва аз ҷумла зиёдоти қабеҳ ташдиди мухаффаф аст, алалхусус, ки дар калимоти тозӣ афтад, чи далолаткунанда бошад бар он ки шоир асли он калима надонистааст, чунон ки Хоқонӣ гуфтааст:



Шеър

З-он ақл бад-ӯ гуфт, ки эй Уммари Усмон,
Ҳам Уммари Хайёмӣ, ҳам Уммари Хаттоб.

Ва Саноӣ гуфтааст:

Байт

Пеши дин буд чун сипар Уммар,
Буд мар шаръро падар Уммар.

Ва дар калимоти порсӣ, чунон ки Рӯдакӣ гуфтааст:

Шеър

Малико, ҷашни Меҳргон омад,
Ҷашни шоҳону хусравон омад.
Хазз ба ҷои мулҳаму хиргоҳ
Бадали боғу бӯстон омад.
Мӯрд ба ҷои савсан омад боз,
Май ба ҷои арғавон омад.
Ту ҷавонмарду давлати ту ҷавон,
Май ба бахши ту ҷавон омад.

Ва ҳаму [Рӯдакӣ] гӯяд:

Шеър

Зарр хоҳию турунҷ, инак аз ин ду рухи ман
Мехоҳию гулу наргис аз он ду рух ҷӯй.

Ва чун ташдид ҷуз аз и д ғ о м ҳарфе нахезад, чунон ки:

Мисраъ

Ғам махӯр, эй дӯст, к-ин ҷаҳон бинамонад.

Ва чунон ки:

Мисраъ

Лаб барри лаби ёр сим барбоистӣ.

Бояд, ки ҳар ҳарфе, ки мушаддад гардонанд, дар он шоибаи (нишонаи) идғоме (ассимилятсияе) тасаввур тавон кард ва дар се мавзеъ (мавриди) бошад: яке дар

харфе «ро», ки мукаррар (такрор) дар лафз меояд ва бад-он сабаб гӯё ду ҳарф аст. Пас ташдид бар ҳарфи «ро» нохуш наёяд, чунон ки

Шеър

Фалак дар сояи парри хавосил,
Заминро парри тӯтӣ кард ҳосил.

Ва яке дар калимоте, ки охири он ҳарфе ғайри малфуз бошад, чун «ду» ва «ту» ва «не» ва «ки» ва «се» ва «писта» ва «раста» ва монанди он ки ҳаракоти моқабли ин «вов» ва «ё» ва «ҳо»-ро ба мобаъди он пайванданд, то ташдиде мутаваллид (пайдо) шавад ва он бадали ин ҳуруф бошад, чунон ки:

Мисраъ

Думмоҳ шуд, эй дӯст, ки ту ҳаҷр гузидӣ.

Ва яке дар атф (майл, таваҷҷӯҳ) ё дар изофат, чунон ки:

Шеър

Ману туем, нигоре, ки ишқу хубиро
Зи наъти Лайлию Маҷнун бурун барем ҳаме,

ки чун «вов»-и атфи (майли) сареҳ дар луғат намеорад, моқабли онро мазмум (зишт) мегардонанд ва дар мобаъди он мепайванданд. Агар дар ин мавзеъ (маврид) ташдиде оранд ҳам шоибаи (омезиши) идғоме (ассимиляцияе) бошад ва дар изофат, чунон ки:

Шеър

Дар зулоли ҷоҳи ту ороише дорад башар,
Дар ҷамоли адли ту осоише дорад ҷаҳон.

Барои он ки сиғаи изофат дар луғати порсӣ ҷуз ба таҳрики охири калимаи музоф (изофа кардашуда) дуруст наёяд, чунон ки «ёри ман»-у «кори дӯст». Ва ҳар калимае, ки мутаҳаррикулохир бошад, дар ин луғат мусталзим (сабабгор) ҳарфе сокин аст, агар дар лафз ояд ва агар наёяд, чунон ки дар «ту» ва «на» ва «се» ва «гуфта» ва «раста» бознамудем. Пас бад-ин сабаб



миёни калимаи музоф (изофа кардашуда) ва калимаи музофалайҳ шоибаи (омезиши) идғоме (ассимиляцияе) падид ояд ва аз ин ҷиҳат, ташдид дар аввали калимаи музофалайҳ нохуш намеояд ва ҷуз дар ин се мавзеъ (маврид) мушаддад (ташдиддор) гардонидани ҳуруф нописандида аст. Ва ҳамчунин изҳори «вов»-и «ду»-ю «ту» аз зиёдоти шеър аст, чи дар саҳеҳи луғати дарӣ он «вов»-от малфуз (талаффузшаванда) нест ва Кисоии шоир онро р а в ӣ сохтааст, чунон ки мегӯяд:

Шеър

Нони сиёҳу хӯрди бечарбу
Ва нигоҳи маҳ буд ин ҳар ду.

Ва Муиззӣ низ гуфтааст:

Ду чашми ту ҳастанд фаттону ҷоду,
Дилу дин нигаҳ дошт бояд зи ҳар ду,
Ки шеър — маддоҳи хушгӯ манам ман,
Ки бӯса — маъшуқи хушлаб туӣ ту.

То дигар шуаро тақайюли (пайравии) эшон кардаанд ва қозӣ Мансури Фарғонӣ мегӯяд:

Шеър

Бархез, ки шамъ асту шароб асту ману ту,
В-овози хурӯси саҳарӣ хост зи ҳар сӯ.

Ва Шамси Табасӣ мегӯяд:

Шеър

Эй зулфи шабангезу рухи рӯзнамоят,
Чун анбару кофур ба ҳам сохта ҳар ду.

Ва Асири Ахсекатӣ мегӯяд:

Шеър

Диле, ки бастаи ин пирзоли ҷоду нест,
Ҳамеша хастаи захми ҷаҳони бадхӯ нест.
Агар ду оламаш аз лутф дар канор ниҳӣ,
Аҷаб набошад, агар мустаҳаққи ҳар ду нест.

Ва ҳамчунин зиёдоти дигар ҳаст, ки ҳар якро истишҳоде (мисоле) овардан душвор бошад, чунон ки «ногоҳиён» ба маънии «ногоҳон» ва «фардод» ба маънии «фардо» ва ҳамчунин «дебоҳ»-у «барноҳ»-у «дутоҳ»-у «осиёб»-у «дарёб», чунон ки Хоқонӣ гуфтааст:

Шеър

Ҳаст ба пиромонаш тавфкунон осмон,
Оре, бар гирди қутб чарх занад осиёб.

Ва гуфтаанд, «осиёб» аслаш «ософ» будааст, «ё» дарафзудаанд ва ба касрати (зиёдии) истеъмол ба «о» тарҳ карда ва «осиё» мегӯянд ва бар ин ваҷҳ «осиёи бод» ва «дастосиё» гуфтан хато бошад, аз баҳри он ки ҳамчунон бошад, ки гӯё «ософи бод»-у «ософи даст» ва бояд гуфт: «ософ»-у «осдаст»-у «дастос», ҳамчунон ки мегӯянд: «харос» ва нагӯянд: «харосиё». Ва ҳамчунин «дарьё» — асли он «дар об» будааст, яъне «даридаоб» ва ба касрати (зиёдии) истеъмол «дарьё» кардаанд. Пас мутақаддимон «дарёб» ба он ваҷҳ гуфтаанд. Ва аммо хузуф чун тахфифи ҳаракати мушаддад, чунон ки Саноӣ гуфтааст:

Шеър

Мустафоро зи ҳол кард огоҳ,
Ялмизун алмутаваъин ногоҳ.

Ва «то»-и «мутаваъин» мушаддад аст, ӯ ба ҷиҳати шеър мухаффаф овардааст ва Рабанҷанӣ гуфтааст:

Шеър

Чун Хоҷа Абулаббос омад,
Қорат ҳама нек шуд саросар.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Муттасил бодо туро имдоди лутфи эзидӣ,
Модати умри ту дар охир авоил ёфта.



Ва «модат» мушаддад бояд ва ҳамоно муддати умри ту дар охир авоил ёфта гуфта бошад ва ин беҳтар аз аввал бошад ва дурусттар. Ва исқоти ҳарф, чунон ки Мансури Муставфӣ гуфтааст:

Шеър

Бозгирам дил зи ту, чунон ки бидодам.
Сабр кунам, сабру ҳар чӣ бодо бодам.

Ва дар саҳеҳи луғати дарӣ «бозгирам» бе ҳарфи «ё» мустаъмал нест ва Хоқонӣ гуфтааст:

Шеър

Булбул кардаш суҷуд, гуфт: Илло анаам сабоҳ,
Худ ба худӣ боздод суббаҳакуллаҳ ҷавоб.

Ва «илло анаам сабоҳан» боистӣ ва «суббаҳакуллаҳ билхайр» боистӣ ва аз ҳама ҳазф кардааст, чунон ки Саноӣ гуфтааст:

Шеър

Одамӣ чун бидошт даст аз сият,
Ҳар чӣ хоҳӣ, бикун, ки ҳаст.

Яъне ки ҳар чӣ хоҳӣ, бикун, ки гуфтаанд: «Из лам тастаҳӣ фаснаъ» (агар шарм надорад, бикун) ва ӯ аз баҳри шеър ин ихтисори борид (хунук) кардааст ва ҳамчунин ҳузуфи (ҳазфҳои) зиёд, чунон ки «хашм» аз «хомӯш»-у «фармӯш» аз «фаромӯш»-у «ҷаҳан» аз «ҷаҳон»-у «ниҳан» аз «ниҳон»-у «шунад» аз «шунид». Шоири маҷид (бузург) бояд, ки аз ин ҷумла мӯҳтариз (парҳезгор) бошад ва тақайюли қудамо ҷоиз нашмурад. Ва аммо тағйири алфоз ва манҳаҷи савоб (роҳи рост), чунон ки Маъруфӣ гуфтааст:

Шеър

Бори худо Буабдалиро бувад,
Қ-аз паси пирони сари девон.

«Абӯабдуллоҳ»-ро «Буабдалӣ» кардааст ва Бӯсалик гуфтааст:

Шеър

Эй мири Бӯҳамад, ки ҳама миҳамадат ҳаме,
Аз кунияти ту хезаду аз хонадони ту.

«Абӯмуҳаммад»-ро «Бӯҳамад» кардааст ва Абӯшакур гуфтааст:

Шеър

Оби ангуру оби нилуфал,
Мар маро аз абир бадал.

«Нилуфар»-ро ба ҷиҳати қофияи «бадал» «нилуфал» кардааст. Ва Масъуди Саъд гуфтааст:

Шеър

Қамонам аз паи он тирвор қомати ту
В-аз ӯ маро ҳама дарду ғам асту тир.
Маро нишонаи тири фироқ карду ҳагриз
Қасе шунид, кай бошад камон нишонаи тир?

Ва дар саҳеҳи луғати дарӣ «ҳагриз» нест ва мустаъмал «харгиз» аст. Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Эдун донӣ, ки рустам аз ғами ту ман,
Қош чунон будаме, ки куҷо ту барӣ занн.

Яъне кош чунон будаме, ки ту занн (гумон) мебарӣ ва лафзи «куҷо» ба маънии ҳарфи силла (пайвасткунанда) мустаъмали қудамост ва ҳамчунин ба маънии «ҳар куҷо ки» гуфтаанд:

Шеър

Куҷо зар бошадам, он ҷо амирам,
Куҷо хуш бошадам, он ҷост ҷоям.

Яъне «ҳар куҷо» ва ҳамчунин «киро» ба маънии «ҳар киро» гуфтаанд, чунон ки:

Шеър

Қиро хурмо насозад, хор созад,
Қиро минбар насозад, дор созад.



Яъне «ҳар киро» ва ҳамчунин «агар» ба маънии «ё», ки ҳарфи тардид (такрор) аст, истеъмол кардаанд, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Танг аст бар ту сакнои гетӣ зи Қибриё
Дар ҷанби Қибриё ту худ ин чӣ маскан аст.
В-ин турфа турке хаст бар аъдот низ танг,
Пас Чоҳи Юсуф аст, агар Чоҳи Бежан аст.

Яъне «пас Чоҳи Юсуф аст ё Чоҳи Бежан» ва Анварӣ сарахсӣ будааст ва ҳарфи шак (гумон, шубҳа) ба маънии ҳарфи тардид (такрор) истеъмол кардан луғати сарахсиён аст ва аз ҷумлаи муғайирот (ивазшавиҳо): «ҳаниз» ба маънии «ҳанӯз» ва «ғанавидан» ба маънии «ғунудан» ва «шунавидан» ба маънии «шунудан» ва «хуфтидан»-у «хуспидан» ба маънии «хуфтан» ва «расонидан»-у «раҳондан» ба маънии «расондан»-у «раҳонидан» ва «шистан» ба маънии «нишастан» ва амсоли ин бисьёр аст. Шоири даригӯй бояд, ки дар ин абвоб тақлиди қудамо накунад ва дар он чи гӯяд, аз ҷодаи дарии машҳури мутадовил (ҷорӣ) удул (таҷовуз) ҷоиз нашмарад.

Ва аммо хатоҳои маънавӣ, чунон ки Рофеъӣ гуфтааст:

Шеър

Мӯътӣ нашавад мардуми мумсик ба таътӣ,
Аҳвар нашавад дидаи азрақ ба такаххал.

Ва ҳамоно пиндоштааст, ки таътӣ (кӯшиш) тафоил аст аз аъто, яъне мардуми бороити аъто ва такаллуфи бахшандагӣ нашавад, чунон ки худованди дидаи азрақ (кабуд) ба такаллуфи сурма сияҳчашм нагардад ва таътӣ дар луғати араб ҷуръат ва иқдом аст ва аз аъто муштақ (ҳосилшуда) нест ва бад-он таъаллуқе надорад ва агар гуфтӣ «мӯътӣ (бахшанда) нашавад мардуми мумсик ба тасхо (сахигӣ)», рост будӣ, валекин ӯ хостааст муҷонасати (ҳамҷинсии) мӯътию (бахшандагию) таътӣ (ҷуръат) ба ҷой орад ва ҳаму (яъне Рофеъӣ) гӯяд:

Шеър

Эй ахтари сахо, ки зи сайри наволи хеш,
Ҳар рӯз дар сипеҳр тафохур кунӣ қирон.

Агар гуфтӣ «бо нуҷум тафохур кунӣ қирон», рост будӣ, аз баҳри он ки қирони кавкаб (ситора) бо кавкаб бошад ва бе таъйини муқорине (наздикшудае) нагӯянд, ки ситора дар фалак қирон кард. Ва Булфараҷ гуфтааст:

Шеър

Дидор хост чашми замона зи қадри ту,
Дар гӯши ӯ ниҳод қазо «лан тароние».

Чун ҷавоби замона на қадри ӯ медиҳад, «лан таронӣ» (ҳаргиз нахоҳӣ дид маро) дуруст набошад, илло (фақат) он ки тасҳеҳи (дурустии) онро ваҷҳе (тарзе) тавон гуфт, яъне қазо замонро аз адами (надоштани) имкони он дидор бад-ин иборат аълом (нишон) дод, ки мувофиқи лафзи Қуръон бувад ва дар забони авом хаст, ки касе чизе талабанд, то бингаранд, он кас заниат (мумсикӣ) кунад ва гӯяд наметавон дид, гӯянд «ояти лан таронӣ (ҳаргиз нахоҳӣ дид маро) мехонад». Ва Манучеҳрӣ гуфтааст:

Шеър

Ҳаменозад ба адл шоҳ Масъуд,
Чу пайғамбар ба Нӯшервони Одил.

Ва нашояд гуфт, ки пайғамбар салавотуллоҳу алайҳи ва оллоҳ, ба кофирӣ бинозед ва агар тамассук (часпидан) бад-ин ҳадис кардааст, ки вулидту фӣ замонӣ маликин одилин (дар замони подшоҳи одил таваллуд ёфтам). Пайғамбари салавотурраҳмани ин сухан дар маърази (мавриди) шукри фазли гирдгори тааоло ва тақаддус (муқаддас) гуфта бошад дар ҳаққи хеш. Яъне сиришту тинати маро ба маҳзи (покии) лутфи хеш аз разоилу (разилиҳою) нақоис (нуқсонҳо) чунон пок офарид, ки валодатам низ дар замони адлу айёми давлати подшоҳе одил тақдир кард ва чун ӯ (саллалоҳу алайҳи ва саллам) ба сайёдати (бузургвории) кулли авлоди Одам (салавотуллоҳу алайҳи) нанозад, ки ана сайиду вулди Одам вала фахра (ман сайидам ва таваллуд шудам, Одамам ва бетафохурам) чи гуна ба мулке кофир фахр кунад.

Ва аз ҷинси зиёдот ва ҳузуф (партофтан) баъзе ҳаст, ки машҳур ва мутадовил гаштааст ва бад-ин сабаб, дар назму насри ҷоизу саиғ (раво) аст, чунон ки «гар»-у «агар» «моно» — «ҳамоно» ва «ме» — «ҳаме» ва «кунун»-у «акнун» ва «дарун»-у «андарун» ва «бурун»-у «берун» ва «фиғон»-у «афғон» ва «чор»-у «чаҳор» ва «дигар»-у «дӣгар» ва «батар»-у «бадтар» ва «ҷой» ва «ҷойгоҳ» ва «чунон»-у «чӯнон» ва «хомуш»-у «хомӯш» ва «шоҳ»-у «шаҳ» ва «моҳ»-у «маҳ ва «роҳ»-у «раҳ» ва «кутоҳ»-у «кӯтаҳ». Валекин баъзе калимот бошад, ки ба сабаби таодули (баробарии) мутаҳаррикот ва савокин фасеҳтар ояд, чунон ки «доман» аз «домон» фасеҳтару «пираҳан» аз «пироҳан» хуштар ва «ногаҳон» аз «ногоҳон» беҳтару «огаҳӣ» аз «огоҳӣ» балеғтар ва ҳамчунин «шукӯҳ» аз «шукуҳ» ва «гурӯҳ» аз «гуруҳ» авлотар. Ва аммо «амир» ва «мир», чун дар порсӣ лафзи «амир» маънии муфрад надорад ва тафсири рӯирости он корфармой аст, бар сабили муболиғат ва маънияш худованди (соҳиби) фармон аст ва лафзи «амир» мӯҷизу муфид аст, пас гӯё порсигӯён онро мухтасартар кардаанд ва ҳамза аз он андохта. Пас агар шоир хоҳад, ки аз лафзи «амир» ҳамза бияндозад ва зарурати вазнро «мир» биёрад, айб камтар бошад ва на чунон бувад, ки Абӯабдуллоҳро Бӯабдуло хонад ва амсоли он. Ва аммо «лекин»-у «лок»-у «вале», ки ҳар се мустаъмал аст, «лекин» ба иттифоқ лафзи тозӣ ва дар асл «нун»-и «лекин» мушаддад (ташдиддор) аст ва тахфифро сокин дар лафз меоранд ва зарурати шеърро низ «нун»-ро исқот мекунанд ва «лок» мегӯянд, чунон ки:

Шеър

Ва локи асиқни ин кона моука зофазли.

Ба маънии валекин асиқни ва дар порсии қадим ба маънии лекин ба як истеъмол кардаанд ба имолати касраи «бо» ва акнун он лафз аз забонҳо афтодааст ва маҳҷурилистеъмол (камистеъмол) шуда ва «бо»-ро ба «лом» бадал кардаанд, «валек» мегӯянд ва бошад, ки «коф» низ ҳазф (ихтисор) кунанд, «вале» танҳо гӯянд ва ғолибан ин лафз бе «вов»-и ибтидо мустаъмал надоранд, чунон ки:

Шеър

Ба неку бад сар ояд зиндагонӣ,
Вале бе ту набошад шодмонӣ.

Пас дар лафзи «лекин», ки тозии маҳз аст, ба ҳеҷ сабил нашояд, ки «ё» нависанд, аммо «лек» чун бадали «ба як» аст, дар порсӣ, бе «ё» ва бе «лом»-у «алиф» нашояд навишт. Ва аммо лафзи «эмин» ( ایمن ) ва «эминӣ» ( ایمنی ) агар чи асли он аз «омин»-и ( آمن ) тозии маҳз аст, ба ҳукми он ки «омин»-ро ( آمن ) дар порсӣ маънии муфрад нест ва тафсири «амн» ( امن ) бе бим шудан аст ва ин лафз мустаъмал нест, пас гӯё «эминӣ» ( ایمنی ) порсӣ шудааст ба касрати истеъмол. Агар лафзи «эмин» ( ایمن ) ва «эминӣ» ( ایمنی ) ба «ё» нанависанд, то ба қоидаи китоби порсӣ наздиктар бошад, хато набошад ба хилофи лафзи «китоб»-у «ҳисоб»-у «итоб» ва амсоли он ки ҳарчанд дар истеъмоли порсӣ ин калимот албатта мумола дар лафз оранд, аммо чун «алиф»-и аслии хеш дорад, дар он тағйир ҷоиз набошад ва чун дар «эмин»-у ( ایمن ) «эминӣ». Чун ба насқи (тартиби) тозӣ нависанд, ду «алиф» одат нест. Агар дар порсӣ «ё»-е бадали «алиф»-е дигар бинависанд, бар он дақке (айбе) набояд гирифт ва аммо калимоти алифӣ, чун «доно» ва «зебо» ва «зарҳо» чун изофат кунанд, «ё»-е бинависанд, чунон ки «донои даҳр»-у «зебои шаҳр» ва «молҳои фалон», аз баҳри он ки аломати изофат дар ин луғат касраи охири калимаи музофист, чун «моли ман»-у «ҳоли рӯзгор» ва чун ҳарфи охирини калимаи музоф (изофа кардашуда) «алиф» бошад, (яъне «о» бошад) ва «алиф» қобили ҳаракат нест, ҳароина (ҳатман) ҳамзае ё «ё»-е бибояд, ки маҳалли ҳаракати изофат шавад, пас ҳар калима, ки ҳарфи охирини он «ҳо»-и зиёда бошад, чун «банда» ва «оянда» ва «раванда» ё ҳарфе аз ҳуруфи мадду лайн бошад, чунон ки «доно», «бино» ва чунон ки «каду», «бозу» ва чунон ки «сӣ» ва «бозӣ» изофат кунанд, албатта ҳарфе дар лафз ояд максур (касрадор) миёни «ҳамза» ва «ё» ва аз ин ҷиҳат, онро «ҳамзаи мулайяна» хондаам, чи мунтамаъи он ба ҳамза наздиктар аст, ки ба «ё» ва дар калимоти тозӣ чун мамдуда бошад, чун «ило» ( علاء ) ва «баҳо», аломати изофатро агар бар мадде иқтисор кунанд, ба савоб (ҳақиқат) наздиктар бошад, аз баҳри он ки дар калимоти мамдуда худ ҳамзаи аслӣ ҳаст ва онро ҳаракат метавон дод, чунон ки «илои дин»-у «баҳри давлат», аммо дар калимоти максура чун «қафо» ва «асо», агар бар ҳамон қоидаи аввал «ё»-е бинависанд, то маҳалли ҳаракат гардад, хатои маҳз набошад. Ва ҳамчунин калимаи «авлотар», ки ҷамоате пиндоранд, ки чун дар калимаи «авло» маънӣ тафсилу тарҷеҳ (равшан) аст, лафзи «тар» бо он замм кардан хато бошад ва на чунон аст, ғояти мо фӣ албоб он бошад, ки муболиғате бувад бар муболиғат ва чун дар порсӣ мегӯянд «беҳ» ва «беҳтар» ва калимаи «беҳ» худ мутазаммин маънии руҷҳону (бартарию) улувият (соҳибият) аст, чунон ки гӯянд: «ин беҳ аз он аст ва беҳтар аз он аст». Чаро нашояд, ки гӯянд: «Чунон авлотар аст», илло (ғайри) ки насқи (тартиби) каломи тозӣ бошад. Чунон ки гӯянд: «Тариқи авло ин аст». Чи дар ин мавзеъ (маврид) нагӯянд, ки тариқи авлотар ин аст. Ва чун калимаи «авло» ба охир афтад, ҳароина (албатта) онро робитае бояд, то сухан тамом шавад, чунон ки гӯянд: «Авло ин аст» ё «ин авло аст», ё «ин авло бошад» ва монанди он. Ва агар гӯянд: «Чунин авло» ва сухан қатъ кунанд, сухани порсӣ тамом набошад, чунон ки дар тозӣ гӯянд: «Фалону олим» ва «фалону ғанӣ». Агар дар порсӣ гӯянд: «Фалонӣ олим» ва «фалонӣ тавонгар», сухан тамом набошад, илло (ғайри) ки гӯянд: «фалонӣ олим аст» ва «фалонӣ тавонгар аст». Ва чун дар порсӣ гӯянд: «Ин авлотар», ба калимаи робита эҳтиёҷ набошад, ки лафзи «гар» дар ин мавзеъ (маврид) муҷаввази (ҷоизи) сукути (афтодани) ҳарфи рабт аст. Агар касе дар назму наср гӯяд: «Чунон авлотар», хатои маҳз набошад.

### Навъи дуввум

он аст, ки таркиботи нохушу истиороти борид (хунук) ва тақдиму (чизеро пешниҳод кардану) таъхироти (чизеро ба ақиб мондан) нодилписанд ва маъонии воҳӣ (суст) дар шеър ба кор барад, чунон ки гуфтаанд:

Шеър

Бисоз маҷлису пеши ман ор ҷоми набид,
Ҳоло ки дӯст ба ногоҳиён фароз расид.

Ва агар гуфтӣ «ҳоло чу дӯст», беҳтар будӣ аз он ки истеъмоли «коф»-и сила баъд аз ҳало ба ҳалоки дӯст монад.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Хирман зи мурғи гурусна холӣ кучо бувад?
Мо мурғакони гуруснаему ту хирманӣ.

Лафзи «ту хирманӣ» мамдӯҳро лафзану маънан истиорате ракик (заиф) аст ва таркибе зишт.
Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Ҳаво чу дарьё, моҳӣ чу мурғ, киштӣ — пар,
Шиноваронаш сияҳзоғакони ғарқануфус.

Чун гуфт: «Ҳаво чу дарьё», боистӣ, ки гуфтӣ: «мурғ чу моҳӣ», на «моҳӣ чу мурғ». Ва агар гӯем, ки ғалат аз нассох (нусхабардор) афтода бошад ва ӯ чунин гуфтааст, ки ҳаво чу дарьё, моҳияш мурғ, киштӣ— пар, дуруст бошад, аммо лафзу маънии «сияҳзоғакони ғарқануфус» жожест, ки ҳеч хар нахояд. Ва Булфарач гуфтааст:

Шеър

Ҳиммат баланд бояд кардан, ки ту ҳанӯз,
Бар пояи нахустин аз нордбониё.

Мамдӯҳро бар пояи нахустину пояи баландтарин шояд, аммо зикри нардбону мамдӯҳро бар нардбон гуфтан зишт аст.
Ва аз тақдиму таъхироти нохуш Муиззӣ гуфтааст:

Шеър

Шоир, худойгоно, аз гуфтани мадеҳат,
Пуранбар асту гавҳар пеши ту хар даҳоне.

Ва аз ин зишттар Фаридуддини Аттор мегӯяд:

Шеър

Шоҳи Хоразм Текишзод Муҳаммад-султон
Қай зи дил заҳраи мардон ба ҳазар меорад.

Ва аз табиини нодуруст Асир гуфтааст:



Тинат об асту хок зоти шарифи ту, лек
Хок насими инҳирок, бод асири илтиҳоб.

Чун тинатро обу хок гуфт, боистӣ, ки дар табиини он зикри обу хок кардӣ, на сифати хоку бод. Ва агар ғалат ба нассох (нусхабардор) ҳавола кунем ҳам, нек нест, чи обро ба илтиҳоб (ғазаб, сӯзиш) сифат накунанд ва агар низ чоиз доранд, чи мадҳ бошад, ки тинати мамдӯҳро ба оби чӯшон ташбеҳ кунад.
Ва Азрақӣ гуфтааст:

Шеър

Оби Ҳаёт хӯрд синони адӯи ту,
Ҳар кас, ки хӯрд зарбат, ӯ монд човидон.

Яъне аҷзу (очизию) чубни (тарси) адӯ то ҳадде аст, ки захми синони ӯ қотил нест ва бад-ин иборат мегӯяд, ки ҳар кас, ки синони ӯ хӯрад, човидон бимонад ва ин ба мадҳи адӯ лоиқтар аст, ки ба замм ва низ аз Оби Ҳаёт хӯрдани синон лозим наёяд, ки ҳар кас, ки он синон хӯрад, човидон бимонад. Пас ба ҳама вуҷуд, ҳам таркиби байт суст аст ва ҳам маънӣ нодуруст. Ва Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Ҳамеша, то ки бувад наъти зулф дар ашъор,
Ҳамеша, то ки бувад васфи хол дар амсол.

Ва дар амсол васфи холу ғайри он аз авсофи шуаро набошад, магар ки зикри хол бар сабили иҳом оварда-аст ва мурод аз хол абр дошта, ки арабро дар абру борон амсол бисьёр аст. Ва ҳаму (Анварӣ) гуфтааст:

Шеър

Або мадоеҳи ту нақш гашта бар авҳом,
Ва ё маҳомиди ту вақф гашта бар ақвол.

Боистӣ, ки гуфтӣ: «Ақвол вақф гаштааст бар маҳомиди ту», то ҳама ақвол (кавлҳо) бад-он масруф (сарф кардашуда) будӣ, на он ки маҳомиди ӯ вақф бошад бар ақвол, то чуз ба қавли муҳаммадати ӯ нагӯянд. Магар лафзи вақф ҳам бар сабили иҳом оварда бошад,

ки вақф дар луғати араб дастинаи очин бошад, ки занон дар даст кунанд, яъне маҳомиди ту лозими ақвол гаштааст, ҳамчунон ки дастина лозими даст бошад. Ва тақдири калом чунон бошад, ки эй маҳомиди ту дастинае гашта бар соиди (ёрии) ақвол (қавлҳо), яъне мулозими (ҳамроҳи) ақвол гашта.

Ва Саноӣ гуфтааст:

Шеър

Заҳра андар хасис нопайдо,
Гашта аз нури хеш ҷумла ҷудо.

Ва заҳра аз нури хеш ҷудо нашавад.

Ва Манучеҳрӣ гуфтааст:

Шеър

Туӣ зилли худою нури холис,
Ба гетӣ кас шунидаст ин масоил.

Ва гуфтааст:

Кушодам ҳар ду зону бандаш аз пой,
Чу мурғ, к-аш кушоянд аз ҳабоил.
Ҷарас дастони гуногун ҳамезад,
Ба сони андалебе аз анодил.

Ин ҳама ҷумӯъи (гурӯҳи) ҳашв ва бемаънӣ аст ва зикри андалебе аз анодил тахсисе (махсус гардониданн) номаълуму бефоида.

**Навъи саввум**

он аст, ки дар баъзе аз авсоф, мадҳу ҳиҷою ғайри он ғулув кунанд, ки ба ҳадди истиҳолати (номумкин гаштани) ақлӣ расад ё тарки адабе шаръиро мусталзим (сабабгор) бувад. Чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Агар фано дар ҳастӣ ба кулл барандояд,
Туро чи бок, на зоти ту мустанди фаност!
Ва гар бақо набувад дар ҷаҳон, туро чӣ зиён?
Бақо ба зоти ту боқӣ, на зоти ту ба бақост.



Дар ин масъала миёни уқало (оқилон) хилоф аст, ки боре таоло боқӣ ба зот аст ё боқӣ ба бақо? Ва ӯ гуфтааст: «Бақо ба зоти ту боқӣ аст, на зоти ту ба бақо боқӣ аст». Ва Ғазоирӣ гуфтааст:

Савоб кард, ки пайдо накард ҳар ду ҷаҳон,
Ягона эзиди додори беназиру ҳамол.
Ва гар на ҳар ду бибахшидие ба гоҳи ато,
Умеди банда намондӣ ба эзиди мутаол.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Ба тир аз чашми нобино сапеда пок бардорад,
Ки на дида биёзорад, на нобиню хабар дорад.

Ва Ҷамол Муҳаммад Абдурраззоқ гуфтааст:

Шеър

Куфр аст ва гар на дасти ҷуди ту
Ло аз сари лоиллаҳ баргирад.

Чун нафйи (инкори) ин «ло» ба ҷуду бухл таааллуқе надорад, муболиғае зишт аст ва мадҳе қосир (норасо) ва дар калимаи шаҳодат бар ин калима вакф кардан нашоист. Ва чун гуфт: «дасти ҷуди ту», маънӣ он гоҳ дуруст будӣ, ки дар нафйи (инкори) он «ло» исботи ҷуде тасаввур шоисте кард ва ин ҷинс итлоқот (ба ҷо овардаиҳо) худ наздики арбоби бароат (фазилат) нописандида аст, чунон ки айб кардаанд бар касири (зиёдии) азза (шӯҳрат), ки гуфтааст:

Шеър

Яқирру байни мо яқирру байниҳо.

Яъне ҳар чӣ азза (шӯҳрат) бад-он хушдилу чашмравшан шавад, ман бад-он хушдилу чашмравшан шавам. Ва гуфтаанд, ки ӯ дӯст дорад, ки бо вай муҷомаат (ҳамсӯҳбатӣ) кунанд. Пас бояд ки касир ҳамон маънӣ ба хештан писандад. Ва ҳамчунин айб кардаанд бар Мутанаббӣ, ки гуфтааст:

Лавистатаъту рақибтунноса кулламуҳум,
Ила Саъид ибни Абдуллаҳи Буърона.

Яъне агар тавонистаме ҷумла мардумонро шутур сохтаме ва барнишаста ба хидмати Саъди Абдуллаҳ рафтаме. Ва гуфтаанд, агар Мутанаббӣ розӣ аст, ки бар модари хеш нишинад ва ба хидмати мамдӯҳ равад ва мамдӯҳ розӣ набошад, ки Мутанаббӣ бар зани вай нишинад ва пеши вай равад.

Ва Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Эй камоле, ки пас аз зоти худо,
Ҷуз камоли ту ҳама нуқсон аст.

Ва гуфтааст таҷовузуллаҳ анҳу (дар он таҷовуз кардааст) ва астағфируллоҳ мин китобатиҳӣ ва қироатиҳӣ (худоё, аз навиштан ва хондани он тавба кардам):

Бузургворе, к-андар камоли қудрати хеш,
На эзид асту чу эзид бузургу беҳамтост.

Ва ҳаму [Анварӣ] гуфтааст:

Зиҳӣ, ба тақвияти дин ниҳода сад ангушт,
Маосири Яди Байзост даст Мӯсоро.
Ба хоки пои ту сад бор таъна беш задаст,
Сипеҳр тахти Сулаймону тоҷи Кисроро.

Ва шеър аз ин ҷинс бисьёр гуфтаанд, ки агар мӯъҷизи фалон пайғамбар чунин бувад, ту чунинӣ ва туро чунин аст. Ва гар фалон пайғамбар чунон кард, ту чунин кардӣ, чунон ки Азрақӣ гуфтааст:

Шеър

Агар тахти Сулаймонро ҳаме сарсар, худовандо,
Кашид андар ҳаво бар он ба номи қодири довар.
Ту оташтабъи гардунӣ ҳаме дар зери рон дорӣ,
Ки андар дасти ӯ абр асту андар пои ӯ сарсар.
Ва гар Хизри паямбарро мубоҳ омад, ки бе киштӣ,
Гузорад комро бар мавҷи дарьёҳои бемаъбар.
Ту аз пӯлоди миноранг дарьёе ба каф дорӣ,
Ки сад дарьёи хун дорад равон аз об в-аз гавҳар.

Ва Хоқонӣ гуфтааст дар мадҳи падари хеш Алии Наҷҷор:



Шеър

Юсуфи Наҷҷор кист? Нӯҳи даравгар кӣ буд:
То зи ҳунар дам занад бар дари имкони ӯ.
Нӯҳ на бас илм дошт, гар падари ман будӣ,
Қантара бастӣ ба илм бар сари тӯфони ӯ.

Ва Муиззӣ гуфтааст:

Шеър

Рамазон шуд чу ғарибон ба сафар бори дигар,
Ин-т фаррух шудану ин-т ба ҳангоми сафар.
Буд шоиставу лекин чӣ тавон кард, чу рафт?
Муиззиро натавон дошт муқимӣ ба ҳазар.
Гар чи дар ҳаққи вай имсол муқассир будем,
Узри тақсир тавон хост аз ӯ соли дигар.
Дер наншасту сабукборею тахфиф намуд,
Зуд бигзашту раҳе дур гирифт андар бар.
Нолаи ошиқи беёр ҳамоно бишнавад,
Бар дили мутриби бекор бибахшуд магар.
Написандид, к-аз ин беш ҷаҳоне зану мард
Хушк доранд лабу тофта доранд ҷигар.
Он ки ин тоат фармуд, ҳақиқат донист,
Ки аз ин беш дамодам натавон бурд ба сар.
Ид бикшод дареро, ки маҳи рӯза бибаст,
Фаррух он кас, ки занад даст дар ин ҳалқаю дар.
Навбати масҷиду тасбеху таровеҳ гузашт,
Навбати маҷлису базм асту маю ромишгар.
Сабр кардем, ки дар рӯза чунон мебоист,
Ратл хоҳем, ки дар ид чунин некӯтар.

Ва ҳаму [Муиззӣ] гуфтааст:

Шеър

Чун ҳаво сардӣ бидаррад, ҷои мо кошона беҳ,
Мусҳафи мо соғару меҳроби мо майхона беҳ.

Ва ин ҷумла ношоист аст ва далерӣ бар шариату далелкунанда бар беэътиқодии шоир ва футури (сустии) қуввати сидқи ӯ дар ин, наъузубиллаҳи миназзалол баъдалхуда (худоё, моро аз гумроҳӣ нигаҳ дор).

**Навъи чаҳорум**

он аст, ки дар ибтидо ва матолеъи (аввали) қасида лафзе мустакреҳ (зишт, хунук) ва сухани нохушоянда орад ва дар суолу истеътоф (лутфу меҳрубонӣ) тариқи адаби маръӣ (риоят кардашуда, ҷорӣ) надорад ва аз насибу ташбиб ба он чи мақсуд аст, бар ваҷҳе ҷамил ва шеваи муносиб нақл накунад. Аммо матлаъи нописандида, чунон ки шоир гуфтааст:

Шеър

Нест туро дар замона ҳеч назир,
Ҳаст ба рӯи ту чашми халқ қарир.

Ва калимаи «нест»-у «набошад»-у «намонад» ва амсоли он ибтидои қасоидро нашояд. Ва он чи Камол Исмоили Исфаҳонӣ дар матлаъи савгандномае бо чандон латоиф гуфтааст:

Умеди лаззати айш аз мадори чарх мадор.

Агар чи хитоб бо хештан мекунад, сахт нописандида бошад мувоҷаҳати (рӯбарӯшавии) мамдӯҳ бад-ин матлаъ: «умеди лаззати айш мадор». Ва чун дар ин қасида иҷтидо (суол кардан ва ато хостан) ва истеътоф (меҳрубонӣ ва дил ба даст овардан) хоҳад кард, чун тавон гуфт:

Ки дар диёр карам нест зи одамӣ дайёр.

Ва бо ин ҳама, агар дар тахаллус бар ваҷҳи тадорук (чораи, илоҷи) узре тамҳид (фароҳам, омода) кардӣ, саҳлтар намудӣ, чунон ки Сайид Ҳасан дар қасидаи «карам»—радиф, ки мегӯяд:

Шеър

Фасона гашт ба якбора достони карам,
Бурида шуд бе ҳоҷат зи остони карам.

Ба тахаллус гуфтааст:



Зи ҳад бибурдам, не, не, ҳанӯз сармаст аст,
Зи ҷоми ҷуду сахо табъи шодмони карам.

Ва чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Хароб кард ба якбора бухл кишвари ҷуд,
Намонд дар садафи мукаррамот гавҳари ҷуд.

Ва дар тахаллус аз забони маъшуқ мегӯяд:

Ба хашм гуфт, ки чандин ба расми беадабон,
Магӯй марсияи ҷуд дар баробари ҷуд.

Ва он чи Разии Нишопурӣ гуфтааст:

Шеър

Куҷост навбати эҳсону рӯзгори карам,
Чи вақт мешукуфад бори навбаҳори карам.
Ғубори бухл зи саҳни замин ба чарх расид,
Куҷост охир як абри селбори карам.
На мурғи ҳиммати касрост парру боли сахо,
На шохи давлати касрост баргу бори карам.
Наёмад охир як гул зи ғунчаи эҳсон,
Намонд охир як тифл аз табори карам.

Он гоҳ ба ваҷҳи тахаллус мегӯяд:

Наъузубиллаҳ, агар садри Шарқ худ набудӣ,
Ки хост буд дигар дар ҳама диёри карам.

Мадҳе ноқис аст ва тахаллусе ракик (суст), аз баҳри он ки нахуст нафйи фазилате аз фазоили инсонӣ кард илал итлоқ (ба ҷо овардан), ки гуле аз ғунчаи эҳсон ва тифле аз табори карам намонд, он гоҳ асаре дар мамдӯҳ бозовард ва ин қусури (айби) мамдӯҳ бошад, ки то дар ҷаҳон карам намонд, карами ӯ падид наёмад. Ва ин ҷинс тахаллусот лоиқи он буд, ки дар нузули (поёни) вақоеъи бузург ва ҳулули ҳаводиси изом (хеле бузург) истеъмол кунанд, ки дар ин воқеа, наъузубиллаҳ, агар на фалон будӣ, дафъи он кӣ тавонистӣ кард ва растакории халқ аз он ба воситае, ки будӣ. Ва аз ин ҷиҳат, тахаллуси Анварӣ беҳтар аз та-

халлуси Сайид Ҳасан аст, ки Анварӣ худро ғофил сохтааст аз ҷуди мамдӯҳ, то қоиле (мӯътақиде) ӯро огоҳӣ медиҳад, ки магӯй марсияи ҷуд дар баробари ҷуд. Ва Сайид Ҳасан гуфтааст: «Не, не, ҳанӯз шаммае аз карам мондааст» ва аз ин низ қусури мамдӯҳ дар ин хислаи шарифа лозим ояд. Ва аз ҷинси ибтидоот он чи ба матлаъи латифи Анварӣ монад, ин аст:

Шеър

Эй туро карда худованд худои мутаол.

Ва аммо тахаллуси қабеҳ он аст, ки аз ғазалу ташбиб ба мадҳи мамдӯҳ чунон нақл кунад, ки гӯё истионат (ёрӣ талабидан) мекунад бад-ӯ дар идроки мурод аз маъшук, чунон ки шоир гӯяд:

Шеър

Намебуррам умед ва васл, зеро восиқам, к-аз ту
Ба тавфиқи шаҳаншоҳӣ муроди хеш бардорам.

Ва Ғазоирӣ гуфтааст:

Шеър

Кунам хидмати подшоҳ, то кунад
Маро бар ту, бар подшо подшо.

Ва ин саҳлтар аст, яъне чандон мол диҳад, ки бадон бар ту подшо шавам. Ва Заҳир гуфтааст:

Борҳо дар дилам омад, ки ман ин музлимаро
Ба дари сафдари офоқ барам як боре.

Ва агар аз ин ҷинс тахаллусот гузир нест, боре чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Бо фалак ёр машав дар бади ман,
Эй ба ҳар некӯӣ арзонӣ.
Ки чу аз ҳад бибарӣ, фош кунам,
Қиссаи дард зи бедармонӣ.
То туро аз сари ман боз кунад,
Маҷди дин Булҳасани Умаронӣ.



Ва аз ин ҷинси тахаллусоти борид (хунук) Имодӣ гуфтааст:

Шеър

Бозам раҳон зи ишваи бисьёр, чун маро
Бо деҳхудо ҳадиси ту бисьёр меравад.

Ва аммо тарки адаб дар суолу истеътоф он аст, ки аз мамдӯҳ ба илҳоҳ (илтимос, илтиҷо) ва ибром (исрор, истодагарӣ) чизе талабад ва хештанро ба фунуни одоб ва анвоъи ҳунар бистояд ва истеҳқоқи (лаёқату қобилияти) хеш ба анвои авотиф (меҳрубониҳо) ва аснофи (хелҳои) аворифро (тӯҳфаҳоро) бознамояд, он гоҳ тақсир дар риояти ҳақ ва адои фазли ӯ ба мамдӯҳ нисбат кунад, чунон ки шоир гуфтааст:

Шеър

Чу ман соҳибҳунар дар хидмати ту,
Чаро бояд ки бошад зоеъю хор?

Ва аз ин зишттар дигаре гуфтааст:

Шеър

Чу ман касе бари ту, гар на молу ҷоҳ бувад,
Чаро гузорад умру чаро кашад хорӣ?

Ва ё аз махдум (хӯҷаин) чизе муайян, чун ғуломе ё аспе, ё чизе дигар, ки махдумро бад-он илтифоте беш-тар тавонад буд, бихоҳанд, чунон ки шоир гӯяд:

Шеър

Идию наврӯзӣ аз шаҳ ҳеҷ настонам, магар,
Боргири хосу турке дурҷгавҳар бар миён.

Ва ин ҷинс суол далели вақоҳати (бешармии) шоир ва таҳаннуки (сустии) табъи ӯ бошад. Ва дар ин боб шикояти латифу истеътофи (лутфу меҳрубонии) хуш чунон бошад, ки Заҳир гуфтааст:

Дар аҳди чун ту шоҳе, к-аз фазлаи сахот,
Ҳар рӯз чарх ротиби дарьёю кон диҳад.
Шояд ки баъди хидмати яксола дар Ироқ,
Нонам ҳанӯз Хусрави Мозандарон диҳад.

## БОБИ ШАШУМ,

## ДАР ЗИКРИ МАҲОСИНИ ШЕЪР ВА ТАРФЕ АЗ СИНОАТИ МУСТАҲСАН, ҚИ ДАР НАЗМУ НАСР БА КОР ДОРАНД

Ва агар чи дар ин боб низ мутакаллифони шуаро итноб (сухан дароз) кардаанд ва тадқиқот намуда, мо дар ин таълиф бар он чи машҳур ва тадсвили мутааххирони арбоби табъ аст ва бар он чи фуҳули (саромадони) шуаро ва суханварони моҳир онро эътибор кардаанд, иқтисор (каноат) кунем: тафвифу тарсеъю таҷнису тақриру мутобақаю ташбеҳу ҷамъу тафриқу иҳому иғолу такмилу истиорату тамсилу ирдофу табйину тафсиру тақсиму тавсиму тасҳиму тафрею иститроду талмеҳу эҷозу мусовоту басату эътирозу илтифоту тадоруку тақобилу таъкидулмадҳ би моя шбаҳуззаму иноту зуқофиятайну тансиқи сифоту соиқатулаъдоду тавшеҳу тасмиту тарҷеъю ҳусни матлаъю мақтаъю лутфи тахаллусу адаби талаб ва баъд аз он фасле дар зикри баъзе аз аҷноси шеър ва анвоъи назм, ки дар музовалати (таҷрибаи) ин фанну таъотини (ҷузъиёти) ин шева ба маърифати он эҳтиёҷ афтад, чун насибу ташбибу ғазалу рубоию муздаваҷу мусарраъю муқаффию маҳдуду маҷмаъю байти қасидаю луғзу муаммою мутакаллифу матбӯъ радифи (ҳамсафари) ин боб созем, он гаҳ китобро ба хотимае муршид (устод) ва танбаҳи ҳодӣ (пешво), ки дар ифтитоҳи (ибтидои) ин саноат ва иқтидоҳи (касб кардан ва варзидани) ин бизоат (чиз) аз он чора набошад, ба охир р сонем.

### Тафвиф

он аст, ки бинои шеър бар вазне хушу лафзе ширин ва иборате матину қавофие дуруст ва таркибе саҳлу маъонии латиф ниҳанд, чунон ки ба афҳом (ақлҳо) наздик бошаду дар идрок ва истихроҷи (фаҳмидани) он ба андешаи бисьёр ва имъони (диққати) фикр эҳтиёҷ наяфтад. Ва аз истиороти баъиду (дуру) маҷозоти шоду ташбеҳоти козиб (дурӯғ) ва таҷнисоти мута-



каррир (такрорёбанда) холӣ бошад. Ва ҳар байт дар лафзу маънӣ ба нафси худ қойим (устувор) бувад ва ҷуз рӯи маъонӣ ва тансиқи (мураттабии) калом ба дигаре мӯҳтоҷ ва бар он мавқуф набошад. Ва алфозу қавофӣ дар мавозеъи хеш мутамаккин (ҷойгир) бошад. Ва ҷумлаи қасида яктарзу якшева бувад ва иборат гоҳ баланду гоҳ паст нашавад ва маъонӣ гоҳ муттасиқу (мавзуну) гоҳ музтариб (парешон) нагардад ва муҷоварати (наздикии) алфозу лаёқати он ба якдигар маръӣ (намоён) бошад ва ғароибулалфоз ва маҳҷуроти (калимаҳои камистеъмоли) луғати фурс дар он мустаъмал набошад, балки аз саҳеҳу машҳури луғати дарӣ ва мустаъмалоти алфози арабӣ, ки дар муҳоварот (гуфтугӯ) ва муросалоти (номаҳои) порсигӯёни фозил мутадовил бошад, мураккаб бувад, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

### Шеър

Эй дар замони адли ту маъмур баҳру бар
В-эй дар масири килки ту асрор нафъу зарар.
Эй рӯзгор одилу айём фитнасӯз
В-эй осмон собиту хуршед соявар.
Дар рӯзгори адли ту бо ҷабри хосият
Беҷода аз тааррузи гоҳ аст барҳазар.
Қадри ту касватест, ки хайёти фитраташ
Пур дӯхтаст зи абраи афлок остар.
Гардун бари натоиҷи табъат бувад ақим,
Дарьё бари латоифи табъат бувад шамар.
Эй чархистимолату миррихинтиқом,
Эй офтобхотиру эй муштариназар.
Ҳирси санопю шавқи ҷамоли муборакаш,
Гар дар қавоии номия пайдо кунад асар.
Ин дар забони хомӯши савсан ниҳад калом
В-он дар табоқи дидаи наргис ниҳад ба сар.
Аз ишқ нақши хотами туст он ки табъи мум
Бо ангубин ҳама набарад дӯстӣ ба сар.
Нашкуфт агар нигин туро дар қабули мӯхр,
Чун муми нарм саҷдаи тоат барад ҳаҷар.
Нагзорад, ар ба чарх расад боди қаҳри ту
Осори ҳусни ориятe бар рухи қамар.
В-ар сояи тағйири ту бар ҷаҳон фитад,
Дар табъ, к-ӯ канори мураккаб шавад саҳар

Бинад фалак назири ту, лекин ба шарти он ки
Ҳам сӯи ту ба дидаи аҳвол кунад назар.
То тарбият диҳанд се фарзанди кавнро,
Таркиби чор модару таъсири нӯҳ падар.
Аз тавқи доғ кардани ин чор шарм дор
В-аз пои қадари торики он нӯҳ фурӯ супар.
То воҳид аст асли шумору нӯҳ дар шумор,
Даврони бешумор ба шодӣ ҳамешумар.
Бар маркази муроди ту айёмро мадор,
То чархро мадор бувад, кард ин мадор.

Ва чунон ки Рашид гуфтааст:

### Шеър

Эй дар кафи азимати ту ханҷари савоб,
Ҷони адӯ суоли ҳисоми туро ҷавоб.
Ганҷест хотири ту пур аз гавҳари ҳунар,
Чархест фикрати ту пур аз ахтари савоб.
Пирояи равон шуда меҳри ту чун хирад,
Сармояи тараб шуда ёди ту чун шароб.
Айёми бетаровати иқболи ту дижам
В-офоқи беимурати инсофи ту хароб.
Аз роҳи барру лутф туӣ моликулқулуб
В-аз рӯи амру наҳӣ туӣ моликурриқоб.
Давлат гузида бар дари маъмури ту мақом,
Нусрат кашида бар сари маймуни ту қибоб.
Садри ту ҳамчу хулду чу анфоси аҳли хулд
Имдоди бахшиши ту бурун аз ҳисоб.
Хоке, ки боди хулқи ҷамилат бар ӯ вазид,
Ёбад зиёи оташу гирад сафои об.
То аз ҳиҷоби чеҳраи мулкат нашуд падид,
Пинҳон нагашт чеҳраи аҳдос дар ҳиҷоб.
Тайидро ба рояту рои ту интимо,
Иқболро ба номаю номи ту интисоб.
Дӯзах зи таффи кӯшиши ту камтарин шарор,
Қавсар зи оби бахшиши ту камтарин хубоб.
Дар хушксоли ҳодиса гашт умеди халқ,
Аз файзи неъмати ту расида ба фатҳ боб.
Аз хоб барнахезад, илло ба нафхи сур,
Ҳар душмане, ки бинад шамшери ту ба коб.
Гар шӯълае зи хашми ту бар баҳр бигзарад.
Дуди сияҳ барояд аз баҳри пур убоб.
Аз ту бадеъ нест ҳунар, чун зи май нишот



В-аз ту ғариб нест карам, чун зи гул гулоб.
Бар душманон ба ханҷару бар дӯстон ба ҷуд,
Ҳам мурсали уқобе, ҳам манзили савоб.
Рӯзе, ки пайзаро бувад аз синҳо ғилоф,
Ҷое, ки теғро бувад аз фарқҳо қироб.
Гардад кушода чеҳраи оҷолро қиноъ,
Гардад гусиста хаймаи омолро таноб.
Сарҳо пур аз хумор кунад бодаи тион,
Дилҳо пур аз шарор кунад оташи зироб
Ҳамчун замин сокин гардун дар интизор,
Ҳамчун сипеҳр гардон ҳамчун дар изтироб.
Аз хуни тоза пушти замин чун рухи тазарв
В-аз гард тира рӯи ҳаво чун пари ғуроб.
Шерони ҳарброю далерони размро
Ҷон урзаи ниҳебу равон тӯъмаи ниҳоб.
Бар ҷони бадсиголи ту аз сафҳаи аҷал,
Хонад забони ханҷари ту ояти азоб.
Гардад чу хоки зери суми маркабони ту
Он кас ки карда бошад кини ту иктисоб.
Бо қуввати ту зумраи куффорро чи қадр
Шайтон чи пой дорад бо ҳамлаи шиҳоб.
Аз оҳувон наёяд коре ҷуз аз гурез,
Чун шери шарза наъра занад аз миёни ғоб.
Аз кӯҳсор сел шитобон равад, валек
Дарьё чу пешаш ояд, кам гардадаш шитоб.

Ва чунон ки Заҳир гуфтааст:

### Шеър

Гетӣ зи фарри давлати фармондеҳи ҷаҳон
Монад ба арсаи ҳараму равзаи ҷинон.
Бар ҳар тараф, ки чашм занӣ, ҷилваи зафар
В-аз ҳар тараф, ки гӯш кунӣ, муждаи имон.
Ором ёфт дар ҳарами амн ваҳшу тайр
В-осуда гашт дар каъафи адл унсу ҷон.
Гардун фурӯ кушод каманд аз миёни теғ
В-айём баргирифт зеҳ аз гардани камон.
Мулке чунин муқаррару ҳукме чунин равон,
Дерест, то замона надод аз касе нишон.
Мансух гашт қиссаи Ковусу Кайқубод,
Афсона шуд ҳикояти Дорою Ардавон.
Болид аз он нишоти тан тахт бар замин,
Бигзашт аз ин навид сарри тоҷ аз осмон.

З-ин ғусса хун гирифт чу май зулмро ҷигар
В-аз ханда боз монд чу гул адлро даҳон.
Шояд, ки бигзарад зи пайи фаррухи Ҳумой,
З-ин пас ба зери сояи чатри худойгон
Султони Шарқу Ғарб Қизил Арслон, ки нест
Бо садмати рикобаш айёмро тавон.
Он шоҳи шерҳамла, ки шоҳини ҳимматаш
Дорад фарози кунгураи сидра ошьён.
Вақте тараб чу даст сӯи ҷом мебарад,
Барҳам занад захираи баҳру дафини кон.
Ҳангоми кин чун найза фароз орад аз китф,
Миррихро хатар бувад аз садмати синон.
Вақте ки кам шавад зи сари саркашон хирад,
Рӯзе, ки бигсилаш зи тани бедилон равон.
Ту дар миёни лашкари чун мӯру чун малах
Ҳар як чу мӯр баста ба фармони ту миён.
Дартозӣ аз канора чу шерони ҷанҷӯй,
Қӯпол бар замин занию бонг бар замон.
Он лаҳза кас надорад пои ту, ҷуз рикоб
В-он рӯз кас нагирад дасти ту, ҷуз инон.
Бадхоҳи мулкро зи ниҳеби ту он нафас
Хун дар ҷигар биҷӯшоду мағз андар устухон.
Эй хусраве, ки теғи фаноро қазои бад
Бар душманони давлати ту кард имтиҳон.
Гетӣ тамаъ надошт, ки ту даровари,
То соя бар сарат фиканд афсар каён.
Он ҳам тавозеъест, ки кардӣ ва гар на чарх
Донад, ки Муштарӣ бинанозад ба тайласон.
Мӯҳтоҷ нест талъати зебои ту ба тоҷ,
Шамшери субҳро набувад ҳоҷати фасон.
То бистурад ба дасти сабо дояи баҳор
Қард аз ҷабини лолаю рухсори арғавон.
Гулзори давлати ту, ки дорад насими хулд,
Осуда бод то абад аз офати хазон.
Ҷоҳи ту сарфарозу қабули ту дастгир,
Мулки ту пойдору бақои ту ҷовидон.

Ва чунон ки Разиуддини Нишопурӣ гуфтааст:

### Шеър

Эй писар, нек зи ҳад мебибарӣ кори ҷамол,
Бо чунон ҳусн зи ту сабр кунам, ин-т маҳол.
Чашм дорам, ки сухан гӯӣ бо ман акнун,
Кай чу тӯтӣ шакарат гашт, зумуррад пару бол.



Рӯй бисьёр бувад, лек на чунин бафурӯғ,
Ҳусн бисьёр бувад, лек на чандин бакамол.
Шаҳр хоҳӣ, ки наёшубад, бар ту саҳл аст,
Лола бар сарв мабар, ғолия бар моҳ мамол.
Хони хубон туию ошиқи хоси ту манам,
Ашк аз ин маънӣ чун хосгиён дорам ол.
Эй ҳама кори дили банда чу зулфат саргум,
Чанд бошем пуроташ зи рухи ту чун хол?
Мо хаёлӣ шуда аз ишқи тую боз туро
Ҷой дар дида ҳамекун зи азизе чу хаёл.
Васлат аз сол надонам ба куҷо афтад боз,
Қай кунун боре аз моҳ фитодаст ба сол?
На маро мукнати сабру на туро одати раҳм,
На маро одати ҳаҷру на туро барги висол.
Хуни як шаҳр туро рехтане аз ғамза,
Фурсати раҳм куҷо ёбӣ бо ин ашғол.
Дил басе гӯяд, чун ту аз сар бигзашт,
Рӯй бар хок неҳ аз ҷаври вайю зор бинол.
Эй ки зулмаст ба рухи хок ба судан пас аз он-к
Маркаби хоси худованд ба судаш баниол.
Сарвари шаръ Муҷируддин — махдуми ҷаҳон,
Қи дилаш ҷумла самоҳ асту кафаш ҷумла навол.
Эй худованд, ки ҳамчун ту наёяд дигаре
В-ар чи бисьёр кашад хомаи фикрат ашкол.
Ҳар киро даст диҳӣ, пой ниҳад бар афлок,
Ҳар куҷо пой ниҳӣ, сар ниҳад он ҷо иқбол.
Аз санои ту раҳе иззу шараф метала бад,
Чи маҳал дорад симу зар в-ин ҷинс охол.
Банда аз ҷуди ту пурчашм чунон шуд, ки ҳаме
Нангаш ояд, ки кунад мадҳ туро қофия мол.

Бештари абьёти ин қасоид муфавоф (чодири тунук, ки дар вай хатҳои сафед бошад, рангоранг) аст ва шароити ин санъатро ҷомеъ ва тафвифи тахтити (хат кашидани) ҷома аст ба хututу мулавван (гуногунранг) ва гӯянд: «суба муфаввaф», яъне ҷомаи борик ва ангифт (порчаи тунук) аст. Ва мухаттат (хат кашидашуда) ба хутуте дилкушой, чунон ки ҳеч тафовут дар ғазал ва насҷи (бофтан, танидан) он набошад ва аввалу охири он яксон бувад.

### Тарсеъ

Ҷавоҳир дарнишондан аст ва дар синоати сухан калимотро мусаҷҷаъ (қофиядор) гардонидан ва алфоз-

ро дар вазну ҳуруфи хавотим мутасовӣ (баробар) доштан тарсеъ хонанд, чунон ки дар Қуръони Маҷид аст: «Инна алаброра лафи наъими ва инналфуҷҷора лафи ҷаҳим». Ва дар шеър, чунон ки Рашиди Ватвот гуфтааст:

Шеър

Эй мунаввар ба ту нуҷуми ҷалол
В-эй муқаррар ба ту русуми камол.
Бӯстонест садри ту зи наъим
Осмонест қадри ту зи ҷалол.
Хидмати ту муаввали давлат,
Ҳазрати ту муқаббали иқбол.
Дар каромат туро набуда назир,
Дар шаҳомат туро набуда ҳамол.
Тира пеши фазоили ту нуҷум,
Хира пеши шамоили ту шамол.
Ширкро аз ту мунҳадам аркон,
Мулкро аз ту мунтазам аҳвол.
Ҳамчу Искандарӣ ба ямини лиқо,
Ҳамчу пайғамбарӣ ба ҳусни хисол.
Бахшиши ту бурун шуда зи баён,
Кӯшиши ту фузун шуда зи мақол.
Базмгоҳи ту манбаъи лаззот,
Размгоҳи ту маҷмаъи аҳвол.
На малакро зи тоати ту мулом,
На фалакро зи хидмати ту малол.

Ва ҳамчунин то охири қасида ҷумлаи абьёт мурассаъ (қофиядор) гуфтааст.
Ва чунон ки Мантиқӣ гуфтааст:

Шеър

Бар саховати ӯ Нилро бахил шумор,
Бар шуҷоати ӯ пилро залил ангор.

Ва он чи дар ҳуруф хонем, муттафиқ (ҳамраъй) набошад, онро

**Мувозана**

хонанд, чунон ки дар Қуръони Азим аст:

«Ва отайно ҳумо илкитобалмустабина
Ва ҳадайно ҳумо ассироталмустақима».



Ва дар шеър, чунон ки Масъуди Саъд гуфтааст:

Шеър

Шоҳе, ки Рахш ӯро давлат бувад далел,
Шоҳе, ки теғ ӯро нусрат бувад фасон.
Андар пои камонаш зеҳ бигсилад яқин
В-андар паи яқинаш раҳ гум кунад камон.

Ва чунон ки Рашид гуфтааст:

Шеър

Он ки моли хазоини гетӣ
Нест бо ҷуди дасти ӯ бисьёр.
В-он ки кашфи сароири гардун
Нест дар пеши табъи ӯ душвор.

Ва чунон ки дигаре гуфтааст:

Шеър

Ба базму разми ту монад ҳаме хазону баҳор,
Ба теғу килки ту монад ҳаме қазою қадар.

**Таҷнис**

алфози ба якдигар монанд истеъмол кардан аст ва он чанд навъ бошад: тому ноқису мураккабу муздаваҷу мутаррафу таҷниси хат ва ҳама писандидаю мустаҳсан бошад дар назму наср ва равнақи сухан бияфзояд. Ва онро далели фасоҳату гувоҳи иқтидори мард шуморанд бар тансиқи (тартиби) сухан, валекин ба шарти он ки бисьёр нагардад ва бар ҳам афтода набошад ва дар байте ду лафз ё чаҳор лафз наёяд ба тақсиме муставӣ (росту дуруст).

**Таҷниси том**

он аст, ки ду калимаи муттафиқуллафзи (ҳамшакл, якхела) мухталифулмаънӣ (гуногунмаънӣ) ба кор дорад, чунон ки Хоқонӣ гуфтааст:

Шеър

Мафхари Хоқонист мадҳи ту, то дар ҷаҳон,
Субҳ барад оби моҳ, мева барад моҳи об.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Эй чароғи ҳама бутони хито.
Дур будан зи рӯи туст хато.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Аё ғизолсароию ғазалсарои бадеъ,
Бигир чанг ба чанг андару ғазал бисарой.

Ва дар ин байт ҳам т а ҷ н и с и т о м асту ҳам т а ҷ н и с и з о и д. Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Ба ямини ту чарх дода ясор,
Ба ясори ту мулк хӯрда ямин.

Ва дар ин байт санъате дигар ҳаст, ки онро

**Раддуссадр илалаҷз**

хонанд ва чун он чи дар охири байт омада бошад, дар аввали дигаре бозоранд, онро

**Раддулаҷз илассадр**

гӯянд ва мисоли радди садри бетаҷнис, чунон ки Ғазоирӣ гуфтааст:

Асо баргирифтан на мӯъҷиз бувад,
Ҳаме аждаҳо кард бояд асо.

Ва Рашидро бар ин накс (тартиб) қасидае ҳаст, чунон ки:

Шеър

Қарор аз дили ман рабуд он нигор,
Бад-он анбарин турраи беқарор.
Нигор аст рухсораи ман ба хун
Зи ҳиҷрони рухсораи он нигор.
Хумор аст дар сар маро бе шароб,
Дар андӯҳи он наргиси пурхумор.



Ва раддулаҷз илассадр дигаре гуфтааст:

Шеър

Қавоми давлату дин, рӯзгори фазлу ҳунар
Зи фазли вофири ту ёфт зебу фарру низом.
Низоми миллату мулкӣ, аҷаб набошад, агар
Ба равнақ дар ин рӯзгор килки ҳисом.
Ҳисому килки ту карданд коми аъдо гум,
Равою рои ту буранд аз замона зулом.
Зулом бод шабу рӯз душмани ҷоҳат,
Ба ком бод ҳама кори дӯстонаш мудом.
Мудом, то ки бувад гардиши фалак барҷой,
Мутеъ бод туро давлату сипеҳру ғулом.

**Таҷниси ноқис**

он аст, ки калимоти мутаҷонис (ҳамҷинс) дар ҳуруф (навишт) муттафиқ (ягона) бошаду дар ҳаракат мухталиф, чунон ки Қатрон гуфтааст:

Шеър

Пиёда шавад душман аз аспи давлат,
Чу бошӣ бар аспи саодат савор.
Бар аспи саодат саворию дорӣ
Бар даст андарун аз саодат сивор.

**Таҷниси зоид**

он аст, ки калимаи мутаҷонис (таҷнисдор) аз дигаре ба ҳарфе зиёдат бошад, чунон ки гуфтаанд:

Байт

Дар ҳасрати рухсори ту, эй зеборӯй,
Аз нола чун нол гаштам, аз мӯя чу мӯй.

**Таҷниси мураккаб**

он аст, ки алфози мутаҷонис як калимате муфрад бошад ва дигаре аз ду калима мураккаб бувад, чунон ки шоир гуфтааст:

Шеър

Сарвболое, ки дорад бар сари сарв офтоб,
Офати дилхост в-андар дидагон з-он офтоб.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Хуршед, ки нури дидаи офоқ аст,
То банда нашуд, пеши ту тобанда нашуд.

Ва дигаре гуфтааст:

Дар роҳи ту то зиндаам,
Бар бӯи ту тозандаам.

**Таҷниси муздаваҷ**

он аст, ки калимоти мутаҷонис мутародифи якдигар афтанд, чунон ки Муиззӣ гуфтааст:

Ҳаст шаккари ёр ёқути ту, эй айёр ёр,
Нест касро назди он ёқути шакарбор бор.
Сол сар то сар чу гулзор аст хуррам оразат,
Чун дили ман сад дил андар ишқи он гулзор зор.
Нимаи динор монад он даҳони танги ту,
Дар дили тангам фиканд он нимаи динор нор.
Эй бути ширинлабон, то чанд аз ин гуфтори талх
Рӯзи ман чун шаб мадор аз талхии гуфтор тор.
Дӯстию меҳрубонӣ кори ту пиндоштам,
Қай гумон бурдам, ки дорӣ кинаю бекор кор.

Ва бошад, ки мутавотир (пай дар пай) бошад, чунон ки:

Шеър

Афтод маро бо дили маккори ту кор
В-афканд дар ин дилам ду гулнори нор.
Ман монда хиҷил ба пеши гулзори ту зор,
Бо ин ҳама дар ду чашми хунхори ту хор.

Ва чунон ки Муиззӣ гуфтааст:



Шеър

Эй гӯйзанах, сухан зи гӯят гӯям,
В-эй мӯймиён, зи ишқи мӯят мӯям.
Гар об шавам, гузар ба ҷӯят ҷӯям
В-ар сарв шавам, ба пеши рӯят рӯям.

Ва дигаре гуфтааст:

Байт

Аз хок касе анбари хушбӯй набӯяд
В-аз хори хасак лолаи худрӯй нарӯяд.

Ва ин ҷинсро мукаррари мураддад хонанд.

Ва

**Такрир**

худ ба нафси хеш санъате аст, чунон ки Рашид гуфтааст:

Байт

Зиҳӣ, мухолифати амри ту хатои хато,
Зиҳӣ, мувофиқати рои ту савоби савоб.

Ва дигаре гуфтааст:

Байт

Ҷаҳон аз давлати султони аъзам
Баҳор андар баҳор андар баҳор аст.

Ва бошад, ки такрири лафз аз ҷиҳати маънӣ мустаъниф (оғозкунанда) афтад, чунон ки шоир гуфтааст:

Шеър

Пеши шамоли амрат пои шамол дар гул,
Пеши саҳоби дастат дасти саҳоб бар ҳам.
Эй рӯзгори давлат, давлат ба ту мушарраф
В-эй ҳақгузори миллат, миллат ба ту мукаррам.

Ва аз такрироти мутакаллиф Асҷадӣ гуфтааст:

Шеър

Борон қатра-қатра ҳамеборам абрвор,
Ҳар рӯз хира-хира аз ин чашми селбор.
З-он қатра-қатра қатраи борон шуда ҳиҷил.
З-он хира-хира хира дилу ҷони ман фигор.

**Таҷниси мутарраф**

он аст, ки мутаҷонисон (таҷнисшавандаҳо) дар ҷумлаи ҳуруф муттафиқ (якхела) бошанд, илло (ғайри) дар ҳарфи тараф (яъне ҳарфи охирини калима), чунон ки Муиззӣ гуфтааст:

Байт

Аз шарори теғ будӣ бодсоронро шароб
В-аз таъони румҳ будӣ хоксоронро таъом.

Ва чун ҳар ду калима мутақориб бошад дар таркиб, онро

**Иштиқоқ**

ва иқтизоб (бозбуридани чизе аз чизе) хонанд, чунон ки гуфтаанд:

Шеър

Навои ту, эй хубчеҳри **навойин,**
Даровард дар кори ман **бенавойӣ.**
Раҳе гӯй хуш в-ар на бар **роҳуе** зан,
Ки ҳаргиз мабодам зи ишқат **раҳойӣ.**
Зи васфат расидаст **шоир** ба **шеъре,**
Зи наътат гирифтаст **ровии равойӣ.**

**Таҷниси хат**

Чунон ки шоир гӯяд:

Байт

Ҳамон хуштар, ки **нӯшӣ** андар ин муддат майи софӣ,
Ҳамон беҳтар, ки **пӯшӣ** андар ин мавсим хазоди кан.

Ва Рашид гуфтааст:



Байт

Дар давлати ту аспи маолӣ **битохтем**
В-аз неъмати ту нарди амонӣ **бибохтем.**

Ва дигаре гуфтааст:

Байт

Ту мушкинхолу ман чунин мискин**ҳол,**
Чун сарв ту меболу ман аз ғам чун **нол.**

**Мутобиқа**

дар асли луғат муқобилаи (баробарии) чизе аст ба мисоли он. Ва тибоқулхайл (мувофиқии аспҳо) он аст, ки дар рафтор пой ба ҷои даст ниҳад ва дар санъат сухани муқобилаи ашьёи мутазодро мутобиқа хонанд, аз он рӯй ки зидди он масалонанд дар зиддият ва мисоли он Масъуди Саъд гӯяд:

Байт

Эй **сарду гарми** даҳр кашида,
**Ширину талхи** чарх чашида.

Ва Булфараҷ гӯяд:

Байт

Зулми **кӯтоҳ**даст гашт бад-он ҷӣ,
Қард адлаш ба рифқи пой **дароз.**

Ва Абулфараҷ гӯяд:

Ман аҳди ту **сахт суст** медонистам,
**Бишкастани** он **дуруст** медонистам.
Ин душмании эдун, ки ту кардӣ бо ман,
**Охир** кардай, **нахуст** медонистам.

Ва Натанзӣ гуфтааст ва дар он ҳашт мутобиқ оварда:

Байт

**Базму размаш варду хору афву хашмаш нуру нор,**
**Амну бимаш тахту дору меҳру кинаш фахру ор.**

Ва Рашид дар чаҳор табъ гуфтааст ва алҳақ, сахт латиф афтодааст.

Байт

Аз обдор ханҷари оташлаҳиби ту
Чун бод гашт душмани мулки ту хоксор.

Ва дар ин боб аз ин латифтар дубайтӣ нагуфтаанд:

Шеър

Ғам бо лутфи ту шодмонӣ гардад,
Умр аз назари ту ҷовидонӣ гардад.
Гар бод ба дӯзах барад аз кӯи ту хок,
Оташ ҳама Оби Зиндагонӣ гардад.

### Ташбеҳ

чизе ба чизе монанда кардан аст ва дар ин боб аз маъние муштарак миёни мушаббаҳу мушаббаҳун биҳи чора набувад. Ва чун чанд маънӣ ба якдигар афтад ва ташбеҳ ҳамаро шомил шавад, писандидатар бувад ва ташбеҳ комилтар бошад. Ва беҳтарин ташбеҳ он бувад, ки маъкус (акс) тавон кард, яъне мушаббаҳу мушаббаҳум биҳиро ба якдигар ташбеҳ тавон кард, чунон ки шабро ба зулфу зулфро ба шаб ва наълро ба ҳилолу ҳилолро ба наъл. Ва ноқистарин ташбеҳот он аст, ки ва ҳамебувад ва онро дар хориҷи мисоле тасаввур натавон кард, чунон ки баъзе мутаассифон (бероҳравандагон) танӯраи оташро ба дарьёе пур аз мушк ташбеҳ кардаанд ва дурахшидани оташ аз миёни ангишти снёҳ ба мавҷи зари моеъ монанда карда ва аз шуаро Азрақӣ бад-ин санъат мулаътар (ҳаристар) будааст ва ташбеҳоти неку бад бисьёр карда.

Ва чун ин муқаддима маълум шуд, бидон, ки ташбеҳ пуранвоъ аст: ташбеҳи сареҳу ташбеҳи киноягу ташбеҳи машруту ташбеҳи маъкусу ташбеҳи музмару ташбеҳи тасвиту ташбеҳи тафзил, аммо

### Ташбеҳи сареҳ

он аст, ки баъзе аз калимоти ташбеҳ дар ӯ мустаъмал бошад, чунон ки гӯянд, ин ҳамчунон аст ё бад-он мемонад ва чунон ки Азрақӣ гуфтааст:



Рубоӣ

Печидани афъӣ ба камандат монад,
Оташ ба синони деви бандат монад.
Андеша ба рафтани самандат монад,
Хуршед ба ҳиммати баландат монад.

Ва Муиззӣ гуфтааст:

Биёр он май, ки пиндорӣ равон ёқути ноб астӣ
Ва ё чун баркашида теғ пеши офтоб астӣ.

Ва Булфараҷ гуфтааст:

Шеър

Себи симинсалаб чу гӯи булӯр,
Ё чу навхоста пари ҳур аст.
Шохи амрӯд гӯию амрӯд,
Дастаю карднои танур аст.

Агар ташбеҳи себ ба гӯи булур дуруст нест ва таҳсиси ҳурро маънӣ нест, аз баҳри қофия овардааст. Ва Азрақӣ гуфтааст:

Байт

Ҳаво чу пистаи алмос гардад аз шамшер,
Замин чу пайкари мафлуҷ гардад аз залзол.

Ва ҳаму [Азрақӣ] гуфтааст:

Байт

Барг чун динор зарандуд шуд бар шохи себ,
Об чун сӯхон симандуд шуд дар обдон.

Ва Қисоӣ неку гуфтааст ҳам истиора ва ҳам ташбеҳ:

Шеър

Рӯз омаду аломати масқул баркашид
В-аз осмон шаммомаи кофур бардамид.
Гӯё ки дӯст куртаи шеъри кабуди хеш,
То ҷойгоҳи ноф ба амдо фурӯ дарид.

Хуршед бо Сухайл арӯсӣ кунад ҳаме,
Қ-аз бомдод галлаи масқул баркашид.
В-он акси офтоб нигоҳ кун алам-алам,
Гӯё ба лоҷувард майи сурх барчакид.
Ё бар бунафшазор гулу нор соя кард,
Ё барги лолазор ҳаме барчакид ба хавед.
Ё оташи шуъо зи Машриқ фурӯхтанд,
Ё парниён лаъли касе бозгустарид.
Ҷоми кабуду сурх набид ор, к-осмон
Гӯй, ки ҷомҳон кабуд аст пурнабид.
Гӯй шақонқ асту бунафш асту шанбалид.

Ва дигаре гуфтааст:

Байт

Пироҳанам аз хуну оби дида,
Чун туз камон асту ман камонам.

Ва Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Лола бар шохи зумуррад ба масал,
Қадахе аз шабаҳу марҷон аст.
В-аз мулоқоти сабо рӯи ғадир
Рост чун озаан сӯҳон аст.

**Ташбеҳи киноя**

он аст, ки холӣ бошад аз ҳуруфи ташбеҳ, чунон ки Унсурӣ гуфтааст:

Шеър

Гоҳ бар моҳи дуҳафта гирди мушк орӣ па'дид,
Гоҳ мар хуршедро дар ғолия пинҳон кунӣ.

Ва Азрақӣ гуфтааст:

Рӯзе, ки обу оташ хандад зи захмаи теғ,
Ин лола қатра гардад в-он арғувон духон.
Шангарф борад аз дам зангори чеҳраи теғ,
Беҷода резад аз сар пирӯзагун синон.

Ва дигаре гуфтааст:



Шеър

Оташ дидӣ, ки бошадаш об ниқоб
Эмин шуда об аз оташу оташ аз об.
Бингар ту бад-ин бодаю он ҷоми шароб,
То об фусурда бинию оташ ноб.

**Ташбеҳи машрут**

он аст, ки ҳарфи шарт дар он ба кор доранд, чунон ки Амъақи Бухорӣ гуфтааст:

Байт

Агар мӯре сухан гӯяд ва гар мӯе равон дорад,
Ман он мӯри сухангӯям, ман он мӯям, ки ҷон дорад.

Ва Анварӣ гуфтааст:

Байт

Агар моҳе сухан гӯяд, ту он моҳи сухангӯӣ
Ва гар сарве қабо дорад, ту он сарви қабодорӣ.

Ва Анварӣ гуфтааст:

Байт

Гар дилу даст баҳру кон бошад,
Дилу дасти худойгон бошад.

**Ташбеҳи маъкус**

он аст, ки чизе ба чизе ташбеҳ кунанд, баъд аз он мушаббаҳу биҳиро ба ваҷхе ба аввалӣ ташбеҳ кунанд, чунон ки Унсурӣ гуфтааст:

Байт

Зи сумми сутурону гарди сипоҳ
Замин моҳрӯю замин рӯймоҳ.

Рӯи заминро аз нишони наъли сутурон ба моҳ ташбеҳ кардааст, боз рӯи моҳро аз касрати ғубор ба замин ташбеҳ карда. Ва Рашид ҳамин маънӣ мулоҳиза кардааст ва гуфтааст:

Шеъp

Пушти замин чу рӯи фалак гашта аз силоҳ,
Рӯи фалак чу пушти замин гашта аз ғубор.
Аз суми маркабон шуда монанди ғор кӯҳ
В-аз шахси куштагон шуда монанди кӯҳ ғор.

Ва Азрақӣ гуфтааст:

Байт

Бо ҳилми ӯ замини гарон чун ҳаво сабук,
Бо табъи ӯ ҳавои сабук чун замин гарон.

**Ташбеҳи музмар (пӯшида)**

он аст, ки шоир дар баъзе аз авсофи хеш ташбеҳе музмар гардонад ва муроди ӯ аз он маънии он ташбеҳ бошад, чунон ки Мунҷики Тирмизӣ гуфтааст:

Байт

Гар ангубинлабӣ, сухани ту чарост талх
В-ар ё симинбарӣ ту, ба дил чунак оҳанӣ?

Ва Муиззӣ гуфтааст:

Шеъp

Гар нури маҳу равшании шамъ туpост,
Пас коҳишу сӯзиши ман аз бари чиpост?
Гар шамъ туӣ, маро чаро бояд сӯхт?
В-ар моҳ туӣ, маро чаро бояд кост?

Ва мақсуди шоир аз ин маъонӣ ташбеҳи лаби дӯст аст ба асал ва бари ӯ ба ёсумину рӯи ӯ ба моҳу шамъ.

**Ташбеҳи тасвият (баробар)**

он аст, ки чизеро дар баъзе аз авсоф бо чизе баробару мусовӣ кунанд, чунон ки шоир гуфтааст:

Шеъp

Гуфтам: Зи дили хеш даҳон созамат, эй моҳ!
Гуфто: Натавон сохт зи як нуқта даҳоне.



Гуфтам: Зи тани хеш миён созамат, эй дӯст!.
Гуфто: Натавон сохт зи як мӯй миёне

Дилу миёни хешро бо мӯю нуқта мутасовӣ кардааст.
Ва дигаре гуфтааст:

Байт

Сарв аст он ё боло, моҳ аст он ё рӯй?
Зулф аст он ё чавгон, хол аст он ё гӯй?

**Ташбеҳи тафзил (қиёсӣ)**

он аст, ки баъд аз ташбеҳи чизе ба чизе ваҷҳи тафзили мушаббаҳу биҳи баён кунад, чунон ки Фаррухии Сиҷзӣ гуфтааст:

Ба қадд ту гӯӣ сарвест дар миёни қабо,
Ба рӯй гуфтӣ моҳест барниҳода кулоҳ.
Чу моҳ буду чу сарв ва на моҳ буду на сарв,
Қамар набандад сарву кулоҳ надорад моҳ.

Ва дигаре низ гуфтааст:

Байт

Рӯи ӯ моҳ аст, не, не, моҳ кай дорад кулоҳ?
Қадди ӯ сарв аст, не, не, сарв кай бандад камар?

Ва Анварӣ гуфтааст:

Хостам гуфтан, ки дасту табъи ӯ абр асту кон,
Ақл гуфт: Ин мадҳ бошад низ бо ман, ҳам палос.
Дасти ӯро абр чун хонию он ҷо соиқа?
Табъи ӯро кон чаро гӯию он ҷо эхтибос?

Ва абьёти аввалро санъати ҷамъу тафриқ хонанд ва байти Анвариро ташбеҳи тафзил, барои он ки эшон ба зикри кулоҳу қабо фарқ миёни рӯю қадди дӯст ва миёни моҳу сарв зоҳир гардонидаанд. Ва Анварӣ ваҷҳи мазият (афзалият) ва тафзили (бартарии) дасту табъи мамдӯҳ ба абру кон бознамуда.

ба гумон афкандан аст ва ин санъат чунон бувад, ки лафзе зумаънияйн (дорои ду маънӣ) ба кор дорад: яке қарибу яке ғариб (дур), то хотири сомеъ нахуст ба маънии қариб равад ва муроди қоил (гӯянда) маънии ғариб (дур) бошад, чунон ки Унсурӣ гуфтааст (дар мадҳи султон Маҳмуд):

Ту он шоҳӣ, ки андар Шарку дар Ғарб
Ҷуҳуду габру тарсою мусулмон
Ҳамегӯянд дар тасбеҳу таҳлил,
Ки, ё раб, оқибат маҳмуд гардон.

Ва дигаре гуфтааст:

Байт

Ҷуз рӯи ту дар ваҷҳи дилам менашуд,
Ҷуз қадди ту рост нест бар кори дилам.

Ва дигаре гуфтааст:

Ҷуз з-оина рӯи ҳамдаме натвон дид,
З-ӯ низ чӣ фоида, чу дам натвон зад?

Ва Шарафи Шуфурвеҳ гуфтааст:

Байт

Андар наём аз паи таҷҳизи душманон
Дорад сарафкане, ки ба ҷавҳар мурассаъ аст.

Ва ҳаму гуфтааст:

Байт

Ҷуз ҳалқаи халхолу сивори дастат,
Пои ту кӣ дораду забардасти ту кист?

**Иғол**

он аст, ки шоир маънии хеш тамом бигӯяд ва чун ба қофия расад, лафзе биёрад, ки маънии байт бад-он муаккадтар (таъкид кардашуда) ва тамомтар гардад, чунон ки гуфтаанд:





Он ки бидурахшад чу маскул оина дар офтоб.

Ва шак нест, ки ламъаони (равшаниҳои) оинаи маскул (сайқал додашуда) дар офтоб бештар ва тамомтар бошад, валекин маънии байт ба зикри офтоб эҳтиёҷ надорад, ки ташбеҳи ӯ он мушаббаҳро (ташбеҳ кардашударо) дар равшанӣ ва дурахшидан ба оинаи маскул тамом аст. Ва он чи дигаре гуфтааст:

Мисраъ

Он ки бидурахшад чу теғе навзудуда бе ниём.

Лафзи «бе ниём» лағв (сухани беҳудаю бемаънӣ) аст, чи онро дирафшанд (дурахшонӣ кунанд), ки мадхале нест ва ин ҷинси зиёдоти бефоидаро дар уюби шеър

**Илғо**

хонанд, яъне лағву ботил овардан. Ва маънии иғол дур бирафтан дар шаҳрҳо бошад. Ва ин санъатро аз баҳри он бад-ин ном тасриф карданд, ки дур рафтан аст ба маънӣ ва муаккад (таъкид кардашуда) гардонидан бар ваҷҳи афзунӣ. Ва чун шоир маъние бигӯяд ва бар асари он маъние маъние дигар биорад, ки маънии аввалро тамомтар гардонад, онро

**Такмил**

хонанд, чунон ки Булфараҷ гуфтааст:

Байт

Шуд мумаккан дар ҷаҳон, ҳар к-ӯ бисоташ бӯса дод
В-он диҳад бӯса бисоташ, к-аз дари тамкин бувад.

Дар мисраъи аввал маънии бузургии мамдӯҳ тамом гуфт, ки ҳар кас ки бисоти ӯро бӯса диҳад, мумаккан (ҷойгир) шавад дар ҷаҳон. Ва дар мисраъи дуввум камоли он бузургӣ бознамуд ва гуфт, касоне ба ҳазрати ӯ тавонанд расид ва шарафи тақбили (бӯсидани) бисоти ӯ ёфт, ки истеҳқоқи (лаёқату қобилияти) тамкини эҳтиром доранд. Ва ин саодат ҳар касро мусаллам (муяссар) набошад.

пур даркашидани камон аст ва дар санъати сухан он аст, ки дар авсофи мадҳу ҳиҷо ва ғайри он ғулувв (ифрот, муболиға) кунанд ва муболиға намоянд ва вуҷӯҳи (сабабҳои) мадоеҳ ба ҳасаби (мувофиқи) тафовути дараҷоти мамдӯҳон мухталиф аст ва бар муҷиби (мувофиқи) ихтилофи аҳволи эшон дар иртифоъю (баландию) иттизоъ (пастӣ) мутафовут. Ва аз уюби мадҳ яке он аст, ки аз ҳадди ҷинси мамдӯҳ ба тарафе ифроту тафрит (аз ҳадди эътидол гузаштан) берун баранд, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеъp

Зиҳӣ, дасти ту бар сари офариниш,
Вуҷуди ту сардафтари офариниш.
Қазо хутбаҳо карда дар мулку миллат
Ба номи ту бар минбари офариниш.
Ҷиҳил сол машшотаи кавн карда
Русули туро зевари офариниш.
Агар фазлаи гавҳари ту набудӣ,
Ҳақир омадӣ гавҳарофариниш.

Ва ин навъ мадеҳ ҷуз пайғамбарро нашояд ва берун аз ӯ дар ҳаққи ҳар кас ки гӯянд, таҷовуз (берун) бошад аз ҳадди мадҳ. Ва чунон ки дигаре гуфтааст:

Байт

Шаҳи фариштасифат, хоҷаи муҳаммадхулқ,
Ваҳиди даҳр — малик Бӯдулаф — карими ҷаҳон.

Ва ҷинси мулукро хоҷа ва ваҳиди даҳр мадҳе қосир бошад. Ва ҷинси хоҷагонро шаҳу малик нолоиқ.

Ва чун ин муқаддимот маълум шуд, бидон, ки хилол (хусусият, сифат) ва хисоле, ки мардумро бад-он биситоянд, бисьёр аст ва ҳасри (андозаи) асбоби (сабабҳои) он мутааддид (бисьёр), илло он ки умдаи мадоеҳи ҳақиқӣ дар мадҳи мардон сифате тавонад буд, ки ба фазоили нафсонӣ бозгардад, чу ақлу ҷуду ҳилму рою шуҷоату адлу иффат (парҳезгорӣ, покдоманӣ). Ва агар чи ҷамолу сабоҳатро (зебоиро) дар вуҷӯҳи мадоеҳ мадхали тамом аст ва манзари (дидаи) анику ваҷҳи ҷамил, дар ҳайбату ҳашмати соҳибмансаб биафзояд. Ва араб бад-он тайямман (фоли нек) кунанд ва аз далоили хисоли (хислатҳои) ҳамида шумурда. Чи дар аҳодис (ҳадисҳо) омадааст, ки утлубу алхайраинда ҳисонилхуҷуҳи (сабабҳои некиро аз зебой ҷустуҷӯ кунед). Ва қабеҳманзару (зиштрӯю) дамомати (зиштии) сурат мӯҷиби суқути ҳайбату далели хилоли (хусусияти) мазмум (мазамматшуда) дониста. Лекин бояд, ки дар вуҷӯҳи (дар ҳаққи) мадоеҳи риҷоли муаввал (мӯътамад) бар зикри таровати хулқу ҷамол сурат накунанд ва онро ҷуз ба табаияти (вобастагии) баъзе аз фазоил (фазлҳо) нуқсоне ба кор надоранд ва дар мадоеҳи хулафо (халифаҳо) ва салотини кибор (бузургон) эътимод бар зикри сахо ва шуҷоат ҳам писандида надоштаанд. Аз баҳри он ки бадали мол худ аз зарурати подшоҳӣ аст ва касеро, ки чандин ҳазор марду зан нонхор бошанд ва ҳамаро ала (дар) ихтилофи табақот ҳам мукаффо алмауна (мукофот додан аз хазина) бибояд дошт, чӣ гуна ба сахо ва муруввват васф тавон кард. Ва муборизату ҳифзи навоҳии мамлакат насибаи бандагони давлату аёни асокир (лашкар) бошад ва хулафою салотини бузург қаққормаи (ҳокими мутлақи) оламанду мустаъмалони арбоби шуҷоат. Бад-ин ду ҳислат дар мадҳи абду (ғуломону) маволии (хешони) эшон агар муболиғае равад, он ҳам ба бузургии қадри эшон бозгардад. Ва агар касе хоҳад, ки лобуд (ночор) эшонро бад-ин вуҷӯҳ (сабабҳо) биситояд, бар ваҷҳе бояд, ки ғайри эшон лоиқ наяфтад. Чунон ки Рӯдакӣ гуфтааст:

Байт

Ҳамебикуштӣ, то дар адӯ намонад шуҷоъ,
Ҳамебидодӣ, то дар валӣ намонад фақир.

Ва дар мадҳи хавотини (кадбонуи) мулук ва салотин зикри ҷамолу хушхӯӣ набояд кард ва дар караму саховат муболиға набояд намуд ва лафзи иффатро (парҳезкориро) дар мадеҳи эшон ба исмат (покдоманӣ) бадал бояд кард. Ва аз иғроқ дар мадҳи мулук Мухторӣ гуфтааст:

Шеъp

Зи гуноҳ рафъати ваҳмро бирезад бол,
Зи шавқи мадҳати ӯ табъро барояд бар.

Дар офариниш бурранда бувад ханҷари ӯ,
На тарбият зи фасон ёфт, на з-оҳангар.
Нахуст бор, ки бар кони ӯ гузашт фалак,
Бурида ёфт шабу рӯзро зи якдигар.
Наузубиллаҳ, агар номи ӯ барад Яъҷуҷ,
Бурида гардад сад ҷон Садди Искандар.
Ҳаме ба дафтар бурам сифати размн туро,
Бад-ӯ расидам, хун шуд мидод бар дафтар.

Ва Муиззӣ гуфтааст:

Шеър

Қуввате дорад зи рояш, з-он баланд омад фалак,
Нисбате дорад ба лафзаш, з-он азиз омад гуҳар.
Ҳикматаш дар ростӣ гӯӣ далел аст аз қазо,
Қудраташ дар чирагӣ гӯӣ вакил аст аз қадар.
Бо миқони ӯ басар тафзил дорад бар забон,
Бо санои ӯ забон тарҷеҳ дорад бар басар.
Оби дарьё қатра-қатра лӯълӯи макнун шудӣ,
Гар ба дарьё бар хаёли ҳимматаш кардӣ гузар.
Боғро ҳаргиз набудӣ офат аз боди хазон,
Гар зи абри ҷуди ӯ бар боғ боридӣ матар.

Ва ҳаму [Муиззӣ] гӯяд:

Шеър

Нахуст чиз кунад орзуи хидмати ӯ,
Чу дар бадан муҳаррик шавад чунон чунин.
Зи ҳирси хидмату дидори ӯ аҷаб набувад,
Қи беқарор шавад нутфа дар қарор макин.

Ва Азрақӣ гуфтааст:

Ба шамшери ӯ бозбастаст гетӣ,
Араз бозбастаст лобуд ба ҷавҳар.
Гар аз Бохтар баркашад теғи ҳиндӣ,
Расад мавҷи хун дарзамон то ба Ховар.
Қасе, к-ӯ надидаст мар новакашро,
Зи оташи мураккаб надидаст сар-сар.
Аё шаҳриёре, ки бо ҳиммати ту
Зи аъроз зоил шуморанд гавҳар.
Зи таффи синони ту нозода душман,
Чу симоб бигрезад аз нофи модар.



Қасе, к-аз синони ту ҷон дода бошад,
Зи бими синони ту н-ояд ба маҳшар.
Чу номи ту котиб зи минбар бихонад,
Сухангӯй гардад ба мадҳи ту минбар.
Шуои дирафши ту бар ҳар кӣ тобад,
Назояд зи авлоди он дуда духтар.
Ту онӣ, ки шери жиён рӯзи ҳиҷо
Ҳама бар синони ту афсар кунад сар.
Паланг аз ниҳеби синонат бихоҳад
Бихоҳаш гаре болу пар аз кабӯтар.
Агар оби теғи ту дар рафтан ояд,
Дар ӯ ҳафт дарьё бувад ҳафт фарғар.
Зи ханҷар кунӣ ҷомаи зиндагонӣ,
Агар номи худ сарнависӣ ба ханҷар.
Ба номи хилофи ту гар гул нишонанд,
Синони ҷигардӯзу ханҷар диҳад бар.
Ба андеша андар нагунҷад мадеҳат,
Ки мадҳат тамом асту андеша абтар.

Ва Муиззӣ гӯяд:

Аё муроди ту мақсуди осмон зи мадор
Ва ё ризои ту матлуби ахтарон зи масир.
Хаёли мӯр бубинад зарир дар шаби тор,
Агар замири ту нур афканад ба чашми зарир.
Ва гар зи адли ту наҳчир баҳрае ёбад,
Ба дӯстӣ нигарад шери сарза дар наҳчир.
Ва гар мувофиқати ту расад ба оташу об,
Шаванд ҳар ду ба ҳам созгор чун маю шир.

Ва Анварӣ гӯяд:

Насими лутфи ту бо бод агар сухан гӯяд,
Ҳаёту нутқ пазирад аз ӯ изоми рамим.
Самуми қаҳри ту бо об агар итоб кунад,
Пашиза доғ шавад бар масоми моҳии шим.

Ва низ Анварӣ гӯяд дар сифати асп:

Таборракаллаҳ аз он обсайри оташфеъл,
Қи бо рикоби ту хок асту бо анонат ҳавост.
Ба вақти рафтану тай кардани масолики мулк
Ҳавош фадфаду дарьё саробу кӯҳ саҳрост.
Ҷаҳони навраде, ки к-имрӯзаш ар барангезӣ,
Ба оламият расонад, ки андар ӯ фардост.

Ва Қамоли Исмоил гуфтааст:

Байт

Таковуре, ки ба як ҳамла зери пой орад,
Гар аз дарозӣ умед бошадаш майдон.

Ва Ғазоирӣ гӯяд:

Байт

Даранг аз амни ту омӯхтаст хоки замин,
Шитоб аз аспи ту омӯхтаст боди шамол.

Ва м у б о л и ғ а дар васфи сабоҳату малоҳати маъшуқа Унсурӣ гӯяд:

Шеър

Чун ду рухи ӯ гар қамар астӣ ба фалак бар,
Хуршед яке зарра зи нури қамар астӣ.
Чун ду лаби ӯ гар шакар астӣ ба ҷаҳон дар,
Сад бадран зар қимати як ман шакар астӣ.

Ва и ғ р о қ дар васфи нозукии тани маъшуқ, ба ғоят латиф, чунон ки Заҳир гӯяд:

Эй рӯи ту аз латофат оинаи рӯҳ,
Хоҳам, ки қадамҳои хаёлат ба сабӯҳ.
Дар дида кашам, вале зи хори мижаам
Тарсам, ки шавад пои хаёлат маҷрӯҳ.

Дигаре гӯяд:

Шеър

Аз боди сари ду зулфи анбарбӯят,
Озурда шавад ҳаме гули худрӯят.
З-он гашт намоӣ ҳар касе дар кӯят,
Тарсам, ки нишон бимонад андар рӯят.

Ва Булфараҷ гӯяд дар муболиғаи адл:

Байт

Омӯхта зояд бачаи шер модар,
Аз адли ту дар панҷа ниҳон кардани чангол.

Ва дар муболиғаи ҳайбат ҳаму (Булфараҷ) гӯяд:



Байт

Хаёли теғи ту андар миёни салби падар,
Адуи давлату диёр миён занад ба ду ним.

Ва Муиззӣ гӯяд:

Шеър

Гар душманат дар об чу моҳӣ ватан кунад
В-ар хосидат чу санг оҳан кунад хисор,
Он гардад аз наҳиби ту дар об сӯхта
В-ин гардад аз хилофи ту дар санг хоксор.

Ва муболиға дар ҳаҷв Юсуфи Арӯзӣ гӯяд:

Шеър

Эй хоҷа, қасди ман ба хиҷо мар туро набуд,
Ҷуз табъи хеш бар ту намекардам озмун
Ҳамчун нахуст бар санг теғ озмун кунанд,
Бошад ба некию бадӣ халқ раҳнамун.

Ва Ломеъӣ гӯяд дар бухл:

Шеър

Моҳи рамазон гар чи шариф асту муборак
Сӣ рӯз фузун навбати ӯ нест ба ҳар сол.
Дар хонаи ӯ сол саросар рамазон аст,
То ҳашр набинанд аёлоташ шаввол.

Ва чунон ки дигаре гуфтааст:

Хоҷа бузург асту мол дораду неъмат,
Неъмату моле, ки кас наёбад аз он ком.
Бухлаш ҷое расид, к-ӯ нагузорад,
Шӯх ба гармобабону мӯй ба ҳаҷҷом.

Ва Анварӣ гуфтааст дар фурӯмоягӣ ба камол:

Шеър

Туро хиҷо накунад Анварӣ, маъузуллоҳ
На ӯ, ки аз шуаро кас туро хиҷо накунад.
На аз бузургии ту, з-он ки дар маоиби ту,
Чӣ ҷои ҳаҷв, ки андеша ҳам киро накунад.

навъе аз маҷоз аст ва маҷоз зидди ҳақиқат аст. Ва ҳақиқат он аст, ки лафзро бар маъние итлоқ (адо) кунанд, ки возеъи луғат дар асли вазъи он лафз бозой, он маънӣ ниҳода бошад, чунон ки гӯӣ: «Даст ба шамшер бурду пой фаро пеш ниҳод», ки лафзи «даст»-у «пой» дар асли вазъ ба маънии ин ду ҷо рахти махсус ниҳодаанд. Ва маҷоз он аст, ки аз ҳақиқат даргузаранд ва лафзро бар маъние дигар итлоқ (адо) кунанд, ки дар асли вазъ на барои он ниҳода бошанд. Лекин бо ҳақиқат он лафз ваҷҳи алоқае дорад, ки бадон муносиб, муроди мутакаллим (гӯянда) аз он итлоқ (адо) фаҳм тавон кард, чунон ки гӯӣ: «Фалонро бар ту дасте нест ва дар дӯстии ту пой надорад». Яъне ӯро бар ту қудратею неъмате нест ва дар дӯстии ту субот нанамояд. Ва «даст»-у «пой» дар асли вазъ ба маънии қудрату субот ва давом ниҳодаанд, илло он ки чун мулозимате миёни дасту қудрат ва пою субот ҳаст. Аз ин истеъмол ба қаринаи таркиби ин алфоз маънии қудрату субот маълум шавад. Ва маҷоз пуранвоъ аст.

Ва он чи аз ҷумла ба исми истиора махсус аст, ки он аст, ки итлоқи исме кунанд бар чизе, ки мушобеҳи ҳақиқати он исм бошад дар сифате муштарак, чунон ки марди шуҷоъро шер хонанд, ба сабаби далерию иқдоме, ки муштарак аст миёни ҳар ду. Ва мардуми кундтабъи нодонро хар хонанд ба воситаи балодате, ки муштарак аст миёни ҳар ду. Ва ин санъат бо соири (ҳамаи) маҷозоти дигар дар ҷумлаи луғот мустаъмал аст ва дар назму насри аснофи мардум мутадовил. Ва он чи аз вуҷӯҳ истиороти матбӯъю дилписанд афтад ва дар мавзеъи (ҷои) истеъмол муқорибу (наздику) мушобеҳи маънии аслӣ ояд, дар узубати (форамӣ) сухану равнақи камол бифизояд. Ва далели балоғату фасоҳати мард бошад ва дар далолату маънӣ мақсуд аз истеъмоли ҳақиқат балеғтар бувад, чунон ки гӯӣ: «Подшоҳ дасти зулмат аз амволи (молҳои) мусулмонон кӯтоҳ гардонид ва пои куфрат аз билоди (кишвари) ислом мунқатеъ кард». Дар муболиға пеш аз он бошад, ки гӯӣ: «Тасарруфи зулмат аз амволи мусулмонон боздошт ва омадшуди куфрат аз билоди ислом манъ кард».

Ва аз истиороти латиф, чунон ки Имодӣ гуфтааст:



Байт

Бо ҳамлаи бози хайбати ӯ,
Шоҳини қазо кабутар омад.

Ва ҳаму [Имодӣ] гӯяд:

Ғамзаи ту сабзаи оҳуи ҷон,
Ғурраи ту тиллаи рубоҳи тан.

Агар чи лафзи «тилла» хуш нест.
Ва Булфараҷ гуфтааст:

Байт

Гови душоӣ Умари бадхоҳай,
Барраи хон шери гардун бод.

Ва Анварӣ гуфтааст:

Байт

Маснади туст ба ҳаққи боризи маҷмӯъи вуҷуд
В-он дигарҳо ҳама тарафайни одамро тафсил.

Ва Камоли Исфаҳониро дар савгандномa ва ғайри он истиороти латифу иҳомоти хуш аст, чунон ки мегӯяд:

Байт

Ҳасуд бар табақи арзаи он уроза ниҳод,
Ки шохи хотирам он ҷинс мева н-орад бор.

Ва мегӯяд:

Байт

Маҳобати ту агар бонг бар замона занад,
Қатори хафтаи айём бугсиланд миҳор.

Ва мегӯяд:

Ҳумои рояти қадри ту Насри Тоирро
Ниҳод нури саодат ба зақҳа дар минқор.

Ва агар тавонистӣ, ки гуфтӣ: «Донаи саодат ҳаққи тақобул (рӯ ба рӯ шудан)» маръитар (намоёнтар шудан) ва истиора қарибтар будӣ. Ва гуфтааст ва дар ин ҳам истиора латиф аст ва ҳам иҳом хуш:

Шеър

Ба чашми об, ки ошуфта гардад аз хошок,
Ба теғи кӯҳ, ки аз нам баровард зангор.
Ба сарварии димоғу рибост аъзо,
Ба эҳтироми забону ваҷоҳати рухсор.

Ва гуфтааст ва дар ин мутобиқаи некӯст:

Байт

Ба хушкмағзии хоку ба обтари домон,
Ба сардии дами боду ба пушти гармии нор.

Ва гуфтааст:

Байт

Буто, ба хона, ки дар вай нишастаанд анҷум,
Ба борнома, ки дар сар гирифтаанд ашҷор.

Ва аз истиороти нописандида, чунон ки Фаррухӣ гуфтааст:

Байт

Хирман зи мурғи гурусна холӣ куҷо бувад,
Мо мурғакони гуруснаему ту хирманӣ.

Ва аз соири (тамоми) анвоъи маҷозот он чи ба авсофи шуаро махсустар аст ва ҷуз дар каломи манзум тадовуле бештар надорад, муколамаи ҷамотдоту ҳайвоноти ғайри нотиқ аст, чун мунозироти теғу қалам ва шамъу чароғ ва гулу булбул ва махотаботи итлолу даман ва риёҳу (гиёҳҳо) кавокиб ва ғайри он, чунон ки Кофии Зафари Ҳамадонӣ гуфтааст:

Шеър

Пурсид ба боғ булбул аз наргиси маст,
Қ-аз гул хабаре ҳаст туро? Гуфто: Ҳаст.
Гул маҳди зумуррадин ба гулбун барбаст,
Аз гилла бурун омаду дар маҳд нишаст.

**Тамсил**

Ва он ҳам аз ҷумлаи истиорот аст, илло он ки ин навъи истиорае аст ба тариқи мисол, яъне чун шоир хоҳад, ки ба маънie ишорате кунад, лафзе чанд, ки



далолат бар маъние дигар кунад, биёраду онро мисоли маънии мақсуд созад. Ва аз маънии хеш бад-он мисол иборат кунад. Ва ин санъат хуштар аз истиораи муҷаррад бошад, чунон ки гуфтаанд:

Байт

Қиро хурмо насозад, хор созад,
Қиро минбар насозад, дор созад.

Чун хост, то бигӯяд, ки ҳар душман, ки ба муррооту истимомат (дилҷӯӣ) дӯст нагардад ва ба мудороту муҷомалат (хушмуомилагӣ) одияи (одати) адовати ӯ кам нашавад, дармони он ҷуз дурӣ набошад ва ваҷҳи халос аз ӯ, илло (ғайр аз) ба қаҳру қамъ (нест кардан) мумкин нагардад. Аз ин маънӣ бад-он ду мисол иборат кард ва ин ҳамон маънӣ аст, ки дигаре гӯяд:

Байт

Ҳар куҷо доғ боядат фармуд,
Чун ту марҳам ниҳӣ, надорад суд.

Ва чунон ки Азрақӣ гуфтааст:

Зумурраду гияҳи сабз ҳар ду ҳамранганд,
Валек з-ин ба нигиндон кашанду з-он ба ҷувол.

Чун хост, ки миёни ду соҳибсадр ё ду бародар, ки яке баъзе фазоили нафсонӣ махсус буду дигаре аз шарафи таҳаллӣ (оростагӣ) бад-он маҳрум, фарқ гӯяд ба мисоли зумурраду гиёҳ ва иззати ону рухси (арзонии) ин аз он иборат кард.

**Ирдоф**

Ва он аз ҷумлаи киноёт аст ва киноя он аст, ки чун мутакаллим (гӯянда) хоҳад, ки маънӣ аз маонӣ бигӯяд, маънии дигар, ки аз тавобеъю лавозими маънии аввал бошад, биёрад ва аз ин бад-он маънӣ ишорат кунад. Ва ин санъат дар ҷумлаи луғот мустаъмал аст ва ба наздики хосу ом мутадовил, чунон ки авом гӯянд: «Дари сарои фалон касе баста набинад ва дики (хурӯси) ӯ аз отошдон фурӯ намеояд», яъне мардум

ба хидмати ӯ бисьёр меравand ва меҳмонии бисьёр мекунад, чи дари сарой набастан аз лавозими касрати тараддуду ихтилофи мардум аст ва дик аз бор фурӯ нагирифтан аз лавозими таъом бисьёр аст ва чунон ки шоир гуфтааст дар ҳаққи табибе беморкаш:

Шеър

Онҳо, ки зи тиру теғ менагурезанд,
Аз ҳайбати кашкоби ту хун мерезанд.
Ту рафта ба рустою шаҳрӣ ба мурод,
Бемор ҳамешаванду бармехезанд.

Ва дигаре гуфтааст дар баландии қадри мамдӯҳ:

Байт

Курсӣ ба зери пой ниҳад офтоб, агар
Хоҳад, ки пои қадри ту бӯсад ба ривоҷи хеш.

Ва Заҳир гуфтааст:

Нӯҳ курсии фалак ниҳад андеша зери пой,
То бӯса ба рикоби Қизил Арслон диҳад.

**Табйину тафсир**

он аст, ки шоир чанд сифати муҷмал баршуморад, он гоҳ дар байти дигар ё дар мисроъи дигар баёни он биёрад ва тафсири он бикунад, чунон ки Унсурӣ гуфтааст:

Шеър

Ё бибандад, ё кушояд, ё ситонад, ё диҳад,
То ҷаҳон бар пой бошад, шоҳро ин бод кор.
Он чи бистонад — вилоят, он чи бидиҳад — хоста,
Он чи бандад — пои душман, он чи бикшояд — ҳисор.

Ва Муиззӣ гуфтааст ва тафсир карда:

Байт

Дар маърака бистонаду дар базм бубахшад,
Мулке ба саворею ҷаҳоне ба суоле.



Ва Азрақӣ гуфтааст ва баён карда:

Шеър

Бо ҳайбати ту бирезад андар гаҳи ҷанг,
Тезӣ зи синон, зеҳ зи камон, бар зи ҳаданг.
Бо ҷуди ту зи кафи ту дорад оҳанг,
Пирӯза зи кон, дурр зи садаф, лаъл зи санг.

Ва Муиззӣ гуфтааст ва тафсир карда:

Шеър

Андар ин муддат, ки будастам зи дидори ту дур,
Ҷуфт будам бо рубобу бо кабобу бо шароб.
Буд ишқам чун шароби лаъл дар заррин қадаҳ,
Нола чун зери рубобу дил пуроташ чун кабоб.

Ва ҳаму [Муиззӣ] гуфтааст ва баён карда:

Шеър

Мухолифони туро аз чаҳор гавҳар ҳаст,
Чаҳор табъ насиби чаҳор чиз мудом.
Зи нор гармии чашму зи бод сардии дам,
Зи об турраи чашму зи хок хушкии гом.

Ва мутакаллифе гуфтааст:

Шеър

Андар бараму бирезам, эй турфаи Рай,
Дар хона турою дар қадаҳ пеши ту май.
Берун кашаму пок кунам андар пай
Аз пои ту музаю зи баногӯши ту х(в)ай.

**Тақсим**

Ва он чунон бошад, ки шоир маъние бигӯяд ва тафосили онро баён кунад, чунон ки ҳеҷ қисм аз ақсом муҳмал (беэътибор) нагузорад, чунон ки гуфтаанд:

Шеър

Кулли аҳволи ӯ баномезад,
Ҳамма аз якдигар шигарфтар аст.

Хуфта андар ибодат асту чу боз
Гашт бедор, нашири ҳунар аст.
Истода намози рост муқим
Шишта дар зикри ҳай додгар аст.
Чун бигӯям, нагӯяд илло хайр,
Хомӯш андар аҷоиби фигар аст.
Нестии рост, собирии шокир,
Дар худо дода хотаме дигар аст.
Зинда мар халқрост роҳнамой,
Мурда ҳамсуфти сайиди башар аст.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Дарозии умри мардум шаст сол аст,
Шаб аст нимеи шаби хуфтан ҳалол аст.
Бимонад сию з-он понздаҳ низ,
Ҳисоби тифлию ҳадди камол аст.
Бимонад понздаҳ, з-он понздаҳ даҳ
Ғами дуньёю фарзанду аёл аст.
Бимонад панчу он панч аст умрат
Туро, эй шастсола, панч сол аст.
Чу умр ин аст, аз он пас мар туро худ,
Дар ин дуньёт дил бастан муҳол аст.

Ва он чи дигаре гуфтааст:

Байт

Зи хону оразу зулфайни он бути дилбар,
Яке гул асту дуввум савсану саввум анбар.

Ҳам аз ин қабил аст

**Тавсим**

он аст, ки бинои қофия бар ҳарфе ниҳанд, ки номи мамдӯҳ ё он ки мақсуди шоир аст, дар он тансиқ (мураттаб) гардад, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Эй сар аз кибр бар фалак бурда,
Гашта гардон чу анчуми фалакӣ.



Ба уқобе расида аз магасе,
Ба само кай расида аз Самаке
Бас, бас акнун, ки пеш аз ин нарасад,
Ҳошаллоҳ, деври малаке.

То он ҷо ки гуфт:

Хоҷа ҳастӣ, чаро наёмӯзӣ,
Хоҷагӣ кардан аз шиҳоби закӣ.

Чун хостааст, то шиҳоби (ситораи дурахшон) закӣ дар қофия биёрад бинои шеър бар «коф»-у «ё» ниҳод. Ва Шарафуддини Шуфурвеҳ гуфтааст:

**Байт**

Эй чу дарьё сахӣ, чу шер шуҷоъ,
Чун қазо ҳокимӣ, чу чарх матоъ.

То он ҷо ки гуфтааст:

Гар накардам видоъ, маъзурам,
Нест бар Маккиён тавофи видоъ.

Чун хостааст, ки узри хеш дар тахаллус видоъи махдум биҳоҳад, бинои қофия бар «айн» ниҳод. Ва ин санъатро аз баҳри он тавсим хонанд, ки шоир асаре аз мақсуди хеш дар қофия бознамудааст ва в а с м доғ ва нишон кардан аст.

**Тасҳим**

он аст, ки шоир насқи (тартиби) шеър бар ваҷҳе ниҳад, ки баъзе аз он бар баъзе далолат кунад ва чун соҳибтабъе як мисроъ аз он бишнавад, бидонад, ки мобаъди он чи тавонад буд, чунон ки шоир гуфтааст:

Шеър

Хуни ошиқ мубоҳ дошт бутам,
Боз васлаш ҳаром дошт мудом.
На мубоҳ аст, он чи дошт мубоҳ,
На ҳаром аст, он чи кард ҳаром.

Чун шоир бишнавад, ки

На мубоҳ аст, он чи дошт мубоҳ.

ҳароина дарёбад, ки тамоми он бошад, ки на ҳаром аст, он чи кард ҳаром. Ва ҳамчунин он чи бар қофия далолат кунад, ҳам аз ин қабил бошад, чунончи Имодӣ гуфтааст:

Шеър

Дар ғами ёр ёр боистӣ,
Ё ғамамро канор боистӣ.
Андар ин бӯстон, ки айши ман аст,
Гули тамаъ нест, хор боистӣ.

Ва ин санъат аз он ҷиҳат тасҳим хонанд, ки шоири дигареро дар донистани баъзе аз он чи назм хоҳад кард, мусоҳим (ҳамфикр) ва мушорик (шарик) гардонидааст.

**Иститрод**

он аст, ки шоир васфе бар як насқ (тартиб) меронад, то чун ба охир расонад, он чи мақсуд бошад аз он шеър, бад-он пайвандад ва бад-он ишорате кунад, чунон ки Имодӣ гуфтааст:

Байт

То чанд зи сӯҳбати маҷозӣ,
То кай суханони нонамозӣ.

То он ҷо ки гуфт:

Худ қавл бувад бад-ин дурӯғе,
Худ ишва бувад бад-ин дарозӣ.
Акнун баре шакар фарох аст,
Яъне лаби лаъли Алп Ғозӣ.

Ва Мунҷики Тирмизӣ гуфтааст:

Шеър

Гӯгирди сурх хост зи ман сабзи ман парер,
Имрӯз агар наёфтаме, рӯйзардаме.
Гуфтам, ки нек бувад, ки гӯгирди сурх хост,
Гар нони хоҷа хостӣ аз ман, чӣ кардаме?



**Тафреъ**

он аст, ки шоир васфе оғоз кунад ба сиғаи нафй (инкор) ва гӯяд: «Нест фалон чиз, ки чунину чунин аст ва нест фалон чиз, ки чунину чунин аст, беҳтар аз фалон ё бештар аз фалон». Ва ин санъат дар ашъори араб бисьёр аст. Ва аммо дар ашъори аҷам чунон бошад, ки сиғаи нафй дар ташбеҳи тафзил ба кор доранд, чунон ки гуфтаанд:

Шеър

Сабздарьё, ки барошӯбаду бархезад мавҷ,
Қай зи бими ғарақаш халқ буванд андарво.
На атобахштар аз хоҷа, ки хушнуд бувад
Он вазири мулки Машриқ Тоҷулумаро.

Ва ин санъат дар шеъри порсӣ равнаке надорад.

**Талмеҳ**

он аст, ки алфози андак бар маънии бисьёр далолат кунад ва л а м ҳ ҷастани барқ бошад ва ламҳа (лаҳза, дам) як назар бувад. Ва чун шоир чунон созад, ки алфози андаки ӯ бар маънии бисьёр далолат кунад, онро талмеҳ хонанд. Ва ин санъат ба наздики булаға (бузургон) писандидатар аз итноб (муболиға) аст ва маънии балоғат он аст, ки он чи ки дар замир бошад, ба лафзе андак бе он ки ба тамоми маънии он ихлоле (халале) роҳ ёбад, баён кунад ва дар он чи ба басти сухан эҳтиёҷ афтад, аз қадри ҳоҷат дарнагузаронад ва ба ҳадди малол нарасонад. Ва аҳли нақд гуфтаанд: «Балоғати лафз некӯст бо сиҳҳати маънӣ ва фасоҳат покизагии сухан аст аз душворӣ». Ва балоғат дар се навъи сухан пайдо шавад: э ҷ о з у м у с о в о т у б а с а т (интишор кардан).

**Эҷоз**

он аст, ки лафз андак бувад ва маънии он бисьёр, чунон ки Саноӣ гуфтааст:

Байт

То ба ҳашр, эй дил, ар сано гуфтӣ,
Ҳама гуфтӣ: Чу Мустафо гуфтӣ.

Ва чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Байт

Бе ту рафтаст в-ар на дари занбӯр
Дар паи нӯш, ки фитодӣ неш.

Ва ҳаму [Анварӣ] гуфтааст:

Байт

Ман чи кардам, он чи ояд зи ман,
Ту чи кун, он чи аз ту ояд, вассалом.

Ва

**Мусовот**

он бувад, ки лафзу маънӣ баробар бошад, чунон ки шоир гуфтааст:

Байт

Савол рафтӣ пеши ато ҳамеша кунун,
Ҳаме атои ту ояд пазира пеши савол.

Ва

**Басат**

он аст, ки маъниро ба алфози бисёр шарҳ кунад ва ба чанд ваҷҳ онро муаккад (мустаҳкам) гардонад, чунон ки агар лафзе муштаракалмаънӣ бошад, баёни муроди хеш аз он бикунад ва агар ба тафсир эҳтиёҷ афтад, дар рафъи илтибос (номафҳумӣ) ишбоъе ба ҷой орад. Пас истиороту ташбеҳот ҷумла аз боби эҷоз (мухтасарбаёнӣ) аст ва эғолу (муболиға намудан) такмил ва табйину тафсиру тақсиму иститроду тафреъву ҳар чи аз ин синоат аз баҳри зиёдати баёне ё рафъи иштибоҳе истеъмол кунад, ҳама аз қабили басати (интишори) сухан аст. Ва чунон ки гуфтем, дар эҷозу мусовот бояд, ки аз ихлоли (халали) маънӣ мӯҳтариз (канорагиранда) бошад. Дар басат низ бояд, ки аз итноби (дароз кардани сухан) бефоидаю истеъмоли алфози ғайри мӯҳтоҷ илайҳи (ба вай) иҷтиноб (парҳез) воҷиб донад, чунон ки дар амсолаи (мисолҳои) эғолу такмилу табйин ва ғайри он эрод афтодааст. Ва мисоли басати announce нописандида, чунон ки шоир гуфтааст:



Байт

Ману туем, ману ту, ки дар ҷаҳон набвад,
Ману туро беҳтар ҷуз ману ту ёру карин

**Эътироз**

он аст, ки шоир дар аснои байт лафзе барои тамоми шеър биёрад, ки маънӣ бад-он мӯҳтоҷ набошад ва онро ҳашв хонанд ва он се навъ аст: ҳашви малеҳу ҳашви мутавасситу ҳашви қабеҳ.

**Ҳашви малеҳ**

он аст, ки ҳарчанд шеър дар маънӣ бад-он мӯҳтоҷ набошад, дар узубати (форамӣ ва хушояндии) он бияфзояд ва онро равнақе дигар диҳад, чунон ки Рашид гуфтааст:

Байт

Дар меҳнати ин замонаи бефарьёд
Дур аз ту чунонам, ки бадандеш мабод.

Лафзи «дур аз ту» ҳашве малеҳ аст.
Ва ҳаму [Рашид] гуфтааст:

Байт

Хаёлоти теғат, ки бурранда бод,
Манозили ду арвоҳи аъдо гирифта

Ва агар тавонистӣ, ки гуфтӣ: «Манозил дар димоғи аъдо (душманон) гирифт», беҳтар будӣ, ки ҷои хаёл димоғ аст.

Ва

**Ҳашви мутавассит**

Чунон ки шоир гуфтааст:

Байт

Гар хира маро зеру забар хоҳӣ кард,
Аз умри худ, эй дӯст, чӣ бар хоҳӣ хӯрд?

Лафзи «эй дӯст» ҳашви мутавассит аст, чи ҳарчанд дар узубату (форамию) равнақи шеър мадхал (дахл) надорад, айбе низ ба лафзу маънии он лоҳиқ (пайваст) намегардонад.

Ва

### Ҳашви қабеҳ

Чунон ки гуфтааст:

Байт

Гар менарасам ба хидматат, маъзурам,
Зеро рамади чашму судоъи сарам аст.

Зикри сару чашм бо зикри рамаду судоъ қабеҳ аст. Ва мин кулли ваҷҳи мустағнии анду (дар бораи вай), чи рамад бе чашм набувад ва судоъ бе сар набошад.

### Илтифот

он аст, ки чун шоир аз маънии хеш фориғ шуд, дар тамоми байт ишорат ба маъние дигар кунад, ки ҳарчанд ба нафси мустақил бошад, аммо ҳам ба маънии аввал тааллуқе дорад, чунон ки Мунҷики Тирмизӣ гуфтааст:

Байт

Моро ҷигар ба тири фироқи ту хаста шуд,
Эй сабр, дар фироқи бутон нек ҷавшанӣ.

Ва дигаре гуфтааст:

Байт

Қош, ман аз ту бирастаме басаломат
В-эй дареғо, куҷо тавонам рустан.

Ва дигаре гуфтааст:

Ҳар гаҳ ки аз фироқи ту андеша кардаме,
Гаштӣ зи бими ҳаҷр дилу ҷони ман фигор.
Акнун ту дурӣ аз ману ман бе ту зиндаам,
Сахто, ки одамист бар аҳдоси рӯзгор.



### Тадорук

он аст, ки маъние аз маъонӣ ба нафйи мутлақ ё бо суботи сареҳ махсус гардонад, он гаҳ онро ба ваҷҳе аз вуҷӯҳ тадорук кунад ва шарте дар миён орад, ки он сифат бад-он шарт мутабаддил (мубаддал) тавонад шуд, чунон ки шоир гуфтааст:

Байт

Куҷо тавонам молид каъбайни адӯ,
Бале, агар ту диҳӣ мар маро ба ҳақ ёрӣ.

Ва дигаре гуфтааст:

Байт

В-эй дареғо, ки мурдам аз ғами ту ман,
Магар ки васлат маро зи ғам бираҳонад.

Ва наздик ба ҳамин маънӣ он аст, ки шоир дар мадҳи хеш ҳарфе аз ҳуруф истисно биёрад, чунон ки мардум пиндоранд, ки баъд аз он замме хоҳад кард ва он гаҳ сифате дигар мадҳе бигӯяд ва онро

### Таъкидулмадҳ би мояшбаҳуззам

хонанд, чунон ки шоир гуфтааст:

Байт

Ҳаме ба иззи ту нозанд дӯстон, лекин
Беназирӣ ту, душманон диҳанд иқрор.

Ва дигаре гуфтааст:

Байт

Туро пеша адл аст, лекин ба ҷуд,
Қафат мекунад бар хазоин ситам.

Ва дигаре гуфтааст:

Байт

Ба зулф каж-маж, лекин ба қадду қомат рост,
Ба тан дурусту лекин ба чашмакон бемор.

Ва дар таъкиди замм низ гӯяд, чунон ки шоир гуфтааст:

Байт

Ноншон накунад муину суханшон дуруст, лек
Гоҳи ато турушрӯю дар ваъда козибанд.

**Тақобул**

он аст, ки шоир асмои (номҳои) мутлазими мутақобил дар шеъри хеш биёрад, чунон ки Булфараҷ гуфтааст:

Байт

Хум диҳӣ хирсро ба бахшиши пушт,
Барканӣ озро ба бадли шикам.

Ва Натанзӣ гуфтааст:

Байт

Шоҳи кайвонкин, ҳурмуздахтару баҳромразм,
Меҳрчеҳри Тир-Тир, зӯҳратабъи маҳнишон.

Ва Булфараҷ гуфтааст:

Байт

Сулҳу ҷанги ту шодӣ омаду ғаm,
Хостаму хашми ту тиҳу омаду боз.

Ва Заҳир гуфтааст:

Байт

Гуфтори талх аз он лаби ширин на дархур аст,
Хуш кун иборатат, ки хатат хар чи хуштар аст.

Дар ин абьёт «пушт»-у «шикам»-у «хум диҳӣ» ва «барканӣ» ва «хасм»-у «кин»-у «разм»-у «ахтар»-у «тир»-у «чеҳр»-у «табъ»-у «хат»-у «иборат» тақобул аст ва «сулҳ»-у «ҷанг»-у «шодӣ» ва «ғам»-у «талх»-у «ширин» аз боби мутобиқа ва «тиҳу» ва «боз» ва «кайвон»-у «Баҳром» аз санъате аст ҳам наздик бад-он маънӣ, ки онро



**Муроотунназир**

хонанд, чунон ки Булмаъолии Розӣ гӯяд:

Байт

Аз мушк ҳаме тир занад наргиси чашмат,
З-он лолаи рӯи ту зиреҳ сохт зи анбар.

Ва Рашид гӯяд:

Шеър

Чун фундуки меҳри ту забонам барбаст,
Бори ғами ту чу гавз пуштам бишкаст.
Ҳар тир, ки аз чашми чу бодоми ту ҷаст,
Дархаста дилам, чу мағз дар писта нишаст.

Ки «мушк»-у «анбар» назири якдигар ва «наргис»-у «лола» ва «тир»-у «зиреҳ» назири якдигар ва «фундук»-у «гавз» ва «бодом»-у «писта» назири якдигаранд ва «забон»-у «пушт» ва «чашм»-у «дил» аз боби тақобул аст ва наздик ба ҳамин маънӣ санъати суолу ҷавоб аст, чунон ки Муиззӣ гӯяд:

Шеър

Паём додам наздики он бути Кашмир,
Ки зери халқаи зулфат дилам чаро асир?
Ҷавоб дод, ки девона шуд дили ту зи ишқ,
Ба раҳ наёрад девонаро магар занҷир.

Ва ҳаму [Муиззӣ] гӯяд:

Шеър

Гуфтам: Маро се бӯса деҳ, эй моҳи дилситон.
Гуфто, ки моҳ бӯса киро дод дар ҷаҳон.
Гуфтам: Фурӯғи рӯи ту афзун бувад ба шаб.
Гуфто: Ба шаб фурӯғ диҳад моҳи осмон.

**Инот**

он аст, ки шоир ҳарфе ё калимае, ки илтизоми он воҷиб набошад, илтизом кунад ва дар ҳар байт ё мисроъ мукаррар (такроран) гардонад ва шуарои аҷам онро лузуми молоялзам хонанд.

Ва инот дар коре душвор афкандан бошад, **чунон** ки Сайфии Нишопурӣ дар ҳар мисроъи ин қасида **илтизоми** «санг»-у «сим» кардааст:

Шеър

Эй нигори сангдил, эй лӯъбати симинузор,
Дар дили ман меҳри ту чун дар сангин хисор.
Санги дил ёрию симин пурнигору меҳри туст,
Ҳамчу нақши симу санг андар дили ман пойдор.
Ман чу сангам салб дар аҳду ту чун симе дурӯй,
З-он чу сим аз санг ногоҳам бирафтӣ аз канор.
То ман, эй сангиндили симинбари номеҳрубон,
Ҳамчу симам бо ту софӣ, ҳамчу сангам бурдбор.
Гоҳ бар сангам занӣ чун зарру чӯй нақши сим,
Гаҳ занӣ сангу маро чун симу зар гирӣ айём.
Раҳм кун, мангар ба бесангию бесимии ман,
З-ин ки санг онро бувад, к-аз симу зар дорад ясор.

Ва аз ин ҷинс амир Муҳаммади Қамарро **дубайтӣ** аст, дар ҳар мисроъи он илтизоми сангу зару **сим** карда:

Шеър

То дилбари сангдил зару симам хост,
Аз санг зарру сим тарошам чапу рост.
Бо сангдилон ба симу зар шояд зист,
Бесангии мо зи безару симии мост!

Ва чунон ки Фахруддин Муборакшоҳи Ғӯрӣ **гуфтааст** ва дар ҳар байт илтизоми офтобу зарра **карда:**

Шеър

Бар офтоб зулфи ту то соягустар аст,
Ин дил, ки ҳаст зарра, зи ишқат пурозар аст.
Дар зулфи соявори ту бар офтоби рӯй,
Дилҳо чу зарраҳои зарира муаттар аст.
Зарри маст ин дилу рӯҳи рахшонат офтоб,
Ишқи чунон рухе ба чунин дил чӣ дархур аст?
Дар теғи офтоб зад ин дил чу зарра даст,
Оре, дилам ба давлати ишқат диловар аст.
Мондам аҷаб зи сурати чу офтоби ту,
Қ-андар диле чу зарра чи гуна мусаввар аст.
Дар пеши офтоби ҷамоли ту бешумор,
Монанди зарра аз дили саргашта лашкар аст.



Ва ҳамчунин то охири қасида нигоҳ доштааст. Ва чунон ки Рашид гуфтааст ва илтизоми ду қофия карда:

Шеър

Эй аз макорими ту шуда дар ҷаҳон хабар,
Афканда аз сиёсати ту осмон сипар.
Соҳибқуръон малакию бар тахти хусравӣ
Ҳаргиз набуда мисоли ту соҳибқуръон дигар.
Бо рои пиру бахти ҷавонию кардаанд
Андар паноҳи ҷоҳи ту пиру ҷавон муқар.
Гетӣ забон кушода ба мадҳи тую фалак,
Баста зи баҳри хидмати ту бар миён камар.
Бо мӯкиби саёдати ту ҳамкитф шараф,
Бо мураккаби саодати ту ҳаминон зафар.

## Тансиқи сифот

он аст, ки шоир чанд васфи мухталиф бар пои якдигар дорад ва як чизро чанд сифати мухталиф кунад, чунон ки Масъуди Саъд гуфтааст:

Байт

Ҷаҳонгир шоҳӣ, адӯбанд шерӣ,
Сафорой гурдӣ, сипаҳкаш саворӣ.

Ва Унсурӣ гуфтааст:

Байт

Шоҳи гетӣ, хусрави лашкаркаши лашкаршикон,
Сояи яздон, шаҳи кишвардеҳи гетистон.

Ва чунон ки Абдулвосеъи Ҷабалӣ гуфтааст:

Шеър

Зии ман ба салом омад он шамсаи олам,
Оростаю тозаю шоду хушу хуррам.
Аз мушк пароканда бикарда гули пурбор
Беху гиреҳу ҳалқаҷаю силсилаю ҳам.

Ва он чи Абдулвосеъи Ҷабалӣ гуфтааст:

Байт

Қӣ дорад чун ту маъшуқе нигору чобуку дилбар,
Бунафшамӯю наргисчашму лоларӯю насринбар.

ҳам аз ин қабил аст ва наздик бад-ин маънӣ санъате аст, ки онро

**Сиёқатулаъдод**

хонанд ва он чунон бошад, ки шоир чанд чиз аз асмоъ (исмҳо) муфрада (алоҳида) баршуморад ва он гаҳ ҷумларо ё як-якро васф кунад, чунон ки Зинатӣ гуфтааст:

Байт

Аспу гуҳару теғи бидав гирад қимат,
Тахту сияҳу тоҷ аз ӯ ёбад миқдор.

Ва он чи Адиб Собир гуфтааст:

Ба ман намуд руху чашму зулфи он дилбар,
Яке ақиқу дуввум наргису саввум анбар.
Ақиқу наргису анбараш бистонанд аз ман,
Яке ҳаёту дуввум қуввату саввум пайкар.
Ҳаёту қуввату пайкар се моя бувад моро,
Яке заифу дуввум қосиру саввум лоғар.
Заифу қосиру лоғар шавад ба меҳнати ишқ,
Яке сипеҳру дуввум кавкабу саввум гавҳар.

Ҳам сиёқатулаъдод аст ва ҳам такрир ва ҳам тақсим.
Ва он чи Лӯълӯӣ гуфтааст:

Шеър

Се чизи ту аз се чиз доим ба азоб
Рӯй аз хату хат зи зулфу зулфат аз тоб.
Се чизи ман аз се чиз пайваста хароб
Ҷон аз дилу дил зи фоидаю дида зи об.

Ҳам сиёқатулаъдод асту ҳам табйину тафсир. Ҳамчунон ки Қивомии Ганҷавӣ гуфтааст:

Шеър

Зи акси рӯю лабу оразаш баранд сафо,
Яке Суҳайлу дуввум Зӯҳраю саввум Ҷавзо.



Суҳайлу Зӯҳраю Ҷавзо зи нури ӯ шудаанд
Яке нажанду дуввум волаю саввум шайдо.
Нажанду волаю шайдо шаванд пеши рухат
Яке парию дуввум лӯъбату саввум ҳуро.

**Тасмит**

он аст, ки бинои абьёти қасида бар панҷ мисроъ муттафиқулқавофӣ ниҳанд ва мисроъи шашумро қофияи мухолифи қавофии аввал оранд, ки бинои шеър бар он бошад, чунон ки Манучеҳрӣ гуфтааст:

Шеър

Хезеду ҳазоред, ки ҳангоми хазон аст,
Боди хунук аз ҷониби Хоразм вазон аст.
Он барги разон бин, ки бар он шохи разон аст,
Деҳқон ба таъаҷҷуб сари ангушт газон аст,
Қ-андар чаману боғ на гул монду на гулзор.

Ва Ломеъии Гургонӣ гуфтааст:

Шеър

Мурғи обӣ ба сарой андар чун нои сарой,
Бошгуна ба даҳон бозгирифта сурной.
Асри пояш гӯй, ки ба фармони худой,
Бар замин барги чинор аст, чу бардорад пой.
Бар тан аз хулла қабо дораду дар зери қабой,
Обгун пираҳане, чайби вай аз сабзи ҳарир.

Ва бошад, ки дар адади масореъ (мисраъҳо) бияфзоянд, чунон ки Абдулвосеъ гуфтааст:

Шеър

Аё соқиалмудом, маро бода деҳ мудом,
Суманбӯи лолафом, ки то ман дар ин мақом,
Занам як нафас ба ком, ки касро зи хосу ом,
Дар ин манзил, эй ғулом, умеди қарор нест.

Дар ин мусамматро, агар ба сабаби риояти қавофӣ аз мураббаъи Музореъ доранд, бинои он бар ҳашт мисроъ бошад ва агар аз мусамман мусаҷҷаъ ниҳанд,

бинои он бар чаҳор мисроъ бошад. Ва он чи Муиззӣ гуфтааст:

### Шеър

Эй сорбон, манзил макун ҷуз бар диёри ёри ман,
То як замон зорӣ кунам бар рабъу атлолу даман.
Рабъ аз дилам пурхун кунам, атлолро ҷайхун кунам,
Хоки даман гулгун кунам аз оби чашми хештан,

**онро** мусаҷҷаъ хонанд. Ва мусаммат ҷуз чунон нест, **ки** гуфтем. Ва тасмит дар ришта кашидани мӯҳраҳост. **Ва ин** шеърро аз баҳри он мусаммат хонанд, ки чанд байтро дар силки як қофия кашидаанд.

### Тавшеҳ

**он** аст, ки бинои шеър бар чанд бахши мухталифалвазн ниҳанд, ки ҷумлаи он як қасида бошад. Ва чун ҳар бахшро ҷудогона бархонӣ, қасидаи дигар бар вазне дигар берун ояд. Чунон ки Рашидии Самарқандӣ гуфтааст:

### Шеър

Эй кафи роди ту дар ҷуд беҳ аз абри баҳор,
Халқро бо кафи ту абри баҳорӣ ба чӣ кор?
Оламеро дил аз афшондани борон ҷӯфт,
Хушу хуррам шуду ороста чун боғи баҳор.
Беш аз андозаи ин тонфа **бар банда ниҳод,**
**Ҷуди ту бори гарон** з-он ду кафи гавҳарбор.
Дигаронанд чу ман бандаю **ман банда зи шукр,**
**Оҷизам чун дигарону** зи хиҷилӣ гашта фигор.
Аҷз як сӯ неҳу ин кор, ки **кардастам ҷурм,**
**Сӯи афват нигарон** мондаю дил пури темор.
Ту худовандӣ, эҳсон куну **ин ҷурм ба фазл,**
**З-ин раҳе даргузарон,** з-он ки туӣ ҷурмгузор.
Аз дари афв бувад ҳар кӣ ба тафсиру ба ҷурм,
Қард дар пеши валинеъмати зебо иқрор.
Эй ту абре, ки зи ҷуди ту шавад дай Наврӯз,
Эй ту шамъе, ки зи нури ту шавад лайл наҳор.
Абр кай хонамат, эй хоҷа, **чу шуд абри матир,**
**Назди ту ҳайрон,** дар дасти ту саргаштаю хор.
Шамс кай хонамат, эй хоҷа, чу **шуд шамси мунир,**
**Пеши ту пинҳон** в-аз рӯи ту осимаю зор.



Ҳаст дар бахшишу дар биништу **дар донишу фазл**
**Он дили покат** баҳре, ки варо нест гузор.
Балки аз рашки кафу он дили **чун баҳри қаир**
**Гашт бепоён** андӯҳдил ҷумла баҳор.
Чун ту хоҳад, ки бувад хасмат, **натвонад буд,**
**Мар туро ҳаргиз** дар ҳеҷ ҳунар н-ояд ёр.
Ҳаст ҳар чиз туро, илло **ҳамтою назир**
**Дар ҳама кайҳон** в-ин халқ надонад ҳамвор.
Аз кафи ту ҳама мӯҳтоҷон **осуда шуданд,**
**Бо кафи родат** в-ин хулқ, беҳ ояд зи аҳрор.
Аз навозидани бисьёр, ту **аз шуғли ҳақир**
**Шоирон яксон** растанд зи айши душвор.
Дар паноҳи кафи эҳсони ту **Мансур шудем**
**Бар муроди дил** ҳамвора ҳама давлатёр.
Давлату нусрату пирӯзию **яздонат насир.**
**Бод ҷовидон,** к-аз гоҳи тӯе бархурдор.
Номи некӯ натавон ёфтан, илло ба ду чиз,
Дониши ҷуду зайн гирад мардум миқдор.
Ту дар ин ҳар ду чунонӣ, ки касе нест чу ту,
Лоҷарам, номи ту шуд пайдо дар ҷумла диёр.
Ин накӯномӣ в-ин родӣ **фархунда кунод**
**Бар ту мавлою** бидорад туро дар зинҳор.
Басаломат ба салом омад, **эй саидулмулк,**
**Иди азҳо,** ҳаққи ӯро ба саёдат бигзор.
Шодмонӣ куну хуррам зию **он кас, ки баъид,**
**Мадҳи ту гуфт,** бирав густар аз икрому шиор.
Шеъри мо ҳаст ба ҳангоми ту **баррафта зи ҷоҳ,**
**То ба шиъро,** ки шикебад, ки нагӯяд ашъор.
То шавад ҷуфт тараб, ҳар кӣ дарояд ба шароб,
То бувад ёр, хумори он бурун шуд зи ақор.
Некхоҳони ту боданд ҳама ҷуфти тараб,
Бадсиголони ту боданд ҳама ёри хумор.

Ҷумлаи қасида аз баҳри Рамали махбун аст бар фаилотун /фаилотун /фаилотун /фаилон ва он чи ҳайизи (қисми) аввал ба сурхӣ навиштааст, чун ҷудо бархонӣ, ин дубайтӣ аст:

### Шеър

Бар банда ниҳод ҷуди ту бори гарон,
Ман банда зи шукр оҷизам чун дигарон.
Қардастам ҷурм сӯи афват нигарон,
Ин ҷурм ба фазл з-ин раҳе даргузарон.

Ва ҳайизи (қисми) дуввуми ин қитъа аз баҳри Ҳазаҷи мусаддаси мусаббағ бар мафъӯлу /мафоилун /мафоийлон:

Шуд абри матир назди ту ҳайрон
Шуд шамси мунир пеши ту пинҳон.
Дар донишу фазл он дили покат
Чун баҳри қаир гашт бепоён.
Натвонад буд мар туро ҳаргиз,
Ҳамтою назир дар ҳама кайҳон.
Осуда шуданд бо кафи родат,
Аз шуғли ҳақир шоирон яксон.
Мансур шудем бар муроди дил,
Яздонат насир бод ҷовидон

Ҳайизи саввуми ин қитъа аст бар мафъӯлу /мафоилун /фаӯлун:

Фархунда кунод бар ту мавло,
Эй саъидулмулк, иди азҳо.
В-он кас, ки баъид мадҳи ту гуфт,
Баррафта зи ҷоҳ то ба шиъро.

Ва ин навъро мувашшаҳи муҳайяз (паноҳгоҳ) хонанд, аз баҳри он ки аз ҳар ҳайзе аз он вазне бархезад. Ва бошад, ки дар ҳар мисраъ ҳарфе ё калимае нигоҳ доранд, ки чун ҷамъ кунӣ, исме ё шеъре, ё дуъое бошад, чунон ки Рашид рубоие гуфтааст ва дар аввали ҳар мисраъ ҳарфе нигоҳ дошта, ки маҷмӯъи он номи Муҳаммад бошад, бар ин мисол:

### Шеър

Маъшуқа дилам ба тири андӯҳ бихаст,
Ҳайрон шудаму касе намегирад даст.
Мискин тани ман зи пои меҳнат шуд паст,
Дасти ғами дӯст пушти сабрам бишикаст.

Чунон ки дигаре гуфтааст:

Хуш ҳарифию шигарфӣ, санамо, бода бихоҳ,
Лаҳзае бе маи сода манишин, умр макоҳ.
То кунам аз дилу ҷон васфи руху зулфи туро,
Аз барои тарабу мадҳи маю ишратгоҳ.



Хуш даро! Май хур дар қасри малик хурраму шод,
Зи такаббур лиманалмулк чӣ хонӣ бари шоҳ.
Нарасад худ лиманалмулк дар ин қаср туро,
Агарат чанд бувад иззу фару хубию ҷоҳ.
Ҳам даҳре дамад аз доми ду зулфи ту маро,
Лутфи маддоҳии шоҳ Нусратуддин доҳи илоҳ.
Он кӣ вақф аст бад-ӯ мулкаю таъйиду ҷалол,
Маликуларш мар ӯро абадуддаҳр паноҳ.
Чун аён шуд адабаш, гӯӣ, ин аст адаб,
Равишаш барканад аз меҳри дили ботилхоҳ.
Ҳама ҷуд асту ҳама дониши фаррухшаҳ аз он,
То бувад мулк аз ӯ ботарабу маймунгоҳ.
Равнақи ҳол чунон дор зи қасри шаҳи мо,
Фарш ӯву асл лола-ст ба фасли даймоҳ.
Равзи хулд аст, магар з-оташи чу хулд аст салаб,
Олами иззу саодат шуду ноз ин-т ба роҳ.
Сазадо, ноз кунад даҳр бад-ин нақд чунон,
Аз паи ҷоҳу паи фаҳру шарафгоҳ ба гоҳ.
Фаррух омад чу ба маснад, хирад омад шаҳро,
Фаррух аст, оре, ки ин зинати мулк асту сипоҳ.
Ноз бисьёр расад дар сифаташ боз маро,
Ё маро кардани бо ақл, ки шуд зомир огоҳ.
К-аз чунин васф, ки ман гуфта, бипурсад, к-аз дил,
Оварад фахр ба ман оқил аз обин в-аз роҳ.
Аҳли хулд ар шунаванд ин фан дар хулди наъим,
Лаб биханданд, ҳамаро тоза кунод бахти ҷибоҳ.
Худ ба ҷуз мадҳ бинагзошт, басе дидам сеҷ,
Олам аз умри накӯрӯӣ ба фарр аз ишбоҳ.
Хоса чун ноз дар ин мадҳ нақӯ набвад рад,
Возеҳаш ханҷари шоҳ аст зи роҳи инбоҳ.
Ҳар кӣ з-ин мадҳ нашуд шоду турушрӯӣ шуд ӯ,
Ар ҳама зӯҳду намоз аст, гуноҳ аст, гуноҳ.
Ҳар чӣ раддияи пайдо зи дил омад бари мо,
Лашкараш мар умароро ба гаҳи бод ифроҳ.
Қарда овора, ба офоқ дароз соз ҷидол,
Носеҳаш шермисол омаду ҳосид рӯбоҳ.
Шаҳ фаридунсифат аст орею ҳасмаш Заҳҳок,
Адли шаҳ бод мувашшаҳ ба дуър аз афвоҳ.
То бувад санъати тавшеҳ зи тазмин беҳтар,
Фалакаш гуфта, ки ин аст ба ҳаққи шоҳ мудом,
Малакаш гуфта, ки ин аст малик бе икроҳ.

Ҳуруфи охири масореъи (мисраъҳои) аввал ин аст:

Ҳаза албинон бинои алмаҷду алкарам.

Ва ҳуруфи аввали масореъи (мисраъҳои) дуввум ин аст:

Ло зола муртафиан фи лиззун ниам.

Ва калимоти миёни масореъи (мисраъҳои) аввал то оғози мураббаъи мустатил (дарозрӯя) ин аст:

Фӣ васфи қасрил малик дома мулкуху.

Ва калимоти миёни масореъи (мисраъҳои) дуввум ин аст:

Фӣ мадҳи алмалик иззи насра а҆бдо.

Ва калимоте, ки бар муҳити (гирдогирди) мураббаъ айман (тарафи рост) аст, дубайтӣ аст. Он чи бар ду залъи ямин (тарафи рост) аст, ин аст:

Гӯӣ ҳама ҳоли хулд ноз омад боз,
Қ-аз хулд ба ҷуз ноз нашуд пайдо ноз.

Ва он чи бар залъи ясор (тарафи чап) аст, ин аст:

Ин фаррухи қасри хулди нақд омад боз,
Қ-аз хулд басе накӯтараш омад соз.

Ва калимоте, ки бар муҳити (гирдогирди) мураббаъ ясор (тарафи чап) аст, дубайтии дигар аст. Он чи бар ду залъи ямин (тарафи рост) аст, ин аст:

Меҳри малики азал иззу ҷоҳ аст маро,
Фахри ҳама умр мадҳи шоҳ аст маро.

Ва он чи бар залъи ясор (тарафи чап) аст, ин аст:

Дил ботараб асту нозгоҳ аст маро
В-аз бахт ба фарри мадҳи роҳ аст маро.

Ва се калимаи дигар дар охири қасида, ки дар миёни масореъи (мисраъҳои) аввал аст, ин аст:

Сифати тавшеҳ ин аст.

Ва он чи дар миёни масореъи (мисраъҳои) дуввум аст, ин аст:



Мисоли мувашшаҳ ин аст.

Ва аз аснофи мувашшаҳ он чи бар сурати дарахте ниҳанд, онро мушаҷҷар хонанд, чунон ки шоир гуфтааст ва мисол ин аст:



Ва он чи бар шакли мурғе ниҳанд, онро м у т а й я р (парранда) хонанд ва он чи бар шакли доира ниҳанд, онро м у д а в в а р (доирашакл) хонанд. Ва он чи бар шакли гиреҳе аз ашколи ҳандасӣ ниҳанд, онро м у а қ-

қ а д (гиреххӯрда, тобдор) хонанд, чунон ки мутакаллифе дигар қитъае дар ин шакл дарҷ кардааст ва дар ҳар ҳайиз (тараф) аз аҳъёзи (атрофи) тақотӯъ (бурида гузаштан якдигарро) хутути (хатҳои) камонӣ нигоҳ доштааст, ки чун ҷамъ кунанд, як байт бошад ва шакл ин аст:






Ва қитъа ин аст (аз баҳри Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур бар муфтаилун /фоилоту/ муфтаилун) фаъ:

Фахри ман аст он ки ҳаст мафхари дунъё,
Ҳоҷиби пирӯзбахт, сайиди воло.
Нусрат ёбад зи кирдугор ба ҳар вақт,
Он кас к-аш кор шуд зи Наср муҳайё.
Рост чу бо фарраш ошноие ҷӯяд.
Хуррамию рӯшноие ояд пайдо.
Ҳиммати ӯ гӯӣ оташест ба гавҳар,
З-он ки чу оташ ҳамеша ҷӯяд боло.
Мулкат бо ҳоҷиби ҷалил амини наср,
Нозад, к-аз бахти ӯст тозаю барно.
Аз ҳунари ӯст пойдории мулкат
В-аз карами ӯст рӯшноии дунъё.
Фарри худое, к-аз ӯ бузургӣ ҷӯяд,
Ҳастиш бо ҳоҷиби амини дил якто.
Он кас к-аз меҳри бахти ӯ асаре ёфт,
Бахт бародараш аз Сурӣ ба Сурайё.
Моро шодӣ бад-ӯ физояд, к-аз бахт
Дорад иқбол ошной бо мо.
Давлат ҷӯяд ҳар он ки меҳраш ҷӯяд,
Давлатро меҳри ӯст маскану маъво.
Бахташ ҷовид боду умраш ҷовид,
Шод бад-ӯ авлиёю сӯхта аъдо.

Ва он калимоте, ки ба сурхӣ навиштааст, чун ҷамъ кунӣ, ин байт бошад:

Байт

Он кас ки зи бахт рӯшноӣ ҷӯяд,
Бо ҳоҷиби Наср ошноӣ ҷӯяд.

Ва ин навъи тавшеъро м у т а р р а ф (м у з а л л а ъ) гӯянд. Ва он чи бар излоъ шакле ниҳанд, чунон ки тӯлан (ба дарозӣ) ва арзан (ба паҳноӣ) бартавон хонд, онро музаллаъ (мураббаъ) хонанд бар ин мисол:

| | | | |
|---|---|---|---|
| АЗ ФУРҚАТИ | ОН ДИЛБАР | МАН ДОИМ | БЕМОРАМ |
| ОН ДИЛБАР | К-АЗ ИШҚАШ | БО ДАРДАМ | У БЕЗОРАМ |
| МАН ДОИМ | БО ДАРДАМ | БЕ МӮНИС | У БЕЁРАМ |
| БЕМОРАМ | У БЕЗОРАМ | У БЕЁРАМ | У ҒАМХОРАМ |

## Тарҷеъ

он аст, ки қасидаро бар чанд қитъа тақсим кунанд, ҳама дар вазн муттафиқу (якхелаю) дар қавофӣ мухталиф. Ва шуаро ҳар қитъаро аз он хонае хонанд, он гаҳ фосила миёни ду хона байте муфрад (алоҳида) созанд ва он байтро т а р ҷ е ъ б а н д хонанд. Пас агар хоҳанд, ҳамон байтро тарҷеъбанди ҳама хонаҳо созанд ва дар охири ҳар қитъа ва аввали мобаъди он бинависанд. Ва агар хоҳанд, ҳар хонаро тарҷеъбанди алоҳида гӯянд. Ва агар хоҳанд, тарҷеъбандҳо бар як қофия бино ниҳанд, то қитъаи муфрад (алоҳида) бошад. Ва Ҷамолуддин Муҳаммади Абдурраззоқро дар наъти пайғамбари салавотуллаҳ алайҳа ва олиҳи қасидаи тарҷеъ ҳаст ва алҳақ, сахт некӯ омадааст ва бештари абьёти он лафзан ва маънӣ азбу (гуворою) матбӯъ афтода, табарруки санои он ҳазрати муқаддасро дар ин таълиф оварда шуд.

### Шеър

Эй аз бари сидра шоҳроҳат,
В-эй қувваи арш такьягоҳат.
Эй тоқи нӯҳум равоқи боло,
Бишкаста зи гӯшаи кулоҳат.
Ҳам ақл давида дар рикобат,
Ҳам шаръ хазида дар паноҳат.
Ин чархи кабуд жандадалке,
Дар гардани пири хонақоҳат.
Маҳ тосаки гардани самандат,
Шаб турраи пурчами сабоҳат.
Чарх ар чи рафеъи хоки поят,
Ақл ар чи бузурги тифли роҳат.
Ҷабрил муқими остонат.
В-афлоки ҳарим боргоҳат.



Хӯрдаст қадар зи рӯи таъзим,
Савганд ба рӯи ҳамчу моҳат.
Эзид, ки рақиби ҷонҳарад кард,
Номи ту радифи номи худ кард.
Эй номи ту дастгири одам
В-эй хулқи ту поймарди олам.
Фарроши дарат Қалими Имрон.
Ҷовиши раҳат Масеҳи Марьям.
Аз номи Муҳаммад аст маймо,
Ҳалқа шуда ин баланди торам.
Ту дар адаму гирифта қудрат,
Иқтоъи вуҷуд зери хотам.
Дар хидматат анбиё мушарраф
В-аз хурматат одамӣ мукаррам.
Аз саъи муборакн ту рафта,
Ҳам бо сари хирфаи худ одам.
Нобуда ба вақти хилвати ту,
На аршу на Ҷабраил маҳрам.
Ноёфта иззи илтифоте,
Пеши ту замину осмон ҳам.
Қавнайн наволае зи ҷудат,
Афлок туфайлии вуҷудат.
Рӯҳуллаҳ бо ту харсаворе,
Рӯҳулқудусат рикобдоре.
Аз матбахи ту сипеҳр дуде,
Дар мавкаби ту замин ғуборе.
Дар шарҳи румузи ғайби кӯят
Барсохта ақл кору боре.
Афват зи гуноҳи узрхоҳӣ,
Ҷудат зи суоли шармсорӣ,
Ин кисаи ҳар ниёзманде
В-он уддати ҳар гуноҳкоре.
Бар бӯи шафоати ту мондаст,
Иблис чунон умедворе,
Коре чи шавад, агар бишӯяд
Лутфи ту калими хоксоре.
Бе хурд кияст ноумеде,
Дар аҳди чу ту бузургворе.
Он ҷо, ки зи ту наволапечанд,
Ҳафту шашу панҷу чор ҳечанд.
Эй маснади ту вараи афлоқ,
Садри тую хоки тӯда хошок.
Дар роҳи ту захми маҳз марҳам,
Бар ёди ту заҳри айн тарьёк.

Туғрои ҷалоли ту луамраг,
Маншури вилояти ту лавлоқ.
На ҳуққаю ҳафт мӯҳра пешат,
Дасти туву домани ту з-он пок.
Ҳар ҷ-он симати ҳудус дорад,
Дар дидаи ҳиммати ту хошок.
Дар аҳли набуввати ту одам,
Пӯшида ҳанӯз хирқаи хок.
Ту карда ишорат аз сарангушт,
Маҳ картаи парниён зада хок.
Нақши сафаҳоти рояти ту,
Лавлок ламо халақту афлок.
Эй карда ба зери пой кавнайн,
Бигзашта зи ҳадди қоби қавсайн.
Эй орзуи қадар лақоят
В-эй қиблаи осмон сироят.
Дар олами нутқ ҳеҷ нотиқ
Ногуфта сазои ту саноят.
Ҳар ҷое, ки хоҷае ғуломат,
Ҳар ҷое, ки хусраве гадоят
Ҳам тобиши ахтарон зи рӯят,
Ҳам ҷунбиши осмон ба роят.
Ҷон доруи ошиқон ҳадисат,
Қуфли дили гумраҳон дуоят.
Андӯхтаи сипеҳру анҷум,
Барн-омада даҳи як атоят.
Бар шаҳпари Ҷабраил неҳ зин,
То лоф занад зи Кибриёят.
Бар дидаи осмон қадам неҳ,
То сурма кашад зи хоки поят.
Хони туву лояному қалбӣ,
Хони ту абайту инда раббӣ.
Эй аз нафаси ту субҳ зода,
Оҳат дари осмон кушода.
Илми ту фузули ҷаҳл парда,
Ҳилми ту ғурури куфр дода.
Дар ҳазрати қудс маснади ту,
Бар зарваи ломакон ниҳода.
Одам зи машимаи адам ном,
Дар ҳаҷри бунуввати ту зода.
Ту карда чу ҷон фалак саворӣ,
Дар гирди ту анбиё пиёда.
Хуршеди фалак чу соя дар об,
Дар пеши ту бар саройситода.



Аз лутфу зи унфат обу оташ
Андар арақу таб ӯфтода.
Ин бар дари Сова ғӯта хӯрда
В-он дар дили Порс ҷон бидода.
Хоки қадами ту аҳли олам,
Зери аламй ту насли Одам,
Эй ҳуҷраи дил ба ту мунаввар
В-эй олами ҷон зи ту муаттар.
Эй шахси ту исмати муҷассам
В-эй зоти ту раҳмати мусаввар.
Бе ёди ту зикрҳо музаввир,
Бе номи ту вардҳо мубаттар.
Хоки ту нишони шохи Тӯбо,
Дасти ту заҳоби Ҳавзи Кавсар.
Эй аз нафаси насими хулқат
Неҳ гӯй фалак чу кӯи анбар.
Аз яъсамукаллаҳ инат ҷавшан
В-аз янсурукаллаҳ инат миғфар.
Ту яминӣ аз ҳудус гав бош,
Олам ҳама хушк ё ҳама тар.
Ту фориғи аз вуҷуд гав шав,
Батҳо ҳама санг ё ҳама зар.
Товуси малоика буридат,
Сархайли муқаррабон муридат.
Эй дасти каши ту ин муқаввас
В-эй дасти хуши ту муқарнас
Эй хошакдонат сақфи азрақ,
В-эй шадарвонат чархи атлас.
Чун рӯҳ зи айбҳо муназзаҳ.
Чун ақл зи нуқсҳо муқаддас.
Аз бунгаҳи ту камина шаштақ,
Ин ҷирми муаллақи мусаддас.
Шуд шаҳри равон ба фарри номат,
Ин фалси мукалласи муталлас.
Дар мадҳи ту ҳар ҷамоди нотиқ,
Дар васфи ту ҳар фасеҳи аҳрас.
Аз аҳди ту то ба даври Одам,
Дар хайли ту ҳар чи з-анбиё кас.
Ҳам гӯши нубуввати ту дар пеш,
Ҳам чатри рисолати ту аз пас.
Фалҷи надаби бақайту ваҳдӣ,
Қулфи дари лонабия баъдӣ.
Эй абри ту чира чун шабу рӯз
В-эй хайли ту пурситора пирӯз.

Эй ақли гиреҳкушои муфтӣ,
Дар ҳалқаи дарси ту навомӯз.
Эй теғи ту куфрро кафанбоф
Наълайни ту аршро кулаҳдӯз.
Эй миллатҳо зи мубъиси ту,
Чун мактабҳо ба иди Наврӯз.
Аз мӯи ту ранги касвати шаб
В-аз нури ту нури чеҳраи рӯз.
Ҳилми ту шигарфи дӯзахошом.
Хашми ту азими осмонсӯз.
Моҳи сари хаймаи ҷалолат,
Дар олами улв маҷлисафрӯз.
Бинмуда нишони рӯи фардо,
Ойинаи мӯъҷизи ту имрӯз.
Эй гуфта сареҳу карда тасреҳ,
Дар дасти ту сангреза тасбеҳ.
Эй соя зи хок баргирифта
В-эй рӯи ту нури хур гирифта.
Эй бол кушода бози ҷатрат,
Олам ҳама зери пар гирифта.
Тӯтӣ шакари нисори нутқат,
Ҷонҳо ҳама дар шакар гирифта.
Афканда вуҷудро баси пешат,
Бас фарқ фиканда баргирифта.
Аз баҳри қабули маҷлиси хеш
Одам сухани ту даргирифта.
Он ҷо, ки ҷанибати ту раф-раф
Исо думи лошахар гирифта.
В-он ҷо ки нишемани ту Тӯбо,
Мӯсо раҳи Тӯр баргирифта.
Дар мактаби ҷон зи шавқи номат,
Лавҳи аринӣ зи сар гирифта.
То ҳусни ту насхи анкабут аст,
Авҳан чӣ, ки аҳсанубуют аст.
Ҳар одамие, ки ӯ саню гуфт,
Ҳар ҷ-он на санои ту, хато гуфт.
Худ хотири шоирӣ чи санҷид,
Наъти ту, сазои ту худо гуфт.
Гар чи на сазои ҳазрати туст,
Бипзар, ҳар он чи ин гадо гуфт.
Ҳарчанд фузулгӯӣ мардист,
Охир на санои Мустафо гуфт.
Дар умр ҳар он чи гуфт ё кард,
Нодонӣ карду носазо гуфт.



З-он гуфтаю карда гар бипурсанд,
Қ-аз баҳри чӣ кард ё чаро гуфт?
Ин хоҳад бувад уддати ӯ,
Қуффорат ҳар чӣ кард ё гуфт,
Ту маҳв кун аз ҷаридаи ӯ,
Ҳар ҳарза, ки аз сари ҳаво гуфт.
Чун нест бизоате зи тоат,
Аз мо гунаҳу зи ту шафоат.

## Ҳусни матлаъю мақтаъ ва лутфи тахаллус ва адаби талаб

Ҳусни матлаъ он аст, ки шоир матлаъи ҳар шеъре лоиқи мақсуди хеш ниҳад ва ибтидо ба калимоти мустакроҳ (зишт, хунук) накунад, иллс (ғайри) ки марсия ё ҳаҷв бошад. Ва дар он низ он чи ба нисбат бо он ҳоли ҷамилтару мастуртар бувад, матлаъ созад. Ва дар ғазалу ташбибу қасоиди мадҳӣ номи ғуломе ё зане набарад, илло ки маълум бошад, мамдӯҳро бад-он исм тааллуке нест. Ва матолеъи (матлаъҳои) ағозил (ғазалҳо) аз алфози азбу (фораму) роиқ (равон) созад, чунон ки Сайид Ашраф гӯяд:

**Байт**

Ҳар насиме, ки ба ман бӯи Хуросон орад,
Чун дами Исо дар колбадам ҷон орад.

Ва Имодӣ гуфтааст:

**Байт**

Дар оламе, ки ишқ туро кор меравад,
Андешаро муомила душвор меравад.

Ва Анварӣ гуфтааст:

**Байт**

Сабо ба сабза биёрост дори дуньёро,
Намуна гашт замини марғзор уқборо.

Ва Қамол Исмоили Исфаҳонӣ гуфтааст:

Байт

Зиҳӣ, ба нури ҷамоли ту чашми ҷон равшан,
Зи моҳчеҳраи ту узри ошиқон равшан.

Ва аз матолеъи (матлаъҳои) мадҳ Анварӣ гӯяд:

Байт

Эй рояти рафеат буньёди назми олам
В-эй гавҳари шарифат мақсуди насли Одам.

Ва ҳаму [яъне Анварӣ] гӯяд:

Байт

Зиҳӣ, бақои ту даврони чархро муфаххар,
Хоҳӣ лиқои ту бӯстони адлро зевар.

Ва аз ибтидооти (яъне матлаъҳои) нописандида Булфараҷрост:

Байт

Эй сарафрози олам, эй мансур
В-эй ба садри ихтилоф судур.

Мамдӯҳро ба ном хондааст, ба сифати нидо ва нашояд, ки мамдӯҳро гӯянд, эй фалон, магар дар чизе, ки дар он сифати мадҳӣ бошад, чунон ки «эй подшоҳи олам» ва «эй садри ҷаҳон» ва монанди он. Ва аз мақотеъи (мақтаъҳои) латиф, Анварӣ гӯяд:

Шеър

То маҳалли ҳама чиз аз шарафи ӯ бошад,
Ҷовидон бар ҳама чизият шараф боду маҳал.
Даргаҳат мақсади аркону дар ӯ бору ҳиҷоб,
Маҷлисат маншаъи айёну дар ӯ мадҳу ғазал.
Пои иқболи ҷаҳон сӯи бадандеши ту ланг,
Дасти осеби фалак сӯи накӯхоҳи ту шал.
Рӯзи бад рафтаю рӯзат ҳама фархундаю ид
В-аз қазо бистуда бо дахли азал ваҷҳи амал.

Ва аз мақотеъи (мақтаъҳои) нописандида Азрақӣ гуфтааст.



Ҳамеша то набуд сад фузунтар аз сесад,
Ҳамеша то набуд панҷ бартар аз панҷоҳ.
Ба дасту табъи ту нозанда бод ҷому адаб,
Ба фарру номи ту поянда бод афсару гоҳ.
Мабод гӯши ту бе бонги руд сол ба сол,
Мабод дасти ту бе ҷоми бода моҳ ба моҳ.

Дар ин дуъо ду айб аст: яке маънавӣ, яке лафзӣ. Аммо маънавӣ он аст, ки гуфтааст: ҳамеша дар батолат бошу ҳаргиз «мабод ки наба ҳазл» ва пайи коре машғул бошӣ. Ва чунон ки вуҷӯҳи (сабабҳои) мадоеҳ бояд, ки ба чизе аз фазоили нафсонӣ бошад, улмдаи адъияи (дуъоҳои) мамдӯҳ бояд, ки бар ҳусули саъодоти нафсонӣ бувад. Ва айби лафзӣ он аст, ки гуфтааст: «мабод гӯши тую мабод дасти ту» ва ин ҷинс сахт нописандида аст ва бояд, ки шоири муҷиду (эҷодкору) котиби фозил назму насри хешро аз алфози завоту ҷаҳин, ки чун онро аз қарина ҷудо кунӣ, қабеҳ бошад, пок дорад. Ва агар аз ин ҷинс зарурат афтад, миёни лафзи дуъо ва зикри мамдӯҳ фосилае дарорад, чунон ки гӯяд: «Маҷлисат бе май мабоду гӯшат бе симоъ мабод». Ва маро дар хидмати подшоҳи Саъиди Атобак Саъд Тағаммадуллаҳ ба ғуфрона ва албаса ҳалал ризвона будем ва аз ҳар ҷинс сухан мерафт. Ман дар ҳоле, ки дигаре мегуфт, аз сари бехештанӣ гуфтам: «То душмани худованди Атобак кӯр шавад». Атобак, худош ғариқи раҳмат гардонод, тез дар ман нигарист ва табассуме бикард. Ман аз он назари ӯ мунтабеҳ (хушёр) шудам ва чунон аз даст дарафтодам, ки аз хиҷолат хостам, ки ба замин фурӯ шудаме ва то як маҳ шарм медоштам, ки нек ба рӯи муборакӣ ӯ нигоҳ кунам. Магар ӯ (раҳматуллаҳ алайҳу раҳмату асъату) асари он ҳиҷолат дар башараи ман мушоҳида мефармуд, баъд аз чанд рӯз ташрифе хубу астаре некӯю мӯҳре зар фиристод, то ба латоифи сухану лавотифи (лутфҳои) ғарибнавозӣ маро дар кор оварад ва ҳадшаи (шубҳаи, бими) он ташвир (изтироб, шармсорӣ), ки ба рӯи дили ман монда буд, мундамил (сиҳат; беҳ) гардонид. Ва аз ин ҷинс тахаллусоти мустаҳсан (хуб), Имодӣ гуфтааст:

Байт

Андешаи ту маро муборак,
Чун иди шаҳи музаффар омад.

Ва Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Ҳар намози дигаре ба уфуқ аз қавси кузаҳ
Даргаҳе бинӣ афрошта то авҷи Зуҳал.
Ба мисоле, ки ба чизеш масал натвон зад,
Ҷуз ба олӣ дар дастури ҷаҳон садри аҷал.

Ва аз тахаллусоти нодири балеғ Мухторӣ гуфтааст:

Шеър

Дӣ боз дар тафаккури онам, ки бодро,
Бо тоби сунбули суманорои ту чӣ кор?
Гар низ гирди зулфи ту гардад, бисӯзамаш
Аз васфи оташи шамшери шаҳриёр.

Ва аз тахаллусоти ба зикри хайёму ҷамол дигар гӯяд:

Шеър

Пеш омадам боғе хуррам, пурчатру хиргоҳу хайм,
Аз таблу манҷуку олам, чун даргаҳи Ҷамшеди ял.
Он хаймаҳо гоҳи нишон, чун бурҷҳо бар осмон,
Чун Савру Ҷавзо з-он миён, харпуштаи шайху дӯл

Ва гуфтааст:

Байт

Эй сорбон, манзил макун ҷуз бар диёри ёри ман,
То як замон зорӣ кунам бар рабъу атлолу даман.

Ва гуфтааст:

Шеър

Ҳоил ҳаюнӣ давдави андакхӯри бисьёррав,
Аз охувон бурда гарав дар кӯяю дар тохтан.
Бар пушти ӯ марқад маро, дар коми ӯ савдад маро,
Дар қосидӣ мақсад маро даргоҳи садри анҷуман.

Ва аз тахаллусоти зишт, Азрақӣ гуфтааст:



Байт

Агар ту теғи ҷафоро дилам нишона кунӣ,
Ба ҷони хоҷаи фозил накӯят, ки мазан.

Ва аммо адаби талаб ва ҳусни суол аз мамдӯҳ, чунон ки Абӯшакури Балхӣ гуфтааст:

Байт

Адаб магиру фасоҳат магиру шеър магир,
На ман ғарибаму шоҳи ҷаҳон ғарибнавоз.

Ва Абулмаолии Розӣ гуфтааст:

Шеър

Навои ман ҳама ҳамчун замона бошад аз он-к
Ҳаменгардад аз ӯ кори ман раҳӣ ба наво.
Чӣ чиз бошад аз он хубтар, ки ҳиммати ту
Зи якдигар бираҳонад замонрову маро.

Ва Анварӣ гуфтааст:

Байт

Зи ғояти карами туст ё зи хомии ман,
Ки бо гуноҳ чунон мункирам, умеди атост.

ФАСЛ

Ва чун аз зикри бештари маъоибу (айбҳою) маҳосини (ҳуснҳои) шеър фориғ шудем ва ағлаб (бештар) авсофи баду неки он баршумурдем, дар ин фасл баъзе аз аҷноси шеър, ки мусталаҳ (чун истилоҳ кор фармуда-шуда) ва мутадовили (маъмули) оммаи шуароcт, баён кунем.

**Насибу ташбиб**

Ҷамоате аз арбоби бароат (маҳорат, фазилат) гуфтаанд, ки насиб ғазале бошад, ки шоир иллааррасм онро муқаддимаи мақсуди хеш созад, то ба сабаби майле, ки бештари нуфусро ба истимоъи (шунидани) аҳволи муҳиббу (ошиқу) маҳбуб (маъшуқа) ва авсо-

фи муғозалати (ишқбозии) ошиқу маъшуқ бошад, табъи мамдӯҳ ба шунавидани он рағбат намояд ва ҳаворо аз дигар шавоғил (корҳо) бозситонад ва бад-ин восита, он чи мақсуди қасида аст, ба хотире муҷтамеъ (ҷамъ) ва нафсе мутаманнаи (дилхоҳ) идрок кунад ва мавқеъи он ба наздики ӯ мустаҳсантар (хубтар) афтад, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Ба́ри ман омад хуршеди некӯвони шабгир,
Ба қадди чу сарв баланду ба рухи чу бадр мунир.
Ҳазор ҷон лаби лаълаш ниҳода бар оташ,
Ҳазор дил сари зулфаш кашида дар занҷир.
Кушода турраи ӯ бар камини ҷонҳо даст,
Кашида ғамзаи ӯ дар камони абрӯ тир.

Ва *ташбиб* ғазале бошад, ки сурати воқеа ва ҳасби ҳоли шоир бувад, чунон ки ашъори шуарои араб чун Қусайиру Қайси Зареҳу Маҷнун бани Омир ва амсоли эшон, ки ҳар якро бо зане тааллуқии (алоқаи) қаблӣ будааст ва он чи гуфтаанд, айни воқеа ва сурати ҳоли эшон аст, илло он ки бештари шуарои муфлиқ (нуктасанҷ) бад-ин фарқ илтифот нанамудаанд ва ҳар ғазале, ки дар аввали қасоид бар мақсуди шеър тақдим афтад аз шарҳи меҳнати айёму шикояти фироқ, васфи даману атлолу наъти раёҳу (гиёҳҳо) азҳору (гулҳою) ғайри он онро насиб ва ташбиб хондаанд. Ва насиб дар асли луғат сифати ҷамоли маҳбуб ва шарҳи аҳволи ишқу муҳаббат аст ва ҳикояти ҳоли ошиқ бо маъшуқ. Ва ин исм аз боби фаала яфъилу аст ба фатҳи «айн» дар мозӣ (замони гузашта) ва касри он дар мустақбал (замони оянда), чунон ки гӯянд: «Насаба янсибу насиба», яъне ғазал гуфт ва аҳволи ошиқ ва он чӣ бар он тааллуқ дорад, шарҳ дод. Ва нисбат аз боби фаала яфъулу аст ба фатҳи (а) «айн» дар мозӣ (замони гузашта) ва заммӣ (у) он дар мустақбал (замони оянда), чунон ки гӯянд: «Насаба янсубу нисбатан», яъне чизеро ба чизе бозхонд. Ва дар истилоҳ ҷуз ағзолро (ғазалҳоро) насиб нахонанд. Ва ҳар муқаддима, ки дар оғози амсила (мисолҳо) ва маношир (фармонҳои подшоҳӣ) ва соири (дигар) мактуботи мутарассилон (нависандагон) мунсоқ (мураттаб ва якравиш) бувад, ба мақсуде онро ташбиби сухан



гӯянд ва агар чи шуароро дар боби насиб дасти мутлақ аст, то ҳар васф, ки хоҳанд аз фунуни ишқиёт ва анвоъи ташаввуқот (шавқмандиҳо) тақдим кунанд, илло он риояти адаб дар ҷумлаи абвоб (ҷиҳатҳо) лозим бошад. Ва насиби ҳар мадҳ бояд, ки лоиқи он афтад ва он чи Разии Нишопурӣ гуфтааст:

Шеър

Шароб ҳозиру дилбар надиму ман махмур,
Чаро нишастаам аз ишрату тараб маҳҷур?
Шароби лаъли мураввақ бидеҳ, парирӯё,
Қи деви ранҷ ба лоҳавли бода гардад дур.
Биёр аз он чу лаби хеш лаъл, то созем
Зи тоби оташи ӯ дар ҳавои дай бо ҳур.
Чу ёр ҳаст мусоид, шароб ҳаст латиф,
Гуноҳи дил бувад, ар з-ин сипас бувад ранҷур.
Зи ранҷи чарх чӣ нолӣ, ки карда сад ҷарҳат,
Чу бода дорӣ дар ранҷи ӯ, наӣ маъзур.
Хароб шав шаробе, ки нӯки ламъи ӯ,
Гузора гардад аз сақфи торами маъмур.
Қушода гӯям ҳушёрро ним суғба
Агар набошӣ сармаст камтар аз махмур.
Сарвари айши сабӯҳӣ мабод ҷуз онро,
Қи дар шароб ба субҳ оварад шаби дайҷур.
Алалхусус, ки бошад симоъи маҷлиси ӯ
Санои он ки бувад даври оламаш маъмур.
Худойгони шариати бузург Сайфуддин,
Ки ҷаҳл гашта ба сайфи забони ӯ маққур.
Паноҳи миллат Абдулазиз, он ки шудаст,
Зи иззи боргаҳаш хатти ҳар ҳунар мавфур.

Қасеро, ки худойгони шариат ва паноҳи миллат хонанд, насиби мадҳи ӯ ба шаробу мастию субӯҳ лоиқ набошад. Ва агар он чи симоъи (суруди) маҷлисро санои ӯ ниҳод, шаробро ба зикри маноқибу (ҳунарҳою) маолию (бузургиҳою) шарҳи аворифу (лутфу марҳаматҳою) аёдии (некиҳои) ӯ тафсир кардӣ, саҳлтар будӣ.

Ва ҳар қасида, ки аз ҳиллияти (раво будани) насиб отил (холӣ) бошад, онро *маҳдуд* монанд, яъне боздошта аз насиб, *муқтазаб* низ гӯянд, бозбурида аз насиб, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Байт

Гар дилу даст баҳру кон бошад,
Дилу дасти худойгон бошад.

Ва **ғазал** дар асли луғат ҳадиси занон ва сифати ишқбозӣ бо эшон ва таҳолук (несту нобудӣ) дар дӯстии эшон аст. Ва муғозалат ишқбозию мулоибат (бозикунанда) аст ба занон. Ва гӯянд: «Раҷул ғазилу», яъне марде, ки муташаккил (ташкилёфта) бошад ба сурате, ки мувофиқи табъи занон бошад ва майли эшон бад-ӯ бештар бувад, ба сабаби шамоили ширину ҳаракоти зарифона ва суханони мустаъзаб (ширин). Ва баъзе аҳли маънӣ фарқ наҳодаанд миёни насибу ғазал ва гуфтаанд, маънии насиб зикри шоир аст халқу ҳулқи маъшуқро ва тасарруфи аҳволи ишқи эшон дар вай. Ва ғазал дӯстии занон аст ва майли ҳавои дил бар эшон ва ба афъолу ақволи (қавлҳои) эшон. Ва аз ин ҷиҳат, ки гӯянд, чун саг дар сайд ба оҳу расад ва оҳу, ки бечора гардад, бонгаке заиф бикунад аз тарси ҷон. Сагро риққате (нармдилие) пайдо шавад ва аз вай бозистад ва ба чизе дигар машғул шавад. Гӯянд: «Ғазила алкулбу» ва ҳамоно оҳуро ғазол аз ин ҷо ном ниҳодаанд, ки ин муғозалатро шоиста аст. Ва бештари шуарои муфлиқ (нуктасанҷ) зикри ҷамоли маъшуқу васфи аҳволи ишқу тасобир ғазал хонанд. Ва ағзоле, ки муқаддимаи мадҳе ё шарҳи ҳоле дигар бошад, онро насиб гӯянд. Ва ба ҳукми он ки мақсуд аз ғазал тарвиҷи (ривоҷ додани) хотир ва хушомади нафс аст, бояд ки бинои он бар вазне хуши матбӯъ ва алфози азби (фсрами) салис (равон) ва маонии роиқи (фасеҳи) мураввақ (равшан) ниҳанд ва дар назми он аз калимоти мустакраҳ (зишту хунук) ва суханони хашин (дурушт, ноҳамвор) мӯҳтариз (худдорикунанда) бошад.

Чунон ки Имодӣ гӯяд:

Шеър

Дилу ҷонам ба ишқи ту самаранд,
Ҳама олам ба ин ҳадис даранд.
Зулфу рӯю лабат баномезад,
Ҳама аз якдигар шигарфтаранд.
Ту наӣ ёр, лек дар ғами ту,



Ҳама офоқ ёри якдигаранд.
Оҳувонанд зери ғамзаи ту,
Ки ҷуз аз марғзор ҷон начаранд.
Хӯриши тӯтиён шакар бошад,
Тӯтиёни лаби ту худ шакаранд.
Дили ман гашт ҳалқае, ки дар ӯ,
Ҷон фурӯшанду ишваи ту харанд.
Ошиқон чӣ рӯй бо ту, ҷуз он-к,
Лаб бидӯзанду дар ту менигаранд.
Набаранд аз ғами ту ҷон ба канор,
Хоса, қавме, ки номи бӯса баранд.
Бар дари ту муқим натвон буд,
Ҳавасе мепазанду мегузаранд.

Ҳамчунин **рубоӣ**, ки пеш аз ин дар қисми арӯз шарҳи он гуфта омадааст. Ба ҳукми он ки бинои он бар ду байт беш нест, бояд, ки таркиби аҷзои он дуrусту қавофӣ мутамаккин (ҷойгир) ва алфоз азбу (фораму) маонӣ латиф бошад ва аз калимоти ҳашву (зиёду) таҷнисоти мутакаррир (такрорёбанда) ва тақдиму таъхироти нохуш холӣ бувад ва агар ба он чизе аз синоати мустаҳсан (хӯб) ва мустабадеоти (бадеиёти) матбӯъ (хуш), чун мутобиқаи латифу ташбеҳе дуруст ва истиорате латиф ва тақобиле мавзун ва иҳоме ширин ёр бувад, некӯтар ояд, чунон ки шоир гуфтааст ва дар мутобиқа беҳтар аз ин дубайтӣ нагуфтаанд:

Шеър

Ғам бо лутфи ту шодмонӣ гардад,
Умр аз назари ту ҷовидонӣ гардад.
Гар бод ба дӯзах барад аз кӯи ту хок,
Оташ ҳама Оби Зиндагонӣ гардад.

Ва чунон ки яке аз фузалои Исфаҳон гуфтааст ва алҳақ, ташбеҳе саҳеҳ аст:

Шеър

Эй васли туро умр баҳо чун шабу рӯз,
Ҳиҷрони ту раҳзани бақо чун шабу рӯз.
То кай ба умеди васл бӯён бошем,
Андар паи ҳам зи ҳам ҷудо чун шабу рӯз.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Ҷоно, ману ту намунаи паргорем,
Ҳарчанд ду қолибем, як дил дорем.
Бар нуктаи меҳр пой агар бифшорем,
Чун доира сар зуд ба ҳам бозорем.

Ва Ашрафии Самарқандӣ гуфтааст:

Шеър

Шоҳо, чу дилат дар сафи тадбир ояд,
Ӯро мадад аз олами тақдир ояд.
Теғи ту ҷаҳон гирифту оре, шак нест,
Онро, ки ту баркашӣ, ҷаҳонгир ояд.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Бар кас чу ба дӯсте рақам натвон зад,
Дар роҳи ягонагӣ қадам натвон зад.
Ҷуз оина рӯи ҳам даме натвон дид,
З-ӯ низ чӣ фоида, чу дам натвон зад?

Ва Камоли Исмоил гуфтааст:

Шеър

Дар разм чу кӯси ту ба овоз омад,
Нусрат бо ӯ ба табъи дамсоз омад.
Теғи ту ба қатъу фасли кори душман,
Ҳар ҷо бирафт, сурхрӯ бозомад.

Ва яке аз соҳибтабъони Нишопур гуфтааст:

Шеър

Кай даст диҳад васли чу ту дилбанде,
Илло ба ҳазор ҳила ҳар якчанде.
Эй дар буни ҳар мӯи ман аз ту меҳре
В-эй бо сари ҳар мӯи туам пайванде.



**Муздавач**

шеърест, ки бинои он бар абъёти мустақили мусарраъ (ҳамқофия) бошад ва шуарои аҷам **маснавӣ** хонанд, аз баҳри он ки ҳар якро ду қофия лозим аст.

Фирдавсӣ гуфтааст:

Шеър

Ҷаҳонро набояд супурдан ба бад,
Ки бар бадкуниш бегумон бад расад.
Чунин аст бодо фарах додгар,
Ки мар бадкунишро бад ояд ба сар.
Қасе, к-ӯ бувад поку яздонпараст,
Наёрад ба кирдори бад хеч даст.
Ки ҳарчанд бад кардан осон бувад,
Ба фарҷом аз ӯ ҷон ҳаросон бувад.
Чу беранҷ бошию покизарой,
Аз он баҳра ёбӣ ба ҳар ду сарой.

Ва ин навъ дар қисоси (қиссаҳои) мутаввал (дуру дароз) ва ҳикоёти дароз, ки назми он бар қофияе муайян мутаазир (душвор, номумкин) бошад, истеъмол кунанд.

**Мусарраъ**

байте бошад, ки арӯзу (рукни охири мисраъи якуму) зарби (рукни охири мисраъи дуюми) он дар вазн ва ҳуруфи қофия муттафиқанд, чунон ки Булфарач гуфтааст:

Байт

Тартиби мулку қондан ҳилму расми дод,
Абдулҳамиди Аҳмади Абдуссамад ниҳод,

ки ҳуруфи қофияи ҳар ду мисраъ «алиф» (о) ва «дол» (д) аст ва вазни ҳар ду фоилон аст аз баҳри Музореъи ахраб бар мафъӯлу /фоилоту/ мафойлу/ фоилон. Ва пеш аз ин гуфтаем, ки дар қасоиди порсӣ тасреъи (бо қофия овардани байти аввали шеър) матолеъ (матлаъҳо) лозим аст ва ҳар қасида, ки матлаъи он мусарраъ (ҳамқофия) набошад, агар чи дароз бувад, онро **қитъа** хонанд ва исми қасида бар он итлоқ накунанд (яъне надиҳанд). Ва ҳамчунин дар рубоиёт тас-

реъи байти аввал лозим доштаанд, то фарқ бошад миёни он ва муқаттаоти дигар ва дар маснавиёт, чунон ки гуфтаем, ба ҳукми он ки бинои он бар абьёти муфрада (танҳо) аст, дар ҷумлаи қисса тасреъ (қофия) лозим аст ва бошад, ки як қасидаро чанд матлаъ кунанд, чун аз сифате ба сифате дигар нақл кунанд. Ва аз ҷумлаи шуаро Хоқонӣ бад-ин шева мувалеътар (ҳаристар) будааст ва чанд қасидаи бисьёрматолеъ (бисьёрматлаъдор) гуфта. Чунон ки гуфтааст:

Шеър

Чун оҳи ошиқ омад субҳоташин муанбар,
Симоби оташин зад дар бодбони ахзар.

Ва ҳам дар ин қасида гуфтааст:

Байт

Дар обгун қафас бин товуси оташинбар,
Қ-аз пар кушодани ӯ офоқ гашт зевар.

Ва гуфтааст:

Байт

Саҳни Ирам надидӣ, дар боғи шоҳ бингар,
Ҳусни ҳарам надидӣ, бар қасри шоҳ бингар.

Ва гуфтааст:

Байт

Эй андалеби ҷонҳо, товуси бастазевар,
Бикшой ғунчаи лаб, бисрой ғуннаи тар.

Ва бошад, ки дар нақл аз насиб ба мадҳ матлаъи нав кунанд, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Байт

Маст шабона будам, афтода бехабар,
Дӣ дар утоғи хеш, ки дилбар бикӯфт дар.

Ва баъд аз тахаллуси латиф гуфтааст:

Байт

Эй дар зимони адли ту маъмур баҳру бар
В-эй дар мусири килки ту асрор нафъу зар.



Ва бошад, ки ибтидои қасида ба мадҳ кунад ва бар ғазал хатм кунад ва онро матлаъи тоза орад. Чунон ки Фалакии Шервонӣ гуфтааст:

Байт

Сипеҳри маҷду маолӣ, муҳити нуқтаи олам,
Ҷаҳони ҷуду маонӣ, чароғи дудаи Одам.

Ва дар охири қасида гуфтааст:

Байт

Куҷо шуд он, ки маро ҷон бад-ӯ шуд хушу хуррам,
Қи то шуд ӯ, дилу чашмам табоҳ шуд зи наму ғам.

**Муқаффӣ**

он аст, ки зарбу (рукни охири мисраъи дуюм) арӯзи (рукни охири мисраъи аввали) он дар ҳуруф мухталиф бошанд, чунон ки Разии Нишопурӣ гуфтааст:

Байт

Зиҳӣ, сарфарозе, ки бо пойгоҳат,
Муяссар нашуд чархро дастёрӣ,

ки агар чи вазни арӯзу (рукни охири мисраъи аввалу) зарби (рукни охири мисраъи дуюми) ин байт фаӯлун аст, ҳуруфи он мухталиф аст. Ва бибояд донист, ки чун бинои қофияи шеър бар ҷузве аслӣ афтод, чун фаӯлун дар баҳри Мутақориб ва мафоийлун дар Ҳазаҷ ва фоилотун дар баҳри Рамал ва мустафъилун дар баҳри Раҷаз, ба ҳеҷ ваҷҳ дар тасреъ ва ғайри тасреъ раво набошад, ки ҷузви мутағайир (тағйирёбанда) шавад. Чунон ки дар ин байт бознамудем, ки чун қофияи он фаӯлун аст, лобуд (ночор) арӯзи (рукни охири мисраъи аввали) он лозим омад, ки фаӯлун бошад. Ва дар арӯзу зарби ҳеҷ байт аз абьёти ин қитъа нашояд, ки ҷузве дигар ҷуз фаӯлун биёранд. Ва агар бинои қофия бар ҷузве фаръӣ ниҳанд, чунон ки ҳаму (Разии Нишопурӣ) гуфтааст:

Байт

Аё подшоҳи шариат, ки хаст,
Зи авсофи ту қосир афкори ман,

ки чун биной зарби (рукни охири мисраъи дуюми байти) ин шеър фаал ниҳод, ки маҳзуфи фаӯлун аст, дар тасреъ лозим бошад, ки арӯзи (рукни охири мисраъи аввали байти) он ҳам фаал бошад ва дар ғайри тасреъ раво бошад, ки фаӯл ояд, чунон ки ҳам дар ин байт, ки вазни арӯзи он (ин ҷо ба маънии вазни мисраъи аввали он омадааст): фаӯлун/ фаӯлун /фаӯлун/ фаӯл аст ва вазни зарби он (ин ҷо низ ба маънии вазни мисраъи дуввуми он омадааст) фаӯлун/ фаӯлун /фаӯлун/ фаал. Ва дар ашъори порсӣ биной иттифоқу ихтилофи зурубу (зарбҳою) аъориз (арӯзҳо) бар аҷзои аслию фаръӣ аст ва на чунон аст, ки дар ашъори тозӣ, ки мафоӣлун аз зуруби (зарбҳои) Тавил (баҳри Тавил) аст ва нашояд, ки ҷуз дар тасреъ онро арӯз (рукни охири мисраъи аввали байт) созанд ва фоилотун аз зуруби (зарбҳои) Комил аст ва нашояд, ки ҷуз дар тасреъ онро арӯз созанд ва фаъ аз зуруби (зарбҳои) Мутақориб (баҳри Мутақориб) аст ва нашояд, ки ҷуз дар тасреъ онро арӯз созанд, балки дар шеъри порсӣ бештари аҷзо, ки зарби (рукни охири мисраъи дуюми байти) шеъре тавонад буд, ҳамон ҷузви арӯзи (рукни охири мисраъи аввали байти) он шеър тавонад буд дар тасреъ ва ғайри тасреъ. Ва ихтилофи бисёр дар аъориз (арӯзҳо) ҷоиз медоранд, чунон ки Хаффофи шоир гуфтааст:

Байт

Ҳар шаб барояд аз ду баногӯшаш,
Хуршеду гул гирифта дар оғӯшаш,

бар мафъӯлу /фоилоту/ мафоӣлун. Ва мафоӣлун ҷузви аслии ин баҳр аст ва ҷузви арӯзу зарби ин вазн мафоӣлун аст ва бино бар ин ниҳодааст. Боз мегӯяд (Хаффофи шоир):

Байт

Рухсори ӯ зи боғи суман дуздид,
Он ки ҳамебарад ду сиёҳпӯшаш,

бар мафъӯлу /фоилоту/ мафоӣлон. Ва ҷузви солимро бо ҷузви мусаббағ арӯз (рукни охири мисраъи аввали байт) сохтааст.

Ва ҳам ин ҷо мегӯяд (Хаффофи шоир):



Байт

Бо ишқи ӯ сабурӣ кӣ тавонад?
Бо чархи пуршуда кӣ кунад кӯшиш?

бар мафъӯлу /фоилотун/ мафъӯлун ва ҷузви солиму ҷузви мусаббағу ҷузви ахрам ба ҳам арӯз сохтааст ва аз ин ҷиҳат, ман дар ин таълиф тааррузи (мухолифати) зурубу (зарбҳою) аъоризи (арӯзҳои) ҳар баҳр накардаам. Агар чи баъзе арӯзиёни аҷам дар таълифоти хеш овардаанд, ки Ҳазаҷро чандин арӯз асту чандин зарб ва ҳамчунин соири буҳурро зурубу (зарбҳою) аъориз (арӯзҳо) таъйин карда ва ҳамоно он шахс абъёти ҳар баҳр баршумурдааст ва ҳар ҷузв, ки дар арӯзи байте дидааст, онро арӯзи он зарб ниҳода ва миёни зурубу (зарбҳою) аъоризи (арӯзҳои) ашъори аҷам ҳеч фарқ нест. Ва яҷузу (лозиму) лояҷузе (нолозиме), ки дар ҷамъ миёни зарбею арӯзе афтад, биной он бар саломат ва музоҳифоти ҷузв аст. Ва ин маънӣ соири (тамоми) аҷзои байтро шомил аст, то агар биной шеъре бар аҷзои солим ниҳанд, чунон ки мафоӣлун/ мафоӣлун /мафоӣлун ё фоилотун /фоилотун/ фоилотун, дар байтҳои дигар тағйири ҳеч як аз аҷзо раво набошад ва нашояд, ки дар байти дигар мафоӣлу /мафоӣлу/ мафоӣлун ё фоилоту /фоилоту/ фоилотун биёрад ва хилофи ашъори тозӣ, ки агар биной Тавил (баҳри Тавил) бар фаӯлун/ мафоӣлун (/фаӯлун ниҳад, ки дар байти дигар шояд, ки фаълун/ мафоӣлун /фаӯлу/ мафоилун биёрад, валекин зарбҳо бояд, ки аз мафоӣлун бингардад, аз баҳри он ки арӯзи Тавил (баҳри Тавил) мафоилун беш нест ва зуруби Тавил се аст: мафоӣлуну мафоилуну фаӯлун. Ва дар шеъри порсӣ зурубу (зарбҳою) аъориз (арӯзҳо) яксонанд, яъне агар зарб (рукни охири мисраъи дуюм) саҳеҳ аст, арӯз (рукни охири мисраъи аввали байт) лобуд (ноҷор) саҳеҳ бошад ва агар зарб музоҳаф аст, арӯз музоҳаф бояд. Ва чун матлаъи шеъре мубҳам (номаълум) бошад ва тасреъ муқаффӣ ояд, онро т а ҷ м е ъ хонанд ва байтро муҷаммаъ (ҷамъшуда) гӯянд, чунон ки шоир гуфтааст:

Байт

Ба саҳаргоҳон ногоҳ ба ман боди насим,
Бӯи дилдори ман овард ҳам аз сӯи шимол,

ки қофияи «насим» мубҳам аст, бад-он ки қофияи дигар мисоли «наъим»-у «муқим» ва монанди он ояд ва на чунон омад.

### Байтулқасида

он аст, ки нахуст шоирро маъние дар хотир ояд ва онро назм кунад ва бинои қасида бар он ниҳад. Ва мумкин бошад, ки дар қасида беҳтар аз он байт бисьёр афтад. Ва оммаи шуаро байтулқасида онро хонанд, ки беҳтарин абьёти қасида бувад ва ломушоҳата фӣ ила лиқоб. Илло он ки қавли аввал дурусттар аст. Шарафуддини Шуфурвеҳ гуфтааст:

Шеър

Эй чу дарьё сахӣ, чу шер шуҷоъ,
Чун қазо чираю чу чарх матоъ.

То он ҷо ки гуфтааст:

Гар накардам видоъ, маъзурам,
Нест бар маккиён тавоф видоъ.

Чун хостааст, ки узри тахаллуф (қафомондагӣ) аз видоъи махдум (хӯҷаин) бад-ин иборат хоҳад, ки нест бар маккиён тавоф видоъ, бинои шеър бар «айн» ниҳод, пас байтулқасидаи ин шеър ин байт аст ва аллоҳу аълам.

### Луғзу муаммо

Луғз он аст, ки маъние аз маонӣ дар қасвати иборате мушкил муташобеҳ (монанд) ба тариқи суол бипурсанд ва аз ин ҷиҳат, дар Хуросон онро ч и с т о н хонанд. Ва ин санъат чун азбу (гуворою) матбӯъ (хуш) афтад ва авсофи он рӯи маънӣ бо мақсуд муносибате дорад ва ба ҳашви алфоз дароз нагардад ва аз ташбеҳоти козибу (дурӯғу) истиороти баъид (ғайри табиӣ) дур бувад, писандида бошад ва ташҳизи (тезу тунд кардани) хотирро бишояд. Чунон ки Муиззӣ дар сифати қалам ташбиби қасидае сохтааст, агар чи сахт зоҳир аст:



Шеър

Чӣ пайкар аст зи тири сипеҳр ёфта тир,
Ба шакли тиру бад-ӯ мулк рост гашта чу тир.
Куҷо бигирьяд, дар колбад бихандад ҷон,
Куҷо бинюзад, дар осмон бинозад тир.
Зи нодироти ҷавоҳир нишон диҳад сиришк,
Зи мушкилоти замоир хабар диҳад ба сарир.
Ҳар он чи табъ барандешад, ӯ кунад таълиф,
Ҳар он чи вахм фароз орад, ӯ кунад тафсир.

Ва Хоқонӣ дар кабӯтарони парранда гуфтааст, агар чи сахт (беҳад) дароз аст:

Шеър

Мусаввар чист? Он ҳусне нақӯ биндешу беҳ бингар,
На дар пайдо зи боми ӯ, на пайдо боми ӯ аз дар.
Шуда дар зоти ӯ фикрат чу рои аблаҳон оҷиз,
Чунон к-андар сифоти ӯ дили доно шавад музтар.
Ту гӯӣ размгоҳ астӣ, зи ҳар сӯе расад фавҷе,
Яке ларзон зи бими ҷон, яке дилшоду бозигар.
Яке пиндорӣ аз санъат магар чархест гарданда,
Яке гӯӣ зи устодӣ бурун хоҳад шуд аз чанбар.
Якеро тайласон бинӣ ба сони фарши Бӯқалмун,
Яке аз баҳрамон дорад ридою қасвату афсар.
Яке ҳамчун зани зоне, зи шарми шӯӣ дар хиҷлат,
Равон гашта ба ҳар ҷое ба пой андар кашон чодар.
Рақиб андар пайи эшон ба хушёрӣ чу бадмастон,
Яке румхе ба даст андар, к-аз ӯ нисбат кунад шаккар.
Баланд аз паст бартозанд паи тартиб аз он гуна,
Хаёли ахтар ар бинӣ, ба рӯз андар ҳаво бе мар.
Фуруд оянду баргарданд гирди арзгоҳи худ,
Ҳамегӯянд бе таъхир коми дил зи якдигар.
Яке ноланда бе иллат, яке дар ҷанг бе олот,
Яке дар банд бе зиллат, яке бе рӯд хуньёгар.
Яке ҳамчун Зуҳал торе, дуввум чун Муштарӣ равшан,
Саввум Миррихгун ранташ, чаҳорум Зӯҳраи авҳар.
Ҳаво аз сурати ҳар як чу даъватхонаи Монӣ,
Замин аз сояи ҳар як чу санъатхонаи Озар.
Басо пиру ҷавон бинӣ аз эшон хурраму шодон,
Басо симин бар он бинӣ, аз эшон гашта симинбар.
Қашида як ба як пайкар зи баҳри нузҳату шодӣ,
Ба пеши хусрави одил саф андар саф, пар андар пар.

Ва дигаре гуфтааст дар гапон:

Шеър

Чист, на шалвору на пироҳанаш,
Ҳар чи хоҳӣ, менихӣ дар доманаш.
Рост гӯяд, ҳар чи гӯяд бе забон
Аждаҳое, ақрабе дар гарданаш.

Ва дигаре гуфтааст дар миқроз:

Шеър

Чист, к-андар даҳони бедандонаш,
Ҳар чӣ афтад, рез-рез кунад.
Чун задӣ дар ду чашми ӯ ангушт,
Дарзамон ҳар ду гӯш тез кунад.

Ва дигаре гуфтааст дар кӯзаи об:

Шеър

Лӯъбате чист, нағзу хокмизоҷ,
Қай ба обест аз ҷаҳон хурсанд.
Даст бар сар ниҳода, пиндорӣ
Ба сари хеш меҳӯрад савганд.

Ва луғз дар асли луғат баргардонидани чизе аст аз самти рост ва алғоз роҳҳои кажи маж (килеб) аст ва луғайзо сӯрохи муши даштӣ аст, ки бар вуреби (сӯи) хонаи аслӣ бибарад ва чанд роҳи мухталиф берун барад, то аз мазиқи (ҳолати душвори) талаби сайёдон ба сӯе берун ҷаҳад. Ва ин ҷинси суханро аз баҳри он луғз хонанд, ки сарфи маънӣ аст аз самти фаҳми рост.

Ва баъзе мардум онро луғуз хонанд ба замми «лом» ва «ғайн». Ва дар девонуладаб онро дар боби фуал овардааст ба замми «фо» ва фатҳи «айн».

Ва муаммо он аст, ки исме ё маъниеро ба навъе аз ғавомиз (суханҳои пӯшида) ҳисоб ё ба чизе аз қалбу (вожгуну) тасҳифу ғайри он аз анвоъи таъмият (сарбастагӣ) онро пӯшида гардонанд, то ҷуз ба андешаи тамом ва фикри бисьёр ба сари он натавон расид ва



бар ҳақиқати он иттилоъ (воқиф) натавон ёфт. Чунон ки дар номи Масъуд гуфтаанд:

Шеър

Чу номаш бипурсидам, аз ноз зуд
Ба доман чу бархост, барбат бисуд.
Ба тозӣ бидонистам он рамзи ӯ,
Ки номаш зи барбат бисудан чӣ буд [78].

Ва дигаре гуфтааст дар исми Бӯсаид:

Шеър

Он чи аз лаби дилбарон ситонӣ ба ситам,
Бо рӯзи нахусти моҳи шаввол ба ҳам
Ҷамъ оварӣ он ҳуруфро ҳар ду ба ҳам
Ин номи бути ман аст, он шӯхра санам.

Ва Абулфараҷ гуфтааст дар исми Абдурраҳмон:

Шеър

Сурате, к-андар ӯ як оятро
Кард бояд ҳаме басе такрор.
Охири номи туст аввали он,
Эй накӯсирати накӯкирдор.
Охири номи ту туро бидиҳод,
Аввали номи ту чу ман бисьёр.

Ва дигаре гуфтааст дар исми Рашид ба тариқи нисбат:

Шеър

Номи ёрам чор ҳарф аст, эй биродар,
Аз роҳи нисбат бигӯям, гар бидонӣ,
Ҳарфи робеъ хумс, ушр ҳарфи аввал,
Ҳарфи солис сулс, ушр ҳарфи сонӣ.

Ва дигаре гуфтааст дар исми Сатик:

Байт

Номи бутам — он маҳи тирозӣ,
Ҳафт аст бо порсию тозӣ.

Ва дигаре гуфтааст дар исми Бибик:

### Шеър

Номи он бут мебигӯям равшанат,
Гар надонӣ, ранҷи ман гардад ҳабо.
Ду-ду ҳар як таркиб кун,
Он гаҳе бо бист заъм кун ҷумларо.

## Мутакаллиф ва матбӯъ

Оммаи мардум пиндоранд, ки шеъри мутакаллиф ала ал-итлоқ он бошад, ки бар вазне мушкилу азоҳифи (зиҳофҳои) гарон гуфта бошанд ё калимоти он ба зӯр бар ҳам баста бошад ва маонии он ба душворӣ фароҳам оварда. Ва ин занн (гумон) хатост, аз баҳри он ки ҷумлаи маснуоти (санъатҳои) шеър ва мустабадеоти (бадеиятҳои) назм, ки дар фусули (фаслҳои) мутақаддим (аввал) баршумурдем ва онро аз мустаҳсаноти (писандидаҳои) санъат ниҳодем, аз қабили мутакаллифоти ашъор аст, ки ҷуз ба амъони назар ва адмони (пайваста кореро кардани) фикр мисли он даст надиҳад ва монанди он муяссар нашавад. Аммо агар шоире илтизом кунад, ки чанд маънии мухталиф дар шеъре андак биёрад ё чанд исми мутағоир дар назме баршуморад, ё хоҳад, ки шеъре ғарибу назме мушкил имтиҳони табъи хешро, ё афҳоли (хомӯш гардонидани душман ба ҳуҷҷату хусумат) яке аз аҳли даъвиро бигӯяд ва дар зимни он чизе аз қалбу (вожгун намудану) тасҳиф (хато хондану навиштани чизе) ва истеъмоли ҳуруфи утл (бенуқта) ё манқут (нуқтадор) лозим дорад, ҳароина аз навъи таассуфе холӣ набошад.

Чунон ки Натанзӣ гуфтааст:

### Байт

Ту бар бар он дин бар бар хун хар бар,
Пас дар бари худ бин хур кардан аз бар.

Чун хостааст, ки чандин таҷнисоти нохуш мукаррар (такрор) гардонад, лобуд (ночор) хуш наояд. Ва дигаре гуфтааст:



### Шеър

З-ин ҷуҷбиши шоҳ чархи фарзинрафтор,
Дурам чу рух аз рух зи рухи фаррухи ёр.
Дил зи аспи тараб пиёдаю пили ғамат,
Шаҳ мот ба ҷон хоста бар натъи қимор.

Чун илтизом кардааст, ки ҷумла колои (лавозимоти) шатранҷ дар ду байт биёрад, лоҷарам (бино бар ин) чандин рух бар ҳам афтодааст. Ва Натанзӣ гуфтааст:

### Шеър

То Зуҳалро ҳаст чун Ҳурмузду чун Баҳрому Тир,
Меҳру Ноҳиду Қамарро ҷумла бар гардун буют.
То Ҳамал, то Савру Ҷавзо бошаду Харчангу Шер,
Хӯшаю Мизону Ақраб, Қавсу Ҷаддию Далву Ҳут.
То ба ҳафт афлок бар он ҳафтро бошад мусир,
То бувад бар зидди эшон ин дуву даҳро субут.
Умр бодат собиту номат ба накӯӣ равон,
В-ин ҳама пешат кунанда ҳамчу ман банда қунут.

Ва аз ҷинси синоати шеърӣ ҳаму (Натанзӣ) гуфтааст:

### Шеър

Тирмижгон, камонабрӯ, суманбари сангдил,
Бозсират, кабкрафтор, обтани оташрухон.
Хубзоҳир, зиштботин, заҳргин бо заҳрмеҳр,
Некваъид, бадкуниш, фарбеҳсарин, лоғармиён.
Баркханда, барфдандон, кажзулфайни росткад,
Маҳҷабин, шабгесувон, ҳамзалсухан, ширинзабон.

Чун хостааст, ки чандин синоати мустаҳсан (хуб) аз ташбеҳи росту татобуқи дурусту тақобили некӯю тансиқи сифот дар ду-се байт ҷамъ кунад, ҳароина (албатта) матбӯътар аз ин наёяд. Ва аз ҷинси мақлубот ҳаму (Натанзӣ) гуфтааст:

### Байт

Ё хусрави нав, нури сахой,
Ёридеҳи мо муҳдирой [79].

Ҳар мисроъ ба ҳамон лафзу маънии мақлуб (чаппа) барметавон хонд. Ва дигаре гуфтааст:

Байт

Ромишаш дармон, дардаш карами ёр
Рои маргаш дарди номардаш шумор [80].

Ва ҳар мисроъ қалби дигаре аст. Ва мақлуби назм дигаре гуфтааст:

Байт

Бо ман акнун итоб дорад дилбар,
Хирман-хирман зи зулф борад анбар.

Ва мақлубаш ин аст

Дилбар дорад итоб акнун бо ман,
Анбар борад зи зулф хирман-хирман.

Ва мақлуби калима дигаре гуфтааст:

Байт

Рӯз зӯр аст, рози зор магӯ,
Ганҷ ҷанг аст, рои ёр мазан.

Ва мақлуби баъзе калима Рашид гуфтааст:

Байт

Аз он ҷодувона ду чашми сиёҳ,
Дилам ҷовидона ба ранҷу иност.

Ва дигаре гуфтааст:

Шеър

Ҷузвею кулле аз ду бурун нест, ҳар чи ҳаст,
Ҷузве ҳама ту бахшию кулле ҳама худой.
Ман аз худою аз ту бихоҳам ҳаме кунун,
То ӯ туро бақо диҳаду ту маро қабой.

Ва аз ҷинси т а с ҳ и ф дигаре гуфтааст:



Байт

Ҳурру муҳаббатею гуле гулбанони падар
Ё марди некаббию накӯсоз дар сафар.

حرو محبتی و گلی گلبنان پدر     یا مرد نیکبی و نکوساز در سفر

Тасҳифаш:

Харру муханнасею калею қалтабони ядар,
Номард бангию нагӯсор дар сақар.

خرو مخنثی و کلی کلتبان یدر     نامرد بنگیی و نگوسار در سفر

Ва аз ҷинси ҳуруфи м у қ а т т а ъ (ҷудо навишташуда):

Байт

Зору зардам зи дарди он дилдор,
Дарди дилдор зард дораду зор.

زارو زردم ز درد آن دل‌دار     درد دل‌دار زرد داردو زار

Ва аз ҷинси ҳуруфи утл (бенуқта) Муҷири Байлақонӣ гуфтааст:

Шеър

Кӣ кард кори карам мардвор дар олам?
Кӣ кард асоси мамолик мумаҳҳаду маҳкам?
Имоди олами адлу сивори соиди мулк,
Асоси торами ислому сарвари олам.
Малики улувви Аторуд, улуми меҳри ато,
Симоки Рамҳи Асад, ҳамлаю ҳилоли алам.
Сарвари аҳли макорим, ҳалоки умри адӯ,
Сари мулуку дилороми мулку асли ҳакам.
Муҳаммад исм, умри адлу коми ӯ дар даҳр,
Мулуквор даровард расми адлу карам.
Каломи ӯ ҳама сеҳри ҳалол дар ҳар ҳол,
Мурод ӯ ҳама атои мол дар ҳар дам.
Дили мутаҳҳари ӯ ҳамдами каломи улум,
Дари мукаррами ӯ мавриди салоҳи умам.
Русуми одили ӯ карда ҳукми олам рад,
Сумуми ҳамлаи ӯ карда коми аъдо кам.

Ҳам ӯву ҳам дили ӯ дори адлро меъмор,
Ҳам ӯву ҳам дари ӯ дарди даҳрро марҳам.
Мудом толеъ масъуд карда ҳосили ӯ,
Ҳама русуми макорим, ҳама улувви ҳамам.

که کرد کار کرم مردوار در آلم    که کرد اساس ممالك ممهدو محکم
عماد عالم عدل‌و سوار ساعد ملك    اساس طارم اسلام‌و سرور عالم
ملك علوّ عطارد علوم مهر عطا    سماك رمح اسد حماله و هلال علم
سرور اهل مکارم هلاك عمر عدو    سر ملوك و دلارام ملك اصل حكم
محمد اسم عمر عدل‌و کام او در دهر    ملوکوار درآورد رسم عدل‌و کرم
کلام او هم سحر حلال در هر حال    مراد او همه اعطای مال در هر دم
دل مطهر او هم‌دم کلام علوم    در مکرم او مورد صلاح امم
رسوم عدل او کرده حکم عالم رد    سموم عداة او کرده کام اعدا کم
هم اوو هم دل او دار عدلرا معمار    هم اوو هم در او درد دهررا مرهم
مدام طالع مسعود کرده حاصل او    همه رسوم مکارم همه علوّ همم

Ва як калима утл (бенуқта) ва як калима манқут (нуқтадор) дигаре гуфтааст:

Байт

Зайни олам шуд ӯ ба бахшиши мол,
Теғи ӯ зинати мамолик шуд.

زین عالم شد او ببخشش مال    تیغ او زینت ممالك شد

Ва як ҳарфи мӯҳмал (бенуқта) ва як ҳарфи манқут (нуқтадор):

Байт

Ғамзаи шӯхи он санам,
Хаста ба ҳаҷр ҷони ман.

غمزهٔ شوخ آن صنم    خسته بهجر جان من

Ва аз мутакаллифоти ашъор яке он аст, ки калимоти тозӣ, ки дар муҳовароти (гуфтугӯи) порсигӯён ғариб бошад ё калимоти фаҳлавӣ (шевагӣ), ки дар луғати дарӣ маҳҷурулистеъмол (камистеъмол) бошад, дар он ба кор доранд. Чунон ки Манучеҳрӣ гуфтааст:

Шеър

Ғаробо, мазан бештар з-ин таъиқо,
Ки маҳзур кардӣ маро аз ашиқо.



Наъиқи ту бисьёру моро ашиқӣ,
Набояд ба як дӯст чандин наъиқо.
Аё расми атлол маъшуқи вофӣ,
Шудӣ зери санги замона саҳиқо.
Унайза бирафт аз туву кард манзил,
Ба микроти сиқтилливою ақиқо.
Хушо манзило, хуррамо ҷойгоҳо,
Ки он ҷост он сарви боло рафиқо.
Бувад сарв дар боғу дорад бути ман,
Ҳаме бар сари сарв боғе аниқо.
Аё лаҳфи нафсе, ки ин ишқ бо ман,
Чунин хонагӣ гашту чунин атиқо.
Зи хоб ҳӯй гашт бедор ҳар кас,
Нахоҳам шудан ман зи хобаш муфиқо.
Бад-он шаб, ки маъшуқи ман муртаҳал шуд,
Диле доштам носабуру қалиқо.
Фалак чун биёбону ман чун мусофир,
Манозил манзил муҷаррах тариқо.
Паридам бад-он киштии кӯҳи лангар,
Маконе баъиду фалоте саҳиқо.

Ва Муиззӣ гуфтааст:

Байт

На дар рагаш зарабон кам шавад зи зарби суюф,
На бо дилаш хафақон зам шавад зи хафақи бунуд.

Ва он чи аз ин ҷинс бар Анварӣ гирифтаанд, ин аст:

Байт

Чун истиқоки фаръ ҳаво бар собили савт,
Дод аз роҳи симоҳ димоғи маро хабар.

Ва истеъмоли фаҳлавии ғариб:

Байт

Дорад ҳар кас, бутo, ба андозаи хеш,
Дар хонаи худ бандаю озоду хадеш.

Хадеш кадбонуи хона бошад ва дар луғати дарӣ ғариб (нав) аст. Ва филҷумла, шеъри матбӯъ он бошад, ки насре балеғу назме бадеъ дорад ва қавофии он дурусту маъонӣ латифу алфоз азб (форам) бувад.

Ва ҳуруфи калимоти он бар ҳам афтода ва талаффузи калимоти он мушкил набувад. Ва таҷнисоти он мутакаррар ва синоати он мутакаллиф набошад. Ва бинои он бар машҳуроти луғати дарӣ саҳеҳ бувад ва аз ғароиби луғатулфурс ва мусталеҳоти (истилоҳоти) ҳар вилоят (соҳа) пок бошад. Ва калимоти арабӣ, ки дар муҳовароти порсигӯён наёяд, дар он мустаъмал набувад. Ва аз ҳуруфи завоид ва ҳашвҳои қабеҳ, ки ҷиҳати анбориши (пур кардани) байт истеъмол кунанд. Ва аз тағйироти алфоз, ки қудамо зарурати шеърро дар ашъори хеш ҷоиз доштаанд, холӣ бошад, то ба шунавидан осону ба гуфтан душвор бувад, чунон ки Анварӣ дар қасидае мегӯяд:

Эй дил аз қавме накарданд аз ту ёд андар раҳил,
Айб набвад з-он ки аз атвор насносанд нос.
То худованде чу маҷди давлату дин Булҳасан,
Ҳақшиноси бандагон бошад, бирав, ӯро шинос.
Он ки аз кунҳи камолаш қосир аст идроки ақл,
Рост чунон, к-аз камоли ақл идроки ҳавос.
Он ки бо ҷудаш сабуксорӣ наёяд з-интизор
В-он ки бо базлаш гаронборӣ наёяд аз сипос.
Ёбад аз як илтифоташ мулки истиғно ниёз,
Ҳамчунон к-аз кимиё таркиби зар ёбад нуҳос.
Хостам гуфтан, ки дасту табъи ӯ баҳр асту кон,
Ақл гуфт: Ин мадҳ бошад низ бо ман ҳам палос.
Дасти ӯро абр чун хонию онро соиқа,
Табъи ӯро кон чаро гӯиву он ҷо эҳтибос.
Даҳру даврон дар ниҳоди хеш аз он олитаранд,
Қ-аз сари наҳмат мунаҷҷимшон бипаймояд ба тос.
Дар либоси сояи нури замон ақдаш бидид,
Гуфт бо худ: Эй аҷаб наъмулбадан биъсуллибос.
Эй надода харҷи ҷудат том дар ин сӯи шумор
В-эй ниҳода дахли ҷоҳат пой аз он сӯи қиёс.
Эй ба расми хидмат аз оғози даврон дошта,
Торами қадри туро ҳиндуи ҳафтум чархи бос.
Олами қудрат муҷассам нест в-ар на бошаде,
Андаруни саҳти ӯ беруни оламро мумос.
Бар ту ҳоҷат нест касро арза кардан эҳтиёҷ,
З-он ки бошад аз ҳама кас илтимосат илтимос.
Хатм шуд бар ту сахо, чунон ки бар ман шоирӣ
В-ин сухан дар рӯи гардун ҳам бигӯям беҳарос.
Дур набувад, к-ин замон бар вафқи ин даъво, ки рафт,
Дар димоғаш худ шаҳодатро ҳамегардад утос.



Шоирӣ донӣ кадомин қавм кардан, он ки буд,
Ибтидошон Имруулқайс, интиҳошон Буфирос
В-он ки ман, банда, ҳамебардорам акнун, соҳирист,
Сомирӣ ку, то биёбад гӯшмоли ломасос.
Аз чӣ хезад дар сухан ҳашв, аз хато бар рафъи табъ
В-аз чӣ бошад пар зи бар ҷома, зи ноҷинсии лос.
То ки бошад ин сухан колёс аҳде арроҳанин,
Боде андар роҳате, к-онро набошад бими ёс.
Домани бахти ту пок аз гарди оси осмон
В-аз ҷафои осмон хасми ту саргардон чу ос.
Бе сапедадам шаби хазлон бадхоҳат, чунон-к,
То ба субҳи ҳашр мегӯяд: Ӯ ходу ам судос.

Ва ҳам бар ин қофия Сайид Ҳасани Ашрафи Ғазнавӣ гуфтааст:

### Шеър

Зиҳӣ, улувви муҳаллат бурун зи ҳадди қиёс,
Бинои давлату динро матин ниҳода асос.
Кушода меҳри ту чун абр чашмҳои умед,
Қашида кини ту чун барқ дашнҳои ҳарос.
Музои рои ту чун гавҳари зафар биннмуд,
Хирад бидид, ки аз барқ чун ҷаҳад алмос.
Ба ҳақ гузид туро рӯзгор бар ҳама халқ,
Ғалат накард, зиҳӣ, рӯзгори мардшинос.
Бихоҳ ҷом, ки сар чарб кард хасм туро,
Ба шишаи тиҳӣ ин обгина ранги ҳарос.
Мувофиқонро боист намолиду чӣ аҷаб,
Дар осиёи фалак сунбула нагардад ос.
Ба пеши хулқи ту наргис чӣ бод паймояд,
Бад-он ки бар кафи симин ниҳод заррин тос.
Зи халқу хулқи ту ҳар лаҳза муждае пурсад,
Ба боргоҳи дил аз шоҳроҳи панҷи ҳавос.
Мадон, ки фитна бихуспад дар ин замона, валекин
Зи адои туст, ки боре шудаст фарнос.
Адӯ чу гашт фузулӣ, ҳақиртар гардад,
Ки таъбияст камӣ дар фузунии омос.
Ба зар гуворо дар банди қавме афтодам,
Ки нақди роиҷашон ҳаст маҳзари ифлос.
На нотиқу ҳама мантиқфурӯш чун тӯтӣ,
На мардуму ҳама мардумниҳод чун наснос.
Сияҳгару дузабону ракик чун хома,
Сапедкору дурӯю заъиф чун картос.

Гуноҳ кардани ҳар хас бад-он ҳаменарасад,
Ки узр хоҳаду хоҳад, ки дардиҳад равос.
Чу маҳ, ки тӯзӣ бигудозаду ба сад миннат,
Зи моҳтоб ҷаҳонро иваз диҳад карбос.
Ту, покзоданиҳодо, аз он гурӯҳ пай,
Ки манъу базли ту бошад натиҷаи васвос.
Ҳамеша, то ки намояд қамар зи сабзаи чарх,
Гаҳе чу заррина хирман, гаҳе чу симин дос.
Дили ҳасуди ту нолону музтариб бодо,
Зи тири ҳодиса монанди синаи бурҷос.

Ва ҳаму [Сайид Ҳасани Ашрафи Ғазнавӣ] гуфтааст:

### Шеър

Ҷонро зи оразу лаби ӯ ширу шаккар аст,
Дилро зи турраю хати ӯ мушку анбар аст.
Ҳам дил, ки висолҷӯ бо анбар аст мушк,
Ҳам ҷон, ки фироқҷӯ дар ширу шаккар аст.
Ошӯби ақлам он шабахи аъҷи мафраш аст,
Накди умедам он шакари пистапайкар аст.
Дар дида ашк ҳасту лекин лаболаб аст,
Дар сина дард ҳасту лекин саросар аст.
Он ошноваше, ки хаёл аст номи ӯ,
Дар мавҷ ҳамчу дидаи ман ошновар аст.
Ҷоно, хуш аст тӯҳфаи боғи бутон, валек,
Навбоваи ҷамоли туро оби дигар аст.
Олам нигар, ки гӯӣ хони мунаққаш аст,
Бӯстон нигар, ки гӯӣ хулди мусаввар аст.
Он ғунча нест, тӯтии сабзи шакарлаб аст
В-он равза нест, шоҳиди нағзи суманбар аст.
Лола чу миҷмаре, ки ҳам аз миҷмар аст уд,
Не, не, чу бодае, ки ҳам аз бода соғар аст.
То бар сари хаёли ту чашмам гулоб рехт,
Бо оташи фироқ дилам хуш чу миҷмар аст
Гӯям, расад ба гӯши ту оҳам чу гӯшвор,
Оре, расад, валекин чун ҳалқа бар дар аст.
Дар хуни ман шудаст якояк ду чашми ту,
Лабҳои ту миёни ману чашм довар аст.
Дил бурдаю қасд ба ҷон мекунӣ ҳанӯз,
Бо ин ҳама, ки дорам, ин низ дарх(в)ар аст.
Даст аз ҷафо бидор, ки дар об ғарқа шуд,
Чашми Ҳасан, ки хоки кафи шоҳи сафдар аст.
Он хусраве, ки рӯзи сахо рӯи давлат аст



В-он сафдаре, ки рӯзи вағо пушти лашкар аст.
Хуршед фатҳу нусрат, Маҳмуд ғозии он,
К-ӯ нури дину қуввати шаръу пайямбар аст.
Воло муиззи давлати хусрав, шаҳи шуҷоъ,
К-он шермарди ғозӣ маҳмуди дигар аст.
Ойина дар муқобили рояш муаттал аст,
Андеша дар ҳадиқаи мадҳаш муаттар аст.
Он обранг теғаш дар каф чу оташ аст,
В-он кӯҳпайкар аспаш дар таг чу сарсар аст.
Эй дил, умеди бандагӣ дар базми Хотам аст
В-эй ҷон, мадор бин, ки дар разм Ҳайдар аст.
Аз меҳри ӯ саҳифаи ҷонҳо мунаққаш аст,
Бо ҷуди ӯ захираи конҳо муҳаққар аст.
Рӯи сипеҳри толеъи ӯро шумар аз он-к,
Пушту паноҳи шоҳи ҷаҳон Булмузаффар аст.

Бештари абьёти ин ашъор ва он чи дар фасли т а ф в и ф набишта омадааст, матбӯъ асту некӯтаълифу покизаалфозу латифмаъонӣ, муставитарз, мутаносибнасхи холӣ аз айб.

## Хотимаи китоб

Ва чун ба итмоми ин фасл аз асли китоб фориғ шудем ва аз ӯҳдаи ҳар ду қисм — арӯз ва қавофӣ, ки дар муқаддимаи он илтизом рафта буд, тафассӣ (раҳоӣ) кард, онро бар ин хотима, ки фотиҳаи (оғози )ҳақиқати илм ва воситаи акди (созиши) ин синоат аст, хатм кунем ва бар ин васияти муршид (пир) ба охир расонем.

Бидон, ки шеърро адавотест (лавозимотест) ва шоирро муқаддимоте, ки бе он ҳеҷ касро лақаби (номи) шоирӣ назебад ва бар ҳеҷ шеър номи нек дуруст наёяд. Аммо адавоти (лавозимоти) шеър калимоти саҳеҳу алфози азбу (фораму) ибороти балеғу маъонии латиф аст, ки чун дар қолаби авзони мақбул резанд ва дар силки абьёти матбӯъ кашанд, онро шеъри нек хонанд. Ва тамоми санъат ба истикмоли (такмили) олоту адавоти он даст надиҳад ва камоли шахс бе саломати аъзо ва абъози (порае аз ҳар чиз) он сурат набандад.

Аммо муқаддимоти шоирӣ он аст, ки мард бар муфрадоти луғате, ки бар он шеър хоҳад гуфт, вуқуф ёбад (хабардор гардад) ва ақсоми таркиботи саҳеҳ ва фосуди (нодурусти) онро мастаҳзар (монеъ) шавад

ва мазоҳиби (роҳу равишҳои) шуарои муфлиқ (нуктасанҷ) ва умарои калом дар таъсиси мабонии (асосҳои) шеър ва сулуки (одатҳои) маноҳиҷи (роҳҳои дурусти) назм бишиносад ва суннату (урфу одату) тариқати эшон дар нууту (ситоишҳою) сифоту дараҷоти мухотиботу (гуфтугӯйҳою) фунуни таъризоту (киноямез сухан гуфтану) тасреҳот (равшан ифода кардан) ва қавоиди мутобиқоту (нодурустиҳо) ва вуҷӯҳи (сабабҳои) маҷозоту истиорот ва соири (дигар) маснӯъоти (санъатҳои) калом бидонад ва бар тарфе аз ҳикаму (ҳикматҳою) амсол (масалҳо) ва шарте (каме) аз тавориху аҳволи мулуки мутақаддиму ҳукамои солиф (гузашта) воқиф гардад. Ва маонии латиф аз заъиф фарқ кунад ва бар ҳусни матлаъ ва лутфи мақтаъи ҳар шеър матлаъ шавад, то ҳар маъниро дар кисвати (либоси) иборате лоиқ бар минассаи (тахти) назм нишонад ва дар сарди сухан (дуруштии сухан) аз маъонии сарду (нохушу) ташбеҳоти козибу (дурӯғу) ишорати маҷҳулу (номаълум) имооти (киноякҳои) мушкил ва иҳомоти нохушу таҷнисоти мутакаррир (такрорёбанда) ва авсофи ғарибу истиороти баъид (дур) ва маҷозоти нодурусту такаллуфоти сақил (вазнин) ва тақдиму (пеш гузаронидани) таъхироти (ба қафо мондани) нодилписанд (нохуш) муҷтаниб (парҳезкунанда) бошад. Ва дар ҳама абвоб аз қадри ҳоҷат ба тарафе ифроту тафрит (аз ҳадди эътидол) берун наравад ва аз молобуд (чизҳои нодаркор) накоҳад ва дар молаяъни (чизҳои бемаъни) наяфзояд. Ва пеш аз он ки дар назми шеър шурӯъ кунад ва ба даъвии шоирӣ миён дарбандад, аввал мухтасаре дар илми арӯз ва қавофӣ бархонад, то бар буҳури қадим ва ҳадис (нав) воқиф шавад ва авзони (вазнҳои) хуш аз нохуш фарқ кунад ва яҷӯзу (мумкину) лояҷузи (номумкин) азоҳиф (зиҳофҳо) бидонад ва саҳеҳи абьёт аз сақим (нодуруст) бишиносад ва қавофии аслӣ аз маъмул тамйиз (фарқ) кунад ва он гоҳ сармояе нек аз гуфтаҳои матбӯъ ва маснӯъи устодони ин санъат ва покизагӯёни ин фанн ба даст орад ва аз қасоиду муқаттаоти дурусттаркиби азбалфози (хушалфози) латифмаонии некӯматлаъи писандидамақтаъи ширинмухаллас (хубтахаллус) аз давовини (девонҳои) машҳури маъруф ва ашъори мустаъзаби (форами) мустаҳсан (мақбул) дар фунуни (илмҳои) мухталифу анвоъи мутафарриқ (гуногун) тарафе тамом ёд гирад. Ва ҷавомеъи (тамоми) ҳиммат



бар мутолаа ва музокараи он гуморад (равона кунад) ва ба баҳсу истиқро (ҷустуҷӯ) бар дақоиқи ҳақоиқи маснуоти он воқиф гардад, то он маъонӣ дар дили ӯ русух ёбад (маҳкам ҷой гирад) ва он алфоз дар зеҳни ӯ қарор гирад ва он иборот малакаи забони ӯ шавад ва маҷмӯъи он моддаи табъу мояи хотири ӯ гардад. Пас чун қариҳоти (истеъдоди) ӯ дар кор ояд ва сикори (садд ва банди) табъи ӯ кушода шавад, фавоиди он ашъор рӯй намояд (намудор шавад) ва натоиҷи он маҳфузот (чизҳои дар ёд доштошуда) падид ояд, он гоҳ шеъри ӯ чун чашмае зулол бошад, ки мадад аз рӯдҳои бузургу ҷӯйҳои амиқ дорад ва чун маъҷуне (доруе) хушбӯй ояд, ки равоеҳи (бӯйҳо) он машоми арвоҳро (рӯҳҳоро) муаттар гардонад ва кас бар ахлоти (таркибҳо) он воқиф нашавад. Ва бояд, ки чун ибтидои шеъре кунад ва оғози назме ниҳад, нахуст насри онро пеши хотир ва маъонии он бар саҳифаи дил нигорад ва алфозе лоиқи он маонӣ тартиб диҳад ва вазне мувофиқи он шеър ихтиёр кунад ва аз қавофӣ он чи мумкин гардаду хотир бад-он мусамаҳот кунад (осон пиндорад), бар варақе нависад ва ҳар чи аз он саҳлу дуруст бошад ва дар он вазн ҷойгиру мутамаккин ояд, интихоб кунад ва шойгону (қофияи нодуруст) маъмурро бад-он роҳ надиҳад.

Ва дар назми абьёт ба сиёқати (рондани) сухан ва тартиби маъонӣ илтифот нанамояд, то ҷумла қасидаро бар сабили мусаввада (сиёҳнавис) таълиқ занад (даровезад) ва қайфе моиттафақа (чи хеле мувофиқат кард) бигӯяд ва бинависад. Ва агар иттифоқ афтад, ки қофияе дар маъние ба кор бурда бошад ва ба байте машғул (банд) карда, баъд аз он маъние беҳтар рӯй намояд ва байте аз он азбтар (хубтар) даст диҳад ва он қофия дар ин байт мутамаккинтар ояд, нақл кунад. Пас агар ба байти аввал ҳоҷат бошад, онро қофияе дигар талабад ва агар не, тарки он орад. Ва чун абьёт бисьёр шуду маъонӣ тамом гашт, ҷумларо марратан баъда ухра (бори дигар) аз сари итқон (дақиқӣ) бозхонад ва дар нақду танқеҳи (пок кардани) он муболиғат намояд ва миёни абьёт талфиқ (мураттаб) кунад ва ҳар якро ба мавзеъи (ҷои) хеш бозбарад ва тақдими таъхир аз он зоил (нест) гардонад, то маъонӣ аз якдигар гусаста (канда) нашавад ва абьёт аз якдигар бегона нанамояд ва ба ҳам вуҷӯҳ тавофуқи (мувофиқати) абьёту масореъ (мисраъҳо) ва татобуқи

(мутобиқати) алфозу маъонӣ лозим дорад, чи бисьёр бошад, ки ду мисраъ ё ду байт бо якдигар аз роҳи маънӣ мутаносиб наёяд, бад-он сабаб равнақи шеър ботил гардад, чунон ки шоир гуфтааст:

Байт

Дар ҷоми ӯст Чашмаи Ҳайвон аз он к-аз ӯ
Дин барқарору қоидаи мулк маҳкам аст.

Ва мисраъи аввал лоиқи дуввум нест. Ва ин маънӣ дар рубоиёт бештар афтад, ки шоирро маънии хуш дар хотир ояд ва бештар чунон бувад, ки онро байти охир созад, пас аввалӣ бад-он илҳоқ (пайваст) кунад ва дар он аз таносуби лафзу таҷовуби (ҷавоб гуфтани) маънӣ ғофил бошад, чунон ки Разии Нишопурӣ гуфтааст:

Шеър

Ҳар дам зи ту дили бодам сарде будаст
В-аз ҷоми ту ҷуръатею марде будаст.
Маъзурам, агар дарди саре додам, аз он-к,
Он дарди сарам аз сари дарде будаст,

ки нахуст байти охирин гуфтааст ва он гоҳ байти аввалро бад-он илҳоқ карда. Ва мисраъи дуввум аз байти аввал лоиқи маънии байт наяфтодааст ва атфи (бозгаштани) он бар мисраъи аввал неку наёмада. Ва чунон ки вазири Бӯнасри Кандарӣ гуфтааст:

Шеър

Бе он ки ба кас расид зӯре аз мо
Ё гашт парешон дили мӯре аз мо,
Ногоҳ баровард бад-ин расвоӣ,
Шӯрида сари зулфи ту шӯре аз мо,

ки мақсуд байти дуввум будааст ва байти аввал тамоми шеърро бад-он илҳоқ (пайваст) кардааст, лоҷарам, (бино бар ин) таносубе мухтал (халалдоршуда) дорад, ба ҷиҳати он ки шӯре, ки аз сари зулфи ёр хезад, на натиҷаи зулмею озори диле бошад, илло (ғайри) он ки магар андешидааст, ки бе он ки ман дилеро пароканда кардам, сари зулфи ту дили маро пароканда кард. Ва ин маънӣ муғозалату (ғазал гуфтану) ишқ-



бозӣ илати рақик (қабеҳ). Ва дар қавофӣ авло (хубтар) чунон бошад, ки таъйини он бар маънӣ муқаддам дорад, пас маъниро бад-он илҳоқ (пайваст) кунад ва бар он бандад, то мутамаккин ояд ва ҳеҷ касро тағйири он мумкин нагардад, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Шеър

Дӯш бо осмон ҳамегуфтам
Бар сабили саволи матлаб эй,
Ки мадори ҳаёти олам кист?
Рӯй сӯи ту карду гуфто: В-эй.
Гуфтам инро далел бояд гуфт
Ҳеҷ донӣ, ки мечигӯӣ ҳей.
Мир об асту ҳақ ҳамегӯяд
Ва миналмои куллу шайин ҳей.

Ва ҳеҷ шоир як қофияро аз ин шеър ба дигаре муносиб табдил натавонад кард. Ва агар назм ибтидо (сар) кунад ва он гаҳ қофияро бар он бандад, раво бувад, ки чунон мутамаккин (ҷойгир) наёяд ва тағйиру табдили он мумкин бувад, чунон ки дигаре гуфтааст:

Шеър

Савдои ту то дар сари ман сохт мақар (р)
Ғамҳои ту аз танам бингзошт асар.
В-акнун дар дил орзуе ҳеҷам нест,
Ҷуз орзуи рӯи ту, эй зебо х (в) ар.

Ва агар касе хоҳад, ки ин қавофиро ба дигаре хуштар аз он табдил кунад (тавонад).
Чунон ки гӯяд:

Шеър

Савдои ту то дар сари ман сохт қарор,
Ғамҳои ту аз танам баровард димор.
В-акнун дар дил орзуе ҳеҷам нест,
Ҷуз орзуи рӯи ту, эй зебо ёр.

Ва ҳамчунин бояд, ки дар алфозу маъонии ҳар байт дақоиқи танаввуқ (некбинӣ) ба ҷой орад, то агар лафзе рақик (қабеҳ) афтад, азбе (сухани ширине) ба ҷои он биниҳад ва агар маъние қосир (халал) ёбад, тамом кунад. Ва дар ин боб чун наққош чирадаст бошад, ки

тақосими (тақсимҳои) нуқуш (нақшҳо) ва тадовири (гирд гардониданҳои) шоху баргҳо ҳар гуле бар тарфе (ҷое) нишонад ва ҳар шох ба сӯе берун барад ва дар рангомезии ҳар сибғ (ранг) ҷое харҷ кунад ва ҳар ранг ба гуле диҳад, он ҷо ки ранги сер (зиёд) лоиқ ояд, ним сер (кам) сарф накунад ва он ҷо ки сибғи (ранги) равшан бояд, торик ба кор набарад. Ва чун ҷавҳарӣ устод бошад, ки ба ҳусни таълифу таносуби таркиб равнақи иқди (тавқи) хеш бияфзояд ва ба тафовути талфиқу (ба ҳам пайваст кардан ва мураттаб гардонидани нутқ) бетартибии назм оби марвориди хеш набарад.

Ва бояд ки дар афонини (навъҳои) сухану асолиби (услубҳои) шеър, чун насибу ташбибу мадҳу замму офарину нафрину шукру шикояту қиссаю хикоят ва суолу ҷавоб ва итобу истеътоб ва таматтӯъю (манфиату) тавозӯъ (хоксорӣ) ва тааббию (рад кардану) тасомӯҳ (ба ҳамдигар гузашт кардан) ва зикри диёру русум ва васфи осмону нуҷум ва сифати азҳору (гулҳою) анҳор (дарьёҳо) ва шарҳи риёҳу (шамолу) амтор (борон) ва ташбеҳи лайлу (шабу) наҳор (рӯз) ва наъти (васфи) аспу салоҳ ва шикояти ҷангу масоф (муҳориба) ва фоини таҳонию (таҳниятҳою) таъозӣ (сабр) аз тариқи афозили (фазлҳои) шуаро ва ашъори фузало удул (таҷовуз) нанамояд. Ва дар нақл аз маъние ва таҳвил (аз ҳоле ба ҳоле гузаштан) аз фанне ба фанне хуруҷе (берун шудане) латифу шурӯъе мустаҳсан воҷиб донад. Ва дар риояти дараҷоти мухотибону вуҷӯҳи мадоеҳ биақсалалам кон (то ҳадди имкон) бикӯшад, мулуку салотинро ҷуз ба авсофи подшоҳона, чунон ки дар фасли иғроқ баён карда омадааст, наситояд, вузарою умароро ба авобиди (парастиши) теғу қалам ва таблу алам мадҳ кунад, содоту (пешвоёну) уламоро ба шарафи ҳасбу таҳорати (покии) насаб ва вуфури (бисьёрии) фазлу ғазорати (фаровонии) илм ва назоҳати (форамии) арзу набоҳати (бузургии) қадр ситояд, зуҳҳоду (зоҳидону) уббодонро (обидонро) ба табатталу (дил аз дуньё буриданҳою) инобат (тавба) ва таваҷҷӯҳи ҳазрати иззат сифат кунад, авсотунносро (одамони миёнаҳолро) ба маротиби (дараҷаҳои) нозили (камарзиши) авом фурӯ наёрад, улумро аз пояи хеш бисьёр барнагузаронад, хитоби ҳар як фарохури (сазовори) мансаб ва лоиқи мартабати (дараҷаи) ӯ кунад. Ва ҳар маъниро дар



зии (ҷониби) лафзе мутобиқ ва либоси ибoрате мувофиқ берун орад, чи кисвати (шакли) иборот мутааддад аст ва сури (шайпури) маъонӣ мухталиф ва ҳамчунон ки зани соҳибҷамол дар баъзе малбас (либос) хубтар намояд ва канизаки бешбаҳо дар баъзе муориз (муқобил) харидоргиртар ояд. Ҳар маъниро алфозе бувад, ки дар он мақбултар афтад ва иборате бошад, ки бад-он латифтар намояд. Ва дар ин боб назму наср яксон аст ва сухани мавзуну номавзун баробар. Чунон ки гӯянд, яке аз хулафои (халифаҳои) қоҳир (ғолиб) омиле (вакиле) ба шаҳре фиристод ва ӯро дар темор (парасторӣ) дошт. Шахсе аз муоризи (муқобили) он вилоят васият фармуд ва дар он муболиғати тамом намуд. Омил (вакил) бар мӯҷиби (мувофиқи) фармон девони (вазоратхонаи) азизи он шахсро эҳтироми воҷиб дошт ва ба илтимоси ӯ баъзе аз зиёъи (заминҳои зироатии) он мамлакат бар сабили амал бар вай навишт ва таҳсили тарфе (қисме) аз амволи (молҳои) хизона (хазина) ба вай бозгузошт. Пас ба саъояти (кӯшишҳои) шарирону (бадкорону) намимаи (тӯҳматгарии) бадгӯён хотири омил аз вай озурда гашт ва ваҳшате (душманfolie) аз ҷонибайн (ҳар ду тараф) падид омад. Ва он шахс ба қуввати истеҳзоре (маълумоте), ки ба иноятн (ёрии) девон дошт, бад-он илтифот нанамуд ва онро вазне наниҳод, то ба мурури айём он озор кинае тамом шуд ва адовате бузург гашт. Омил он шуғл аз вай фурӯ кушуд ва дар муҳосибати (ҳисобгирии) ӯ мунокатаъ (низоъ) пеш овард. Рӯзе он маъруф бо омил дар муҳокот (ҳикоят кардани қавлу феъли касеро бе зиёдат ва нуқсон) овоз баланд кард ва сухан сахт гуфт. Омил ба таъдиби (адаб додани) ӯ ишорат кард, аз атроф бад-ӯ дастҳо дароз шуд ва мушту чӯб равон гашт ва аз он заработи (заданҳои) мухталиф яке бар мақтали (куштани) ӯ омад. Дарҳол ҷон таслим кард. Омил аз карда пушаймон гашт ва аз хашми девон (вазоратхона) андешаманд шуд, зарҳо дар харҷ андохт ва ба қаробини (наздиконн) халифа илтиҷо сохт ва дасти тазаррӯъ (илтиҷо) дар домани муқаррабони (ҳамсӯҳбатони) ҳазрат (даргоҳ) зад ва ба ҳар як аз эшон чизе навишт, то бошад, ки яке аз эшон ба ваҷҳе ҷамил он ҳол ба мақоми арз расонад ва узри ӯ дар он иқдом тақдим кунад ва ғароматн (товони) он ҷаримаро бар мол қарор диҳад ва ба уқубати (ҷазои) ғазаби девони азиз маъхуз (ги-

рифтор) нагардад. Ҳеҷ офаридаро (касро) ёрои он надид, ки дар он боб қадам пеш ниҳад ва он илтимосро даст бар сина занад (яъне иҷро кунад). Ва ҳамгинон (ҳамкорон) муттафиқ (ҳамраъй) буданд, ки агар ин ҳол ба масомеъи (гӯшҳои) муборак расад, бешак, ба қатли омил фармон диҳад ва ҳеҷ касро маҷоли (қуввати) шафоат набошад. Омил дабире фозилу соҳибсухане комил дошт, чун қалақу (ташвишу) изтироби ӯ бидид ва аҷзу (нотавонию) изтирори (парешонии) ӯ мушоҳида кард, гуфт, махдумро чандин андеша ба хотир роҳ набояд дод ва ин ҳодисаро азм набояд ниҳод, ки ман дар асnои хидмате, ки ба девон нависам, дар ҳилоли (байни) тазкирае (рӯйхате), ки ба ҳазрат (даргоҳ) фиристам, ин ҳолро кисвати (либоси) иборате пӯшонам ва арзи ин воқеа ба ваҷҳе дар қалам орам, ки бар ту ҳеҷ товон набошад ва дар истирзои (ризояти) халифа ба чандин такаллуф ва тазарруъ (илтиҷо) эҳтиёҷ наяфтад. Он гоҳ қалам бардошт ва масолеҳе, ки буд, бознамуд. Чун саёқаси (баёни) сухан бад-ин ҳикоят расид, гуфт: «Ҳоли фалон маъруф чунон буд, ки ӯро амини (вакили) баъзе аз амволи (молҳои) девон сохтам ва хоин ёфтам, адабаш кардам, таъдиби (ҷазои) ман бо аҷали ӯ мувофиқ афтод». Чун он мактуб ба ҳазрат расид ва он ҳол маҳалли ариз (васеъ) ёфт, лаззати балоғати ин иборат ва лутфи мавқеи ин узр нагузошт, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ноираи (оташи) ғазабе дар ботини халифа иштиол (афрӯзиш) гирад ё тағйири хотире ба замири ӯ роҳ ёбад. Омил сари озод аз он варта (ҷои хатарнок) берун омад ва ройгон аз он хатар халос ёфт. Ва дар шеър аз ин ҷинс бисьёр будааст, ки ба як байт азоими (ҳодисаҳои бузурги) умур (корҳо) сохта шудааст ва риқоби (бандаҳои) уқул (ақлҳо) дар рибқаи (ҳалқаи ресмони тасхир) забт омада ва зағоини (кинаҳои) маврус (ирсӣ) ба мувададату (дӯст доштану) муҳаббат бадал шуда ва баръакс, басе будааст, ки як байт мӯҷиби (сабаби) асорати фитнаҳои бузург шудаасту сабаби ироқати (рехтани) хунҳои хатир (бузург) гашта, чунон ки шоир гуфтааст:

Шеър

Ба байте шавад мард бо кина нарм,
Бичӯшад ба байте дигар хун зи тан.
Басо дил, ки гашт аз паи шеър ром,
Басо сар, ки бубрид назми сухан.



ФАСЛ

Ва набояд, ки ҳеҷ оқили соҳибмурувват модеҳи (маддоҳи) хешро, ки ба тамъе (умеде) шеър ба вай оварда бошад, аз ҷоизае (инъоме) маҳрум гузорад ва ба андаку бисьёр дар муқобалаи (рӯ ба рӯи) мадҳ бо вай эҳсоне накунад, ки аз Ҳусайн ибни Алӣ нақл аст, ки рӯзе шоиреро атое (инъоме) ҷазил (бисьёр) дод. Яке аз ҳозирони маҷлис гуфт: «Беҳтарин бадале, ки аз моли хеш кунӣ, он бошад, ки арзи хешро бад-он аз бадгуфтн (бад гуфтани) халқ дар нигоҳдошт орӣ». Ва аз ҷумла хосту талаби беҳафтоди (беҳбудии) хеш яке он аст, ки аз шурур (бадкирдориҳо) биппарҳезӣ ва худро дар маърази (ҷои) он наёрӣ ва дар ин боб Муайидии шоир қитъае гуфтааст:

Шеър

На ҳар кас сухани наср назм донад кард,
Ки назми шеър атоест аз муҳимин фард.
Агар бинозад шоир бад-он, шигифт мадор,
Ки пойгоҳи ҷинонаш худой рӯзӣ кард.
Мадеҳи ӯ бирасонад сари яке аз Суҳо,
Ҳиҷои ӯ зи сари дигаре барорад гард.
Агар чи наср бувад хуб, хубтар гардад,
Чу шоираш ба иборати хуш ба назм оварда.
Ба шеър шод шавад марди лаҳвз рӯзи нишон,
Ба шеър фахр кунад марди ҷанг рӯзи набард.
Касе, ки шоир хатте фурӯ кашад бар вай,
Зи хештан натвонад ба ҳеҷ ҳила сутард.
Биҷӯй, то битвонӣ, ризои шоиру ҳеҷ
Дар ӯ мабич, агар бихрадию зиракмард.

Ва дигаре гуфтааст:

Ба шеър гардад ҷовид номи мардуми нек,
Ба шеър дар бинкӯханд ҳарзакоронро,
Ки то ба некӣ рағбатнамое гардад мард,
Зи бад бурида шавад майл хушёронро.

Ва ҳам аз ин ҷиҳат набояд, ки ҳеҷ олими хештандор (худдору парҳезкор) бар радду айби ҳар шоир далерӣ кунад ва дар ракокати (сустии) лафз саховати маънии он бо ӯ дам занад, илло ки восиқ (дилпур) бошад ба он ки он шоир сухани ӯро маҳз (фақат) шафқату ай-

ни беҳомӯзӣ хоҳад шинохт ва аз он мустафиду (баҳраманду) мусташид (ҷӯянда) хоҳад буд. Чи дар ин аҳд ҳеч санъат мустаҳафтар (хортар) ва ҳеч ҳирфат (ҳунар) мубтазалтар (бекадртар) аз шеъру шоирӣ нест, барои он ки ҳар пеша, ки аз он кеҳтар (хурдтар) набошад ва ҳар синоат, ки аз он пиромӯзтар набувад, то мард муддате бар музовалати (варзидани) он мудовамат (давом) наменамояд ва дар он маҳорате, ки устодони он санъат бипсандад, ҳосил намекунад, ба даъвии он берун намеояд ва кардаю сохтаи хеш ба «ман язид» («кӣ зиёд мекунад») арз намебарад. Илло шеър, ки ҳар кас ки сухани мавзун аз номавзун бишнохт ва қасидае чанд кажмаж (каҷу килеб) ёд гирифт ва аз ду-се девон чанд қасида дар мутолиа овард, ба шоирӣ сар бармеорад ва худро ба муҷаррради (танҳо ба) назме орӣ (холӣ) аз таҳзиби (покиза кардани) алфозу тақриби (наздик кардани) маонӣ шоир мепиндорад. Ва чун ҷоҳиле шефтаи хеш ва мӯътақиди шеъри хеш шуд, ба ҳеҷ ваҷҳ ӯро аз он эътиқод бознатавон овард ва айби шеъри ӯ бо тақрир (муқаррар) натавон кард. Ва ҳосили иршоду (ёд гирифтану) насиҳати ӯ ҷуз он набошад, ки аз гӯянда биранҷад ва сухани ӯро баҳонаи бухлу нишони ҳасади ӯ шуморад. Ва раво бошад, ки аз он ғусса беҳуда гуфтан дароояд ва ҳаҷв низ оғоз ниҳад. Чунон ки моро бо факеҳе афтод, ки ба Бухоро дар санаи иҳда ва ситтамия (соли 601 ҳ./1205 м.) ба хидмати ман рағбат намуд ва панҷ-шаш сол ӯро некӯ бидоштам ва ӯ пайваста шеъри бад гуфтӣ ва мардум бар вай хандиданде. То баъд аз чанд сол чун бар азми Ироқ ба Марв расидем, рӯзе бар девори сарое, ки он ҷо нузул карда будем (фуромада будем), навишта дидам:

### Байт

Дуньё ба мурод ронда гир аҳраҷаҳу,
Сад номаи умр хонда гир аҳраҷаҳу.

Бар сабили (тариқи) тибат (ҳазл) ӯро гуфтам: «Ин байт чӣ маънӣ дорад ва «ҳо»-и аҳраҷа оид ба кисту фоили аҳраҷ кист?» Гуфт: «Нағз гуфтааст ва ҳақиқат баён кардааст, яъне мурод, ки дорӣ, ёфта гир ва дер солҳо зиста гир. Ҳам оқибатуламр (дар охир) аҷал дарасад ва мардро аз дуньё берун барад. Фоили аҳраҷ аҷал аст ва замир оид ба мард аст, ки ба тақдир дар ин байт лозим аст. Ва тақдири байт чунон аст, ки эй мард, дуньё ба мурод ронда гир. Он гоҳ мегӯяд аҳраҷаҳу, яъне аҷал биёяд ва ӯро берун барад». Ҷамъе, ки ҳозир буданд, бар тафсири байт ва тақрири наҳви ӯ бихандиданд. Пас гуфт: «Шак нест, ки аҳраҷаҳу нек наншондааст. Мебоист, ки фоили он зоҳиртар аз ин будӣ. Ман байте бигӯям беҳтар аз ин». Ва дигар рӯз биёмаду гуфт: «Байте сахт некӯ гуфтам». Ва байт ин буд:

### Шеър

Шодӣ зи дилам ба ройгон аҳраҷаҳу,
Чун суде нест бар забон аҳраҷаҳу.
Чун лашкари ғам вилояти дил бигирифт,
Ӯ султон аст ба як замон аҳраҷаҳу.

Бар ин байт низ замоне бихандидем ва таҳсине чанд кардем. Баъд аз он иттифоқ афтод, ки рӯзи панҷшанбе рӯза медоштам ва наздики фурӯ шудани офтоб бар сари саҷҷода (ҷойнамоз) ба зикре машғул будам. Биёмад ва гуфт: «Ду байте беҳтар аз он дар «адхалаҳу» ва «аҳраҷаҳу» гуфтаам, бишнав». Ва байт ин буд:

Айшу тарабу нишот чун адхалаҳу,
Дар дил чу набуд худ кунун адхалаҳу.
Саҳрои дилам чу лашкари ишқ гирифт,
Ғам аҳраҷа, шодӣ фузун адхалаҳу.

Ман аз сари риққате (меҳрубоние), ки дар он вақт доштам, гуфтам: «Эй Хоҷа Имом, ту марде салимулқалбию бар ман ҳуқуқи хидмат собит кардай, намеписандам, ки ту илми шеър нодониста шеър гӯӣ. Он чи мегӯӣ, нек нест ва мову дигарон бар ту механдему худро вубол (гуноҳ) ҳосил мекунем. Насиҳати ман бишнаву дигар шеър магӯ». Бархест ва гуфт: «Ҳало (офарин), нек омад, дигар нагӯям». Ва пас аз он дар ҳаҷви ман омад ва бо мардумоне, ки донистӣ, ки бо ман накӯянд, мегуфт, илло он ки он ҷамоат пайваста мегуфтанд, ки эй Хоҷа Имом, туро мусаллам аст хасмони (душманони) худро чу рукӯ (латтаи ҳунолуд) кардан. Ман рӯзе пурсидам, ки ин чи истилоҳ аст, магар шеъре гуфтааст ва якеро рукӯ карда. Гуфтанд: «На, Имо-

мӣ гӯяд, ман бо ҳар кӣ мунозира кунам, аз ман кам ояд ва ба далелу ҳуҷҷати қотеъ (бурро) ӯро хору залил гардонам...» То дар санаи сабъа ашара ва ситтамия (соли 617 ҳ./1221 м.), ки ба Рай расидем, ӯро он ҷо ба кӯдаке назар афтод ва пайваста чизе ба вай додӣ ва аз ман ба ҷиҳати вай ситадӣ, магар баъзе ашъори хеш бар сафинае (маҷмӯаи ашъор), ки ба ҷиҳати ӯ карда буд, менавишт ва баъд аз панҷ-шаш моҳ дар Рай вафот кард. Он кӯдак ба талаби муровате, ки пайваста ба ҷиҳати Хоҷа Имом аз ман ёфта буд, пеши ман меомад. Рӯзе гуфт: «Хоҷа Имом ҳаққи неъмати ту нашинохта буд ва туро бад бисьёр гуфтааст ва ҳаҷвхо карда ва бар сафинаи ман навишта». Гуфтам: «Сафина биёр, то бингарам». Гуфт: «Бародаре бузург дорам, он сафина бо вай аст ва ба Ҳамадон рафтааст. Аммо хатте, ки аз они ӯ дорам, биёрам ва он камтарин ҳаҷве аст, ки гуфтааст». Қоғаз бистудам, дидам бар он навишта:

Шеър

Шамс Қайс аз ҳасад маро дӣ гуфт:
Шеъри ту нек нест, беш магӯй
Хостам гуфтанаш, ки эй хартабъ,
Қас чу ту нест айби мардумгӯй.
Даъвии шеър мекунию арӯз
Беҳтар аз шеъри ман ду байт бигӯй.
В-ар на бас кун зи айби шеъри касе,
Қ-ӯ ба ҳаҷваш чунон кунаd чу рукӯй.

Ва дар зери рукӯй навишта, ки яъне рукӯй — ҳайзи мустаҳозиқон. Ва беҳтар аз ин чаҳор қофияи «гӯй» ҳар як ба маънии чун тавон овард. Лаънат бар ҳосидону ҷоҳилон бод!

Ман чун ин хат бидидам, бидонистам, ки он чи дар Марв он ҷамоат мегуфтанд: «Эй Хоҷа Имом, туро мусаллам аст, хасмонро чу рукӯ кардан», ин калимот будааст, ки бар эшон хондааст. Ва он сухан истилоҳ карда, ки ба ҳар вақт пеши ман мегуфтанд. Ва фоидаи насиҳате, ки аз рӯи шафқат бо ӯ гуфтаам, ин буд, ки ҳаҷву дашноми ман дар Ироқу Хуросон бар гӯшаи сафинаҳои (маҷмӯъаҳои шеърҳо) мусаббат (навишташуда) мондааст ва маазалика (бо вуҷуди он) аз рӯи инсоф чун омвоъи (суханони мардум) ҳамчун аснофу



(синфҳою) табақоти халқ мухталифу мутафовут аст: баъзе некӯ, баъзе зишт, баъзе нек, баъзе бад, баъзе малеҳ (зебо), баъзе борид (хунук) ва ҳама дар тадовули (маънии) халқ меояд ва дар истеъмолоти мардум бар кор мешавад, чунон ки базлаи нохушу музҳике сард бошад, ки дар маҷлиси бузурге чунон бар кор нишинад ва қоили (гӯяндаи) он аз он манфиате ёбад, ки бисьёр базлҳои хушу музоҳики (чизҳои хандаовари) ширин даҳяки он ба худ набинад. Ва чунон ки қарорҳои (овозҳое, ки аз чанд кас якхела барояд) муханнасон (одамони паст), ки бо риккати (сустии) лафзу хиссати (пастии) маънӣ дар баъзе маҷолис чандон тараб дар мардум падид меорад, ки бисьёр қавлҳои бадеъ ва таронаҳои латиф падид наёрад. Ва чун ҳол бар ин ҷумлат аст, сухани қасеро радд кардан ва ӯро дар рӯи ӯ бар он сухани сард гуфтан аз ҳазм (эҳтиёткорӣ) ва ақл дур аст ва дар шаръи макорими ахлоқ маҳзур.

Аммо агар касе хоҳад, ки дар фанни шеър ба дараҷаи камол расад ва сухан чунон орад, ки писанди арбоби табъ бошад, бояд, ки ҷаҳд кунад, то насру назми ӯ ба алфози покиза ва маонии латиф ороста ояд. Ва чунон ки ба сур (шайпур) маонии бадеъ дар кисвати (либоси) алфози ракик (хунук) сар фурӯ наёрад, ба нуқуши (нақшҳои) ибороти балеғ бар рӯи маъонии воҳӣ (суст) фирефта нашавад, чи маънии беиборат ҳеҷ тароват надорад ва иборати бемаънӣ ба ҳеҷ нашояд.

Ва Абулҳадили Иллоқ чун сухане шунудӣ бе маънии латиф, гуфтӣ: «Ҳаза калом фориғ» (Ин сухани бемаънист). Пас аз вай пурсиданд, ки чӣ маънӣ дорад, каломи фориғ? Гуфт: «Алфоз авъияи (рангҳои) маонӣ аст ва маъонӣ амтияи (матоъҳои) ӯ. Пас ҳар сухан, ки дар ӯ маънии латиф набошад, ки тибоъи (табъҳои) аҳли тамизро бад-он майл бувад, ҳамчунон бошад, ки виъое (ранге) холӣ ва фориғ, дар вай ҳеҷ матоъ набувад». Ва бояд, ки ба ҳеҷ ҳол дар аввали ваҳлат (дар ибтидои коре) бар гуфтаю пардохтаи хеш эътимод накунад ва то онро марратан баъдаухра (як бори дигар) бар нокидони сухан ва дӯстони фозили мушфиқ арз надорад ва хатою савоби он аз эшон ба тарики истиршод (маслиҳат) нашунавад ва эшон ба сиҳҳати назму қабули вазну дурустии қофияу узубати (форамии) алфозу латофати маонии он ҳукм накунанд, онро бар

минассаи (маҳалли) арзи омма наншонад ва дар маъразн (маҳалли намоиши) писанду нописанди ҳар кас наёрад. Ва чун соҳибҳунаре ба маърифати шеър шуҳрат ёфт ва ба наздики таҳорири (таҳрирҳои) суханварон ба нақди шеър маҳкум алайҳи (бар вай) шуд ва мушоруллайҳ (одами мўътабар) гашт, сухани ўро дар радду қабули ҳар лафзу маънӣ, ки гўяд, насси (сухани возеҳи) сареҳ шиносад ва ўро дар он муҷтаҳиде (чидду ҷаҳдкунандае) мусаббаб (сабабнокшуда) донад ва ба ҳар чи гўяд, ки аз вай ҳуҷҷате қотеъ ва иллате возеҳ наталабад, ки бисьёр чизҳо бувад, ки ба завқ дартавон ёфт ва он иборат (баён) натавон кард. Чунон ки Иброҳими Мавсилӣ мегўяд: «Рўзе Муҳаммад Амин маро аз ду шеър бипурсид, ки беҳтар аст ва ҳар ду ба ҳам наздик буд, илло он ки дар яке лутфе ба завқ дармеёфтам, ки аз он иборат (баён) наметавонистам кард. Гуфтам, ин шеър беҳтар аст». Амин гуфт: «Ваҷҳи тарҷеҳи (бартарии) ин бар он чист?» Гуфтам: «Ин як ба лутфе махсус аст, ки табъ бар он гувоҳӣ медиҳад ва забон аз он таъбир наметавонад». Гуфт: «Рост мегўӣ, ки гоҳ-гоҳ ду асп меафтад, ки ҳар чи нишони фароҳат (чобукӣ) аст, дар ҳар ду меёбем. Ва ду канизак меоранд, ки ҳар чи авсофи ҳусну ҷамол аст, дар ҳар ду мушоҳида мекунем ва чун онро ба наххоси (фурўшандаи асир ё галаи ғоратии) ҳозиқ менамоем, асперо бар дигар тарҷеҳ (бартар) мениҳад ва канизакеро бар дигаре мазият (афзалӣ) металабад, он чи касрати дурбату (одату) тўли муморасат (ҳамеша ба коре машғул будан) аз музовалати (таҷрибаи) байъу широъи (хариду фурўши) давоб (ҳайвонот) ва ариққоъ (ғуломон) ба завқ ёфтааст, дар иборат (баён) наметавонад овард».

Ва бояд донист, ки нақди шеъру маърифати рақику (сусту) расин (мустаҳкам) ва ғассу самини (нағзу бади) он ба шеъри нек гуфтан тааллуқ надорад. Ва бисьёр шоир бошад, ки шеъри некў гўяд ва нақди шеър чунон ки бояд, натавонад. Ва бисьёр нокиди шеър бошад, ки шеъри нек натавонад гуфт. Ва яке аз фузало ва умарои каломро пурсиданд: «Чаро шеър намегўӣ?» Гуфт: «Аз баҳри он ки чунон ки мехоҳам, ки ояд, намеояд ва он чи фароз (пеш) меояд, намехоҳам». Ва бештари шуаро бар он бошанд, ки нақди шеър шоирони муҷид (сароядаи шеъри нағз) тавонанд кард ва ҷуз эшонро нарасад, ки дар радду айби он



суҳан гўянд. Ва ин ғалат аст, аз баҳри он ки мисли шоир дар назми сухан ҳамчун устоди нассоҷ (бофанда) аст, ки ҷомаҳои мутақавим (пурбаҳо) бофаду нуқуши (нақшҳои) мухталиф ва шоху баргҳои латифу гуворишҳои дақиқу даволҳои (хатҳо ва роҳҳое, ки бар ҷома нақш кунанд) ширин (зебо) дар он падид орад, аммо қимати он ҷуз симсорону (даллолону) баззозон (газворфурўшон), ки ҷомаҳои бешбаҳо аз ҳар навъу матоъи ҳар вилоят бар дасти эшон бисьёр гузашта бошад, натавонанд кард ва ҷуз эшон надонанд, ки лоиқи хизонаи подшоҳу шоистаи кисвати (либоси) ҳар навъ аз табақоти бузургон кадом бошад. Ва ҳеҷ кас ҷўлоҳро (бофандаро) нагўяд, ки баҳои ин ҷома бикун ва ҷўлоҳ, агар баҳои ҷомаи хеш бикунад, аз ҳисоби ресмону абрешиму зарриштаю рўзгори амали хеш дарнатавонад гузашт ва лутфи ҷомаю ширинию зебоии он натавонад донист, илло ки баззозӣ (матоъфурўшӣ) карда бошад ва ҷомашинос шуда. Пас қавли ў агар бишнаванд, ба ҷиҳати баззозӣ ва симсорӣ (даллолӣ) шунаванд, на аз рўи ҷўлоҳагию (бофандагию) ҷомабофӣ. Чи ҳар кас ки чизеро бар ҳайёти иҷтимоъӣ бинад ва мустаъмали (истеъмолёфтаи) он бар он ҳайёт буда бошад, ҷавдату (бартарию) радоати (пастии) он беҳтар аз бардорандаи он донад, ки ба таркиби муфрадоти он онро аз қувват ба феъл (аз имконият) оварда бошад. Ва низ шоир назми сухан ба шаҳвати (майли) табъи хеш кунад ва шеър бар вафқи (мувофиқи) ҳоҷату лоиқи сурати воқеа гўяд. Ва нокид ихтиёри он барои некўии лафзу маънӣ кунад. Ва фарқ бисьёр аст миёни он чи ба шаҳвату (майлу) хушомад талабанд ва он чи барои некўию сутудагӣ хоҳанд. Ва шеър фарзанди шоир аст. Чун байте чанд гуфт, ҳар чи гуна ки омад, агар чи донад, ки камтар аз абъёти дигар афтодааст, аз хештан наёбад, ки гуфта ва пардохтаи хешро ботил кунад. Ва бузургон гуфтаанд: «Алмаръу мафтун биақлиҳӣ ва шеърҳӣ ва ибниҳӣ», яъне марди фитнаю мағрур ақли хешу шеъри хешу писари хеш бошад ва ба писанди ақлу шеъру фарзанди хеш мубтало бувад. Аммо нокидро дил насўзад бар шеъри дигарон, ки на ў хотир сўзонидааст дар назму тартиби алфозу маънии он. Пас ҳар чи некў бошад, ихтиёр кунад ва ҳар чи рақик (қабеҳ) бошад, бигзорад. Чи шоир дар назми хеш толиби хушомад бошад ва нокид ҷўяндаи беҳомад бувад.

ФАСЛ

Ва набояд, ки шоир бо худ тасаввур кунад, ки шеър мавзеъи (ҷои) изтирор (маҷбурию дармондагӣ) аст ва мутақаддимон (шоирони гузашта) барои зарурати шеър хатоҳо иртикоб (ихтиёр) кардаанд ва лаҳнҳо дар шеъри хеш ба кор дошта. Чи иқтидо (пайравӣ) ба некӯгӯён некӯ ояд, на ба бадгӯён. Ва низ бояд, ки шеъри шуароро ғорат накунад ва маъонии эшон ба тағйири авзон ва ихтилофи алфоз дар шеъри хеш ба кор набарад, ки мулки мардум ба тасарруфи фосид тамаллук (зӯран аз они худ кардан) напазирад ва сухани дигарон бар хештан бастан далолат бар фазл накунад. Ва бибояд донист, ки сирқоти (дуздиҳои) шеър чаҳор навъ аст: интиҳол (сухани касеро бар хеш бастан), салх (пӯст кардан), илмом (қариб ба камол расидан), нақл.

Аммо

**Интиҳол**

сухани дигареро бар хештан бастан аст ва он чунон бошад, ки касе шеъри дигареро мукобира (зӯран) бигирад ва шеъри хеш созад. Пас тағйиру тасарруфе дар лафзу маънии он ё ба тасарруфе андак. Чунон ки байти бегона ба миёни он дарорад ё тахаллус бигардонад.

Чунон ки Саноӣ гуфтааст:

Шеър

Қард рухат саф зи даст лашкари деву парӣ,
Мулки Сулаймон туроcт, гум макун ангуштарӣ.
Пардаи хубӣ бисоз имшабу берун хиром,
Захраи Зӯҳра бисӯз з-он рухи чун шуштарӣ.
Куфри мумаккан шудӣ бо мадади ҷазъи ту,
Гар назадӣ лаъли ту мӯкиби пайғамбарӣ.
Ишқи ту овард кӯе хастани бемарҳамӣ,
Ҳаҷри ту овард рассам гаштани бедоварӣ
Ҳаҷри ту монанди васл хаст равон бахри он-к,
Бар сари бозори тез кӯр бувад Муштарӣ.
Ақл дари дил бикӯфт, ишқи ту гуфт: Андарой,
Садри сарой они туст, гар ба ҳарам нангарӣ.
Чун зи ту дил барнахӯрд бориш пуроби кор,
Хидмати хусрав гузин, то ту зи худ бар хӯрӣ.



Хусрави хусравнасаб султони Баҳромшоҳ
Он ки чу Баҳром ҳаст хоки дараш Муштарӣ.
Гашт Саноӣ ба ишқ бандаи даргоҳи ӯ
З-он ки марав росту бас хӯи санопарварӣ.

Ва ҳамчунон Имодӣ гуфтааст ва байте чанд бар он зиёдат оварда ва тахаллус ба Шоҳи Мозандарон карда:

Шеър

Қард рухат саф зи даст лашкари деву парӣ,
Мулки Сулаймон туроcт, гум макун ангуштарӣ
Пардаи хубӣ бисоз имшабу берун хиром,
Захраи Зӯҳра бисӯз з-он рухи чун шуштарӣ.
Сулҳ ҷудо кун зи ҷанг з-он ки на некӯ бувад,
Дастгаҳи шиштар пойгаҳи козурӣ.
Ишқи ту ҳамчун фалак хирмани шодӣ бидод,
Садкасаро якгарӣ, яккасаро садгарӣ.
Куфри мумаккан шудӣ бо мадади ҷазъи ту
Гар назадӣ лаъли ту мӯкиби пайғамбарӣ.
Ишқи ту овард роҳ хастани бемарҳамӣ,
Ҳаҷри ту овард рассам гаштани бедоварӣ.
Ҳаҷри ту монанди васл хаст равон бахри он-к,
Бар сари бозори тез кӯр бувад Муштарӣ.
Ақл дари дил бикӯфт, ишқи ту гуфт: Андарой,
Садри сарой они туст, гар ба ҳарам нангарӣ.
Зулфи ту бар дӯши ту гуфт ба гӯши дилам,
Ҳам бихӯрӣ, эй фузул, ҳам дигаронро барӣ.
Гуфт дили ман бад-ӯ: Рав, раву ёва магӯй,
Мард ба дӯзах равад бар тамаъи меҳтарӣ.
Гар чи зи ҳад даргузашт дар чамани боғи ишқ
Сабри маро фарбеҳӣ, захми туро лоғарӣ
Бошамӣ сустохвор бо ту кӣ лошӣ кунад,
Сад гунаҳи ин сарӣ як назари он сарӣ.
Ҳусни ту ҷовид бод, то ки зи савдои ту,
Табъи Имодӣ ба сеҳр хатм кунад шоирӣ.
Чун зи ту кас барнахӯрд бориш пуроби кор,
Хидмати хусрав гузин, то ту зи худ бар хӯрӣ.
Шоҳи фаромурзрод давлату динро имод,
Хусрави Мозандарон мояи некахтарӣ.

Ва ҳар ду дар як аср буданд, маълум нест, ки собиқ (аввал) кадом асту ғосиб (шахсе, ки шеъри дигарро аз худ кардааст) кадом. Ва чунон ки Муиззӣ гуфтааст:

Байт

Гар чи ба чафо даст баровардастӣ,
Бардорам даст, то фуруд орӣ даст.

Ва Рофеъӣ аз ӯ бурдааст ва гуфта:

З-ин пас ба худо, эй санами ишвапараст,
Бардорам даст, то фуруд орӣ даст.

Ва ҳамчунин Муиззӣ гуфтааст:

Байт

Таватури ҳаракоташ ба дидаи душман,
Ҳамон кунад, ки зумуррад ба дидаи афъӣ.

Адиб Собир аз ӯ бурдааст ва гуфта:

Байт

Ба сабри ман, санамо, он лаби чу буссади ту,
Ҳамон кунад, ки зумуррад ба дидаи афъӣ.

Ва Булфарачи Рунӣ гуфтааст:

Байт

Гуфта бо зоирони сарири дари ту,
Марҳабо, марҳабо, дарой, дарой.

Ва Анварӣ аз ӯ бурдааст ва гуфта:

Байт

Гуфта бо чумлаи заввори сарири дари ту,
Марҳабо, барнатузар, хоча, фуруд ою дарой.

Ва Фаррухӣ гуфтааст:

Байт

Аз ниҳеби ханчари хунхори ту рӯзи набард,
Хун бурун ояд ба чои кӯй адӯро аз масом.

Ва Заҳир аз ӯ бурдааст ва гуфта:



Байт

Бадандишро аз тарфи қаҳри ту,
Ба чои арақ хун чакад аз масом.

Ва Муиззӣ гуфтааст:

Байт

Мардум ба шаҳри хеш надорад басе хатар,
Гавҳар ба кони хеш наёрад басе баҳо.

Ва Анварӣ аз ӯ ғорат кардааст ва гуфта:

Байт

Ба шаҳри хеш дарун бехатар бувад мардум,
Ба кони хеш дарун бебаҳо бувад гавҳар.

Ва Абулфарач гуфтааст:

Байт

Аз хоби гарон фитна сабук барнаканад сар,
То дидаи ҳазми ту бувад равшану бедор.

Ва Заҳир аз ӯ бурдааст ва гуфта:

Байт

Човидон фитна сар аз хоби фано барн-орад,
То дари офоқ чу ҳазми ту бувад бедорӣ.

Ва аммо

**Салх**

пӯст бозкардан аст ва дар шеър ин навъи сирқа (дуздӣ) чунон бошад, ки маънию лафз фаро гирад ва таркиби алфози он бигардонад ва бар вачҳе дигар адо кунад. Чунон ки Рӯдакӣ гуфтааст:

Байт

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.

Абӯшакур аз ӯ бурдааст ва гуфта:

Магар пеш биншонадат рӯзгор,
Ки беҳ з-ӯ наёбӣ ту омӯзгор.

Ва Рӯдакӣ гуфтааст:

Байт

Ришу саблат ҳаме хизоб кунӣ,
Хештанро ҳаме азоб кунӣ.

Абӯтоҳири Хусравонӣ аз ӯ бурдааст ва гуфта:

Шеър

Аҷаб ояд маро зи мардуми пир,
Ки ҳаме ришро хизоб кунанд.
Ба хизоб аз аҷал ҳаменараҳанд,
Хештанро ҳаме азоб кунанд.

Ва Муиззӣ гуфтааст:

Шеър

Пуштам дуто на аз паи он шуд, ки ишқи ту
Боре бар ӯ ниҳод зи андешаю ано.
Гум шуд дилам зи дасту ба хок андар уфтод,
Кардам зи баҳри ҷустани ӯ пуштро дуто.

Ва дигаре аз ӯ бурдааст ва гуфта:

Шеър

Гуфтӣ, ки дуто чаро шуд қомати мард,
Зеро ки зи гавҳари ҷавонӣ шуд фард.
В-онро ки биафтод чизе аз даст,
Пушт аз паи ҷустанаш дуто бояд кард.

Ва Масъуди Саъди Салмон гуфтааст:

Қамонам аз ғами он тирвор қомати ту
В-аз ӯ маро ҳама дарду ғам аст қисмат тир.
Маро нишонаи тир фироқ кард, ҳаргиз
Қасе шунид, ки бошад камон нишонаи тир.

Ва Таъбиди Розӣ аз ӯ бурдааст ва гуфта:



Шеър

Кардӣ тани ман ба бозӣ бозӣ,
Азбаски дар ӯ ту тири мижгон созӣ.
Туркон ҳама тир аз камон андозанд,
Пас чун ки ту тир дар камон андозӣ.

Ва аммо

**Илмом**

қасд кардан ва наздик шудан аст ба чизе ва дар сирқоти (дуздиҳои) шеър он аст, ки маъное фаро гирад ва ба иборате дигару ваҷҳе дигар ба кор орад. Чунон ки Азрақӣ гуфтааст:

Байт

Садаф ба бими ялон даршавад ба коми наҳанг,
Зи хуни ба ранги явоқит ранг карда лол.

(Яъне лоле, «ё» (е) аз барои зарурати шеър андохтааст). Ва Анварӣ аз ӯ бурдааст ва некӯтар аз ӯ гуфта:

Байт

Қаҳри ту гар талоя ба дарьё кашад, шавад,
Дурр дар самими халқи садаф донаи анор.

Ва Шиҳоби Муайиди Насафӣ гуфтааст:

Ҳамеполид хун аз ҳалқаи танги зиреҳ берун,
Бар он гуна, ки оби нор полой ба парвезан.

Заҳир аз ӯ бурдааст ва беҳ аз ӯ гуфтааст:

Байт

Туй, ки бар тани хасми ту диръи довудӣ,
Зи захми теғи ту парвезане бувад хунбез.

Ва Муиззӣ гуфтааст:

Шеър

Чу бинвишт бар лавҳ номи туро
Фурӯ истод аз навиштан қалам.

Ҳамегуфт з-ин пас донам навишт,
Чӯ чузвею кулле навиштам ба ҳам.

Анварӣ ин маъниро аз ӯ бурдааст ва накӯ гуфта:

Шеър

Чу заминро шарафи мавлиди ту ҳосил шуд,
Осмон номи роҳи назират бизад андар таҳсил.
Худ вуҷуди чу туе бориқ дигар мумтанеъ аст
В-ар на не файз гусастасту на файёз бакил.

Ва Қамолуддин Исмоили Исфаҳонӣ гуфтааст:

Шеър

Ба густохӣ он ки гаҳ-гаҳ фалак
Диҳад бӯса сумми саманди туро.
Хаёли каж аз сурати моҳи нав,
Ҳамегардад андар дилаш доимо.
Ки андар тараффӯъ ҳолакаш кунад,
Ба наъли суми аспи ту иқтидо.

Ва Саъдуддин Саиди Ҳиравӣ аз ӯ бурда ва накӯтар гуфтааст:

Дӯш он замон, ки тарки фалак маркаби туро
Мебарад, то бибандад дар фарқи фарқадон.
Чу бӯса дод сумми саманд туро фалак,
Қораш дар эҳтишом ба ҷое расид аз он,
К-аз моҳи нав ҳаёли каж андар сараш фитод,
Қ-ин хаст доғи наъли саманди худойгон.

Ва аммо

**Нақл**

он аст, ки дар ин боб шоир маънии шеъре дигар бигирад ва аз бобе ба бобе дигар барад ва дар он парда берун орад.

Чунон ки Мухторӣ гуфтааст:

Байт

Куҷо шуд он зи қабои дарида дӯхта чатр,
Кунун бибояд чатраш дариду дӯхт қабо.

Разии Нишопурӣ ба боби мадҳ бурдааст ва гуфта:



Байт

Ба азми хидмати даргоҳи ту ба ҳар тарфе,
Басо мулук, ки аз тоҷ мениҳанд камар.

Ва чунон ки дигаре гуфтааст дар боби шикоят аз рӯзгор:

Байт

Бар тахти зар онро ниҳад имрӯз фалак,
К-ӯ ҳамчу нигин содда бувад ё ганда.

Разии Нишопурӣ ба боби мадҳ нақл кардааст ва гуфтааст:

Байт

Ҳар он ки хотами ту кард дар ангушт,
Сар аз дарӣчан заррин бурун кунад чу нигин.

Ва Ғазоирӣ гуфтааст:

Шеър

Савоб кард, ки пайдо накард ҳар ду ҷаҳон
Ягона эзиди додор, беназиру ҳамол.
Ва гар на ҳар ду бубахшидие ба гоҳи ато,
Умеди банда намондӣ ба эзиди мутаъол.

Разии Нишопурӣ онро нақле некӯ кардааст ва тарки адаби ӯ аз он андохта ва гуфта:

Шеър

Ба мавҷи баҳру ба файзи саҳобу тобиши моҳ,
Макун нигоҳу маҷунбон сахотро занҷир,
Ки дастрас ба ду кавн асту ӯ чу даршӯрад,
Ба ҳеҷ ваҷҳ пасаш н-ояд ин матоъи ҳақир.

Ва чунон ки шоире гуфтааст:

Шеър

Дар ишқи ту ҳам воқеан маҷнунам,
Яъне зи шумори оқилон берунам.
З-ин ғусса, ки бо ман чу алиф рост наӣ,
Пайваста чу вов дар миёни хунам.

Дигаре ин амал ба лафзи ҷон нақл кардааст ва гуфта:

Шеър

Аз хатти ту дидаро гуҳарсой кунам
В-аз лафзи ту нутқро шакархой кунам.
Ҳар ҳарферо зи номаи маймунат,
Монанди алиф миёни ҷон ҷой кунам.

Ва аз нақлҳои нодир он аст, ки Рӯдакӣ гуфтааст:

Байт

Агар гул орад бор он рухони нашкуфад,
Ҳароина чу ҳама май хӯрад, гул орад бор.

Дақиқӣ онро бар ҳамон вазну қофия нақле лоиқ кардааст ва гуфта:

Агар сар орад бор он сиiони ӯ нашкуфт,
Ҳароина чу ҳама хун хӯрад, сар орад бор.

Ва арбоби маъонӣ гуфтаанд, чун шоиреро маънике даст диҳад ва онро кисвати (либоси) иборате нохуш пӯшонад ва ба лафзе ракик (зишт, дағал) адо кунад ва дигаре ҳамон маънӣ фаро гирад ва ба лафзе хушу иборате писандида берун орад, ӯ бад-он авло гардад ва он маънӣ мулки (моли) ӯ гардад.
Чунон ки Рӯдакӣ гуфтааст:

Байт

Ба сад ҳазор мардум танҳой,
Бе сад ҳазор мардум танҳой.

Яъне бо сад ҳазор мардум ту фардӣ ба ҳунару дониш дар миёни эшон. Ва бе сад ҳазор мардум ту бисьёрӣ ва гӯӣ ба ҷои ҳазор мардумӣ ва агар чи маъние некӯст, ибораташ ракик (зишт) аст. Ва Унсурӣ аз вай бурдааст ва гуфта:

Байт

Агар чи танҳо бошад, ҳама ҷаҳон бо ӯст,
Ва гар чи бо ӯ бошад, ҳама ҷаҳон танҳост.



Ва байти Унсурӣ агар чи дар он басте (баёне) кардааст, некӯтар ва азбтар (форамтар) аз байти Рӯдакӣ аст бо ваҷозати (мухтасари) он. Пас ин маънӣ мулки (моли) Унсурӣ шуд. Ва Рӯдакиро фазли сабақ (пешӣ) монад. Ва ҳамчунон ки дар байти Муиззӣ ва нақли Анварӣ гуфтаем.

Мисраъ

Чун заминро шарафи мавлиди ту ҳосил шуд.

Ва агар шоири дуввум маънии шоири аввалро татимма (илова) наёрад, ки бад-он равнақи маънӣ бияфзояд ва кисват (либоси) иборате балеғтар ва азбтар (хубтар) аз он напӯшонад, ӯ дузди маънӣ бошад ва эҳсон аввалинро бувад. Чунон ки дар байти Булфараҷ ва Анварӣ гуфтаем:

Мисраъ

Гуфта бо ҷумлаи заввори сарири дари ту.

Ва дар байти Муиззӣ ва байти Анварӣ гуфтаем:

Мисраъ

Ба шаҳри хеш дарун бехатар бувад мардум

Ки ин сирқаи маҳз аст ва мулк аввалинонрост.

ФАСЛ

Ва бибояд донист, ки шоир дар ҷавдати (бартарии) шеъри хеш ба бештари улум ва одоб мӯҳтоҷ бошад ва бад-ин ҷиҳат, бояд ки мустатриф (навигариҷӯянда) бувад ва аз ҳар боб чизе, ки донад, то агар ба эроди маъние, фанни ӯ набошад, мӯҳтоҷ шавад, овардани он бар вай душвор нашавад. Ва чизе нагӯяд, ки мардум истидлол кунанд бад-он ки ӯ он маънӣ надонистааст. Чунон ки Муиззӣ гуфтааст:

Шеър

Сазад, гар бишнавад тавҳиди яздон,
Ҳар он мӯъмин, ки бошад ӯ мусулмон,

Ки чун бошад мусулмон марди мӯъмин,
Дилаш бикшояд аз тавҳиди яздон.

Ва мӯъмин набошад, ки мусулмон набувад, аммо мусулмон бошад, ки мӯъмин набувад, ки агар фарқе ниҳанд миёни имону ислом, нахуст имон бошад. Он гоҳ ислом чи имон тасдиқ ва бовар доштани худо ва расул аст.

Ва ислом кардан ниҳодани аҳкоми худою расулро ва чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Байт

Қайвон мувофиқони туро гар ҷигар хӯрад,
Насрини чархро ҷигари Ҷадӣ муста бод.

Ва муста иборат аст аз тӯъмаи мурғони шикорӣ, ба вақти ҳоҷат бад-ишон диҳанд ва каргас на аз ҷумлаи шикора (мурғи шикорӣ) мустахор аст ва аз ин ҷиҳат, ин байт бар вай гирифтаанд, ин аст маъонӣ, ки дар фанни шоирӣ лозим бошад донистан. Ва умед аст, ки агар соҳибтабъе ин ҷамъро дар мутолиа дорад ва ба ҳар боб, ки расад, нодониста аз сари он дарнагузарад, ба муддате андак дар суханварии насран (бо насру) ва назман (бо назм) тахриҷе (берун овардан) тамом ёбад ва бар истеъмоли алфозу маънии балеғи латиф қодир гардад.

## ТАВЗЕҲОТ

*Абдулазиз* — яке аз ҳокимони а. 12. Мамдӯҳи *Разии Нишопурӣ.* Шамси Қайси Розӣ насиби қасидаи мадҳии Разии Нишопуриро, ки ба Абдулазиз бахшидааст, мисол меорад.

*Абдулвосеъи Ҷабалӣ* — Бадеъуззамон Фаридуддин ибни Умар ибни Робеъи Ғарҷистонӣ (ваф. 1160) — яке аз шоирони а. 12 форс-тоҷик. Баъди таҳсили ибтидоӣ ба Ҳирот рафта, илмҳои маъмули замонаашро меомӯзад. Як муддат дар Ғазнин дар дарбори Баҳромшоҳи Ғазнавӣ ва баъд дар Марв дар дарбори султон Санҷари Салҷуқӣ хидмат кардааст. Муҳити ниҳоят танги дарборӣ ва муносибати дарбориён ӯро водор мекунад, ки дарборро ба зудӣ тарк кунад. Аз мероси адабии Абдулвосеъи Ҷабалӣ девони ашъор боқӣ мондааст, ки қариб ҳафт ҳазор байтро ташкил медиҳад. Ба забони арабӣ низ асарҳо навишта будааст. Дар эҷодиёти ӯ мавзӯъи шикоят аз замона, зиддиятҳои муҳити иҷтимоии давр, бедодгариҳои амалдорон бештар ҷой доранд. Абдулвосеъи Ҷабалӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик дар қатори Анварию Абулфараҷи Рунӣ яке аз буньёдгузорони сабки ироқӣ дониста шудааст.

*Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқ*, мулаққаб ба Ашшариф (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз адибон ва адабиётшиносони а. 16 форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ маълумоте дар даст надорем. Абдулқаҳҳор ибни Асҳақ аввалин касест, ки «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам»-и Шамси Қайси Розиро мухтасар намуда, онро «Мизон-ул авзон ва лисон-ул-қалам дар шарҳи алфози аҷам» ном ниҳодааст.

*Абдулҳамид,* ниг. *Ибни Абдулҳамид.*

*Абдулҳамид Аҳмади Абдуссамад* — яке аз ҳокимони а. 12. Ҳамзамони Абулфараҷи Рунӣ (ваф. 1112). Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» дар мавриди санъати мусарраъ байте аз ашъори Абулфараҷи Рунӣ барои мисол меорад, ки дар он номи Абдулҳамид Абдуссамад зикр ёфтааст.

*Абдурраҳмон,* ниг. *Хоҷа Абдурраҳмон.*

*Абулаббоси Имомӣ.* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз шоирони охири а. 10 ва ибтидои а. 11 форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти шоирии ӯ маълумот кам аст. Аз ашъори ӯ дар фарҳангҳою китобҳои шеър абьёти парокандае боқӣ мондааст. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» дар мавриди ҳарфи равии қофия ду байти ӯро мисол овардааст:

Ду чашмак пур зи банди чашмбандон,
Ду ёқутак ҳамеша ханд-хандон.

Яке мар тандурустонро ғаму дард,
Якеро ба сӯи дарди дардмандон.

*Абулаббоси Рабанҷанӣ*, ниг. *Рабанҷанӣ*.

*Абулмаолии Розӣ* (ваф. 1147) — яке аз шоирони қасидасарои а. 12. форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ маълумот хеле кам аст. Муҳаммад Авфии Бухорой дар тазкираи худ — «Лубоб-ул-албоб» намунаи ашъори ӯро овардааст. Абулмаолии Розӣ дар таърихи адабиёт бо сурудани қасидаи мадҳӣ машҳур аст. Бисьёр шоҳони салҷуқиро мадҳ гуфтааст. Абулмаолии Розӣ аз дасти Ботиниён ба қатл расонида шудааст. Шамси Қайси Розӣ дар ин асар барои санъатҳои бадеъӣ аз ашъори ӯ чанд байт овардааст.

*Абулмузаффари Чағонӣ* — яке аз амирони Чағониён, ки дар замони ҳукмронии ӯ бисьёр шоирон дар дарбори вай ҷамъ шуда буданд.

Қасидаи машҳури Фаррухӣ — «Доғгоҳ» ба ҳамин амир бахшида шудааст.

*Абулфараҷ*, ниг. *Абулфараҷи Рунӣ*.

*Абулфараҷи Рунӣ, Булфараҷи Рунӣ* ибни Масъуд (ваф. 1116) — яке аз шоирони форсизабони Ҳиндустон. Падараш Масъуди Розӣ аслан аз аҳли Хуросон буда, ба Руна кӯчидааст ва Абулфараҷи Рунӣ дар он ҷо ба дуньё омадааст. Таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш Руна гузаронида, бо шоирони машҳури замонаш робитаи эҷодӣ пайдо кардааст. Шоири машҳури ҳамон замон Масъуди Саъди Салмон Абулфараҷи Руниро устоди хеш мешуморад. Абулфараҷи Руниро дар таърихи адабиёти форс-тоҷик яке аз асосгузорони сабки ироқӣ мешуморанд, зеро вай дар шеър таъбирҳои илмию калимаҳои арабиро бештар кор фармудааст. Аз мероси адабии ӯ қариб ду ҳазор байт боқӣ мондааст, ки аксари онҳо қасида, ғазал, китъа ва рубоӣ мебошад. Шоир дар ашъори худ аз носозгориҳои замона, қадру қимат надоштани илму ҳунар шикоят кардааст.

*Абулҳасани Ахфаши Наҳавӣ*, ниг. *Ахфаши Акбар*.

*Абулҳасани Лӯкарӣ*, ниг. *Лӯкарии Чангзан*.

*Абхоз*, ниг. *Абхозистон*.

*Абхозистон* — Республикаи Автономии Советии Социалистии Абхозистон, ба ҳайати РСС Гурҷистон дохил буда, чоруми марти 1921 ташкил ёфтааст. Дар нимаи ҳазораи 1 то м. аҷдоди абхозҳои ҳозира абазгҳо мезистанд. Дар давраи атиқа қисми Абхозистон ба подшоҳии Колхида дохил буд. Мардуми он бар зидди ҳукмронии Рим мубориза бурд. Дар асрҳои 2—6 милодӣ дар ин ҷо нахустин бор муносибатҳои феодалӣ пойдор гардиданд. Аз а. 4 Абхозистон ба подшоҳии Лазики Гурҷистони Ғарбӣ дохил шуд. Охири а. 8 ҳокими он Леони II мамлакатро аз тобеияти Византия озод намуда, Гурҷистони Ғарбиро дар давлати подшоҳии Абхозистон муттаҳид гардонид. Аз а. 10 ба ҳайати Гурҷистон дохил шуда, аз охири а. 16 ба князии алоҳида ҷудо гардид. Асрҳои 16—18 дар тасарруфи Туркия буд. Соли 1810 Абхозистон ба Россия ҳамроҳ шуда, аз тааддии султони турк наҷот ёфт ва барои инкишофи иқтисодиёт шароит пайдо кард.

*Абӯабдуллоҳ Қосим ибни Саломи Бағдодӣ* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз донишмандони машҳури араб, ки дар наҳв, луғат ва илми таърих дастболо будааст.

*Абӯбакр ибни Саъд ибни Зангӣ* — яке аз ҳокимони мамолики Форс, писари Атобак Саъд ибни Зангӣ ибни Мавдуд. Шамси Қайси Розӣ соли 1231 ба дарбори ӯ дохил шуд. Ӯ солҳои дар ҳамин дарбор умр ба сар бурдаашро давраи нисбатан оромонаи ҳаёташ медонад. Вай асари худ «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор ил-аҷам»-ро соли 1233 дар ҳамин дарбор ба охир расонидааст.

*Абӯнасри Форобӣ*, ниг. *Форобӣ*.

*Абӯсалики Гургонӣ* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз аввалин шоирони форс-тоҷик, баъди истилои араб ба забони дарӣ шеър сурудааст. Мувофиқи гуфтаи муаллифи «Таърихи Систон» ҳаёт ва фаъолияти ӯ дар давраи салтанати Саффориён, махсусан дар замони ҳукмронии Амр ибни Лайси Саффорӣ — нимаи дуюми а. 9 ҷараён ёфтааст. Аз мероси адабии вай то имрӯз ҳамагӣ даҳ байт боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) дарҷ гардидааст.

*Абӯтоҳири Хотунӣ* (ваф. 1138) — яке аз шоирон ва фозилони а. 12 форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ дар сарчашмаҳо маълумот хеле кам аст. Вай ба дарбори Салҷуқиён робитаи наздик дошт, муставфӣ (сардори аҳли девон) ва мутасаддии Гавҳар-хотун завҷаи Муҳаммад ибни Маликшоҳ буд. Ба Хотунӣ шӯҳрат ёфтани вай низ аз ҳамин ҷост. Вай бо номи «Манокиб-уш-шуаро» аз «Таърихи ол Салҷуқӣ» асарҳо эҷод карда будааст, ки то замони мо нарасидааст. Намунаи ашъори ӯ дар худуди чанд байт дар «Ал-мӯъҷам» ва «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ (а. 15) сабт ёфтааст.

*Абӯтоҳири Хусравонӣ*, ниг. *Хусравонӣ*.

*Абӯфирос ибн ал-Ҳорис ибни Ҳамдон ал-Ҳамдонӣ* (932—968) — шоири араб. Аз оилаи сарватманди Ҳамдониён. Дар ҷангҳи зидди Византия иштирок карда, ду маротиба ба асирӣ афтод.

Дар ашъори ӯ марсия мақоми хос дорад. Забони ашъораш соддаю равон мебошад.

*Абӯшакур, Бӯшакур*, ниг. *Абӯшакури Балхӣ*.

*Абӯшакури Балхӣ, Бӯшакур* (с. т. 915) — шоири форс-тоҷик,

яке аз ҳамасрони Рӯдакӣ. Вай соли 947 бо номи «Офаринннома» достоне навишта будааст, ки намунаи чанд абьёти он то замони мо омада расидааст. Саид Нафисӣ аз тазкираю фарҳангҳои қадимӣ бештар аз 500 байти ӯро дастрас карда, ба хулоса омадааст, ки Абӯшакури Балхӣ илова бар достони «Офаринннома» се маснавии дигар низ доштааст. Намунаи ашъори ӯ дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд оварда шудааст.

*Абӯҳафс Ҳаким ибни Аҳваси Суғдӣ,* ниг. *Абӯҳафси Суғдӣ*

*Абӯҳафси Суғдӣ, Абӯҳафс Ҳаким ибни Аҳваси Суғдӣ* (с. т. номаълум — ваф. 832) — шоир, мусиқишинос ва луғатшиноси форс-тоҷик, ӯро аз ҷумлаи шоироне медонанд, ки аввалин бор ба забони дарӣ-тоҷикӣ шеър сурудааст. Аз ашъори ӯ фақат байти зерин омада расидаасту халос:

Охуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,
Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо?

Ба қавли Абӯнасри Форобӣ вай ихтироъкунандаи асбоби мусиқии шахруд аст. Мувофиқи маълумоти баъзе сарчашмаҳои адабӣ Абӯҳафси Суғдӣ бо номи «Фарҳанги Абӯҳафс» ё «Рисолаи Абӯҳафс» луғате низ таълиф карда будааст, ки мутаассифона, то замони мо нарасидааст.

*Авромин* — навъе аз хонандагӣ ва гӯяндагӣ аст, ки шеъри оч ба забони паҳлавӣ бошад.

*Авфии Бухороӣ, Нуриддин Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Усмони Бухороӣ* (с. т. 1172 — ваф. номаълум) — нависанда, шоир, тазкиранавис ва адабиётшиноси а. 12 форс-тоҷик. Давраи бачагӣ ва таҳсили ибтидоиро дар Бухоро гузаронида, баъди омӯхтани илмҳои маъмули замона, соли 1201 ба Самарқанд рафта, ба хидмати дарборӣ дохил гардида, то дараҷаи мансаби соҳиби девони иншо мерасад. Соли 1203 ба сафари шаҳру нохияҳои Марв, Хоразм, Ҳирот, Нисо, Систон, Нишопур, Қазвин, Исфизор ва ғайра баромада, соли 1219 ба Бухоро бармегардад. Баъди ҳамлаи муғул, ӯ соли 1221 ба Ҳиндустон муҳоҷират намуда, дар вилояти Синд ба хидмати ҳокими он ҷо Носируддини Қубеча дохил мешавад. Дар ин муддат бо вазири донишдӯсти вай Айнулмулук Фахруддин дӯстӣ пайдо карда, бо хоҳиши ӯ дар байни солҳои 1221—22 тазкираи машҳури худ «Лубоб-ул-албоб»-ро таълиф намудааст. Асарҳои машҳури «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт», «Мадоеҳ-ус-султон», тарҷумаи асари донишманди а. 10 Абӯалии Темӯкӣ «Ал-фараҷ баъд-ош-шидда» (аз арабӣ ба тоҷикӣ) низ ба қаламн ӯ тааллуқ доранд.

*Адиб Собир,* ниг. *Адиб Собири Тирмизӣ.*

*Адиб Собири Тирмизӣ.* Шаҳобуддин ибни Исмоил (1078 — 1147) — шоири форс-тоҷик. Ҳаёти давраи ҷавонии ӯ дар зодгоҳаш Тирмиз гузаштааст. Барои такмили дониш ва таҷрибаи рӯзгор ба шаҳрҳои Хуросону Арабистон сафар кардааст. Муддати сӣ сол аввал дар дарбори ҳокими Хуросон Абулқосим Алӣ ва баъд дар Марв, дар дарбори султон Санҷари Салҷуқӣ хидмат намудааст. Солҳои 1140—41 шоирро ҳамчун сафири давлати марказӣ ба Хоразм мефиристанд ва ӯ бо роҳе хиёнати Отсизи Хоразмшоҳро фош менамояд. Отсизи Хоразмшоҳ аз ин кори Адиб Собири Тирмизӣ хабардор шуда, вайро ба дарьёи Аму ғарқ мекунонад. Аз мероси адабии вай девони ашъор боқӣ мондааст, ки дорои ҳафт ҳазор байт буда, аз қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ ва ғайра иборат аст. Дар аксари шеърҳои Адиб Собири Тирмизӣ сарватмандону мансабдороне, ки мардумро зулму ситам медоданд, сахт танқид карда шудааст.

*Азрақии Ҳиравӣ, Шарафуззамон Абулмаҳосин Зайнуддин Абӯбакр Ҷаъфар ибни Исмоил* (1067, Ҳирот — 1133, Кирмон), шоири форс-тоҷик Писари шоир Исмоили Варроқ. Доир ба ҳаёти давраи ҷавонӣ, таҳсили илм ва давраи камолоти ӯ дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ маълумоте дастрас нашуд. Аз мероси адабии Азрақии Ҳиравӣ то замони мо девони ашъор иборат аз ду ҳазор байт боқӣ мондааст. Бо номи «Достони Синдбод» (ё «Синдбоднома»), ки дар асоси тарҷумаи насрнавис ва тарҷумони асри 10 форс-тоҷик Абулфавориси Фанорӯзӣ ба назм даровардa ва китобе бо номи «Алфия ва Шалфия», ки барои ҳокими Хуросон Туғоншоҳ навишта будааст, ки мутаассифона, то замони мо боқӣ намондаанд.

*Азрақӣ,* ниг. *Азрақии Ҳиравӣ.*

*Азроил, Ҷабраил* — мувофиқи ақидаи дини ислом номи фариштаест, ки гӯё ҷони одамонро мегирифтааст. Мувофиқи ривоятҳои исломӣ Азроил дар байни худою пайғамбар вазифаи элчигиро иҷро мекардааст. Бо номҳои фариштаи марг, малакулмавт низ машҳур аст.

*Алии Наҷҷор, Абулҳасан* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз устодони моҳири санъати дуредгарӣ (наҷҷорӣ), падари шоир Хоқонии Шервонист. Ҳаёт ва фаъолияти вай дар а. 12 дар деҳаи Малҳами Озарбойҷон гузаштааст. Нақшу нигор ва ороиши бисьёр ёдгориҳои меъмории а. 12 амали ӯ мебошад. Хоқонии Шервонӣ дар қасидаи «Тӯҳфат-ул-Ироқайн» санъати баланди дуредгарии падарашро васф кардааст.

Сонеи зарринамал, пири синоат Алӣ,
Қ-аз Яди Байзо гузашт дасти амалрони ӯ...
Шайхи муҳандислақаб, пири дуредгар Алӣ,
Қ-Озару Уқлидусанд оҷизи бурҳони ӯ.

*Амъақи Бухорой (Амъақи Бухорӣ), Абӯнаҷиб Шиҳобуддин* (ваф. 1149) — яке аз шоирони а. 12 форс-тоҷик. Таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш гузаронида, барои такмили илму дониш ба Самарқанд рафтааст. Баъди дар шоирӣ ном баровардан ба дарбори Қарохониён роҳ ёфт ва дар замони ҳукмронии Хизрхони Иброҳим ба дараҷаи маликушшуарои дарбори Қарохониён расид. Аз мероси адабии ӯ деҳони ашъоре боқӣ мондааст, ки аз қасида, қитъа ва рубоӣ иборат аст. Баъзеҳо маснавии «Юсуф ва Зулайхо»-ро низ ба вай нисбат медиҳанд. Амъақи Бухорой бештар аз сад сол умр дидааст.

*Амъақи Бухорӣ*, ниг. *Амъақи Бухорой.*

*Анварӣ, Авҳадуддин Алӣ ибни Муҳаммад ибни Исҳоқи Абевардӣ* — (1126, Абеварди Хуросон — 1190, Балх) — яке аз бузургтарин шоирони қасидасарои форс-тоҷик. Вай дар мадрасаи Мансурияи Тӯс илмҳои нуҷум, риёзиёт, мантиқ, ҳандаса, тиб, калом, мусиқиро омӯхт.

Аввал бо тахаллуси «Ховарӣ» шеър месуруд. Аз сабаби эҳтиёҷоти рӯзгор ва таъмини аҳли оила соли 1157 ба дарбори султон Санҷари Салҷуқӣ (ваф. 1157) рӯ овард ва аз мулозимони султон гардид. Муҳити дарборӣ ба вай маъқул нашуд, аз ин рӯ, соли 1160 дарборро тарк карда, аввал ба Нишопур, баъд ба Балх, сонӣ соли 1164 ба Тирмиз омад. Анварӣ дар охири ҳаёти худ аз таърифу тавсифи амирону ҳокимони давр даст кашид ва солҳои хидмати дарбориро давраи гумроҳию беақлии худ ҳисобид.

Мероси адабии ӯ понздаҳ ҳазор байтро дар бар мегирад, ки қисми зиёди он қасида ва ғазал мебошад. Доир ба нуҷум бо номи «Ал-башорат фӣ шарҳ-ул-ишорат» китобе ва доир ба арӯзу қофия рисолае таълиф карда будааст. Анварӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик чун устоди баркамоли қасида, ба сифати яке аз се пайғамбари шеър (дар қатори Фирдавсию Саъдӣ) шинохта шудааст.

*Анӯшервон*, ниг. *Нӯшервони Одил.*

*Аррон* — номи вилояте, ки шаҳрҳои зиёд дорад, мисол Танҷа, Бардаа, Балайқон. Аррон ва Озарбойҷон бо ҳам ҳамсарҳад мебошанд. Аз байни Аррону Озарбойҷон дарёи Арас мегузарад.

*Асад* — дар илми нуҷум номи бурҷи панҷум аз дувоздаҳ бурҷи фалак. Моҳи панҷуми солшумории мамлакатҳои Машриқзаминро, ки ба 23 июль — 22 августи тақвими григорианӣ рост меояд, низ асад меноманд.

*Асири Ахсекатӣ*, ниг. *Асируддини Ахсекатӣ.*

*Асируддини Ахсекатӣ, Абулфазл Муҳаммад Тоҳир* (1108, Ахсекати Фарғона — 1196, Халхоли Озарбойҷон) — шоири форс-тоҷик. Дар ҷавонӣ барои такмили дониш ба шаҳрҳои Балх, Марв, Ҳирот сафар кардааст. Вазъияти тезу тунди замона, инқирози салтанати султон Санҷари Салҷуқӣ ва исёни ғузҳо дар Хуросон ӯро маҷбур мекунанд, ки ба Ироқи Аҷам фирор намояд ва маҷбур мешавад, ки ба хидмати ҳокимони он ҷо Арслон ибни Туғрал (1160—79) ва Қизил Арслони Салҷуқӣ (1185—91) даромада, мадҳияҳо нависад. Асируддини Ахсекатӣ дар дарбори Қизил Арслон то дараҷаи маликушшуарой расида будааст. Дарбориён ба пешрафти кори ӯ ҳасад бурда, ӯро ба кофирӣ айбдор менамоянд ва кор бо он анҷом меёбад, ки шоирро аз дарбор меронанд. Солҳои охири умри Асируддини Ахсекатӣ дар оворагардию тангдастӣ гузаштааст. Аз мероси адабии ӯ то замони мо девони ашъор боқӣ мондааст, ки ҳашт ҳазор байтро ташкил медиҳад ва ин девон дар китобхонаи «Индиа-Оффис» (Лондон) маҳфуз аст. Қисми зиёди ашъори шоирро қасида ва ғазал ташкил медиҳад.

Дар шеърҳои ӯ ҳасаду мунофиқӣ ва риёкории аҳли дарбор сахт танқид карда шудааст.

*Асҷадӣ, Абӯназар Абдулазиз ибни Мансури Марвазӣ* (ваф. 1041) — яке аз шоирони қасидасарои а. 12 форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти шоириаш дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ маълумот хеле кам мебошад. Мисли Унсурию Фаррухӣ бештар қасидаҳои мадҳӣ сурудааст. Аз мероси адабии шоир то замони мо девони ашъоре боқӣ мондааст, ки се ҳазор байтро дар бар мегирад. Асҷадӣ дар шеър асосан ба шакли он аҳамият додааст. Қасидаи «Сумanот»-и Асҷадӣ, ки ба лашкаркашиҳои султон Махмуди Ғазнавӣ ба Ҳиндустон бахшида шудааст, дар таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик шӯҳрати зиёд дорад ва мавриди истиқболи шоирони баъдина қарор гирифтааст.

*Атобак Саъд ибни Зангӣ* — яке аз ҳокимони мамолики Форс ва музофоти он буд, ки Шамси Қайси Розӣ соли 1226, баъди оворагардиҳои зиёд аз Ирок ба Форс омада, ба дарбори ӯ даъват шуд.

*Аторуд* — сайёраест, ки ба Офтоб аз хама наздиктарин ҳисоб меёбад. Вай дар атрофи Офтоб аз рӯи мадори эллипсӣ чарх мезанад. Масофаи байни Аторуду Офтоб ба хисоби миёна 58 млн км. буда, даври гардишаш дар атрофи Офтоб 88 шабонарӯз аст. Аторуд нисбат ба Моҳ камтар қобилияти нуринъикоскунӣ дорад.

*Атоуллоҳи Ҳусайнӣ, Маҳмуд* (ваф. 1513, Машхад) — яке аз адабиётшиносони а. 15 форс-тоҷик. Дар шаҳри Нишопур ба дунё омада, дар ҷавонӣ ба шаҳри Ҳирот меояд ва дар ҳамин ҷо тамоми илмҳои замонаашро меомӯзад. Атоуллоҳи Ҳусайнӣ дар илми адабиётшиносӣ асарҳои зиёде доштааст, вале то имрӯз асарҳои «Бадоеъ-ус-саноеъ» ва «Рисолаи қофия»-и ӯ дастрас асту халос. Бо тахаллусҳои «Ато», «Атой» ва «Атоуллоҳ» шеър мегуфтааст.

*Аттобия* — номи яке аз маҳаллоти Бағдод, ки дар он ҷо навъи матоъе аз порчаи рангбаранги мавҷдор мебофтанд. Ва Аттобия худ низ мансуб аст ба яке аз авлоди бани Умия мансуб ба Аттоб, ки дар он маҳалла зиндагӣ мекардааст. Баъдтар, ба сабаби истифодаи зиёд ҳар ҷомаи рангбарангро аттобӣ гуфтаанд.

*Аттор, Фаридуддин Абӯҳомид Муҳаммад ибни Абӯбакри Иброҳими Нишопурӣ* (1148 — 1221) — яке аз барҷастатарин шоирони мутасаввифи форс-тоҷик. Падараш дӯкони атторӣ дошта, ба табобати беморон машғул будааст ва худи Аттор низ аз ҳисоби атторӣ рӯз мегузаронидааст ва сабаби Аттор тахаллус кардани ӯ ҳам ҳамин аст. Аттор аз ҷумлаи сермаҳсултарин шоирони гузаштаи мо ба шумор меравад. Бештари тазкиранависон миқдори асарҳои ӯро 190 номгӯй медонанд. Асарҳои «Мантиқ-ут-тайр», «Асрорнома», «Мусибатнома», «Илоҳинома», «Хусравнома», «Мухторнома», «Шарҳ-ул-қалб», «Ҷавоҳирнома», «Тазкират ул-авлиё», «Футувватномаи манзум» ва ғайра аз ҷумлаи таълифоти ӯ мебошанд. Эҷодиёти Аттор ба фаъолияти шоирон ва мутафаккирони баъдина таъсири зиёд расонидааст. Аттор зимни асарҳои панду ахлоқии худ кӯшидааст, ки ҳокимону амалдорони даврро ба адолатхоҳию инсондӯстӣ даъват намояд.

*Ахсекат* — пойтахти қадимии Фарғона, ки асрҳои 3—2 то милод бунёд шудааст. Аввалин бор дар маъхазҳои а. 10 номбар шудааст. Асрҳои 9—16 ба шаҳри калон табдил ёфта, дар ҳаёти маданию сиёсии Фарғона роли муҳим бозид. Охири а. 16 хароб гардид. Харобаҳои Ахсекат ҳоло Эски Ахсӣ ном дошта, дар Совети қишлоқи Шаҳанди райони Намангони РСС Ӯзбекистон воқеъ аст.

*Ахфаши Акбар, Абулҳасан Абдулҳамид ибни Абдулмаҷид* (ваф. 793) — забоншиноси араб. Вай аз ҷумлаи аввалин муҳаққиқонест, ки тамоми назми классикии адабиёти арабро шарҳ дода, истилоҳоти зиёди грамматикӣ ва арӯзро сохтааст. Вай бар хилофи арӯзидони машҳури араб Халил ибни Аҳмад фақат сабаб ва ватадро писандида, фосиларо ба гурӯҳи ҷузъҳои рукн дохил накард.

*Ахфаши Реҳавӣ, Абулҳасан,* ниг. *Ахфаши Акбар.*

*Ашраф, Саид Ҳасани Ғазнавӣ* (ваф. 1160) — яке аз шоирони а. 12 форс-тоҷик. Баъди дар шеъру шоирӣ ном баровардан, ба дарбори Баҳромшоҳи Ғазнавӣ (1118—52) роҳ ёфта, дар сафарҳои вай ба Ҳиндустон ҳамроҳӣ кардааст. Зиндагии шоир дар дарбор дер давом намекунад. Муҳити номусоиди дарбор, фитнаю найранг ва тӯҳматҳои дарбориён Ашрафро маҷбур мекунад, ки ӯ дарборро тарк намуда, ба Хуросону Нишопуру Ҳиҷозу Ҳамадону Бағдод муҳоҷират кунад. Солҳои охири ҳаёти ӯ дар ғарибӣ бо азобу кулфат гузашт.

Аз мероси адабии Ашраф девони ашъоре боқӣ мондааст, ки



панҷ ҳазор байтро дар бар мегирад. Ашраф аз ҷумлаи шоиронест, ки сабки ироқӣ дар заминаи ашъори онҳо ташаккул ёфтааст.

*Ашрафии Самарқандӣ* (ваф. 1192) — яке аз шоирони а. 12 форс-тоҷик. Ҳаёти давраи ҷавонӣ ва ибтидои таҳсилро дар зодгоҳаш гузаронида, барои такмили илму дониш аввал ба Ироқ, баъд ба Исфаҳон сафар кардааст. Баъди дар шоирӣ ном баровардан, ба дарбори Арслон ибни Туғрали Салҷуқӣ роҳ меёбад. Баъди чанде дарборро тарк карда, ба Бухоро омадааст. Соли 1183 тазкиранависи а. 12 Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар ҳамин шаҳр бо Ашрафии Самарқандӣ мулоқот кардааст. Солҳои охири ҳаёташ ба зодгоҳаш Самарқанд омада, дар ҳамон ҷо аз олам даргузаштааст. Аз мероси адабии Ашрафии Самарқандӣ девони ашъор боқӣ мондааст, ки шомили ду ҳазор байт аст.

*Аъшо Қайс* — номи аслиаш Абӯбасир Майкун ибни Қайс Ал-Бакрӣ (530—629) — яке аз шоирони пешазисломии араб. Аъшо Қайс дар таърихи шеъру шоирӣ яке аз аввалин шоиронест, ки ашъори хамриявӣ сурудааст.

*Ақим* — марде, ки ӯро фарзанд нашавад.

*Ақраб* — номи яке аз бурҷҳои дувоздаҳгонаи фалак. Моҳи ҳаштуми солшумории шамсиро, ки мутобиқи 23 октябрь — 21 ноябрь аст, ақраб меноманд.

*Аҳвар* — шахсеро гӯянд, ки сиёҳии чашмаш бисьёр бошад.

*Аҳуромаздо (Ҳурмузд, Ҳурмуз, Ормузд)* — номи худои некӣ дар мазҳаби зардуштия. Мувофиқи ривоятҳо ӯро офаридгори замину осмону одаму набототт медонанд. Парастиши Аҳуромаздо бештар аз давраи ҳукмронии Хашиёршоҳ (485—465 то м.) аҳамият пайдо кард. Мувофиқи таълимоти зардуштия мазмуни асосии мавҷудиятро муборизаи Аҳуромаздо ва Аҳриман ташкил медиҳад. Дар охир Аҳуромаздо бо ёрии шаш фариштаи худ бар Аҳриман ғолиб омада, дар дуньё хайру некиро барқарор менамояд.

*Балх* — шаҳр дар Афғонистон, пойтахти давлати Бохтар (асрҳои 6—2 то м.). Асрҳои 5—6 маркази дини буддоӣ буд. Асри 7 арабҳо онро тамоман хароб карданд. Соли 785 аз нав барқарор карда шуд. Балх дар а. 10, дар замони ҳукмронии Сомониён яке аз шаҳрҳои калон ҳисоб мешуд. Дар асрҳои 11—12 Балх ба ҳайати давлатҳои Ғазнавиён, Ғуриён ва Салҷуқиён дохил гардид. Соли 1221 Чингизхон Балхро ба хок яксон кард.

*Баргустувон* — либосе бошад, ки рӯзи ҷанг пӯшанд ва бар асп низ пӯшонанд.

*Баҳор, Муҳаммадтақии Маликушшуаро* (7. 11. 1886, Машҳад— 21. 4. 1951, Теҳрон) — шоир, олим, журналист ва арбоби ҷамъияти Эрон. Саводи ибтидоиро дар назди падараш Маликушшуаро

Муҳаммадкозими Сабурӣ баровардааст. Дар революцияи 1905—11 Эрон иштирок дошт. Соли 1945 ба Иттифоқи Советӣ омад. Солҳои 1943—47 раиси комиссияи адабиёт дар назди Ҷамъияти робитаҳои мадании Эрон бо СССР буд. Баҳор дар тамоми қолабҳои шеъри классикии форс-тоҷик бештар аз сию шаш ҳазор байт эҷод кардааст. Хидмати Баҳор дар адабиётшиносии халқҳои форсу тоҷик бениҳоят калон аст. Асари сеҷилдаи «Сабкшиносӣ», рисолаи «Шеър дар Эрон», «Рисола дар шарҳи ҳоли Ҳаким Абулқосими Фирдавсии Тӯсӣ», «Рисола дар аҳволи Монӣ» аз ҷумлаи таълифоти илмии ӯ мебошанд. Китобҳои «Таърихи Систон», «Таърихи Балъамӣ», «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас», «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Авфиро ба чоп тайёр кард. «Ёдгори Зарирон», «Рисолаи мотигони шатранг» ва чандин шеърҳои алоҳидаро аз забони паҳлавӣ ба форсӣ гардонид.

*Баҳром* — яке аз номҳои сайёраи Миррих, ки ба ақидаи мунаҷҷимони қадим ситораи нахс ва дар асотир бошад, чун худои ҷангу фитна васф шудааст. Рӯзи бистуми ҳар моҳи шамсиро низ Баҳром меноманд.

*Баҳром*, ниг. *Баҳроми Гӯр.*

*Баҳроми Гӯр* (438) — яке аз шоҳони сулолаи Сосонӣ, ки дар адабиёт ҳамчун образи идеалӣ машҳур гардидааст. Муаллифи китоби «Таърихи Табарӣ» аз корнамоиҳои ӯ ривоятҳои зиёд овардааст. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», Низомулмулк дар «Сиёсатнома», Низомии Ганҷавӣ дар маснавии «Ҳафт пайкар», Амир Хусрави Деҳлавӣ дар достони «Ҳашт биҳишт» ва дигарон мувофиқи мақсад ва ҷаҳонбинии худ образи Баҳроми Гӯрро офаридаанд. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам» ба гуфтаи дигар тазкиранависону муаррихон такья карда, ӯро аз ҷумлаи нахустин шоироне медонад, ки ба забони дарӣ шеър сурудааст ва ин байтро меорад:

Манам он пили дамону манам он шери яла,
Номи ман Баҳроми Гӯр, кунияттам Бӯҷабала.

*Баҳромии Сарахсӣ, Абулҳасан Алӣ (ваф.* 1106) — шоир ва адабиётшиноси форс-тоҷик. Доир ба тарҷумаи ҳол ва фаъолияти илмию адабии ӯ маълумот хеле кам аст. Баҳромии Сарахсӣ аз адибони замони салтанати султон Маҳмуди Ғазнавӣ буда, дар илми арӯз ва қофия бо номҳои «Хуҷастанома», «Ғоят-ул-арӯзин» ва «Канз-ул-қофия» рисолаҳо навишта будааст, ки мутаассифона, то замони мо нарасидааст. Ба гуфтаи Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам», вай ҳамроҳи Бузургмеҳри Қасимӣ се доираи нави арӯз: Мунъакиса, Мунғалата ва Мунъалақаро ихтироъ карда, дар он бисту як баҳри навбунёди форсӣ-тоҷикиро ҷой додааст.



*Баҳромшоҳ, Баҳромшоҳи Ғазнавӣ* — яке аз султонҳои Ғазнавӣ, ки солҳои 1118—52 ҳукмронӣ кардааст. Баҳромшоҳ дар замони ҳукмронии худ чандин маротиба ба Ҳиндустон лашкар кашидааст. Шамси Қайси Розӣ дар ин асари худ дар мавриди сирқоти шеърӣ як қасидаи Саноиро овардааст, ки он қасида ба Баҳромшоҳ бахшида шудааст.

*Баҳромӣ*, ниг. *Баҳромии Сарахсӣ.*

*Бежан* — дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ яке аз паҳлавонони Эрон, писари Гев Бежан бо супориши шоҳи Эрон Кайхусрав ҳамроҳи паҳлавон Гургин ба ҷанги гурозон мебароянд. Гургин Бежанро бо фиреб ба даште мебарад, ки он ҷо Манижа базм ороста буд. Бежан ва Манижа баробари дидан ба ҳамдигар дил мебанданд ва Манижа ӯро ба қасри худ мебарад. Падари Манижа Афросиёб ин воқеаро шунида хеле ғазабнок мешавад ва Бежанро ба чоҳ мепартоянд Манижаро аз хонааш пеш мекунад. Бежан бо ёрии Рустам аз чоҳ баромада, Манижаро ёфта, ҳамроҳи ӯ ба ватанаш Эрон бармегардад. Фирдавсӣ дар асоси ҳамин қиссаи ишқӣ достони «Бежан ва Манижа»-ро навиштааст.

*Бинти Каъб*, ниг. *Робиаи Балхӣ.*

*Борбад* (585—648) — ҳофиз, бастакор, навозанда ва шоири форс-тоҷик. Вай дар навохтани асбоби мусиқии барбат ва суруддан ягонаи давр буд. Баъди дар сароянгагӣ ва навозандагӣ ном баровардан, ӯро ба дарбори шохи сосониён Хусрави Парвиз даъват менамоянд. Дар ин ҷо вай дар қатори сароянгагони дигар, мисли Бомшод, Ромтин, Гӯсуи Навогар, Саркаб, Саркаш, Накисои Чангӣ ҳунари сароянгагию навозандагии хешро такмил медиҳад. Борбадро яке аз аввалин шоироне мешуморанд, ки дар шакли ҳиҷоӣ шеърҳо сурудаанд. Сурудҳое, ки вай эҷод кардааст, бо номи «Хусравониёт» машҳур буда, матни онҳо низ ба қалами худи ӯ тааллуқ дорад. Миқдори сурудҳое, ки Борбад эҷод кардааст, ба 365 мерасад. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», Низомии Ганҷавӣ дар «Хусрав ва Ширин», Амир Хусрави Деҳлавӣ дар «Ширин ва Хусрав» маҳорат ва истеъдоди сароянгагии Борбадро таърифу тавсиф кардаанд.

*Борбади Ҷуҳармӣ*, ниг. *Борбад.*

*Бузургмеҳри Қасимӣ, Бузургмеҳри Қоинӣ, Абӯмансур Қосим ибни Иброҳим* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз шоирон ва арӯзиёни а. 11 форс-тоҷик. Доир ба тарҷимаи ҳол ва фаъолияти адабию илмии ӯ дар сарчашмаҳо маълумоте дастрас нашуд. Ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ шеър навиштааст, вале аз ашъори тоҷикиаш ба ҷуз абъёти пароканда чизе боқӣ намондааст. Мувофиқи гуфтаи Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам», ӯ ҳамроҳи шоир ва донишманди ҳамон аср Баҳромии Сарахсӣ се доираи нави арӯз: Мунъакиса, Мунғалата ва Мунъалақаро ихтироъ карда, дар

он бисту як бахри навбуньёди форсй-тоҷикиро ҷой додааст.

*Булаббоси Имомй*, ниг. *Абулаббоси Имомй*.

*Булмаолии Розй*, ниг. *Абулмаолии Розй*.

*Булмузаффар*, ниг. *Абулмузаффари Чағонй*.

*Булфараҷ* ниг. *Абулфараҷи Рунй*.

*Булфараҷи Рунй*, ниг. *Абулфараҷи Рунй*.

*Булҳасан*, ниг. *Ахфаши Акбар*.

*Булҳасани Урмуздй*, ниг. *Ахфаши Акбар*.

*Бӯнасри Кандарй* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз шоиронु вазирони а. 12. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ маълумот нест. Шамси Қайси Розй дар ин асар рубоии зерро аз ӯ мисол овардааст:

Бе он ки ба кас расид зӯре аз мо,
Ё гашт парешон дили мӯре аз мо.
Ногоҳ баровард бад-ин расвой,
Шӯрида сари зулфи ту шӯре аз мо.

*Бӯсалик*, ниг. *Абӯсалики Гургонй*.

*Бӯсалики Гургонй*, ниг. *Абӯсалики Гургонй*.

*Бӯтоҳири Хотунй*, ниг. *Абӯтоҳири Хотунй*.

*Бӯфирос*, ниг. *Абӯфирос*.

*Бӯшакур*, ниг. *Абӯшакури Балхй*.

*Бӯшакури Балхй*, ниг. *Абӯшакури Балхй*.

*Бӯқаламун* — бурҷи хурде дар назди Қутби Ҷанубй.

*Бӯҷабала* — куняти *Баҳроми Гӯр*.

*Гурзи Говсор, Гурзи Говчеҳр* — номи гурзи Фаридун.

*Гуштосп* — қаҳрамони афсонавии халқҳои эроннажод. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсй ӯ чун писари Луҳросп омадааст. Вай аз падараш тоҷу тахт хоҳиш мекунад, вале падараш ба ин розй намешавад. Гуштосп аз ин кори падар ғамгин гардида ба Рум меравад ва ба духтари қайсари Рум Қатоюн хонадор мешавад. Пас аз чанде падараш бародари Гуштосп Зарирро ба Рум мефиристонад, то ки ӯро гардонда биёрад. Гуштосп баргашта, бар тахт менишинад. Вай аз Қатоюн ду писар дошт — Исфандиёр ва Пашутан. Даврaи ҳукмронии Гуштосп замони пайдоиши дини зардуштист.

*Далв* — яке аз бурҷҳои осмонй. Бурҷи ёздаҳум аз бурҷҳои дувоздаҳгона.

*Дайламй* — яке аз шоирони форс-тоҷики асрҳои 11—12. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти вай маълумот хеле кам аст. Шамси Қайси Розй дар «Ал-мӯъҷам» дар мавриди ҳуруфи қофия байте аз ашъори ӯ мисол овардааст.

*Далқ* — либоси пашминаест, ки одатан дарвешон пӯшанд. Ба маънии либоси кӯҳна низ меояд.



*Дами исавй*, ниг. *Дами Исо*.

*Дами Исо* — образи шеърй, ки он ба ривояти динй доир ба пайғамбарии Исо ишора мекунад. Мувофиқи ин ривояти динй, вақте ки китоби «Инҷил» ба Исо ибни Марьям нозил шудааст, ӯ аз бани Исроил талаб намудааст, ки ӯро чун пайғамбар эътироф кунанд. Яҳудиён аз ӯ мӯъҷизае хостаанд. Гӯё бо дуои Исо мурдае бо номи Озир зинда гардидааст. Бо вуҷуди ин, бани Исроил ба пайғамбарии Исо бовар накарда, ӯро ҷодугар ҳисобида қатл карданй шудаанд. Исо аз ин огоҳ гардида ба осмон рафтааст. Шоирони форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ ба ҳамин ривоят ишора менамоянд.

*Дақиқй, Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмад* (ваф. 978) — яке аз шоирони машҳури а. 10, ҳамзамони Рӯдакй. Мувофиқи гуфтаи Низомии Арӯзии Самарқандй, чанд муддат дар дарбори амирони чағонй хидмат кардааст. Дақиқй девони ашъор дошт ва он то а. 11 мавҷуд буд, ки Носири Хусрав за он ном бурдааст. Бо хоҳиши амири сомонй Абулқосим Нӯҳ ибни Мансури Сомонй ба назми «Шоҳнома» сар карда, достони Гуштоспро дар ҳазор байт иншо кардааст, ки он бо номи «Гуштоспнома» боқй монд. Дақиқй дар қасида ва ғазалу китъа устод буда, услуби ашъори ӯ содда ва равон аст. Фирдавсй «Гуштоспнома»-и ӯро ба «Шоҳнома»-и худ дохил кард. Бо қарори ЮНЕСКО соли 1978 1000-солагии Дақиқй ҷашн гирифта шуд.

*Димиёт* — номи шаҳрест дар соҳили дарьёи Нил, аз музофоти Миср.

*Диръи довудй* — бино ба ривоятҳои исломй, ҳангоме ки Довуди пайғамбар ба ҷанги подшоҳи кофирон Ҷолут равона шуд, санге ба забон омада гуфт, ки вайро бо худ гирад, ки дар ҷанг ба кор меравад. Довуди пайғамбар он сангро ҳамроҳи худ гирифт ва вақте ки ба наздики Ҷолут расид, ӯ гуфт: «— Ту ба кадом яроқ ҷанг мекунй?» Довуд ҷавоб дод: «—Бо ин санг». Ҷолут писханде карду ба ҷанг даромад. Довуди пайғамбар санги дасташро ба тарафи Ҷолут партофт. Санг Ҷолутро ду пора кард. Инро дида лашкариёни Ҷолут роҳи гурезро пеш гирифтанд.

*Доро* — номи умумии чанд подшоҳ аз сулолаи Ҳахоманишиён. Писари Гуштосп, ки яке аз подшоҳони маъруфи сулолаи Ҳахоманишиён буд, бо номи Дорои I (522 — 486 то м.) машҳур аст. Писари Ардашери I, подшоҳи давлати Форс (солҳои 423—404 то м.)-ро Доро II меномиданд, подшоҳи давлати Форс (солҳои 336—330 то м.), писари Арсам Доро III ном дошт.

*Дуву даҳ* — дувоздаҳ бурҷи фалак (Ҳамал, Савр, Ҷавзо, Саратон, Асад, Сунбула, Мизон, Ақраб, Қавс, Ҷадй, Далв, Ҳут) дар назар дошта шудааст, ки сайёраҳои Моҳ, Уторид, Зӯҳра, Офтоб, Миррих, Муштарй, Зуҳал ин бурҷҳоро дар вақтҳои гуногун тай

мекунанд. Масалан, Моҳ дар муддати як моҳ, Офтоб бошад дар зарфи як сол масофаи ин дувоздаҳ бурҷро як маротиба тай мекунанд.

*Духтари Каъб,* ниг. *Робиаи Балхӣ.*

*Дӯшоб* — хурмои пухтагиеро гӯянд, ки аз ӯ шира чакад. Дӯшобро аз шакар низ созанд.

*Зайнабӣ,* ниг. *Зинатӣ.*

*Зайнӣ,* ниг. *Зинатӣ.*

*Заҳир,* ниг. *Заҳири Форьёбӣ.*

*Заҳири Форьёбӣ, Заҳируддини Тоҳир ибни Муҳаммад* (1160—1202) — яке аз шоирони қасидасарои а. 12 форс-тоҷик. Таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, барои такмили дониш ба Нишопур омада, дар мадрасаҳои он ҷо таҳсил кардааст. Аз ашъори шоир девон боқӣ мондааст, ки асосан аз қасида, ғазал, таркиббанд, қитъа ва рубоӣ иборат аст. Заҳири Форьёбӣ яке аз пайравон ва ривоҷдиҳандагони сабки ироқист.

*Зинатӣ, Маҳмудии Хуросонӣ* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз шоирони машҳури а. 11 форс-тоҷик. Дар замони ҳукмронии султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва писараш султон Масъуди Ғазнавӣ умр ба сар бурдааст. Аз ӯ девони ашъор боқӣ намонда бошад ҳам, намунаи ашъори ӯ дар «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ ва дигар тазкираҳо то замони мо омада расидааст. Сабки ашъори Зинатӣ содда, равон буда, хусусияти сабки хуросониро ба хотир меорад.

*Зол, Золи Зар* — яке аз қаҳрамонони «Шоҳнома»-и Фирдавсист. Писари Соми паҳлавон. Аз модар сафедмӯ ба дунёомадааст ва лақаби Золи Зар низ аз ҳамин ҷост. Дар таърих ҳамчун шоҳи одилу хирадманд ва паҳлавону хирадпеша ва пуштибони шоҳони Эрон тасвир шудааст.

*Зумуррад (зумурруд, зумруд)* — санги гаронбаҳои дараҷаи якум. Зумуррадро барои тайёр кардани ҳар гуна маснуоти заргарӣ истифода мебаранд.

*Зуҳал* — номи яке аз сайёраҳои системаи Офтоб, сайёраи шашум. Зуҳал бо номи Кайвон ва ҳамчун ситораи наҳс машҳур аст.

*Зӯҳра, Ноҳид* — сайёраи дуюмини системаи Офтоб .Зӯҳра дар байни мардум бо номҳои Ситораи Субҳ, Ситораи Саҳарӣ, Ситораи Шом низ маълум буд. Зӯҳраро мардум олиҳаи зебоӣ, суруду рақс ва хушию хурсандӣ мешумориданд.

*Иблис* — мувофиқи ривоятҳои динӣ, яке аз малоика, ки аз амри худо саркашӣ карда, Ҳазрати Одамро саҷда накард ва ин сабаб шуд, ки ӯро аз даргоҳи худо ронданд. Пас аз ин Иблис Одам ва Ҳавворо бо фиреб гандум хӯронд, ки ин боиси аз биҳишт ронда шудани Одам ва Ҳавво гардид. Шоирони форс-тоҷик дар ашъори худ дар мавриди санъати талмеҳ аз ин образ истифода мебаранд.



Гуфтам бадсигол чун Иблис,
Дур кардам аз он чу хулди ҷиноб.

*Ибни Абдулҳамид* — ин номро Шамси Қайси Розӣ дар мавриди баҳри Хафиф фақат барои исботи фикр чун мисол овардааст.

*Ибни Ал-Амид, Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Қуммӣ* (ваф. 961) — яке аз вазирону адибони маъруфи оли Бувайҳ. Падараш аз дабирони Мокон ибни Кокӣ буд, ки баъди кушта шудани Мокон ба асорат афтода, пас аз чанде соҳиби девони расоили Нӯҳ ибни Наср шуд. Ибни Ал-Амид баъди падараш ба вазорати Рукнуддавлаи Дайламӣ расид ва то охири умр дар вазорати оли Бувайҳ боқӣ монд. Вай дар илми балоғат шӯҳрат дошта, дар навиштаҳояш маонии дақиқ ва санъатҳои лафзиро ба ҳам хеле устодона истифода бурдааст.

*Ибни Муқла, Абӯалӣ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Муқлаи Шерозӣ* (858—940) — забоншинос, хаттот ва донишманди асрҳои 9—10. Аслан аз Бойзои Форс мебошад. Падараш Алӣ ибни Ҳусайн ба Бағдод рафта, дар ҳамон ҷо Ибни Муқла ба дунё меояд. Баъди дар илму дониш маъруф гардидан, аз тарафи халифа Муқтадир ба мансаб таъин гардид.

Ибни Муқларо дар таърих яке аз ихтироъкорони шаш навъи хат — сулс, риқоъ, насх, муҳаққақ, тавқеъ, райҳон медонанд.

*Ибни Қутайба, Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Муслим ибни Қутайбаи Диноварӣ (828, Бағдод — 889, ҳамон ҷо)* — яке аз адабиётшиносони машҳури араб. Аслан эронист. Бештар дар Кӯфа зиндагӣ кардааст. Ибни Қутайба аз адибони сермаҳсули замони худ ба шумор мерафт. «Уйгун-ул-ахбор» («Сарчашмаи ахбор»), «Адаб-ул-котиб» («Санъати нависанда»), «Аш-шеър в-аш-шуаро» («Шеъру шоирон») аз асарҳои машҳури вай ба шумор меравtotal.

*Иброҳими Мавсилӣ, Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Моҳон* маъруф ба Надими Мавсилӣ (ваф. 807) — яке аз навозандагон ва мусиқидонони машҳури дарбори Ҳорунаррашид. Вай аслан аз хонадони машҳури Форс буда, падараш ба Кӯфа муҳоҷират кард ва Иброҳими Мавсилӣ дар он ҷо ба дунё омад. Пас аз таҳсили ибтидоӣ, аз Кӯфа ба Мавсил рафт ва дар он ҷо зиндагӣ кард ва бо номи Иброҳими Мавсилӣ машҳур гардид. Илми мусиқиро аввал дар Мавсил ва сонӣ дар Рай аз Ҷавонвейхи Зардуштӣ омӯхт. Овозаи

созандагию навозандагии Иброҳими Мавсилӣ ӯро ба дарбори халифаи Аббосиён Ҳорунаррашид овард. Ӯ дар ин дарбор обрӯ ва нуфузи зиёд дошт. Иброҳими Мавсилӣ яке аз пешвоён ва воизони таърихи мусиқии араб ба шумор меравад.

*Имодӣ, Имодуддини Шаҳриёрӣ (Ғазнавӣ)* (ваф. 1196) — яке аз шоирони а. 12 форс-тоҷик. Ҳаёт ва фаъолияти ӯ дар Ғазна, Мозандарон ва Ироқи Аҷам гузаштааст. Аз мероси адабии ӯ девоне боқӣ мондааст, ки шомили 2500 байт буда, аз қасида, ғазал ва қитъа иборат аст. Имодӣ аз ҷумлаи шоироне будааст, ки санъатҳои бадеъиро хеле хуб ва устодона ба кор мебурдааст. Шамси Қайси Розӣ аз ӯ мисолҳои зиёди шеърӣ овардааст.

*Имруулқайс Ҳанзуҷ ибни Ҳаҷури Киндӣ* (500—540) — яке аз шоирони пешазисломии араб. Аз қабилаи кинд. Дар ҷавонӣ ба шоирӣ рағбати зиёд дошт. Ашъори лирикии ӯ хеле шӯҳрат ёфта буд. Имруулқайс дар таърихи адабиёти араб ҳамчун яке аз асосгузорони шакли шеърии қасида буда, қасидаи муаллақаи ӯ «Ҳар ду бозистед, то бигирьем...» хеле машҳур аст. Аз мероси адабии ӯ 25 қасида ва абьёти пароканда боқӣ мондааст. Дар эҷодиёти ӯ таъсири маданияти Византия ва Эрон бештар аст.

*Ирам* — мувофиқи ривоятҳои динӣ боғест, ки гӯё Шаддод ном подшоҳ дар Яман сохта будааст, ки дар замона аз вай боғи зеботаре набудааст. Дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ киноя аз боғҳои бисьёр босафост.

Дар гулистони Ирам дӯш аз лутфи ҳаво,
Зулфи сунбул зи насими саҳарӣ меошуфт.

*Ҳофиз*

*Ироқ* — давлатест дар Осиёи Ғарбӣ. Пойтахташ Бағдод. Замини ҳозираи Ироқ, яъне Байнаннаҳрайн яке аз марказҳои хеле қадими тамаддун ба шумор меравад. Асрҳои 3—7 Ироқ дар зери тасарруфи давлати Сосониён буд ва арабҳо онро дар а. 7 забт карданд. Соли 762 Бағдод бунъёд гардид ва ҳамчун маркази илмию мадании олами ислом хеле машҳур гардид ва дар инкишофи маданияти араб роли муҳим бозид.

*Искандар*, ниг. *Искандари Мақдунӣ.*

*Искандари Мақдунӣ, Искандари Кабир, Искандари Зулқарнайн* (356—323 то м.) — шоҳи Мақдун, яке аз бузургтарин ходимони давлатии дуньёи қадим, писари Филиппи II. Фалсафаро аз донишманд ва файласуфи бузург Арасту ва таҷрибаи ҳарбиро аз падараш омӯхт. Искандари Мақдунӣ зиёда аз сӣ ҳазор аскари пиёда ва панҷ ҳазор савора ҷамъ карда, ба Эрон ва Осиёи Хурд ҳуҷум карда, он ҷойҳоро ба итоати худ даровард. Вай ҳуҷуми худро ба сӯи Шарқ давом дода, соли 329 ба хоки Осиёи



Миёна зада даромад. Халқҳои сарзамини Осиёи Миёна, ки дар ҳайати давлати Ҳахоманишиён буданд, ба қӯшунҳои ӯ муқобилияти сахт нишон доданд. Аҳолии Бохтару Суғд бо сардории Спитамин ба муқобили ӯ мубориза бурданд, вале шикаст хӯрданд. Искандари Мақдунӣ барои мустаҳкам намудани империяи худ кӯшишҳои бисьёре кард. Вай Рухшона ном духтари бохтариро ба занӣ гирифта, духтарони маҳаллиро ба ҷанговаронаш медод. Дар ҳар ҷо шаҳр — қалъаҳои дорои гарнизони пурзӯр бино кард. Муаллифони гузашта ба фаъолияти вай баҳоҳои ҳархела додаанд. Дар адабиёти форс-тоҷик доир ба Искандари Мақдунӣ асарҳои зиёд офарида шудаанд. «Искандарнома»-и Низомии Ганҷавӣ ва «Хирадномаи Искандарӣ»-и Ҷомӣ аз ҷумлаи онҳост.

*Искандари Румӣ*, ниг. *Искандари Мақдунӣ.*

*Исо, Исои Масеҳ* — асосгузори дини масеҳият. Гӯё аз Марьям, ки иттифоқан аз «рӯҳи муқаддас» ҳомила шуда буд, таваллуд шудааст. Дар дини ислом Исо низ ҳамчун пайғамбар эътироф карда шудааст, ки барои ин ӯ мӯъҷизаҳои зиёд нишон дода будааст.

*Исфаҳон* — шаҳре қадим дар Эрон. Исфаҳон дар асрҳои 3—7, дар замони Сосониён маркази иқтисодӣ, маъмурӣ ва маданнии Эрон ба шумор мерафт. Соли 644 Исфаҳонро арабҳо ишғол карданд, соли 1387 лашкари амир Темур ба он ҷо ҳуҷум карда, онро ба тасарруфи худ даровард.

Дар замони ҳукмронии шоҳ Аббос I Исфаҳонро пойтахти давлати Сафавиён эълон намуданд.

*Кавсар* — мувофиқи ривоятҳои динӣ чашмаест дар биҳишт, ки тамоми чашмаҳои биҳишт аз он ҷорӣ мешаванд. Шоирони форс-тоҷик дар ашъори худ дар мавриди санъати талмеҳ аз он ном мебаранд.

Зоҳид шароби Кавсару Ҳофиз пиёла хост,
То дар миёна хостаи кирдгор чист?

Биҳишти адн хоҳӣ, биё ба мо ба майхона,
Ки аз паи хумат яксар ба ҳавзи Кавсар андозем.

*Ҳофиз*

*Кайковус* — яке аз шоҳони сулолаи Каёниён. Мувофиқи баъзе ривоятҳо вай наберан Кайқубод, дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ чун писари Кайқубод тасвир шудааст. Номи Кайковус дар «Авесто» бо номи Кави Усан, дар забони паҳлавӣ бо номи Кай Ус ва дар китоби муқаддаси ҳиндии қадим «Ведаҳо» бо номи Усанас Кавийа дучор мешавад. Дар ҳамаи нақлу ривоятҳо Кайковус чун

шоҳи бузург, паҳлавон ва лашкаркаши бузург тасвир меёбад. Гӯё тамоми забонҳоро медонистааст.

*Кайқубод* — подшоҳ, буньёдгузори сулолаи Каёниён. Доир ба Қайқубод дар сарчашмаҳои таърихӣ ва «Авесто» нақлу ривоятҳои зиёде мавҷуд аст. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ ӯро аз авлоди Фаридун мешуморад ва гӯё ӯ дар кӯҳи Албурз зиндагӣ мекардааст. Рустам бо хоҳиши Зол Қайқубодро ба Истахр оварда, ба тахти шоҳӣ мешинонад. Баъди ба тахт нишастан Қайқубод ба муқобили Афросиёб ҷанг сар кардааст.

*Калими Имрон*, ниг. *Мӯсо.*

*Камоли Исмоил*, ниг. *Қамолуддин Исмоили Исфаҳонӣ.*

*Камоли Исфаҳонӣ*, ниг. *Камолуддин Исмоили Исфаҳонӣ.*

*Камолуддин Исмоили Ҳиравӣ*, ниг. *Камолуддин Исмоили Исфаҳонӣ.*

*Камолуддин Исмоили Исфаҳонӣ* (1170—1237) — яке аз шоирони қасидасарои форс-тоҷик. Падараш — Ҷамолуддини Исфаҳонӣ аз ҷумлаи шоирони маъруф буд. Вай таълими ибтидоиро аз падараш гирифта, бо ёрии ӯ аксари илмҳои маъмули давраашро омӯхтааст. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти минбаъдаи Қамолуддини Исмоили Исфаҳонӣ маълумот хеле кам аст. Ҳамин қадар маълум аст, ки дар охирҳои умри хеш гӯшанишинӣ карда, соли 1237 аз дасти лашкариёни муғул кушта мешавад. Аз мероси адабии шоир то замони мо девони ашъор боқӣ мондааст, ки зиёда аз даҳ ҳазор байтро шомил буда, дар шаклҳои қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа, таркиббанд ва ғайра суруд шудаанд. Камолуддин Исмоили Исфаҳонӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик чун устоди қасида машҳур буда, дар қасидаҳои вай маъниҳою образҳои тоза бештар мушоҳида мешаванд. Баъзе қасидаҳои шоир характери тарҷумайҳолӣ дошта, дар онҳо бисьёр воқеа ва ҳодисаҳои замона тасвир ёфтаанд.

*Капон, қапон* — тарозуи калоне, ки як қаффа дорад.

*Кисоӣ, Абулҳасан Маҷдуддини Марвазӣ* (с. т. 953, Марв) — яке аз шоирони машҳури асри 10 форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти шоирии ӯ дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ маълумот хеле кам аст. Кисоӣ аз ҷумлаи аввалин шоиронест, ки ақидаҳои ирфонию фалсафӣ ва панду андарзро ба шеър дохил намуд. Ашъори ҳакимонаи Кисоӣ ба бисьёр шоирони баъдина таъсири мусбат расонид. Носири Хусрав баъзе қасидаҳои худро дар ҷавоби қасидаҳои Кисоӣ эҷод кардааст. Аз мероси адабии ӯ абьёти парокандае боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд оварда шудааст.

*Кисро*, ниг. *Хусрави Парвиз.*

*Ковус*, ниг. *Кайковус.*

*Мозарун, Козирун* — яке аз шаҳрҳои қадимаи Эрон. Ҳоло ҳам obод аст.



*Кос* — ҷоме, ки бо он шароб нӯшанд.

*Қофии Ҳамадонӣ, Зафар* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз шоирони асрҳои 11—12 форс-тоҷик. Мувофиқи маълумоти тазкираҳо («Лубоб-ул-албоб»-и Авфии Бухороӣ) ва асарҳои таърихӣ, Қофии Ҳамадонӣ муддате дар дарбори Маликшоҳи Салҷуқӣ хидмат карда, дар васфи дарбориён қасидаҳои мадҳӣ суруда будааст. Ӯ соҳиби девони ашъор будааст, мутаассифона, он то замони мо боқӣ намондааст. Ашъори парокандаи Қофии Ҳамадонӣ зимни тазкираҳою баёзҳо боқӣ мондааст, ки онҳо асосан, аз қасида, ғазал, қитъа ва рубоӣ иборат мебошанд.

*Қофӣ, Зафари Ҳамадонӣ*, ниг. *Қофии Ҳамадонӣ.*

*Қусайири Изза (Узза), Қусайир ва Изза (Узза)* — ошиқу маъшуқи ноком, ки афсонаи ишқашон мисли Лайлию Маҷнун дар байни мардуми араб машҳур аст. Қусайирро низ чун шоир эътироф мекунанд.

*Лайлатулқадр* (аз ар. лайл — шаб ва қадр) — мувофиқи ақидаи динӣ, шабест, ки гӯё дар он тақдири кас муайян мешавад. Ғолибан, шаби 27-уми моҳи рамазонро лайлатулқадр меҳисобанд. Ин шабро беҳтарин шаб барои ибодат кардан ҳисоб мекунанд. Гӯё дуою ибодати ҳамон шаб мустаҷоб аст, яъне қабулшаванда мебошад.

*Лайлӣ* — яке аз қаҳрамонони достонҳои арабист. Вай аз қабилаи бани Омир буда, аз кӯдакӣ ба Қайс (Маҷнун) дил мебандад. Достони ишқи Лайлӣ ва Маҷнун хеле машҳур гардида, сабаби ба вуҷуд омадани чандин достонҳои ишқӣ гардид. Аввалин ва маъруфтарини онҳо достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ ҳисоб меёбад.

Шабе Маҷнун ба Лайлӣ гуфт, ки эй маҳбуби беҳамто
Туро ошиқ шавад пайдо, вале Маҷнун нахоҳад шуд.

Ҳофиз

*Ломеъии Гургонӣ, Абулҳасан ибни Исмоил* (с. т. 1003) — шоири а. 11 форс-тоҷик. Ҳаёти давраи ҷавониашро дар Гургон гузаронида, баъди дар шоирӣ ном баровардан, ба дарбори Салҷуқиён даъват мешавад. Чанд муддат дар хидмати Амидулмулки Кундурӣ ва Низомулмулк будааст. Ломеъии Гургонӣ шоири соҳибдевон буд, мутаассифона, он то замони мо нарасидааст. Аз ашъори ӯ то имрӯз қариби 1500 байт боқӣ мондааст. Ломеъии Гургонӣ дар шоирӣ завқ ва истеъдоди баланд дошт. Шоири машҳури ҳамон давра Муиззии Самарқандӣ ба шеърҳои ӯ пайравӣ кардааст.

*Ломеъӣ*, ниг. *Ломеъии Гургонӣ.*

*Луқмон, Луқмони Ҳаким* — яке аз ашхоси афсонавист, ки дар эҷодиёти халқ ва шоирону нависандагон ба образи бадеӣ табдил ёфтааст. Мувофиқи тасвири нақлу ривоятҳои халқӣ Луқмон шах-

си донишманду фозил, табиби ҳозиқест, ки шифои тамоми беморонро мееёбад. Луқмон дар асарҳои шоирону навиисандагони гузашта чун образи мусбат машҳур аст. Баъзеҳо Луқмон ва Абӯалии Синоро як шахс медонанд.

*Лӯкарии Чангзан, (Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммади Ғазвонӣ* (с. т. ва ваф. номаълум) — шоири а. 10 форс-тоҷик. Ҳаёт ва фаъолияти шоирии вай дар замони ҳукмронии Абулқосим Нӯҳ ибни Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ гузаштааст. Вайро дар таърихи адабиёти форс-тоҷик аз ҷумлаи шоироне медонанд, ки нахустин бор қасидаи тамомматлаъ сурудааст. Аз мероси адабии Лӯкарии Чангзан то имрӯз 19 байт боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд оварда шудааст.

*Луълуӣ* — шоири а. 11 форс-тоҷик. Низомии Арӯзии Самарқандӣ ӯро дар қатори Наҷиби Фарғонӣ, Амъақи Бухороӣ ва Рашидии Самарқандӣ аз шоирони дарбори Хоқониён медонад. Шамси Қайси Розӣ дар мавриди санъати сиёқатулаъдод ду байт аз ӯ мисол овардааст.

*Лӯҳросп* — яке аз подшоҳони сулолаи Қаёниён. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ чун шоҳи одилу халқпарвар тасвир ёфтааст. Лӯҳросп баъди Қайхусрав ба тахт нишаста, тахминан 210 сол подшоҳӣ кардааст. Гуштосп ва Зарир фарзандони ӯ будаанд. Барзин ном оташкадае бино карда будааст. Баъди супурдани тахти шоҳӣ ба писараш Гуштосп, гӯшанишиниро ихтиёр кардааст.

*Мавлавӣ*, ниг. *Ҷалолуддини Балхӣ.*

*Малак* — махлуқи мавҳуми осмонӣ, ки гӯё аз рӯҳ офарида шуда, ба шакли ҷисм намоён намешудааст. Фариштаро низ малак меноманд.

*Маликшоҳи Салҷуқӣ, Абулфатҳ Ҷалолуддин* (1055—1092) — яке аз султонҳои давлати Салҷуқиён. Солҳои 1072—92 ҳукмронӣ кардааст. Бо супориши ӯ дар зери роҳбарии Умари Хайём ислоҳоти тақвим гузаронида шуд, ки он дар таърих бо номи «Тақвими Ҷалолӣ» машҳур аст.

*Мансури Мантиқии Розӣ* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз шоирони охири а. 10, ва ибтидои а. 11 форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти шоирии ӯ маълумот хеле кам аст. Аз мероси адабии вай то замони мо қариб 80 байти пароканда боқӣ мондаасту халос. Баъзе қасидаҳои ӯ шикоятӣ буда, як навъ давоми мантиқии қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ мебошанд. Сабки шеъри вай аз ҷиҳати соддабаёнӣ ва равонӣ ба услуби шеъри шоирони а. 10 наздик аст.

*Мансури Мантиқӣ*, ниг. *Мансури Мантиқии Розӣ.*

*Манучеҳрии Домғонӣ, Абӯнаҷм Аҳмад ибни Қавс ибни Аҳмад* (ваф. 1040) — яке аз шоирони машҳури қасидасарои нимаи аввали а. 11. Таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш Домғон гирифта,



баъди дар шоирӣ ном баровардан, ба дарбори Фалакулмаолӣ Манучеҳр ибни Қобус (солҳои ҳукмрониаш 1012—31) роҳ меёбад ва мегӯянд, ки сабаби Манучеҳрӣ тахаллус карданаш низ аз ҳамин ҷо мебошад. Пас аз чанде ба дарбори писари султон Маҳмуди Ғазнавӣ Масъуди Ғазнавӣ меояд. Дар ин ҷо обрӯ ва нуфузи вай хеле зиёд мегардад, ки ин боиси бухлу кини дигар шоирони дарборӣ мегардад. Манучеҳрӣ шоири соҳибдевон буда, девони ӯро асосан қасида, қитъа, мусаммат, рубоӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Дар эҷодиёти шоир қасида ҷои асосиро ишғол мекунад. Дар қасидаҳои ӯ, баробари таърифу тавсифи шоҳону вазирон, васфи ҷашнҳои мардуми эронинажод Наврӯз, Меҳргон, Сада ва тасвири манзараҳои зебои табиат мавқеи муҳим дорад. Таъсири шеъри шоирони араб дар қасидаҳои вай хеле зиёд аст. Манучеҳрии Домғонӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ҳамчун эҷодкунандаи шакли шеърии мусаммат машҳур аст. Ашъори вай соддаю равон мебошад.

*Манучеҳрӣ*, ниг. *Манучеҳрии Домғонӣ.*

*Манҳул* — шеър ё гуфтаҳои дигареро ба номи худ бастан.

*Манҳулгарӣ* — амали, гирифтани шеъри шоири дигар ва ба номи худ хондани он.

*Марв* — яке аз қадимтарин шаҳрҳои Осиёи Миёна. Асрҳои 11—12 Марв ривоҷу равнақ ёфта, пойтахти давлати Салҷуқиён буд. Дар асрҳои 12—13 яке аз марказҳои муҳими давлати Хоразмшоҳиён ҳисоб меёфт. Соли 1222 дар натиҷаи истилои муғулҳо Марв ба харобазор табдил ёфт. Дар а. 15 Марв аз нав бунёд гардид. Ҳоло Марв бо номи Марӣ машҳур буда, маркази вилояти Марии РСС Туркманистон мебошад.

*Марьям* — мувофиқи ривоятҳо ва маълумоти китобҳои динӣ, Марьям духтари Имрон ва модари Исои пайғамбар буд. Имрон ҳамеша муқими масҷиди Байтулмуқаддас буд ва писарони зиёд дошт. Ба ин муносибат шукронаи назр карда ба чунин қарор омад, ки фарзанди дигарашро муқими масҷид мекунад. Пас аз чанде Марьям таваллуд шуд. Духтар наметавонист, ки муқими масҷид шавад. Имрон ҳайрон шуд. Гӯё бо ваҳйи илоҳӣ ба Марьям иҷозат дода шуд, ки дар масҷид муқим шавад. Чун Марьям ҳаждаҳсола шуд, Ҷабраил дар сурати Юсуфи наҷҷор ворид савмаа гардида, ба Марьям хабар дод, ки ӯ Исоро бояд таваллуд кунад. Ба ривояте, пас аз нӯҳ соат ва ба ривояти дигар, пас аз нӯҳ моҳ Исо аз рӯҳулқудус ба дунё омад. Шоирони форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ ҳамин воқеаро ёдоварӣ менамоянд.

Обастании Марьями Имрон ба писар буд,
Обастании духтари ангур ба ҷон аст.

*Манучеҳрӣ*

*Масеҳ ибни Марьям,* ниг. *Исо.*

*Масеҳи Марьям* — мурод Исои пайғамбар аст. Ниг. *Исо.*

*Масъуд,* ниг. *Масъуди Ғазнавӣ.*

*Масъуди Саъд,* ниг. *Масъуди Саъди Салмон.*

*Масъуди Саъди Салмон* (1046—1121) — яке аз шоирони машҳури охири а. 11 ва аввали а. 12 адабиёти форсизабони Ҳиндустон. Падараш аслан аз Ҳамадон аст. Ҳаёт ва фаъолияти ӯ дар шаҳрҳои Лоҳур, Ғазна гузашт. Чанд муддат дар дарбори Сайфуддавлаи Маҳмуд буд ва дар ҳамин давра ба тӯҳмат гирифтор шуда, зиёда аз 10 соли ҳаёташро дар зиндонҳои Деҳак, Су ва Ной гузаронид. Аз мероси адабии ӯ девони ашъори иборат аз 15500 байт боқӣ мондааст. Масъуди Саъди Салмон дар таърихи адабиёт дар сурудани қасидаҳои шиквоия, ки бо номи «Ҳабсиёт» машҳур аст, ном баровард. Масъуди Саъди Салмонро аз ихтироъкорони шакли шеърии мустазод медонанд. Вай аз пайравони сабки хуросонӣ буд.

*Масъуди Ғазнавӣ, султон Масъуди Ғазнавӣ* (996—1041) — яке аз султонони сулолаи Ғазнавиён, писари султон Маҳмуди Ғазнавӣ. Пас аз марги Маҳмуд ба сари тахт нишаста, солҳои 1030—41 ҳукмронӣ кардааст. Падараш Маҳмуди Ғазнавӣ ҳангоми дар ҳаёт буданаш васият карда будааст, ки баъди вафоташ писари хурдии вай Муҳаммад ба тахт нишинад. Чун Муҳаммад ба тахт нишаст, Масъуди Ғазнавӣ ошӯб бардошта, Муҳаммадро кӯр кард ва бо аҳли оилааш ба зиндон партофт. Дар замони ҳукмронии Масъуди Ғазнавӣ ғорати аҳолӣ аз ҳад гузашт. Вай дар таърих чун султони золиму ҷангҷӯ ном баровард.

*Масқатурраъс* — ҷое, ки бача аз шиками модар бар замин афтад; зодгоҳ.

*Маъоҳид* — манзиле, ки ба ҳар куҷо рафта бошанд, ба вай бозгарданд.

*Маъруфии Балхӣ, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасан* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз шоирони а. 10 форс-тоҷик. Дар замони ҳукмронии амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад умр ба сар бурдааст. Аз наздикон ва ҳамсӯҳбатони Рӯдакӣ буд. Аз мероси адабии ӯ то замони мо ашъори хеле каме дар тазкираҳо ва фарҳангҳо боқӣ мондааст. Намунаи ашъори Маъруфии Балхӣ дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд оварда шудааст.

*Маъруфӣ,* ниг. *Маъруфии Балхӣ.*

*Маҳмуди Ғазнавӣ, Абулқосим* (969—1030) — яке аз султонҳои давлати Ғазнавиён, ки солҳои 998—1030 ҳукмронӣ кардааст. Вай сиёсати ҷангҷӯёнаро пеш гирифта, сарҳади давлати Ғазнавиёнро хеле васеъ намуд. Соли 999 Сомониён, соли 1008 Қарохониёнро шикаст дода, солҳои 1010—11 вилояти Ғӯрро тобеъи худ кард



Дар замони ҳукмронии худ вай чандин маротиба ба Ҳиндустон лашкар кашида, садҳо ҳазор одамонро асир гирифт. Маҳмуди Ғазнавӣ дар таърих чун шоҳи золиму торочгар машҳур аст. Дар солҳои ҳукмрониаш ба дарбор шоирону олимони зиёдеро даъват карда бошад ҳам, аммо ҳамаи ин барои шаъну шӯҳрати худ буд, на барои ҳомии шоирону олимон буданаш.

*Маҷнун бани Омир* — ошиқи нокомест, ки афсонаи ишқи ӯ бо Лайлӣ дар байни мардуми араб машҳур аст. Ба гуфтаи Ибни Қутайба дар «Китоб-уш-шеър в-аш-шуаро» номи аслии ӯ Қайси Омирӣ буда, Маҷнун лақаб гирифта, бо ҳамин тахаллус шеър менавиштааст. Сарчашмаҳои дигари адабии асрҳои 9—10 саргузашти ӯро чун зиндагии шоири воқеъӣ баён кардаанд. Дар асри 11 Абӯбакри Волибӣ ном муҳаққиқ девони ашъори Маҷнун бани Омирро фароҳам овардааст. Дар баъзе сарчашмаҳо вай бо номҳои Қайс ибни Муод, Маҳдӣ ибни Мулаввах, Маҷнуни Омирӣ ёд мешавад.

*Меҳр* — моҳи ҳафтуми соли шамсӣ, ки моҳи аввали тирамоҳ буда, ба 23 сентябрь — 22 октябрь рост меояд. Рӯзи шонздаҳуми ҳар моҳи шамсиро низ меҳр меноманд.

*Меҳргон* — яке аз қадимтарин ҷашнҳои қавмҳои эронӣ буда, ба рӯзи аввали моҳи меҳр рост меояд. Меҳргоҳро иди ҳосилот меноманд. Мувофиқи ривоятҳои қадим, гӯё рӯзи ҳабс шудани Заҳҳок дар кӯҳи Дамованд будааст. Агар Наврӯз оғози кишту кори баҳорӣ бошад, Меҳргон чун рӯзи нахустини ҷамъоварии ғалла ҷашн гирифта мешуд. Меҳргон ба 23 сентябрь — 22 октябрь рост меояд.

*Меҳситии Дабир,* ниг. *Меҳситии Хуҷандӣ.*

*Меҳситии Хуҷандӣ, Маҳастӣ* (тав. 1098) — яке аз шоираҳои а. 11 форс-тоҷик. Таълим ва таҳсили ибтидоиро бо ёрии падараш дар зодгоҳаш гирифтааст. Солҳои (1118—19) аввал ба шаҳри Ганҷа, баъд ба Балху Марв сафар кардааст. Дар Марв чанд муддат дар дарбори султон Санҷари Салҷуқӣ хидмат кардааст. Солҳои 1153—54 баргашта ба Ганҷа меравад ва то охири умри худ он ҷо зиндагӣ мекунад. Меҳситии Хуҷандӣ шоираи соҳибдевон буд, худи вай девонашро бо номи «Чоргоҳи Меҳситӣ» тадвин карда буд, мутаассифона, аз ашъори ӯ то замони мо ба миқдори 173 рубой, чанд ғазал ва ғайра боқӣ мондаасту халос. Меҳситии Хуҷандӣ шоираи озодидӯст буда, дар ашъораш оҳангҳои зидди зулм ва беҳуқуқии занон ҳис карда мешавад.

*Мизон* — номи бурҷи ҳафтум аз бурҷҳои дувоздаҳгонаи фалак. Моҳи ҳафтуми соли шамсиро, ки ба 23 сентябрь — 22 октябрь рост меояд, низ мизон меномиданд. Дар рӯзи якуми мизон шабу рӯз баробар мешавад, ки онро эътидоли тирамоҳӣ меноманд.

*Миррих* — номи яке аз сайёраҳои системаи Офтоб. Мувофиқи синоати танҷими мунаҷҷимони Шарқ барангезандаи ҷангу хунрезӣ ҳисоб мешуд. Миррих дар осмон чун ситораи равшани сурхтоб метобад. Миррих бо номи Баҳром низ машҳур аст.

*Монӣ, Зиндиқ ибни Ҳуммад* (225—276) — асосгузори таълимоти динии монавия. Монӣ дар ҷавонӣ ба мамлакатҳои зиёд, аз он ҷумла ба Мовароуннаҳру Ҳиндустон сафар кардааст ва бо таълимоти ҷараёнҳои динии барахмания, буддоия, зардуштия ва ғайра шинос шудааст. Аввалин маротиба соли 242 дар Мадоин ба тарғиби таълимоти худ, яъне монавия сар кард. Шоҳи Эрон Шопури I таълимоти ӯро маъқул донист. Таълимоти ӯ хусусияти дуалистӣ дошт. Ӯ таъкид мекард, ки дар дунёе ду қувваи ба ҳам зид — равшанию торикӣ вуҷуд дорад ва гӯё равшанӣ дар тоати зулмот (торикӣ) мебошад ва барои аз асорати зулмот озод намудани равшанӣ ӯ роҳи гӯшанишиниро пешниҳод мекард.

Коҳинони зардуштӣ ӯро сахт таъқиб карданд ва вай маҷбур шуд, ки аз Эрон гурезад. Соли 273, вақте ки Монӣ ба Мадоин баргашт, коҳинон ӯро ба қатл расониданд.

*Муайиди Насафӣ, Шиҳоб*, ниг. *Муайидуддини Насафӣ.*

*Муайидуддини Насафӣ, Шиҳоби Муайиди Насафӣ* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз шоирони а. 12 форс-тоҷик. Ҳаёти давраи ҷавониаш дар зодгоҳаш Насаф гузаштааст. Баъди дар шоирӣ ном баровардан, ба Самарқанд омада, ба дарбори Қароҳониён роҳ меёбад. Бо номи «Паҳлавоннома» маснавие навиштааст, ки ба ҳокими қароҳонӣ Паҳлавон Ҷалолуддин бахшида шудааст. Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб» ду қасида, як қитъа ва рубоие (ҷамъ 39 байт) аз ӯ намуна овардааст. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» дар мавриди санъати сирқоти шеърӣ байте аз ашъори ӯ шоҳид овардааст.

*Муайидӣ*, ниг. *Муайидуддини Насафӣ.*

*Музоҳаф* — дар арӯз баҳреро гӯянд, ки дар он зиҳоф воқеъ шуда бошад.

*Муиззӣ, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдулмалики Нишопурӣ* (1049—1127) — яке аз шоирони охири а. 11 ва ибтидои а. 12 форс-тоҷик. Падараш Абдулмалики Бурҳонӣ низ шоир буд. Ҳаёт ва фаъолияти ӯ бештар дар дарборҳои Маликшоҳи Салҷуқӣ ва султон Санҷар гузаштааст. Муиззӣ, асосан, шоири қасидасаро буд. Бештар қасидаҳои ӯ мадҳӣ буда, дар онҳо хукмронони Салҷуқӣ таърифу тавсиф карда шудаанд. Аз мероси адабии ӯ девони ашъори шомили ҳаждаҳ ҳазор байт боқӣ мондааст, ки аз қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, мусаммат, таркиббанд, тарҷеъбанд ва ғайра иборат мебошад. Шамси Қайси Розӣ дар ин асари худ дар мавриди санъатҳои бадеъӣ ва қофияю навъҳои баҳрҳои арӯз аз ашъори ӯ мисолҳои зиёд овардааст.



*Муин Муҳаммад* (1913—1971) — адабиётшинос ва забоншиноси эронӣ, профессори университети Теҳрон. Муин аз аввалин доктори университети Теҳрон буд. Доир ба адабиёт, забон, фалсафа, забонҳои қадими эронӣ ва муосири он зиёда аз 300 асари илмӣ навиштааст. Дар байни асарҳояш луғати шашҷилдаи ӯ бо номи «Луғати Муин» шӯҳрати зиёд дорад.

*Мулки Сулаймон* — мувофиқи ривоятҳои динӣ гӯё худо ба Сулаймон илова бар пайғамбарӣ дар кишвари бисёр васеъ подшоҳиро низ дода будааст. Мувофиқи ин ривоятҳо Сулаймон ҳам бар одамону деву париён хукмронӣ мекардааст ва бод, ки дар фармони ӯ буд ва ҳар чи ки дар мулки вай мегузашт, ба гӯши ӯ мерасонид. Шоирони адабиёти классикии форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ ба мулки Сулаймон ишора кардаанд.

Пеши соҳибназарон мулки Сулаймон бод аст,
Балки он аст Сулаймон, ки мулк озод аст.

*Ҳоҷӣ*

*Мулкободӣ* — яке аз шоирони охири а. 11 ва ибтидои а. 12 форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти шоирии ӯ дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ маълумоте дастрас нашуд. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» дар мавриди ҳарфи таъсиси қофия ду байти ӯро шоҳид меорад.

*Мунтаҳил* — шоире, ки шеъри дигареро ба худ нисбат диҳад.

*Мунҷики Тирмизӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз шоирони а. 10 форс-тоҷик. Баъди дар шеъру шоирӣ машҳур гардидан ба дарбори Чағониён роҳ ёфтааст. Мунҷики Тирмизӣ девони ашъор доштааст, ки ба қавли Носири Хусрав девони ӯ берун аз Мовароуннаҳру Хуросон машҳур будааст. Мунҷики Тирмизӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик чун шоири ҳаҷвгӯ шӯҳрат дорад. Мутаассифона, аз ашъори ӯ то замони мо байтҳои пароканде боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд оварда шудааст.

*Мураддаф* — шеъреро гӯянд, ки радиф дошта бошад.

*Мусиқор* — номи асбоби мусиқии қадимиест, ки аз ду най — яке дарозу дорои 6 сӯрох, дигаре кӯтоҳу дорои 4 ё 3 сӯрох иборат буда, овози хеле дилкаш доштааст. Шоири а. 8 форс-тоҷик Абӯҳафси Суғдиро аз ихтироъкорони мусиқор медонанд.

*Мустафо*, ниг. *Муҳаммад.*

*Мутанаббӣ, Абӯтайиб Аҳмад ибни Ҳусайни Ҷуъфӣ* (905—965) — яке аз шоирони араб. Мутанаббӣ хеле барвақт, аз синни 12-солагӣ ба сурудани шеър сар кардааст. Ҳамчун шоири мадҳиясаро дар дарборҳои ҳокимони Сурия, Ироқ, Миср, Ҳалаб ва

ғайра хидмат кардааст. Мутанаббӣ шоири ҳаҷвгӯ буд ва ҳамин ҳаҷвиёташ буд, ки ба ӯ қасд карда ба қатл расониданд. Аз мероси адабии вай девони ашъор боқӣ мондааст, ки аз тарафи худи шоир мураттаб шудааст. Шеърҳои Мутанаббӣ ба эҷодиёти бисьёр шоирони асрҳои миёна, хусусан ба Манучеҳрӣ, Абулаълои Маарри ва Саъдии Шерозӣ таъсири зиёд расонидааст.

*Мутбақ* — зиндон ва маҳбасеро гӯянд, ки дар зери замин сохта бошанд; зиндониеризаминӣ.

*Муханнас* — одаме, ки ҳам марду ҳам зан бошад.

*Мухторин Ғазнавӣ, Ҳаким Баҳоуддин ибни Умар* (1081—1119), яке аз шоирон ва донишмандони форс-тоҷик, вай дар ҷавонӣ қариб тамоми илмҳои замонааш — риёзиёт, тиб, нуҷум, ҳандаса, ҳикмат, ҳадис, фиқҳ, илми бадеъ, адабиёти араб ва ғайраро омӯхта, дар муддати нисбатан кӯтоҳ ҳамчун олиму шоир ном баровард. Дар ибтидо бо тахаллуси Усмон шеър месуруд. Аз мероси адабии ӯ қасида, ғазал, қитъа, таркиббанд, маснавиҳои «Шаҳриёрнома» ва «Хунарномаи Яминӣ» боқӣ мондааст. Мухторин Ғазнавӣ, асосан, шоири қасидасаро буда, бештари онҳо мадҳӣ мебошад. Саноӣ ӯро устоди худ мешуморад.

*Мухторӣ*, ниг. *Мухторин Ғазнавӣ*.

*Муштарӣ* — яке аз калонтарин сайёраҳои системаи Офтоб, ки онро Бирҷис ва Хурмуз низ меноманд. Мунаҷҷимони қадим Муштариро сайёраи нек шумурда, ба он Саъди Акбар ва Қозии Фалак ном ниҳода буданд.

*Муқарнас* — иморате ё биноеро гӯянд, ки ба сурати қарнос сохта бошанд ва қарнос кӯҳ бошад.

*Муҳаммад* (570, Макка — 632, Мадина) — воиз, ходими сиёсӣ ва асосгузори дини ислом. Муҳаммад аз авлоди бани Ҳошим (аз қабилаи Қурайш) буда, хеле барвақт ятим мондааст. Дар ибтидо чӯпонӣ мекард ва дар охир коргузор (мубошир) буд. Дар Арабистон ва берун аз он асоси таълимоти динҳои яҳудӣ, масеҳӣ ва ғайраҳоро омӯхт. Муҳаммад ба яке аз занҳои бодавлати Макка Хадича хонадор шуд. Вай эътиқодҳои бутпарастиро инкор карда, таълимоти худои қодиру ягонаро ҷорӣ намуд. Мувофиқи ривоятҳои динӣ, соли 610 яке аз шабҳои моҳи рамазон тавассути Ҷабраил ваҳйи илоҳӣ ба Муҳаммад ошкор ва китоби муқаддаси Қуръон ба ӯ нозил шуд.

*Муҳаммад Авфӣ*, ниг. *Авфии Бухороӣ*.

*Муҳаммад ибни Такаши Хоразмшоҳ*, ниг. *Муҳаммади Хоразмшоҳ*.

*Муҳаммадамин* — яке аз халифаҳои аббосӣ дар асри 8. Мусиқидони машҳури ҳамин давра Иброҳими Мавсилӣ бо ӯ дӯстии зиёд дошт.

*Муҳаммади Муин*, ниг. *Муин*.



*Муҳаммади Хоразмшоҳ* (ваф. 1220) — яке аз шоҳони давлати Хоразмшоҳиён. Солҳои 1200—20 ҳукмронӣ кардааст. Муҳаммади Хоразмшоҳ дар давраи ҳукмронии худ бар зидди Қароҳониён, Аббосиён, Ғуриён ҷангида, соли 1207 Бухороро ишғол кард. Бо фармони ӯ тамоми ҳокимони боқимондаи сулолаи Қароҳониён дар Осиёи Миёна ба қатл расонида шуд. Вай ҳуҷуми худро давом дода, Эрону Афғонистонро забт кард. Давлати Хоразмшоҳиён дар замони ҳукмронии ӯ хеле васеъ гардид. Ҳангоми ҳуҷуми муғулҳо, соли 1219 Муҳаммади Хоразмшоҳ давлати худро партофта ба Эрон гурехт ва дар яке аз ҷазираҳои баҳри Хазар вафот кард.

*Муҷир*, ниг. *Муҷируддини Байлақонӣ*.

*Муҷири Байлақонӣ*, ниг. *Муҷируддини Байлақонӣ*.

*Муҷируддин*, ниг. *Наср Муҳаммад Муҷируддин*.

*Муҷируддини Байлақонӣ, Абулмакорим* (ваф. 1190) — шоири а. 12 форс-тоҷик. Аз шоир Хоқонии Шервонӣ илми адаб омӯхтааст. Аз мероси адабии ӯ девони ашъор боқӣ мондааст, ки асосан аз қасидаю ғазал иборат мебошад. Муҷируддини Байлақонӣ дар таърихи адабиёт, асосан, чун қасидасарой машҳур аст.

*Мӯсо* — яке аз пайғамбарон, мувофиқи қисса ва китобҳои динӣ вай дар давраи ҳукмронии Валид ибни Мусъаб фиръавни Миср ба дунъё омада буд. Мунаҷҷимон ба фиръавн гуфта буданд, ки аз бани Исроил писаре ба дунъё меояд, ки кушандаи ту мегардад. Аз ин рӯ, фиръавн фармон дод, ҳар писар, ки аз бани Исроил ба дунъё меояд, бикушанд. Вақте ки Мӯсо ба дунъё меояд, модараш ӯро аз тарс дар сандуқе андохта ба дарьёи Нил мепартояд. Об сандуқро ба зери қасри фиръавн мебарад, тасодуфан канизаки Осия — зани фиръавн мебинад ва гирифта назди Осия мебарад. Осия ӯро ба фарзандӣ қабул мекунад, аммо кӯдак аз пистони ҳеҷ кас шир намемакад. Модарашро ба доягӣ қабул мекунанд. Ҳамин тариқ, Мӯсо дар хонаи фиръавн ба воя расид. Рӯзе яке аз Қубтиёнро кушт ва маҷбур шуд, ки гурезад. Назди Шаъиб пайғамбар рафт ва муддате чӯпонӣ кард ва духтари ӯро ба занӣ гирифту ба Миср сафар намуд. Шаъиб ба Мӯсо асои худро тақдим кард. Дар роҳ, дар биёбоне, ки онро Водии Айман меноманд, зани ӯро дарди кӯдак гирифт. Мӯсо барои об рафт ва бар сари дарахте равшанӣ дид ва нидо омад: «Анна аналлоҳ» ва мӯъҷиза бар ӯ кароматі шуд. Мӯсо мӯъҷизаро ба фиръавн арз кард, аммо фиръавн имон наоварда, баръакс Мӯсоро дар сеҳру ҷодугарӣ муттаҳам намуд. Мӯсо ва бани Исроил аз Миср ҳиҷрат карданд ва аз дарьёи Нил гузаштанд, Қубтиён бошанд дар дарьё ғарқ шуданд. Мӯсо барои муноҷоти худо ба кӯҳи Тур рафт. Худо китоби Тавротро ба номи ӯ нозил кард. Мӯсо бо худо сухан гуфт ва хоҳиш кард, ки дидорашро нишон диҳад, аммо ҷавоб

омад, ки лан таронӣ, яъне ҳаргиз маро нахоҳӣ дид. Шоирони форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ аз қиссаи Мӯсо истифода мебаранд.

*Мӯсои Набӣ*, ниг. *Мӯсо.*

*Назирӣ* — яке аз шоирони охири а. 11 ва ибтидои а. 12. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти шоирии ӯ маълумоте дар даст надорем. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» ҳафт байти шеъри ӯро мисол меорад.

*Насноc* — махлуқи афсонавии ба сурати нисфи одам, ки гӯё як пою як дасту як чашм дошта бо ҷастухез роҳ мерафтааст.

***Наср Муҳаммад Муҷируддин*** — яке аз шоҳони Салҷуқӣ, мамдӯҳи Разии Нишопурӣ. Шамси Қайс дар ин асари худ чанд байте аз Разии Нишопурӣ мисол овардааст, ки дар он васфи Наср Муҳаммад Муҷируддин карда шудааст.

*Насри Тоир* — ситораест, ки шаклаш ба каргас монанд буда, ҳар ду болаш кушода аст. Аттоир низ мегӯянд. Шоирони форс-тоҷик дар ашъори худ онро мавриди санъати талмеҳ истифода бурдаанд.

Бар сари он хони иззат Насри Тоир дон
магас,
Балки парри Ҷабраил он ҷо магасрон
омада.
*Хоқонӣ*

*Натанзӣ*, ниг. *Назирӣ.*

*Нафхи сур, нафхаи сур* — мувофиқи ривоятҳои динӣ, боде будааст, ки Исрофил ном фаришта дар рӯзи қиёмат ба шайпур дамида, бо овози он гӯё ҳамаи мурдагонро зинда мекардааст. Маҷозан рӯзи қиёмат дар назар дошта шудааст.

*Низомии Ганҷавӣ, Абӯмуҳаммад Ильёс ибни Юсуф* (1141 — шаҳри Ганҷа, хозира Кировободи Озарбойҷон — 1209) — шоир ва мутафаккири озарбойҷонӣ. Устоди бузурги шеъри форсӣ. Тамоми ашъорашро ба забони форсӣ-тоҷикӣ навиштааст. Дар хурдӣ аз падар ятим монда, тарбияи модарашро гирифтааст. Ӯ илмҳои асосии замонашро аз худ карда, дар синни ҷавонӣ ба шеъргӯӣ сар кардааст. Бо шоири машҳури замонаш — Хоқонии Шервонӣ дӯстӣ дошт. Низомии Ганҷавӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик бо «Хамса»-и худ машҳур аст. «Хамса» аз панҷ достон иборат мебошад: «Махзан-ул-асрор», «Хусрав ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ҳафт пайкар» ва «Искандарнома». Достонҳои Низомии Ганҷавӣ дар асрҳои баъдина мавриди ҷавоби бисёр шоирони бузург гардид. Дар байни шоироне, ки ба «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ ҷавоб навиштаанд, «Хамса»-ҳои Амир Хусрави Деҳлавӣ, Алишер



Навой ва «Ҳафт авранг»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ шӯҳрати зиёд доранд. Агар шоир дар достонҳои «Махзан-ул-асрор», «Хусрав ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ҳафт пайкар» идеяи шоҳи одилро тарғиб карда бошад, дар достони «Искандарнома» ғояи социализми хаёлиро тараннум карда, ҷамъияти феодалиро маҳкум менамояд.

*Низомии Ганҷаӣ*, ниг. *Низомии Ганҷавӣ.*

*Низомулмулк, Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тӯсӣ* (1017—1092) — вазири шоҳҳои Эрон Алпарслон ва Маликшоҳ. Вай дар баробари вазирӣ, донишманди хуб ҳам буд. Аз 15 марти 1079 тақвиме, ки ӯ тартиб дода буду шоир ва донишманди машҳур Умари Хайём тасҳеҳ дароварда буд, қабул гардид. Шӯҳрат ва овозаи Низомулмулк дар замони вазириаш хеле афзуд. Мутаассифона, ӯро соли 1092 ба қатл расониданд. Вай муаллифи «Сиёсатнома» мебошад, ки доир ба усули мамлакатдорӣ баҳс мекунад.

*Низомӣ*, ниг. *Низомии Ганҷавӣ.*

*Ноҳид* — номи дигари сайёраи Зӯҳра, ки чун сайёраи мутрибону хуньёгарон машҳур аст.

*Нӯрд* — номи қадимии шаҳри Козирун.

*Нӯъмон ибни Манзар ибни Умар ибни Манзар ибни Умар ибни Алӣ* — ҳокими мулки Ҳира, ки гӯё Яздигурди Сосонӣ писараш — Баҳроми Гӯрро назди ӯ фиристод, то ки ӯро тарбият кунанд. Дар ҳамин ҷо бо фармони Яздигурд барои Баҳром қасрҳои Хурнаку Садирро бунёд карданд.

*Нӯшервони Одил, Хусрави Аввал* — яке аз шоҳони сулолаи Сосониён, писари Қубод. Дар замони ҳукмронии падараш Қубод Маздак оини нав ҷорӣ намуд, ки Қубод дар ибтидо онро қабул кард, вале пас аз чанде аз он дин рӯ гардонида, Нӯшервонро фармон дод, ки Маздак ва маздакиёнро бикушад. Вақте ки Нӯшервон ба сари тахт нишаст, ба ободии мамлакат аҳамият дод. Дар замони Нӯшервон шатранҷ аз Ҳинд ба Эрон оварда шуд, инчунин бо супориши вай китоби «Калила ва Димна» тавассути Барзуяи табиб ба Эрон оварда ва ба забони паҳлавӣ тарҷума карда шуд. Ибни Муқаффаъ дар а. 8 ҳамин тарҷумаро ба забони арабӣ гардонид. Нӯшервони Одил дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ҳамчун образи шоҳи раъиятпарвар ва додгар машҳур аст.

Нӯшервон дар забони арабӣ бо номи Кисро машҳур аст ва дар адабиёти форс-тоҷик баъзан бо ҳамин ном дучор меояд.

*Нӯҳ* — номи яке аз пайғамбарон. Мувофиқи ривоятҳои динӣ, зиёда аз ҳаштод нафар одам ба ӯ имон оварданд. Худо ба вай ваҳӣ намуд, дарахти соҷ шинонад. Чун он дарахт калон шуд, аз чӯбаш киштии бузурге сохт, ки аз се табақа иборат буд: табақаи якум барои ҳайвонот, табақаи дуюм барои одамон, табақаи сеюм

барои паррандагон. Вақте ки тӯфони азиме хест, Нӯҳ бо хонаводаю ҳаммаслакони хеш дар киштӣ нишастанд ва онҳое, ки ба ӯ эътиқод надоштанд, дар об ғарқ шуданд. Пас аз итмоми тӯфон киштӣ дар кӯҳи Ҷудӣ, дар Мавсил қарор гирифт. Шоирони адабиёти форс-тоҷик дар ашъори худ, дар мавриди санъати талмеҳ ба ҳамин воқеа ишора кардаанд.

Аз оби дида сад раҳ тӯфони Нӯҳ дидам,
Аз лавҳи сина харгиз нақшат нагашт зоил

*Ҳофиз*

*Оби Зиндагонӣ* — мувофиқи ривоятҳои динӣ, обест, ки Хизр дар ҷустуҷӯи он ба зулмот рафт ва аз он нӯшиду умри ҷовидонӣ ёфт. Оби Зиндагонӣ дар адабиёт бо номҳои Оби Ҳайвон, Оби Хизр, Оби Зиндагӣ низ дучор меояд. Шоирони адабиёти классикии форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ ба ҳамин воқеа ишора мекунанд.

Дӯш вақти саҳар аз ғусса наҷотам
доданд
В-андар он зулмати шаб Оби Ҳаётам
доданд

*Ҳофиз*

*Оби Ҳаёт*, ниг. *Оби Зиндагонӣ.*

*Оғанд* — ресмонеро гӯянд, ки хӯшаҳои ангурро ба он овезанд.

*Одам* — дар асотири мусулмонон, яҳудиён ва насрониён нахустин одам ва падари одамиён, ҷуфти Ҳавво, ки гӯё худованд ӯро аз хок офарида, баъди чиҳил рӯз ба қолаби ӯ ҷон ато кардааст. Бо фармони худо тамоми малоик ба Одам саҷда карданд, ғайри Иблис. Худо Одамро дар биҳишт ҷой дод ва гӯё Ҳавворо аз қабурғаи чапи ӯ офарид ва хӯрдани гандум (ба ривояти Таврот хӯрдани себ)-ро ба онҳо манъ кард. Ва гӯё Иблис бо ёрии мор вориди биҳишт гардида Одам ва Ҳавворо ба васваса андохт, то ки гандум хӯранд. Аз ин рафтори онҳо ғазаби худованд омад ва Одаму Ҳавворо аз биҳишт берун кард ва онҳо бар Сарандеб ном мавзеъи Ҳиндустон фуруд омаданд (ин амрро дар истилоҳоти динӣ Ҳубути Одам гӯянд). Дар афсонаю ривоятҳои динию халқӣ Одам бо номҳои Ҳазрати Одам, Абулбашар, Булбашар, Халифатуллоҳ, Сафиуллоҳ, Абулвафо, Абӯмуҳаммад, Муаллимуласмо, Абодим ва ғайра дучор меоянд. Шоирони адабиёти классикии форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ ба қиссаи Одам ишора мекунанд:

Афсонаи бетамизии оламро,
Фаҳме куну вогузор бешу камро.



Шайтон гардид қобили тавқи лаънат
Берун карданд аз биҳишт Одамро.

*Бедил*

*Озар* — падари Иброҳими пайғамбар, ки буттарош буд.

*Озарбади Маҳраспандон* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз мӯбадон ва рӯҳониёни бузурги зардуштияи замони Сосониён. Ҳаёт ва фаъолияташ дар давраи Шопури II (309—379) гузаштааст. Озарбади Маҳраспандон дар дарбор баъди шоҳ шахси дуюми давлатӣ буд. Дар тарғиб ва ташвиқи дини зардуштӣ кӯшиши бисьёр кардааст. Китоби «Хурд Авасто»-ро аз таълифоти ӯ мешуморанд. Озарбади Маҳраспандон бо номи «Вачак-е чанд-и Отурпат-и Маҳраспандон» («Чанде аз гуфтори Озарбади Маҳраспандон») насиҳатномае дорад, ки аз панду ҳикмат иборат аст.

*Озарбодини Зародистони Ҳаким*, ниг. *Озарбади Маҳраспандон.*

*Осаф* — вазири Сулаймони пайғамбар. Дар замони вазирии ӯ гӯё корҳои давлатӣ ба тартибу низом даромада будааст. Осаф чи дар адабиёти классикии араб ва чи дар адабиёти классикии форс-тоҷик ҳамчун тимсоли доноиву ботадбирӣ дар корҳои вазорат шӯҳрат дорад.

*Оғаҷии шоир*, ниг. *Оғоҷӣ.*

*Оғоҷӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Ильёс Оғаҷии Бухороӣ* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз амирони маъруфи давлати Сомониён ва шоири а. 10 форс-тоҷик. Муосири Дақиқии шоир. Ба забонҳои арабӣ ва дарӣ-тоҷикӣ шеър месуруд. Аз мероси адабии ӯ чанд байт ва қитъае боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) дарҷ гардидааст. Шамси Қайси Розӣ дар ин асараш се байти ӯро намуна овардааст.

*Пиндори Розӣ, Хоҷа Камолуддин Абулфатҳ* (ваф. 1011) — яке аз шоирони а. 11 форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти шоирии ӯ дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ маълумот хеле кам аст. Ба забонҳои арабӣ, форсӣ-тоҷикӣ ва лаҳҷаи табарӣ (Табаристон) шеър мегуфт. Аз мероси адабии ӯ то замони мо абьёти парокандае боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд оварда шудааст. Шамси Қайси Розӣ дар ин асар чанд байти ӯро барои мисол овардааст.

*Рабанҷанӣ, Абулаббос Фазл ибни Аббоси Рабанҷанӣ* — яке аз шоирони а. 10 форс-тоҷик. Ҳаёти давраи ҷавонии ӯ дар Рабанҷан, ки яке аз мавзеъҳои онвақтаи Суғд буд, гузаштааст. Баъди дар шоирӣ ном баровардан, ба доираи адабии дарбори Сомониён роҳ ёфтааст. Дар вафоти амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад (906—943) марсияе навиштааст. Аз мероси адабии ӯ то замони мо 6 байт боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд овардаанд.

*Разии Нишопурӣ, Абӯҷаъфар Муҳаммад Разиуддини Нишопурӣ* (ваф. 1202) — яке аз шоирони а. 12 форс-тоҷик. Ҳаёти даврaи ҷавонишро дар Балх гузаронида, барои такмили илму дониш ба шаҳрҳои Осиёи Миёна сафар кардааст. Баъди шоири маъруф гардидан, аввал ба дарбори Тамғочхон Иброҳим ибни Ҳусайн ва писараш Арслонхони Усмон, сонӣ ба дарбори Туғрали Салҷуқӣ роҳ меёбад. Охири умрашро дар гӯшанишинӣ гузаронидааст. Аз мероси адабии Разии Нишопурӣ девони ашъори шомили 4000 байт ва асаре бо номи «Макорим-ул-ахлоқ» боқӣ мондааст. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» дар мавриди санъатҳои бадеъ аз ашъори вай мисолҳои зиёд овардааст.

*Разиуддини Нишопурӣ*, ниг. *Разии Нишопурӣ*.

*Рай* — яке аз шаҳрҳои калони Эрон буд ,ки баъди ҳуҷуми муғулҳо хароб гардид. Ҳоло баъзе харобаҳои он дар наздикии Теҳрон аст.

*Расулҳуммо* — аввали ишқ ва таб, ки дар дилу тани одам пайдо шавад.

*Рафраф* — тахте, ки Ҳазрати Расул, яъне Муҳаммад пайғамбар бар он нишаста ба меъроҷ рафта буд.

*Рахш* — номи аспи Рустам. Баъзан шоирон дар шеъри худ Рахшро ба маънии асп истифода бурдаанд.

Гарди ту ба поя тахти Ҷамшед,  
Хинги ту ба соя Рахши Рустам.

*Анварӣ*

*Рашид*, ниг. *Рашидии Самарқандӣ*.

*Рашиди Ватвот, Саъдулмулк Рашидуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Абдулҷалили Балхӣ* (1087—1178) — шоир ва донишманди машҳури форс-тоҷик. Дар зодгоҳаш Балх таҳсил карда, аксари илмҳои маъмули давраашро аз худ намудааст. Баъдтар ба Хоразм омада, ба дарбори Хоразмшоҳиён роҳ ёфт ва соҳиби девони расоили дарбори Отсиз гардид. Аз ӯ девони ашъори шомили 8563 байт боқӣ мондааст, ки аз қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ ва ғайра иборат аст. Асари ӯ «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» хеле машҳур аст. Расоил ва муншаотеро, ки ба забонҳои форсию арабӣ навишта буд, дар маҷмӯаҳои «Абкор-ул-афкор фӣ-р-расоил ва-л-ашъор» ва «Ароис-ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир» гирд оварда шудааст. Доир ба илми арӯз бо номи «Рисолаи арӯз» ё «Ақсом-ул-буҳур» асаре таълиф кардааст. Шамси Қайси Розӣ дар ин асар дар чандин мавриди аз ашъори ӯ намуна меорад.

*Рашидии Самарқандӣ, Абӯмуҳаммад ибни Муҳаммад* — яке аз шоирони охири а. 11 ва аввали а. 12 форс-тоҷик. Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» ӯро аз шоирони дарбори Қарохониён медонад. Аз мероси адабии ӯ то замони мо шеърҳои чудогона боқӣ мондааст, ки аз маҳорати баланди шоирии вай гувоҳӣ медиҳад. Бо номи «Зинатнома» ва «Меҳру Вафо» манзумаҳо навишта будааст, ки то имрӯз дастрас нест. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» дар мавриди санъатҳои бадеъни таҷниси хат, муроотн назир, тавшеҳ 29 байт аз ашъори вай шоҳид меорад.



*Рашидуддини Ватвот*, ниг. *Рашиди Ватвот*.

*Робиаи Балхӣ, Робиа бинти Каъби Қаздорӣ* (с. т. ва ваф. номаълум) — шоираи асри 10 форс-тоҷик. Аз муосирони Рӯдакист. Падари Робиа аслан араб буда, раисии қабилаи Қаздори шаҳри Балхро дар ӯҳда дошт Робиаи Балхӣ дар ҷавонӣ улуми маъмули замона, хусусан, дар назди муаллимони алоҳида илми шеъру адабро омӯхтааст. Қиссаи ишқи ӯ бо Бектош ном ғуломи бародараш хеле машҳур аст. Аз мероси адабии Робиаи Балхӣ то замони мо ҳаштод байт боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд оварда шудааст. Шамси Қайси Розӣ дар мавриди баҳри Музореъ як байти ӯро шоҳид овардааст.

*Рофеъӣ, Азизуддин* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз шоирони охири а. 11 ва ибтидои а. 12 форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ маълумот хеле кам аст. Ба қавли Муҳаммад Авфии Бухороӣ, ӯ аслан исфароинист. «Аз рӯъёни Исфароин ва маорифи Хуросон аст. Ҷавоне дар ҳар ҳунар тамом ва дар ҳар фанн моҳир». Аз мероси адабии ӯ то замони мо ҳамагӣ шаш байт боқӣ мондааст.

*Рустам* — қаҳрамони асосии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, яке аз образҳои машҳури фольклори мардуми эронинажод, ки дар байни дигар халқҳои Шарқи Миёна ва Наздик шӯҳрат дорад.

*Рӯдакӣ, Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар Муҳаммад* (858, деҳаи Рӯдак, ҳозира Панҷрӯди р-ни Панҷакент — 941, ҳамон ҷо) — шоир, асосгузори адабиёти классикии форс-тоҷик.

*Савр* — дар илми нуҷум номи бурҷест (бурҷи дуюм) аз дувоздаҳ бурҷи осмон, ки ба тоҷикӣ Гӯсола меноманд.

*Садди Искандар, Садди Искандарӣ, Садди Сикандар* — мувофики ривоятҳо деворест, ки Искандари Мақдунӣ барои бастани пеши роҳи лашкари Яъҷуҷу Маъҷуҷ сохта будааст. Бисёр шоирони классики форс-тоҷик онро ҳамчун образи шеърӣ истифода намудаанд. Садди Искандар бо номҳои Садди Яъҷуз, Садди Булабвоб (Бобулбоб) низ машҳур аст.

*Садир* — қасре, ки подшоҳи Ҳира Нӯъмон ибни Манзар барои Баҳроми Гӯр сохт, ки дорои се гунбаз ё се дайр буд. Садир бо номи Се Дайр низ машҳур аст.

*Сайид Ашраф*, ниг. *Ашраф*.

*Сайид Ҳасан*, ниг. *Ашраф*.

*Сайид Ҳасани Ашрафии Ғазнавӣ*, ниг. *Ашраф*.

*Сайид Ҳасани Ғазнавӣ*, ниг. *Ашраф*.

*Сайфии Нишопурӣ, Алӣ ибни Аҳмад* (с. т. ва ваф. номаълум) — шоир ва нависандаи охири а. 12 форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ маълумот хеле кам аст. Вай дар таърихи адабиёт чун шоири қасидасаро машҳур аст. Муддате дар дарбори Салҷуқиён хидмат кардааст, дар мадҳи ҳокимони салҷуқӣ (султон Текиш) қасидаҳо сурудааст. Аз мероси адабии ӯ то замони мо шеър хеле кам боқӣ мондааст. Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб» 4 ғазал ва 2 рубоӣ (ҷамъ 25 байт) ва Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам» шаш байти як қасидаи ӯро дар мавриди санъати эънот илтизом овардаанд.

*Сайфуддини Абулазиз* — яке аз мамдӯҳони Разии Нишопурист, ки вай дар қасидаи хеш ӯро ёдоварӣ намудааст.

*Салҷуқиён* — сулолае, ки дар натиҷаи забткориҳои бодиянишинони ғуз ба вуҷуд омада, солҳои 1040—1157 дар Шарқи Миёна ва Наздик ҳукмронӣ кардаанд. Туғрали Салҷуқӣ (1038—63), Алпарслон (1063—72), Маликшоҳи Салҷуқӣ (1072—92), писарони Маликшоҳи Салҷуқӣ Маҳмуд (1092—94), Баркиёрук (1094—1104), Маликшоҳи II (1104—05), Муҳаммад (1101—18), султон Санҷар (1118—57) аз ҳукмронони асосии ин сулола ҳисоб меёфтанд.

*Саноӣ, Абдулмаҷид Маҷдуд ибни Одам* (1079—1140) — яке аз намояндагони машҳури ирфону фалсафа, шоири форс-тоҷик. Дар ибтидо, дар дарбори султон Масъуди III хидмат карда ,баъди фаҳмидани разолату нобаробарии дарбориён шаҳри Ғазнаро тарк карда, ба сафар мебарояд. Саноиро асосгузори назми фалсафию дидактикӣ медонанд. Вай соҳибдевон буда, муаллифи достонҳои «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа», «Сайр-ул-ибод ил-ал маод», «Қорномаи Балх», «Ишқнома», «Ақлнома», «Тариқат-ул-таҳқиқ» мебошад.

*Сарахс* — яке аз шаҳрҳои қадимии Хуросон, дар сарзамини Туркманистони ҳозира.

*Сари Пул* — номи шаҳри хурде, ки дар наздикии Самарқанд воқеъ будааст.

*Саъиди Ҳиравӣ, Саъдуддин*, ниг. *Саъдуддин Саъиди Ҳиравӣ*.

*Саъдуддин Саъиди Ҳиравӣ* (ваф. 1364) — шоири охири а. 13 ва ибтидои а. 14 форс-тоҷик. Вай асосан, шоири қасидасаро буда, бештар дар сабки ироқӣ шеър гуфтааст. Ба гуфтаи Ризоқулихони Ҳидоят, ӯ девони ашъор доштааст, ки мутаассифона, ҳанӯз дастрас нест. Шамси Қайси Розӣ се байти ӯро мисол овардааст.

*Се Дайр* — номи тоҷикии Садир, Ниг. *Садир*.

*Сеҳри ҳалол* — сеҳру ҷодуе, ки мухолифи гуфтаҳои ислом нест, яъне ҳунари ҳайратангезе, ки аз роҳи найранг набошад. Дар адабиётшиносӣ бошад, шеъри хубу фасеҳ ва баландмазмунро сеҳри ҳалол меноманд.



*Сибавайҳ, Абӯбишр Амир ибни Усмон ибни Қанбар* (750—793) — забоншиноси араб, намояндаи мактаби забоншиносии Басра, шогирди Халил ибни Аҳмад. Вай муаллифи аввалин грамматикаи мукаммали забони арабӣ «Ал-китоб» мебошад, ки то давраи мо расидааст.

*Симоки Рамҳ, Симоки Ромеҳ* — номи яке аз ду ситораи Симок, ки ба ақидаи ситорашиносони қадим дар назди худ ситораи дигаре дорад ва он ситораи сеюмро Найзаи Симок меноманд.

*Симурғ* — мурғи афсонавиест, ки гӯё маконаш дар пушти кӯҳи Қоф будааст. Аз ҷумлаи образҳои фольклор ва адабиёти форс-тоҷик аст. Мувофиқи тасвири Фирдавсӣ дар «Шоҳнома, Симурғ писари Сом Золро аз кӯҳи Албурз гирифта бо ҷӯҷаҳояш парвариш кард. Сом хобе дид ва баъди ин дар ҷустуҷӯи фарзандаш шуд. Симурғ Золро ба Сом дода, парро аз боли худ канда, ба ӯ супурд, то ки вақти зарурате онро ба оташ андохта, Симурғро ба ёрӣ даъват кунад. Зол ҳамин корро ҳангоми ҷанги Рустаму Исфандиёр истифода кард ва бо хоҳиши Зол Симурғ ба ёрии Рустам омада бо тадбири ӯ Исфандиёр бо дасти Рустам кушта шуд. Дар «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридуддини Аттор Симурғ чун шоҳи мурғон тасвир ёфтааст, ки макони вай кӯҳи Қоф аст. Паррандагоне, ки ба ҷустуҷӯи Симурғ ба кӯҳи Қоф мераванд, баъди ба он ҷо расидан мебинанд, ки Симурғ ном паррандае набудааст, балки Симурғ худи онҳоянд, чунки аз ҳамаи паррандагоне, ки азми сафар карда буданд, фақат сӣ мурғ то манзил, яъне то кӯҳи Қоф расида буданд ва мақсад аз Симурғ ҳамон сӣ мурғ будааст. Азбаски касе Симурғро (Анқо муродифи арабии он аст) надидааст, шоирону нависандагон чизҳои ноёбро ба он ташбеҳ мекунанд. Аксарияти шоирони форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ Симурғро истифода бурдаанд.

*Сомирӣ* — мувофиқи ривоятҳои динӣ шахсе будааст, ки ба Мӯсо пайғамбар пайравӣ карда, дар ғоиби ӯ гӯсолаи заррине месозад ва хоки замине, ки суми аспи Ҷабраил дар он гузошта буд, ба гӯсола меафшонад ва баъди ин гӯё гӯсола ба забон омада роҳ мегардад. Сомирӣ бо ин восита бани Исроилро гумроҳ кард. Чун Мӯсо аз ин ҳодиса огоҳ шуд, мардумро аз гумроҳӣ халос карда, гӯсолаи Сомириро кушт. Шоирони адабиёти форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ ин воқеаро истифода мебаранд.

*Сулаймон* — мувофиқи ақидаи динӣ яке аз пайғамбарони бани Исроил, писари Довуди пайғамбар аст. Тамоми деву париҳо сар зери фармони ӯ доштаанд. Ӯро подшоҳи деву париҳо ҳам мегӯянд.

*Султон Малик*, ниг. *Маликшоҳи Салҷуқӣ*.

*Султон Масъуд*, ниг. *Масъуди Ғазнавӣ*.

*Суҳайл* — ситораест дурахшон дар қисми ҷанубии осмон, ки онро Суҳайли Яман ё Суҳайли Ямонӣ низ меноманд.

*Суҳо* — дар илми нуҷум номи ситораи бисьёр хурдест дар Банотуннаъш, ки дар паҳлуи ситораи дуюм аз се ситораи Банот менистад.

*Сӯзании Самарқандӣ, Ҳаким Шамсуддин Муҳаммад ибни Масъуд* (1091—1173) — шоири форс-тоҷик. Вай дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун шоири қасидасаро машҳур аст. Бештар ашъори ҳаҷвию мутоибавӣ сурудааст. Аз Сӯзании Самарқандӣ девони ашъори шомили 12 ҳазор байт боқӣ мондааст.

*Сӯзанӣ,* ниг. *Сӯзании Самарқандӣ.*

*Тавз* — номи яке аз шаҳрҳои қадимии Хиҷистону Аҳвоз.

*Тахаллус* — дар илми бадеъи классикии тоҷик яке аз ҷузъҳои қасидаи мадҳист, ки шоир баъди сурудани насиб, ташбиб ё тағаззул як ё якчанд байтро меорад, ки барои гузаштан ба мадҳ восита шавад. Номи иловагии махсуси шоирро, ки тадриҷан ба он ном машҳур гардидааст, низ тахаллус меноманд. Масалан, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва ғайра номи ҳақиқии онҳо набуда, балки тахаллуси шоирии онҳост.

*Таъбиди Розӣ* — яке аз шоирони охири а. 12 ва ибтидои а. 13 форс-тоҷик. Доир ба ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти шоирии ӯ маълумот хеле кам аст. Шамси Қайси Розӣ дар мавриди санъати сирқоти шеърӣ — салх ду байти ӯро шоҳид овардааст.

*Тир* — номи дигари сайёраи Уторид (Аторуд), ки дар ҳайати қадим ба шакли котиб тасвир мешуд. Моҳи чоруми соли шамсиро, ки ба 22 июнь — 22 июль рост меояд, низ тир меноманд.

*Тубо, тубӣ* — мувофиқи ривоятҳои исломӣ номи дарахтест дар биҳишт, ки гӯё меваҳои гуногун ва хушбӯй доштааст.

*Тур* — мувофиқи ривоятҳои исломӣ номи кӯҳест, ки Мӯсои пайғамбар бар рӯи он барои гуфтугӯ бо худо мерафт. Вақте ки Мӯсо аз худо илтиҷо кард, ки ҷамолашро нишон диҳад, хитоб омад, ки лан таронӣ, яъне маро намебинӣ, Баъди ин худо бар кӯҳ таҷаллӣ кард ва кӯҳ пора-пора шуду Мӯсои пайғамбар беҳуш гардиду ба замин афтод. Шоирони адабиёти классикии форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ ба ҳамин воқеа ишора кардаанд.

*Умари Хайём, Хайём* (1040—1123) — шоир, файласуф ва донишманди бузурги асрҳои миёнаи форс-тоҷик.

*Унайза* — номи духтарест, ки шоири пешазисломии араб Имруулқайс бо ӯ ишқ меварзид.

*Унсурӣ, Абулқосим Ҳасан ибни Аҳмад Унсурии Балхӣ* (970—1050) — бузургтарин шоири қасидасарои адабиёти форс-тоҷик. Ҳаёт ва фаъолияти шоирии ӯ, асосан, дар дарборҳои султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва писари вай Масъуди Ғазнавӣ гузаштааст. Унсурӣ дар таърихи адабиёт, асосан, чун шоири мадеҳасаро машҳур аст.



Вай дар дарбори султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба дараҷаи малик-уш-шуароӣ расида буд.

*Фалакии Шервонӣ, Наҷмуддин Абӯнизом Муҳаммад* (ваф. 1192) — шоири форс-тоҷик. Зодгоҳаш Шамоҳӣ. Қариб тамоми илмҳои замонаашро аз худ карда, дар илми нуҷум устод будааст. Бо тахаллуси Фалакӣ шеър сурудааст. Аз шогирдони Абулаълои Ганҷавӣ буда, назди ӯ илми шеъру адаб омӯхтааст. Аз ӯ девони ашъор боқӣ мондааст, ки тақрибан ду ҳазор байтро дар бар мегирад.

*Фарзин, Фарразин* — номи қалъаест дар Форс, ки Шамси Қайси Розӣ мусаввадаи китоби «Ал-муъҷам»-ро дар ҳамин ҷо гум карда буд, баъдтар, соли 1231 бо ёрии деҳқонони ин ҷо нисфи зиёди мусаввадаи он китобро ёфт.

*Фаридун* — яке аз персонажҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Аз авлоди Таҳмурас, писари Обтин, ки дар кӯдакиаш Заҳҳоқ падари ӯро кушта буд ва модараш вайро ба марғзоре бурда, бо шири гове калон карда буд. Вақте ки Коваи оҳангар ба муқобили Заҳҳоқ мубориза бурд, Фаридунро ба тахти шоҳӣ таклиф кард. Фаридун дар ҷанг бар муқобили Заҳҳок ғалаба кард ва ӯро дар кӯҳи Дамованд зиндонӣ намуд ва худ ба тахти шоҳӣ нишаст.

*Фаридуни Аттор,* ниг. *Аттор.*

*Фаррухӣ, Абулҳасан* Алӣ *ибни Ҷулӯғ Фаррухии Систонӣ* (ваф. 1039) — яке аз шоирони бузурги қасидасарои охири а. 10 ва ибтидои а. 11 форс-тоҷик. Аз Систон аввал ба дарбори Абулмузаффари Чағонӣ, баъд ба дарбори Ғазнавиён рафт. Вай дар таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик, пеш аз ҳама, дар сурудани қасидаҳои васфӣ машҳур аст. Қасидаҳои вай «Бо корвони ҳулла». «Доғгоҳ», «Фатҳи Суминот» ва марсияаш дар вафоти Маҳмуди Ғазнавӣ шӯҳрати зиёд доранд. Девони ашъораш шомили 10 ҳазор байт, боқист.

*Фарқадо, Фарқадон, Фарқадайн* — гӯсола; дар илми ситорашиносии қадим номи яке аз ду ситораест дар галаситораи Дубби Асғар. Ҳар ду ситораро якҷоя Фарқадо меноманд.

*Фахруддин Мубораккшоҳи Ғурӣ* — яке аз шоирони номашҳури а. 12 форс-тоҷик. Дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти шоирии ӯ маълумот хеле кам аст. Шамси Қайси Розӣ дар мавриди санъати илтизом шаш байти ӯро намуна овардааст.

*Фахруддини Гургонӣ, Асад,* — яке аз шоирони форс-тоҷики а. 11. Баъди таҳсили илму дониш ба Марв омада ба силки шуарои ҳокими салҷуқӣ Туғралбек дохил мешавад. Вай дар якчанд сафари Туғралбек иштирок кардааст. Фахруддини Гургонӣ дар таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик, пеш аз ҳама, бо достони ишқию романтикии худ «Вис ва Ромин» машҳур аст. Илова бар ин дос-

тон, аз ашъори ӯ чанд қасида ва абьёти пароканда зимни тазкира ва китобҳои адабӣ боқӣ мондааст.

*Фахрӣ*, ниг. *Фахруддини Гургонӣ.*

*Фирдавсӣ, Абулқосим* (934—1037) — бузургтарин шоири форс-тоҷик, муаллифи асари безавол «Шоҳнома».

*Фирӯзи Машриқӣ* — яке аз аввалин шоирони форс-тоҷик, ки ба забони дарӣ шеър эҷод кардаанд. Шамси Қайси Розӣ ва дигар муаллифони сарчашмаҳои адабӣ ӯро аз шоирони ҳамзамони Амр ибни Лайси Саффорӣ дониста, вафоташро соли 897 навиштаанд. Аз ашъори ӯ то замони мо чор байт шеър боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд оварда шудааст.

*Харчанг* — дар илми ситорашиносии қадим номи яке аз бурҷҳои дувоздаҳгонаест, ки Саратон низ меноманд.

*Хаффоф, Хаффоф, Хамқоқ* (с. т. ва ваф. номаълум) — шоири номаълуми форс-тоҷик. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» дар мавриди санъати мусарраъ ин байти ӯро мисол овардааст:

Ҳар шаб барояд аз ду баногӯшаш,
Хуршеду гул гирифта дар оғӯшаш.

*Хизр* — мувофиқи ривоятҳои исломӣ яке аз пайғамбарон, ки дар замони Искандари Макдунӣ зиста ва ҳамроҳи вай ба талаби Оби Ҳаёт рафт ва дар торикистон чашмаи ҳайвонро ёфт. Вакте ки аз он нӯшид, умри ҷовидонӣ насибаш гардид. Шоирони адабиёти классикии форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ бештар ба ҳамин воқеа ишора мекунанд.

*Хоқонӣ, Афзалуддин Абӯбадил ибни Алӣ (ваф. 1199)*—яке аз шоирони форс-тоҷики а. 12. Дар ибтидо бо тахаллуси Ҳақоиқӣ шеър эҷод мекард. Падараш Алии Наҷҷор аз ҳунармандони машҳури давр буд. Муддате дар дарбори Шервоншоҳиён хидмат кард, баъдтар сафари Маккаро пеш гирифт. Солҳои охири ҳаёташ дар Табрез гузаштааст. Хоқонӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик, пеш аз ҳама, дар сурудани қасида машҳур аст. Вай ба қасида бисьёр таркибҳои душвор ва истилоҳоти илмиро дохил намуд. Аз мероси адабиаш девони ашъор ва маснавии «Тӯҳфат-ул-Ироқайн» боқӣ мондааст. Қасидаи ӯ «Харобаҳои Мадоин» хеле шӯҳрат дорад ва яке аз шоирони бузурги советии тоҷик — Абулқосим Лоҳутӣ дар пайравии ин қасидаи шоир қасидаи машҳури худ «Кремль»-ро эҷод кард.

*Хоҷа Абдурраҳмон* — ин номро Шамси Қайси Розӣ дар мавриди баҳри Хафиф фақат барои исботи фикр чун мисол овардааст.

*Хоҷа Абулаббос*, ниг. *Рабанҷанӣ.*

*Хоҷа Имом, Имомӣ* (с. т. ва ваф. номаълум) — шоири каммашҳури охири а. 12 ва ибтидои а. 13 форс-тоҷик Ҳамзамони Шамси Қайси Розӣ. То соли 1221 м. дар қайди ҳаёт будааст. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» вобаста ба ҳаёти худ ва Хоҷа Имом ҳикояте меорад ва зимни ҳамон ҳикоя чор байти ӯро шоҳид нишон медиҳад, ки дар онҳо ҳаҷви Шамси Қайси Розӣ карда шудааст.



*Хурнақ* — номи қасрест, ки Манзар ном меъморе барои Баҳроми Гӯр сохта буд.

*Хурнигоҳ* — номи тоҷикии Хурнақ. Ниг. *Хурнақ.*

*Хусрави Парвиз* — мувофиқи қисса ва ривоятҳои халқҳои эронӣ писари Ҳурмуз, ки баъди вафоти падараш ӯро ба тахт шинонданд. Дар ибтидои ҳукмрониаш ба муқобили Баҳроми Чӯбина мубориза бурд, барои ин аз қайсари Рум ёрӣ талабид. Қайсар ба вай ҳам духтараш Марьямро дод ва ҳам ёрӣ расонид, ки Баҳроми Чӯбинаро шикаст диҳад. Хусрави Парвиз дар замони ҳукмрониаш қасрҳои Тоқдис ва Айвони Мадоинро сохт.

*Хусравонӣ, Абӯтоҳир Тайиб ибни Муҳаммад Хусравонӣ* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз шоирони а. 10 форс-тоҷик. Ҳаёт ва фаъолияти ӯ дар замони салтанати Сомониён гузаштааст. Аз мероси адабии вай то замони мо чанд байти пароканда боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) дарҷ гардидааст. Шамси Қайси Розӣ дар ин асараш аз ашъори ӯ як дубайтиро ба тариқи намуна овардааст.

*Хусравӣ, Абӯбакр Муҳаммад ибни Алӣ Хусравии Сарахсӣ* (ваф. 993) — яке аз шоирони асри 10 форс-тоҷик. Ба забони тоҷикию арабӣ шеър эҷод мекардааст. Аз намояндагони доираи адабии дарбори Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмгир буд. Аз ашъори ӯ то замони мо зиёда аз 104 байт боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд оварда шудааст.

*Чоҳи Бежан* — мувофиқи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ чоҳест, ки бо фармони Афросиёб Бежанро бар он афкананд. Манижа духтари Афросиёб ҳар рӯз гадоӣ карда ноне меёфт ва аз болои чоҳ барои Бежан меандохт.

*Чоҳи Юсуф* — мувофиқи ақидаи динӣ Юсуф писари Яъқуби пайғамбар аст. Яъқуб Юсуфро нисбат ба дигар писаронаш бештар дӯст медошт. Бародарони Юсуф аз ин кори падар ҳасад бурда, бародари худ Юсуфро бар чоҳ андохтанд ва гургеро баста пеши падар бурдаанд, ки гӯё ҳамин гург Юсуфро хӯрдааст. Шоирони форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ ба ҳамин воқеа ишора кардаанд.

*Шамсуддин Мансур ибни Маҳмуд* — донишманд ва шоири а. 12 форс-тоҷик. Дар илмҳои тиб, нуҷум ва ҳикмат устод буд. Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб» ӯро дар назму наср машҳур дониста, 54 байт аз қасоиди ӯ меорад.

*Шарафи Шуфурвеҳ,* ниг. *Шарафуддин Шуфурвеҳ.*

*Шарафуддин ибни Шуфурвеҳи Исфаҳонӣ,* ниг. *Шарафуддин Шуфурвеҳ.*

*Шарафуддин Шуфурвеҳ, Шарафуддин ибни Шуфурвеҳи Исфаҳонӣ* — яке аз шоирони а. 12 форс-тоҷик. Соли таваллудаш номаълум, вафоташ 1204. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти шоирии ӯ маълумот хеле кам аст. Муаллифи тазкираи «Лубоб-ул-албоб» Муҳаммад Авфии Бухороӣ ӯро аз мардумони Исфахон дониста, маҳорати шоирии ӯро таъкид намудааст. Вай соҳибдевон буда, дар ғазал Шараф тахаллус доштааст. Бештари қасоиди худро дар мадҳи Абулмузаффар Рукнуддин Арслон ибни Туғрал ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ, Рукнуддин Туғрал ибни Арслон ва Шамсуддин Муҳаммад ибни Атобак сурудааст. Муддате дар дарбори Атобаки Шергир вазифаи маликушшуароиро иҷро кардааст. Ризоқулихони Ҳидоят девони ӯро шомили 800 байт медонад. Шамсуддин Муҳаммад Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» дар чор ҷой аз абъёти ӯ мисолҳои шеърӣ овардааст. Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб» панҷ қасида, ду ғазал ва се рубоии ӯро намуна овардааст.

*Шарафуддини Шуфурвеҳи Исфаҳонӣ,* ниг. *Шарафуддин Шуфурвеҳ.*

*Шаҳид,* ниг. *Шаҳиди Балхӣ.*

*Шаҳиди Балхӣ, Абулҳасан Шаҳид ибни Ҳусайни Балхӣ* (ваф. 937) — яке аз шоирони форс-тоҷики а. 10. Рӯдакӣ дар вафоти ӯ марсия сароидааст. Ба забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ шеър эҷод кардааст. Дар ҳикмат ва фалсафа аз одамони машҳури замона буда, бо Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар масоили фалсафӣ мунозироте доштааст. Аз мероси адабии ӯ то замони мо 84 байт боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд оварда шудааст. Шаҳиди Балхӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик, пеш аз ҳама, бо афкори панду ахлоқии худ машҳур аст.

*Шер* — номи бурҷи панҷум аз дувоздаҳ бурҷи фалак. Моҳи панҷуми соли шамсӣ, ки ба 21 июль — 21 август рост меояд. Ба арабӣ асад гӯянд.

*Шиҳоб Муайиди Насафӣ, ниг. Муайидуддини Насафӣ*

*Шокири Бухороӣ, Шокири Бухорӣ* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз шоирони а. 10 форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ дар сарчашмаҳои адабӣ маълумот хеле кам аст. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» дубайтии ӯро мисол овардааст. Аз мероси адабии ӯ зимни фарҳангҳою тазкираҳо дар ҳаҷми 35 байт абъёти парокандае боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) гирд оварда шудааст.

*Шокири Бухорӣ,* ниг. *Шокири Бухороӣ.*



*Шопур, Шопури* I — яке аз қаҳрамонони достонҳои эпикии халқҳои форс-тоҷик, писари Ардашери Бобокон, Шопур рӯзе ба шикор рафт, дар боғе духтареро дид ва ба ӯ хонадор шуд. Аз вай писаре бо номи Ҳурмузд ба дунё омад. Шопур муддати сӣ сол подшоҳӣ кард ва дар замони ҳукмронии вай байни эрониёну румиён ҷанге ба вуқӯъ омад, ки ба шикасти румиён анҷом ёфт.

*Шоҳи Мозандарон,* ниг. *Имодӣ.*

*Юсуфи Арӯзӣ* (с. т. ва ваф. номаълум) — яке аз шоирони форс-тоҷики асри 10. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ маълумот хеле кам аст. Дар «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ ва ин китоб чанд байти ӯ оварда шудааст.

*Юсуфи наҷҷор* — мувофиқи ривоятҳои динӣ вакили падари Марьями Имрон. Рӯзе, ки Марьям дар савмаа дар ҳоли ғусл кардан буд, Ҷабраил худро бар сурати Юсуфи наҷҷор нишон дода, Марьямро ба таваллуди Исо мужда расонид. Вақте ки Исо ба дунё омад, бани Исроил Марьямро сарзаниш карданд, дар ин ҳолат гӯё Исо ба забон омада ба покии модар ва пайғамбарии худ башорат додааст. Шоирони форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ ба ҳамин воқеа ишорат кардаанд.

> Юсуфи наҷҷор кист, Нӯҳи даравгар кӣ буд?
> То зи ҳунар дам заnанд бар дари имкони ӯ.
>
> Хоқонӣ.

*Яди Байзо, дасти Мӯсо* — мувофиқи ривоятҳои динӣ Мӯсои пайғамбар, агар дасти худро дар бағал мекарду берун меовард, аз дасташ нури сафеде метофт ва ин нур тамоми оламро равшан месохт. Яди Байзо, яъне дасти сафедро дасти Мӯсо низ мегӯянд. Шоирони гузаштаи адабиёти форс-тоҷик дар ашъори худ ин ду иборaро ба маънии мӯъҷиза ва мӯъҷизакорӣ истифода мебаранд.

*Яди Мӯсо,* ниг. *Яди Байзо.*

*Яздигурд, Яздигурди* III — охирин шоҳи Сосониён, ки дар замони ҳукмронии вай Саъди Ваққос бо фармони халифа Умар ба Эрон лашкар кашид ва дар Қодисия ном маҳале миёни эрониёну арабҳо ҷанге барпо гардид. Дар ин ҷанг арабҳо ғалаба карданд ва пойтахти Сосониён Мадоин ба дасти арабҳо гузашт. Яздигурд дубора сипоҳиёни худро ҷамъ карда дар Ниҳованд ба муқобили арабҳо ҷанг сар кард. Ин дафъа низ эрониён шикаст ёфтанд ва аз он вақт саросари Эрон ба дасти арабҳо гузашт.

*Яъруб ибни Қаҳтон ибни Обир ибни Шолих ибни Арфахшад ибни Сом ибни Нӯҳ* — яке аз аввалин шоирони араб, ки гӯё баъди тӯфони Нӯҳ нахустин бор ба забони арабӣ шеър суруда будааст. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» ду байти ӯро намуна овардааст.

*Яъҷуҷ* — махлуқи афсонавиест, ки гӯё дар ҷанг мағлубнашаванда будааст ва гӯё Искандари Мақдунӣ дар пеши он девори бузурге баста будааст, ки бо номи Садди Искандар машҳур аст.

*Ғазвонии Лӯкарӣ*, ниг. *Лӯкарии Ҷангзан*.

*Ғаззолӣ, Зайнулобиддин Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолии Тӯсӣ* (ваф. 1117) — яке аз машҳуртарин мутакаллимон ва олимони дини исломи форс-тоҷик. Баъди хатми мадраса, дар синни 28-солагӣ дар илмҳои маъмули динии замони худ устод гардид ва соли 1101 бо даъвати Низомулмулк ба Бағдод рафта муддати чор сол дар мадрасаи Низомия дарс гуфт. Баъд ба ҳаҷ рафта муддати даҳ сол дар шаҳрҳои Байтулмуқаддас, Шом, Миср ва Ҳиҷоз умр гузаронид. Ғаззолӣ дар илмҳои дину усул, каломy ҳадис ва ахлоқу фалсафа ва мантиқу тасаввуф зиёда аз ҳафтод асар таълиф намудааст. «Эҳъё-ул-улум», «Мақосид-ул-фалосафа», «Таҳофат-ул-фалосафа», «Меъёр-ул-илм» дар мантиқ, «Ал-васит» дар фиқҳ, «Ал-басит» дар мазҳаби шофеъӣ ва ғайра аз осори муҳими ба забони арабӣ иншокардаи ӯ мебошад. Асарҳои ӯ «Кимиёи саодат» ва «Насиҳат-ул-мулук», ки ба забони тоҷикӣ таълиф шудаанд, хеле шӯҳрат доранд.

*Ғазоирии Розӣ, Абӯзайд Муҳаммад* (ваф. 1034) — шоири форс-тоҷики асри 11, аз адибони дарбори Бувайҳиён буд. Дар мадҳи султон Маҳмуди Ғазнавӣ қасидаҳо сурудааст. Байни Ғазоирию Унсурӣ мубоҳисаҳои адабӣ вуҷуд доштааст, дар ҳаққи якдигар қасидаҳои ҳаҷвӣ сурудаанд. Девони ашъораш боқӣ намондааст. Аз ашъораш қасида ва қитъаҳои алоҳида тавассути тазкираю китобҳои адабӣ боқӣ мондааст.

*Ғазоирӣ*, ниг. *Ғазоирии Розӣ*.

*Қавс* — номи бурҷи нӯҳум аз дувоздаҳ бурҷи фалак, шаклаш ба камон монанд аст.

*Қайси Зареҳ* — яке аз шоирони араб, ки қиссаи ошиқии ӯ хеле машҳур аст. Ӯро дар навиштани ашъори ошиқона — ташбиб хеле моҳир медонанд.

*Қамар* — моҳ, номи сайёраест, ки дар фалаки аввал ҷой гирифта, нисбат ба дигар сайёраҳо ба замин наздиктар аст.

*Қатрон, Ҳаким Абӯмансур* (ваф. 1073) — яке аз шоирони а. 11 Озарбойҷон, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ шеър эҷод кардааст. Аз мероси адабии ӯ девони ашъор боқӣ мондааст, ки аз қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, тарҷеот иборат аст. Услуби шеъри вай ба услуби Фаррухию Унсурӣ монанд аст. Ба сабаби монанд будани номи мамдӯҳони Қатрону Рӯдакӣ аксар шеърҳои онҳоро ба ҳам омехтаанд. Қасидае, ки дар васфи зилзилаи Табрез сурудааст, хеле машҳур аст. Китоби луғат — «Тафсир фӣ «Луғат-ул-фурс»-ро низ ба ӯ нисбат медиҳанд.

*Қивомии Мутарризӣ, Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абӯбакр* (ваф. 1126) — яке аз шоирони форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти шоирии ӯ маълумот хеле кам аст. Қивомии Мутарризӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик аз ҷумлаи аввалин шоироне мебошад, ки қасидаи маснӯъ сурудааст. Ин қасида «Бадоеъ-ул-асҳор фӣ саноеъ-ул-ашъор» ном дошта, дар он 86 намуди санъати шеърӣ истифода шудааст. Ин қасида дар таърихи адабиёти форс-тоҷик бо номи «Қасидаи роия» низ машҳур буда, Салмони Соваҷӣ, Аҳлии Шерозӣ ва дигарон ба он ҷавобҳо навиштаанд.

*Қобил* — мувофиқи ривоятҳои динӣ, аз он ҷумла Таврот, номи яке аз писарони Одам, ки дар некӣ ном баровардааст.

*Қозӣ Мансури Фарғонӣ*, ниг. *Шамсуддин Мансур ибни Маҳмуд*.

*Қоинии Варроқ* (с. т. ва ваф номаълум) — яке аз шоирони а. 12 форс-тоҷик. Ҳаёт ва фаъолияти вай дар замони ҳукмронии Салҷуқиён гузаштааст. Вай дар таърихи адабиёти форс-тоҷик, пеш аз ҳама, бо ашъори ҳаҷвии худ машҳур аст.

Муҳаммад Авфии Бухорой дар «Лубоб-ул-албоб» 13 байт ва Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» се байти ӯро шоҳид овардаанд.

*Ҳавзи Кавсар* — мувофиқи ривоятҳои динӣ номи чашмаест дар биҳишт, ки тамоми чашмаҳои биҳишт гӯё аз он ҷорӣ мегардад. Шоирони форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ ба ҳамин чашма ишора кардаанд. Ҳофизи Шерозӣ мегӯяд:

Зоҳид шароби Қавсару Ҳофиз пиёла хост,
То дар миёна хостаи кирдгор чист?

*Ҳамадон* — шаҳрест дар Эрон.

*Ҳамал, Барра* — номи бурҷи якум аз дувоздаҳ бурҷи фалак; номи моҳи шамсӣ, ки ба 21 март — 20 апрель рост меояд. Ин моҳро фарвардин низ меноманд.

*Ҳамиди Қозарунӣ* — яке аз шоирони а. 12 форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ маълумот хеле кам аст. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» дар мавриди баҳри Мутақорнби мусаммани аслам фаълу /фаӯлун /фаълун /фаӯлун чаҳор байти ӯро мисол овардааст.

Ду байти он:

Дарди ҷудой куштаст моро,
Қасро мабодо дарди ҷудой.
Эй роҳати ҷон, бе банда ҷунӣ?
В-эй нури дида, охир куҷоӣ?

*Ҳамқоқ*, ниг. *Хаффоф*.

*Ҳафт афлок* — ҳафт сайёра (Моҳ, Уторид, Зӯҳра, Офтоб, Миррих, Муштарӣ, Зуҳал), ки ба ақидаи ситорашиносони қадим гӯё ҳар яки он як табақи осмонро ташкил медиҳад.

*Ҳобил* — мувофиқи ривоятҳои динӣ, номи яке аз писарони Одам, ки аз дасти бародараш Қобил кушта шуд. Ва гӯё ҳазрати Одам дар марги ӯ марсияе эҷод карда будааст.

*Ҳудо* — сурудеро гӯянд, ки ҳангоми рондани шутурон сароянд.

*Ҳумо, Ҳумой* — номи мурғест, ки мувофиқи ривоятҳо хӯрокаш устухон будааст ва гӯё сояи ин мурғ ба сари касе расад, ба давлату салтанат мерасидааст. Шоирони адабиёти классикии форс-тоҷик дар мавриди санъати талмеҳ ба он ишора мекунанд.

*Ҷавзо* — номи бурҷест аз дувоздаҳ бурҷи фалак (номи бурҷи сеюм), ки офтоб 23-юми моҳи май ба он дохил мешавад. Шакли он ба ду кӯдаки пушт ба пушт монанд аст. Маънии луғавиаш гӯсфанди сиёҳи миёнсафед мебошад.

*Ҷадӣ* — номи бурҷест аз дувоздаҳ бурҷи фалак (бурҷи даҳум), ки офтоб 23-юми моҳи декабрь ба он ворид мешавад.

*Ҷайҳун* — яке аз номҳои қадимии дарьёи Аму. Ба маънии умумии дарьё низ меояд.

*Ҷалолуддини Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҳусайн Ал-Хатибӣ,* маъруф ба Мавлавӣ ё Муллои Рум (1207—1284) — яке аз бузургтарин мутафаккир ва шоири мутасаввифи форс-тоҷик. Писари Баҳоуддини Валад. Ҷалолуддин дар Балх таваллуд шудааст, аммо муддати зиёд дар Қуния истиқомат кардааст, аз ин рӯ, ба Румӣ ё Мавлонои Рум машҳур гардидааст. Соли 1245 Ҷалолуддини Балхӣ бо орифи бузург — Шамси Табрезӣ вохӯрд ва чунон шефтаи ӯ гардид, ки тамоми ашъори худро ба номи ӯ эҷод кард. Аз мероси адабии ӯ «Маснавӣ» (иборат аз шаш ҷилд), рубоиёт ва девони ғазалиёт, ки бо номи «Девони Шамс» машҳур аст, асарҳои насрии «Фия мофия», «Маҷолиси сабъа», «Макотиб» ва ғайра боқӣ мондааст.

*Ҷамолуддини Исфаҳонӣ, Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ (ваф 1193)* — яке аз шоирони форс-тоҷики а. 12, Бештари умри худро дар зодгоҳаш — Исфаҳон гузаронида, ба Озарбойҷон рафта бо Низомии Ганҷавӣ мулоқот намудааст. Бо шоирони машҳури замонаш Хоқонии Шервонӣ, Муҷируддини Байлақонӣ ва Заҳири Форьёбӣ мушоира дошта, ба шеъри Анварию Саид Ҳасани Ғазнавӣ ва Рашиди Ватвот пайравӣ кардааст. Вай шоири соҳибдевон буда, девонаш аз ғазал, қасида, қитъа, рубоӣ ва ғайра иборат аст. Ҷамолуддини Исфаҳонӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик, пеш аз ҳама, бо қасида ва ғазалиёташ машҳур аст. Вай бештар шоҳони салҷуқӣ Арслон ибни Туғрал, Туғрал ибни Арслон, Нусратдин Ҷаҳонпаҳлавон ва баъзе аз шоҳони Бовандро, ки дар Мозандарон ҳукмронӣ мекарданд, мадҳ кардааст.



## ЛУҒАТҲО

*Абайту инда раббӣ* — дар назди худоям, туро қабул наменамоям.
*Абас* — бефоида; бемавқеъ
*Аббос* — бадқавоқ
*Абвобулбирр* — чойҳое, ки дар роҳи худо бахшишҳо медоданд.
*Абд* — ғулом, банда
*Абдол* — дӯстони худо
*Абеша* — хабаркаш
*Абид* — ғуломон
*Абир* — номи яке аз хушбӯиҳои сиёҳтоб, ки аз омехтаи сандалу гулоб ва мушку заъфарон месохтанд.
*Абкам* — безабон, кару гунг
*Абкор* — дӯшизаҳо; чизҳои наву тоза
*Аблақ* — сафеду сиёҳ, чизи дуранга
*Аблақсавор* — аспсавор
*Аблуч* — қанди сафед
*Абно* — калоншавандагони мамлакат
*Або* — хӯрок, хӯрданӣ
*Аболис* — иблисҳо
*Абоя* — яке аз навъҳои либоси болопӯши васеъи остинкӯтоҳ, ки асосан ба мардуми араб хос буд.
*Абр* — теғ
*Абрат* — ашк, оби чашм
*Абраш* — рангоранг, гуногунранг
*Абрашсавор* — аспсавор
*Абрақӣ* — рангоранг.
*Аброр* — некӯкорон, солеҳон, тақводорон
*Абсор* — чашмҳо, дидаҳо
*Абтар* — пароканда; думбурида, ноқис, вайрон
*Адхалаҳу* — вайро дохил кард.
*Аксун* — дебои сиёҳранг
*Амдо* — аз рӯи қасд, қасдан
*Аниқҳо* — зебо, хуб, аҷиб
*Ано* — заҳмат, ранҷ, машаққат
*Араз* — аломати зоҳирии ашьё, ки ба зоти худ қоим намебошад.

*Атиқҳо* — кӯҳна
*Атлол* — пуштаҳо, теппаҳо
*Афсар* — тоҷ
*Ахрас* — гунг
*Ахраҷаҳу* — вайро берун кард.
*Аъдо* — душманон
*Аҳтам* — дандони пешшикаста

*Барандояд* — нест кунад, маҳв кунад, нобуд созад
*Батомат* — танбалӣ, бекорӣ
*Батҳа* — номи водии Макка
*Баъид* — дур
*Баҳрамон* — навъе аз матоъи абрешимии ҳафтранги бисьёр латиф
*Божгуна* — вожгуна, сарзер, сарнагун
*Бурҷос* — омочгоҳ ва нишонаи тир
*Буссад* — марҷон

*Вардҳо* — гулҳо
*Ваго* — ҷанг, муҳориба
*Ворои* — он сӯ

*Гавз* — чормагз
*Гапон* — тарозуи калоне, ки як каффа дорад.
*Гилла* — пардаи тунук
*Гузора* — сӯрох карда гузаштан
*Гулбун* — буттаи гули садбарг

*Даранг* — устуворӣ, пойдорӣ
*Дақ* — навъе аз порчаи қиматбаҳоеро гӯянд, мисли даққи мисрӣ, даққи румӣ ва ғ.
*Дес* — монанд, мисл
*Диръ* — зиреҳ
*Дор* — хона
*Дуда* — хонадон, оила
*Духон* — дуд
*Дӯл* — маккор, беҳаё

*Ёс* — шакли кӯтоҳшудаи ёсаман

*Жандадалқ* — либоси пашминаи қаландарон

*Завор* — зиёраткунанда
*Залзол* — ларза, ҷунбиш
*Замоир* — хаёлҳо



*Занн* — гумон, хаёл
*Зарира* — рустаниест, ки аз он ҷорӯб тайёр кунанд.
*Заққа* — хӯриш ва ғизои бача
*Заҳоб* — чашма
*Зоирон* — зиёраткунандагон
*Зомир* — найнавоз
*Зорабон* — таппиши дил.
*Зумуррад* — санги қиматбаҳои сабзранг
*Зӯҳро* — сайёраи Ноҳид, ки онро мутриби фалак меноманд.

*Изоми рамин* — устухонҳои пӯсида
*Икроҳ* — касеро ба зӯр ба коре маҷбур кардан
*Илго* — афкандан ва ботил кардан
*Имод* — такьягоҳ
*Интимош* — некӯ шудан, айшу нишот
*Истикок* — ба ҳам расидан

*Картос* — коғаз
*Кусуф* — гирифтани офтоб
*Кӯя* — дав

*Ламъ* — дурахшонӣ
*Лаъб* — бозӣ
*Лаҳвоз* — бозӣ, шодӣ, хурсандӣ, тараб
*Лонабия баъдӣ* — баъди ман пайғамбаре нест.
*Лорӣ* — як навъи тангаи нуқра
*Лос* — абрешими нотайёр
*Лотоил* — бефоида, бемаънӣ
*Лотуадду* — беҳадду ҳисоб
*Лотӯҳсо* — беҳисоб, аз ҳад зиёд
*Лош* — ҷасад, тани мурда
*Лошак(к)* — бешак, бегумон
*Лоюад* — берун аз шумор
*Лоюод* — беҳнашаванда
*Лоязид* — чизе, ки зиёд намешавад.
*Лоязол* — ҷовид, абадӣ; яке аз сифатҳои худо
*Лоямут* — зиндаи ҷовид; яке аз сифатҳои худо
*Лояком* — ҳамеша бедор
*Лоякому қалбӣ* — қалби ман хоб намеравад.
*Лоянсариф* — дигаргуннашаванда
*Лоянқасим* — тақсимнашаванда
*Лоянқатеъ* — муттасил, пайваста
*Лоятаҷаззо* — ҷудонашаванда
*Лояфлаҳ* — ноком, номурод

*Лояфут* — абадӣ, доимӣ
*Лояълам* — нодон, ҷоҳил
*Лаяънӣ* — беақл, бемағз
*Лоязқил* — беақл
*Лояҷуз* — нораво, ноҷоиз
*Лоғ* — истеҳзо, тамасхур
*Лоҳар* — дареғ, таассуф
*Лоҳиза* — чашм, дида
*Лоҳиқа* — чизи илҳоқшуда; тобеъ, фаръӣ
*Лоҳӣ* — бозикунанда
*Лубод* — юғ
*Лубс* — ҷома пӯшидан
*Лукна* — кундзабонӣ, гирифтани забон
*Лунг* — порчаи матоъи махсус, ки дар ҳаммом аз миён то зону мебанданд.
*Лут* — хӯрок, таом
*Лутхӯр* — шахсе, ки таомҳои лазизу болаззат мехӯрад.
*Лутӣ* — бебок, қиморбоз, густох; шахсе, ки ҳангоми навохтани думбура ва сурудхонӣ буз, маймун ва хирсро мерақсонад.
*Луғуб* — хаста ва монда шудан
*Луқата* — моли бесоҳиби одами мурда, ки меросхӯр надорад ва мулку моли боқимондааш ба фоидаи давлат гирифта мешавад.
*Луҳумат* — хешигарӣ
*Луҷайн* — нуқраи холис
*Лӯк* — шутури каммӯйи боркаш
*Лӯл* — бешарм, густох
*Лӯрӣ* — саҳрой, лӯлӣ
*Лӯс* — забонӣ, тамаллуқ
*Лӯш* — одами каҷдаҳон; нодон, аҳмақ
*Лӯъм* — хасисӣ, пастӣ

*Ма* — ман
*Мабнат* — сабзишгоҳ, рустанигоҳ
*Мавкаб* — гала

*Маймун* — саодат, хушбахтӣ
*Маликулкарим* — малики арш, худо
*Маншаъ* — сарчашма, ҷои пайдоиш
*Масир* — сайргоҳ, сайр
*Масом* — сӯрохиҳои хурд-хурди бадан, ки аз онҳо арақ берун мебарояд.
*Масқул* — сайқал додашуда
*Матар* — борон



*Мафлуҷ* — шал, фалаҷшуда
*Маъбар* — гузаргоҳ
*Мағрас* — ҷои ниҳолнишонӣ, чакалак
*Маҳд* — тахт, маснад
*Маҳдуд* — қасидае, ки дар он насибу ташбибу тағаззул набошад.
*Маҳор, миҳор* — лаҷоми шутур
*Мидод* — сиёҳӣ
*Мизмар* — зарфест, ки дар он ангишт шукуфонида уд, сипанд ва дигар хушбӯиҳоро дуд карда давр мезанонанд.
*Мизмор* — най
*Мизоб* — қубур, обмӯрӣ
*Мизроқ* — найза
*Микаст* — печ дар печ
*Миксор* — пургӯӣ, ҳарзагӯӣ, беҳудагӯӣ
*Мил* — чӯби қаламчашакли нӯгборик, ки ба он ба чашм сурма мемоланд.
*Милвоҳ* — мурғеро номанд, ки ҳангоми шикор барои фиреб додани мурғони дигар ба дом баста мешавад.
*Миллат* — мазҳаб, дин
*Милов* — шогирд, навёдгир
*Милок* — асли чизе
*Миналвуҷӯҳ* — аз ҷиҳати, аз сурати
*Минасса* — тахт, курсӣ
*Минофом* — кабуд, осмонранг
*Минхор* — сӯрохи бинӣ
*Миншор* — арра
*Минҳат* — бахшиш
*Минҳоҷ* — роҳи рост, роҳи фарох
*Миод* — ҷои ваъда; ваъда; мулоқот
*Мирваҳа* — бодбезак
*Мирсод* — ҷое, ки аз он чизеро мушоҳида мекунанд.
*Мирсот* — лангар
*Мирук* — мӯрча
*Мирҷал* — деги калон, дег
*Мисбоҳ* — фонус, машъал
*Миқроз* — қайчӣ
*Мубаттар* — думбурида, беҳосил
*Музаввир* — фиребгар, риёкор
*Музовар* — ботазвир, бардурӯғ, сохта
*Мумаккон* — ҷойгиршуда, мутамаккин
*Мумталӣ* — лаболаб, сершуда, пур
*Мумтанеъ* — маҳол, ғайри имкон
*Мумтаҳан* — беқадру қимат
*Мумтаҳин* — озмоянда

*Мумтаҳак* — нобудшаванда
*Мумул* — навъе аз бемориҳои чашм
*Муназзад* — ба тартиб даровардашуда
*Муназзаҳ* — пок, тоза, хуррам, хуш
*Мунаффас* — хурсанд ва осуда
*Мунағғас* — тира, андӯҳгин
*Мунаққат* — нуқтадор, хол-хол
*Мунаққаҳ* — аниқ, дақиқ, муайян
*Мунаққо* — мавизи тоза, мавизе, ки донакаш бароварда шудааст.
*Мунаҷҷал* — даравидашуда
*Мунаҷҷаҳ* — комёб
*Мунбил* — танбал, коҳил, беҳавсала
*Мундамил* — беҳшаванда
*Мундарис* — кӯҳна, аз байн рафта
*Мундафеъ* — дур кардашуда, бадар кардашуда.
*Мунзал* — нозилшуда, аз боло ба поён фиристодашуда
*Мунзаҳиф* — дар адабиётшиносӣ вазнеро гӯянд, ки дар рукнҳои он зиҳоф роҳ ёфта бошад, яъне шеъре, ки ҳам дар рукнҳои солим ва ҳам дар зиҳофҳои ин рукнҳо эҷод шуда бошад.
*Мунзир* — тарсонанда
*Муниф* — баланд, олӣ
*Мункадир* — ғамангез, ҳузнангез
*Мункасир* — шикаста, парешон
*Мункашиф* — кушодашуда; ошкор, возеҳ
*Муновабат* — корн навбат ба навбат
*Мунозаат* — хусумат, ситеза
*Мунозеъ* — хусумат ва ситезакунанда
*Мунокаҳат* — никоҳ кардан
*Муносафа* — ба ду ҳиссаи баробар ҷудо кардан
*Муносир* — ёвар, ёрирасонанда
*Мунофарат* — нафрат кардан
*Мунофот* — мухолифат, зиддият
*Мукофӣ* — зид, мухолиф
*Мунох* — манзил, ҷои хоб
*Мунсалик* — дохилшуда, ворнди чизе шуда
*Мунсалих* — пӯстканда
*Мусанӣ* — хамида, дутошуда
*Мунсареҳ* — осон равоншаванда; дар илми арӯз номи яке аз баҳрҳои фаръиро гӯянд, ки рукнҳои он аз мустафъилун /мафъӯлоту /мустафъилун /мафъӯлоту иборат аст.
*Мунсаҳиб* — дуршаванда
*Мунтабеъ* — нақшёбанда
*Мунтабеҳ* — бедоршаванда, хушёр
*Мунфаил* — хиҷил, шармсор



*Мунфак(к)* — аз ҳамдигар ҷудошаванда
*Мунфарид* — ягона, танҳо, ҷудо
*Муованат* — дастгирӣ, мадад, ёрӣ
*Муод* — бозгардондашуда
*Муодил* — баробар, мусовӣ, ҳамвазн
*Муонадат* — якравӣ, адоват
*Муонақа* — ба канор гирифтани дӯст
*Муониқ* — касе, ки дигареро ба оғӯш гирифта воҳӯрӣ мекунад.
*Муотаб* — касе, ки сазовори итоб гардидааст.
*Муоттал* — бекор, дармонда, бечора
*Муоф* — бахшидашуда
*Муоқабат* — озору шиканҷа.
*Мураввеҳ* — роҳатрасонанда, рӯҳафзо
*Мураммад* — бемори чашм
*Мураффаҳ* — осуда, ором
*Мураххам* — ороста, озода
*Мурашаш* — пошидашуда
*Мурағғиб* — рағбатафзо, шавқовар
*Мураққаъ* — қуроқӣ, ҷомаи қуроқ
*Мурво* — фоли нек, дуои хайр
*Мурис* — сабабгор, боис
*Муробаҳа* — судхӯрӣ, фоидахӯрӣ тавассути додани пули қарз.
*Мурозо* — розишавӣ ба ҳамдигар
*Мурои* — риёкор, дурӯя, мунофиқ
*Муроҳама* — гаравмонӣ, шарткунӣ
*Муроҳиқ* — ба балоғат расида
*Мурр* — талх
*Муртаҳал* — ҷо ба ҷо шудан
*Муста* — тӯъма, як миқдор гӯшт, ки ба паррандаи шикорӣ медиҳанд.
*Мустаор* — амонат
*Мутайяр* — паррандасурат
*Мутеол* — олӣ, баланд (сифати худо)
*Мутаҳқар* — пок, муборак
*Мутаҳаррик* — сӯхта, оташгирифта
*Мутаҳассир* — боҳасрат, ҳасрагӣ
*Мутаҳаттик* — пардадар; бадзабон, бебок
*Мутаҳаҷҷир* — сангшуда, чун санг сохташуда
*Мутаҳҳар* — пок, тоза, покизашуда
*Мутаҷассис* — хабаргиранда, ҷустуҷӯкунанда
*Мутлақулинон* — соҳибихтиёри тамом, мухтор
*Мутлиф* — талафкунанда, исрофкор
*Мутмаин* — хотирҷамъ, осудахотир
*Мутовеъ* — итоаткунанда, мутеъ, зердаст

*Мутораҳа* — машварат кардан, музокира кардан
*Мутраф* — парда, ҳиҷоб
*Мутталеъ* — хабардор, огоҳ
*Муттасим* — имтиёздор, маълум
*Муттасиф* — дорои ягон сифат
*Мутун* — матнҳо
*Мутъа* — никоҳи муваққатӣ
*Мутқан* — маҳкам, устувор
*Муфаввaз* — супурдашуда, таслимшуда
*Муфалсиф* — файласуф
*Муфассир* — тафсиркунанда
*Муфаттеҳулабвоб* — осонкунандаи абвоб
*Муфаттин* — фитнагар, фитнаангез
*Муфзеа* — дахшатнок
*Муфзӣ* — анҷомдиҳанда, хабаррасон
*Муфиз* — атокунанда
*Муфиқо* — бедоркунанда
*Мушаҷҷар* — дарахтсурат
*Муғфар* — кулоҳи филизии ҷангӣ
*Муқаввас* — қавсшакл, камоншакл
*Муқассир* — гунаҳгор
*Муқтабас* — иқтибос кардашуда
*Муҷаммаъ* — ҷамъшуда
*Мӯягар* — навҳагар, овозандоз

*Навбова* — ҳар чизи нав ва тоза
*Наснос* — девмардум
*Наъиқ* — овози зоғ; *ин ҷо* талабгор
*Ниҳеб* — тарсу ваҳм
*Нос* — одам, инсон
*Нӯҳос* — мис

*Обсайр* — хушрафтор
*Омос* — варам
*Ос* — осиё
*Осо* — монанд, якхела, мушобеҳ
*Охол* — хокрӯба, ахлот

*Палос* — макру ҳила
*Пашиза* — пули хурд ва нозуке, ки аз мис месохтанд.

*Равос* — нифоқ, макру фиреб, афсӯс
*Ракик* — заифрой
*Рамад* — дарди чашм



*Рамал* — яке аз баҳрҳои солим ва серистеъмоли арӯз, ки байни ашъори арабу аҷам баробар истеъмол мешавад. Рукни асосии он фоилотун буда, дар натиҷаи ҳар як байт ҳашт бор такрор ёфтани он вазни Рамали мусаммани солим, шаш бор такрор ёфтани он вазни Рамали мусаддаси солим ба вуҷуд меояд.
*Рамеҳ* — найза, синон
*Рамим* — кӯҳна, пӯсида
*Рамӣ* — партофтан, андохтан
*Рамод* — хокистар
*Раморам* — гуногун, паёпай
*Ранг* — бузи кӯҳӣ
*Ранд* — дарахти сабзи ҳамешабаҳор, ки шираи онро барои даво истифода мебаранд.
*Рандидан* — бо ноз хиромидан
*Расин* — мустаҳкам, устувор
*Расонат* — мустаҳкамӣ, устуворӣ
*Райбуллисон* — забони гӯё, фасеҳ
*Ратиб* — тар, намнок
*Ратл* — паймона, ҷом, қадаҳ
*Ратқ* — банд кардан, бастан
*Рафеуддараҷон* — касе, ки қадру қиматаш баланд аст; олимақом
*Рафз* — даст кашидан, рад кардан
*Раффо* — касе, ки ҷома, гилеми даридаро бо даст дуруст мекунад.
*Раҳо* — айш, осудаҳолӣ, фаровонӣ
*Раҳоват* — мулоимӣ, нармӣ, сустӣ
*Рашид* — ба роҳи рост раванда; пухта, далер
*Рашод* — таровидан, арақ кардан
*Рағад* — неъмати фаровон, таом
*Рағид* — фаровон, зиёд
*Рақ(қ)* — китоб
*Рақим* — мактуб, навишта
*Рақиқ* — меҳрубон, нармдил
*Раҳбат* — тарс, ҳарос, бим
*Раҳил* — кӯч, кӯчидан; мурдан, вафот кардан
*Раҳим* — бачадон, заҳдон
*Раҳиқ* — холис, соф, беғаш
*Раҳн* — гарав, ба гарав мондани чизе
*Раҳӣ* — банда, ғулом, чокар
*Раҷаз* — яке аз баҳрҳои солими арӯз, ки дар ашъори арабию тоҷикӣ хеле серистеъмол аст. Рукни асосии он мустафъилун буда, дар натиҷаи ҳашт бор такрор омадани рукни мустафъилун Раҷази мусаммани солим ба вуҷуд меояд.

*Рачм* — мазаммат, маломат
*Рачо* — умед, орзу
*Рачул* — мардеро гӯянд, ки ба синни балоғат расидааст.
*Рев* — фиреб, найранг, ҳила, макр
*Ревос* — дурӯягӣ, фиребгарӣ
*Ренс* — мақсад, мурод, хоҳиш
*Рекоша* — хорпушти калон, хорпушт
*Речор* — гапи беҳуда, сафсата
*Решида* — матоъи абрешимии нақшин
*Рег* — душманӣ, адоват, кина, хусумат
*Ридоъ* — чома

*Сабз* — маъшуқа
*Саблат* — мӯйлаб
*Салаб* — либос, пӯшок
*Салб* — устухони пушт
*Самим* — дарун ва мағзи ҳар чиз
*Сарир* — овози найқалам, ки ҳангоми навиштан шунида мешавад.
*Сароб* — замини шӯразоре, ки дар биёбон аз дур ҳамчун об намоён мешавад.
*Сафдар* — паҳлавон, далер, шучоъ
*Сафеҳ* — аҳмақ, аблаҳ, нодон
*Сафина* — киштӣ, бодбон
*Сафир* — ҳуштак, овози ғичирросӣ
*Сафк* — рехтан
*Сафо* — оштӣ, сулҳ, осудагӣ
*Сафова* — тозагӣ, покизагӣ
*Сафоеҳ* — лавҳахо, сафҳахо
*Сафокеш* — покмаслак, некӯсират
*Саффок* — хунрез, чаллод
*Саффор* — мисгар, заргар
*Сафӣ* — дӯсти асил ва якдил
*Сафч* — харбузаи хом ва норасида; сафча
*Сахофат* — сабуксорӣ
*Сахра* — санги калон, харсанг
*Сахут* — он, ки гирифтори ғазаб гардидааст.
*Саълаб* — рӯбоҳ
*Саълук* — камбағал, дарвеш
*Сағо* — майлу рағбат кардан ба чизе
*Сағр* — дандонҳои пеш
*Сақам* — дӯзах, чаҳаннам
*Сақим* — бемор, касал, дармонда
*Сақолат* — вазнинӣ, гаронӣ
*Сақом* — беморӣ, ранчурӣ



*Саҳар* — касалии бехобӣ
*Саҳил* — овози асп, шиҳаи асп
*Саҳим* — саҳмдор, шарик
*Саҳиқад* — баландқомат, хушқомат
*Саҳиқо* — дур
*Саҳоб* — абр
*Саҳурӣ* — таоме, ки моҳи рамазон саҳаргоҳон мехӯранд.
*Саҳӣ* — қомати рост, хушқад
*Саччин* — қаъри дӯзах
*Сер чарб кардан* — киноя аз фиреб додан
*Сеҳри ҳалол* — сеҳру чодуе, ки мухолифи фармоноти дини ислом нест. Ҳунари ҳайратангезе, ки аз роҳи найранг набошад.
*Сеч* — муҳайё, омода, тайёр
*Сивор* — дастбанд, дастпона
*Сидра* — номи дарахти афсонавиест, ки гӯё дар биҳишт ё дар осмони ҳафтум мерӯидааст; дарахти канорӣ.
*Симат* — нақл, аломат
*Симоҳ* — сӯрохии гӯш
*Синон* — найза
*Сирко* — моеъи хеле турш, ки аз дигаргун шудан ва вайрон кардани шароби ангур ё ширан меваҳои дигар ҳосил мешавад.
*Сирот* — роҳи рост
*Сироч* — чароғ
*Сирқат* — дуздӣ, шеърдуздӣ
*Сит* — овоз
*Ситабр* — дурушт, дағал
*Ситад* — харидуфурӯш
*Ситем* — фасоди чароҳат
*Ситер* — миқёси вазн, чиляки ман, ки дар чоҳои гуногун тафовут дорад.
*Ситех* — баландӣ, қуллаи кӯҳ
*Сито* — яке аз лаҳнҳои мусиқӣ
*Ситок* — шохи наврустаи дарахт ва ток
*Ситом* — лачоми асп
*Ситор* — парда, чодир
*Ситр* — шарму ҳаё, парда
*Сифандормуз* — номи моҳи дувоздаҳуми соли шамсӣ, ки мутобиқи моҳи феврал аст.
*Сифоҳ* — зино
*Сияр* — одатҳо, хислатҳо, рафторҳо
*Сиқа* — марде, ки ба ӯ бовар кардан мумкин аст.
*Сиқол* — сайқал, сайқал додан
*Сиҳом* — тирҳо
*Сичн* — зиндон

*Сичоф* — парда, пардаи дар
*Собеъ* — хафтум
*Собута* — зани пир, кампир
*Соварӣ* — ҳадья, тӯҳфа, инъом
*Сод* — холис, соф, пок
*Содазанах* — бериш, ҷавоне, ки ҳанӯз ришу мӯйлабаш насабзидааст.
*Содир* — рӯйдода, ба вуқӯъ омада
*Сонир* — овози найқалам, ки ҳангоми навиштан шунида мешавад.
*Субот* — пойдорӣ, устувор
*Судоъ* — дарди сар
*Сулс* — аз се як, сеяк
*Сукнон* — истиқоматкунандагон
*Сулсул* — фохта
*Сулук* — равиш, муомила, одат
*Сум* — сӯрохи гӯш; гӯш
*Сумра* — гандумгунӣ, тирарангӣ
*Сумув(в)* — баландӣ
*Сумут* — тарафҳо, ҷонибҳо
*Сун* — тараф, сӯй
*Сунбода* — санги махсуси сайқалдиҳӣ
*Сунъ* — эҷод, офариниш
*Сунӯҳ* — арӯс, зани писар
*Сунарег* — хӯшаи ангур
*Сур* — девори қалъа (ҳисор, шаҳр)
*Сурин* — кафал, сон, рон
*Сурра* — ҳамьёни тангаву тилло
*Суррия* — зани ғайриникоҳӣ
*Суру* — шохи гов, буз ва дигар ҳайвонот
*Сурхоб* — навъе аз мурғобии сурхранг
*Сутур* — сатрҳо
*Сутӯъ* — болоравӣ, авҷгирӣ
*Суubат* — гаронӣ, вазнинӣ
*Сууд* — боло баромадан
*Суулкалом* — сухани бад, гапи бад
*Суфт* — китф, дӯш, шона
*Суфул* — пастӣ
*Сух* — пиёз
*Сухра* — масхара, истеҳзо кардан
*Сухунат* — дуруштӣ, ғафсӣ
*Сухур* — кӯҳпораҳо, адирҳо
*Сухут* — хашму ғазаб, қаҳр
*Суюд* — сайдҳо, ҷонварҳои шикоршаванда
*Суюф* — шамшерҳо



*Тавзӣ* — бофтаест, аз ҷинси каттон, ки дар Туз (Тавз) — аз шаҳрҳои Хузистону Аҳвоз мебофтанд.
*Тавотур* — пай дар пай омадан, бефосила омадан, пайдарҳамӣ
*Тайласон* — як навъ ҷомаи васеъ, дароз ва беостинеро гӯянд, ки рӯҳониён ва қозиён мепӯшиданд.
*Талоя* — аскароне, ки вақти шаб лашкарро посбонӣ мекунанд.
*Тараффӯъ* — баландгирӣ, ғурур, такаббур
*Тарвезан* — ғирбол, элак
*Таровеҳ* — намози махсус, ки шабҳои моҳи рамазон мехонанд.
*Тафарруз* — саёҳат, тамошо; хушҳолӣ
*Таъбия* — ҷойгирӣ
*Тақсир* — нуқсон, айб, хато
*Тилла* — зар, тилло
*Тиҳу* — бедона
*Торам* — хиргоҳ, гунбаз
*Тосак* — мӯҳраи нард
*Туз* — пӯсти дарахтест, ки бар камону тиру зини асп барои истеҳкоми онҳо кашанд ва он зардрангу бақуввват монанди абрешим аст.
*Тук* — нӯги корд, ханҷар, найза ва ғайра.
*Туланг* — ҳоҷат, зарурат, ниёз
*Тулб* — гурӯҳ, даста
*Тун* — гулхани ҳаммом
*Тунбал* — фиреб, найранг, макр
*Тунукдил* — нармдил, раҳмдил
*Тунӣ* — гулханӣ; айёр, дузд
*Турк* — маҳбуба, зебо, парчеҳра.
*Туркво* — хушрӯй, зебо
*Туроб* — хок, хоки хушк
*Турра* — шохи дарахт
*Турс* — сахт, мустаҳкам
*Тутиё* — санги сурма, доруест, ки барои равшании чашм истифода мебаранд.
*Тутун* — гиёҳи бутамонанд, ки баргҳои онро барои истеҳсоли тамоку ба кор мебаранд.
*Тутуқ* — чодир, парда
*Туфулат* — бачагӣ, тифлӣ, кӯдакӣ
*Туғ* — мӯи думи асп, ки ба байрақ мебастаанд; байрақ, парчам
*Туғрил* — як намуди боз, шоҳин
*Туғро* — фармон
*Тӯзӣ* — либоси тунуки тобистона аз ҷинси каттон

*Уд* — чӯби хушбӯи сиёҳранг, ки одатан ба сӯзонидан дар миҷмар бӯи хуш медиҳад.

*Улув* — баландӣ, бартарӣ
*Умам* — мардумон
*Унфат* — сахтгирии ту.
*Уроза* — раҳовард, тӯшаи роҳ
*Устурлоб* — асбобест, ки ба воситаи он дар расадхонаҳо гардиши ситораҳоро мушоҳида мекунанд ва меомӯзанд.
*Ушр* — аз даҳ як

*Фадфад* — дашт
*Фазла* — пасмонда, бақия
*Фалот* — бераҳа
*Фалси мукалласи муталлас* — мақсади шоир офтоб аст.
*Фалҷ* — занҷиру калид
*Фарнос* — нимхоб
*Фаръ* — шохи дарахт, шох
*Фарғар* — ҷӯи майдае, ки аз дарьё ҷудо мешавад; шохоб
*Фасон* — санге, ки шамшеру корд ва ғайраро бо он тез кунанд.
*Фасх* — бекор кардани муомилаи савдо
*Фатил* — ресмони ғафси аз пахта тофта, ки дар чароғи пилтасӯз ва шамъ гузошта мешавад.
*Фатин* — зирак, ҳушёр
*Фатнат* — зиракӣ, ҳушёрӣ
*Фатолидан* — пароканда кардан
*Фатрат* — нотавонӣ, заъф
*Фатток* — бебок ва ҷасур дар бадкорӣ
*Фатӣ* — ҷавон, барно
*Фах* — дом, тала
*Фахам* — чодире, ки барои ғун кардани пули чошалак дар тӯйҳо ва ҷашнҳои хурсандӣ ба рӯи даст нигоҳ дошта мешавад.
*Фахн* — даруни боғ, саҳни боғ
*Фахфара* — сабӯси орди гандум ё орди ҷав
*Фаяҷон* — ҳайрату баракати афзун
*Фағ* — бут, санам; ба маънии маъшуқа низ меояд.
*Фағфур* — чинивор, зарфҳои чинӣ
*Фақӣ* — қонуншиноси шариати ислом
*Фаҳлӣ* — далерӣ, диловарӣ
*Фаҳовӣ* — мазмунҳо, маъниҳо
*Фаҳҳош* — ҳақоратдиҳанда, дашномдиҳанда
*Фаҷиат* — фалокат
*Фаҷӣ* — ногаҳонӣ
*Ферӯзрой* — равшанрой, некрой
*Фидья* — мол ё чизе, ки барои харидани ҷони худ, барои раҳоии худ ва ё касе аз қайд ё бандагӣ дода мешавад.
*Физза* — нуқра, сим



*Филгир* — зӯр ва забардаст
*Фимобаъд* — пас аз ин, баъди ин
*Фироғ* — боди сард, боди хунук
*Фитан* — ошӯбҳо, бетартибиҳо
*Фитнат* — зиракӣ, ҳушёрӣ, доноӣ
*Фитом* — аз шири модар ҷудо кардани кӯдак
*Фитрок* — тасмаи чармин, ки барои бастани шикор ва чизҳои дигар аз росту чап ва ё аз пасу пеши зини асп меовезанд.
*Фиқра* — ҷумла, абзац
*Фожидан* — хамёза кашидан
*Фозеҳ* — фошкунанда, расвокунанда
*Фоиқ* — беҳтар, афзал
*Фокиҳа* — мева
*Фом* — ранг
*Форисӣ* — саворӣ, асптозӣ
*Фориқ* — аз ҳам ҷудокунанда, фарқгузоранда
*Фосила* — замини пасту ҳамвор
*Фотир* — ширгарм, нимгарм
*Фотиқ* — шикофанда, кушоянда
*Фоҷир* — фосиқ, бадахлоқ
*Фувоқ* — ҳиққос
*Фулон* — шахси номаълум
*Фулунӣ* — моддаи таркибии кайфовар
*Фулус* — сиккаҳои мисӣ, пулҳои сиёҳ
*Фундуқ* — донаи гирди майда аз ҷинси чормағз, ки мағзи он хӯрда мешавад ва пӯчоқаш сахти сурхтоб аст.

*Хавед* — сабза ва гиёҳ
*Хадеш* — соҳибхона
*Халхол* — ҳалқаи тилло ё нуқра, ки занон барои зинат ба пой мебанданд.
*Харос* — осиёе, ки бо қувваи хару гов ва чорпои дигар мегардад.
*Хафақон* — таппиши дил
*Хафз* — паст кардан, поён фуровардан
*Хафир* — нигоҳбон, посбон, қаровул
*Хафиф* — сабук; номи яке аз баҳрҳои фаръии арӯз, ки рукни махсус надошта, дар натиҷаи омезиши рукнҳои фоилотун /мустафъилун /фоилотун (ду бор) сохта мешавад.
*Хафия* — чизи пӯшида, сир
*Хафранҷ* — вазнинӣ, гаронӣ
*Хафтон* — ҷомаест, ки сипоҳиён аз таги зиреҳ мепӯшиданд.
*Хаффош* — кӯршабпарак
*Хаш* — модарарӯс, хушдоман
*Хашаб* — чӯб, тахта

*Хашан* — як навъ гиёҳе, ки аз он ҷома мебофтанд ва бештар онро камбағалону қашшоқон мепӯшиданд.
*Хашина* — хокистарранг
*Хашук* — ҳаромзода, фарзанди ҳаромӣ
*Хашья* — тарс, бим, ҳарос
*Хаю* — оби даҳан, туф
*Хеш* — чӯбе, ки бар гардани гов мебанданд; юғ
*Хибоъ* — пӯсти донаи гандум
*Хибрат* — дониш, дониши расо
*Хида* — ҳамида, кач
*Хидоъ* — фиреб, макр, дурӯғ
*Хиём* — хаймаҳо
*Хиёр* — ихтиёр, ирода
*Хизеб* — ранг, ҳино
*Хилол* — чӯби махсуси дандонковӣ
*Хум* — ифлосӣ, чароҳат, захм
*Химор* — парда, фаранҷӣ
*Хинсир* — ангишти хурд
*Хинҷир* — хук
*Хулд* — биҳишт
*Хумс* — аз панҷ як

*Чарб* — ваъдаҳои зиёдатӣ додан, умедвор кардан

*Шавниз* — сиёҳдона, ки бар рӯи нон пошанд; кунҷид
*Шаммома* — печаки хушбӯй
*Шангарф* — симоби гӯгирддор, ки гарди сурхи қаҳварангаш дар наққошӣ ба кор меравад.
*Шим* — навъи моҳие, ки дар пушташ холҳои сиёҳ дорад.

*Эҳтишон* — соҳиби ҳашамат ва шукӯҳ будан

*Явоқит* — ёқутҳо
*Ялмизун алмутавваъин* — айб меҷӯянд садақадиҳандагонро.
*Янсурукаллоҳ* — худо ба ту ёрӣ мерасонад.
*Ясор* — тавонгарӣ, бойгарӣ
*Яъсамукаллоҳ* — туро худо нигоҳ медорад.
*Яъҷуз* — қавми афсонавиест, ки гӯё дар ҷанг мағлуб намешудаанд ва гӯё Искандари Мақдунӣ барои пешгирии онҳо садде баста будааст, ки бо номи Садди Искандарӣ машҳур аст.
*Яғанҷ* — мори зарди безаҳр
*Яғмой* — тороҷгарӣ, ғоратгарӣ
*Яқзон* — бедор, хушёр
*Ялмум* — номи асп
*Яҳтамил* — эҳтимол, мумкин аст



*Ғабин* — зарардида, фиребхӯрда
*Ғабоват* — нодонӣ, бехабарӣ, аҳмақӣ
*Ғабӣ* — кундзеҳн, нофаҳм, бефаҳм
*Ғавоят* — ноумедӣ, гумроҳӣ
*Ғавр* — мулоҳиза, андеша, диққат
***Ғавс*** — чуқур андеша ва мулоҳиза кардан
*Ғавӣ* — гумроҳ
*Ғад* — фардо, пагоҳ
*Ғадир* — обе, ки аз оби борону сел ва дигар обҳои партов ҷамъ шудааст ва равон намешавад, кӯл
*Ғадрпеша* — хиёнаткор, ҷафокор
*Ғазанфар* — шер
*Ғазв* — ҷанг, ҳарб дар роҳи дини ислом
*Ғазл* — бофтан, риштан; ришта
*Ғай* — гумроҳӣ, ба ғалат ва иштибоҳ мондан
*Ғайз* — камбаҳо шудан
*Ғайм* — абр, меғ
*Ғайс* — борон, борони сахт
*Ғалас* — торикии охири шаб
*Ғалил* — ташна, он, ки аз ташнагӣ ҳалқаш хушк шудааст.
*Ғало* — қаҳту қиматӣ
*Ғамом* — абр, абри сафед
*Ғанам* — гӯсфанд, галаи гӯсфандон
*Ғанг* — тири ҷувоз; санги ҷувоз
*Ғаним* — душман, рақиб
*Ғанҷа* — раънойӣ, нозу карашма
*Ғаран* — садои гирья
*Ғарв* — най; найе, ки аз қалам месозанд
*Ғард* — бинои баҳорӣ ва тобистонии одамнишин
*Ғариз* — нармдилӣ, дӯстӣ, лутфу меҳрубонӣ
*Ғарим* — қарздиҳанда, қарздор
*Ғарс* — ниҳол, дарахти нав шинонидашуда
*Ғарур* — фиребгар
*Ғарчагӣ* — аблаҳӣ, нодонӣ, нофаҳмӣ
*Ғасақ* — шом, торикии аввали шаб
*Ғасс* — хароб, лоғар, камгӯшт
*Ғатит* — наъраи уштур, шиҳаи асп
*Ғафур* — бахшоянда, афвкунанда
*Ғафҷ* — обгир, ҳавз, кӯл
*Ғев* — садои баланду расо
*Ғиббан* — гоҳ-гоҳ, дер-дер
*Ғиёс* — фарьёдрас
*Ғилзат* — дағалӣ, дуруштӣ, бадмуомилагӣ
*Ғилмон* — ғуломҳо

*Ғилч* — гиреҳи душворкушо
*Ғимд* — ғилоф, ниём
*Ғир(р)* — фиребхӯрда
*Ғирора* — ҷувол, қанор
*Ғислин* — зарфе, ки дар он ҷомашӯӣ мекунанд, тағора
*Ғитоъ* — парда, пӯшиш
*Ғишоъ* — парда, пӯсти тунук
*Ғоб* — сухани беҳуда, сафсата
*Ғоба* — ҷангал, беша
*Ғовӣ* — гумроҳ, фиребхӯранда
*Ғодия* — бомдод, субҳ, пагоҳӣ
*Ғоила* — бадӣ, кинаи пинҳонӣ
*Ғол* — шикофи кӯҳ, ғор
*Ғолук* — мӯҳра ва гулӯлае, ки дар камонгурӯҳа монда меандохтаанд.
*Ғомиз* — мушкил, душворфаҳм
*Ғош* — ошиқи шайдо, ошиқи гузаро
*Ғужб* — донаи ангур
*Ғужм* — хашм, қаҳр
*Ғул* — мувофиқи ақидаи хурофӣ, деве, ки ба ҳар шакл даромада, одамонро аз роҳ мебаровардааст.
*Ғулула* — зулф ва мӯи ҷингила
*Ғулув* — хуҷуми якбораи ҳама
*Ғулул* — хиёнат
*Ғумум* — ғамҳо
*Ғунна* — тараннум
*Ғурм* — гӯсфанди кӯҳӣ
*Ғуроб* — зоғ, зоғи сиёҳ
*Ғуробӣ* — сиёҳранг
*Ғурунба* — бонг, хурӯш
*Ғурфа* — хона, болохона, дарича
*Ғусп* — шохаи дарахт
*Ғуфа* — пӯстин
*Ғӯл* — ҷое, ки дар домани кӯҳҳо ва дар саҳро барои дар шаб хобидани ҷорпоён сохта мешавад.
*Ғӯлин* — кӯзаи дудаста
*Ғӯт* — фалахмон
*Ғӯшт* — бараҳна, луч

*Қабоҳат* — зиштӣ дар кор ва гуфтор
*Қабъ* — ҳирс, ҳарисӣ, озмандӣ
*Қавад* — ниқор, қасос
*Қаввод* — далла, қалтабон
*Қаввол* — сурудхон, ҳофиз



*Қаввом* — устуворкунанда, барпокунанда
*Қаввос* — камондор, тирандоз
*Қавд* — аспе, ки ба етак меравад.
*Қавим* — устувор, пойдор
*Қавиҳол* — давлатманд, бой
*Қавом* — устуворӣ, пойдорӣ
*Қаворир* — шишаҳо, зарфҳо
*Қавоси қузаҳ* — тирукамон, рангинкамон
*Қавс* — дар илми нуҷум номи бурҷи нӯҳум аз дувоздаҳ бурҷи фалак.
*Қавсар* — сабади хасин, ки дар он меваи хурмо ва ғайраро нигоҳ медоранд.
*Қадар* — тақдир, қисмат, насиб
*Қадид* — гӯшт ё моҳии хушк ва намак кардашуда
*Қадир* — тавоно, боқудрат
*Қадҳ* — мазаммат, таъна
*Қаз(з)* — абрешими хом
*Қазаъ* — беҳуда, бефоида, бекора
*Қазиб* — шох, шоха, навда
*Қазф* — мазаммат кардан, дашном, тӯҳмат
*Қаир* — чуқур, амиқ
*Қайим* — нигоҳдор ва барподоранда
*Қайлула* — хоби нисфирӯзӣ, хоби баъд аз пешин
*Қайсарон* — номи яке аз оҳангҳои қадимӣ
*Қайкоҷ* — каҷ, тирандозии ба ҳар тараф
*Қалақ* — тарсу ларза, изтироб
*Қалбзан* — сохтакор, қаллоб
*Қалил* — кам, андак
*Қалилулбақо* — бедавом, каммуддат
*Қалиқо* — беором
*Қаллош* — ҳилагар, маккор; беору номус
*Қалочурӣ* — як навъ шамшери дарози обдор
*Қалтабон* — далла, номусфурӯш
*Қалъ* — решакан кардан, аз бех кандан
*Қамис* — пироҳан, курта
*Қамъ* — задан, шикастан, нест кардан
*Қандил* — чилчароғ, чароғи овезон
*Қанина* — пиёла, ҷом
*Қанодил* — чароғҳои овезон
*Қанот* — ҷӯе, ки дар зери замин канда шудааст, кориз
*Қантара* — кӯпрук, пул
*Қанӯъ* — касе, ки ба қаноат одат кардааст, бисёр қаноаткунанда.
*Қарбус* — қоши зин, қорч
*Қариб* — номи яке аз баҳрҳои фаръии арӯз, рукнҳои асосиаш

мафойлун /мафойлун /фоилотун мебошад. Навъҳои асосии ин бахр бештар дар шакли мусаддас сохта мешавад. Зиҳофҳои рукни мафойлун-ахраб (мафъӯлу), макфуф (мафойлу) ва зиҳофҳои рукни фоилотун-маҳзуф (фоилун) ва мақсур (фоилон) дар ин бахр хеле серистеъмоланд.

*Қарибуссин* — ҳамсол, ҳамсин
*Қарир* — хунук, сард, шодмон, хурсанд
*Қароба* — обдон, зарфи об, шиша, ҷом
*Қаровина* — хешовандон, наздикон
*Қарҳа* — захм, реш
*Қасаба* — най; чизе, ки монанди най дароз ва миёнхолӣ бошад.
*Қасват* — сахтдилӣ, сахтдил будан
*Қасиб* — либоси рангоранг
*Қасим* — қисматкунанда
*Қасоба* — матое, ки ба сар мебанданд.
*Қаср* — кӯтоҳӣ, норасоӣ
*Қассом* — тақсимкунанда, бахшкунанда
*Қатиб* — полон, тӯқум
*Қатиф* — лӯнгӣ, ридо, порчае сафеде, ки ба китф мегиранд.
*Қатоъ* — паррандаи кӯчанда
*Қатрон* — моддаи равғанмонанди сиёҳ, ки аз чӯби дарахти аръар, санавбар ва ғ. мегиранд.
*Қаттоъ* — буранда, роҳзан, дузди роҳи корвон
*Қатӯъ* — бурранда, тез
*Қафиз* — паймона, зарфи ғаллапаймоӣ
*Қафр* — биёбони холӣ, биёбони бесокин
*Қаъд* — нишаст, нишастан
*Қаҳф* — захм задан, шикастан
*Қивом* — поя, сутун; асл, асос
*Қиёдат* — роҳбарӣ, сардорӣ, пешвоӣ
*Қиноъ* — рӯбанд; чашмбанде, ки занон ба рӯй мегиранд; бурқаъ
*Қирон* — ба ҳам наздик омадани ду ситораи сайёра дар як бурҷ.
*Қирт* — гӯшвора, ҳалқаи гӯш
*Қирфа* — пӯстлох
*Қисас* — қиссаҳо
*Қисор* — кӯтоҳ, калта
*Қисос* — интиқом, қасос
*Қиссо* — бодиринг, хиёр
*Қист* — ҳисса, насиб, бахш
*Қистав* — шитоб, шитобкорӣ
*Қистос* — тарозу, тарозуе, ки хеле дуруст бармекашад.
*Қифол* — раги даст, ки аз он хун мегиранд.
*Қиҳор* — пиёлаи чӯбин ба шакли косахонаи сар
*Қобиз* — давое, ки дарунравиро нигоҳ медорад.



*Қобила* — доя, момодоя
*Қодим* — оянда
*Қозура* — кори бад, гуноҳи сахт, ҳаромкорӣ
*Қоид* — сарлашкар, фармонфармои лашкар
*Қоима* — устувор, пойдор
*Қом* — фолбин, найрангбоз, соҳир
*Қомеъ* — фотеҳ, фатҳкунанда, ғолиб
*Қонӣ* — ба ранги хун, сурхи баланд
*Қорура* — шиша, зарф; зарфе ба шакли масона, ки пешоби беморро дар он рехта, барои муайян кардани бемори ба назди табиб мебаранд.
*Қосид* — номабар, хабаррасон
*Қосит* — касе, ки аз ҳаққу адолат рӯй гардонидааст; ситамгар, золим
*Қосӣ* — дур, баланд
*Қотим* — сиёҳ, сиёҳранг
*Қотин* — бошанда, истиқоматкунанда
*Қофила* — гурӯҳе аз мардуми пиёда ё савора, ки ба ҳам ба сафар мераванд, корвон.
*Қоч* — замини ҳамвор ва васеъ
*Қубҷур* — андоз; хироҷ аз чорво
*Қунут* — фармонбардорӣ
*Қурта* — пӯшок, либос, курта

*Ҳабо* — беҳуда
*Ҳавос* — қувваҳое, ки ба воситаи он чизеро ҳис мекунанд ва дармеёбанд.
*Ҳайат* — намуд, пайкар, сурат
*Ҳамсуфт* — ҳампаҳлу
*Ҳарғирз* — ҳаргиз
*Ҳароина* — албатта, ноилоҷ, ночор
*Ҳаюн* — шутури тезрафтор
*Ҳаҷҷом* — сартарош; хунгир, ҷарроҳ
*Ҳизоб* — ранг
*Ҳорда* — ҳунар, касб
*Ҳудус* — пайдоиш
*Ҳӯй* — афсӯс, дареғ

*Ҷадӣ* — бузғола
*Ҷазъ* — навъе аз сангҳои оройишӣ, ки сафеду сиёҳ аст ва мӯҳраи сулаймонӣ ё яманӣ ҳам номида мешавад.
*Ҷарҳат* — туро ҷароҳатдор кард.
*Ҷибоҳ* — пешониҳо, ҷабинҳо
*Ҷинон* — ҷаннат, биҳишт

# ФЕҲРИСТИ ИСТИЛОҲОТ

Абкам 79
Абтар 52, 58, 97, 125
Автари мусаббағ 97
Авзон, ниг. *Вазн.*
Автод, ниг. *Ватад.*
Адаби талаб 264, 325, 329
Азалл 97, 522
Азоҳиф, ниг. *Зиҳоф.*
Айто, ниг. *Ито.*
Акфон, ниг. *Икфо.*
Аркон 44
Аркони арӯз 44, 45, 87
Аркони қавл 44
Арӯз 22, 34, 333
Асамм 79, 147
Асб 72
Асбоб, ниг. *Сабаб.*
Аскон, ниг. *Сукун.*
Аслам 53, 57, 58
Аслами мусаббағ 59, 129
Асрам 58, 60, 144
Афоил 36, 45, 46, 64
Ахир, ниг. *Мушокил*
Ахраб 51
Ахрам 51, 62
Ахрами макфуф 62
Ахрами мусаббағ 62
Ахрас 79, 147
Аштар 52
Аштари мусаббағ 52
Аъориз, ниг. *Арӯз.*
Ақво 228
Ақс 147
Ақсам 147
Ақсами мусаббағ 147
Аҳазз 56, 117, 133
Аҳаззи макфуф 56
Аҳаззи мақсур 56
Аҳаззи музол 56
Аҳаззи мусаббағ 56
Аҳзаз 56
Ахтам 52
Аҷам 152
Аҷами музол 152
Аҷъ, ниг. *Зарб.*
Аҷиб 79
Бадил 147
Байт 30, 192
Байти қасида, байтулқасида 264
Барӣ 60
Баст 264, 301, 302
Батар 50, 52, 58
Баҳр 48
Баҳрҳои аслӣ 48
Баҳрҳои фаръӣ 48
Боис 147
Буҳур, ниг. *Баҳр.*
Вазн 48
Васл 167, 191, 214
Ватад 35, 38
Ватади касрат 35
Ватади мафруқ 36, 65
Ватади мақрун 36, 52, 222
Ватади маҷмӯъ 36
Вакс 73
Вақф 50, 57
Вови маъдула 48
Вофир 70, 71
Вофӣ 60, 62
Гурез 260
Дахил 166, 176, 214, 218
Дақуннокус 68
Девон 162
Доираи ватад 38
Доираи Мунтазиа, ниг. *Мунтазиа.*
Доираи Мунфарида, ниг. *Мунфарида.*
Доираи Мунъакиса, ниг. *Мунъакиса.*
Доираи Мунъалиқа, ниг. *Мунъалиқа.*
Доираи Мунғалата, ниг. *Мунғалата.*



Доираи Муттасиқа, ниг. *Муттасиқа.*
Доираи Мухталита, ниг. *Мухталита.*
Доираи Мухталифа, ниг. *Мухталифа.*
Доираи Муштабиҳа. ниг. *Муштабиҳа.*
Доираи Муштабиҳаи зоифа 162
Доираи Муштабиҳаи музоҳифа 158
Доираи Муҷталиба, ниг. *Муҷталиба.*
Доираи Муҷталибаи зоидаи музоҳафа 158
Доираи Муҷталибаи солима 158
Доираи Муҷталиа, ниг. *Муҷталиа.*
Доираи Мӯъталифа, ниг. *Мӯъталифа.*
Доираҳои авзони араб 18
Доираҳои авзони форсӣ 18
Доираҳои арӯз 17
Дубаҳра, ниг. *Зубаҳрайн.*
Дуъо 256
Забар 219
Залал 52
Замма 219
Зарб 34, 48
Зарби мувассаъ 131
Зарби музаффо 54, 131
Зарбулхайл 68
Захф 48
Зер 214
Зиҳоф 48, 58
Зубаҳрайн 264
Зубуҳр 264
Зулқофиятайн
Зуруб, ниг. *Зарб.*
Зуқофиятайн 264
Ибтидо 34
Ибқо 230
Изолат 55, 86
Изофат 62
Икфо 228, 229
Илал 58
Илмом 368, 373
Илтифот 264, 304
Илтиқоб 265
Имола 207
Имтизоҷ 265
Интиҳол 368
Инфикок 76
Ирдоф 264, 295
Ирсолулмасал 264
Истнора 264, 292
Иститрод 264, 300
Истишод 264
Исқот 56
Ито 230, 233
Ишбоъ 54, 170, 218
Ишмом 264
Иштикок 276
Иғол 264, 284
Иғроқ 286, 290
Икоъ 56
Иҳом 264, 284
Иҷтимоъ 52
Қабир 147
Қасра 219
Касф 53
Каф 50, 53
Кашиш 207
Комил 16
Лутфи тахаллус 264, 325
Луғз 264, 340, 372
Мавзунӣ 25
Мавфур 60, 62
Мавқус 73, 153
Мавқуси музол 153
Мавқуси мураффал 153
Мавқуси мураффали мусаббағ, ниг. *Мавқуси мутаввал.*
Мавқуси мутаввал 153
Мавқуфи матвӣ 57

Мавқуфи махбун, ниг. *Махбуни мавқуф.*
Мадҳ 256
Мадҳия 256
Мазид 167, 217
Мазмум 40
Максур 40
Максуф, ниг. *Макшуф.*
Макфуф 50, 53
Макшуф 59
Макшуфи матвӣ, ниг. *Матвии макшуф.*
Макшуфи махбун, ниг. *Махбуни макшуф.*
Мамсух, ниг. *Маслух.*
Манкус 72, 73
Манхуқ 60, 62
Манхур 58, 60, 118
Марбӯъ 54, 112
Марбӯъи мусаббағ 112
Марфӯъ 56, 117
Марфӯъи махбун 56
Марфӯъи музол 56
Марфӯъи мураффал 56
Марфӯъи мураффали мусаббағ ниг. *Марфӯъи мутаввал.*
Марфӯъи мутаввал 56
Маръӣ 62
Маслух 55, 59, 123, 125
Мамнӯъ 147
Масх 55
Матбӯъ 264, 344
Матвии мавқуф 57, 117
Матвии макшуф 57, 117
Матвии махбун, ниг. *Махбул.*
Матвии махбуни мавқуф, ниг. *Махбули мавқуф.*
Матвии махбуни максуф, ниг. *Матвии махбуни макшуф.*
Матвии махбуни макшуф 56
Матвии махбуни музол, ниг. *Махбуни музол.*
Матвии мураффал 59
Матвии мутаввал 56
Матвӣ 55, 57, 75
Матлаъ 48
Матмус 55, 59, 125
Мафкук 76
Мафруқ 56
Мафтӯҳ 40, 205
Махбул 56
Махбули мавқуф 56
Махбули макшуф 56
Махбули музол 56, 59
Махбун 55, 57, 75
Махбуни аҳазз 55
Махбуни макфуф 57
Махбуни макшуф 57, 60
Махбуни матвии мавқуф 57
Махбуни матвии макшуф 57, 60, 133
Махбуни матвии музол ниг. *Махбули музол.*
Махбуни матвӣ 59
Махбуни мақсур 59, 112, 129
Махбуни мақтӯъ, ниг. *Мухаллаъ.*
Махбуни маҳзуф 59, 112
Махбуни мувассаъ 59
Махбуни музаффо 59
Махбуни музол 56, 59
Махбуни мураффал 59
Махбуни мусаббағ 59
Махбуни мутаввал 59
Машкул 53
Маштур 60, 62, 78, 109
Маъсуб 72
Маъкул 152
Маъқули музол 152
Маъкул 147
Мағзуб 147
Мақбуз 51, 58
Мақбузи мусаббағ 51
Мақлуб 346
Мақлуби Мадид 147
Мақлуби Тавил 147
Мақсур 52, 53, 58
Мақтуф 72, 131



Мақтӯъ 55, 73
Мақтӯъи махбун 73
Мақтӯъи махбуни мусаббағ 55
Мақтӯъи маҳзуф 55
Мақтӯъи маҳзуфи мусаббағ 55
Мақтӯъи мусаббағ 120
Маҳдуд 264, 331
Маҳзуз, ниг. *Аҳазз.*
Маҳзузи маҳзуф 56
Маҳзуф 52, 53, 58
Маҳзуфи махбун 53
Маҳзуфи мақсур 53
Маҳзуфи мақтӯъ 129
Маҳзуфи мусаббағ 53
Маҳҷуб 210
Маҷбуб 52, 97
Маҷдӯъ 58, 60, 117
Маҷзув 108, 156
Маҷзул 58
Маҷмӯъ 62, 71, 78
Маҷҳулҳарака 71
Маҷҳуф 53, 112, 129
Маҷҳуфи мусаббағ 54, 59
Мисраъ 34
Муайян 147
Муаммам 147
Муаммо 264, 340
Муарро 60, 62
Муаққад 318
Мубҳам 147
Мувассаъ 115
Мувассаъи махбун 115
Мувашшаҳ 314
Музаллаъ 319
Музаммам 147
Музаффо 115
Музаффои махбун 115
Музаҳҳаф 161
Муздаваҷ 264, 335
Музмар 73
Музмари аҳазз 73
Музмари мақтӯъ 73
Музмари музол 73
Музмари мураффал 73
Музмари мутаввал 73
Музол 55
Музореъ 49
Музоҳаф 402
Муламмаъ 62
Музаҳиф 58
Мункасир 59
Муноқаза 228, 233
Муноҷот 256
Мунсареҳ 66, 116
Мунсареҳи кабир 78
Мунсареҳи сағир 78
Мунтазиа 83, 138, 159
Мунтасақ 62
Мунфарида 68
Мунфасил 49
Мунъакиса 79, 156
Мунъалиқа 79, 388
Мунғалата 79, 388
Муоқабат 50, 60, 61
Мурабба 210
Мураддаф 210
Мурассаъ 264
Мураффал 56, 59
Мураффали матвии мақсур 59
Мураффали матвӣ 59
Мураффали махбун 59
Мураффали махбуни макфуф 59
Мураффали мақсур 59
Мураффали мақсури музол 59
Мураффали мусаббағ, ниг. *Мутаввал.*
Муроотунназир 307
Муроқибат 50, 60, 61
Мусаббағ 54, 86
Мусаддас 113
Мусаллас 113
Мусамман 113
Мусанно 113
Мусарраъ 264, 335
Мусаттар 147
Мусовот 301, 302
Мустаъмал 79

Мутаввал 111
Мутаввали матвӣ 111
Мутаввали мақсур 111
Мутавотир 222
Мутадорик 68, 222
Мутайяр 318
Мутакаллиф 264, 344
Мутаковис 221, 222
Муталаввин 64
Мутародиф 222
Мутарокиб 221, 222
Мутарраф 319
Мутобақа 264, 277
Муттасиқ, ниг. *Мутақориб.*
Муттасиқа 68
Муфаввaф 69
Мухаззал, ниг. *Маҷзул.*
Мухаззали музол 59
Мухаллаъ 55
Мухаллаъи музол 55
Мухаллаъи мусаббағ 55
Муханнақ 51
Муханнақи мақсур 51
Муханнақи маҳзуф 51
Мухталита 64
Мухталифа 64, 79, 158
Мухтареъ 53
Мушаасс 53, 115
Мушаасси мусаббағ 53
Мушаббаъ 205
Мушаҷҷар 317
Мушбаъ 54
Мушокил 50
Муштабиҳа 65, 79
Муштабиҳаи зоида 79
Муштабиҳаи музоҳафа 79
Муштабиҳаи мусаддаса 79
Муштарак 147
Муқайяд 192, 219, 223
Муқаффӣ 264, 337
Муқтазаб 67, 331
Муҷталаба 64, 77
Муҷтамеа 64
Муҷтасс 50, 67
Мӯътадил 60, 62
Мӯъталифа 64, 79, 158
Мӯҳдас 69
Мӯхмал 147
Надил, ниг. *Бадил.*
Насиб 260, 329, 332
Нафоз 220
Наът 256
Нақс 73
Наҳр 58
Нидо 240
Нодир 68
Ноира 167
Рабъ 50, 54
Равии мутлақ 224
Равии муқайяд 223
Равӣ 167, 191, 204
165, 200, 204
Раддулаҷз илассадр 272, 273
Раддӯссадр илалаҷз 272
Ракз 222
Ракзулхайл, ниг. *Мутадорик.*
Рамал 113
Рас(с) 218
Рафъ 5, 56, 58
Раҷаз 108
Ридф 167, 176, 223
Ровӣ 69
Рубоӣ 333
Рукн 35, 38
Сабаб 35, 38
Сабаби мутавассит 44, 87
Сабаби хафиф 35, 43
Савтуннокус, ниг. *Мутадорик.*
Садр 34, 50, 52, 60
Сакта 64
Салам 50, 53, 57
Салим 74, 147
Салх 50, 55, 369, 371
Санод 167
Сарам 58
Сареъ 133
Сарим 79, 147
Сарм 79



Сағир 147
Сақил 182
Саҳеҳ 60, 62, 95
Сиёқатулаъдод 264, 310
Синод 228, 229
Солим 60, 62
Сотеъ 61
Сукун 58
Тавил 63, 64
Тавсеъ 51, 54
Тавсим 264, 298
Тавфир 54
Тавшеҳ 264, 312
Тавқеъ 54
Тадорук 264, 305
Тазмин 228, 234
Тазфит 51, 54
Тазфият 131
Тай 50, 55, 57
Такмил 264, 285
Такрир 264, 275, 310
Талаввун 240
Талмеҳ 264, 301
Тамс 50
Тамсил 264, 294
Тамус 50, 55
Тансиқи сифот 264, 309
Тарафон 51
Тарсеъ 264, 269
Тарҷеъ 264, 320
Тарҷеъбанд 320
Тасбеғ 54
Тасмит 264, 311
Тафреъ 264, 301
Тафриқ 264
Тафсим 264
Тафсир 264, 296, 310
Тахлеъ 55, 228, 238
Тахниқ 50
Ташбеҳ 240, 264, 279
Ташбеҳи киноя 278, 280
Ташбеҳи машрут 278, 281
Ташбеҳи музмар 278, 282
Ташбеҳи сареҳ 278
Ташбеҳи тасвит 278, 282
Ташбеҳи тафзил 278, 283
Ташбиб 260, 329
Ташъис 50, 53
Таъкидулмадҳ 264, 305
Таълиқ 264
Таъсис 167, 213
Тағаззул 260
Тақориб 133
Тақсим 264, 297, 310
Тақтеъ 32, 44, 82, 192
Таҳлил 213
Таҷнис 263, 271
Таҷниси зоид 272
Таҷниси муздаваҷ 271, 274
Таҷниси мураккаб 271, 273
Таҷниси мутарраф 271, 276
Таҷниси ноқис 271, 273
Таҷниси том 271, 272
Таҷниси хат 271, 276
Том 60, 62
Турфон 52, 60, 61
Узубат 301
Усули шеър 68
Уюби қофия 171, 228
Фурӯъ 37, 47
Хабал 55
Хабл 55
Хабн 35
Хазм 51
Харб 49
Харм 50, 51
Хасий 104
Хафифи кабир 78
Хафифи сағир 78
Қатъ 50, 55, 73
Қотеъ 147
Қофия 34, 165
Ҳадис 67
Ҳазаз 50, 57
Ҳазаҷ 113
Ҳазв 193, 218
Ҳазф 50, 52, 53
Ҳамид 147
Ҳамим 147
Ҷахф 53

# ТАЪЛИҚОТ

1. Арӯзиёни имрӯза барои нишон додани ҳиҷои дароз аломати (—) ва барои ифодаи ҳиҷои кӯтоҳ аломати (V)-ро истифода мебаранд. Пас ба ҷои ду сифри гузашта ду бор аломати (VV)-ро мегузоранд.

2. Мисраъи «Гар дили маро хаста накунӣ, бинаравам»-ро ба ҷузъҳо тақсим кунем, сабаб, ватад ва фосила ба вуҷуд меояд. Калимаи «гар», ки аз як ҳиҷои дароз иборат аст, мувофиқи қоидаи илми арӯз, сабаби хафиф; калимаи «дили», ки аз ду ҳиҷои кӯтоҳ сохта шудааст, сабаби сақил; калимаи «маро», ки аз як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз иборат аст, ватади мақрун (ватади маҷмӯъ низ меноманд); калимаи «хаста», ки аз як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ сохта шудааст, ватади мафруқ; калимаи «накунӣ», ки аз ду ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз сохта шудааст, фосилаи суғро; калимаи «бинаравам», ки аз се ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз иборат аст, фосилаи кубро ном дорад. Барои ҳамин ҳам, муаллиф дар поёни ҳар калима сабаб, ватад, фосила ва навъҳои онҳоро дар қавсайн ҷой додааст.

3. Байти

То кай моро дар ғам дорӣ,
То кай бар мо орӣ хорӣ?

фақат аз ҳисоби ҳиҷоҳои дароз сохта шудааст, яъне рукнҳои он сабаби хафифро ташкил додаанд; байти дуюм:

Ҷаро аҷаб надорам аз нигори ман,
Ки бегунаҳ бурун шуд аз канори ман.
мафоилун/мафоилун/мафоилун
V—V—/V—V—/V—V—

бошад, фақат аз ватади маҷмӯъ (яъне аз як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз) иборат аст; байти сеюм:

Чи кунам, санамо, чу дилам ситезӣ,
Бикашам зи ту, ҳар чи кунӣ зи бадӣ.
фаилун/фаилун/фаилун/фаилун
VV—/VV—/VV—/VV—

фақат аз фосилаи суғро (яъне ҳар рукни он аз ду ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз) сохта шудааст. Ба ақидаи муаллиф, шеъре, ки танҳо аз сабаб ё танҳо аз ватад, ё ин ки танҳо аз фосила иборат аст, шеъри хуш ва гуворо нест.

4. Вақте ки муаллиф «ин ду ҷузв агар чи дар вазну лафз мувофиқ ва мумосили (монанди) он ду ҷузв меоянд, ки аз таркиби ду сабабу ватаде маҷмӯъ хезад, дар таркиб мухолифи он аст» мегӯяд, рукнҳои фоилотуну (—V——) мустафъилун (——V—) ва фои-ло-туну (—V——) мус-тафъ-илунро (——V—) дар назар дорад. Дар ҳақиқат, ин чаҳор рукн аз ҷиҳати миқдори ҳиҷоҳои кӯтоҳу дароз аз ҳамдигар тафовут надоранд, аммо аз ҷиҳати таркиби аҷзо аз ҳам фарқ менамоянд. Фоилотун рукни асосии баҳри Рамал буда, аз як сабаби хафиф—«фо», як ватади маҷмӯъ—«ило» ва боз як сабаби хафиф — «тун» иборат аст. Рукни фои-ло-тун аз ватади мафруқ — «фои» ва ду сабаби хафиф — «ло»-ю «тун» сохта шудааст ва дар баҳрҳои Қарибу Музореъю Мушокил иштирок менамояд. Мустафъилун рукни асосии баҳри Раҷаз буда, аз ду сабаби хафиф — «мус»-у «таф» ва як ватади маҷмӯъ — «илун» иборат аст. Дар рукни мус-тафъи-лун бошад, аввал як сабаби хафиф «мус», як ватади мафруқ —«тафъи» ва боз як сабаби хафиф— «лун» омадааст ва ин рукн дар сохтани баҳрҳои Ҷадиду Хафифу Муҷтасс иштирок менамояд. Яъне рукнҳои фоилотуну фои-ло-тун, мустафъилуну мус-тафъи-лун ҳарчанд аз ҷиҳати вазну лафз мувофиқанд, вале аз ҷиҳати таркиби аҷзо мухталиф мебошанд.

5. Муаллиф фаӯлунро ҳам дар мавриди рукни асосии баҳри Мутақориб ва ҳам дар мавриди ба вазифаи зиҳоф (зиҳофи маҳзуфи рукни асосии баҳри Ҳазаҷ) омадани он ном мебарад, аммо дар хусуси фоилун, ки ҳам рукни асосии баҳри Мутадорик асту ҳам дар баҳрҳои Ҳазаҷу Рамал ва ғайра ҳамчун зиҳоф иштирок менамояд, чизе намегӯяд.

6. «Қалимаи сездаҳ ғалат аст ва бояд дувоздаҳ бошад ё як вазн аз муншаъибот афтодааст ва зоҳиран сездаҳ ғалат бошад, чи дар кутуби арӯзи дигар ҳам ғайр аз ин фурӯъ мазкур нашуд, чунончи дар «Меъёр-ул-ашъор» низ (с. 86) дувоздаҳ мешуморад. Тамоми нусхаҳо сездаҳ аст ва зоҳир он аст, ки калимаи сездаҳ саҳеҳ ва як вазн, ки мафъӯл (ба сукуни лом) аст, аз муншаъиботи мафоийлун дар тамоми нусхаи хаттӣ афтода бошад ва шояд иллати сукути дар ҷамеъи нусах он бошад, ки калимаи мафъӯлу-ахраб бо мафъӯл (муханнақи мақсур) чун ду сурат мушобеҳи якдигаранд, нависандаи нусхаи аввалия, ба тасаввури он ки ин калима муқаррар ва ғайри лозим аст, онро андохта ва дигарон ба табаияти ӯ нусхаи дигарро навишта ва дар натиҷа, ин фаръ аз тамоми нусах соқит шудааст. Ва далел бар ин матлаб яке он ки дар тамоми нусхаи хаттии ин китоб дар баҳри Ҳазаҷ, ки фурӯъи мафоийлун зикр шуда, ба ҷои ахраб (муханнақи мақсур) дорад ва зоҳир аст, ки чун сурати ҳар ду бо ҳам монанд буда, нависандаи китоб яке аз он дуро зоид пиндошта ва мафъӯлуи ахрабро андохта ва мафъӯли муханнақи мақсурро боқӣ гузоштааст, дар сурате ки будани мафъӯлуи ахраб аз фурӯъи мафоийлун муҳарраз ва дар назди тамоми

арӯзиён ин мусаллам аст ва ба ғайри ин ҳадсе, ки зада шуда хеле баид аст, ки дар тамоми нусах муҳаннақи мақсур ба ҷои ахраб саҳван навишта шуда бошад. Ва далели дигар он ки мусанниф дар баҳри Музореъ ҳам мафъӯлуи ахраб ва ҳам мафъӯли муҳаннақи мақсурро оварда ва аз муншаиботи мафоийлун шумурдааст ва ин сареҳ аст дар ин ки ин фаръ дар ин мавзеъ ва дар баҳри Ҳазаҷ афтодааст ва он чи устоди аллома марҳум Қазвинӣ дар таъдиди назарияи худ, ки ғалат будани сездаҳ бошад, аз китоби «Меъёр-ул-ашъор» нақл намудаанд, зоҳиран холӣ аз ғафлат нест, чи дар он китоб фурӯъи муншаиба аз мафоийлунро ду қисмат карда ва дар ду мавзеъ овардааст. Як қисмат фурӯъе, ки порсиён ба тақлид аз араб гирифта, ки барои он шаш фаръ шумурдааст ва қисмати дигар он чи порсиён аз худ афзудаанд ва барои ин қисмат дувоздаҳ фаръ овардааст. Бино бар ин фурӯъе, ки дар он китоб аз мафоийлун зикр шуда, ҳаҷдаҳ аст, на дувоздаҳ, ба илова ҳамин вазнро, ки ба воситаи тахниқ ва қаср аз мафоийлун пайдо шуда, дар он ҷо оварда бо ин фарқ, ки дар он ҷо фаълон ба ҷои мафъӯл омадааст, дар ҳар ҳол дар будани мафъӯл ё фаълон ба қавли соҳиби «Меъёр-ул-ашъор» ва аз фурӯъи мафоийлун ҷои шак ва тардид нест».

7. Рукни асосии баҳри Вофир дар ҳамаи китобҳои онди арӯз ба шакли мафоилатун омадааст. Худи ин муаллиф низ дар дигар саҳифаҳои ин асар онро ба таври мафоилатун оварда, фақат дар ҳамин ҷо ба васоити аломати замма таъкид кардааст, ки онро муфоалатун хонанд. Ба ҳар ҳол, рукни асосии баҳри Вофир дар китобҳои арӯзи гузашта ва имрӯза дар шакли мафоилатун сабт ёфтааст.

8. Муаллиф дар ин ҷо масали машҳури арабӣ: «Яхбиту хабта ашвоӣ» («Касе, ки кореро кӯркӯрона анҷом диҳад»)-ро истифода кардааст.

9. Мувофиқи ҷойгиршавии зиҳофҳо номи баҳрро Ҳазаҷи мурабаъи макфуфи маҳзуф гуфт, на он тавре ки муаллиф номидааст, барои он ки дар ҷои аввал зиҳофи макфуф — мафоийлу ва дар ҷои дуюм зиҳофи маҳзуф — фаӯлун омадааст.

10. Дар илми бадеъи классикӣ рукни охири мисраъи аввалро арӯз ва рукни охири мисраъи дуюмро зарб меномаид, барои ҳамин номи баҳрро Ҳазаҷи мусаддаси ахрами аштари саҳеҳ-арӯзу зарб бояд гуфт.

11. Азбаски вазни байт дар асоси рукнҳои ахраб-мафъӯлу ва маҷбуб-фаал сохта шудааст, номи баҳр Ҳазаҷи мусаддаси ахраби маҷбуб аст. Муаллиф зиҳофи ахраб-мафъӯлуро истисно карда, «мусаддаси маҷбуб» гуфтааст, ки ин ноқис аст.

12. Мувофиқи услубе, ки муаллиф дар гузоштани ном истифода кардааст, номи пурраи байт ин тавр аст: Ҳазаҷи мураббаъи садр—аштар, арӯз—мақбуз, ибтидо—солим, зарб—абтар, барои он ки дар



рукни аввали мисраъи якум, ки садр ном дорад, зиҳофи аштар—фоилун, дар рукни охири мисраъи аввал, яъне дар арӯз зиҳофи мақбуз—мафоилун, дар рукни аввали мисраъи дуюм, яъне дар ибтидо рукни солими мафоийлун ва дар рукни охири мисраъи дуюм, яъне дар зарб зиҳофи абтар—фаъ омадааст.

13. Муаллиф «байти машкул» гуфта баҳри Рамали мусаммани машкулро дар назар дорад, зеро дар рукнҳои якуму сеюми ҳар ду мисраъ зиҳофи машкул—фаилоту омадааст.

14. Аз рӯи рукнҳои байт он баҳри Раҷази мусаммани матвии махбун аст, чунки дар як байт шаш бор зиҳофи матвӣ — муфтаилун ва ду маротиба зиҳофи махбун—мафоилун омадааст.

15. Вобаста ба зиҳофи ин байт вазни он Раҷази мусаммани махбуни матвист, зеро аввал зиҳофи махбун — мафоилун, баъд зиҳофи матвӣ — муфтаилун омадааст.

16. Мисраъи аввали ин байт Раҷази мусаммани матвии махбуни мақтӯъ ва мисраъи дуюм Раҷази мусаммани махбуни матвии мақтӯъ аст, барои он ки дар мисраъи якум зиҳофи махбун—мафоилун аввалу зиҳофи матвӣ — муфтаилун дар ҷои сонӣ, дар мисраъи дуюм бошад, аввал зиҳофи матвӣ—муфтаилун, баъд зиҳофи махбун—мафоилун омадааст.

17. Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ—Ҳазаҷи мусаддаси мақбуз—мафоилун /мафоилун /мафоилун низ шакли афоили баҳри Раҷази мусаддаси махбунро дорад.

18. Мисраъи аввали ин байт дар баҳри Раҷази мураббаъи матвӣ, мисраъи дуюм дар баҳри Раҷази мураббаъи матвии мақтӯъ иншо шудааст.

19. Аз рӯи тартиби ҷойгиршавии зиҳофҳо мисраъи аввал Раҷази мусаддаси матвии музол, аммо мисраъи дуюм Раҷази мусаддаси махбуни матвии музол мебошад.

20. Мақсади муаллиф аз таркиби «махбуни музол-арӯз» он аст, ки вазни мисраъи аввали ин байт Раҷази мусаддаси махбуни музол мебошад, чунки арӯз рукни охири мисраъи аввалро гӯянд. Дар асл номи дурусти вазни мисраъи аввали байт Раҷази мусаддаси махбуни матвии махбуни музол ва вазни мисраъи дуюми он Раҷази мусаддаси махбуни матвӣ мебошад.

21. Вобаста ба тарзи ҷойгиршавии зиҳофҳои ин байт вазни мисраъи дуюм Раҷази мусаддаси матвии мураффал мебошад, зеро дар мисраъи аввал ду рукни мустафъилун ва як зиҳофи матвӣ-мустафъилотун ҷой гирифтааст.

22. Мисраъи аввали ин байт Мунсареҳи мусаддаси махбуни матвии мақтӯъ (чунки аввал зиҳофи махбун—мафоилун, баъд зиҳофи матвӣ—фоилоту ва дар охир зиҳофи мақтӯъ—мафъӯлун омадааст) буда, мисраъи дуюм Мунсареҳи мусаддаси махбуни матвии

мақтӯъи мусаббағ (барои он ки аввал зиҳофи махбун—мафоилун, баъд зиҳофи матвӣ — фоилоту ва дар охир зиҳофи мақтӯи мусаббағ мафъӯлон ҷой гирифтааст) ном дорад.

23. Вазни мисраъи аввал Мунсареҳи мусаддаси матвии мақтӯъ ва вазни мисраъи дуюм Мунсареҳи мусаддаси матвии аҳаззи мусаббағ мебошад. Вазни ҳамин байтро ин тавр низ номидан мумкин аст: Мунсареҳи мусаддаси садру ибтидо ва ҳашв — матвӣ, арӯз — мақтӯъ ва зарб — аҳаззи мусаббағ, барои он ки рукнҳои якуму дуюми ҳар ду мисраъ аз зиҳофи матвӣ (муфтаилун аз рукни мустафъилун ва фоилоту аз рукни солими мафъӯлоту) иборат буда, рукни сеюми мисраъи аввал — мафъӯлун аз зиҳофи мақтӯъ ва рукни сеюми мисраъи дуюм — фаълон аз зиҳофи аҳаззи мусаббағ сохта шудааст.

24. Муаллиф гуфтанист, ки яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ—Ҳазаҷи мусаддаси мақбузи макфуф — мафоилун /мафоӣлу /мафоилун низ шакли афоили баҳри Мунсареҳи мусаддаси махбунро дорад.

25. Дар ҳақиқат, яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани ахрами аштари абтар мафъӯлун /фоилун /мафоӣлун /фаъ шакли афоили баҳри Мунсареҳи мусаммани мақтӯъи матвии мақтӯъи манҳурро дорад.

26. Номи пурра ва дурусти ин вазн Музореъи мусаммани макфуфи мақсур аст, чунки дар ин ҷо зиҳофҳои макфуф ва мақсур дар як байт ҳашт маротиба омадаанд.

27. Ҳарчанд муаллиф дар қавсайн «мақсур» навиштааст, аммо вазни ин байт Музореъи мусаммани макфуфи маҳзуф аст, барои он ки дар ин ҷо фақат ду зиҳоф — макфуф (мафоӣлу аз рукни мафоӣлун ва фоилоту аз рукни фои-ло-тун) ва маҳзуф — фоилун (аз рукни фои-ло-тун) иштирок дорад.

28. Вазни ин байт Музореъи мусаддаси макфуфи маҳзуф аст, чунки дар ин ҷо ду зиҳоф: макфуф (мафоӣлу аз рукни мафоӣлун, фоилоту аз рукни солими фои-ло-тун) ва маҳзуф (фаӯлун ва рукни мафоӣлун) иштирок дорад.

29. Вазни ин байтро чунин бояд номид: Музореъи мусаммани ахраби маҳзуф (ҳашвайн — макфуф), зеро ҳашви якуми мисраъи аввал аз рукни солими фои-ло-тун, ҳашви дуюми мисраъи аввал аз зиҳофи ахраб — мафъӯлу иборат буда, ҳашвайни мисраъи дуюм аз зиҳофҳои макфуф — фоилоту ва мафоӣлу сохта шудааст.

30. Ҳарчанд муаллиф вазни байтро «ахраби мусаббағ—ҳашв» навиштааст, аммо рукнҳои арӯз ва зарби ин байт низ аз зиҳофи мусаббағ—фоилийён сохта шудааст. Барои ҳамин номи пурраи вазни ин байт Музореъи мусаммани ахраби мусаббағ мешавад.

31. Номи дурусти вазни ин байт Музореъи мусаммани ахраби макфуфи матмус аст, зеро рукнҳои садру ибтидо (яъне рукнҳои аввали мисраъи якуму дуюм) аз зиҳофи ахраб—мафъӯлу, рукнҳои



ҳашвайн (яъне рукнҳои дуюму сеюми мисраъи якуму дуюм) аз зиҳофи макфуф — фоилоту ва мафоилу ва рукнҳои арӯзу зарб (яъне рукнҳои охири ҳар ду мисраъ) аз зиҳофи матмус—фаъ сохта шудааст.

32. Агар ба ҷои зиҳофи ахраб—мафъӯлу зиҳофи ахрам—мафъӯлунро гузорем, пас вазни байтро Музореъи мусаммани ахрами макфуфи муханнақи матмус номидан лозим меояд.

33. Дар сурати бар вазни мафъӯлун /фоилун /мафоилун /фаъ тақтеъ кардан, номи баҳр Ҳазаҷи мусаммани ахрами аштари мақбузи абтар мешавад, ки он яке аз навъҳои вазни шаҷари ахрамӣ рубоиро ташкил медиҳад.

34. Вазни ин байт низ Музореъи мусаддаси ахраби муханнақ аст, зеро рукнҳои он аз зиҳофҳои ахраб—мафъӯлу, рукни солим—фои-ло-тун ва муханнақ—мафъӯлун иборатанд.

35. Номи дурусти вазни мисраъҳои аввалу охири ин порчаи шеърӣ Музореъи мусаддаси ахраби макфуфи мусаббағ (зеро дар ин мисраъҳо зиҳофҳои ахраб—мафъӯлу, макфуф—фоилоту ва мусаббағ — мафоӣлон иштирок дорад) ва номи вазни мисраъҳои дуюму сеюм Музореъи мусаддаси ахраби муханнақи мусаббағ (чунки дар ин ду мисраъ зиҳофҳои ахраб—мафъӯлу, рукни солим—фои-ло-тун ва муханнақи мусаббағ—мафъӯлон ширкат доранд) аст.

36. Азбаски дар ин байт зиҳофҳои ахраб—мафъӯлу, муханнақи мақсур — фаӯл ва рукни солим — фои-ло-тун иштирок доранд, вазни онро Музореъи мусаддаси ахраби муханнақи мақсур бояд номид.

37. Номи дурусти вазни ин байт Муқтазаби мураббаъи матвист, чунки рукнҳои он дар як байт аз чаҳор зиҳофи матвӣ (фоилоту аз рукни мафъӯлоту ва муфтаилун аз рукни мустафъилун) ташкил ёфтааст.

38. Вазни ин байт мураббаъи махбун не, чи хеле ки муаллиф мегӯяд, балки Муқтазаби мураббаъи махбуни матвӣ мебошад, зеро рукнҳои садру ибтидо (яъне рукни аввали ҳар ду мисраъ) аз зиҳофи махбун — мафоӣлу ва рукнҳои арӯзу зарб (яъне рукнҳои охири мисраъҳои якуму дуюм) аз зиҳофи матвӣ—муфтаилун сохта шудааст.

39. Вазни ин байтро Муқтазаби мусаддаси матвии мавқуф бояд номид, зеро дар рукнҳои вай ду зиҳофи матвӣ (фоилоту аз рукни мафъӯлоту ва муфтаилун аз рукни мустафъилун) ва як зиҳофи матвии мавқуф (фоилот аз рукни мафъӯлоту) иштирок дорад.

40. Ҳарчанд рукнҳои солими баҳри Муқтазаб мафъӯлоту /мустафъилун /мафъӯлоту /мустафъилун дар арӯзи форсӣ-тоҷикӣ даршакли мусамман маъмул аст, дар арӯзи арабӣ рукнҳои солими Муқтазабро аз сабаби хафифи (яъне ҳиҷои дарози) якуми рукни сеюми доираи чаҳоруми арӯзи арабӣ—Муштабиҳа дар шакли мусаддас — мафъӯлоту /мустафъилун /мустафъилун берун овардаанд.

Муаллиф «бар тартиби доираи араб» гуфта ҳамин чизро дар назар дорад.

41. Вобаста ба рукнҳое, ки дар ин байт омадаанд, номи ин вазн Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур мешавад, барои он ки се рукни аввали ҳар ду байт зиҳофи махбун (мафойлун аз рукни мус-тафъи-лун ва фаилотун аз рукни фоилотун) ва рукнҳои охири ҳар ду байт аз зиҳофи махбуни мақсур—фаилон сохта шудааст.

42. Муаллиф «байти тамоми он» гуфта шакли пурраи бахри Муҷтасси мусаммани махбун: мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаилотунро дар назар дорад. Ҳарчанд шакли солими баҳри Муҷтасс мус-тафъи-лун /фоилотун /мус-тафъи-лун /фоилотун аст, аммо дар байни шоирон шакли мусаммани махбуни он маъмул аст, барои ҳамин муаллиф байте барои мисол овардааст, ки дар бахри Муҷтасси мусаммани махбун мафоилун /фаилотун /мафоилун /фаилотун навишта шудааст.

43. Ҳарчанд муаллиф вазни байтро «мусаммани маҳзуф» мегӯяд, аммо номи пурраи он Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф аст, зеро дар рукнҳои он зиҳофҳои махбун (мафоилун аз рукни мус-тафъи-лун ва фаилотун аз рукни фоилотун) ва махбуни маҳзуф — фаилун (аз рукни фоилотун) иштирок доранд.

44. Аз рӯи зиҳофҳое, ки дар ин байт иштирок мекунанд, вазни онро Муҷтасси мусаммани махбуни аслам (ҳашви якуми мисраъи дуюм, яъне рукни дуюми мисраъи сонӣ ва зарб—рукни охири мисраъи дуюм — махбуни маҳзуф) номидан лозим аст, барои он ки рукнҳои якуму дуюму сеюми мисраъи аввал ва рукнҳои якуму сеюми мисраи дуюм аз зиҳофи махбун (мафоилун аз рукни мус-тафъи-лун, фаилотун аз рукни фоилотун), рукни охири мисраъи якум аз зиҳофи аслам—фаълун ва рукнҳои дуюму чаҳоруми мисраъи дуюм аз зиҳофи махбуни маҳзуф—фаилун сохта шудаанд.

45. Ҳарчанд муаллиф вазни байтро «мусаммани мушаасси маҳзуф» гуфтааст, аммо дар асл вазни он Муҷтасси мусаммани махбуни мушаасси махбуни маҳзуф аст, зеро дар мисраъи аввал дар ҷои якум зиҳофи махбун — мафоилун, дар ҷои дуюм зиҳофи мушаасс—мафъӯлун, дар ҷои сеюм боз зиҳофи махбун — мафоилун, дар ҷои чаҳорум зиҳофи махбуни маҳзуф—фаилун омада, дар мисраъи дуюм бошад, се рукни аввал аз зиҳофи махбун (мафоилун аз рукни мус-тафъи-лун ва фаилотун аз рукни фоилотун), рукни чаҳорум аз зиҳофи махбуни маҳзуф—фаилун таркиб ёфтааст.

46. Номи пурра ва дурусти вазни байт Муҷтасси мусаммани махбуни мушаасси аслами мусаббағ (зарб– махбуни мақсур) аст, зеро дар мисраъи аввал зиҳофҳои махбун—мафоилун, мушаасс—мафъӯлун, аслами мусаббағ—фаълон омада, дар мисраъи дуюм бошад фақат ду зиҳоф: махбун (мафоилун аз рукни мустафъилун ва фаилотун аз рукни фоилотун) ва махбуни мақсур—фаилон иштирок



дорад. Ҳарчанд муаллиф «мақсур—зарб» (яъне рукни охири мисраъи дуюм аз зиҳофи мақсур сохта шудааст) мегӯяд, хилофи зиҳофоти рукни асосии баҳри Рамал—фоилотун мебошад. Ба ҳамаи арӯзиён маълум аст, ки зиҳофи мақсури баҳри Рамал шакли фоилонро дорад, аммо дар шеър фаилон омадааст, ки онро махбуни мақсур меноманд.

47. Азбаски дар рукнҳои байт зиҳофҳои махбун—мафоилун ва мақсур—фоилон иштирок дорад, вазни онро «мурраббаъи мақсур» не, балки Муҷтасси мураббаъи махбуни мақсур номидан лозим аст.

48. Номи дурусти вазни байт Муҷтасси мусаммани махбуни маҷҳуф аст, чунки се рукни аввал аз зиҳофи махбун (мафоилун аз рукни мус-тафъи-лун ва фаилотун аз рукни фоилотун) ва рукни охири ҳар ду мисраъ аз зиҳофи маҷҳуф — фаъ иборат аст.

49. Дар ин маврид вазни ин байтро Муҷтасси мусаммани махбуни маҷҳуфи мусаббағ номидан лозим, зеро «фоъ» дар зиҳофоти фоилотун маҷҳуфи мусаббағ ном дорад. Муаллиф «байти мусаббағ» гуфта ба иштибоҳ роҳ додааст, зеро агар рукнҳои байт аз фоилотун /фоилотун /фоилотун /фоилийён иборат бошад, он гоҳ онро байти мусаббағ номидан лозим меояд. Шакли овозии зиҳофи мусаббағ дар рукни асосии баҳри Рамал фоилийён аст, зиҳофи маҷҳуфи мусаббағ бошад—фоъ.

50. Вобаста ба зиҳофҳое, ки дар рукнҳои ин байт иштирок доранд (махбун—мафоилун, мушаасс—мафъӯлун ва маҷҳуф—фаъ), номи дуруст ва пурраи вазни он Муҷтасси мусаммани махбуни мушаасси маҷҳуф мебошад.

51. Ҳарчанд рукиҳои солими баҳри Муҷтасс мус-тафъи-лун /фоилотун /мус-тафъи-лун /фоилотун/ дар арӯзи форсӣ-тоҷикӣ дар шакли мусамман маъмул аст, дар арӯзи арабӣ рукнҳои солими Муҷтассро аз сабаби хафифи (ҳиҷои дарози) дуюми рукни сеюми доираи чаҳоруми арабӣ—Муштабиҳа дар шакли мусаддас—мус-тафъи-лун /фоилотун /фоилотун берун овардаанд. Муаллиф бо иборай «байти марфӯъ бар тартиби ашъори араб» ҳамин чизро дар назар дорад.

52. Вобаста ба зиҳофҳое, ки дар ин байт иштирок доранд, номи онро Сареъи мусаддаси матвии макшуф (ҳашви мисраъи дуюм—мақтӯъ, зарб—матвии мавқуф) гуфтан дуруст аст.

53. Номи пурра ва дурусти вазни байт Сареъи мусаддаси матвии мақтӯъи матвии макшуф (ҳашви мисраъи дуюм—матвӣ, зарб—матвии мавқуф) аст, чунки дар рукни аввали (яъне дар садр) мисраъи якум зиҳофи матвӣ-муфтаилун, дар рукни дуюми (яъне дар ҳашв) мисраъи якум зиҳофи мақтӯъ—мафъӯлун, дар рукни охири мисраъи аввал (яъне дар арӯз) зиҳофи матвии макшуф омада бошад, рукнҳои якуму дуюми (яъне ибтидою ҳашв) мисраъи дуюм

аз зиҳофи матвӣ—муфтаилун, рукни охири мисраъи дуюм (яъне зарб) аз зиҳофи матвии мавқуф—фоилон ташкил ёфтааст.

54. Номи пурраи вазни ин байт Сареъи мусаддаси матвии аҳазз мебошад. Муаллиф «байти аҳазз» гуфта, зиҳофи матвиро (муфтаилун)-ро ба эътибор нагирифтааст.

55. Номи дурусти вазни байт чунин аст: Қарибн мусаддаси макфуфи мақсур (зарб—маҳзуф), барои он ки чаҳор рукни аввали ҳар ду байт аз зиҳофи макфуф — мафоӣлу, арӯз (рукни охири мисраъи аввал) аз зиҳофи мақсур—фоилон ва зарб (рукни охири мисраъи дуюм) аз зиҳофи маҳзуф сохта шудааст.

56. Муаллиф чанд сатр болотар «байти ахраби макфуфи саҳеҳ—зарб ва арӯз» гуфтааст, ки он фақат ба байти Анварӣ мувофиқат мекунад. Номи дурусти вазни шеъри Рӯдакӣ Қарибн макфуфи мақсур (рукни охири мисраъи аввал солим, рукни аввали мисраъҳои 1, 3, 4, 5, 7, 8, 9, 10— макфуф) аст.

57. Ҳарчанд муаллиф «байти мақбуз» гуфтааст, аммо номи дуруст ва саҳеҳи вазни ин байт Қарибн мусаддаси мақбузи махбун (зарб, яъне рукни охири мисраъи дуюм — маҳзуф) аст, зеро дар мисраъи аввал ду зиҳофи мақбуз—мафоилун ва як зиҳофи махбун—фаилотун омада бошад, дар мисраъи дуюм аввал ду зиҳофи мақбуз—мафоилун ва дар охир зиҳофи маҳзуф—фоилун ҷой гирифтааст.

58. Вазни мисраъи якум Қарибн мусаддаси ахрами муханнақ ва вазни мисраъи дуюм Қарибн мусаддаси ахрами ахраб ном дорад. Муаллиф «байти ахрами ахраб» гуфта, асосан мисраъи дуюмро дар назар дорад.

59. Номи пурра ва саҳеҳи вазни ин байт Қарибн мусаддаси ахраби мақбузи маслух аст, зеро аввал зиҳофи ахраб—мафъӯлу, баъд зиҳофи мақбуз—мафоилун ва дар охир зиҳофи маслух—фоъ омадааст.

60. Номи пурраи вазни ин байт Хафифи мусаддаси махбуни мушаасс мебошад, зеро рукнҳои аввали ҳар ду мисраъ аз рукни солими фоилотун, рукнҳои ҳашв (рукнҳои мобайнии байт) ва рукни арӯз (рукни охири мисраъи аввал) аз зиҳофи махбун (мафоилун аз рукни мус-тафъи-лун, фаилотун аз рукни фоилотун), рукни зарб (рукни охири мисраъи дуюм) аз зиҳофи мушаасс — мафъӯлун сохта шудааст.

61. Ҳарчанд муаллиф номи вазни байтро маҷҳуфи мусаббағ номидааст, аммо номи пурраи он Хафифи мусаддаси махбуни маҷҳуфи мусаббағ аст, зеро дар рукнҳои он ду зиҳоф—махбун (мафоилун) ва маҷҳуфи мусаббағ—фоъ иштирок дорад.

62. Номи пурра ва дурусти вазни ин байт Хафифи мусаддаси махбуни маҷҳуфи мусаббағ (зарб—маҷҳуф) аст, зеро дар рукни охири мисраъи аввал зиҳофи маҷҳуфи мусаббағ—фоъ ва дар рукни



охири мисраъи дуюм, яъне дар зарб зиҳофи маҷҳуф—фаъ омадааст.

63. Муаллиф бо ибораи «қитъае мусамман гуфтааст» баҳри Хафифи мусаммани махбунро дар назар дорад. Барои он ки баҳри Хафиф дар асли доира дар шакли мусаддас фоилотун /мус-тафъи лун /фоилотун/ аст, аммо баъзе шоирон, мисли Рӯдакӣ абъёте дар шакли мусаммани махбуни он эҷод кардаанд.

64. Ҳарчанд муаллиф «байти мусамман» мегӯяд, аммо номи пурраи байт Мушокили мусаммани макфуфи мақсур аст, зеро дар ин байт, ки аз ҳашт рукн иборат аст, ду зиҳоф—м а к ф у ф (фоилоту аз рукни фои-ло-тун, мафоӣлу аз рукни мафоӣлун) ва м а қ с у р — мафоӣл аз рукни мафоӣлун иштирок дорад.

65. Авроман — навъе аз хонандагию гӯяндагӣ бошад, ки он хосси форсиён аст ва шеъри он ба забони паҳлавӣ бошад «Бурҳони қотеъ»)

66. Ҳарчанд муаллиф «байти мусаммани саҳеҳ-зарбу арӯз» мегӯяд, аммо тамоми рукнҳои он саҳеҳ аст, барои он ки ҳашт рукни ин байт аз рукни асосии баҳри Мутақориб фаӯлун сохта шудааст ва дар ягон рукни он зиҳофе иштирок наменамояд. Пас номи пурра ва дурусти вазни ин байт Мутақориби мусаммани солим аст. Аз рӯи гуфтаи муаллиф, гӯё фақат рукнҳои зарбу арӯз (яъне рукнҳои охири ҳар ду мисраъ) солиманду халос.

67. Номи пурраи вазни ин байт Мутақориби мусаммани асламн мақсур аст, чунки дар рукнҳои он аввал зиҳофи аслам—фаълун, баъд ду рукни солим—фаӯлун ва дар охир зиҳофи мақсур—фаӯл омадааст.

68. Дар ин ҷо низ номи пурра ва дурусти баҳр Мутақориби мусаммани асрами маҳфуз аст, зеро ду рукни аввали байт (яъне садру ибтидо) аз зиҳофи асрам—фаълу, чаҳор рукни мобайнӣ (яъне ҳашвайн) аз рукни солим—фаӯлун ва ду рукни охири ҳар ду мисраъ аз зиҳофи маҳзуф—фаул сохта шудааст.

69. Ҳарчанд муаллиф менависад, ки хафифтарин (сабуктарин) абъёти он макфуф аст, аммо номи дуруст ва пурраи вазни байт Сарими мусаддаси макфуфи мақсур аст, чунки дар аркони ин байт зиҳофҳои макфуф (мафоилу аз рукни мафоӣлун ва фоилоту аз рукни фои-ло-тун) ва мақсур—фоилон (аз рукни фои-ло-тун) иштирок доранд.

70. Муаллиф вазни ин байтро «байти маҳзуф» гуфтааст, дар асл вазни ин байт Қалиби мусаддаси маҳзуф (зарб—мақсур) аст, барои он ки агар дар рукни арӯз (яъне рукни охири мисраъи аввал) зиҳофи маҳзуф—фаӯлун омада бошад, рукни зарб (яъне рукни охири мисраъи дуюм) аз зиҳофи мақсур — мафоӣл сохта шудааст.

71. Маълум аст, ки рукнҳои солими баҳри Муҷтассро арӯзиёни араб аз доираи чаҳоруми арӯзи арабӣ—Муштабиҳа дар шакли му-

саддас — мустафъилун /фоилотун /фоилотун берун овардаанд. Аммо бахри Муҷтасс дар арӯзи аҷам дар шакли мусамман маъмул аст. Арӯзиёни форс-тоҷик рукнҳои онро дар доираи дуввуми арӯзи аҷам— Мухталифа дар шакли мусамман — мус-тафъи-лун /фоилотун /мус-тафъи-лун /фоилотун ҷой додаанд. Вақте ки дар шакли мусаддаси бахри Муҷтасс дар асоси доираи аҷам шеър эҷод карда мешавад, рукнҳои он бояд аз мус-тафъи-лун /фоилотун /мус-тафъи-лун таш-кил ёбанд. Шамси Қайси Розӣ вақте ки мегӯяд: «Ин низ мусаддаси Муҷтасс аст бар асли доираи аҷам», ҳамин шаклро дар назар до-рад, зеро чи тавре ки дар боло гуфтем, шакли мусаддаси Муҷтасс дар доираи арӯзи арабӣ аз мустафъилун /фоилотун /фоилотун ибо-рат мебошад.

72. Барои он ки ба хонанда пурра маълум шавад, муаллиф бояд сабаби хафиф мегуфт, чунки сабаб ду хел аст. 1. Сабаби ха-фиф, яъне як ҳиҷои дароз. 2. Сабаби сақил, яъне ду ҳиҷои кӯтоҳ. Рукни фои-ло-тун аз як ватади мафрук—«фои» ва ду сабаби хафиф— «ло» ва «тун» иборат аст. Ватад низ ду хел аст, яке ватади маҷ-мӯъ—як ҳиҷои кӯтоҳу як дароз (V —), дигаре ватади мафруқ—як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ (— V).

73. Номи пурраи бахр Асамми махбуни муханнақи мақсур (зарб—махбуни мақсур) аст, барои он ки рукни садр (яъне рукни аввали мисраъи аввал) аз зиҳофи махбун—фаилотун, рукни ҳаш-вайн (яъне рукнҳои мобайнӣ) аз зиҳофи муханнақ—мафъӯлун, рук-ни арӯз (яъне рукни охири мисраи аввал) аз зиҳофи мақсур—фои-лон, рукни ибтидо (яъне рукни аввали мисраъи дуюм) аз рукни солими фои-ло-тун ва рукни арӯз аз зиҳофи махбуни мақсур—фаи-лон таркиб ёфтааст.

74. Ҳарчанд муаллиф шеъри болоро қитъа гуфтааст, аммо он қасида мебошад, барои он ки байти якумаш матлаъ дорад, яъне ҳамқофия аст. Шояд муаллиф қитъа гуфта, умуман порчаи шеъри-ро дар назар дошта бошад, зеро қитъаро баъзан ба ҳамин маънӣ кор мефармоянд.

75. Муаллиф «Мӯъраб» гуфта, китоби «Ал-мӯъраб фӣ маъойи-ри ашъор-ил-араб» («Фарҳанги андозаҳои ашъори араб»)-ро дар назар дорад. Соли 1218 Шамси Қайси Розӣ бо хоҳиши яке аз до-нишмандони шаҳри Марв ба таълифи китоби «Ал-мӯъҷам фӣ маъо-йири ашъор-ил-аҷам» («Фарҳанги андозаҳои ашъори аҷам») сар карда будааст. Соли 1219, вақте ки шоҳи Хоразм Муҳаммад Хоразм-шоҳ аз ҳуҷуми муғулҳо гурехта, ба Ироқ сафар мекунад, Шамси Қайси Розӣ низ дар қатори дигар шоирону донишмандон ба Ироқ меравад. Соли 1220 Муҳаммад Хоразмшоҳ дар назди қалъаи Фар-разин аз дасти лашкари муғулҳо шикаст мехӯрад. Дар ин воқеа низ Шамси Қайси Розӣ дар қатори мулозимони рикоби султон ҳо-зир буд, мусаввадаи китоби «Ал-мӯъҷам» ва дигар китобҳои нодир-



ро, ки ҳамроҳи ӯ буданд, талаф дод. Баъди вафоти Муҳаммад Хо-размшоҳ, Шамси Қайси Розӣ соли 1226 аз Ироқ ба Форс омада, ба ҳидмати дарбори Атобак Саъд ибни Зангӣ ибни Мавдуд, ки аз Ато-бакони форс буд ва соли 1231 ба дарбори писараш—Абӯбакр ибни Саъд ибни Зангӣ дохил шуд. Дар ин муддат, ки ҳаёти Шамси Қай-си Розӣ нисбатан ором буд, донишмандони форс аз таълифу тақдири «Ал-мӯъҷам» хабар ёфта, як қисми мусаввадаи онро тавассути деҳ-қонони атрофи қалъаи Фарразин ёфта ба муаллиф доданд ва аз ӯ хоҳиш карданд, ки таълифи онро ба охир расонад. Шамси Қайси Розӣ дар муддати хеле кӯтоҳ, соли 1233 «Ал-мӯъҷам»-ро ба охир расонд. Вале асли китоби «Ал-мӯъҷам» ба забони арабӣ таълиф шуда, мавзӯи он фақат аз баёни арӯзу қофия иборат буд. Дар мав-риде ки сухан аз шеъри арабӣ мерафт, мисолҳои шеъриро низ ба забони арабӣ ва ҷое, ки сухан дар хусуси шеъри форсӣ-тоҷикӣ ме-рафт, мисолҳои шеъриро ба забони форсӣ-тоҷикӣ меовард. Ҳаҷми китоб дар ин шакл хеле калон буд. Адибон ва донишмандони форс ба муаллиф арз карданд, ки вазни арӯзу қофияи шеъри ду забонро дар як асар мавриди баҳс қарор додан он қадар ба мақсад муво-фиқ нест, зеро онҳое, ки забони арабиро намедонанд, аз фаҳми ас-ли китоб маҳрум мемонанд ва баръакс, мисолҳое, ки аз шеъри форсӣ-тоҷикӣ оварда мешаванд, барои арабизабонон бефоидаанд. Аз ин рӯ, онҳо аз Шамси Қайси Розӣ хоҳиш карданд, ки аз он ки-тоб ҳар чи ки ба забони форсӣ ва мутааллиқ ба ашъори дарист, интихоб намуда, дар шакли китоби алоҳида даровард. Муаллиф хоҳиши адибонро пазируфт ва китобро ду қисмат намуд. Он чи ки ба забон ва шеъри форсӣ-тоҷикӣ оид буд, ҷудо карда ва ба он ил-ми нақди шеърро (санъатҳои бадеъиро) илова намуда «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» номид. Ва зоҳиран он чи ки оиди за-бони арабию ашъори тозӣ буд, дар китоби ҷудогона ҷамъ намуда, онро «Ал-мӯъраб фӣ маъойири ашъор-ил-араб» ном ниҳод.

76. Ин байт ба Манучеҳрӣ низ нисбат дода мешавад ва дар девони Манучеҳрӣ дар шакли зерин омадааст:

Ба зеру бами шеъри Аъшо Қайс,
Зананд ҳамезад ба мизробҳо.

77. Мураббаъи Музореъ. Шамси Қайс дар ин ҷо бахри Му-зореъи мураббаъро мафоийлу /фоилоту/ дар назар дорад. Байти

Аё соқиалмудом, маро бода деҳ мудом,
Суманбӯи лолафом, ки то ман дар ин мақом,

ин тавр тақтеъ мешавад:

мафоийлу/фоилоту/мафоийлу/фоилот

ба таври мураббаъ:

Аё соқиалмудом,
Маро бода деҳ мудом.
Суманбӯи лолафом,
Ки то ман дар ин мақом.
мафойлу/фоилот,

нависем, он гоҳ вазни он Музореъи мураббаъи макфуфи мақсур мешавад, ки Шамси Қайси Розӣ маҳз ҳамин чизро гуфтанист.

78. Байти дуюми ин шеър дар китоби «Тарҷимон-ул-балоға»-и Муҳаммади Родуёнӣ бо чунин тағйирот омадааст:

«Бидонистам аз вай ба тозӣ ҷавоб,
Ки рояш ба барбат бисудан чӣ буд?»

79. Мувофиқи ҳуруфи арабӣ ҳар мисраъро чаппа хонӣ, боз ҳамон маънӣ берун меояд:

یا خسرو نو نور سخای    یاری ده ما مهری رای

80. Мувофиқи ҳуруфи арабӣ мисраъи якуми байти поёниро чаппа хонӣ, мисраъи дуюм ва мисраъи дуюмро чаппа хонӣ, мисраъи якум ба вуҷуд меояд:.

رامش درمان دردش کرم یار    رای مرگش درد نامزدش شمار

МУНДАРИЧА


Шамси Қайси Розӣ ва «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам»-и ӯ . . . . . . . . .
Қитоби «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-аҷам» таълифи фозили мӯҳтарам, имоми олам Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайс . . . . . . . 0
Дебочаи китоб . . . . . . . . . . . 21
Қисми аввал, дар фанни арӯз . . . . . . . 31
Боби аввал, дар маънии арӯз ва шарҳи аркону (рукнҳою) зикри асомию алқобе, ки дар ин фанн мусталаҳи (истилоҳи) аҳли ин илм аст . . . 31
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 38
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 43
Боби дуввум, дар зикри аҷзоъ ва авзоне, ки аз таркиби аркони арӯзӣ ҳосил шавад . . . . . 45
Боби саввум, дар зикри тағйироте, ки ба усули афоили арӯз дароянд, то фурӯъи мазкур аз он муншаъиб (ҷудо) шавад . . . . . . . . . . 48
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 50
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 60
Боби чаҳорум, дар зикри буҳури қадим ва ҳадису (наву) нақши давоиру тақтеъи абёти солим ва мазоҳифи он . . . . . . . . . . . . 63
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 68
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 77
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 79
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 80
Баҳри Ҳазаҷ . . . . . . . . . . . . 88
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 95
Баҳри Раҷаз . . . . . . . . . . . . 108
Баҳри Рамал . . . . . . . . . . . . 112
Баҳри Мунсареҳ . . . . . . . . . . . 116
Баҳри Музореъ . . . . . . . . . . . 122
Баҳри Муқтазаб . . . . . . . . . . . 127
Баҳри Муҷтасс . . . . . . . . . . . 129
Баҳри Сареъ . . . . . . . . . . . . 133
Баҳри Ғариб . . . . . . . . . . . . 134
Баҳри Қариб . . . . . . . . . . . . 135
Баҳри Хафиф . . . . . . . . . . . . 138
Баҳри Мушокил . . . . . . . . . . . 140
Баҳри Мутақориб . . . . . . . . . . . 144
Баҳри Мутадорик . . . . . . . . . . . 146
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 147
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 157
Қисми дуввум, дар илми қофия ва нақди шеър . 161
Боби аввал, дар зикри маънии шеъру қофия ва ҳадду ҳақиқати он . . . . . . . . . . . 161
Боби дуввум дар зикри ҳуруфи қофия ва асомии он . 167
Боби саввум дар зикри ҳаракоти ҳуруфи қофия ва асомию иштиқоқи ҳар як . . . . . . . 218
Боби чаҳорум, дар ҳудуди ҷавофӣ ва аснофи он ва зикри ҳуруфу ҳаракоте, ки лобуди (ногузири) ҳар қофия бошад . . . . . . . . . . . 221

Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 223
Боби панҷум, дар уюби қавофӣ ва авсофи нописандидае, ки дар каломи манзум афтад . . . . 228
Боби шашум, дар зикри маҳосини шеър ва тарфе аз синоати мустаҳсан, ки дар назму наср ба кор доранд . . . . . . . . . . . . . . .
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 264
Хотимаи китоб . . . . . . . . . . . 329
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 353
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 361
Фасл . . . . . . . . . . . . . . . 368
Тавзеҳот . . . . . . . . . . . . . 377
Луғатҳо . . . . . . . . . . . . . 379
Феҳристи истилоҳот . . . . . . . . . 423
Таъликот . . . . . . . . . . . . . 450

---

*Шамс Қайс Рози*

**ТОЛКОВЫЙ СЛОВАРЬ РАЗМЕРОВ СТИХОВ АДЖАМА**

(на таджикском языке)

Рассом *А. Қосимов*
Муҳаррири расмҳо *А. Муҳаммадиев*
Муҳаррири техникӣ *М. Саидова*
Мусаҳҳеҳ *Р. Убайдуллоева*

БИ № 546

Ба матбаа 16. 08. 89 супурда шуд. Ба чопаш 11. 12. 90 имзо шуд. Формати 84×108¹/₃₂. Қоғази типографии № 2. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 24,36. Ҷузъи ранган шартӣ 24,675. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 24,024. Адади нашр 10000. Супориши № 3826. Нархаш 3 сӯм.

Душанбе, нашриёти «Адиб», кӯчаи Рӯдакӣ, 33.
Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба матбуот.
Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

3 ст.